БАРОТИ АБДУРАҲМОН

КУРУШИ КАБИР



ШОҲАНШОҲИ ТАМАДДУНОВАР

(китоби якум)

КАМБУҶИЯ

ПИРӮЗӢ ВА МАРГ

(китоби дуюм)

Романҳои таърихӣ





БАРОТИ АБДУРАҲМОН

КУРУШИ КАБИР

ШОҲАНШОҲИ ТАМАДДУНОВАР

(китоби якум)

КАМБУҶИЯ

ПИРӮЗӢ ВА МАРГ

(китоби дуюм)

Романҳои таърихӣ

Душанбе
«Адиб»
2012

ДОНИШГОҲИ ... ВА ИҚТИСОДИ ...СТОН
КИТОБХОНАИ № 2

ББК 84 Тоҷик 7-4
А-57

**Ба бузургдошти Соли тамаддуни
ориёӣ. Муаллиф**

Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои ҳидояти камина ба сифарҳои Эрон сидқан сипосгузорам.

Мукарризон:

Яъқубов Ю. – узви вобастаи АИ Тоҷикистон,
доктори илми таърих.

Саймиддинов Д. – узви вобастаи АИ Тоҷикистон,
доктори илми филология.

Имомов Ш. – доктори илми таърих.
Амиршоҳӣ Н. – номзади илми таърих.

Таҳрири дуюм: *Зиё Абдулло*

А – 57 Бароти Абдураҳмон. Куруши Кабир *(Шоҳаншоҳи тамаддуновар)*; **Камбучия** *(Пирӯзӣ ва марг)* – Душанбе, «Адиб», 2012, 520 сах.

ISBN 978-99947-2-247-1

© Бароти Абдураҳмон

Э.Ш.Раҳмонов
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

БУНЁДГУЗОРИ ДАВЛАТДОРИИ МУТАМАДДИН

Тамаддуни ориёӣ яке аз қадимтарин ва бонуфузтарин тамаддунҳои башарист, ки решаҳои таърихӣ, арзишҳои маънавӣ ва асолати забонии худро нигоҳ дошта, аз сарзамини Ҳинд то канораҳои Юнон доман густурдааст.

Сарнавишти ориёиҳо, ки мо тоҷикон низ яке аз меросдорони асили он ҳастем, аз ҷумлаи саҳифаҳои басо рангину шигифтангези таърихи башар буда, аз асотиру ривоятҳои офариниш, «Авасто»-ву Зардушт, Эрону Тӯрон, Сугду Бохтар, асолати давлатдории Пешдодиёну Каёниён, Ҳахоманишиёну Кушониён, Сосониёну Сомониён сарчашма мегирад.

Яке аз ситораҳои рахшони тамаддуни ориёӣ, ки ҳанӯз 2500 сол қабл аз ин ба қавли файласуфи бузурги немис Гегел ба оламиён усули мутамаддини давлатдориро эҳдо кардааст, Куруши Кабир мебошад.

Куруши Кабир ба нахустин империяи мутамаддини аҳди қадим бунёд гузоштааст, ки то замони лашкаркашию кишваркушоиҳои Искандари Мақдунӣ дар таърихи тамаддуни башарӣ назире надошт. Империяи таъсисдодаи ӯ мутобиқи маълумоти катибаҳои Дорои Бузург ва муаррихони Юнони қадим чандин давлатҳои ҷаҳони кӯҳан – Порсу Мод, Бобулу Ошур, Мисру Финикия, Лидияву Урарту, Парфияву Гиркания, Бохтару Сугд ва ғайраро дар қаламрави 22 вилоят муттаҳид намуда, дар ҳудуди се қитъаи олам – Осиё, Аврупо ва Африка доман густурда будааст.

Куруши Кабир саромадони худро ба насаби подшоҳони нақиб ва табори ориёӣ мансуб медонад. Зиндагии пурҳангомаи ӯ саҳифаҳои хотирмону ибратомӯзи зиёде дошта, дар таърихи тамаддуни башарӣ бо сиёсати оқилонаи кишваркушой, таъсиси империяи тавоною мутамаркази ориёӣ, усули нави идоракунию шакли мукаммали давлатдорӣ, ислоҳоти умури сипоҳу низоми лашкар, густариши тиҷорату тадбирҳои роҳсозӣ, алалхусус пойдории адолату пуштибонии ҳуқуқи манзалати ҷумлаи

халқиятҳои сокини қаламраваш шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Эъломияи Куруши Кабир бошад аз ҳониби олимону муаррихон ҳамчун нахустин эъломияи ҳуқуқи башар эътироф шудааст, ки пизоми одилона, инсонпарварона ва дунявии давлатдорипо пуштибонӣ мекард.

Куруши Кабир дар миёни шоҳаншоҳони аҳди қадим яке аз хирадмандтарин, боинсофтарин, камозортарин ва дурандештарин шоҳаншоҳ буд, ки бо оини инсонпарварӣ, бандапавозӣ, адолатпешагӣ ва тамаддунофарию давлатсозиаш нуфузи оламгир ёфтааст.

Ӯ дуюним ҳазор сол аз ин муқаддам қавмҳои парокандаи ориёиро аз домани куллаҳои Ҳимолай то қаторкӯҳҳои Қафқоз ва аз канори руди Сир (Яксарт) то соҳилҳои баҳри Миёназамин таҳти парчами ҳуд муттаҳид сохта, чун падари воқеан ориёинажодони Осиё эътироф гардид.

Воқеан, зиёрати мақбараи Куруши Кабир дар Пасаргад баромад лаҳзаҳои ҳаячонбахшу фаромӯшнопазире буд. Бо тамоми ҳасти эҳсос мекардам, ки қадамҳои Куруши Кабир бо кашишу ҷозибаи ошнояш ба кас аз фарҳанги куҳанбунёди ниёгони ориёӣ башорат медиҳад. Ифтихор аз он доштам, ки қадамҳои ин сиёсатмадори оқилу зирак, пайрави илму ҳикмат, ростию адолат, созандагию ободонӣ қадамҳои муборакн ниёгони ориёии мост.

Мо дар он даврахои дур таҳти парчами Куруши Кабир на танҳо яқ давлати муқтадиру муттамаркази муштарак, балки тақдири муштарак, таъриху фарҳанги муштарак, забону хати муштарак ва расму оини муштаракро бунёд гузоштем. Решаҳоямон тавъам буд ва огози огозҳоямон аз як сарчашмаи фарҳангию таърихӣ-тамаддуни ориёӣ об мехӯрд.

Куруш сиёсатмадори оқил, пайрави илму ҳикмат, ростию адолат, ободонию созандагӣ буд ва худро «чӯпони раият» хонда, ба озодии дину мазҳаб ва баробарҳуқуқии халқиятҳои қаламраваш кафолат медод. Тақдири давлатдории Куруш ба тақдири давлати имрӯзаи тоҷикон басо шабоҳат дорад, ки рӯҳияи вахдату муттаҳидсозии миллат, пуштибонии сулҳу адолат, густариши тиҷорату иқтисодиёт ва бунёдкорию ободонӣ, ислоҳоти низоми лашкар ва такмили идоракунии мамлакат аз ҷумлаи ин монандию ҳамоҳангиҳост.

Имрӯз миллати тоҷик аз фарозу шеби таърих ва озмоишҳои сахту сангини садсолаҳо гузашта бошад ҳам, забони модарӣ,

илму адабиёти оламгир, асолати таърихию фарҳангӣ ва ҳувияти миллии хешро нигоҳ доштааст, ки аз ҳамон гавҳари гуманистии тамаддуни ориёӣ ва дастовардҳои пуарзиши тамаддуни ислом ғизо мегирад.

Маҳз аз шарофати истиқлолият мо ба решаҳои дури таърихии миллати хеш рӯ оварда, Соли 2006-умро Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ эълом доштем. Ҳадаф аз ин тадбир на талқини ғояҳои нажодпарастию миллатгарой, балки рӯ овардан ба сарчашмаи поку зулоли афкори фарҳангии гузаштагон аст. Зеро ҳама гуна мероси фарҳангии арзишманд танҳо ба як халқу миллат мансуб нест ва бо мурури замон ба арзиши волои умумибашарӣ табдил меёбад. Гузашта аз ин таърих ибратомӯз аст ва арҷ гузоштан ба шахсиятҳои бузурги таърихӣ амсоли Куруши Кабир, Дорои бузург, Спитамон, Рухшона, Канишкаи бузург, Абумуслими Хуросонӣ, Сумбоди Муг, Деваштич, Исмоили Сомонӣ, Темурмалик ва дигарон қадру қимати истиқлолият ва озодиро барои наслҳои минбаъда афзуда, онҳоро ба бунёди давлати соҳибистиқлоли пешрафта, тараққихоҳ, сулҳдӯст ва мутамаддин ҳидоят мекунад.

Романи таърихии «Куруши Кабир», ки нависанда Бароти Абдураҳмон иншо намудааст, кӯшишест барои нигоҳи тоза афкандан ба зиндагии пурҳангома ва шахсияти нотакрору ибратомӯзи шоҳаншоҳи аҳди қадим. Нависанда барои зиндаю бовбарибахш ва хотирмону барҷаста офаридани симоҳои таърихии асар, ифодаи ҳолатҳои рӯҳию дарду ормонҳои ботинӣ ва таҷассуми нерӯи безаволи ишқу талошҳои пайгиронаи Куруш барои давлатсозию тамаддунофарӣ заҳмати зиёде кашидааст. Ҳадафи аслии нависанда на солноманигорӣ ва таҳқиқоти пайгиронаи таърихӣ, балки ба воқеияти таърих ва ҳақиқати зиндагӣ наздик тасвир намудани сарнавишти Куруши Кабир аст. Ӯ пабзи замон, маҷрои таърих, талотуми воқеаҳо, бархӯрди шахсиятҳо ва кору пайкорҳои хотирмони онҳоро ба риштаи тасвир кашида, дили кайҳо сардшудаи қарнҳои гузаштаро ба тапиш медарорад ва ба шарёни хушкидаи ҳаводиси аҳди қадим хуни гарм меангезад. Гузашта аз ин муаллиф зимни маълумоти сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ ба насаби ниёгони Куруши Кабир рӯ оварда, ӯро вориси маънавӣ ва идомадиҳандаи оини давлатдории Каёниён мешуморад.

Умедворам, ки дар Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ романи таърихии «Куруши Кабир» ба ормонҳои деринаи марду-

мони ориёинажоди қаламправи Шарқ чун фонусе рӯшанӣ афканда, онҳоро дар шинохти решаҳои таърихӣ, саромадони они давлатдорӣ ва бунёдгузорони тамаддуни безаволи ниёгонашон раҳнамой хохад намуд. Шебу фарози пайроҳаҳои гузашта ба хонандаи нуктасанҷ на танҳо сабақ медиҳад, балки ӯро ба сӯи ормонҳои начибу ояндаи нек ҳидоят месозад.

ГУРГИ ТАНҲО

Қисми аввал

НАБАРДИ ТАН БА ТАН

Шафақи сурхи хунполое дар уфуқи қуллаҳои барфпӯш медамид. Ба назар чунин мерасид, ки дандонаҳои тезу барчастаи қуллаҳо ба тани абрҳои шафақандуда гӯтида, аз қабои аргувонии абрҳо хуни тару тозаро мечабад. Ва сукути назарфиреби қуллаҳои дандонадору шафақи хунполои домани уфуқро дар ин шоми сарди сармои зимистон нӯлаи фосиладоре мешикаст, ки ба уллоси шикваомези гург ё хуштаки баланди тундбод шабоҳат дошт.

Гурги танҳое дар фарози кӯҳи барфпуш аз паси арчаи бузурге падид омада, ёлҳои қиравбастаашро мехезонду сӯи осмон уллоси фосиладоре мекашид. Ин садои шикваомези гург сар-сари теппаҳо танин андохта, аз думболи нӯлаи якпавохти тундбоди зимистон гӯё то домани уфуқи шафақандуда мерасид. Дар посухи навҳаи модагурги бузургу танҳо ду гургбачаи хурди гуруснаҳоле тани хаставу ларзонашонро кашолакунон рӯ ба нишеби меоварданд.

Шамоли сард барфрезаҳоро руфтаю пош дода, дарди тоқатфарсои гуруснагиро дар вуҷуди модагургу бачаҳои ҳанӯз нотавони ӯ меангехт. Савқи модарзоди чустани сайд онҳоро боз ба пеш ҳидоят менамуд ва модагург гӯшҳояшро сиҳ кардаю ҳавои сарди зимистонро бӯида аз болои барфи карахшбаста пеш метохт. Гӯё нерӯи ноаёне ҳама осоишу тоқати ин гурӯҳро ороро бархам зада, онҳоро сӯи кӯху камар, шебу фароз ва роҳу бероҳаҳои пурхатари барфпуш тела медод.

Аз дур дар камари теппаи барфпӯш сиёҳии рамае намудор гардид. Модагург дарҳол чапгалат андохта худро паси харсанге кашиду аз дидани рамаи парешони гӯсфандон беихтиёр чашмонашро хун зер кард. Пайкари модагург беихтиёр ёзид, ёли дурушти паси гарданаш барчаста, мушакҳои дасту пояш таранг шуданд ва аз даҳони нимабоз дандонҳои тези ашкаш падид омаданд. Сипас бо чаҳишҳои тезу тунд худро пеш афканду аз канори рама ҳамла оварда, гӯсфанди ғофилмондаеро чобукона ба замин пахш кард.

Барфи сафед аз қатраҳои таровидаи хуни гӯсфанд ранг ме-

бардошт. Модагург бошитоб дандон мезаду луқмаҳои гӯштро канда ҳарисона фурӯ мебурд. Нашъаи гӯшти гарму ҳаловатбахш ӯро маст карда, эҳтиётқории модарзод ва дарки эҳсоси хатарро кунд месохт. Модагург саргарми кандану даридани гӯсфанд аз расидани посбони рама – чӯпонбачаи бебоки қачқорди бузурге бар даст қариб бехабар монд.

Ҷавони тануманди тақрибан 17-18-солаи навхат бо эҳтиёт хам шудаю бесадо гом ниҳода, фосилаи миёни худу гурги масти луқмаҳои лазизро кӯтоҳ мекард. Ӯ кулоҳи нӯгтези пӯсти барра дар сар, куртаю шалвори дурушти чармин ва пӯстини беостини дароз бар тан ва хомаки яклухт дар пой, кордро болои сар бардоштаю тамоми пайкарашро тарангу омодаи ҳамла намуда, қадам ба қадам пеш меомад.

Модагург аз ҷилои корди болои сараш як қад ақиб ҷаҳиду дар пешорӯяш чӯпони ҷавони омодаи набарди тан ба танро дида таҳдидомез ғуррос зад. Ҷасади беҷони гӯсфанд дар миёни ҳарифон мехобиду аз тани гарми лахту порагаштааш ҳанӯз ҳам ба рӯи барф хун таровида, ба шафақи аргувонии домани абрҳо ҳамрангие пайдо мекард.

Хашми модагург боло мегирифт. Пайкарашро гундоштаю ёли гарданашро хезонда бошиддат ғуррос мезаду фурсати муносиби ҷаҳиданро мепоид. Даҳони бузургу дандонҳои дарози ашкаш ба дили ҷавон гӯё ваҳме намеангехт. Баръакс, ӯ мисли ҳарифи довталабе қоматашро хам кардаю рагу пайи танашро омодаи набард намуда, фурсати муносиби корд заданро нигарон буд.

Модагурги хашмолуд аз рӯи ҷасади гӯсфанд баркосо ҷаҳид. Ҷавон дарҳол худро якпаҳлу кашида, аз зарби сина ва дандонҳои марговари модагург раҳо ёфт ва корди бошаст андохтаи ӯ як бари шиками гургро чок намуд. Гург фавран қафо гашт ва дубора ҳамла оварда. Ҷавон чобукона даст ёзонда аз гулӯи гург дошт, вале аз зарби тани ӯ мувозинатро бохта пуштнокӣ афтод. Гурги гулӯяш ба чангол фитода чӯпонро ба замин пахш кард. Афту дарафт лаҳзае чанд идома ёфт ва ҷавони хунсарду даррандахисол якпаҳлу тоб хӯрда, кордашро ба таги синаи гург халонд. Модагург аз ҳавли ҷон дар болои ӯ қадре дасту по зад ва ниҳоят мадори танаш коҳида якпаҳлӯ афтод.

Ҷасади беҷони гург дар шафати тани даридаи гӯсфанд ором гирифт. Пайкоргоҳи барфандуда ҳамоно хуни ду махлуқи беҷонро мечабиду акси шафақи тирагуни шом хаёле ба майдони набард мефитод.

Ҷавон аз болои барф хест ва кордашро аз тани гург кашида хуни дами онро лесид. Ва дуртар аз худ ду гургбачаи чашмонашон пурчилоро диду аз камарбанд домии туринеро афканда гургбачаи нахустинро ба дом афтонд. Сипас ду пораи гӯштро аз тани гӯсфанд бурида якеро ба пеши гургбачаи тапидаистода партофт ва дигареро ба даҳон бурда ба хоидани луқмаи хом шурӯъ намуд. Лабу даҳонаш хунолуд гашт ва голибона сӯи гурги бечон назаре афканду кордро ба гилофи миёнаш андохт.

Гургбачаи гурусна низ тарсро фаромуш карда ҳарисона ба пораи гӯшт дарафтод. Ва дар болои ҷасади бечони гургу гӯсфанд чӯпонбачаи дастҳояш харошхӯрдаю хунолуд ва гургбачаи нотавон аз асари сармои қаҳратун ларзида луқмаҳои гӯштро фурӯ мебурданду савқи ирсии талош барои зистан ба ҷисмашон мадор мебахшид.

* * *

Хаймаи фақиронаю намадини чӯпонӣ дар ин фасли сармо басо гарму бароҳат менамуд. Андаруни оташдоне, ки аз се тараф бо сангҳои яклухт печонда, аз болояш тобасанги суфтаи тафсидаеро гузошта буданд, оташ якмаром месӯхт. Дар канори оташдон ғарами ҳезум бо тартиб чида шуда, бар гӯшаҳои хайма пӯстҳои хурду бузурги гӯсфандон овезон буданд. Косаи сари шохҳояш печидаи архаре дар сутуни хайма чун рамзи файзу баракат овезон буд.

Дар болои пӯстаки[1] барқади гӯсфандӣ дуртар аз оташ Митрадод ва Сабокат аз хунукӣ ба пӯстинҳо печида менишастанд. Партави оташ ба косахонаи сари гӯсфанд фитода мелапиду рӯшание ба хаймаи нимторик меафканд.

Баногоҳ дари хайма кушода шуду шамоли сарди берун алангаи оташро ларзонида ба самти муқобил бурд. Ва думболи шамоли қаҳратун Аградод[2] тӯши гӯсфанд бар дӯш вориди хайма гардид. Ӯ аввал гӯсфанди танаш қиравбастаро ба замин ниҳода, сипас домии туринашро, ки андарунаш ғурбачаи ҳаросида метапид, ба гӯшаи хайма гузошт. Ва ниҳоят пӯсти

---

[1] Пойандозе, ки аз пӯсти хушкидаву ошкодаи гӯсфанд, ки ба сифати палоси гарминовар истифода мекарданд.

[2] Номи аввалаи Куруш ба қавли Страбон – муаррих ва ҷуғрофидони машҳури юнонӣ Аградотес будааст (Китоби 15, фасли 3 банди 4). Ин номро муаррихону забоншиносон ба забонҳои ҳинду аврупоӣ нисбат дода, маъноашро оташдод, озардод ва исфидод тафсир кардаанд.

карахшбастаи гургро аз миёнаш кушода қоматашро рост намуд.

Сабокат изтироболуд ба истиқболи писар хест. Митрадод бо гӯшаи чашм тӯши гӯсфанду ҷонвари дар домон тӯрин тапидаистодаро муоина карда канортар нишасту дар болои пӯстак барои Аградод ҷой холӣ намуд. Аградод бо симои чиддӣ аз тани гӯсфанд се-чор пора гӯшти яклухтро бурида ба назди оташдон омад ва ҳарфе назада гӯштпораҳоро ба болои тобасангӣ тафсида ниҳод. Бӯи гуворои гӯшти гудохта хаймаро фаро гирифт ва Аградод даст ба оташ дошта дар паҳлуи падараш нишаст.

Сабокат чанд чӯби хушкро ба оташдон партофту чашмаш ба ҷароҳати дасти Аградод афтод. Хавотиромез ба ҷароҳат нигариста пурсид:

– Ба дастат чӣ шуд, Аградод?

– Афтидам, – беъэтиноёна пораи гӯштро рӯгардон намуд Аградод, – санги тезе харошид.

– Афтидӣ? – бо лабханде нигоҳи рамузгирашро аз захми даст наканда пурсид Митрадод. – Дар дастат паи дандони ашкро мебинам, Аградод.

– Шояд пайи дандони ашк бошад, – гуфт бепарвоёна Агродод.

– Худоё! Боз бо гург сар ба сар шудӣ? Сад бор гуфтам ҷонатро ба хатар намон! – гуфт бо изтироб Сабокат.

– Ҳеҷ гап не, – таскин бахшид Митрадод. – Дандони ашк каме заҳр дорад. Ҷои дандонро сӯзонем, пасомадаш мегузарад.

– Бошад, сӯзонед, – дасташро сӯи Митрадод ёзонид бепарвоёна.

– Лахчаи чӯби зелол суд дорад, – чӯберо аз пешгоҳи оташдон гирифт Митрадод. – Ҷои дандонро зуд дармон мебахшад. Аз сӯхтан наметарсӣ?

– Не, ба гармию сардиҳо одат кардам.

– Мард бояд натарсад, – гуфт Митрадод нӯги чӯби лахчааш фурӯзонро ба ҷароҳат пахш карда.

– Вой, куштӣ бачама! – фиғон ангехт Сабокат.

Аградод дандон ба дандон фишурдаю чашм пӯшида тоб меовард. Митрадод банди дасти Аградодро сӯзонида, лахчаро ба алов партофту аз бағалаш хокаеро бароварда ба ҷои сӯхта пошид.

– Мегузарад! Хокаи мағзи ангат дардашро мекашад, – гуфт қаноатмандона Митрадод.

– Бигир, бачам! – гӯшти рӯи тобасангро ба косаи сафолие гузошта ба Аградод дароз кард Сабокат. – Гармогарм бихӯрӣ асари сарморо аз танат мебарад.

– Зинда бошӣ! – гуштро газида хест Аградод ва як бурдаашро ба пеши гургбача партофт.

– Ром кардан мехоҳи? – пӯстинашро пӯшида болои сари гургбача омад Митрадод. – Гургбачаро ром кардан осон нест.

– Ман ром мекунам, – бо қатъият гуфт Аградод.

– Ихтиёрат, Аградод, – таёқашро аз гӯшаи хайма гирифт Митрадод. – Ба некӣ, ман ба нигоҳубини рама рафтам. Ту каме дам гир...

* * *

Уқоб дубора бозгашт ва рамаи гӯсфандон аз хайбати болафшонии ӯ харосида, дар домани кӯтали сабзаҳояш навхез рӯ ба гурез оварданд. Ашк тӯридани рама ва хатари ногаҳониро пай бурда, тирвор ба самти домани кӯтал тохт, ки он чо як даста баррахои ширмаст хушҳолона ҷастухез мекарданд. Ашк ҳанӯз ба нисфи роҳ нарасида, уқоби пӯлодчангол чун барқ фуруд омаду аз миёни рама барраи калонеро рабуда ба осмон хест.

Аградод гӯё ҳамин лаҳзаро нигарон бошад, тири заранги пайконаш устухониро ба зеҳи камон ниҳоду нишон гирифт. Тири тундхез ҳаворо бурида, дар як мичча задан ба синаи уқоб халид. Уқоби ғофилгир аз зарби ногаҳонии тир лаҳзае мувозинатро бохта, сарозер хамиду боз якпаҳлу бол афшонда ба самти кӯҳи рӯ ба рӯ шитофт. Барраи нимаҷон дар ҷанголи ӯ даст по зада, оҷизона фигон мекашид.

Аградод бошитоб тири дуюмро афканд. Уқоб, ки дар ин миён дуртар рафта, аз беҳолӣ такон мехурд, аз расидани тири навбатӣ эмин монд. Ашк аз думболи уқоби тирхурда пайгирона метохту фурсати ба замин афтодани ӯро мепоид. Аградод низ беҳол шудани уқобро пай бурда, ҷониби кӯҳи муқобил давид.

Мадори уқоб дам ба дам мекоҳид. Ӯ мувозинатро бохта бо азобе бол меафшонду суръати парвозаш торафт суст мешуд. Ҳанӯз ба домани кӯҳ нарасида сарозер муаллақ хӯрду сайди нимаҷон аз ҷанголаш фитод. Ӯ беҳолона бол афшонда поён хамиду ба рӯи харсанги яклухти домани кӯҳ фуруд омад.

Аградод, ки ба душмани деринааш кина дошт, аз думболи

Ашк суръати давиданашро афзуд. Ӯ чашмдор набуд, ки уқоби тундпарвоз бо ин осонӣ ба тақдир тан медиҳад. Нухуст Ашк ба пойгоҳи харсанг расид.

Аградод тири сеюмро ба камон ниҳод, вале майли зинда дастгир намудани уқоб дар дилаш боло гирифт. Ӯ аз миён камандро кушода ҳанӯз фурсати партофтан наёфта буд, ки уқоб болҳои бузургашро ёзида ба ҳаво хест. Тири пайкон ба синаи чапаш халида, дар хавои болафшонии ӯ алвонҷ мерафт. Мадори уқоб ба парвози осмонгир намерасид. Ӯ таконхӯрону номавзун каме ба фарози кӯҳ париду баъди лаҳзае сарозер омада ба шохи дӯлонае нишаст. Умеди Аградод ба доштани уқоб дучанд гашт ва ӯ аз рӯи сангҳо чаҳида, сӯи он дӯлонаи начандон баланд шитофт. Фосилаи миёни онҳо хеле кӯтоҳ шуда буд, ки уқоб боз ба ҳаво хест.

Таъқибу думболагирӣ пай дар пай давом меёфт, вале уқоб ба тақдир тан надода, гоҳ паридаю гоҳ хазида ба фарози кӯҳ мебаромад. Ашк низ асари чанголҳои тез ва минқори сахти уқобро дар таги буттахоре озмуда чун пештара ҳамлаҳои бебокона намеовард. Аградод ҳам хаста шуда чанд бор азми тир андохтан намуд, вале майли зинда дастгир намудани уқоби беҳол ӯро аз қасдаш бозмедошт.

Задухӯрди навбатии миёни онҳо дар нимаи кӯҳ рӯй дод. Уқоб худро ба паноҳи буттаи ангат кашида акнун нафас рост мекард, ки Аградод расида омад. Ашк ҷуръати ба даруни буттаи пурхор даромадан надошт; каме пеш рафта таҳдидомез меғурриду аз хароси минқори уқоб зуд қафо мечаҳид. Аградод куртаашро аз тан кашида ба бозуяш печонду дасташро эҳтиёткорона сӯи уқоб ёзид. Уқоб бадхашмона ниҳеб ангехта, худро қафо кашид ва фосилаи миёни онҳо афзуд. Аградод буттаҳоро бероҳа намуда пештар хазид, аммо уқоб ҳамлаи тунде оварда ба синаи урёни харифаш чангол заду дарҳол аз бутта берун ҷаст. Таъқибу думболагирӣ аз нав сар шуд. Аградод синаи хуншорашро пок карда, аз паси уқоб метохту фосиларо кӯтоҳ менамуд. Уқоби захмин мадори охирини танашро гундошта чаҳидаю фитода фирор мекард.

Қуллаи кӯҳ торафт наздик меомад ва песабарфҳои карахшбастаи нишебрӯ Аградодро лагжонида, роҳравиашро душвор мекард. Уқоб низ аз паридан монда фиғон меангехт, чонашро аз рӯи песабарфҳо бо азобе пеш мекашид. Аградод арақи пешонаашро пок карду аз тиркаш пайкони сеюмро гирифта ба зеҳи камон

ниҳод. Уқоб маргашро яқин дида нолаи ҷонгудозе кашиду худро ба ғори бари кӯҳ афканд. Аградод аз канори песабарфҳо пайроҳаеро дида ба сӯи ғор шитофт.

Ачабо, аз даруни ғори нимторик мӯйсафеди нуронии сафедпӯше, ки риши нуқрафомаш ба сандуқи сина ҳамида буд, машъали фурӯзоне бар даст пеш меомад. Мӯйсафед нигоҳи нарму андешаманд, пешонаи фарох ва симои дилкашу нурполо дошт. Мӯи сафеди то сари китфон ҳамидаашро бо пешонабанди оҳарие баста, аз саропои вуҷудаш покию иффати қудсие метаровид.

Аградод камонӯ пайкон дар даст лаҳзае лолу ҳайрон монд. Ашк ҳам аз салобати қудсиёнаи мӯйсафед беихтиёр ором гирифт. Уқоби хастаю захмин дар кунчи роҳрави ғор бошиддат нафас мекашиду беҳолона ҳалқак мезад. Ва ин манзараи шигифтовари ғори нимторик бо мӯйсафеди нурониаш ба назари Аградод чун хобу хаёл метофт.

Мӯйсафед дастаи машъалро болотар аз уқоб ба тарқиши санге хасту дар пешорӯи парандаи беҳолу нимаҷон нишаста, бо як силтав тири пайконро аз синааш рабуд. Сипас пайкони хунчакон бар даст сӯи Аградод омаду ба синаи урёни харошхӯрда, бозувони дамида ва дастаи бузурги камонаш лаҳзае зеҳн монда бо оҳанги таассуфу надомат гуфт:

– Хун рехтан бароят намезебад, Ораши камонгар!

– Ман Ораш наям, Аградодам! – аз дилпурона ӯро ном гирифтани мӯйсафед ҳайрон шуд ҷавон.

– Бо ин тани урёну камони ғайриоддиат Ораши камонгарро мемонӣ, писар, – мӯйсафед даст ёзида камони ӯро гирифту зеҳи тарангашро озмуд. – Дар симоят низ фарри ориёнӣ медурахшад.

– Ораши камонгар магар тани урён мегашт? – ба суханони мӯйсафед мароқ зоҳир намуд Аградод.

– Ин қиссаи дароз аст, писар, – камонро бозгардонда ба вашми ҳолқӯбии бозуи Аградод, ки шакли уқоби одамсар дошт, ҳайратомез чашм дӯхт мӯйсафед. – Ораши камонгар тирандози беҳамто ва нишонгири тундпайконе буд. Аз байни ялону камонкашон ӯ мебоист тире меафканду ҷои фитодаи пайкони ӯ марзи миёни Эрону Тӯрон пазируфта мешуд. Ӯ камоне сахт бузургу ғайриоддӣ ва дар сари қуллаи баланд танашро урён намуду тамоми мадори ҷисму ҷонашро ғундошта сӯи машриқ тире афканд. Аз гояти сахтии шаст ва гаронии

камонкашӣ аз зери нохунҳояш хун ҷорӣ шуд ва ҷисмаш таркида бехабар аз хеш ҷон бохт.

– Ҷаҳонпаҳлавони беҳамтое будааст! – таҳсиномез сар афшонд Аградод. – Оҳанӣ камонгар аз кадом дудаю дудмон хестааст?

– Дудааш ба Манучеҳру Каёниён мерасад. Афросиёби бадкин бар Манучеҳр пирӯз гашта дирафши Каёниро аз Балх рабуд. Озодагони Ориёвиҷ рӯ ба бохтар оварда, дар Табаристон паноҳ бурданд. Ва ахиран ба қароре расиданд, ки марзи Эрону Тӯронро аз фосилаи нарвози тири Ораши камонгар андоза бигиранд.

– Пирам ҳам, ки тани танҳо дар ин ғор макон доранд, аз дудаи Каёниёнанд магар? – пурсид Аградод эҳсоси кунҷкобиаш боло гирифта.

– Бале ман аз тоифаи мугону атарвонӣони зардуштиам, – остини яктаҳи пашминашро барзада ба ваҳшми холкӯбии хеш, ки ба шакли парандаи одамсар буд, ишора намуд ӯ. – Пешаи мо пушт ба пушт аз ҳама палидихо поку бегазанд доштани оташи аҳуроӣ аст. Панҷ пушти гузаштаи мо оташи покро аз оташкадаи Мехрбарзини Балх овардаанд ва акнун ман оташи аҳуроиро зинда медорам.

Аградод беихтиёр ба тимсоли парандаи рӯи бозӯяш нигарист. Рамзи парандаҳои одамсар миёни ҳам шабоҳате доштанд, фақат яке хӯрд буду дигаре калонтар.

– Ин нишон дар бозуи ман ҳам ҳаст, – дасташро бардошта нишон дод Аградод. – Вале ба хонадони мугон робитае надорам.

– Писари кӣ мешавӣ? – бо нармӣ, вале рамузгирона пурсид мӯйсафед.

– Писари Митрадоди чӯпон. Модарам Сабокат ном дорад.

– Ҳа-а, фаҳмидам, – ба саропои Аградод синчакорона зеҳн монд мӯйсафед. – Ту аз табори шоҳзодаҳоӣ, писар. Дар сарнавиштат лагзе рафта, ё ба рӯйдоде ба миёни чӯпонон афтодай... Аз суханони ман маранҷ, дар рағҳоят хуни поки шоҳаншоҳӣ ҷорист...

– Аз сарнавишт бгаҳие надорам, – гуфт Аградод ба розкушоии мӯйсафед чандон эътибор надода. – Дар ниҳоди худ дарки бегонагие ба падару модар намекунам!

– Воқеан, падару модарат касони меҳрубону пешадӯстанд, – ба шубҳааш хотима гузошт мӯйсафед. – Аз ман ширу панирашонро дареғ намедоранд.

– Пас аз ин ман ҳам бароятон ширу панир мерасонам. Ниёишу дуои неки Шумо баракати рамаро меафзояд.

– Яздони пок нигаҳбонат бод, Ораши камонгар! – бо нишони хайрухуш сӯи Аградод даст афшонда аз бағал марҳамеро гирифту ба ҷароҳати уқоби захмин молид мӯйсафед. – Пешомадатро нек мебинам. Фарри шоҳаншоҳӣ дар пешонаат пайдост...

Уқоб ором гирифта буд. Ӯ дар кунҷи ғор болҳои бузургашро ёзида, чашмони шарарпошу бекарорашро аз Аградод намеканд. Дар нимторикии асроромези ғор уқоби орамида парандаи одамсари афсонавиеро мемонд, ки чун рамзи тахту бахт аз пешомади неки Аградод башорат медод.

* * *

Фасли баҳор бо тозакориҳою пироҳани сабзаш фаро расида, дар домани кӯҳ гӯё қолини пурнақше густурда буд. Рамаи гӯсфандон аз дур чун нақши гуле ба рӯи колин менамуд.

Аградод дар яке аз тораҳои баланди кӯҳ рӯи харсанги бузурге нишаста найи чӯпониашро менавохт. Дар канори ӯ гурги қариб дусолааш – Ашк рамаи гӯсфандони машғули чариданро дидбонӣ мекард. Аградод бар тан куртаю шалвори зардинаи чармин дошт, ки онро бо чӯшоби решаи бодом ранг дода буданд. Дар пой низ ҳамранги шалвор пойафзоли чармине дошт. Хатти мӯйлабҳои нафис ва риши сияҳфомаш низ дар бари рӯй дамида ҳусни ҷавониашро меафзуд. Сараш урён, мӯйи сиёҳи мавҷдори то китф ҳамидаашро бо пешонабанди чармине баста буд.

Най нола мекарду офтоби ҳаловатбахши фасли баҳор нур меафшонд. Шохаҳои гарқи гули бодом аз насими боди форам алвонҷ мерафт. Гулу гиёҳ ва сабзаҳои дамида як фазои гуворои биҳиштосоро фароҳам меовард. Ва Аградоди ҷавону зебо бо навои най эҳсоси дили пурфараҳ ва шукронаи расидан ба баҳори навро пай мерехт.

Баногоҳ Ашк безобита шуда, хатареро пай бурд магар ки гӯшҳояшро сих карда, зиракона ба самти дара нигарист. Аградод бекарории гург ва изтироби ӯро ҳис карда навохтани найро шикаст ва аз ҷой хеста хавотиромез ба поён чашм дӯхт. Дар тангнои дара як даста саворон оҳуи гурезонеро пайгирӣ мекарданд. Оҳуи ваҳшатзада аз ҳавли ҷон фосилаи миёни пайгиронро афзуда, бо ҷастухезҳои тезу тунд, ба сӯи кӯҳи Аградод истода, торафт наздик меомад.

Аградод найро ба бағал ниҳода, таёкро ба миёнбанди тах-

тапушташ хаст. Камону тирҳои пайконашон устухониро аз пахлӯяш гирифт, фалахмонашро ба миён печонд ва чашм аз оҳу наканда, ба истиқболи сайд шитофт. Аспҳои пайгирон дар қуталроҳа суръати тохташонро суст карда, аз оҳу торафт ақиб мемонданд. Саворон аз думболи шикор ҳавои тир меандохтанд, вале тирҳояшон хато мехӯрд. Аградод дар паси харсанге сангар гирифт ва сари Ашкро ба зонуяш пахш карда, амри хомӯш истодан дод.

Оҳуи бехабар аз қазои ачал аз рӯи сангҳои хурду калон хез гирифта ба самти харсапги бузург наздик меомад. Аградод зехи камонро кашида нишон гирифт ва тири пайконро сар дод. Тир ҳуштак кашида поёнтар аз шонаи оҳу ба даруни қабургаҳояш ғӯтид. Оҳу калавида пешпо хӯрд ва Ашк чун тир чаҳида дар сари тоз ба гулӯи оҳу даҳон зад. Сайд аз фишори дандонҳои гург афтод, дар талвосаи чон чаҳида хест ва оқибат рӯи сабзазоре ба тапидан даромад. Аградод бешитоб сӯи сайд равона гашт. Аз пешорӯяш ду чавони ҳамсоли ӯ аспҳоро тозонда хушҳолона фарёд мезаданд.

– Оҳуро ман задам, – камонашро болои сар афшонда мегуфт яке.

– Не, Фаронак! Аввал тири ман расид! – эътироз мекард дигаре.

Аградод аз дидани саворони хушлибос дар сари санге бозистод. Аспи саворон аз дидани гург тӯрида чапгалат тохтанд. Фаронак лачоми аспашро кашида дуртар аз сайд гоҳ ба гургу гоҳ ба Аградод ҳайрон-ҳайрон менигарист.

– Гург аст, Фаронак! – бо оҳанги дахшатомез нидо зад чавони аввал.

– Наход гург бошад, Ҳурдод! – аспашро маҳмез мезад Фаронак, вале асп пуштпоки мерафт.

– Дидӣ, аспат пеш намеравад! – гуфт Ҳурдод. – Аз гург рамидааст!

Ду савори калонсоли дигар, ки аз афташ посбони шикорчиёни чавон буданд, аз думбол расида омаданд. Аградод хаёле сайдро фаромӯш карда, ба пайконҳои пӯгаш оҳанин, камонҳои хушсохти ду гӯшааш қуббадор, шамшерҳои дастаашон хотамкорӣ, зину афзорӣ хушчило ва лачомҳои нуқракӯби аспон бо ҳавас менигарист. Фаронак нигоҳи ҳайратомезу кунҷковонаи Аградодро пай бурда, сари аспашро сӯи ӯ гардонид ва пурсид:

– Эй ҷавон, ту кистӣ?

– Ман? – ба худ омад Аградод. – Ман шикорандозам.

– Шикорандоз?! – хандид масхараомез Ҳурдод.

– Шикори задаи маро ройгон гирифтан мехоҳӣ? – хандаашро базӯр фурӯ бурд Фаронак.

– Агар сайдро ту задаӣ биёву, бигир! – гуфт оромона Аградод.

Фаронак аспашро дубора маҳмез зад, вале аспи хӯсида ҳамоно майли пеш рафтан надошт. Ӯ даргазаб шуда, ба зеҳи камонаш тири пайкон ниҳод:

– Ин гурги лаънатӣ аз куҷо омад!

– Истед! Ашк сар дех! – аз болои санг ҷаҳида сӯи гург шитофту изтиробомез хитоб намуд Аградод.

Гург гулӯи оҳуро сар дода, ба таклиди сагон дар пеши Аградод дум меликонд ва дасташро мелесид. Аградод хам шуда пайкони нӯгаш устухониро аз тани оҳу кашид ва чун далели қотеъ ба пеши пойи аспҳо партофт. Сипас аз ду пои пеш ва ақиби оҳу дошта, сайдро бошаст ба сари китф партофту сӯи харсанги бузург раҳсипор гардид. Фаронак ба пайкони устухонӣ ва дастаи саворон норозиёна нигариста иззати нафсаш коҳида фарёд зад:

– Эй ҷавон, куҷо меравӣ? Сайдро дар ҷояш мон!

– Ҳоло ҳам бовар накардӣ, ки шикорбар манам! – гуфт бо тамкини аввала Аградод.

– Сайдро ба хубӣ мону рав мегӯям! – барошуфт Фаронак.

– Маро натарсон! – гуфт Аградод. – Бо ин дӯғу дарангат як тора мӯйи сайдро намедиҳам!

– Аз ҷонат сер шудаӣ! – дӯғ зад Фаронак. – Сайдро оварда ба ҷояш мон!

– Дод назан! – пеш омад довталабона Аградод. – Ман аз касе наметарсам!

– Гиред, ин бачаи дайдуро! – ба посбонҳо амр дод Фаронак. – Сар аз танаш ҷудо кунед!

– Чӯпони шоҳ аст, ё волотаборам! – ба бехи гӯшаш хам шуда гуфт посбон.

– Фарқе надорад! – бештар барошуфт Фаронак. – Сар занед, ин нотаборӣ бадхӯро!

Посбони якум шамшер аз наём кашида сӯи Аградод ҳамла овард. Аградод аз баландии рӯи санг сайдро чобукона ба сари

КИТОБХОНАИ №2

савор хаво дода, ӯро аз хонаи зин афтонид. Шамшери посбон сӯе парида рафт ва Аградод таёқи чӯпониро аз тахтапушт кашида, ба набардӣ посбони дуюм омода гардид. Посбони дуюм низ шамшер кашида, ба самти Аградод асп тозонд. Аградод зарби шамшерро ба таёқ гардонид, вале аз шасти синаи асп якпаҳлӯ гелид. Баногоҳ Ашк чаҳида ба рони посбон дандон зад. Аспи даҳшатзада тӯрида соҳибашро афтонид. Посбони якум ба худ омада даст сӯи шамшераш бурд, аммо ҳамон лаҳза таёқи Аградод аз паси гарданаш расида, ӯро боз беҳуш намуд.

Фаронак ба тарафаш ҳамлавар гаштани Ашкро дида, найзаи дастаашро сӯи гург ҳаво дод. Найза ба синаи Ашк халид ва гурги ҷонсарак фигоне кашида рӯи сабзаи поймолгашта афтид. Аградод ба шамшери фитодаи посбон чанг андохта, бо чанд чаҳиш худро ба Фаронак расонид ва даст ёзида шамшер зад. Фаронак худро якпаҳлу кашид ва шамшер хато хӯрда ронашро лесида гузашт. Аз банди рони захмин хун метаровид ва Фаронаку Ҳурдод аз ҳавли чон аспҳоро тозонда рӯ ба фирор ниҳоданд. Посбони танҳомонда низ лангон-лангон мегурехт ва чанд аспи раҳида дар домани кӯхи сабзпӯш шиҳа кашида, озодона метохтанд.

Аградод дигар ба ҳарифони саргурез ва оҳуи хобида эътиное намедод. Ӯ часади Ашки нимачонро болои дастонаш бардошта бо шитоб ба сӯи хаймаи чӯпонӣ медавид, то чони гургашро раҳо бахшад. Ашк беҳолона нолиш мекард ва аз думболи оҳо катраҳои хун ба рӯи сабзаҳо мечакид. Аз чашмони Аградод ашк метаровид ва нигоҳи илтичоомезашро аз гург наканда зери лаб такрор мекард:

«Бардошт кун, Ашк! Намур додаракам! Маро танҳо нагузор!..»

Ба ҳалқаи чашмони пурандӯҳи гург низ об медавид ва ӯ нигоҳи бемадору имдодхоҳонаашро аз рӯи Аградод наканда нолиш менамуд. Аградод пешпо хӯрдаю калавида метохт ва дар чашмони сарду берӯҳи Ашк фаро расидани маргро пай мебурд. Ӯ окибат дуртар аз чанори бузурге бозистод ва часади бечони гургро ба синаи хуполудаш пахш карда фиғон кашид:

«Ашк! Ашк! Додари ҷонам, Ашк! Маро партофта марав!..»

Аградод бо чашмони хасратбор часади гургро дар миёначои тани душохаи чанор ниҳода, бо нӯги корд ба кандани гур сар кард. Хоки нарми таги чанор ба осонӣ мехест. Фурсате нагузашта гур омода гашт. Аградод тани огушта ба хуни

Ашкро ба расми видоъ бӯсида, оҳиста ба даруни қабр гузошту ба рӯяш хок кашид. Сипас сари зону нишаста рӯ ба осмон оварду бо оҳанги видоъ нола намуд:

«Равонат шод бод, Ашк! Ману ту бародари ҷонӣ будем! Дарего, ки рафтию маро танҳо гузоштӣ... Акнун ман бе ту гурги танҳоям!»

Чанори бузург дар сари теппаи гӯр ягона дарахте буд, ки чун ёдгории азим қомат афрохта, салобати манзили вопасини Ашкро меафзуд. Аградод порасанги калонеро ба гӯшаи гӯри Ашк гузошту аз багал найашро гирифта ба гӯшаи лаб ниҳод. Навои дардолуде аз қаъри дилаш хеста, бо сеҳри ҷонгудози най ба фазо метаровид. Аз нолаи най баҳори сабзпӯш ба сукут мерафт, осмон аз абри сиёҳ чодари мотам пӯшида, тора-тора борон меборид. Ва ба рӯи порасанги оромгоҳи Ашк қатраҳои ашки осмон пайваста мечакиду мечакид.

ДАСИСАҲОИ ДАРБОР

Баҳори соли 560 қабл аз мелод ба дарбори подшоҳи Мод насими тоза меовард. Дар пешорӯи қасри барҳавои сутункорӣ шохаҳои мағнунбед пунбаҳои сабз баста, аз насими боди баҳор кокулафшонӣ мекард.

Подшоҳи мӯйсафед Астиаг дар пешайвони қасри сутунҳояш бошадор ба тахти бароҳате такя дода машварат мегузаронд. Симояш чиддӣ, нигоҳаш андешаманд, ангуштони дасти ба рӯи зону ниҳодааш саҳл меларзид. Дар ду тарафи зинаҳои қолинпӯши айвони қаср бузургвазир ва сипоҳсолораш Гарпаг, шаҳбону Ариена, духтари нозанинаш Амутида, домодаш Спитам, Атарвони мӯбад, хоҷасарой ва дигарон аз рӯи мартаба дар погундаҳо рост меистоданд. Сарашон хам, нигоҳашон бечуръатона, ҳолаташон бечоравору ҳақирона, гӯё омадани баҳору зебоии табиат бароянашон асаре надошт. Астиаг бо дуруштию оҳанги таҳдидомез суханашро идома медод.

– Боз ошӯбу бетартибӣ?! Боз ғоратгарию марздшиканӣ?! Ту ба кучо менигарӣ, Гарпаг?

– Сипохиёнро фиристодам, шоҳам, – бузургдорӣ ба ҷо оварда Гарпаг. – Тигрони носипос ба дастгирии Крезу сакоиҳои канори дарё умед баста, ба марз задааст. Бо ёрии Ҳурмузд саркӯб хохад шуд.

– Крезу Набонид чун гурги гушна ба кишвари ман дандон задан мехоҳанд! – барошуфт Астиаг. – Онҳо гумон доранд, ки Астиагро сол рафтаву тавони пешинааш намонда. Не, сахт галат мекунанд!

Бале, шоҳам, бузург галате мекунанд, – тасдиқ намуд Гарпаг. – Лидия ва Бобул навозиши шамшери подшоҳони Модро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намесозанд!

– Рӯбоху шагол кай тавони бо шер сарбасар шудан доранд, – бо нимтаъзим афзуд Спитам.

– Сад дарег, ки ҷойгузини сазовор надорам, – бо таассуф аз ҷой хест Астиаг. – Худоён ба ман писар доданро муносиб надиданд ва душманонам инро хуб медонанд.

– Сипос Яздони покро, ки духтаратон Амутида ва домоди покгавҳаратон Спитам ба ҷои писар кор медиҳанд, – ширинзабонӣ кард Гарпаг.

– Ту дарди маро намефаҳмӣ, Гарпаг, – оҳе кашид Астиаг. – Ягона набераи наринаам беному нишон гашт. Дарего, ки аз тухмаи поки подшоҳони Мод пайванде намебинам...

– Магар кӯтоҳие аз ман сар зада, падар? – гилаомез гуфт Амутида. – Бифармо, ки ба ҷои писар шамшеру сипар гирифта ба ҷанги душман биравам.

– Аз ман маранҷ, духтарам, – назди Амутида омада, даст ба китфи ӯ ниҳод. – Набарду майдондорӣ худ кори мардон аст...

Садои суми таковарон аз саҳни дарвозаи қаср ба гӯш расид ва ҳозирон беихтиёр ба рӯи ҳавлӣ нигаристанд. Фаронак пешопеши саворон, аз паси ӯ Ҳурдод ва ниҳоят посбоне лангида аз пайроҳаи сангфарши дарвоза пеш омаданд. Пайкари посбони дуюм, ки ронашро Ашк канда, рӯи асп ҳамоил буд, ҳамаро ҳавотир кард. Гарпаг аз пои оғушта ба хун ва ҳолати ногувори Фаронак сахт ба ташвиш афтод, вале аз ҳузури шоҳ бе рухсат ба истиқболи писараш рафтанро муносиб надид.

– Саворонро пеши ман биёред! – рӯ ба ҳочиб оварда Астиаг. – То бифаҳмем, чӣ нооромие шудааст?

Аспҳо ва саворони ошуфта ба сӯи шоҳ раҳсипор гардиданд. Шалвори посбони ҳамоил даридаю хунолуд ва ҷои дандони гург дар рони пояш намоён буд. Дар чиргии зин ва гардани саманди Фаронак низ хун карахш баста, баробари пеш омадани онҳо истиробу ҳисси кунҷкобии ҳозирон меафзуд.

Гарпаг аз дидани тани хунолуди писар сабру тоқатро бохта, беихтиёр ба истиқболи саворон шитобид ва аз дур пурсид:

– Чӣ рух дод, Фаронак? Чаро сару танат хунолуд?

– Аградод ном писари чӯпони шоҳ бо гурги одамхӯраш ба мо тохт овард, – гуфт бо алам Фаронак.

– Густохӣ аз ки гузашт, – пурсид хавотиромез Гарпаг, – аз шумо ё писари Митрадод?

– Сайдро додан нахост, – афзуд бо оҳанги аввала Фаронак. – Дагалӣ кард, ки шикорро худаш задааст!

– Шумо чор кас савораи пӯшидаи расоии шикорӣ будеду писари Митрадод тапҳою пиёда, ҳамин тавр не? – бо лабханди истеҳзоомез саворонро муоина намуд Астиаг.

– Бале, шоҳам, – гуфт лоуболона Фаронак. – Ба ҷуз гурги одамхӯраш, ки моро дунболгиру решдору хунхор кард.

– Аз гург, ки битарсӣ, чаро шикор меравӣ? – барошуфт Астиаг. – Сайдро аз дастатон як чӯпонбача зада гирад, нигаронам, ки фардо ин кишварро чӣ хел нигаҳдорӣ мекунед?! Не, Гарпаг, бо чунин ҷавонҳои пошуду нозпарвард душманро саркуб кардан даст надиҳанд!

– Шоҳаншоҳам дуруст фармуданд, – бо нимтаъзим тасдиқ кард Спитам. – Ҷавонон аз чӯпонбачае тарсида, гуноҳи бузурге карданд.

– Бигузор, чӯпону писарашро пешандоз карда ованд, – фармуд Астиаг аз ситоиш болида. – Ӯ ин гоҳ гунаҳгору бегунаҳ рӯшан хоҳад шуд.

* * *

Пешгоҳи хаймаи чӯпониро саворони Астиаг иҳота карда, пасу пеш асп метозонанд. Сабзаҳои саҳни хайма дар таги суми таковарон поймол гашта, зебоию тароватӣ пешинаашонро бохтаанд. Митрадод бо дастҳои баста дузону нишаста, аз ҳайбати тозиёнаи болои сараш хам задааст. Сабокат бо оҳу фигон дар рикоби сардори сарбозон ашк мерезад ва барои шавҳари гирифтораш раҳму шафқат мехоҳад. Вале сардори сарбозон, ки бар тан ҷавшану бар даст шамшери хотамкорӣ ва дар сар тоскулоҳ дорад, бо нигоҳи сарду симои хашмолуд амри ҷазо додан мекунад.

Тозиёнаи чарминбофти сарбозе бошаст боло рафта, ба тахтапушти Митрадод мефарояд. Сарбоз дубора тозиёнаро мебардорад ва ҳамон лаҳза санги фалахмоне ҳуштак кашида ба пешонааш бармехӯрад. Ӯ дарҳол беҳуш гашта якқад меафтад ва дар миёни дастаи саворон изтиробу парешонӣ рӯй медиҳад.

Санги дуюми фалахмон ба тоскулоҳи сардори саворон мерасад ва ӯ аз ҳавли чон фигон кашида, бо ангушти ларзон сӯи теппа ишорат менамояд.

Аградод дар сари баландие фалахмонашро гирди сар тоб дода, сангҳоро думболи ҳам меафканад. Дастаи саворон расани каманд бар даст сӯи Аградод чобукона асп метозонанд. Саворе чанд аз тири фалахмон сарнагун меафтад, аммо якбора ҳалқаи каманде ба китфу бозувони Аградод мепечад. Анбӯҳи сарбозон осемасар Аградодро иҳота ва ба замин пахш мекунанд. Соате нагузашта дастаи саворони пешонаю сару рӯяшон варамида Аградоди расанпеч, Митрадод ва Сабокатро кашолакунон сӯи қасри Астиаг роҳ мепаймоянд.

Хаймаи чӯпонӣ ва чанори танҳои сари теппа ақиб мемонад. Аградод ба силтави расану зарби қамчини саворони думболаш эътиное надода, баргашта сӯи хаймаи чӯпонӣ ва чанори барояш азиз менигарад. Гӯё ӯ ботинан бо рамаи гӯсфандони бари кӯҳ, бародари нокомаш Ашк ва танӯру тобасангҳои барояш азизи модар видоъ месозад.

* * *

Шаҳри Экбатана[1] бо кӯчаҳои васею ҳамвор, қасру иморатҳои баланди айвондор, сутунҳои якқади қатор ва деворҳои мавзуни нижвонҳояш кандакорӣ ақлу ҳуши Аградодро мерабуд. Ӯ аз дидани иморату хиёбонҳои хушманзара ҳайрон монда, дарди дасти расанпечу зарби қамчинҳои тахтапуштаашро хаёле фаромӯш мекард.

Аградод аз думболи саворон бехудона қадам мениҳоду бо ҳайрати тамом дунёи барояш навро мушоҳида менамуд. Ниҳодаш ба хурӯҷ меомад, эҳсосаш ангезиш меёфт ва ақлаш аз дарки тарҳу шабеҳаҳои барояш ноошно оҷизӣ мекашид. Мисли махлуқи гирифтори доме, ки ба муҳити барояш бегона афтодааст, торҳои нозуки идрокаш аз хатари ниҳоние ба ӯ пешгӯӣ мекард. Вале аз гояти ҳайрат дар симои Аградод асари тарсу ҳарос чандон аён намегашт.

Асирон кӯчаҳои сангфарши шаҳри Экбатанаро паймуда, ба пешайвони қасри барҳавои Астиаг, ки сутунҳои баланди кандакорӣ дошт, расиданд. Митрадод баробари дидани шоҳи

[1] Пойтахти қадимаи давлати Мод, ки чанде аз харобаҳояш дар ҳудуди шаҳри Ҳамадони имрӯза воқест.

кӯҳансол фавран сачда намуда замин бӯсид. Аммо Аградод рӯ ба рӯи Астиаг бо дастони баста рост истода, саропои шоҳи мӯйсафедро, ки дарандаи пиру нотавонеро мемонд, бепарвоёна муоина менамуд.

Ду сарбоз фавран аз ду паҳлӯи Аградод расида, китфашро зер карданд, то дар назди шоҳ расми таъзимро ба ҷо оварад. Астиаг иззати нафсаш коҳида бошад ҳам, аз тарҳи андоми ашрофона ва ҷасорати ғайриоддии Аградод дар ҳайрат монда, бо ҳавои даст сарбозонро аз зӯроварӣ боздошт.

– Чаро сари наздикони ман даст бардоштӣ? – чашм аз симои гарму назаррабои Аградод намеканд Астиаг. – Магар аз шукӯҳи шоҳ наметарсӣ?

– Шоҳро дурустдории рагу решаву банди кишвар кофист, – посух дод бебокона Аградод. – Ин густохон рости қаламрави маро вайрон карданд ва гирифтори сазои куниши худ гаштанд.

– Қаламрави ту? – пурсид тааҷҷубомез Астиаг. – Ту дар ихтиёрат молу мулк дорӣ?

– Молу мулке, ки шоҳ ба бовари ман додааст, бароям амонати ҷонӣ ҳисоб мешавад, – афзуд бо ҳамон оҳанг Аградод. – Ва намегузорам, ки касе ба ин амонат хиёнат намояд!

– Рост гуфтӣ, амонати шоҳ амонати худост! – қаноатмандона табассум кард Астиаг. – Шикоят омад, ки як гурги одамхӯр дорӣ?

– Гург бародари ман буд ва мо ҳарду рамаи шоҳро аз ҳама балою офати дарандаҳо нигаҳбонӣ мекардем, – самимона гуфт Аградод. – Аммо ин сайёдони беҳунар додарамро куштанд ва ман танҳо мондам.

– Магар гург рамаро бонӣ мекунад? – ҳайраташро нихон намедошт Астиаг.

– Бале. Ба шарте ки ба дастомӯзӣ чун додар дӯсташ дорӣ ва меҳрат бериё бошад.

– Ҳеҷ дарнамеёбам, ки ҷонситонтарин дарандаи олам ба одам дӯсту бародар шавад ва ба рамаи гӯсфандон сару кор нагирад! – нобоварӣ пеш оварда Астиаг.

– Гоҳе одам аз гург ҳам ҷонситонтар аст, – гуфт хаёломез Аградод. – Беибо сар мезанад, чок мекунад, мекушад, вале худро махлуқи дилсӯзтарин нишон медиҳад. Гурги бечора, ки дар хунхорӣ бадном шудааст, аз як одами мардумозор волотар аст.

– Бареду! – озурдаҳолона ба Аградод нигариста фармуд Астиаг.

Посбонон аз зери оринҷ ва тахтапушти Аградод дошта, сӯи шоҳ суоломез чашм дӯхтанд. Гарпаг маънии нигоҳи онҳоро пай бурда, бо нимтаъзим аз Астиаг пурсид:

– Ба кучо баранд, шоҳам?

– Ба зиндон! – гуфт Астиаг нигоҳи андешамандашро аз рӯи Аградоди густоху Митрадоди лоубол наканда. – Ҳардуяшро ба зиндон афканед!

* * *

Таҳхонаи озордихӣ холӣ буд ва Астиаг тани танҳо дар пешгоҳи хонаи нимторик рӯи курсии хосае менишаст. Дасту пойҳои Митрадодро дар чаҳор мехи дутоаш бар сақф устувору дутоаш бар замин парчиншуда баста буданд. Ҷаллод тозиёнае бар даст бо имои Астиаг ба тахтапушти Митрадод пай дар пай зарбаҳои ҷонкоҳ мезад. Митрадод оҳу фиғон мекашид ва нолиш мекард. Астиаг ба чеҳраи азиятдида ва чашмони пурашки Митрадод рамузгирона нигариста пурсишро идома медод:

– Рост бигӯ, писари ҳамхунӣ худат аст ё не?

– Аз хунам бигзар, шоҳам, – менолид Митрадод. – Писари ман нест. Вой... Мемураме...ей...

– Набошад писари кист? – суол медод Астиаг.

– Худо шоҳид, намедонам, – аз дарди ҷонкоҳ навҳа мекашид Митрадод. – Ёфтам... оҳ... вой...ей...

– Аз кучо ёфтӣ? – паст намеомад Астиаг.

– Аз таги чанори бари теппа, – аз ғояти азият чашмонашро мепӯшид Митрадод. – Айни сармои зимистон модасагам[1] нӯла мекашиду бетоқатӣ мекард... Аз думболаш таги чанор рафта тифлеро дидам, ки нимҷон буд... Вой... ой...

Чӯпон манзараи дидаашро пеши назар меовард. Дар пешгоҳи чанори дуқӯша парпечи махмалине аз барф қирав бастааст. Дар атрофи парпеч нақши пойи саг менамояд. Чӯпон тифлро бо эҳтиёт мебардорад ва барфҳои парпечи махмалинро афшонда сӯи хайма метозад. Сабокат дасту пои карахтгаштаи тифли зеборо бо барф мемолад. Бозубанди тилоие дар дасти рости кӯдак чило медиҳад. Бозубандро гирифта тифлро дар пӯстин мепечонанд...

Дасту пои Митрадодро аз чаҳормех мекушоянд. Ӯ калавида аз

---

[1] Баъзе муаррихони юнонӣ, аз чумла Ҳеродот ва Юстин зикр кардаанд, ки Курушро модасаге шир дода, аз марг начот бахшидааст.

гӯшаи таҳхона пӯстинашро мебардорад ва гӯшаи пӯстинро чок намуда бозубанди тилоиро берун меорад. Бозубанд дар кафи дасти Астиаг медурахшад ва ӯ мӯҳри аҷдодии шоҳон – Симурги одамсарро дар тани бозубанд мешиносад.

– Аз ин асрор боз кӣ огоҳ аст? – пурсид Астиаг чашм аз мӯҳри бозубанд наканда.

– Касе воқиф нест, шоҳам, – бо умеди наҷотёбӣ гуфт Митрадод. – Мо ба ӯ Аградод ном ниҳода фарзанди худ хондаем. Худаш низ ин асрорро намедонад.

– Ин розро гайри ман бояд касе нафаҳмад, – аз ҷой хест Астиаг бо табассуми маккоронас.

Ӯ ба ҷаллод ишорати рамзие намуд ва ҷаллод Митрадодро аз пас ханҷар зада ҷасадашро кашолакунон ба гӯшаи хона бурд. Астиаг бозубандро ба багалаш ниҳода бо қаноатмандӣ аз таҳхона берун рафт.

* * *

Зиндони нимторику сангфарш бӯи намӣ мекунад. Маҳбусони гуногунсоли мӯйи сару ришҳояшон расида, занҷирҳои гарон бар дасту пой бо шиками гуруснаю нигоҳи ноумедона дар ҳар кунҷу канор нишастаанд. Аградод дар гӯшае аз бӯи тафу арақ ва ҳавои вазнин ба танг омада, зиндониёнро мушоҳида менамуд. Аён буд, ки зиндагии сахту пурмашаққати зиндон маҳбусонро камгапу дарундор кардааст.

Посбонони зиндон рӯзи дуюм низ дари вазнини оҳанинро тела дода кушоданд ва кӯзаи калони обу сабадчаи нон дар даст вориди зиндон гаштанд. Посбони аввал аз сабадча як нон гирифта ба пеши ҳар маҳбус мепартофт ва посбони дуюм аз кӯза ба косаи сафолии онҳо об мерехт. Ду посбони паҳлавонҷуссаи дигар бо тозиёнаҳои дароз назорат мекарданд, ки маҳбусон ба нони якдигар чанг наандозанд. Маҳбусони гуруснаҳорл чашм аз тозиёнаи посбонон наканда, нони наздашон фитодаро чанг зада мегирифтанду ҳарисона мехӯрданд.

Аградод ин дафъа ҳам ба обу нони ҳабсхона даст нарасонда, сарвари посбонҳоро ба ҳайрат гузошт. Ӯ ба саропои Аградоди орому беҳаракат лаҳзае тааҷҷубомез нигаристу бе ягон харфе ҳамроҳи дастаи посбонон баромада, дари оҳанинро аз берун қулф зад. Посбонон рафтанду маҳбуси қадбаланду қавипайкаре чун дирӯза занҷирҳои дасту пояшро ширикқос зананда назди Аградод омад ва ба нони ӯ чанг андохт. Аградод ин дафъа ҳам ба

маҳбуси густох ва ризқи аздастрафта эътиное надод. Нигоҳи андешамандашро ба як нуқтаи сақфи зиндон дӯхта, гӯё бо чашмони кушода ба хаёл ё хоби гароне рафта буд.

Ногоҳ аз равзанаи панҷарабанди зиндон нолаи шикваомези махлуқе баланд гардид. Маҳбусон сар бардошта сагбачаеро диданд, ки бо ду пои пеш ба оҳани панҷара овезон аст. Модари сагбача дар болои равзана печутоб хӯрда аккоси имдодхоҳонае мезад ва фарзандашро раҳонидан мехост. Аммо сӯроххои танги равзана имкон намедод, ки модасаг фарзандашро рабояд. Оқибат мадори тани сагбача хушкида, ӯ ба болои дастони маҳбуси қадбаланд афтод. Ӯ сагбачаро намоишкорона болои сар бардошту бо хушҳолӣ гуфт:

– Сипос офаридгорро, ки имрӯз бароям рӯзии фаровоне дод! Ин сагбача бо гӯшту хуни дармонбахшаш ширинтарин наволаи ман хоҳад шуд...

– Маро фаромӯш накун, Гурд, – маҳбуси пире таваллоомез пеш омад. – Ҳафт сол аст, ки маззаи гӯштро начашидаам...

– Гум шав, пирхар! – шӯрид Гурд. – Ин як даҳани хом ҳам намешавад.

– Дуои ҷонатро мекунам, Гурд, – ҳамоно тавалло мекард маҳбуси пир.

– Гӯшт мехоҳӣ? Мана гӯшт! – Гурд бо заҳрханд лагаде зад.

Маҳбуси пир аз зарби гарони лагад ба девори зиндон бархӯрд ва чун кундае ба замин афтод. Аградод гӯё аз хоби гафлат бедор гашт ва нигоҳи тезу гирояшро аввал сӯи маҳбуси пир, сипас ҷониби сагбачаи нотавон дӯхт. Сагбача болои чанголҳои бузурги маҳбуси қадбаланд оҷизона дасту по зада менолид. Чанде аз ҳангоматалабон гирди ӯ ҷамъ омада оқибати тақдири сагбачаро нигарон шуданд.

Аградод оҳиста хест, занҷири овезони пойҳояшро бо даст бардошта, маҳбуси кӯҳансолро дар такяи девор нишонду сипас сӯи давраи ҳангоматалабон омад. Чашмони ӯ чун чашми гурги довталабе барқ мезад. Дасташро ҷониби Гурд дароз карда омирона гуфт:

– Сагбачаро ба ман деҳ!

– Чӣ? – Гурд довталабона пеш омад.

– Сагбачаро ин тараф деҳ! – гуфт Агродод бо оҳанги хунсардона.

– Ту худат сагбачай, инро гирифта чӣ кор мекунӣ? – хандид Гурд масхараомез.

Мушти гарону гайричашмдошти Аградод маҳбуси густохро аз пой афтонд. Гурд мадҳушона дасту по зада, хестанӣ шуд, вале Аградод занҷири дастонашро чобукона ба гулӯи ӯ печонда мефишурду ҳарифашро нафасгиру нимчонӣ мекард. Гурд ба тақдир тан дода чун ҳалтаи пурбор ба паҳлу афтод. Аградод аз болои пайкари ҳарифаш бархесту сагбачаро аз замин бардошта ба ҷои аввалааш рафта нишаст.

Сагбача дар бағали Аградод ором гирифт. Маҳбусон бо ҳайрату тааҷҷуб сӯи сагбачаи нотавону ҳомии густохи ӯ менигаристанд. Аградод чун пештара такья ба девори зиндон дода, сари сагбачаро сила мекарду ба нуқтае якзайл чашм медӯхт. Гӯё чун гурги танҳое дар муҳити тангу тазъиқовари зиндон фазои ошно ва қаламрави дуру паҳноварашро пазмон гашта буд.

САИСИ ПОДШОҲ

Саисхонаи подшоҳӣ нимторик буд. Аградод дар як гӯшаи саисхона аспи дӯстдоштаи Астиаг – сиёҳмушкинро қашав мекард ва ёлҳояшро шона мезад. Дуртар аз ӯ сагбачаи калоншудааш – Ашк гӯшҳояшро сих карда менишаст ва ҳаракатҳои соҳибашро зиракона таъқиб менамуд.

Баногоҳ дари дутабақаи саисхона калон кушода шуд ва посбонони Астиаг бо шитоб даромада аз ду тараф саф бастанд. Астиаг ҳамроҳи Гарпаг ва Спитам аз миёни дастаи посбонон гузашта ба назди аспи дӯстдоштааш омад. Ашк аз ҳайбати шоҳ ва посбонони ӯ ҳаросида худро ба як гӯшаи саисхона кашид, вале фироташ аз чашми Астиаг ниҳон намонд.

Астиаг дастони нарму сафеди пур аз ангуштарини худро ба пешонаи қашқаи Сиёҳмушкинаш бурда, рамузгирона сӯи Аградод менигарист. Вале Аградод бо ҳамон оромию хушсардии ҳамешагиаш аз рӯи расми дарбор нимтаъзими зӯракие намуда, худро машгули қашави асп вонамуд мекард. Астиаг бори дигар пай бурд, ки ин ҷавон бар танаш либоси фақиронаи саисӣ дошта бошад ҳам, дар ҷабинаш фарри шоҳӣ дар нигоҳу рафтораш гурури асилзодагӣ нуҳуфтааст.

– Сиёҳмушкин дах сол аст, ки ба ман содиқона хидмат мекунад, – аспро навозишкунон рӯ ба Гарпаг оварда Астиаг. – Ба фикри ту қуввату гайрати пешинааш барҷой аст?

– То ҳол ягон айбу иллати Сиёҳмушкинро надидаам, шоҳам, – бо фурӯтанӣ посух дод Гарпаг. – Бо рафтани сол қавитару солортар мегардад.

– Имсол бо омади Наврӯз дар дашти паҳновари Экбатана пойгаи калоне мешавад, – таъкид кард Астиаг. – Намояндаи Хоразму Порт, Бохтару Суғд ва массагетҳои канори руди Яксарт низ меоянд. Чӣ андеша дорӣ, Гарпаг, оё Сиёҳмушкин шарафи моро пос медорад?

– Сиёҳмушкин ҷони олампаноҳро дар чандин набарди вазнин раҳондааст, – гуфт Гарпаг эҳтиёткорона. – Агар Ҳурмузди бузург мададгор бошад, умед аст, ки дар пойга шоҳамро номурод намесозад.

– Басо эҳтиёткор шудай, Гарпаг, – хандид Астиаг маккорона. – Ё ин аломати рафтани синну сол бошад?

– Кори офаридгорро қазоват кардани бандаҳои хокӣ раво нест, – афзуд Гарпаг бо фурӯтанӣ.

– Ойбар куҷост? – ба Аградод суоломез нигарист Астиаг.

– Аз паи фармудани зину афзори муносиб барои Саманди пешонасафед рафт, – посух гуфт Аградод сарашро барои эҳтиром каме хам намуда.

– Пешонақашқаи вақшитабиат, – қадаме чанд сӯи Саманд ниҳод Астиаг. – Ба дасти саиси хуб афтад, таковари бебаҳое мешавад. Субҳу шом дар аспрес машқи давидан медиҳед?

– Бале, шоҳам, пайваста машқ медиҳем, – сар афшонд Аградод.

– Ба назари ту Сиёҳмушкин барои пойга муносиб аст ё Саманд? – пурсид Астиаг рӯ ба Аградод оварда.

– Ҳар ду, – оромона посух гуфт Аградод. – Сиёҳмушкин тоқату бардошти якнавохт тохтан дорад. Вале Саманд хунарму чобуктар асту корноозмуда.

– Феълу хӯяш беҳтар шудааст? – аз посухи саис қаноатманд шуд Астиаг.

– Ҳанӯз гармтабиатию тундхӯӣ дорад, – назди Саманд омада ба хорумоли танаш шурӯъ кард Аградод.

– Ба ту монанд будаст, Аградод, – неш зад Спитам бо табассуми ҳадафдор.

– Саманду Сиёҳмушкинро берун бароред, ҳардуяшро озмуда мебинем, – гӯё сухани Спитамро нашунида бошад, амр дод Астиаг.

Аградод аввал расани Саманди пешонақашқаро кушода аз саисхона берун баровард. Ранги зардгуну чо-чӯ холҳоли таковар аз чилои барфи сафед ва партави офтоби ҳаловатбахши зимистон зеботар тофта, гӯшҳои сих, нигоҳи тезу раманда ва

ҳаракатҳои тунду ноҳамвораш ӯро ба бабр монанд мекард. Саманд пойҳои мавзунашро, ки поёнтар аз зону ранги сиёҳтоб доштанд, бекаророна ба барф кӯфта фириххос мезад ва аз ҳавои сарди зимистон ҳаловат мебурд.

Спитам бо худнамоӣ лаҷоми Самандро аз дасти Аградод гирифт ва ӯ барои овардани Сиёҳмушкин шитофт. Астиаг ба Саманд наздиктар омада, даст ба гардани мавзуни холхолаш расонд. Аградод Сиёҳмушкинро берун бароварду Саманд шиҳаи довталабонае кашида заминро бо сумаш кӯфтан гирифт. Сиёҳмушкин низ бо шиҳаи размхоҳона посух гуфт. Саманд гарданак заду бо шиҳаи хашмолуд сари ду по рост хеста, пеш ҷаҳид. Астиаг аз ҳавли ҷон сар бардошта бо нигоҳи даҳшатбор таги пои аспи ростистода карахт монд. Аградод лаҷоми Сиёҳмушкинро сар дода, аз ҷояш ҷаҳиду Астиагро ба оғӯш гирифта якпаҳлӯ ба рӯи барф гелид.

Аспҳои маст рост хестаю ҷуфтак зада ба ҳамдигар дарафтоданд. Онҳо хурӯшидаву якқад ҷаҳида бо кундасинаю пои пеш якдигарро мекӯфтанд, даҳон гиз кардаю дандон зада буни гардан ва сару китфи ҳарифро мегазиданд.

Астиаг бо мадади Аградод аз рӯи барф хест. Ранги рӯяш парида, аз гояти изтироб дастҳояш меларзиданд. Посбонҳо дарҳол тохта омаданд ва атрофи шоҳро печонида ба афшондани барфҳои ҷомаи фохираи ӯ шурӯъ намуданд. Аградод саросемавор худро ба миёни ду аспи хурӯшону размовар расонида, аз бехи лаҷоми Саманд дошт, ӯро кашолакунону силтавзанон аз набарди тан ба тан раҳонидан мехост. Спитам ҳанӯз ба худ наомада буд, вале Гарпаги рамузфаҳм зуд худро ба пахлуи шоҳ расониду аз таги бозуяш дошта, ӯро таскиндиҳон тамаллуқомез афзуд:

– Ба хайр гузашт, шоҳам, Ҳурмузд мададгор шуд.

– Нобакор, аз паланг ҳам бадхашму чобуктар будааст! – сар афшонд Астиаг қадре ба худ омада.

– Қайсарии саис ба асп низ асар кардаст, – ба дасту пояш мадор давида, пеш омад Спитам.

– Беҳунарии худро ба сари Аградод мезанӣ, Спитам, – гуфт Астиаг бо хашму дурушти. – Бубин, ӯ на фақат маро наҷот дод, балки чун шер худро ба миёни аспҳои хунталаб зада, онҳоро ҷудо мекунад.

Аградод самандро нотарсона кашола карда пештар бурду бо як ҷаҳиш ба пушташ савор шуд. Саманд девонавор чуфтак задаю парида саворашро афтондан мехост. Аммо савор гуё як

узви пайкари саманд бошад, ба пушти ӯ нишаста оташи хашми аспро дучанд меангехт. Саманди бодпо аз афтидани савор умед канда, ночор рӯ ба дашти барфпӯш овард. Аз думболи савор Ашк ҳаллос зада саманди чун тир равонаро таъқиб мекард ва хаёле пай мебурд, ки хатари ноаёне ба ҷони соҳибаш таҳдид менамояд. Пайкари асп ва савори ба ёли ӯ часпида дар паҳнои дашти сафед торафт дуру хурдтар мешуд.

ДИДОРИ МОДАР

Толори бошукӯҳи зиёфат дар қасри хосаи Астиаг, ки ба шарафи омадани духтараш Мандона аз вилояти Аншон оростааст, чандон серодам нест. Ба ин зиёфати шоҳӣ наздиктарин касони хонадони Астиаг – шаҳбону Ариена, духтари калонаш Амутида, домодаш Спитам, бузургвазираш Гарпаг, Атарвони мӯбад даъват шудаанд. Мандона аз паҳлуи рости Астиаг ва шаҳбону Ариена аз паҳлуи чапаш нишастаанд, вале дар бари Мандона як курсии холӣ ба чашм мерасад, ки меҳмони навбатиро интизор аст. Болои мизи пурнозу неъмат лаълиҳои заррини мева, шоҳкосаҳои тилоӣ бо гӯштҳои парандаву чорпо, кӯзаҳои шароби юнонӣ бо тасвири саҳнаҳои майгусорӣ, чомҳои пурнақшу нигори бобулӣ ва чиниҳои лабрези шарбати анор ва дигар хӯрданию ошомиданӣ оро ёфтаанд. Астиаг қаноатмандона аз чой хеста бо нигоҳи асроромезу табассуми рамуздор як-як ҳозиронро аз назар мегузаронад ва рӯ ба Мандона овардa ӯро пазирӣ мекунад:

– Аз дидорат басо шодам, духтари нозанинам – Мандона. Хуш омадӣ ба хонаи падар! Дер боз туро надида пазмонат будам. Имрӯз наздиктарин касони хонадони мо ба зиёфат ва дидорбинии ту омадаанд. Вале дар миёни хешу пайвандон боз як каси бароят хеле азиз намерасад. Ва чуноне мебинӣ, ҷояш дар паҳлуи ту холист. Ба пуштибонии Офаридгори некфарҷом яке аз азизтарин пайванди хонадони шоҳӣ баъди чандин соли беному нишонӣ бозгашт... Ӯро ҳидоят кунед! – каф ба каф кӯфта амр дод Астиаг.

Пардаи даромадгоҳи толори пазирӣ кушода шуда, Аградод бо либоси фохираи ашрофона ворид гашт. Дар симояш шукӯҳу салобати асилзодагии модарзодӣ ҳувайдо буд. Ӯ худро ором вонамудан мехост, вале изтироби ботинӣ ва ҳаяҷон аз нигоҳи парешону саҳл ларзидани ангуштонаш аён мегашт.

– Аградод? – ғуфт Гарпаг.

– Саиси шоҳ? – бо тааҷҷуби шубҳаомез афзуд Спитам.

– Худоё, ин шоҳи пир аз масхарабозиҳояш кай мемонда бошад?! – рӯяшро бо кафи даст пӯшонид шаҳбону Ариена.

– Масхарабозӣ? – Астиаг бо табассуми асроромезе ҳозиронро як-як аз назар гузаронд. – Хеле хуб гуфтӣ, шаҳбону! Вале дарнаёфтам, ки мо масхарабозем ё тақдири носозгор. Чӣ рост истодӣ, Аградод? Ба ҷоят гузару бишин!

Аградод изтироби ботиниашро фурӯ нишонда, бехабар аз ҳангомаи қисмат дар паҳлуи Мандона нишаст. Мандона баробари дидани Аградод пай бурд, ки як эҳсоси гуворои меҳри ниҳонӣ аз дилаш таровида, ӯро сӯи ин ҷавони ношинос тела медиҳад. Вале оҳанги асроромези суханони падар, қиёфаи ҳайратзадаи ҳозирон ва риояи расму таомули дарбор ӯро вомедошт, ки худро ба даст гирад ва кашиши меҳрро фурӯ нишонда, бо нигоҳи ҳаяҷонрез саропои Аградодро биомӯзад.

– Духтарам Мандона, ин ҷавонро шинохтӣ? – озмоишкорона пурсид Астиаг. – Ба кӣ шабоҳат дорад?

– Айши моро талх накун, падар! – Амутида норозиёна аз ҷояш мехезад. – Саисро ба зиёфати шоҳон кӣ монда?

– Ҳама гап дар сари ҳамин аст, Амутида! – гуфт Астиаг бо оҳанги асроромез. – Дарёб, ки саис ба зиёфати хосаи шоҳ чаро омада?

– Дар ин амал ҷуз масхарабозӣ чизеро намебинам, – афзуд Ариена бо дилтангию таассуф.

– Воқеан пешаи шоҳон ҷуз масхарабозӣ коре нест, шаҳбону, – хандид Астиаг. – Масхарабозӣ бо касони худию бегона, бо дӯсту душман... Сарат сафед шуду ин ҳикматро ҳанӯз нафаҳмидӣ?

– Тоқатам тоқ шуд! – барошуфт Ариена.

– Ёфтӣ, Мандона? – ба шоҳбону эътиборе надода боз рӯ ба духтараш оварда Астиаг. – Ба кӣ монанд аст ин ҷавон?

– Чеҳрааш гарм аст, падар, – изтиробашро фурӯ бурда гуфт бехудона Мандона. – Ба касе монандӣ дорад, вале намедонам ба кӣ...

– Ба ҳар ҳол бигӯй, ба кӣ монандӣ дорад? – чашмони Астиаг қаноатмандона медурахшид.

– Намедонам, падар, – даст ба рӯи дил ниҳода ҳаяҷонашро фурӯ нишондан мехост Мандона. – Мстарсам аз гуфтан...

– Матарс, духтарам, ҳарчӣ дар дил дорӣ, бигӯй! – бо лабханди таскинбахш гуфт Астиаг.

– Дилам гувоҳӣ медиҳад, – нафасгир шуда бо овози ларзону пурҳаячон мегуфт Мандона. – Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки ин ҷавон... Ин ҷавон... ҳамон тифли гумшудаи ман аст. Зеро... ба шоҳи олам шабоҳате дорад...

Ҳозирон аз шунидани ин суханон карахт шуда тааҷҷубомез гоҳ ба шоҳу Аградод ва гоҳ ба Мандона менигаристанд. Мизи бошукӯҳи зиёфат дар чашми Мандона хаёле такон мехӯрд, лаълиҳои заррину шаҳкосаҳои тилоӣ меларзиданд.

Мандона чашмонашро беихтиёр пӯшонид ва манзараи мудҳише пеши назараш омад. Кати якпаҳлуафтодаи тифл, рахти хоби сарду холӣ ва аз равзанаи кушодаи панҷарабанд шамоли сард барфрезаҳоро ба дарунӣ хона мерӯфт. Охирин шамъи фурӯзони девор низ аз нафаси тундбод хомӯш гардид ва фигони модари тифлгумкарда ба фазо печид. Дояи ошуфтаҳол чун ҳайкале дар миёни хона карахт монда мадори ҳарфе гуфтан надошт...

Мандона беҳолона чашм кушода, бо дили лабрези меҳр сӯи Аградод нигарист. Вале Аградод бо хунсардии тааҷҷубомезе ором буд, рози дили зани ҳаячонзадаро намефаҳмид. Ба ҳалқаи чашмони Мандона об давид ва дар симои ҷавон меҳри ҷавобие наёфта ба китфи падар такя намуд. Астиаг ҳолати духтарашро пай бурда ӯро ба огӯш гирифт ва самимона гуфт:

– Меҳри модар ба фарзанд бузургтарин атои худост. Ман сари таъзим фуруд меорам назди модаре, ки баъди солҳо тифли гумшудаашро шинохт...

Спитам ва Амутида сӯи якдигар нигоҳи маънидоре афканданд. Шаҳбону чашмони аз даҳшат калонкушодаашро ба Аградод дӯхта беихтиёр аз ҷояш хест. Гарпаг, нигоҳи тезу озмоишкоронаашро ба рӯи Астиагу Аградод давонд. Зиёфат хаёле фаромӯш гашт ва ҳозирон чун гунаҳкорони бегуноҳ лаҳзае ба сукут рафтанд. Хомӯшии гарону тазъиқоварро Атарвон шикаст то аҳли хонадони шоҳро аз ҳайратзадагӣ бираҳонад.

– Бехуда «модар синаи меҳр аст» намегӯянд, – афзуд Атарвон. – Бо иноятӣ Ҳурмузди покманиш Симурғи бахт боз ба дарбори шоҳи олам омад.

– Бахту саодати шоҳаншоҳ поянда бод ва рӯзи бадхоҳону кинаварзон ҷовидона тираю талх! – хушҳолона нидо ангехт Гарпаг.

– Ман ба суханони падари бузургворам гумоне надорам, – бархест Амутида бо лабханди шубҳаомез. – Вале фардо шак-

кокон чӣ мегӯянд?! Шоҳи олам бо кадом далел чӯпонзодаеро набераи худ хондааст?

– Далел? Рост мегӯй, Амутида, – даст ба бағал андохта бозубанди тилоиро берун овард Астиаг бо захрханд. – Бе далели мӯътамад худию бегона сухани шоҳро нахоҳанд пазируфт. Мана, мехрубонам Амутида, барои нобоварону гумонгирони ту нишони раднопазир!

– Бозубанди тилоӣ?! – ҳайратомез ба нақши рӯи бозубанд нигарист Амутида.

– Бале, бозубанди аҷдодӣ бо тасвири Симурғи одамсар! – гуфт Астиаг бо оҳанги голибона. – Тифлро бо ҳамин бозубанд аз рахти хобаш рабуда буданд. Ва ба мехрубонии Яздон бозубанди меросӣ ва соҳибаш бозгашт...

– Писарам! Ҷигарбандам! – Мандона сабру токатро аз даст дода Аградодро ба оғӯш кашид. – Оби чашми модарат аз гамҳои ту хушкид!..

Аградод дар ҳолати ногувор монда, ҷуръат намекард, ки ин зани зебою барояш бегонаро чун модар ба оғӯш гирад. Навозиши нарми дастон, пӯсти сафеду маҳини андом, мӯи марғулаи сиёҳ ва бӯи хуши тани ин зан аз чӣ бошад, дар ниҳодаш мехри фарзандиро ба ҷӯш намеовард.

– Нахустофари ҳастии минӯй тавоноии нотакрор дорад. – сар мечунбонд Атарвон. –Сипос ба даргоҳи Яздони пок, ки тухмаи поки шоҳони Модро ба дурустӣ бозгардонид!

– Ҳоло дастархон бо ҳама нози хӯриш пешкаши шумост! – гуфт Астиаг. – Бифармоед, пайвандони баргузидаи ман!

Нахуст Астиаг бода ошомид ва донаи ангуре ба даҳон афканд. Аградод ба пероҳани хушдӯхту назарраво, тавқҳои тилоии гардан, дастпонаву ангуштаринҳои пурҷило ва дастони сӯи лаълию шаҳкосаҳои пурнозу неъмат ёзида, бо ҳайрату ҳисси кунҷкобӣ менигарист. Ӯ танҳо бурдаи нонеро мешикасту пораи гӯштеро ба даҳон мебурд. Ва ҳаракатҳои бечуръатонаи Аградод аз чашми бобояш ниҳон намонд. Мандона низ соғари шарбате дар даст бозхтиёт ҷуръа-ҷуръа менӯшиду ба қиёфаи тару тоза, солим ва бечирми писараш бо камоли мафтунӣ чашм медӯхт.

– Дастархони моро чӣ гуна дарёфтӣ, Аградод? – Астиаг озмоишкорона ба набераш рӯ овард.

– Шоҳона! – гуфт Аградод ҳушу ёдашро ғундошта.

– Чӣ дигаргунӣ миёни дастархони мову дастархони чӯпонӣ мебинӣ? – суол дод Астиаг.

Барои Аградод посух гуфтан ба ин саволи ногаҳонӣ душвор буд. Вале заковати фитрӣ ёвараш гашту чашм аз дастархони рӯи миз наканда ба қиёс пардохт.

– Барои сер шудани чӯпон роҳ хеле осону одист.

– Чӣ гуна? – пурсид Астиаг ба шавқ омада.

– Чӯпон мардум рост ба тарафи нону гӯшт мераванд, – гуфт хаёломез Аградод. – Вале аҳли дарбори шоҳ ин роҳро борҳо печутоб додаю душвор карда, оқибат ба нону гӯшт рӯ меоранд.

Ҳозирон аз суханони Аградод ба мароқ омада, фаросату зиракии модарзодии ӯро пай бурданд. Вале Астиаги рамузфаҳм зимни ин сӯҳбати хаёле беозор озмудани ақлу заковати Аградодро идома медод.

– Ин гизоҳо аз нон дида лазизу гуворотар аст. Ту, ки дар кӯҳу дашт калон шудай, таъму лаззати онҳоро намедонӣ.

На! – эътироз намуд Аградод. – Ман мебинам, ки аз ҳамаи ин гизоҳо ба шумо нон писандидатар аст.

– Аз кучо медонӣ? – пурсид Астиаг каме ҳайратомез.

– Ҳар гоҳе ки аз дигар гизоҳо бичашед, фавран даст пок мекунед, – далел овард Аградод. – Вале баъди шикастану хӯрдани нон ба дастмол рӯ намеоред.

Астиаг аз самими дил хандид. Рамузгирию зиракии наберааш ӯро мафтун карда буд, аммо пурсишро ҳамоно давом медод:

– Агар ин дам ба ризои дилат бошӣ, барои худ аз дастархон чӣ гизоҳоро бармечидӣ?

Аградод назари кӯтоҳе ба нозу неъматҳои рӯи дастархон афканду бо фосила посух дод:

– Нон... гӯшт... об... ва шояд шаҳкосаи нордонро...

– Ҳамаи гизоҳои номбурда дар ихтиёри туст. Фақат бигӯй, ки онҳоро чӣ гуна сарф хоҳӣ кард? – бо шавқ пурсид Астиаг.

– Ҳиссае аз гӯшту нонро ба Ойбар хоҳам дод, – посух гуфт Аградод. – Ӯ ба ман ҳунари асптозӣ ва шинохтани феълу хӯйи таковаронро меомӯзонад. Порае аз гӯшту устухонро ба додарам Ашк медиҳам, то бисабзаду мадор гирад. Шаҳкосаи нордонаро ба саманди шоҳам мебарам, то ки ниҳодаш нармтар шаваду обруи моро дар пойгаи наврӯзӣ накоҳад...

– Магар сагро бародар хонданат равост, Аградод?

– Ман инсонҳоро хуб намедонам, зеро дар дашту кӯҳ бо онҳо кам вохӯрдаам. Вале борҳо озмудаам, ки саг ба кас аз бародар ҳам бештар садоқат дорад.

-Кӯзаи майро бигир, Аградод ва ба ҷомҳо бирез! – Астиаг чашм ба рӯи Аградод амри шаробрезӣ медиҳад[1]. Аградод ба ҷомҳо шароб мерезад ва дар назди Спитам лаҳзае истода ба андеша меравад. Спитам дар ҳолати ногувор монда, аз қадаҳи холии дасташ чашм намеканад. Ҳозирон ҳайратзада, оқибати корро нигарон гаштанд.

– Чаро ба Спитам бода намерезӣ, Аградод? – пурсид Астиаг.

– Дар чашмонаш кинае ниҳон мебинам, ... ва бадхоҳие, – хаёломез посух дод Аградод. – Ба ӯ меҳрубонӣ кардан магар равост?

Ҷоми холӣ аз дасти Спитам афтода, аҳли зиёфат лолу ҳайрон монданд. Ранги рӯи Амутида низ беихтиёр канд. Вале Астиаг бо тамкину солории шоҳона ба ҳозирон озмоишкорона менигариста қоҳ-қоҳзанон механдид.

– Аз ту низ чун бобоят масхарабози хубе мебарояд, Аградод, – аз ғояти ханда нафасгир мешуд Астиаг. – Ва барои кушоиши ин ҳунар аспи самандро бароят тӯҳфа мекунам.

– Сипосгузорам, шоҳи дасткушоди накӯрой! – ҷоми шароб дар даст каме сар ҳам намуд Аградод. Ва ҳозирон аз ҷасорату густохии ӯ лаб газида, дар симояш фарри нусрату пешомади тозаеро мебинанд.

НАВРӮЗИ ИШҚ

Дар дашти пахновари Экбатана нафаси сабзи баҳор эҳсос мегардид: замин сабз, домани дашту теппаҳо сабз ва ҳатто қатраҳои шабнами рӯи гиёҳҳои навруста сабз. Хаёле хуни сабзи ҳаёт дар ин соат ба ҷисму ҷони табиат давида, аз фарорасии Наврӯзи оламафрӯз башорат медод.

Аз паси кӯҳи дурдур, аз домани уфуқ партави субҳ нур мегирифт. Дар оташкадаи чортоқи аҷдодӣ андаруни оташдони бузург оташи пок аланга мезад. Атарвони бузург бо мӯи сафеди ба сари китфон хамида ва риши нукрафоми дароз даст ба сӯи шафақи субҳ ёзида маросими ситоишу ниёишро ба ҷо меовард. Чаҳор мӯбади гуногунсоли сафедпӯш аз чаҳор самти оташкада рӯ ба оташи пок ситоишу ниёишро такрор мекарданд. Дар миёни пешонаи фарохи Атарвони бузург ва мӯбадон

---

[1] Ривояти интиҳоби ғизо ва шаробрезии Куруш дар таърихномаҳои юнонӣ омадааст, ки онро муаллиф вобаста ба ҳадафи эҷодӣ каме дигаргун намуд.

тасвири офтоби нурафшон бо ранги зарҳалӣ сабт шуда буд. Дар ду тарафи парчами наврӯзӣ қурси офтоб ва рамзи салибосои сувастӣ – гардуна бо чаҳор ранги фасли сол – сабзу сурх ва зарду сафед, ки ба ҷунбиши меҳвари замин дар гирди офтоб ва тағйирёбии фаслҳои табиат ва иқлим далолат мекард, нақш баста буданд.

Офтоби нурафшон аз паси қуллаҳо сар кашиду мӯбадон барзагови сафедро ба замин хобонда, ба шарафи фарорасии Наврӯз ва огози нахустин рӯзи Соли нав қурбонӣ намуданд. Хуни гови сафедро дар ташти тилоӣ гирифта ба Атарвони бузург доданд. Атарвон зарфи моломоли хунро ба истиқболи нурҳои офтоби субҳ болои ду даст бардошта ниёишро идома медод. Ӯ бо солорию тамкини бузургворонае пеш рафта ҳиссае аз хунро ба замини навкишта, ҳиссаи дигарашро ба оби равони рӯд ва ҳиссаи охиринро ба оташдони пок рехту[1] ниёишро фарҷом бахшид.

Бонги карраной, хурӯши шайпур, зарби осмонкафи таблу нагора ва фигони най рӯин баланд гардид. Саворон аз миёни издиҳоми тамошобинони гуногунлибос бо дирафшҳои дорои тасвири хӯршеду паланг, моҳу ситораҳо ва шеру уқоб ба таковаргоҳ – майдони пойга меомаданд. Дирафши сабзи дорои рамзи офтоби нурафшони зарҳалин дар дасти Аградоди савори Саманд парафшон буд. Пешопеши ӯ Спитам савори Сиёҳмушкин бо яктаҳи хусравонӣ ва кулоҳи заррин асп меронд. Аградод бар тан нимпӯстини беостин, куртаи чарминаи тунук, шалвори дароз ва мӯзаи соқбаланд дошт.

Човандозони савори аспҳои саманд, ҷиран, сиёҳмушкин, абраш, булут, сурхпӯ ва дигар рангу тобишҳо дар таковаргоҳ саф мебастанд. Аспҳо бекаророна пой кӯфтаю сӯи якдигар нигоҳи оташин афканда гарданак мезаданд ва шиҳаи довталабона мекашиданд. Ёлу думи пурҷилояшон дар ҳавои ҳаракатҳои бетоқатонаи онҳо такон хӯрда мавҷ мезаданд. Човандозон низ хилъатҳои рангоранги идона пӯшида буданд, ки аз миёни онҳо бохтариён бо кулоҳи дароз, юнониён бо хӯди рӯин, сакоиҳо бо кулоҳи намадин ва суғдиҳо бо мӯйҳои дарозу пешонаи тасмабандашон фарқ мекарданд.

---

[1] Маънии ин амал дар огози Соли нав ва фарорасии Наврӯз аз эзади нуру фаровонҳосилӣ Митра ва эзади обҳо Аноҳито хостани серобию файзи борон, аз эзади оташу ҷанг Баҳром кам кардани мусибати ҷангу хунрезиҳост.

Ойбари хушҳол аз лаҷоми саманд дошта, аспҳои човандонзонро бодиққат муоина мекард ва Аградодро рӯҳбаланд менамуд. Ӯ саиси одӣ бошад ҳам, вале дар аспшиносию баҳо додан ба ҳусну кубҳи таковарони сафбаста касе ба ӯ баробар шуда наметавонист. Нигоҳи Ойбар ба рӯи савори хушпайкари резаҷусса, ки бар даст дирафши рамзаш уқоби пӯлодчангол дошт, қарор гирифт. Аспи саропо сафеду пешонааш ситорадори ӯ аз дигар аспони довталаб мавзунпайкару хурдтар менамуд.

– Ба савори парчами уқобдор нигар! – гуфт Ойбар чашми харидориашро аз аспи сафед наканда. – Худаш ҳам резапайкар асту аспаш ҳам. Аз табори тӯрониҳои чобуксавор мебошад. Дар ин тӯдаи саворон ягона аспе, ки ба гумон аз Саманди ту бигузарад, ҳамин аст.

– Рост мегӯӣ, Ойбар, – тасдиқ намуд Аградод. – Аспаш чобуку варзида менамояд. Вале савораш ҷавонтару корноозмуда ба чашм мерасад.

– Не, Аградод, – бо эътимоду боварӣ гуфт Ойбар. – Тӯронитаборон аз овони тифлӣ аспсаворанду таковарпеша. Ҳатто лаҳзаҳои кӯчбандӣ ҷои хуфту хобашон низ зини асп аст.

– Ба аспшиносии ту шак надорам, – гуфт каме шубҳаомез Аградод. – Вале чашмам намегирад, ки ин ҷавони резапайкар бо аспаш аз ҳамаи саворон пеш гузарад.

– Тӯрониҳо аспро мепарастанд ва онро нишони шукуфоии зебоӣ дар байни офаридаҳои Яздони пок мешуморанд, – афзуд бо лабханди маънидору гуворо Ойбар. – Аспашонро ҳатто ба андози як кишвар намедиҳанд. Мегӯянд, ки асп бебол парвоз мекунад, бе шамшер душманро мекушад ва саворашро чун бод аз чанги бало мераҳонад...

Садои шайпури рӯин, ки ба саворон фармони саф бастан медод, сухани онҳоро шикаст. Астиаг қабои хусравонӣ бар тан ва тоҷи шоҳона бар сар аз тахт барҳеста, ҷониби Аградод, Спитам, Фаронак, Ҳурдод ва дигар саворони сафбаста даст меафшонд. Аградод бо нишони эҳтиром сар фуруд оварда, дирафшашро ба Ойбар супурд.

Аспҳо дар сари таковаргоҳи домани дашти сабзпӯш чун пештара пой мекӯфтанду сар меафшонданд ва довталабона шиҳа мекашиданд. Шайпур бо навои баландаш аз огози мусобиқа мужда дод. Шоҳ рамузгирона сӯи Гарпаг нигариста бо сарафшонӣ огози пойгаро фармуд. Гарпаг зеҳи камонро таранг кашида, тири хаданги зарринпайконро, ки барои садо ан-

гехтан бар килкаш пари товус ва ёли асп баста буданд, ба миёни таковаргоҳ афканд.

Селаи аспҳои хурӯшон дар паҳнои дашт пешодумбол тохта, гӯё замини карахту дар зимистон баросударо аз хоби гарон бедор мекард. Саворон бо ситезу валвала дар паҳнои дашт торафт дур рафта, дар паси теппаи нишебрӯе нопадид гаштанд.

Саманди Аградод ва Сиёҳмушкини Спитам аз сафи саворон чудо шуда, фосила ба фосила пеш мерафтанд. Таковарони гарданкаш силтав задаю хез гирифта, паҳлу ба паҳлу метохтанд ва саманди чобукпой аз харифаш вачаб ба вачаб пеш мегузашт. Спитам ба хашм омада Сиёҳмушкинро зери тозиёна мегирифт, вале Саманд бидуни чашмдошти ӯ Сиёҳмушкинро ду қади найза қафо мегузошт. Аз пас аспи сапеди човандози тӯронӣ селаи саворонро гузаштаю суръати тохташро афзуда аз думболи Сиёҳмушкин рост мешуд.

Спитам аз ин ҳол бештар ба хашм омада, Сиёҳмушкинро девонавор маҳмез мезад ва гоҳ-гоҳе хавотиромез ба қафо менигарист. Аммо чобуксавори тӯронӣ гӯё бо аспаш як чисму чон бошад, дилпурона фосилаи миёни ду аспи пешорӯяшро дам ба дам кӯтоҳ мекард. Таковари сафед, ки шояд нерӯяшро маҳз барои ҳамин лаҳза нигоҳ медошт, басо осон ба Сиёҳмушкин расида, пешонаи ситорадораш ба рикоби Спитам рост гардид. Чашмони кинабори Спитам дурахшид ва тозиёнаи сахти чармибофташро кашидаю кушода ба пешонаи аспи ҳариф фаровард.

Таковари сафед аз зарбаи ногаҳонӣ як қад чаҳида сари ду по рост шуд. Савори резапайкар аз ин чаҳиши девонавор мувозинат бохта, муаллақзанон ба замин афтод ва гелида ба канори роҳи нишебрӯ рафт. Зарби чонкоҳи тозиёна ва сари ду по хез гирифтани бидави сафед аз чашми Аградод ниҳон намонд.

Ӯ лачоми аспашро беихтиёр кашид, Саманди дартоз нимдавра тоб хӯрда, болои сари савораи мадҳуш омад. Аградод хато накарда буд. Савори ёзида мӯи дарози то сари зону хамидаи қиргун дошт ва беёд мехобид. Аградоди ҳайратзада аз асп чаҳида фуромад ва сари савораи беҳушро эҳтиёткорона бардошта, ба рӯи орому аз қатраҳои арақ таршудаи ӯ нигарист. Рӯю гардани сафеду покиза, рухсораҳои арғувонӣ, абрӯи камоншакл ва голияи мӯйҳои ба сари сина парешонаш гувоҳӣ медод, ки рӯи дасти ӯ сари духтари қадрас орамидааст.

Аградод дастони ларзонашро ба мӯи парешони духтар бурд

ва онро шамид. Мӯяш шамими атру бӯи хуши гулҳои даштиро дошт. Шояд ба дӯшиза будани савор ҳанӯз бовар надошт, ки гӯшаш оҳиста поён омад ва ба рӯи синаи гарму чун анор дамидаи духтар қарор гирифт.

Дӯшиза аз расидани дасти бегона ба хуш омад ва чашм кушода дид, ки Аградоди лолу нигарон ба рӯи синааш хам шуда, ба тапидани дилаш гӯш медиҳад. Ӯ бо чолокии гурбавор аз камараш кафкордеро кашида, дар як мичазанӣ онро ба зери гулӯи Аградод ниҳод ва бошитоб аз чой хест. Аспи бидави сафед гӯё хестани соҳибашро интизор бошад, дар лаби борае истода нафас рост мекард.

Аградод ҳанӯз ба худ наомада, духтар бо чанд чаҳиши чобукона ба аспаш расиду худро ба хонаи зин гирифт. Таковари сафед бо ҳамон сабукӣ ба самти муқобили дашт шитофт ва аз селаи саворон дур шуд. Аградоди сари зону ҳайрон монда, рӯи сабзаҳои пахшхӯрда ҳалқаи рахшонеро дид, ки дар партави офтоб чило медод. Ачабо, гесӯбанди заррини дӯшизаи нозанин рӯи сабзаҳо мехобид.

Аградод гесӯбанди хушсохти тилоиро чанг зада гирифт ва зуд ба аспаш савор шуда аз думболи духтар афтод. Вале таковари сафед хеле дур рафта ба ӯ расидан амри маҳол буд. Аградод аспашро бозгардонд ва ба гесӯбанди чилодор бо диққат нигарист. Гесӯбандро заргарони моҳир ба шакли уқоби болҳояш кушодае сохта буданд ва ёкути аргувонии калоне ба шакли дил дар синааш чило медод.

Саманд ҳамвор роҳ мепаймуд ва Аградод хаёле пойгаро фаромӯш карда ба нақшунигори нафиси гесубанд зеҳн мемонд. Ӯ ҳатто савори асп ба паҳлӯяш расидани Ойбарро пай набурд.

– Чӣ гап шуд, Аградод? – хавотиромез пурсид Ойбар. – Ман ҳеч бовар надоштам, ки саманди ту пас мемонад.

– Ту медонистӣ, ки савори аспи сафед духтар аст? – чашм ба рӯи Ойбар дӯхт Аградод.

– Духтар будааст? – ҳайрон шуд Ойбар. – Не, намедонистам.

– Спитами номард ба пешонаи бидави сафед тозиёнае заду асп саворашро афтонд, – таассуфомез оҳ кашид Аградод. – Ман гесӯи сиёҳи дарозашро дида ба ёрӣ шитофтам.

– Ҳоло фурсати гап нест, ба пеш Аградод! – аспашро маҳмез зад Ойбар. – Шоҳаншоҳ расидани самандро нигарон аст!

Онҳо асп тозонда ба таковаргоҳ дертар аз дигар саворон расиданд. Астиаг хашмгин буд, вале хашмашро дар рӯзи ид

ниҳон дошта, Спитамро таҳсин мехонд. Аградод аз тӯдаи саворони хушҳол дур шуда, ба паҳлӯи Ойбар омад. Ӯ ҳанӯз ҳам шефтаи дӯшизаи гуреза буд ва дилаш аз гояти эҳсоси барояш ноошное такон мехӯрд.

– Аҷаб чобуксаворе буд! – ҳаяҷонашро фурӯ менишонд Аградод. – Таковараш чун бод метохт.

– Фирефта машав, Аградод! – ҳолати ӯро пай бурда таскин бахшид Ойбар. – Шояд чавонписаре ба бузургдошти Митра гесӯи дароз монда бошад.

– Не, савбори бидави сафед якин духтар буд, – эътироз намуд Аградод. – Мана гесӯбанди зарринаш, ки онро афтонда рафт.

– Аз табори массагетҳо будааст, – гуфт Ойбар ба ороиши гесӯбанд зеҳн монда. – Аз хонадони Уқоби бузург.

– Уқоби бузург? – аз паҳлуи Ойбар асп меронд Аградод. – Ин хонадон дар кучо ошён дорад?

– Чӣ зуд дилатро рабуд?! – хандид Ойбар. – Ҳушёр бош, дӯшизаҳои тӯронӣ басо хатарноканд!

– Шӯхиро бимон, Ойбар, – аз ошкор шудани розаш ҳаросид Аградод. – Ман медонам, ки ту аз табори тӯрониҳой. Бигӯй, ки массагетҳо кистанд, аз кучо омадаанд ва макони буду бошашон кучост?

– Ин сухани бисёр дароз ва пурҳангома аст, Аградод, – ба андеша рафт Ойбар. – Аз рӯи шунидам, буняву хонадонҳои сершумори ориёӣ дар сарзамини паҳновари Ориёвич, яъне Фарохнои Ориёно[1] зиндагӣ мекардаанд. Ин сарзамини пурфайзу баракат миёни ду дарёи бузург – Охшо ва Яхшо[2] воқеъ будааст, ки рӯдҳонаҳои он ба дарёи азими Воруката мерехтааст. Хонадонҳои далеру пархошҷӯйи ориёитаборон худои бузург Митраро мепарастидаанд, ки он рамзи рӯшной аст.

– Митра рамзи Меҳр, фурӯғ ва нур аст, – суханони атарвони кӯҳансолро ба ёд овард Аградод.

– Оре, эзади офтобу рӯшноист, – тасдиқ намуд Ойбар. – Вале ин хонадонҳо боз худоҳои дудмони хешро доранд, ки ба он падош ва назру ниёз меоваранд. Чуноне ки мебинӣ, рамзи хонадони ин духтар уқоб буда, онро гиромиву бузург медоранд.

– Магар массагетҳо низ аз табори ориёиҳоанд? – аз гаравидани сухан ба хонадони духтари фирорӣ шод шуд Аградод.

---

[1] Ин истилоҳ аз китоби «Тоҷикон»-и Б.Ғафуров оварда шуд.
[2] Ому ва Сир.

– Бале. Онҳо ҳафт қабилаи бузурги чодарнишину чорводори ориётаборанд, ки худро массагет, яъне гетҳои бузург[3] меноманд, – ҳамаи заковати фитриашро ғундошта афзуд Ойбар. – Ба назарам массагетҳо қабилаҳои апасакҳо, яксартҳо, дербикҳо, тахорҳо, сакоиҳои ҳаомаварз, мардҳо ва сакоиҳои тиграхӯдро гирд месозанд. Онҳо дар биёбон, даштҳои паҳновар, доманаи кӯҳҳо ва канори рӯдхонаҳо зиндагӣ мекунанд.

– Бо кадом забон сухан мекунанд? – дар бораи он дӯшизаи барояш азиз ҳарчӣ бештар донистан мехост Аградод.

– То ҷое ман медонам, онҳо забонҳои бохтарию сугдӣ ва хоразмиро хуб мефаҳманд ва гуфторашон ба мардуми мо хеле наздик аст, аммо ҳарки хаёлашро аз рӯи Аградод наканда афзуд Ойбар. – Онҳо худро тӯронӣ, яъне хонадонҳои чорводори бодиягард мешуморанд.

– Модоме чун мо ҳарф бизананд, чаро аз қавмҳои ориёӣ ҷудою пароканда шудаанд? – боз бесаброна суол дод Аградод.

– Ҳикоят мекунанд, ки дар кишвари паҳновари ориёиҳо аз боиси бузургдошти эзади як қабила ва паст задани эзади қабилаҳои дигар душмании авҷ мегирад, – фикрашро бо душворӣ ғундошта посух мегуфт Ойбар. – Тохтутозу ҷангҳо меафзояд. Аз қазо як марди хирадманд бо номи Зардушт ба Балхи Бохтар омада, оташкада месозад. Ӯ худро паямбар ва фиристодаи Яздони пок шумурда, ҳамаи пешвоҳои хонадонҳои ориёии шаҳрнишину саҳроиро ба парастидани Аҳурамаздо – худои ягона раҳнамой месозад. Вале пешвоёни тӯронӣ аз парастидани эзади пешинаи хеш даст намекашанд ва бо ҳамин дар миёни эрониҳою тӯрониҳо ҷудоӣ сар мезанад.

– Пайдост, ки ҷудоӣ дар миёни онҳо аз гаравидан ё нагаравидан ба кеши нави Зардушт сар задааст, – ин қазияро хулоса намуд Аградод.

– Хеле хуб гуфтӣ, Аградод, – фикри ӯро пазируфт Ойбар – Вагарна одату оин ва буду боши массагетҳо аз дигар хонадонҳои ориёӣ дурии зиёде надорад.

– Душмании миёни тӯрониҳою эрониҳоро ман медонистам, Ойбар, – хаёлаш беихтиёр ба сӯи мӯйсафеди атарвон рафт ва дар ин бора сухан гуфтанро раво надид Аградод. – Вале боз пурсидам, ки чизҳои навро дарёбам…

---

[3] Фарзияи илмиест, ки қисме аз муаррихон онро напазируфтаанд.

– Аз кучо медонистӣ, Аградод? – қадре ҳайрон шуд Ойбар.

– Магар фаромӯш кардӣ, ки ту аз хонадони мардҳо ҳастӣ, Ойбар, – ба сӯҳбат хотима бахшид Аградод. – Аз диловартарину пархошҷӯйтарин хонадони тӯрониён...

* * *

Партави моҳ аз равзанаи хона ба бистари орамидаи Аградод метаровид. Шаби маҳтобии баҳор бо таровати хаёлангезаш дар замири Аградод шӯру шавқи ҷавониро бедор карда, хобро аз чашмонаш мерабуд. Ва аз пардаи ҳолаи моҳ ба назараш суроби дилрабои ҷавондухтари тӯронӣ падид меомад, ки бо чобукии ғайричашмдоште кордро ба зери манаҳи ӯ мегузошт. Дасташ рӯи синаи гарму таранг меларзид ва тӯронидухтар бо чобукии гурбаворе ба аспаш ҷаҳида рӯ ба фирор меовард. Бод гесӯвони парешони ӯро боз парешон месохт.

Аградод гесӯбандро дар кафи даст мефишурду аз паҳлу ба паҳлу гашта оҳи сарде мекашид. Ашк дар канори кати ӯ рӯи палосе ёзида, гӯё изтиробу бекарориҳои соҳибашро пай мебурд.

Маҳтоб аз миёни панҷараи равзана нур мерехт ва хаёле Аградодро аз хонаи хоби нимторик ба берун мехонд. Аградод бесадо хеста, ҷомаи шабпӯширо ба китф партофту аз таги болин найи чӯпониашро гирифт. Ашк низ аз думболи ӯ ба роҳ даромад.

Дар боғи калони Астиаг, ки дар домани теппаҷое доман кушода буд, баъзе дарахтҳо гул карда накҳати гуворое меангехтанд. Аградод аз таги дарахтҳои гарқи гул қадам мениҳоду аз қасри шоҳ торафт дур мерафт. Баҳори гулбасар дар шаби хилвати маҳтобӣ зебоии нотакроре дошт. Боғ орому муаттар аз бӯи гулҳо буд ва моҳи мунир аз осмон сӯяш дуруд мегуфт. Аградод дар як гӯшаи боғ сари баландие рӯ ба сӯи моҳ нишаста най бар лаб ниҳод ва навохтани оҳангеро шурӯъ кард.

Най нола мекарду аз ниҳодаш навои олуда ба рози ишқ мехест. Най ҳасрати ишқи поку ногуфта, рози дили аз паи гесӯвони парешон рафтаро тараннум мекард. Най нола мекарду аз замири Аградод меҳри тӯронидухтари фирории савори аспи сафед ва дили гирифтори ишқи аз думболи он саргардон метаровид. Кучо рафта он ёри ноошно ва дар кадом мулку макон орамида? Чаро аз худ ба ӯ ному нишоне нагузошта? Ё қасдан фирор карда, то

ҷони ӯро дар қабзаи оташи ишқ бисӯзонад. Не, шояд фариштае буд, савори аспи сафед, омаду бозгашта ба олами рӯъё, макони моҳу фариштаҳо рафт...

Навои най дар нимашаби маҳтобӣ поён ёфт. Ашк аз ҷояш хеста бо ҳамдардӣ дум меликонд ва бадани соҳибашро мебӯид. Ӯ худро ба тани Аградод молида соҳибашро таскин медод. Аградод низ беихтиёр Ашкро ба бағал гирифта сарашро навозиш менамуд ва боз манзараи таковаргоҳу тӯрӯнидухтари нозанинро пеши назар меовард. Ӯ муддате ба хаёл рафта, аз деворҳои дури қасри дар партави моҳ орамида чашм намеканд. Шаб ноаён мегузашту моҳи танҳои нурполо ба гӯшаи осмон мехазид.

Ашк баногоҳ гардан ёзида гӯшҳояшро сих кард ва бекаророна ба самти қаср нигарист. Аградод аз бекарории саг рамуз бардошта бодиққат ба канораҳои боғ ва самти қаср чашм давонд. Ӯ хатареро эҳсос карда ба замин ёзид ва сари сагашро низ хавотиромез ба поён пахш намуд. Ашк амри соҳибашро фаҳмида, ором гирифту аз суробҳои сари девор чашм намеканд. Дар партави моҳ ду шахси сиёҳпӯше аз болои девор ба ҳавлӣ фуромада, бошитоб худро ба паси дарахтҳо кашиданд.

Сиёҳпӯшон хатареро пай набурда, боэҳтиёт ҷониби қаср мешитофтанд. Шабаҳи тираи онҳо дар партави моҳ аҳён-аҳён падидор мегашт. Аградод қасди бад доштани сиёҳпӯшонро фаҳмида, осемасар ба самти дигари қаср давид. Ӯ аз роҳи ниҳонии гӯшаи қаср ба ҳуҷраи осоиши Астиаг ворид шуда, сагро амр дод, ки худро бесадо ба паҳлуи рахти хоб расонад.

Аградод худро ба кунҷи девор кашида, ҳайкалвор ором гирифт. Вале хун дар шарёнаш метасфид, рагу пайи танаш таранг шуда, эҳсосаш ба хурӯҷ меомад ва чун дарандае омодаи ҳамла мегашт. Ашк низ дар гӯшаи болин ёзида фурсати ба болои ҳарифаш ҷаҳиданро мепоид.

Марди сиёҳпӯши тануманде аз паси пардаи хонаи хоб баромада, боэҳтиёт ба кат наздик меомад. Ӯ дар даст корд дошт ва Аградод дар рӯшании шамъи хирасӯз аз паси никоб танҳо ҷилои чашмони кинахоҳеро медиду бас. Аградод аз ниҳонгоҳаш ноаён берун омад, вале марди сиёҳпӯш ӯро дида дарҳол сӯяш корд афканд. Аградод гурбавор хам зад ва корд бошаст омада ба китфаш халид. Ашк якбора ба марди сиёҳпӯш дарафтода аз банди дасти ӯ газид. Мард бо силтаве сагро барафканда дасташро раҳониду гурехт.

Астиаг аз садои ногаҳонӣ ҷаста бедор шуд ва Аградодро

дар болои сараш дида ҳайрон монд. Аз буни китфи кордрасидаи набераш хун метаровид. Аградод кордро аз китфаш бо шиддат рабуда, аз думболи марди сиёҳпӯш тохт. Астиаг хатари ба сараш омадаро пай бурда, худро ба даст гирифту ҳамроҳи хоҷасарой ва посбон аз думболи Аградод шитобид. Баъди фурсате Аградодро дучор омад, ки китфи хуншорашро дошта, дар роҳрави даромадгоҳ пасу пеш мерафт ва парешонхотирона деворҳоро мепалмосид. Астиаг бо посбони машъалдор аз пас расиданд.

– Чӣ гап шуд, Аградод? – бо изтиробу парешонӣ пурсид Астиаг.

– Қушандагон дар ҳамин ҷо нопадид шуданд, ҳанӯз ҳам тани деворро мепалмосид Аградод. – Рӯи ҳавлӣ баромаданашонро надидам. Ҳама ҷоро кофтам, наменамоянд. Ба замин даромаданд чӣ бало?!

– Кӣ буданашонро нашинохтӣ? – ҳанӯз аз тарс меларзид Астиаг.

– Не. Сару рӯяшон аз таги чодари сиёҳ наметофт.

– Чанд кас буданд? – худро ба даст мегирифт Астиаг.

– Ду кас. Саропо либоси сиёҳ ва корд доштанд.

– Аз куҷо омаданд, Аградод?

– Аз болои девори ҳавлӣ фуромаданд. Ашк бетоқатӣ кард, бинам ду сияҳпӯш ба кӯшки шумо наздик меоянд. Дилам дур рафту худро ба хонаи хобатон расондам.

– Умрат дароз бод, Аградод! – бо сипогузорӣ гуфт бобояш. – Маро аз марг раҳонидӣ!

Астиаг нақши барҷастаеро дар девори даромадгоҳ бо кафи дасташ пахш кард. Девор тоб хӯрда баробари қади одам кушода шуд ва аз нимторикии таҳхона поймонакҳои мармарин намудор гашт. Посбони хоса пеш-пеш машъал дар даст ба таҳхонаи зеризаминӣ фуромад. Астиагу Аградод аз думболи ӯ шитофтанд. Ашк низ пайи душманро шамида, аккосанон пеш тохт. Аз гардиши таҳхона дар гӯшае никоби сиёҳ намудор гашт. Аградод никобро бардошта дид, ки олуда ба хун аст.

– Чодарашро афкандааст, – таассуфомез гуфт Аградод. – Бо ин газвор сару рӯяшро печонида буд.

– Афсӯс ки раҳидаанд, нобакорон! – бо газаб дандон соид Астиаг. – Ин кори дасти бегона нест. Дар паси ин ҷонбозӣ наздиктарин касони шоҳ истодаанд!

– Наход! – ҳайрон шуд Аградод. – Чӣ намерасад ба инҳо?

– Тоҷу тахт ва шукӯхи шоҳӣ, Аградод! – ва рӯ ба посбон оварда амр дод: – Бирав, Гарпагро бедор кун! Бигузор зуд бирасад!

– Аз кучо пай бурдед, ки сӯиқасд кори дасти бегона нест? – рози ин муамморо кушодан мехост Аградод.

– Ин роҳи ниҳониро ғайр аз аҳли хонадони шоҳ ва Гарпаг касе намедонад.

– Магар ҷову пояи доштаашон кофӣ нест? – суол медод Аградод. – Чаро чӯпоне дар кӯҳу адир бо ними нон ризоманду ин гургхӯён дар бистари пари қу ҳам осуда намехобанд?

– Акнун бо чашми сар талоши паси пардаи дарбори подшоҳонро дидӣ, Аградод, – гуфт бо писханд бобояш. – Ба ин набардҳо омода бош! Сеҳри тоҷи подшоҳӣ аз ҳама дорой фиреботару кашандатар аст! Хирадро тира мекунад, бародарро ба куштани бародар, писарро ба куштани падар раҳнамун месозад!..

– Гарпаг нест, бузургворам, – бозгашта таъзим намуд посбон. – Ҳамроҳи писараш Фаронак ба боргоҳи лашкар рафтааст.

– Ҳамроҳи Фаронак? – лаҳзае ба андеша рафт Астиаг. – Туро ҳам, Аградод, аз бистари кӯдакӣ ҳамин ҳавову нияти расидан ба тоҷи шоҳӣ дур афканд. Ту ягона вориси ман будӣ ва гайб заданат роҳи душманро ба сӯи тахту тоҷ осон мекард...

ЗИЁФАТИ ХОСА

Толори қасри шоҳ бо шукӯҳу шаҳомати хоса ороста шудааст. Астиаг ба тахти шоҳӣ бо оринҷаш такя дода менишаст ва сарони лашкарро як-як аз назар мегузаронд. Нигоҳаш ҷиддию ором буда, касе намедонист, ки дар таҳти ин нигоҳҳо чӣ асроре нуҳуфтааст. Гӯё ҳайкалест ором, мӯҳташам ва босалобат. Аз муқаррабони ӯ Гарпаг, Спитам, Аградод, Ҳурдод, Атарвони мӯбад ва сарони лашкар амри шоҳро нигаронанд.

Астиаг оромона аз ҷой бархост ва дар пешорӯи Гарпаг қарор гирифт. Нигоҳи тезу рамузгираш ба рӯи Гарпаг давид. Чашмонаш барқ мезад ва нигоҳаш гӯё теғе буд, ки ба дили Гарпаг мехалид.

– Ҳама сипаҳсолорону сарлашкарон ҳозиранд? – чашм аз рӯи Гарпаг наканда пурсид Астиаг.

– Бале. Бо амри шоҳ кулли сарони лашкар омаданд, – посух дод бо таъзими фурӯтанона Гарпаг.

Астиаг ба сарони лашкар ва дарбориён нигоҳи рамзудоре афканда, дар саҳни толори барҳаво пасу пеш қадам мезад ва

фикрашро ғундошта бо қаноатмандӣ тақассум менамуд. Чашмони пурасрор ва гирои ӯ гӯё ниҳонхонаи дили ҳозиронро кофта, ҳама сирру савдояшонро берун мекашид.

– Подшоҳи чангал – шери бадхашм пиру нотавон гашт ва орзуи рабудани тахт аз таги пои шер ба дили шаголи маккор афтод, – заҳрханде бар лаб бо оҳанги муаммоангез ба гуфтор шурӯъ намуд ӯ. –Андешиду чора ҷуст ва ба ин расид, ки ба бистари хоби шери пир шабохун занаду ӯро ба чанги марг супорад. Нимашаб ба чодари сиёҳ печиду корди хунрез бар даст қасди ҷони шер кард. Аммо ӯ аз хости Яздони пок гофил буд ва ёдаш намерасид, ки офаридагор нигаҳбони ҷони шер аст...

Астиаг лаҳзае хомӯш монд ва давоми нақлашро қасдан қатъ намуд. Ӯ бо шукӯҳу салобати хосае, аз миёни муқаррабон ва сарони лашкар солорона қадам мениходу нигоҳи тунду маънидорашро ба рӯи онҳо медӯхт. Аградод эҳсос мекард, ки нигоҳи бобояш чун корд ба вуҷуди ҳозирон халида, мадори чисму ҷонашонро мерабояд ва аз фаро расидани ҷазои мудҳише бараяшон башорат медиҳад.

Шоҳи пир голибона ягон-ягон қадам мениходу аз қудрату тавоноии хеш ҳаловат мебурд. Ӯ дар ин лаҳза даҳшатноктар аз аҷал метофт, ки қодир аст ҷонро қабз намояд. Астиаг оқибат баргашта дар пешорӯи домодаш Спитам ва Гарпаг қарор гирифту суханашро идома дод.

– Ва шери пир субхи содиқ тоату ибодати Яздони нок ба ҷой оварда, сипосу бузургдошти Ҳурмузди накӯройро бо хун биситуд, – бо оҳанги голибонаи розомез мегуфт Астиаг. – Зеро аз азал расме омада, ки хунро бо хун мешӯянд...

Дар пешонаи Спитам донаҳои арақ медамид ва Гарпаг аз теги нигоҳи пурасрори шоҳ ноҳинҷор шуда, ҳис мекард, ки фарҷоми ин саҳна басо талху даҳшатнок аст. Вале ғайричашмдошти ӯ овози Астиаг нармтар гардид ва ба Гарпаг рӯ оварда аз зери оринчи ӯ дошт.

– Ба иноятн Яздони пок хуни қурбонӣ подоши ҳок, об ва оташи пок гашт. Ва аз тани ӯ барои бузургвазир ва сарони лашкар хони вижае оростанд. Бифармоед!

Астиаг бо ҳавои даст ҳозиронро ба хони оростаи миёначои толор пеш хонд. Аммо ҳама ба сӯи хон бо камоли шубҳаю нобоварӣ нигариста,ҷуръати пеш рафтан намекарданд. Шоҳи пир ҳолати онҳоро пай бурд ва худ нахустин шуда ба сари хон омад.

– Бузургвазири шоҳ, Гарпаг! – бо назокату меҳрубонӣ сӯяш хонд Астиаг. – Чӣ истодаӣ? Меҳмононро пеш хон! Тани қурбонӣ нӯши ҷон бод!

– Бифармоед, меҳмонони азиз! – Аз ҳолати карахтӣ раҳид Гарпаг.

– Дар пора кардани тани мийазд[1] аз ту хубтар касе намебинам, – бо меҳрубонии сохта кордро сӯи Гарпаг дароз намуд Астиаг.

– Дар ин кори нек Атарвони мӯбад шоистатар аст, шоҳам, – кордро бечуръатона гирифт Гарпаг.

– Дарего, ки Атарвони мӯбад ҳангоми подории мийазд ва сар задани қурбонӣ аз ҳуш рафт, – ботинан меболид Астиаг. – Бифармо, дӯстам! Аз ту арзандатар касе дар ин ҷо нест!

– Аз меҳрубонии шоҳам, сипосгузорам!

Гарпаг таъзими шоҳро ба ҷо оварда матои оҳариро аз болои қурбонӣ гирифт. Дилаш бо ҳаросу изтироб метапид ва ҳис мекард, ки дар паси ин амали шоҳ макри тозае нуҳуфтааст. Ҷасади пухтаи қурбонӣ ба чорпоён шабоҳат надошт. Ҷисми махлуқеро мемонд, ки сару дасту пойҳояшро ҷудо кардаанд. Дасти Гарпаг меларзад ва лаҳзае дар болои қурбонӣ ҳайрон монда, чуръати корд давондан намекард.

– Дӯстам, Гарпаг, чаро дастонат меларзанд? – механдад Астиаг. – Ҳайронам, ки ту зуд пир шудаӣ ё ман?

– Мийазд дар чашмам дигаргуна метобад, шоҳам, – овози Гарпаг қадре меларзид.

– Боке нест, дӯстам. Ин мийазд ба ростӣ шоҳона ва нодир аст! Пора кун, ҳама чашмдори туст!

Гарпаг бо дастони ларзон порае гӯштро бурида ба табақчаи заррин ниҳод ва сӯи шоҳ дароз кард. Ӯ ҳис менамуд, ки дар ин саҳнаи оростаи шоҳи пир тақдираш ҳал мешавад. Вале намедонист, ки ин бозии пурасрор бо кадом рангу сурат анҷом мепазирад.

– Пораи нахустин сазовори шоҳи бузургвор аст, – гуфт Гарпаг таъзимкунон ҳама мадори танашро ғундошта.

– Аз қурбонии худ хӯрдани шоҳон раво нест, Гарпаг, – сар афшонд Астиаг. – Насибаи худро ба ту мебахшам! Бичаш, дӯстам, нӯшат бод!

Гарпаг бо дастони ларзон лукмаро ба даҳон бурд. Ин лукма гӯё заҳр дошта бошад, эҳсоси табиие ӯро аз хӯрдани гӯшт бозмедошт. Вале амри шоҳ воҷиб аст ва ӯ хоҳу нохоҳ лукмаи на-

---

[1] Мийазд – қурбонӣ.

хустинро хоида бо азобе фурӯ бурд. Ҳозирон музтарибҳолона ба Гарпаг менигаристанд, аммо шоҳи пир бо камоли қаноатмандӣ ҳолати ӯро тамошо мекард.

– Қурбонӣ писанд омад, Гарпаг? – пурсид бо лабханди хушҳолона Астиаг. – Лаззати гӯшти чиро дарёфтӣ?

– Нафаҳмидам, шоҳам, – посух дод Гарпаг бо парешонӣ. – Ба гӯшти ягон ҷондор монанд нест.

– Боз бихӯр, дӯстам! – ботинан меболид Астиаг. – Шояд шиносӣ!

– Не, наёфтам, шоҳам. – Гарпаг луқмаи дигарро ҳам дилу бедилон фурӯ бурд. – Мазаи гӯшти сайдро ҳам надорад...

– Биёред! – даст кӯфта амр дод Астиаг. – Бигузор сари қурбониро бо чашмони худ бубинад!

Ошпази шоҳ лаълии бузургии заррине болои дастон даромад, ки рӯи онро бо матои суфи хунолуде пӯшонда буданд. Ӯ лаълиро рӯи миз, пеши Гарпаг ниҳоду бо таъзим паснокӣ баромад. Аградод беихтиёр наздиктар омада, интизори гирифтани матоъ гашт. Гарпаг бадбахтии мудҳишеро пай бурда, ду чашм ба рӯи лаълӣ лаҳзае карахт монд.

– Чӣ шах шудӣ, Гарпаг?! – ӯро ба ҳуд овард подшоҳ. – Газвор бардор!

Матоъ оҳиста аз рӯи лаълӣ лағжид ва аз таги он мӯи сиёҳ, пешонаи ҳамвор, абрувони камоншакл, чашмони кушода ва гардани буридаи Фаронак падид омад[1]. Гарпаг фиғоне кашида ба рӯи дастони Аградод беҳуш афтод. Аградод карахт шуда, рагу пайванди ҷанаш меларзид ва аз чашмонаш беихтиёр ашк метаровид. Дар рӯи ҳозирон асари даҳшат ва ҳароси ғайриоддие нақш баста, ҳама якбора моту мабҳут гаштанд. Аммо Астиаг бо виқору салобати пешина бар тахт нишаста бо камоли хунсардӣ ва голибият суханашро идома медод.

– Ва шаголи бадбахт ноогоҳ аз пешомади талхи пешона ҳатто гумон надошт, ки гирифтори чунин баҳои даҳшатнок мегардад. Ҳа – ҳа – а – ҳа – а...

Астиаг талху фосиладору ҳавлангез хандид. Аҳли дарбор ва сарони лашкар дар ҳолати ногуворе монда чӣ кор кардаанашонро намедонистанд. Дар саҳфи толор хандаи таҳдору талхи

---

[1] Ҳеродот дар қатори чандин бераҳмиҳои Астиаг фарзанди ягонаи Гарпагро куштаи ба ӯ пухта хӯрондани гӯшти писарашро зикр кардааст.

Астиаг ҳамоно садо медод. Ва суханони дурушту голибонаи ӯ чун оби сарде ба сари ҳозирон мерехт.

– Бо шерон сар ба сар шудан кори шаҳол нест. Зеро ҳар тохтан ба ҷон аз думболаш баҳои тарсхезу даҳшатнокеро меорад. Ва шоҳон аз бадхоҳони хеш интиқоми мудҳишу ибратомӯзе меситонанд. Баред ӯро! Ҷои ин бадбахт зиндон аст!

Посбонон аз таги оринчи Гарпаги беёд дошта кашолакунон бурданд. Нафаси Аградод хаёле ба дарун афтод ва ӯ дасти ларзонашро ба мӯи Фаронак расонид. Сипас ӯ ангуштони олуда ба хунашро пеш оварда, бовар намуд, ки дар рӯ ба рӯи ӯ сари беҷони Фаронак истодааст.

Ӯ манзараи шабро беихтиёр пеши назар оварду шубҳае ба дилаш роҳ ёфт. Марди ниқобпӯш тануманду чолок буд ва ба Гарпаги пиру солдида шабоҳате надошт. Бо як такон Ашкро ба замин афканд ва худ чобукона фирор намуда, дарҳол ғайб зад. Ашк аз банди дасташ газида, кордашро афтонда буд. Ва гумон аст, ки ҷароҳати дасташ ба ин зудӣ шифо ёбад.

Нигоҳи Аградод ба рӯи Спитам афтод. Ӯ бечораҳолона сар ба зер афканда, мадори ба сари буридаи Фаронак нигаристан надошт. Дар ҷабинаш донаҳои арақ дамида, ҳаяҷономез нафас мекашид. Ҷомаи зарбофти остинҳояш дароз банди дастони ӯро пӯшонида, имкони мушоҳида кардану ба хулосае расиданро намедод.

* * *

Гулбаргҳои сафеду гулобии шохаҳои зардолую олуча ба рӯи қадамҳои Аградод мерехт ва боз як баҳори тозаи умри ӯ фаро мерасид. Иморати ошнои саисхона аз пешорӯяш намудор гашта, Аградод бо чеҳраи гирифтаю ҳоли парешон беихтиёр ҷониби тавилаи аспҳо раҳсипор гардид.

Саманд соҳибашро аз дур шиноҳта хушҳолона фириххос мезад ва ёлҳои бирешимосояшро афшонда, ба истиқболи ӯ пой мекӯфт. Аградод аз рӯи одат гардани мавзуни самандро ба оғӯш гирифта, сару рӯй ва ёлҳои нафисашро мехориду навозиш менамуд. Чашмони пур аз меҳри асп медурахшиду бозӣ мекарду ба китфи соҳибаш соида хаёле ӯро таскин мебахшид. Аммо Аградод ин дам меҳрубонии самандашро пай намебурд: чашмони фурӯрафтаю лабрези андӯҳаш аз азияти рӯҳӣ, дили шикаста ва ҳолати парешони ӯ гувоҳӣ медоданд.

Таровати фасли баҳор ва навозишҳои аспи дӯстдоштааш гӯё

дар қиёси бори андӯхи марги мудҳиши Фаронак ҳеҷ буд. Дилаш пайваста месӯхт ва манзараи он саҳнаи фоҷиахез аз пеши назараш лаҳзае дур намерафт. Гумон мекард, ки сари буридаи Фаронак аз ӯ низ домангир аст. Ӯ ҳатто аз наҷот додани бобояш ботинан пушаймон буд ва худро дар марги дӯсташ то андозае гунаҳкор мепиндошт. Аградод то ҷое гирифтори азияти рӯҳӣ буд, ки ҳатто ба наздаш омадани Ойбарро пай набурд.

– Субҳ бахайр, Аградод! – даст ба китфи ӯ ниҳод Ойбар. – Хеле парешону гамгин менамоӣ?

– Мапурс, Ойбар. Басо озурдаҳолу дилшикастаам ва ҳеҷ ором ёфта наметавонам, – гамгинона посух дод Аградод.

– Боз чӣ шуд? – китфи дӯсташро такон дод Ойбар. – Ё меҳри шоҳдухтари тӯронӣ хобатро рабуд?

– Магар аз марги Фаронак хабар надорӣ?

– Марги Фаронак? – бо изтироб пурсид Ойбар. – Ӯро кӣ кушта?!

– Шоҳ бар сӯиқасде аз Гарпаг гумонбар шуда Фаронакро қурбону бархӣ[1] кард.

– Дареғи Фаронак! – бо таассуф сар афшонд Ойбар. – Ҷавони меҳрубону поктинате буд. Магар гуноҳе дошт?

– Не, восӯхтаи бадгумонӣ гардид, – оҳи талхе кашида оби чашмашро базӯр дошт Аградод. – Сад дареғи дӯсти ҷавонмаргам! Миёни дарбориён ӯ ягона ҳамрози ман буд.

– Оҳ, аз ин ҳангомаҳои дарборӣ, – оҳиста ба рӯи суфаи гӯшаи саисхона, ки ҷои зисташ буд, нишаст Ойбар. – Раҳму шафқат барояшон бегона аст...

– Аз суханчинӣ, суханбарӣ ва фиребу ҳилафурӯшиҳои дарбор сахт дилгир шудаам, Ойбар, – бо либоси фохира рӯи бистари пахолини Ойбар ёзида гуфт Аградод. – Рӯзгори ҷупонӣ бо ҳама душвориҳояш дар чашмам аз зиндагии серу пури дарбор писандидатар менамояд.

– Рост мегӯӣ, Аградод, – тасдиқ намуд Ойбар. – Дар дарбор дӯсти якрӯю якзабон ёфтан сангин аст. Ва дастури нонавиштаи гургон ҳукмфармост он ҷо.

– Не, Ойбар. Гургон бо ҳама дарандахӯӣ мардона меҷанганд. Макру фиреб барояшон бегона аст.

– Туро ман хуб мефаҳмам, Аградод. Ту дар миёни дарбориён танҳоӣ. Ночизтарин дагзише кофист, ки ҷонатро ба хатар афканӣ.

---

[1] Бархӣ, бархай – қурбонӣ.

– Дилам мехоҳад, ки дарбори шоҳро бо ҳама дамдамаҳояш бигзораму чун парандаи озоде сӯи кӯҳу пуштаҳо бипарам, – бо таассуфу надомат оҳ кашид Аградод.

– Рӯзгори гузашта дигар барнамегардад, Аградод. Чораи дигаре бояд андешид.

– Ман дар ин боргоҳи носозгор худро чун парандаи қафасбанд меёбам, Ойбар.

– Дунё худ қафас аст, Аградод. Камари падар қафас, шиками модар қафас, рӯи замин қафас ва оқибат тобуту гӯр қафас. Ва қафаси нахустинро барои мо Яздони пок офарида.

– Дилам рӯзе метаркад, Ойбар! Ман дигар тобу тавони дар ин қафас истодан надорам.

– Ва истоданат низ хатари бузург дорад, – андешамандона чабинашро молид Ойбар. – Душмани ҷониситоне дар камин нишаста фурсати ба ҷони ҷавонат чанг заданро мепояд.

– Инро ман дармеёбам, Ойбар. Ва душмани ҷониситонро низ ба гумон мешиносам. Чӣ кор кунам, ки тани танҳоям ва зӯри бо лашкари гарони ҳариф сар ба сар шудан надорам.

– Мо ҳама танҳоем, Аградод. Ба дунё танҳо меоему ба гӯр танҳо меравем. Кас бо вуҷуди танҳоӣ метавонад дастаеро гирд ораду ҳама гуна душманро саркӯб созад.

– Агар сипоҳу авзори набард дошта бошад, – токат накарда аз ҷояш хест Аградод. – Вале мани қафасбанд ба ҷуз як аспу як шамшер ва дили ташнаи озодию қасос чизе надорам. Ва Гарпаг ба зиндон афтоду ҳама сипоҳу силоҳи шоҳ ба ихтиёри Спитам гузашт.

– Аз ин каждуми таги бӯрё сахт дар андеша бош, Аградод!

– Худ нимашаб ҷоншикорӣ[1] карда, Гарпагро шикасту Фаронакро бо дасти шоҳ курбон намуд! – бо дарду алам дандон соид Аградод. – Ва бо луоболию бечоранамоӣ ҳама қудратро ба даст овард! Дигар киро мепояд, намедонам?! Навбати ман аст ё шоҳи пир?!

– Навбати ту, Аградод. Зеро ту ягона вориси точу тахт ҳастӣ[1].

– Оҳ, марги бадкин! Ҳамон шаби сӯиқасд ба сари болини

---

[1] Ҷоншикорӣ, ин ҷо ба маънои сӯиқасд ба ҷон.

[1] Ктесий зикр мекунад, ки Астиаг писар надошт, вориси тахташ домодаш Спитам буд ва ӯ дертар ба муқобили Куруш басо сарсахтона мубориза бурдааст (ниг. Тураев Б.А. История Древнего Востока. Минск. 2004. – С.504).

ман ҳам ҷоншикоре омада буд. Вале пешомадам баландӣ карду чораи душман барбод рафт.

– Дарего ки Гарпаги бечора ҳам ба домиӯ афтод, – оҳ кашид Ойбар.

– Ҷуз аз кашидани ҷони Спитам дигар тадбире намебинам, – гуфт таҳдидомез Аградод. – Ё мемирам ё ҷонашро меситонам!

– Ӯро гофилгир кардан басо душвор аст, Аградод! Ҳатто дар хонаи хобаш ҳам ду бабри дастомӯзро нигоҳ медорад. Вале чораи дигаре ҳаст бебим ва зиракона. Инро ман кайҳо мехостам бароят бигӯям...

– Бигӯ, чӣ чора? – мароқ зоҳир намуд Аградод.

– Аз бобоят Астиаг дастури дидори падар мепурсӣ. Падарат Камбуҷия дар кишвари Аншон – канортарин мулки қаламрави Мод роҳбар аст.

– Бовар кун, падар доштанамро фаромӯш кардаам, –даст ба китфи Ойбар ниҳода лабханди роздоре кард Аградод. – Гӯё каси танҳою бесоҳибе ҳастам, ки ногаҳ ба дарбори шоҳ афтодаам.

– Тавоноию нирӯят низ дар ҳамин аст, Аградод. Ҷуз Яздони пок ба касе такя намекунӣ... Ва бидон, ки дар қаламрави падарат мардуми хунгарму силаҳшӯре зиндагӣ мекунанд, дудаву бунёди худро аз Ориёвиҷ мешуморанд.

– Аз табори тӯрониянд магар?

– Дуруст намедонам. Вале онҳо худро аз табори ориёӣ, аз тухмаи подшоҳони каёнӣ мегиранд. Ва ту бо баҳонаи меҳмонӣ ҷонатро аз хатар раҳонида, соле чанд дар кишвари падар меосоӣ. Аз рӯзҳои наҳустини рафтанат дастаеро аз ҳамсолони далеру фидоӣ гирд оварда, ба набарду варзиш мепардозӣ. Пайкорҳои ҷангӣ бояд дур аз чашми мардум ва ниҳонӣ гузаранд.

– Чаро пинҳонӣ? – бо тааҷҷуб афтод Аградод.

– Зеро бадандешону суханчинон ҳадафи аслии рафтанатро ба душманони дарборӣ нарасонанд, – таъкид намуд Ойбар.

– Зинда бошӣ, Ойбар! Аз тухмаи поки тӯрониҳо буданат аён аст.

– Тухмаам ба шоҳон мекашад, Аградод. Вале пешомади бад маро ба ин рӯз афканд.

– Фирор кардан бароят душворис надорад, Ойбар. Ҳайронам, ки чаро то имрӯз занҷири бандагиро аз душат наафкандаӣ?!

– Роҳи маро ҳамин мӯҳри бардагӣ банд зада, Аградод, – ба мӯҳри бозӯяш ишора мекунад Ойбар. – Тӯроние, ки бар танаш мӯҳри бардагӣ дорад, дар шумори инсон нест. Аз ӯ ҳатто модараш рӯй метобад ва дар миёни ҳамтаборонаш ҷой намеёбад...

– Боке нест, Ойбар! – дӯсташро ба оғӯш кашид Аградод. – Рӯзе мерасад, ки ту ёвари ҳамешагӣ ва ҳамнишини дасти рости ман хоҳӣ шуд...[1]

БОШАИ ҚАФАСБАНД

Бошаи шикорӣ барошуфта буд ва андаруни қафас меҷаҳиду қанотак мезад. Ба луқмаҳои гӯшти афкандаи Астиаг эътиное надода бол меафшонду хез мегирифт, сар ба панҷараи қафас кӯфта норозиёна бонг мекашид ва талоши аз қафас раҳидан мекард.

Астиаг болои суфаи таги садаи анбӯҳе ба лӯлаболишт такя дода, аз кӯли бузурги об, ки рӯяш мургобиҳои даштӣ ва парандаҳои хӯсидаи обӣ шиновар буданд, чашм намеканд. Дар канори дигари кӯл аз таги буттаҳои анбӯҳ ва дарахти бузурги арча оҳуи зебое кебида бо оҳубарраҳои шаҳлочашми мавзунпайкараш об менӯшанд. Гурози ваҳшие низ аз домани кӯҳ бадхашмона хуррос кашида поён мефарояд ва оҳувон аз ҳайбати вай ҷаста фирор мекунанд.

Аз гӯшаҳои шикоргоҳи анбӯҳу паҳновари Астиаг, ки мисли сайдҳост, хониши кабку овои булбул ва фарёди мургҳои даштӣ ба гӯш мерасанд. Гаваэни чанбаршохе аз думболи модиёнаш баос зада, андаруни ҷангалзори анбӯҳ нопадид мегардад. Ҷуфти қутоси ваҳшие ёлу дум афшонда, дар теппаи шафати соҳили муқобил бепарвоёна машғули чаридан мебошанд.

Ашк дуртар аз Аградод дар канори бӯттаҳо хобида, гӯшҳояшро зиракона сих мекунаду бо бекарорӣ ҳаракати сайдҳоро таъқиб намуда, амри соҳибашро мепояд. Аммо Аградод дар гӯшаи дигари суфа пайкону камон бар даст ором нишаста, гӯё густоҳии ҷонваронро намебинад. Нигоҳи ӯ сӯи бошаи шикории бекарору қафасбанд мелагжаду хаёлаш дар ҷои дуре парвоз дорад. Астиаг ба тиркашу камон ва пайконҳои

---

[1] Мувофиқи маълумоти Ктесий Ойбар машваратчӣ ва дӯсти наздики Куруш шуда, дар набарду кишваркушоиҳои минбаъдааш ҷоннисорона хидмат мекунад (инг. Тураев Б.А. История Древнего Востока. Минск. 2004. – С.504).

беҷонашудаи Аградод маънидорона менигараду луқмаи навбатии гӯштро ба қафас меафканад.

– Мебинам, ки дили шикор надорӣ, Аградод. Пеш аз тири пайкони ту ягон сайд намераҳид. Намедонам ҳавсалаат пир шудааст ё шикор кардан дилатро гирифта?!

– Худро шабеҳи ҳоли бошаи қафас мебинам, – чашм аз частухези боша наканда гуфт Аградод. – Ва аз он нигаронам, ки бошаи сайдгир низ аз ризқи худ рӯй тофта озодиро пазмон шудааст. Акнун фаҳмидам, ки озодӣ бузургтарин неъмати зиндагист...

– Магар ту озод нестӣ, Аградод? Ё касе дасту поятро бастааст? Ҳар гоҳ хоҳӣ – мехезӣ, кадом вақте дилат бикашад – шикор мекунӣ, бозпас хоҳӣ – хоб меравӣ.

– Боша низ дар хӯрду хоб ва шикор чун ман озод аст, шоҳам, – посух дод Аградод бо оҳанги асроромез. – Вале дилаш фазои фарохтаре мехоҳад...

– Дар ин шикоргоҳ ҳама ҷонваронро гирд овардаю бароят кушодие ороста, гумон доштам, ки худро хушбахт меёбӣ, Аградод. Ва ба сӯи бахти пешомад оғӯш мекушоӣ.

– Бошаи гирифтор бо ҳама тезчанголию тавоноӣ дар қафас нотавон аст ва лаззати бахтро низ хуб дарнамеёбад...

Астиаг луқмаи навбатии гӯшт дар даст лаҳзае ба сукут рафт. Бошаи хастаҳол андаруни қафас метапиду гӯштҳоро поймол намуда аз фазои тангу тазъйиқовар раҳидан мехост. Астиаг аз шӯру ошӯб ва ҳаракатҳои бехудонаи бошаи шикорӣ рамуз бардошта, мекӯшид ба тахти суханони Аградод бирасад. Аммо нигоҳаш дар шину хези мавҷи об ва ҷилваҳои партави хуршед хира гашту ормона гуфт:

– Пӯшидаю роздор гап мезанӣ, Аградод. Ва дар тахти суханонат чӣ андешае нуҳуфтааст, дарёфтан осон нест.

– Андарзҳои дарбор асар гузоштааст, шоҳам, – дар лабони Аградод ханда медамид, аммо нигоҳаш ғамрез буд. – Дар ин боргоҳи баланд ҳарфи нуҳуфтаи дилро ҳеҷ гоҳ ба забон намеоранд. Чун нек бингарӣ, чашмашон як сухан мегӯяду забонашон сухани дигар.

– Пайдо аст, ки оини дарборро хуб омӯхтай ва кӯшишҳои ман беҳуда нарафтааст, – самимона хандид Астиаг. – Вале розатро аз ман мапӯшон, парвозгаҳи кадом кушодӣ дилатро сӯи озодӣ кашида?

– Аз густохиям бигзар, шоҳам! Орзуи рафтан ба кишвари

Аншон чандест маро ором намегузорад. Мехоҳам ба дидори падар ва модари бузургворам бирасам.

– Ҳангоми рафтан ҳанӯз нарасидааст, Аградод. Мулк ноором асту душманон дар камин фурсати марзшиканӣ мепоянд. Дар Экбатана буданат шарт аст.

– Ман дар ин пойтахт аз бошаи қафасбанде беш нестам, шоҳам.

– Не, намеравӣ, Аградод! Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки душманони ҷонтози мо Крез, Набонид ва Тигран забон як карда, кишвари Каппадокияро рабудан мехоҳанд.

– Охир ман сипоҳу авзоре надорам, шоҳам! – эътироз намуд Аградод! – Бо як сари танҳо магар пеши роҳи душманро бастан метавон?

– Чӣ, хаёл мекунӣ, ки Спитам бо сипоҳу авзораш ба коми ман кор мекунад?! Не, Аградод, Тавони нахуст аз даст рафт ва аҷаб нест мусибатҳои талхтаре бархезад...

– Дареги Фаронак! Миёни Гарпаг хелё ноҷо шикаст, шоҳам. Ва тавони Спитам басо осон афзуд ...

– Ба хатои рафта ашк рехтан суде надорад, Аградод, – бо оҳанги таассуф сар афшонд Астиаг. – Оини тоҷдорӣ ҳамин аст! Акнун чораи дигаре бояд андешид.

– Чорае ҳаст ва шояд хатои рафта ба сомон ояд, – бо эҳтиёт гуфт Аградод.

– Чӣ чораест, бишнавем? – ба қафас порае гуштро афканд Астиаг.

– Бо дастури шоҳ Ойбар роҳбалад мегардаду мо роҳи кишвари Аншонро пеш мегирем. Чанде машқу размовари омӯхта, сипас сӯи пойтахт бозмегардем.

– Чораи бад нест, – лаҳзае ба андеша рафт Астиаг, – вале каме хатар дорад.

– Дар қафас истодани боша суде надорад, шоҳам, – бо оҳанги маънидор гуфт Аградод. – Беҳтараш ӯро озод кунед.

– Не, ҳоло фурсати шикор наомадааст, Аградод, – хавотиромез рад кард Астиаг.

Садои суми аспҳо аз дур ба гӯш расид ва Ашк безобита шуда аз ҷой хест. Оҳувон рамида худро ба чангали анбӯҳ заданд ва фарёди изтиробомези мургҳои даштӣ аз шоҳи дарахтон баланд гардид. Астиаг аз дур Спитамро шинохта бо викору салобати шоҳона ба лулаболишти паҳлӯяш такя зад. Аградод ҳам дастаи шамшерашро қабза намуда бо оромию тамкин ра-

сидани Спитамро нигарон шуд. Танҳо Ашк адоваташро ниҳон надошта, бадхашмона меғурид, вале аз нигоҳи маънидори Аградод ором гирифт.

Спитам бар тан либоси низомӣ ва кулоҳи зарандуд пӯшида, дар миёнаш шамшери дастааш хотамкорӣ чило медод. Аз фурӯтании пештара дар симои ӯ асаре намонда буд. Ҳанӯз лаҷоми аспро накашида, ду посбон дартоз омаданд ва яке аспашро дошту дигаре ба фуруд омадани Спитам мадад расонид. Қадамҳояш низ устувору дилпурона буд ва дар ҳаракати ӯ коҳидани таъзиму такрими пештара ба чашм мерасид.

– Шоҳам бе мо роҳи шикор гирифтанд? – бо оҳанги гилаомез пеш омад Спитам.

– Вазъи марз чӣ гуна аст? – бо хунсардӣ пурсид Астиаг.

– Ҳоло оромист, – бо чиддияти низомӣ посух дод Спитам.

– Ҳар оромии тӯлонӣ тӯфоне дар ниҳод дорад! – хурдагирӣ намуд Астиаг. – Суханчинон расониданд, ки Крез ба Каппадокия лашкар кашиданист?

– Азм дорад, вале дар танҳоӣ чуръаташ намерасад, – бо тундӣ гуфт Спитам.

– Гумошбаҳояш пинҳонӣ назди Набонид рафтаанд, – бо оҳанги коҳишомез далел оварда Астиаг. – Магар хабар надорӣ?

– Рӯзи Набонид чандон хуб нест. Миёни ӯ ва писархондаш Валтасар барои пуштибонии Гаубру душманӣ хеста. Гумон аст, ки Крезро дастгирӣ ояд.

– Тигран чӣ найрангҳои тоза меофарад? – суханро ноаён дигар чо бурд Астиаг.

– Ба тӯи заношӯии пешвои массагетҳо Аспардис бо дастовезҳои гаронбаҳо рафта буд.

– Аспардис чандин сол бо сакоиҳои тиграхӯд пархош дошт. Чангу пархошашон бо чӣ анчомид?

– Роҳи оштӣ гирифтанд, – бо қаноатмандӣ посух дод Спитам. – Аспардис ба шодии оштӣ чашн ороста шохдухтари нозанинеро бо номи Томирис ба ҳамсарӣ хост.

– Томирис?! – каме безобита шуд Аградод. – Аз кадом тоифа будааст ин шохдухтар?

– Ба гуфтаи суханчинон, наводаи[1] ҳамон Партатуаи номвар аст, ки рӯзгоре Бобулу Ошуру Модро зери нигин оварда буд.

– Наход, аз он тӯронии зӯровару кишваркушо тухмае монда

[1] навода- наваса, абера.

бошад?! – бо ҳаяҷону парешонӣ пурсид Астиаг. – Падарам Киаксар худро ситоиш мекард, ки Мадайи писари Партатуаи гарданшаху саркашро бо ҳамаи хонавода ва сарлашкаронаш дар пазироии наврӯзие ба мастӣ кашида нобуд сохтааст[2].

– Шояд тухмае аз онҳо раҳида бошад. Ба гапи ҷосусон дар пойгаи наврӯзии шоҳам, ки дар Дашти Экбатана орост, ҳамон шоҳдухтари тӯронӣ савори аспи сафеде будааст.

– Ман он ҷавонро бо аспи резапайкари сафедаш ёд дорам, – гуфт Астиаг хаёломез. – Вале пай набурдам, ки савори таковар духтар аст.

– Агар Спитам гиромӣ карда, бар фарқи сари аспи ӯ бо тозиёна намекӯфт, – бо дареғи ошкоро нах зад Аградод, нахустрасии Сиёҳмушкин дар гумон буд.

– Ғиромӣ не, нигоҳдории обрӯю ном! – барошуфт Спитам.

– Обрӯю номро номардона нигаҳдорӣ намекунанд! – паст наомад Аградод.

– Барошуфтанат суде надорад! – ришханд зад Спитам. – Томирис аз дастат рафт, Аградод! Агар бисёр мард бошӣ, сипару шамшер гирифта ба ҷанги душмани тундхӯят бишитоб!

– Дастаи савораеро барои ман вогузор, хоки Аспардисро мебезам! – ба хашм омад Аградод.

– Андоза нигоҳ дор, Аградод! – бо ҳитобу сиёсати шоҳона коҳиш намуд Астиаг. – Ту нахуст ба мулки Аншон рафта ба дидори модар бирас! Дуои модар гирифтан бузургтарин боигарист. Он гоҳ бо сипоҳи Аспардис сар ба сар шуданатро гуфтугузор хоҳем кард!

– Фармонбардорам, шоҳам! – аз суханони шоҳ рамуз бардошт Аградод. – дастури шумо бароям фармон аст!

– Ва то ҷашни Меҳргон –бармегардӣ! – афзуд Астиаг. – Ман дил дорам, ки наздики ин ид тӯи арӯсии туро пеш гирам!

– Тӯи арӯсӣ? – инони ихтиёр аз даст дод Спитам. – Мулк зери хатар асту мо ҷашну тамошо барпо мекунем?!

– Ва бори ин ҷашн пеш аз ҳама бар дӯши туст, Спитам! – бо оҳанги омирона хитоб кард Астиаг. – Ман мехоҳам, ки хуни поки шоҳони Модро пос дорем! Ба ҷашни арӯсӣ омода карда-

---

[2] Мувофиқи маълумоти Ҳеродот пешвои сакоиҳо Мадайи писари Пратотий 28 сол қаламрави Бобулу Ошуру Модро дар ихтиёр дошт, вале аз ҷониби Киаксар дар зиёфате ӯ ва сарлашкаронаш нобуд карда мешаванд.

ни духтарат Касандона кори ҷонии туст. дастури шоҳро ба маликабону Амутида низ бирасон!

– Касандона?! – лаҳзае ҳайрону лол монд Аградод. – Духтари хоҳармодари ман?!

– Амри шоҳ раво аст! – барошуфт Астиаг. – Мо бояд тоҷу тахти аҷдодиро пос дорем ва хуни поки шоҳаншоҳонро бо хуни бегона наолоем!

– Дастури шоҳро худи ҳамин рӯз ба маликабону Амутида мерасонам! – бо ҳаяҷону садоқати самимӣ гуфт Спитам. – Бигузор ба тӯйи арӯсии Касандона омода гардад!

Офтоби гарми тамуз нур мепошиду шикоргоҳи анбуҳро метафсонд. Бошаи шикорӣ низ аз бардорузани бешумор хаста шуда, андаруни қафас лаҳзае меосуд ва аз гояти гармӣ ҳалқашро кушода, зуд-зуд нафас мегирифт. Астиаг пораи боқимондаи гӯштро ба пеши Ашк ҳаво дода, сари ӯро қаноатмандона хору мол менамуд. Аградод низ оҳи сабуке кашида, аз зиракии бобояш ботинан меболид. Ва Астиаг шояд андешаи ӯро пай бурда дар охир афзуд:

– То бозгаштани ту нигоҳубини Ашкро ба хоҷасарой мефармоям, Аградод! Аз дӯстат дилвопас машав...

ҚАДАМГОҲИ НИЁГОН

Офтоб тулӯъ мекард ва нурҳои зарҳалини он ба паҳноии дашт рехта, ду таковари дартоз – саманди Аградод ва сиёҳмушкини Ойбарро истиқбол мегирифт. Ин ду тан бо рухсати шоҳ азми вилояти Порс доштанд ва аз роҳу бероҳаҳо асп ронда, фосилаи тӯлонии ҷодаи сафарро кӯтоҳ мекарданд.

Аспҳо дар ин субҳи босафо хез гирифта чаҳоргома метохтанду қурси офтоби нурафшони сари кӯҳ чун ҳамсафари хайрхоҳе аз васати теппаҳо такон хӯрдаю лапида баробари онҳо пеш мешитофт. Ва дашти паҳновар бо ҳама ҳастиаш дар партави субҳонаи хуршед гарқ шуда, аз иноятӣ фурӯғи яздонӣ танашро дар мавҷҳои нур мешуст.

Хуршед ҳамвора нур меафшонду Аградод ҳамоно асп тозонда ба истиқболи офтоб мешитофт. Субҳ ноаён ба шом мегаравид ва ҳолаи хуршед ба ҷилвагоҳи ғуруб фуруд омада, суроби ду савори хастаҳолро аз сари теппаҳо гусел мекард. Ва баъди паймудани роҳу бероҳаҳои зиёд оқибат аз сари баландие тарҳи шаҳри Пасаргод намудор гардид, ки оғушта ба фурӯғи яздонӣ буд.

Гардунаи чаҳораспае дар иҳотаи чанд тан сарбозони савора аз роҳи кушоди хокфарш ба пешвози онҳо меомад. Аз дидани гардуна дар лабони парсингбастаи Аградод табассуми беозоре нақш баст ва рухсораи офтобсӯхтаю чашму абрувони гардолудаш хаёле шукуфид. Аспҳои хастаҳол низ наздик омадани манзили муродро пай бурда, аз ду самт ба пазироии якдигар мешитофтанд.

Аградод дар фосилаи тиррас лачоми аспашро кашид ва саманди хушқаду басти ӯ ба резачорпо гузашта, оқибат дар назди гардунаи чаҳоргӯшаи хаймаосо ором гирифт. Гардунаи болопӯшида низ бозистод ва сарбозони савора бо чобукии хосае аз аспашон чаҳида фуромаданду сӯи Аградод сар фуруд оварда, расми таъзимро адо намуданд. Аградоди мавзунқомату рехтапайкар низ бо тамкини изтиробандудае аз самандаш фуруд омада, дар баробари гардуна рӯи хок якзону зад.

Пардаи дари гардуна кушода гардид ва канизаке бо чобукии устокорона поймонаки поғундадорро ба замин ниҳод. Ду канизаки зебо лаълии заррини пур аз гулбаргҳои тару тоза рӯи даст аз гардуна фуромада, ба сари Аградод гулу гулбарг меафшонданд. Аз думболи онҳо маликабону Мандона бо чашмони лабрези ашки шодӣ огӯш кушода, ба истиқболи фарзанд омад.

Аградод дар оғӯши модар лаҳзае орамида бо умедворӣ аз гардуна берун омадани падарро нигарон шуд. Аммо падараш дар миёни саворон ва аҳли гардуна ҳузур надошт. Аградод аз ин беилтифотӣ каме ранчида бошад ҳам онро зоҳир накард.

– Падари бузургворам Астиаг ва модарам Ариена тандуруст ҳастанд? – ашки шодиро пок карда пурсид Мандона.

– Ба шумо дуруду паём гуфтанд, – ҳанӯз ҳам бо гӯшаи чашм падарашро мекофт Аградод. – Ва дастовезе аз газвори абрешими маҳин бароятон подош фиристоданд.

– Умрашон дарозу шоҳаншоҳишон поянда бод! – сипосгузорӣ намуд Мандона.

– Дар миёни шумо падарамро намебинам? – пурсид бо оҳанги беозор Аградод.

– Субҳидам ба ниёиши дахмаи ниёгон рафтанд. Ба сипоси бозгаштани писар намози меҳр мегузоранд.

– Ҳа-а, намози меҳр! Дар дахмаи гузаштаҳо! – такрор кард Аградод ҳолашро ниҳон дошта.

Қофила ба роҳ даромад. Аградод ба кӯҳу кӯҳдоман ва долу

дарахтони атроф бо ҳисси кунҷкобӣ нигариста, чи тавр ба остони дахмаи аҷдодии ҳокимони вилояти Парсуа ва Аншон расиданашро пай набурд. Ӯ ворӣди дахмаи сангфарш гашта, дар пешорӯяш алангаи оташи фурӯзонро даруни манқалҳои мисини дар чорпояҳо устувор дида лаҳзае ҳайрон монд.

Намозгузорон чор нафар буданд. Се нафари пеш миёнаумру каси аз думболи онҳо истода ҳамсоли Аградод менамуд. Марди нуронии қадбаланд, ки либосҳои фохира ва шукӯҳу салобати шоҳона дошт, сӯи Аградод нигоҳи гарме афканду ниёишу зикри хайри рӯҳи гузаштагонро идома бахшид. Иззати нафси Аградод коҳид ва нидои эътирозомезе аз қаъри дилаш хеста дар гулӯяш дармонд.

«Аҷаб мардуме! – бо нидои ботинии пурнафрат аз дил гузаронд Аградод. – Хотираи мурдаҳояшонро аз зиндаҳо болотар медонанд! Баъди бист соли надидани фарзанди беному нишонгашта ақаллан меҳре дар дилаш ҷӯш намезанад-а? Аз афташ беҳуда овора шуда ба дидорбинии падар омадам!»

Маросими дуруду ниёиш ба рӯҳи ниёгон анҷом пазируфт. Падари Аградод – Камбуҷия расмияти намозу ниёишро ҳалолдор накарда, бо симои ҷиддӣ ва ваҷоҳати ором ба истиқболи писар омад. Аградод оғӯши гарми падарро интизор буд, аммо бидуни чашмдошти ӯ Камбуҷия аз банди дасти писараш дошта ӯро ба остони оромгоҳи бузургу бошукӯҳи мобайнӣ ҳидоят карду фурӯтанона сар фуруд овард. Бузургмӯбад – рӯҳонии сафедпӯш ба пешонии Аградод рамзи офтобро бо ранги зард сабт намуд.

– Ай, Аҳурамаздо! Ҳеҷ офаридае поктар аз хуршед нест, – ниёишро идома медод Бузургмӯбад. – Мо оташи покро афрухта, чун фурӯғи яздонӣ фурӯзон медорем, то рӯҳи ниёгонамон дар нишемангоҳи покию нур бегазанду осуда бошад!..

– Ай ниёи бузург! – рӯ ба оромгоҳ оварда сачда намуд Камбуҷия. – Ай саромади дудмони мо Ҳахоманиши бузург! Имрӯз пеши ту як тухмаю пайванди дурафтодаат омада! Ӯро ба фарзандӣ бипазир ва дар дудмони поки аҷдодӣ барояш ҷоии шоистае ато кун. Ва бо раҳнамоии Маздои некрой ҷони ҷавони ӯро аз чашми баду андешаи бади душманон нигаҳбон бош!

– Ай Хурмузд, ай нигаҳбони дудаи шоҳон! – Бузургмӯбад аз дасти Аградод гирифта дар гирди оташи фурӯзон ва оромгоҳ се давр гардонид. – Дар пешонаи ин ҷавон нури тоҷ ва шукӯҳи

шоҳаншоҳӣ ҳувайдост! Ӯро дар паноҳи худ бигир ва ёвару раҳнамояш бош, ай Аҳуро!

Маросими намози шукрона анҷом пазируфт ва нахуст Аградодро Бузургмӯбад ба оғӯш гирифта аз пешонааш бӯсид. Сипас Камбуҷия фарзандашро ба бағал кашид ва аз ҳалқаи чашмони ӯ беихтиёр ашк таровид. Падар дасти меҳрашро аз китфи фарзанд барнадошта ба оромгоҳи рӯ ба рӯ ва дахмаҳои дигар бонавбат ишора менамуд.

– Оромгоҳи ниёи бузург ва падарсолори хонадони мо Ҳахоманиши некрой! Ин аст дахмат фарзанди ӯ Чишпиш. Ана ин оромгоҳи падари ман Куруш аст. Бобокалонат Чишпиш ду писар дошт, яке Куруш ва дигаре Ариярамна. Инаш дахмаи Ариярамна, падари бародарзодаам Аршом. Бо бародарзодаи бузургам Аршом-сарвари кунунии Парсуа шиносс шав!

– Ё Яздони пок, аз доди ту басо сипосгузорам, – Аградодро ба оғӯш кашида бӯсид Аршом. – Имрӯз фарзанди мо шоду беосеб ба мулки падарӣ бозгашт!

– Ин Виштосп, писари бародарам аст, – ба ҷавони ҳамсоли Аградод рӯ овард Камбуҷия. – Умедворам, ки меҳрубониро аз якдигар дареғ намедоред.

– Аз сарнавиштат огоҳам, бародари азиз! – Аградодро ба оғӯш кашид Виштосп. – Вале номатро намедонам.

– Номи нахустам Аградод, ки падархонди чӯпонам ниҳодааст, – гуфт хиҷолатомез Аградод. – Дертар аз рӯи ҳунари камонкашию тирандозӣ атарвони пире номамро Ораш ниҳод. Ораши камонгар!

– Ораши камонгар ҳам аз пешомадони мо – дудаю дудмони Каёниён буд, – афзуд Бузургмӯбад. – Бо доди Ҳурмузди накурой ба Ораш сарноми Каёниро фузуда, номатро Кайораш[1] мегузорем. Бигузор чун бобои бузургворат Куруши нахуст шоҳии неруманд ва рӯзиву рӯзгори пояндаву дароз дошта бошӣ!

– Ин номгузорӣ ба коми дили мо шуд, волохирад! – гуфт хушҳолона сӯи Бузургмӯбад Камбуҷия. – Дигар ӯро ба парвариш бигиру дониш биомӯз ва ба оини ниёгон раҳнамой! Бигузор рӯҳи Каёниёни покгуҳар низ ба ӯ мададгор шавад!

---

[1] Фарзияи аз Кайораш падид омадани номи Курушро Ҳамзаи Исфаҳонӣ ва чандин муҳаққиқону олимони минбаъда, аз ҷумла Бостони Поризӣ – устоди таърихи Донишгоҳи Теҳрон дар китоби «Куруши Кабир»-и Мавлоно Абдулкаломи Озод зикр кардаанд.

– Пеш аз ҳама бузургвории ниёгон, номи волои наҷодӣ ва рӯҳи бузургмардони дудмони Ҳахоманиширо пос доред! – таъкид кард даст ба китфи ҷавонон ниҳода Аршом.

Куруши номбардори бобо ва Виштосп бо сипосгузорӣ таъзим намуда, хоки турбати ниёгонро як-як мебӯсиданд ва ба дидаҳо мемолиданд. Оташи пок аланга зада месӯхт ва аз паси шӯълаҳо симои ду ҷавони огӯш ба огӯш, ки умеди ояндаи хонадони ин силсилаи шоҳон буд, ҷилванамоӣ мекард.

* * *

Бошишгоҳи машқу набарди Аградод, ки ду тарафашро шаху ҷарии ростхамида иҳота кардааст, дур аз чашмҳо дар огӯши як дараи кӯҳӣ воқеъ буд. Як даста ҷавонони хунгарму сипоҳипеша бо баҳонаи шикор аз Пасаргод баромада, дар ин мавзеи барои разму набард муносиб соатҳои дароз машқ мекарданд. Ойбар дар ин тангнои кӯҳӣ ба тарбияи ҷанговарони оянда шурӯъ намуда, барояшон асптозонию тирандозӣ, ҳамлаи барквору ҷамшерзанӣ, сипардорию найзаафканӣ ва шинакгирию ақибнишиниро меомӯзонд. Ҷавонон мӯйи дарозашонро бо тасмаҳои чармин баста, бо пайкарҳои рехтаю аракшори нимурён машқи тирандозӣ мегузаронданд.

Ойбар бар хаданги пӯлодпайкон аз ёлу думи асп қил баста тир меандохт. Тир ҳангоми аз камон ҷастан ҳуштаки тӯлонӣ мекашид ва ба ҳадаф расида хомӯш мегашт. Ойбар амр дод, ки тирандозон аз думболи садои пайкони ӯ фавран тир афканда ҳадафро бехато дарёбанд. Чашми Аградодро, ки акнун чун бобояш Куруш меномиданд, бо пардаи сиёҳ баста бошанд ҳам, тираш ба ҳадаф қариб бехато мерасид.

Аз саргаҳи дара Виштосп савори асп намудор гардид, ки дар пешгоҳи зинаш чанд қабку харгӯши сайдшудае ҳамоил буд. Ойбар аз дидани ӯ каме парешон шуда бошад ҳам, сир бой надода, машқро идома мебахшид.

– Монда набошед, таҳамтанон! – дар пешорӯи Куруш лаҷоми аспашро кашид Виштосп.

– Зиҳӣ, Виштосп! – пардаи рӯяшро кушод Куруш.

– Ман чандин шикоргоҳро кофтам, – сайдҳоро ба замин афканда гуфт Виштосп. – Вале пайи пое аз шикорчиён наёфта, вопас шуморо аз тори шах дидам.

– Бифармо, Виштосп! – ба истиқболи ӯ шитофт Куруш. – Мо шикорро аз варзиш сар кардем.

– Магар бо чашмони баста шикор мекунед? – ҳайратомез пурсид Виштосп.

– Бо чашмони баста сайдро ъадан волотарин ҳунар аст, – худро набохта посух дод Куруш.

– Боварам намеояд, ки бо чашмони баста кӯшиши шикор кунанд, – хандид Виштосп.

– Дар бағалат кабкеро мебинам, – бо камоли ҷиддият гуфт Куруш. – Ба осмон сар бидеҳ ва тамошо кун!

– Бошад, Куруш, ҳунаратро нишон деҳ! – бо мароқи ошкоро кабкро сар дод Виштосп.

Куруш бо гӯшаи чашм сӯи кабки раҳида нигариста пардаи сиёҳро ба чашмонаш баста хадангро ба зеҳи камон ниҳод. Гӯш ба садои болафшонии кабк дода, хадангро кашид ва камонро аз паи садо ним давр гардонда тирро сар дод. Виштосп бо чашмони аз ғояти ҳайрат барҷастааш дид, ки кабки бар нӯги хаданг ҳамоил ҳуштаке ангехта ба замин меафтад. Садои таҳсину қарсак баланд шуд ва Виштосп оғӯш кушода ба истиқболи Куруш омад. Ҳарду якдигарро бародарвор ба оғӯш кашиданд.

– Аз ҳамин соат бо ту хоҳам монд, Куруш, – бо меҳри ҷӯшон гуфт Виштосп. – Ва дар ҳама пешомаду хурсандӣ дар паҳлӯят хоҳам буд.

– Зиҳӣ, Виштосп, мову ту бародарем! – ӯро дар бағал фишурда афзуд Куруш. – Дар ҳама озмоишу сахтиҳои пешона ва разму набардҳои зиндагӣ бояд паҳлӯ ба паҳлӯ бошем.

Сипас Куруш аз миёни ҳамсафонаш дах танро ҷудо намуд, ки барояш садоқату меҳри хоса доштанд. Ба ҳар кадоми онҳо амр дод, ки дах нафар дӯсти содику размоварашонро интихоб карда, ба машқу набард омода созанд. Сарварии сад тан сипоҳии ояндаро бар дӯши Виштосп тузошт. Аз байн чанд моҳ нагузашта дастаи саднафараи Виштосп ва ҳазораи яккачини Куруш бо силоҳу таковарони ҷангӣ омодаи набард гаштанд. Ва Куруш сабақи нахустини таъсис додани низоми лашкарро дар ҳамин набардгоҳи дуру назарногир омӯхт.

* * *

Дар ҳуҷраи хоксоронаи Камбуҷия қандиле месӯхт ва партави он ба рӯи Аршом, Виштосп, Куруш ва Ойбар афтода аҳёнаҳён меларзид. Симои Камбуҷия ҷиддию хавотиромез буд ва ба қандили фурӯзон нигариста ҳарф мезад:

– Паём омад, ки сарлашкари шоҳи Бобул – Набонид, яке аз сипоҳдорони рӯзгордидаю фиребкор Гаубру марзи кишвари моро рахна зада, ба ғорат рӯ овардааст.

– Гаубру ҳоло ҳам сарлашкар аст, – ҳайраташро ниҳон намедошт Аршом.

– Ба гумонам не, – посух дод Камбучия. – Ӯ дар ростои Набонид бадгӯй мекунад, ки дастбурди лашкаркашиашро пос намедорад. Валтасар аз густохиҳои Гаубру шӯрида, ӯро химчакорӣ карда ва дасту пояшро баста ба назди ладарҳондаш мефиристад. Набонид барои хизматҳои пешина Гаубруро бахшида ӯро кишвардори Гутиум мегузорад, ки дар марзи мост...

– Гутиум кишвари бузург аст, падар? – пурсид Куруш андешамандона.

– Аз Аншону Парсуа ба тахмин панҷ баробар хурдтар аст, – посух дод Камбучия андешамандона. – Пеши дигар кишварҳои Бобул чандон нуфуз надорад.

– Ҳеҷ ақлам намегирад, ки Гаубруи озордида барои афзудани неруи Бобул ба ин густоҳию марзшиканӣ рӯ оварда бошад, – тахмин зад Куруш. – Ба гумонам ин аз кори худсаронае беш нест.

– Чӣ чорае андешем? – рӯ ба ҳозирон овард Камбучия.

– Модоме ки ҷанг хостааст, аз ҷанг сарпечӣ кардан раво нест, – размхоҳона гуфт Виштосп.

– Не, бехтараш ба назди Астиаг пайке фиристода, аз рӯи ройу тадбири ӯ кор гирифтан хубтар меояд, – пешниҳод намуд Аршом.

– Спитам – сарлашкари кунунии Астиаг ба дудмони мо қасди бадхоҳӣ дорад, – дурандешона ҳӯҳ намуд Камбучия. – Метарсам, ки ин баҳонаи равое ба лашкаркашию саркӯб кардани хонадони мо хоҳад шуд.

– Ба ҳар рӯ мо ба рафтори худсарона роҳ надорем, – таъкид кард Аршом.

– Чорае ҳаст, агар бузургон пазиранд, аз паи он хоҳем шуд, – каме кебида гуфт Куруш.

– Бифармо, Куруш, чӣ чора? – ба ӯ мадор бахшид Камбучия.

– Мо дастаи ҷавонон пинҳонӣ ба сӯи марз рафта ба бошишгоҳи Гаубру шабохун мезанем, – кӯтоҳакак гуфт Куруш.

– Магар дастаи камшумори шумо неруи ба душман рӯбарӯй дорад? – шубҳа намуд Камбучия.

– Ба пиндорам Гаубру чун кишвардори мулки хурд набояд лашкари беш дошта бошад, – далел овард Куруш.

– Дар риштаи кишвардорӣ ба худсарӣ роҳ додан раво нест, – эътироз кард Аршом. – Астиаг басо кинагиру худпараст аст ва густохиро намебахшад!

– Агар густохӣ барои меҳанпарастӣ ва сарзамини ниёгон бошад, боке нест. – аз якравии Аршом ранҷида каме бо тундӣ гуфт Куруш. – Ва имрӯз неру дар дасти Спитам аст, на Астиаг.

– Ман дигар гапе надорам, – барошуфта азми рафтан намуд Аршом, – ҳар чӣ медонистам, ба шумо гуфтам.

– Куҷо меравед, падар? – аз думболи Аршом бархост Виштосп. – Дар рӯзи сахт бояд бо ҳам бошем!

– Дар ин ҷо гӯши суханшунав намебинам, – бо якравӣ аз роҳаш барнагашт Аршом. – Акнун бо чашми сар хоҳед дид, ки густохиҳо то куҷо мерасонад!

Камбуҷия аз рафтани бародар лаҳзае ба андеша монда, оҳи гароне кашид. Вале ҳама дарду аламашро фурӯ бурда бо лабханди малеҳе даст ба китфи Курушу Виштосп ниҳод. Гӯё ба ҷои бародари рафта дар симои ин фарзандон пуштибону такягоҳро медид.

– Андешаи шумо хуб аст, вале ба ҷони ҷавонатон хатар дорад.

– Магар бе бими ҷон корномае ба сомон расидааст? – аз меҳрубонии амакаш рӯҳ гирифт Виштосп.

– Аз фарзандону ворисони шоиста сарфарозам, – аввал Виштосп ва сипас Курушро ба оғӯш кашида хайрхоҳона гуфт Камбуҷия. – Ба шумо дуои нек медиҳам ва аз даргоҳи Яздони пок бароятон мададу ёварӣ мехоҳам.

ШАБОХУНИ НЕКФАРҶОМ

Моҳи пурра аз домани гардун ба куллаи муқобил фуромада майли ғуруб дорад. Дастаи ҷанговарони Куруш дар сари кӯҳе орамида фурсати муносиби шабохун заданро мепоянд. Аз поён дар партави моҳ чанд хаймаи бошукӯҳе ба назар мерасад, ки дар атрофашон гулханҳо аланга зада месӯзанд ва сарбозон дастадаста дар гирди гулхан давра оростаанд. Дар бари кӯҳдомани васеъ миқдори хаймаҳо чандон зиёд нест ва хаймаи бузургу бошукӯҳи сардашкар дар байни бошишгоҳи ҳарбӣ воқест. Сароби хираи аспҳо низ, ки дар чандин тавилаҷой қарор гирифтаанд, аз баландӣ хеле хуб менамояд. Аён аст, ки лашкари Гаубру дар ин шаби хилвати маҳтобӣ хатареро пай набурда, ба роҳату хоб омодагӣ мебинанд.

Куруш тасмагилофи олотҳои ҷангиашро ба миён баста, ханҷарҳои кӯтоҳу дароз, кордҳои рост ва каҷкордҳоро гаштаю баргашта мепалмосид. Ойбар аз кучое ду қабои тираранги сарпӯшакдор овард ва онҳо шитоб накарда аз болои либос ин қабоҳои дарозу барқадро пӯшиданд. Виштосп низ бархеста азми ҳамроҳи онҳо рафтан намуд, вале Куруш ӯро бо оҳанги қатъӣ боздошт.

– Ту бояд биистӣ, Виштосп! Танг ояд ба ёрии мо мешитобӣ! Бо дастаи ҷанговаронат омода бош, аз даруни нодари шоҳ оташи фурӯзон се бор паси ҳам рафта ояд, нишони ёрӣ хостан аст. Дарёфтӣ?!

– Дарёфтам, вале ман мехоҳам ҳамроҳи шумо биравам! – якравӣ мекард Виштосп. – Ба ҷои ман Пармис меистад.

– Рафтани се кас хатар дорад, Виштосп, – норозиёна гуфт Ойбар. – Шояд гумоне бурда, моро гирд бигиранд.

– Бошад, то боздид, бародари гиромӣ! – бо оҳанги хайрухӯш Виштоспро ба оғӯш гирифт Куруш.

– Яздони пок нигаҳбонат бошад, Куруш! – бо самимият ӯро гусел кард Виштосп.

Моҳ ба сари кӯҳ расида, аввал як гӯшаи ҳолаш, сипас нисфаш ва ниҳоят пораи охиринашро дар паси қуллаҳо ниҳон кард. Ойбари кордидаву зирак пешопеш ва Куруш аз думбол дар торикии нимашаб аз ниҳонгоҳашон берун омада, бо эҳтиёт сӯи бошишгоҳи душман раҳсипор гаштанд.

Онҳо дар паси буттае қабои сиёҳашонро кашида, кӯлаҳхуди ҷанговарони бобулиро ба сар ниҳоданд. Куруш чобукона пеш шитофта сӯи посбони пинакрафта корди нахустинро ҳаво дод. Корд ба гулӯи посбон халид ва ӯ бо чашмони аз кӯбиши ногаҳонӣ кушода сарозер афтод. Куруш чун паланге ҷаҳида, худро ба посбон расонид ва аз тани ӯ либоси ҷангиашро кашида саросемавор пӯшид. Сипас шамшери ӯро ба миён баст ва чӯбдасти посбонии дар нӯги салибшаклаш моҳи ҳилол устуворро бардошта, бо қадамҳои дилпурона сӯи хаймаи Гаубру раҳсипор шуд. Чанде аз сарбозони бобулӣ аз дур Куруш ва Ойбарро диданд, вале посбони шабгард пиндошта ба онҳо эътиное надоданд.

Куруш дуртар аз хаймаи бузурги Гаубру қароргоҳи аспонро таги чашм намуда, ба хайма расид ва гӯш ба пардасарой ниҳода муддате ором гирифт. Аз даруни хайма садое намеомад. Куруш ишорае кард ва Ойбар аз миёнаш корди борику тезеро гирифта

пардаи хаймаро чок намуд. Дар рӯшноии шамъи хирасӯз пайкари ба лулаболишт такязадаи Гаубру намудор гашт, ки дар рӯи қолини зебое ёзида буд. Ойбар чобукона пардаи хаймаро бурид ва Куруш бесадо худро ба дарун афканда даҳони Гаубруро бо кафи даст пӯшонид ва качкордро ба гулӯяш ниҳод.

Гаубру дасту по зада ҳаракати раҳидан намуд, вале ҷилои качкордро дар таги занахдонаш дида ором гирифт. Ранги рӯяш беихтиёр парид, ба дастонаш ларза фитод ва илтиҷоомез сӯи Куруш нигарист. Куруш латтаеро ба даҳони ӯ хаста, дастонашро ба пушт баст ва ӯро чобукона аз ҷой хезонид. Ойбар ҷисми аз тарсу ҳарос бемадоргаштаи Гаубруро чун халтае ба китф партофта аз думболи Куруш баромад. Куруш аз қароргоҳи аспон дарҳол ду аспро кушода, ба якеаш ҷаҳида савор шуду ҷуссаи Гаубруро ба пешаш гирифт. Ойбар низ гурбавор ба аспи дуюм нишаст ва онҳо рӯ ба самти кӯҳ оварданд. Садои суми асп дар коми торикӣ хомӯш гашт ва сарбозони хастаҳоли бобулӣ онҳоро посбонони худӣ пиндошта, аз шабохун задани душман бехабар монданд.

Чашмони Гаубруро даруни бошишгоҳи кӯҳӣ кушоданд. Ӯ дидаҳояшро молида дуртар аз худ Курушро дид, ки аз танаш қабои ҷанговари бобулиро мекашид. Дар гӯшаи бошишгоҳ Виштосп, Ойбар ва Пармис – яке аз ҷанговарони ҷасури Куруш менишастанд. Гаубру аз дидани касони ношинос дучанд ҳаросида, пай бурд, ки ба дасти душман асир афтодааст.

– Дастонамро кушоед! – илтиҷоомез хоҳиш намуд Гаубру.

– Бикушо! – ба Пармис амр дод Куруш.

Куруш бо салобати хосае дар гӯшаи баландтари хайма ҷой гирифт. Аз паҳлуи рости ӯ Виштосп нишаста, бо ҳисси кунҷкобӣ ба сару тани Гаубру менигарист. Гаубру дар баробари онҳо рост истода, чӣ кор карданашро намедонист. Оқибат ӯ ба Куруш рӯ оварда бо овози ларзон пурсид:

– Маро ба кучо оварданд?

– Ҷое ки барои корҳои носавобат посух гӯй, – каме барошуфт Куруш. – Чаро худсарона марзро рахна мезанию хуни одамони бегуноҳро мерезӣ?

– Мехостам бо ягон сарлашкари тавонои Астиаг воҳӯрам ва бо раҳнамоии ӯ ба дастбӯсии шоҳи Мод бирасам, – банди дастҳояшро молида бечораҳолона гуфт Гаубру.

– Магар дастбӯсии Набонид бароят басанда нест? – бо хунсардӣ пурсид Куруш.

– Набонид ва писарҳондаш Валтасар баҳои хидматҳои маро нашинохтанд. Маро бадному хор карданд, – шикваомез нолид Гаубру ҳамдардиеро чашмдор гашта.

– Гумон мекунӣ, ки Астиаг ба баҳои хидмати сипаҳсолоронаш мерасад? – самимияти суханони Гаубруро озмудан мехост Куруш. – Магар овозаи рӯзи талхи Гарпагро нашунидӣ?

– Кинаварзии Астиагро хуб медонам, – имдодҷӯёна посух дод Гаубру. – Барои ҳамин омадам, ки ёрии худ ва лашкарамро барояш пешкаш намояму қасосамро аз Набонид ва писарҳондаш ситонам.

– Баҳои хидматат чӣ мехоҳӣ? – аз омади гап рӯҳ мегирифт Куруш. – Сармоя, молу мулк ё чоху..?

– Пас аз пирӯзӣ бар Бобул ба банд гирифтан ва бо дастони худ куштани Валтасар, – кинахоҳона афзуд Гаубру.

– Бовар дорӣ, ки Астиаг туро дошта ба дасти Набонид намесупорад? – озмоиши ҳарифашро идома медод Куруш.

– Медонам, ки Астиагу Набонид душмании оштинопазир доранд ва миёнашон дер ё зуд ҷанг мехезад, – андешамандона гуфт Гаубру. – Ва ҳадафи ман дар ин ҷанг ёварӣ кардан ба Астиаг аст.

– Магар огоҳ най, ки паланги пир бо ҳама тавоноӣ ранҷи бехударо намеписандад? – рамузгирона пурсид Куруш.

– Ман марди сипоҳиям, на фарзона, – ба тахти суханони Куруш сарфаҳм нарафт Гаубру. – Ва сухани бепардаю мардонаро меписандам.

– Ва аз роҳат намегардӣ?! – ҳанӯз ҳам азми ӯро месанҷид Куруш.

– Ҳаргиз! – шӯрид Гаубру. – Агар орзуям дастрас нашавад, бо ҳамин размоворонам дар Бобул набард хоҳам кард. Ё мемирам ё кинамро меситонам!

– Дар даст чӣ қадар сипоҳӣ дорӣ? – оқибат ба самимияти қасди ӯ бовар кард Куруш.

– Савораву пиёда панҷ ҳазор. Агар даркор бошад, боз ду-се ҳазор сарбози зархарид низ гирд оварда метавонам, – бо оҳанги қатъӣ посух дод Гаубру.

– Ман ба ту қавли мардона медиҳам, ки натанҳо Валтасарро ба даст меорӣ, ҳамчунин кишвардорӣ Бобулро низ ба ихтиёрат вомегузорам, – рост ба каъри чашмони Гаубру нигариста андешаи ниҳониашро хулоса кард Куруш. – Лекин каме дертар...

Гаубру, ки ин суханонро чашмдор набуд, лаҳзае дасту по хӯрд. Ӯ озмоишкорона ба Куруш нигарист, то ба ҳақиқати суханонаш эътимод бандад. Куруш ором буд ва дар чашмонаш нерӯи боварию ҷасорат ҷило медод.

– Ту худ кистӣ ва аз кадом таборӣ, эй ҷавонмард? – бо ҳайрат пурсид Гаубру.

– Ман писари Камбуҷия ва набераи Астиагам. Номам Куруш, – посух гуфт ӯ дилпурона.

– Куруши далер?! – чашмони Гаубру беихтиёр дурахшид. – Вориси тахту тоҷи Астиаг ва душмани сарсахти Спитам?!

– Ёфтӣ, Гаубру, – аз ҷой хест Куруш. – Девор миёни мо нест. ҷуз ба душмании ниҳонии Спитам, ки солҳо боз орзуи расидан ба тоҷу тахтро дорад.

– Дар пешонаат фарри шоҳӣ мебинам ва ба қавли ту бовар мекунам, Куруш, – бо нигоҳи лабрези меҳр сӯи ӯ омад Гаубру. – Аз ҳамин соат ман бо сипоҳу силоҳам дар ихтиёри ту ҳастам[1].

– Зиҳӣ, Гаубру! – бо нишони аҳду паймон даст дароз кард Куруш. – Агар гуфтору кирдор як бошад, ягон душворӣ садди роҳи мо намегардад.

– Гаубру ҳеҷ гоҳ паймонашро нашикастааст ва нахоҳад шикаст! – бо қатъият дасти Курушро фишурд ӯ.

– Сипос Яздони покро, ки дар сафи бародарони мо боз як шери ял афзуд! – бо нишони меҳр Гаубруро ба оғӯш кашид Куруш.

Ӯ аз ин шабохуни некфарҷом розию қаноатманд буд. Шаб мегузашт ва аз домани уфуқи дуродур пардаи ҳарири субҳ медамид.

ГУРГОШТӢ

Ҳуҷраи ҳабсхона равзанаи хурдакаки панҷарабанде дошт, ки аз он як пораи осмон метофт. Гарпаг дар ин кунҷи танҳоӣ дар пой занҷиру дар гардан завлона ғарқи андешаҳои азиятовару навмедкунанда менишаст. Аз ғояти хаёлҳои ногувор хоб аз чашмаш парида дилаш фишор меҳӯрд.

Ӯ соли сеюм дар ин чаҳордевори тангу торик рӯ ба равзана ғамгину дилшикаста менишасту мӯи сафеди ба китфон хамида, риши дарози ба сандуқи сина расида, рухсораҳои заҳиру кам-

[1] Солномаи Бобул ва Ҳеродот хабар медиҳанд, ки Гаубру (Угбару) волии Гутиум нисбати Набонид ва писархондаш Валтасар кина доштааст, аз ин рӯ бо сипоҳаш ҷониби Куруш гузашт.

хун, чашмони фурӯрафтаи лабрези андӯҳ ва либосҳои фарсудааш аз азияти тӯлонию ҳолати бечорааваш гувоҳӣ медоданд.

Аз таҳхонаи сарду ним торик пораи осмони баланд ва як гӯшаи моҳи ҳилол ба назар басо дуру дастнорас метофт. Гарпаг чун махлуқи нотавону захмине ба худ мепечиду нигоҳаш аз пушти панҷара ба осмони дур мерафт. Гӯё лахчаи сӯзоне андаруни сандуқи дилаш аланга мегирифт ва ӯ аз шиддати дард дарун – дарун сӯхта оҳ мекашиду нолиш мекард. Пай мебурд, ки ҳама шукӯҳу шавкаташ бебозгашт рафт, забуну сарнагун шуд. Дар дили шикастаи ӯ фақат ёди фарзанди ҷавонмарг ва оҳу фиғони ҷонсӯзе боқӣ монду бас. Дар ҳасрати писари ягона мешуриду метапид ва оқибат ба сукут рафта лаҳзае ором мегирифт.

Дар ин торикии нимашаб садое ба гӯш мерасид, вале Гарпаг ба тоб хӯрдани калид ва ғичирроси дари гарону зангхӯрдаи зиндон бовар накарда, онро асари хаёлҳои азиятоваш мепиндошт. Бидуни пиндори ӯ аз дари кушода суроби каси сиёҳпӯше ворид гардиду шитоб накарда пеш омад. Гарпаг аз ӯ ҳаросида худро ба кунҷи зиндон кашид. Аз чашмони пурбиму моломоли дахшати Гарпаг аён буд, ки ӯ каси сиёҳпӯшро қотили зархарид пиндоштааст.

Вале марди сиёҳпӯш шитоб надошт, дар пешорӯи Гарпаг бозистода, саропои ӯро бо ҳисси кунҷковӣ аз назар гузарониду таассуфомез сар афшонид. Гарпаги мадҳушу ҳаяҷонзада ҳаракати хестан намуд, аммо мадори ҷисми афгоргаштааш ба хестан намерасид.

– Хаёлам маро нашинохтӣ, Гарпаг? – бо оҳанги таассуфу надомат пурсид Сиёҳпӯш.

– Овозат шинос менамояд, – Гарпаг аз овози ошно ба харос афтод. – Аз ранҷи зиндон чашмам хираю гӯшам гаронтар гаштааст.

– Умедворам, соҳиби ин ангуштаринро фаромӯш накардаӣ, Гарпаг? – аз таги чодар дасти ангуштариндорашро берун овард Сиёҳпӯш

– Астиаг?! Наход ту бошӣ?! – аз ғояти дахшат ҷаста хест Гарпаг.

– Маро бубахш, ки дер ба дидор расидам, – чодари сиёҳро аз сараш бардошта гуфт Астиаг.

– Маро мекуштӣ, сад бор бехтар буд, Астиаг! – бо дарду алам нолид Гарпаг. – Дар ин кунҷи зиндон ҳар рӯз сад бор мемираму зинда мешавам, вале аз бахти бад Яздони пок ҷонамро намерабояд!

– Медонам, ки маро ҳеҷ гоҳ намебахшӣ! – бо оҳанги таассуфу пушаймонӣ гуфт Астиаг. – Вале боз ба наздат омадам, Гарпаг.

– Беҳуда омадӣ, Астиаг! – ба рухсораи Гарпаг ашк метаровид. – Ман Гарпаг нестам, сояи хираи ӯям, ки ҷонам рафтаву рӯҳам кайҳо мурдааст. Ҳамин колбади танам монда, ки дар кунҷи ин зиндон месӯзаду ба зоту зурёти инсон нафрин мехонад!

– Аз шоҳ гирифта то гадо, кадом кас дар ин олам хато накардааст, Гарпаг! – оҳи сардеҳкашид Астиаг.

– Ту сангинтарин озори оламро бароям раво дидӣ, Астиаг! – ҳамчунон менолид бо дарду алам Гарпаг. – Куштани писари ягонаам кам буд, ки боз танашро пухта дар пеши чашми дарбориён ба ман хӯрондӣ! Аз ин кор тасфи дили кинаҷӯят фурӯ нанишаст магар, ки сари бечони фарзандамро дар табақи заррин овардӣ... Аз ин кирдори нанговар танамро лахт-лахт мекардӣ беҳтар буд!

– Гуноҳамро дер дарёфтам, Гарпаг! – худро ночор сафед кардан мехост Астиаг. – Медонам, ки гунаҳкори бегуноҳ хастӣ. Ман ба сухани фарзандам Амутида бовар кардаму ба ин кори хато даст задам.

– Дареғ ки фурсат рафту тир аз камон кайҳо парида! – бо сӯзи дил даст меафшонд Гарпаг. – Ин гуноҳи нангин хоҳ бо пиндори духтарат Амутидаю домодат Спитам сар зада бошаду хоҳ бо раҳнамоии Яздони пок, бузургтарин иштибоҳи ту буд, Астиаг!

– Ростӣ ҳарчанд ҷонсӯз аст, ин дам бояд ба забон овард! – бо ҳасрату пушаймонӣ гуфт Астиаг. – Ман дар тӯли умри дарозам бори дигар бовар кардам, ки тахту тоҷ сарчашмаи бисёр сарсахтиву бадбахтиҳост, Гарпаг! Бубин ки фарзанди аз камар рӯидаву бо ҷону ҷигар парваридаат аз фиреби хунин кардан ба падар рӯ намегардонад.

– Дер шуд, Астиаг, дер шуд! – Гарпагро ашк гулӯгир шуд. – Дарёфтанат акнун суде надорад!

– Не, ҳанӯз дер нашудааст, Гарпаг! – бо ҳаяҷон аз миён ханҷарро кашида сӯи Гарпаг дароз кард ӯ. – Ману ту дар миёни ин чордевори зиндон танҳоем. Бигир ин теғи хунрезро ва гуноҳи рафтаро ислоҳ намой!

Астиаг мутеона сар хам карда буду ханҷари тез дар кафи дасташ меларзид. Партави машъали хирасӯз ба теғи ханҷар фитода ҷило медоду ваҳме ба дил меафканд. Гарпаг бо нафрат ба ҳоли зори Астиаг нигариста хитоб намуд:

– Кина ситонам!.. Дар ин зиндони бекасу хомӯш, ки чашме набинад!

Гарпаг рӯ ба равзанаи панҷарабанд оварда, аввал паст, сипас баланду дардолуд хандид. Ин хандаи талху таҳдоӣ дар худ ҳама дарду алам ва ранҷу изтиробҳои ниҳонии Гарпагро гунҷонда, ниҳоят оҳанги тамасхуромез гирифт.

– Ту боз гуноҳ кардӣ, Астиаг! Мо танҳо нестем! Сари бечони Фаронак аз рӯи ташти заррин ба падари мотамзадаву писари бародарзодаи кӯтоҳназараш менигарад.

– Ман мотами туро мефаҳмам, Гарпаг! – аз заҳрханди таҳдор ҳаросид Астиаг. – Агар тавонӣ, аз гуноҳам бигзар!..

– Не, намефаҳмӣ ва фаҳмида ҳам наметавонӣ, Астиаг! – барошуфт Гарпаг. – Ту шоҳ нестӣ, масхарабозӣ, масхарабоз!

– Акнун ба охирин суханони масхарабоз гӯш бидеҳ, Гарпаг! – бо азобе хашмашро фурӯ бурда, ханҷарро ба гилоф андохт Астиаг. – Аршом пайғом фиристода, ки Куруш бо сарлашкари пешини Набонид – Гаубру забон як кардаю аз пардохтани андоз сарпечӣ дорад. Душманони мо аз якравию ҳангомаҷӯии Спитам, майдонкашию размхоҳии Куруш ва бозиҳои балохези дарборӣ рӯҳгирифта, бо дасти сарлашкарони худӣ моро шикастан мехоҳанд. Балои нобудшавии давлати Мод пеш омадааст, Гарпаг! Худро бетараф магир!

– Ту бо дасти худат пояи ин давлатро кофтию бунёдашро барандохтӣ, Астиаг! – бо ситезу тундӣ афзуд Гарпаг. – Охир, чун рӯз равшан буд, ки Спитам барои гирифтани тоҷу тахт пинҳонию ошкоро талош дорад. Вале ту ҳамеша кинаи якеро аз дигаре меситондӣ!

– Дар назди фармондори осмони баланд мову ту оҷизем, Гарпаг! – бо рӯҳи ҳангомахез афзуд Астиаг. – Имрӯз дар тахтаи сарнавишт барҷо мондан ё нест шудани ватану шоҳигарии ниёгони мо истодааст. Бар онам ки ба бӯи пос доштани рӯҳи падарон, ки чанд пушт пеш аз як модар рӯидаанд, маро мебахшӣ...

– Аз бахшидани ман гуноҳи ту дар назди худоён кам намегардад, Астиаг! – каме нармтар шуд Гарпаг. – Ва хуни бегуноҳон рӯзе домангират хоҳад шуд...

– Ман дигар ёрои туро боздоштан надорам, Гарпаг, – бо чашмони ашкбор ба рӯи ӯ нигарист Астиаг. – Аз ҳамин дам комилан озоди озод ҳастӣ. Дари зиндон кушода аст ва дар берун аспи бидаве бо хӯрчини зар нигарони туст. Саратро гирифта ба ягон мулки дур меравӣ ё дар паҳлуи ман барои дифои

Ватан меистӣ, ба дасти туст . Меҳандорӣ ё тарки диёри ачдодӣ – аз ин ду роҳ якеро бигузин! Ёдат ба нек, Гарпаг!..

Астиаг калиди занҷиру завлонаро ба пеши пои Гарпаг партофта, бошитоб аз дар берун рафт. Гарпаг лаҳзае дар кунҷи ҳабсхона лолу ҳайрон монда, бо дастони ларзон калидро гирифту завлонаҳои дасту пояшро кушод. Ӯ аз дари нимабози ҳабсхона берун рафту аспи бар дарахт бастаеро дида, ҳудро ба он расонид. Дар болои асп ҳӯрҷини пурборе ҳамоил буд.

Гарпаг нобоварона даст ба ҳӯрҷин андохт. Сиккаҳои тиллоӣ ба кафи дасташ омада ӯро нерӯю мадор бахшид. Ба асп нишасту маҳмез зад, вале дид, ки банди аспро накушода. Аз асп фуромаду ҳангоми кушодани гиреҳи расан шубҳае ба дилаш роҳ ёфт. Нерӯе аз ниҳодаш боло гирифта ӯро аз рафтан бозмедошт.

Гарпаг ба маҳбас бозгашту бо эҳсоси тавонои рафтан ё нарафтан сар ба сар шуд. Дар ниҳоди ӯ ду нерӯ пайкор дошт. Менишасту мехест, қадам мезаду ором мегирифт, мушт ба сар мекӯфту сар ба девори зиндон ва ба қароре омада наметавонист. Хаёле ӯ дар сари дуроҳае истода буду ба обу арақ ғӯтида намедонист кадом роҳро интихоб намояд.

Субҳ медамид ва аз равзанаи панҷарабанд рӯшании оҳарие ба даруни зиндон роҳ меёфт. Гарпаг оқибат ҳангоми субҳ ором гирифт ва занҷиру завлонаро аз замин бардошта, дубора ба дасту пои ҳуд андохт. Аз тирезаи равзана панҷае аз нури офтоби субҳ метаровид.

* * *

Қасри Камбучия намуди бошукӯҳе дорад. Тимсоли Симурғи одамсарӣ афсонавӣ, ки чун мурғи бахт ва мунодии пайки тоҷу тахт дар аҳди Ҳахоманишиён хеле роиҷ буд, дар як гӯшаи девори қаср мучассам аст. Дар болои тахти шоҳӣ бар тани девори баркад мучассамаи Аҳурамаздо ҳувайдост, ки аз чамбараи сараш нури илоҳӣ мерезад. Аҳурамаздо барои шоҳаншоҳон рамзи бақои тахту тоҷ ва пойдории салтанат буда, ҳамчун муқаддасоти оини давлатдорӣ дар маросимҳои бошукӯҳ, алалхусус ҳангоми нишастан ба тахт ба он рӯи ниёз меоварданд.

Дар паҳлуи рости Камбучия, ҳокими Парсуа – бародараш Аршом нишаста буд, ки дар мақому мартаба аз ӯ камӣ надошт. Дар назди онҳо Куруш, Виштосп, Гаубру, Ойбар ва Пармис ҳузур доранд. Аз вачоҳати ҳозирон ҳувайдост, ки мушкилоти гароне дар пешорӯяшон истодааст.

– Сипос ба даргоҳи Ҳурмузди пок, ки моро аз ҷангу хунрезӣ боздошту бароямон хиради азалӣ ва андешаи оштиро расонид, – бо оҳанги ниёишомез аз муҷассамаи Ҳурмузд чашм наканда мегуфт Камбуҷия. – Аммо душманони бадкин аз оштиву дӯстии мо барошуфта, қасди кинаситонӣ доранд.

– Магар ман оғоҳ накарда будам, ки густохӣ раво нест? – бо худнамоӣ неш зад Аршом. – Астиаг басо қасосҷӯю кинагир аст!

– Ба ҳар рӯ густохии Куруш ба манфиати кор анҷом пазируфт, Аршом, – посух дод ба ӯ Камбуҷия. – Мо дар симои Гаубру як ҳамдили тавоно ва лашкаркаши ҷасур ёфтем, ки якҷоя бо ҳар гуна бадхоҳ ру ба рӯи кардан метавонем.

– Фаромӯш макун, ки Парсуа ва Аншон кишварҳоест дар марзи канории шоҳии Мод, – таъкид кард густохона Аршом. – Ва ҳар худсарие, ки аз мо сар занад, балои бузургтареро бармеорад.

– Ин бало ҳамеша чун шамшере болои сари мо меистод ва аз тарси он ҷуръате надоштем, ки сар бардорем, Аршом, – эътироз кард Камбуҷия. – Имрӯз сипос Яздони покро ҳол дигар аст. Агар ба сӯи боди баҳра роҳ паймоем, умед аст, ки дер ё зуд ба озодӣ мерасем.

– Аз думболи боди баҳра[1] тӯфони мавҷхез мерасад, Камбуҷия, – аз хатар огоҳ намуд Аршом. – Ва раво нест, ки фирефтаи ҳавои озодӣ гашта, киштиро ба коми тӯфон афканем,

– Ману ту кайҳост, ки миёни дарё тахтабандем, Аршом, – гилаомез нах зад бародарзодаашро Камбуҷия. – На ёрои пеш рафтан дорему на мадори раҳидан. Ва имрӯз нохудои ҷавону садшикане расида, ки азм дорад киштии дармондаро бираҳонад. Пешомади ин киштӣ, шикастан ё раҳидан ба нигоҳи неки мо ва раҳбари дуруст баста аст.

– Хато мекунӣ, Камбуҷия! – паст наомад Аршом. – Киштӣ аз рӯи тавон ва гунҷоиш ҳар хел мешавад. Киштии мо дар шумори завракест, ки онро ба дарёи нопайдоканор киштии бузурге кашида мебарад. Ва банди устувори киштии бузург завраки кӯчаки моро аз дарафтодани наҳангони гушначашм ва балоҳои тӯфонхез дур медорад. Худо накунаду таноб канда шавад, завраки танҳою бесарпаноҳи мо чун пари коҳе дар миёни дарё саргум мезанад.

---

[1] . Боди баҳра, боди мувофиқ.

– Дуруст фармудӣ, Аршом, – бу хушнидӣ хандид Камбучия. – Бале, мо дар миёни тӯфонҳои балоҳез ба ранги завраки кӯчакему бас. Вале як заврак не, ду завраке, ки чудо аз ҳам шино доранд ва сарнавишту ихтиёрашон бастаи таноби киштии бузург аст. Ва имрӯз ба нигоҳи неки Худо фурсате расида, ки киштичаҳо аз банд бираҳанд ва чун як пайкари яклахт роҳи дилхоҳашонро пеш гирифта, пешомадашонро бо дасти хеш бингоранд.

– Пешомад чист, бозие рӯи кафи имкону тавоноӣ! – баҳсро густохона идома медод Аршом. – Ва бо хоҳиши[1] манӣ ту, киштичаи хурд ҳеҷ гоҳ киштии бузург нахоҳад шуд!

– Барои ҳамин ман[1] салоҳ мебинам, ки ҳам фарҷоми кори киштичаҳоро ҳам пешомади Парсуаю Аншонро ба дасти ҷавонон бисупорем! – оқибат фикрашро хулоса намуд Камбучия.

– Напурсида аз Астиаг?! – барошуфт Аршом? – Аз густохии Куруш надодани андоз ва ду ҳазор сар таковари хушзот кам буд, ки боз мулкдориро ба дасти ӯ вогузорем?![1] Магар кишвари кӯчаки Ҳахоманишиҳоро ба ҷанги хунин кашидан мехоҳӣ?!

– Тарҳи ҷанги хунин аллакай кашида шудааст, Аршом, – бо заҳрханде хабар дод Камбучия. – Бо фармони Астиаг лашкари савораю пиёдаи Мод бо шитоб сӯи Парсуаву Аншон меоянд.

Хабари ҷанг чун боди сарде ба тану чони ҳозирон дамида, изтиробу ҳаячонеро дар тарҳи андом ва нигоҳи тааҷҷубомези онҳо меангехт. Ҳатто Куруш ва Гаубру низ чашмдор набуданд, ки хатари ногаҳонӣ бо ин қадар зудӣ ба истиқболи онҳо меояд. Сукути ногувори фазои қасрро нахустин шуда бо парешонхотирӣ Аршом шикаст.

– Намефаҳмам, чӣ хел ҷанг? Кай? Аз куҷо? Ё барои насупурдани андозу таковарон?!

– Ҷосусон хабар оварданд, ки Астиаг ба марз рахна задани Гаубруро шунида, Гарпагро аз зиндон озод кард, – ба саволҳои Аршом посух гуфт Камбучия. – Ӯро сипаҳсолори сарбозони савора гумошт. Спитам гарчанде ба ин розӣ набуд, рӯирост эътироз накард. Зеро ӯ лашкаркашии Гарпагӣ рӯзгордидаро хуб медонист ва бовар надошт, ки ба танҳоӣ лашкари якҷояи Гаубру ва Курушро бишканад. Лашкари пиёдаи Спитам ва саворасипоҳони Гарпаг се рӯз пеш аз Экбатана баромада, сӯи кишвари мо раҳсипор гаштанд.

---

[1] Ҳеродот яке аз сабабҳои барошуфтану лашкаркашии Астиагро ба муқобили Куруш дар напардохтани андоз ва надодани таковарони хушзот мебинад.

– Густохии ночиз аз думболаш густохии бузургтареро меорад! – бо итоб дандон соид Аршом. – Лағзише андак дар кишвардорӣ, бадбахтию талхии басо сангинро бармеорад!

– Бародари гиромиам, Аршом! –хунсардона гуфт Камбучия. – Гуфтугӯи ин ки лағзиш аз ману ту гузашт, аз Курушу Виштосп ё аз пешона дигар суде надорад. Лашкари душман ба кишвари мо торафт наздик меоянд, чорае бояд андешид.

– Ба пиндори ман андози порсолаю ду ҳазор таковари якқачинро гирифта ба пешвози лашкари Астиаг баромадан бехтарин роҳ аст! – пешниҳод намуд Аршом ба ҳозирон нигариста.

– Не, падар! – бо қатъият эътироз кард Виштосп. – Таковарони чангӣ ба размоварони мо даркор аст. Теғи Спитам ин бор хато намехӯрад!

– Спитам аз лашкаркаше беш нест, Виштосп! – аз суханони писараш барошуфт Аршом. – Салоҳи кори мамлакат ва дурусту нодуристии он ба гардани Астиаг аст.

– Ман ҳам рӯй ба додани аспҳо нестам! – Виштоспро ҷонибдорӣ кард Куруш. – Астиаг кунун хӯсаест, ки худро шоҳ мепиндорад. Пешомади мо имрӯз ба ҳукми Спитам ва теғу шамшери ӯст!

– Дар пешорӯи мо ду роҳ аст, марг ё зиндагӣ! – бо хунгармӣ афзуд Ойбар. – Рӯ ба Спитам овардан барои бахшоиш, бегумон рафтан ба оғӯши марг аст!..

– Мо аз думболи Куруш меравем! – бо ҳаяҷону боварӣ пешниҳод кард Виштосп. – Бигузор ихтиёри лашкар ва ихтиёри кишвар ба дасти ӯ бошад!

– Дар пешонаи Куруш фарри шоҳӣ мебинам! – фикри чавононро қувват дод Гаубру. – ситорашиносони бобулӣ аз пешомади бузурги ӯ мужда медиҳанд. Вагарна, бо ин ҳама сипоҳ ба паҳлӯи Куруш омадани ман ба чи ниёз буд.

– Пешгӯёну мӯбадони Астиаг низ дар чеҳраи Куруш вориси тахти пояндаву бошукӯҳеро дидаанд, – ҳангомаҳои дарборро ба ёд овард Ойбар. – Шояд дар овони кӯдаки аз чашм дур афтодани Куруш пешгӯии толеи баландаш бошад.

– Мебинам, ки ҷуз Аршом ҳама хостгори онанд, ки кори лашкар ва кишварро бар дӯши Куруш вогузорем, – аз чунин ранг гирифтани кор хушҳол шуд Камбучия.

– Ман ҳам чандон якравӣ надорам, – хавотиромез гуфт Аршом. – Агар чунин пиндоред, раво бошад.

– Не, – рад намуд Куруш, – ман ин густохиро бароям раво намебинам!.

– Ин густохӣ не, фармони осмон аст, Куруш! – тоҷи шоҳиро аз сараш мегирад Камбуҷия. – Аз ҳамин дам кишвари Парсуаву Аншонро шоҳии ягонаи Порсоёни ориёӣ гуфта, Пасаргодро пойтахти он мехонем ва посдории ин шоҳигариро ба дӯши ту вомегузорем, шоҳи ҷавонбахт!

– Бузургвории сулолаи Ҳахоманишиёнро пос медорам,марзу бими меҳанро аз ҳама гуна душман пешгирӣ мекунам ва дастёрии падарону бародаронро бароям шараф медонам! – ба ҳозирон сари таъзим фуруд овард Куруш.

– Рӯшану бегазанд бод тахту тоҷ! – тоҷи шоҳаншоҳиро ба сари Куруш ниҳода ӯро оғӯш мекунад Камбуҷия. – Яздони пок нигаҳбонат шавад, Куруш!

– Ҳурмузди накурой ҳамеша ёварат гардад! – мегӯяд Аршом худро самимӣ вонамуда.

– Симурғи ҳучастапай бароят бахту кушоиш оварад! – ӯро ба оғӯш гирифта муборакбод менамояд Виштосп.

– Манам, Куруш, писари Камбуҷия, – бо камоли садоқат рӯ ба муҷассамаи Ҳурмузд оварда мегӯяд ӯ. – Набераи Куруши нахуст ва Чишпиш, аз дудаву дудмони Ҳахоманиш – шоҳони бузург, аз наҷоди ориёӣ, ки шоҳишон ба дилҳо наздик ва пиндорашон ба сӯи меҳри худоён аст. Манам, Куруш, ки бо ёрии Аҳурамаздо ва раҳнамоии ин мардони некбин бар авранги шоҳии Порсоёни ориёӣ нишастам. Дар шукуфоии рӯшноии эзадии Аҳурамаздо савганд мехӯрам, ки сарзамини ниёгонамро гиромӣ медорам ва намегузорам, ки озоре ба дилҳои рӯшани ёрон бирасад. Пеши Ҳурмузди накурой савганд ёд мекунам, ки нажодаҳои парокандаи ориёиро гирди дирафши Ҳахоманишиён ба ҳам меорам ва ҳастии танамро дар ин роҳ фидо месозам...

СЕ ҲАДАФИ АСТИАГ

Дар партави рӯшаний хираи маҳтоб тарҳи бошишгоҳи ҷангии ду лашкари размхоҳ дар фосилаи чашмрас муқобили якдигар ҷой гирифтаанд. Хаймаи бузурги Куруш, ки дар миёнаҷои бошишгоҳ, дар иҳотаи хаймаи сарлашкарон воқест, аз шӯълаи шамъу қандилҳои хурду калон мунаввар аст. Куруш чун пайкараи яклухте бар тахти сафарӣ нишаста, симои орому нигоҳи ҷиддии ӯ ин лаҳза моломоли иродаю матонат аст. Куруши серҳаракату бекарор гӯё дар арсаи тоҷу тахт комилан дигар шуда, виқору салобаташ ҳозиронро пахш мекунад. Аз ду тарафи ӯ ба шакли нимдоира муқаррабонаш Виштосп, Гаубру, Ойбар ва

дигар сарлашкарон нишастаанд. Онҳо чашм ба рӯи Куруш дӯхта, мулоҳизаҳои ӯро гӯш мекунанд.

– Спитам бо лашкари гарӯнаш азм дорад, ки сипоҳи начандон зиёди моро шикаста, шоҳии нави Порсоёнро ба хок яксон намояд. Астиаги фиребкор ӯро барангехта бо як тир се нишон задан мехоҳад. Нахуст нерӯи моро бишканад, сипас нирӯи Спитамро бикоҳад ва ахиран душмании миёни Гарпагу Спитамро тезу тундтар созад...

– Аз шунидам, Спитам дар набарду майдондорӣ ҳунари расо надорад, – ба андешаи Куруш рӯшанӣ андохт Виштосп. – Аммо Гарпаг – ин гурги пиру борондида, ки борҳо Крезу Набонидро ба паснишинӣ водоштааст, бо сипоҳи савораи афзунаш барои мо басо хатарнок аст.

– Хатар ҷасоратро мезояду ҷасорат пирузиро! – рӯхбаланд менамуд сарлашкаронашро Куруш. – Аз шумораи беши лашкари душман набояд ҳаросид. Размоварони шерафкану варзишдидаи мо ҳар кадом посухи дах тан сипоҳи душманро медиҳанд.

– Бузургтарин душман дар ҷанг тарс асту бовар надоштан ба пирӯзӣ – фикри Курушро тақвият дод Гаубру. – Ситораи Куруш аз дастболои мужда медиҳад ва пирӯзӣ бо фармони Яздони пок насиби мост!

– Гумон дорам, ки миёни Спитам ва Гарпаг душмании ниҳоние нуҳуфта, ки дер ё зуд ба ҳангомаи ошкоро мерасад, – андешамандона тахмин зад Ойбар. – Агар шоҳам раво бинад, банда ба лашкаргоҳи душман ҳуфия бизанам ва забони рози сарлашкарону сипоҳиёнро дарёбам.

– Роҳи корзори фардоро бори дигар биандешем, сипас рафтан ё нарафтани ту рӯшан хоҳад шуд, Ойбар, – пешниҳоди дӯсташро бар ҷой гузошт Куруш.

Баногоҳ пардаи ҷодар кушода шуд ва аз бодди шабҳангом шунаи қандилҳо алвонҷ хӯрданд. Пармис – сарвари лашкари пешгард, номае бар даст ба ҷодар даромад ва расми таъзимро ба ҷо оварда бо шӯру ҳаячон гуфт:

– Марди ниқобпӯше ин номаро ба ман дода хост, ки ба шоҳи ҷавон расонам.

– Марди ниқобпӯш? – оромиро набохта пурсид Куруш. – Дар ин майдони корзор, ки пур аз сипоҳиёни кинаварз аст, марди ниқобпӯш чӣ мечӯяд?

– Аз пешгоҳи дастаи талоя гузашта дар камингоҳе лашкари душманро ба дид гирифта будам, ки марди ниқобпӯше дар на-

здам пайдо шуд, – мехост гумони Курушро бартараф намояд Пармис. – Даст ба шамшер бурдам, ки бо оҳанги оштӣ сари зону нишаст ва хост, ки ин номаро ба шоҳ расонам[1].

– Чӣ сухане ба забон овард? – аз ин амал рамуз бардоштан мехост Куруш. – Суханашро такрор кун, Пармис!

– «Ҳурмузди накӯрой пуштибони Куруши ҷавонбахт бошад, – хаёломез ба ёд овард Пармис. – Паёме баҳраш аз марди некхоҳе овардам. Бар онам, ки ин паёмро шоҳи ҳуҷастапай хуш мепазирад». Сипас бо ду даст номаро сӯям дароз кард ва дар як чашм задан аз наздам нопадид гашт.

– Дар ин нома чӣ паёме нуҳуфтааст? – ба Виштосп нигоҳи таҳдоре карда, амри номаро гирифтан намуд Куруш. – Паёми дӯст ё душман?

Виштосп номаро гирифта бо ду дасти адаб сӯи Куруш дароз намуд. Куруш номаи лӯлапечро кушода, нахуст худаш хонд ва сипас ба Виштосп дод:

– Бихон, то ҳама бишнаванд!

«Шоҳи ҷавонбахт, Куруш! – қироат мекард Виштосп каме хавотиромез. – Ҳурмузди накӯрой ва эзадон нигаҳбонат бод! Инак дами аз хоб раҳиданат фаро расид. Астиаг аз зӯрии пирӣ домани мулкро аз даст дода ва дигар нирӯи фармонравоӣ надорад. Ту вориси ягонаи тоҷу тахтӣ ва сари подшоҳӣ дорӣ. Метарсам, ки Спитам лашкари Парсуа ва Аншонро шикаста, туро аз сари роҳаш дур афканад. Сипас шоҳи пирро ғофилгир намуда, бо зӯри сипоҳ подшоҳиро ба даст орад. Умедвор аст, ки фардо ҳангоми набард размоварони камшумори туро саркӯб месозаду ба пиндори нопокаш мерасад. Вале ман қасди нуҳуфтаи Спитамро напазируфтаам ва ин номаи ниҳониро бароят фиристодам. Агар паёмамро бипазирӣ, паёмбаре ба хиргоҳи ман бифирист. Фардо, ҳангоми огози набард, ман бо лашкари савораам сӯи ту хоҳам гузашт. Зеро дар чеҳраи ту фарзанди ҷавонмарғам Фаронакро мебинам ва омодаам сари сапедамро дар роҳи пирӯзиат бибозам.

Бо паёму дуруди падарвор, Гарпаг».

Сукуте ба миён афтод. Виштосп лӯлаи чармиро печонда ин-

---

[1] Ҳеродот хабар медиҳад, ки номаи Гарпаг андар шиками харгӯше маҳфуз будааст ва сайдро ба ҳузури Кӯруш мефиристанд, то нома ба дасти ҷосусони Астиаг наафтад. Шиками харгӯшро чок карда, сипас номаро аз он берун меоранд.

тизори амри Куруш гардид. Шарораи фараҳу шодмонӣ дар чашми ҳозирон барқ мезад. Вале Куруш ҳамоно ором буд ва ба назар салобати шоҳонааш меафзуд. Дар симояш матонату дилпурӣ ҳувайдо буд ва аз расидани ин паём шод ё ғамгин шуданашро касе пай намебурд. Ниҳоят ӯ рӯ ба Ойбар оварду амр дод.

– Дами рафтанат расид, Ойбар! Паёми фарзандии маро ба Гарпаг бирасон ва бигӯй, ки Куруш дасти дӯстии падаронаи туро пазируфт ва чун фарзанд сипосдор хоҳад буд!..

* * *

Офтоб бо нурҳои аввалини худ майдони набардро равшанию зиё мебахшид. Дар ду самти размгоҳи паҳновар лашкари Спитам ва Куруш муқобили якдигар саф ороста буданд. Аз баландии домани теппае пиёдаскарони тирандози Спитам бо тартиби хосае қаторро вайрон накард бо шитоб ҳаракат мекарданд. Спитам, Гарпаг ва чанд сарлашкари савора аз баландӣ ба ҳаракати бонизоми тирандозон қаноатмандона назар мекарданд.

Дар рӯ ба рӯи онҳо дуртар аз фосилаи тиррас лашкари савораи Куруш саф баста, интизори фармон меистоданд. Дар пешгоҳи лашкари савора дар сари баландие Куруш, Ойбар, Виштосп ва Гаубру савори таковарони хушзоту чобукпойи хеш лашкари душманро муоина менамуданд. Куруш чун ҳарвақта оромию тамкинро нигоҳ медошт, вале дар таҳти нигоҳаш иштиробу ҳаячон ҳувайдо буд. Дар пешорӯи саворахои Куруш пиёдаскарони Гаубру бо сипарҳои бузург ва найзаҳои дарозашон ҳафт қатор саф ороста, ҳамлаи душманро интизорӣ мекашиданд.

Садои табҳои ҷангию бӯқу карнай баланд шуд ва Спитам бо ишораи даст ба оғоз намудани муҳориба амр дод. Тирандозони сабуксилоҳи Спитам паёпай тир афканда, қадам ба қадам пеш меомаданд. Сарбозони пиёдаи Гаубру бо сипарҳои бузург болои сар ва пешорӯяшонро пӯшонида худро аз зарби тир дифоъ мекарданд.

Сабуксилоҳони Спитам дар фосилаи тиррас бошитоб ду тараф ҳаракат карда, барои сарбозони савораи Гарпаг роҳ кушоданд. Пешопеши саворон кулаххӯду либосҳои ҷангӣ бар тан Гарпаг асп метозонд. Дар назари аввал чунин менамуд, ки фавҷи ду лашкар бо ҳам бармехӯранду ҷанги шадиде оғоз ме-

гардад. Аммо ғайричашмдошти Спитам саворони Гарпаг аз муҳорибаи рӯ ба рӯ даст кашида, бе ягон ҷангу набард ба сафи сарбозони Куруш ҳамроҳ мешуданд.

Спитам ба ин ҳодисаи ғайричашмдошт лаҳзаи аввал сарфаҳм нарафт. Вале ӯ сӯи бошишгоҳи сарлашкарони Куруш рафтани Гарпаг ва ба истиқболи ӯ шитофтани Ойбару Виштоспро дида, аз ин хиёнат сахт ба ғазаб омад. Ӯ инони ихтиёр аз даст дода, ба сагрии аспаш қамчин заду онро девонавор тозонда дар мобайни майдони корзор лаҷомро бо шаст кашид. Саманди ӯ аз фишори лаҷом хез гирифтаю нимдавр гашта, оқибат ором гирифт. Аз чашмони Спитам кинаю адоват ва нафрати ошкоро борида, тинати ниқорҷӯёнаи ӯро аён месохт. Ӯ нӯги найзаашро довталабона ба замин зада бо тамоми овоз бонг кашид:

– Эй Гарпаги палид! Ту ба гавҳар бадхӯву бадравиш ҳастӣ! Ҳатто марги сангини Фаронак бароят панд нашуд. Вале ба ман хиёнат карда, беподош нахоҳӣ монд! Туро ба ҷанги тан ба тан мехонам! Бигузор тани бекасатро зоғону каргасон бихӯранд!

Суханони талхи Спитам чун ханҷари ҷонсӯзе ба дили Гарпаг мехалид. Сарлашкари пир аз ғаънаю маломатҳои Спитам пажмурдатар мегашту ранги рӯяш мекоҳид. Ӯ найзаро болои сар бардошту аспашро ба истиқболи Спитам маҳмез зад. Аммо Ойбар ва Виштосп пеши роҳашро доштанд. Куруш бо шитоб пеш омад ва найзаи Гарпагро аз дасташ рабуда гуфт:

– Ману Спитам кинаи дерина дорем. Ӯ аз овони кӯдакиам ба ман кина меварзад. Имрӯз бо меҳри Яздони пок фурсате расидааст, ки посух бидиҳам!

Куруш асп тозонда найзаи дасташро дар шафати найзаи Спитам ба замин халонид. Найзаҳои ду ҳарифи кинаварз дар васати майдони набард рост истода, саворон аз ду ҷониб ба муқобили якдигар асп тозониданд. Ҳарифон баробари ба васати размгоҳ расидан, найзаро рабуда, таковарони размхоҳашонро ба муқобили якдигар маҳмез мезананд. Найзаҳо ба сипарҳои гарон бармехӯрданд. Баногоҳ дастаи найзаи Спитам мешиканад ва худаш мувозинат бохта аз асп меафтад. Куруш найза болои даст лаҳзае гирди Спитами ваҳмзада чарх мезанаду сипас найзаашро дур афканда аз таковараш мефарояд. Спитам аз марги муфоҷо раҳида, осемасар даст ба қабзаи шамшер мебарад.

Шамшерзанӣ огоз меёбад ва шамшери Спитам ба кулаҳхӯди

Куруш расида, онро меафтонад. Зарби дуюми шамшери Спитам китфи Курушро ба ҳадаф дошт, аммо шамшер аз ҳамлаи барқвори Куруш парида ба замин афтод. Спитам худро ҷонсарак ба замин афканд, то ки шамшерашро рабуда, ба зарбаи навбатӣ омода гардад. Аммо шамшери Куруш якбора ҷавшани Спитамро чок кард, аз синаи ӯ хун берун ҷаст.

Спитам ночор ёзида, ба тақдир тан медиҳад. Чашмони даҳшатборашро аз нӯги шамшери зерӣ манаҳаш наканда, фаро расидани маргро эҳсос мекунад. Вале Куруш куштани ҳарифи маглубгаштаро равО надида, зерӣ фарёду таҳсини голибонаи ҷанговарон ба таковараш савор мешавад.

Ғалаба фаро мерасид. Спитам афтодаю хеста худро қафо кашид ва савори асп ночор фирор намуд. Куруш бо шукӯҳу ҷалоли шоҳона пешопеши лашкари саворааш асп меронд. Дар пешорӯи ӯ акнун фатҳи Экбатана ва набардҳои нав ба нав бо бобояш Астиаг меистод.

ПИРӮЗӢ

Аз миён ду сол гузашт. Астиаг аз хиёнати Гарпаг ва шикасти бемавриди Спитам дилозурда гашта тадбири нав меандешид. Ӯ аз вилоятҳои дуру наздик сипоҳ гундошта омодаи набардҳои навбатӣ гашт. Ду муҳорибаи пай дар пай бо Куруш натиҷае надод.

Сипоҳи Куруш, ки аз ҳисоби сарбозони Гаубру ва саворони набардозмудаи Гарпаг даҳчанд афзуда буд, ба ҳама гуна корзору ҳамлаҳои ногаҳонӣ тоб меовард. Астиаг соли сеюм низ бо сарварии Спитам лашкар кашида, дар муҳорибаи шадиди канораҳои вилояти Порс шикаст хӯрд ва ба дасти сарбозони Куруш асир афтод[1]. Дар ин миён Камбучия аз олам гузашт ва Куруш рӯи хотири модари мотамзадааш Астиагро озод намуд. Бобои аз набардҳо нокомгашта пойтахтро ба таври идона ороста дар тараддуди тӯй афтод. Овозаи омадани Куруш чанд рӯз боз дар шаҳр паҳн шуда, ҳангомаҷӯёну хабарчинонро ором намегузошт.

Сокинони шаҳри Экбатана – ашрофзодаҳои бонуфуз, рӯҳониёни воломақом, аҳли дарбор ва бонувони асилзодаи гу-

[1] Солноман Набонид, таърихномаҳои Ҳеродот ва Ктесий аз се сол тӯл кашидани муҳорибаи Астиагу Куруш хабар дода, асир афтидани ӯро таъкид менамоянд.

ногунлибосу баландмартаба аз дарвозаи бузурги шаҳр берун баромада, дар сари шоҳроҳи васею хуштарҳ омадани Курушро интизорӣ мекашиданд. Пешхидматону хоҷасароён, канизону надимони хоса бар рӯи лаълиҳои зарандуд тӯҳфаҳои гаронбаҳо – хилъатҳои пурҷило, либосҳои фохира, сару пои хушдӯхти домодӣ, пойафзолҳои соқбаланд ва дигар ҷиҳозу ашёҳои нодирро бардошта, аз расидани лашкари савораи талоя хушҳолӣ менамуданд.

Астиаг, ки дар се соли охир хеле пир шуда, аз рӯи заҳиру пурожангаш ранҷурию хастаҳолӣ ҳувайдо буд, бо наздик омадани саворони пешоҳанги Куруш пешхидматонро амр дод, ки дар сари роҳи онҳо гулбаргҳо нисор намоянд. Куруш ва сарлашкарони ӯ аз ин пазироии гарми ногаҳонӣ қадре ҳайрон гашта, мувофиқи таомул аз аспҳо фуромаданд ва сӯи подшоҳи пир шитофтанд. Астиаг низ бо мадади надимон аз асп пиёда шуда бо оғӯши кушода ба пешвози Куруш омад.

– Аз паймон се сол дер омадӣ, Куруш, – набераашро ба оғӯш кашида гуфт Астиаг. – Вале дар дили Меҳргон расидӣ. Мо паймон доштем, ки баробари расидани ту тӯйи арӯсиро пеш мегирем..

– Рӯзгори шитоб нест, шоҳам, – дар ҳолати ногувор монд Куруш аз лутфи гайричашмдошти Астиаг. – Офияту осудагии мулк ва тинҷии кишвар аз тӯйи ман созвортар аст.

– Ман ин сарро дар шоҳаншоҳӣ беҳуда сапед накардаам, Куруш, – меҳрубониро дучанд меафзуд Астиаг. – Офияту тинҷии мулк маҳз аз тӯйи арӯсии ту сар мегирад. Душманӣ низ дар ҳавои ин тӯй ба дӯстӣ мегарояд.

– Ин пиндори нек ба тинҷии мулк созвор ояд, боке нест, – шубҳаомез аз таги оринҷи бобояш дошт Куруш. – Вале гумон дорам, ки Спитам пайи тӯй ҳам ором намегирад.

– Фарзанд – лахти ҷигар аст, писарам, – ба ширинзабонӣ панд мегуфт Астиаг. – Спитам хоҳу нохоҳ баъди тӯй ба пешона тан медиҳад. Пӯшоки шоҳиро пӯшонед! – ба пешкорон фармуд Астиаг дилпурона. – Куруши накӯройро тахту бахти нав ба пешвоз аст!

Пешхидматон бо чобукии хосае ҷомаи фохираи зарбафтро ба тани Куруш пӯшонида, тоҷи зарандудро ба сараш мениҳанд. Садои дуҳул ва сурнай боло мегирад, раққосаҳо бо ишваю ноз ба хиромидан медароянд. Сипоҳиёни савораю пиёда аз думболи Куруш дар зери навои мусиқии тӯёна роҳ меаф-

танд. Шаҳри Эктабана ин дафъа Курушро бо иззату икроми шоҳона истиқбол менамуд.

Дар пойгоҳи қасри шоҳ ба пешвози Куруш модаркалонаш Ариена ва холааш Амутида мебароянд. Куруш дар зинаҳои мармарини қаср аз асп пиёда шуда, аз погундаҳои оростаю гулпӯш боло мебарояд. Нахуст Амутида Курушро ба оғӯш мегирад ва аз ҳарду китфаш бӯсида, ба сараш сиккаҳои тиллоӣ нисор менамояд. Модаркалонаш Ариена аз косаи пешхидматон як каф орди сафед гирифта ба сару китфони Куруш чун рамзи сапедӣ ва бақои бахт мепошад ва сипас ӯро фарзандвор оғӯш менамояд.

– Хуш омадӣ, нури дидагонам, Куруш! – бо хушҳолӣ табрик намуд Ариена. – Бахту тахти шоҳиро бароят шодбош мегӯям!

– Аз меҳрубонии шаҳбону басо сипосгузорам, – дасти бибиашро бӯсид Куруш.

–Сипос даргоҳи Яздони покро, ки бори дигар фарзанди расидаву нозанин ёфтам, – дар пеши пойи Куруш пойандоз густурд Амутида.

– Ба ҷои модарам бошед, – ба эҳтироми модарарӯсаш таъзим намуд Куруш.

– Арӯси нозанин Касандона[1] чашмбароҳи туст, Куруш, – бо тантана хабар дод Астиаг.

– Сар ба паноҳи ту меорам ва ҳастию пешомадамро ба дастат месупорам! – бо либоси фохираи арӯсӣ дар пеши пои Куруш ба зону зад Касандона.

– Дар паноҳи Аноҳито накӯбахту осуда бош! – аз дасти Касандона дошта ӯро хезонид Куруш. – Хонадонат пур аз гандум, пур аз ширу кӯдакони ширмаст гардад!

Амутида аз рӯи таомул пардаи оҳариро аз рӯи духтараш бардошт ва ҷамоли арӯсро ба шоҳи ҷавон нишон дод. Куруш ба рухсораи сафед, абрувони сиёҳ, чашмони шаҳло ва ҳошияи мӯйҳои маргуладори аз таги тоҷи хушсохт овезони Касандона менигариста лаҳзае дар пеши назараш симои дилкаши Томирис ба ҷилва меомад. Касандона сарашро хам намуда бо шарму ҳаёи дӯшизавор нигарони бӯсаи нахустини Куруш гардид.

---

[1] Мувофиқи маълумоти Ҳеродот ҳамсари нахустини Куруш Касандона ном дошта, аз насаби подшоҳони Ҳахоманишӣ будааст. Вале ба қавли Ктесий, Куруш домоди Астиаг – Спитамро нобуд карда, ҳамсари ӯ Амутидаро ба занӣ мегирад. Муаллиф аз рӯи рафти мантиқӣ воқеаро ба ҳақиқат наздик нигоштааст.

Аммо Куруш лаҳзае ҳушу ёдашро бохта мепиндошт, ки дар таги пироҳани арӯсӣ Томирис ҳузур дорад. Ва ӯ чашм пӯшида бӯсаи нахустро хаёлан аз чабини Томирис ситонид.

Аз бӯсаи нахустин садои қарсаку хушҳолӣ ба фазои қаср печид. Касандона, ки аз таваққуфи бемаҳали Куруш ба ҳоли ногуворе афтода буд, оҳи сабук кашид. Бо ҳидояти Астиаг домод дар тахти бошукӯҳи шоҳаншоҳӣ ва арӯси чавон бар тахти оростаи шафати ӯ нишастанд. Бузургмӯбад тоҷи шоҳиро, ки аз сангҳои пурчило музайян буд, дар лаълии заррине ниҳода оварда.

Астиаг бо виқору шаҳомат тоҷро бар сари Куруш ниҳоду нахустин шуда дасти ӯро бӯсид. Сипас Гарпаг, Виштосп, Гаубару, Ойбар ва дигар бузургони воломақоми Мод бо навбат таъзим намуда, дасти шоҳи навро бо нишони итоату эҳтиром мебӯсиданд. Аҳли дарбор ва ашрофони пешгоҳи қаср ба иззати Куруш сари таъзим фуруд оварда дар наздаш ба зону мезаданд.

–Сипоси бехад, ки ба хушбинии Ҳурмузди накурой тоҷу тахт ва сарриштаи подшоҳиро ба Куруши чавонбахт бахшидам! – ашки чашмонашро пок карда бо хушҳолии зоҳирӣ мегуфт Астиаг. – Имрӯз бори гароне аз дӯши мани пир ба китфи шоҳи чавони хушбозу афтод. Ман аз бими чанги ногаҳонии душманони тавоно лаҳзае осоиш надоштам. Аз яксӯ Набонид, аз дигар сӯ Тигран, аз бохтар[1] Крез ва аз офтобрӯ[2] Аспардис омодаанд, ки ба қаламрави мулки мо пеш тозанд Вале Куруши далеру чавонбахт метавонад қавму қабоили парокандаи моро тахти як дирафш биёрад ва шоҳаншоҳии яклахте бисозад, то аз бими тохтану марзшикании душманон ба дур дорад. Дар ин дами басо душвор сарриштаи шоҳӣ ва пешомади мардумро бар дӯши Куруш вогузошта, аз ҳамаи шумо хосторам, ки подшоҳии чойгузинамро ба чои подшоҳии ман бипазиред ва аз фармони ӯ сар мапечед...

* * *

Офтоб майли гуруб дошт. Дар домани уфуқи тори қуллаҳо шафақ медамид. Шафақи арғувонӣ ба назар чун гулхани дуродуре менамуд, ки ранг бохтаю тиратар гашта, майли хомӯш шудан дорад. Куруш дар иҳотаи посбонон либоси фохираи шоҳона бар тан дар харобаҳои ошёни кӯдакӣ ва наврасии хеш

---

[1] . Бохтар, ин чо ба маънои гарб.
[2] . Офтобрӯ, ба чои шарқ.

қадам зада, хаёлан нишони умри гузаштаро мечӯст. Аз хиргоҳи чӯпонӣ асаре намонда, вале тобасанги суфтаю дудхӯрдаи модархондаш ҳанӯз барҷо буд. Ба назараш чунин мерасид, ки аз гӯшаи оташдон Сабокати меҳрубону хандонрӯ бо ҳайрат ба истиқболаш мехезаду сару рӯи Аградоди лисоби шоҳона бар танро, ки дар миёни посбонон пеш меояд, модарвор мебӯсад.

Чигзе фарёд кашид ва суроби хаёландудаи Сабокат аз чашми Куруш нопадид гардид. Куруш бар тани сутуни ғарибу бесоҳиби хайма косаи сари гӯсфанди шохҳояш печидаро дида, лаҳзае бозистод. Посбонон хавотиромез ба пасу пеш нигариста сабаби сукути подшоҳро дарёфтан мехостанд. Аммо дунёи овони кӯдакию наврасии шоҳи ҷавонбахт барояшон дастнорас буд.

Куруш аз косаи сари устухонҳояш офтобсӯхта ҳамоно чашм намеканд. Аз қазо фалахмони фарсудаи овони наврасӣ, ки бар тани сутун печида, аз насими бод алвонҷ мерафт, хотираҳои гузаштаро дар ёди ӯ чилвагар менамуд.

Манзараи истиҳтоқи Митрадод ва сангандозӣ сӯи сипоҳиёни Астиаг пеши назараш меомад. Аз санги фалахмон сарозер афтодани сарвари сипоҳиён ва ба ҳалқаи каманд афтодани худашро низ баръало медид. Ва Куруш аз бағал найи чӯпониро гирифта сӯи ҷанори танҳои сари кӯҳ раҳсипор гашт.

Хумори навохтани най дар дилаш боло мегирифт, аммо посбонон ӯро лаҳзае танҳо намегузоштанд. Куруш бо дарду андӯҳ эҳсос мекард, ки дар маснади шоҳӣ дигар танҳою озод буда наметавонад. Зиндагии фақиронаи чӯпонӣ бо ҳама ширинию талхиҳояш паси сар монда, дар пешорӯи ӯ роҳи нав ва озмоишҳои сахту сангине оғоз ёфтааст. Куруш беихтиёр найро ба лаб ниҳоду ба поси рӯзҳои хотирмони сарнавишташ овои дилошӯберо оғоз кард.

Қурси бузурги офтоби сурхчафом чун машки пурхун ба сари кӯҳ фуруд меомаду нолаи най дар ин дами фарорасии бегоҳ танин меангехт. Куруш гӯё бо зиндагии бебозгашти чӯпонӣ ва овони наврасию ҷавониаш бо навои най видоъ мекард. Ӯ пешопеши посбонон ба таги чинори бузурги сари кӯҳ расид. Дар пешорӯи ӯ қабри ошнои Ашк бо санги ёдгори дурушту сайқалнохурдааш орамида буд.

Офтоби айёми ҷавонӣ хаёле ба ғуруб мерафт, вале ҳанӯз тулӯъи роҳи нави ҳаёт ва ҳангомаҳои тозаи зиндагӣ дар пеш буд. Аз дили Куруш таҳти навои най суханони дардомезе метаровид, ки оҳанги видоъ бо айёми наврасию ҷавонӣ ва огози роҳи нави зиндагиро дошт.

«Дуруд, додари ҷонам, Ашк! Маро бо ин либоси шоҳона мешиносӣ?! Ман бе ту, дар ин дунёи ҳангомапеч ҳанӯз ҳам танҳоям! Сари роҳам душманони беше ба нишонгириам нишастаанд. Душманони маккору тавонои худию бегона. Намедонам дар ин набардҳои дароз дастболо меоям ё чун ту аз тире мемирам. Роҳи бозгашт нест. Ҷон ба каф гирифта, нӯлаи вопасини ту дар гӯш ва ёди некат дар дил пеш меравам. Ҳар чӣ бодо бод!

Ёдат ба хайр, Ашк! Осуда бихоб, додарам! Маро набардҳои нави зиндагӣ интизор аст!»

Офтоб ноаён фурӯ мерафт. Аввал як гӯшаш дар паси кӯҳи шафақандуда ниҳон гардид. Сипас нисфи қурси сурхчаи нураш коҳида ва ниҳоят пораи охиринаш дар анвори шафақи шом нопадид шуд. Куруш ҳамоно най бар лаб дар назди марқади Ашк оҳанги ошноёро менавохт.

Дуртар аз ӯ саманди бо афзорҳои шоҳона оростааш бетоқатона сум мекӯфту гардан меафшонд. Шиҳаи довталабонаи саманд, ки Курушро сӯи худ хонда, майли ба дашти фароху роҳу бероҳаҳои ноаёни зиндагӣ шитофтан дошт, навои вопасини найро пахш мекард. Куруш оҳиста бархесту найро ба багал ниҳода, бо қадамҳои устувору дилпурона сӯи саманд омад. Дар симояш матонату боварӣ ва ғайрати ҷавонӣ ҳувайдо буд. Ӯ чобукона ба саманд нишасту таковари бекарор хез гирифта, рӯ ба васати дашти паҳновар овард. Посбонони ғофилмонда аз се самти шоҳаншоҳ асп тозонда амнияти ӯро нигаҳбонӣ мекарданд.

Куруш бори вопасин ба қафо нигарист. Ба назараш як пораи умри ӯ паси сар мемонду барояш фазои нави зиндагӣ ва роҳи тозаи ҳаёт шурӯъ мегардид. Таковар бо чаҳорхези тезу тунд пеш метохт. Пайкари варзидаю тануманди Куруш дар болои саманд такони мавзуне хурда торафт дур мерафт ва дар партави шафақи дуродури дами уфуқ нопадид мегашт.

Поёни қисми якум

ШОҲАНШОҲИ ОРИЁИЁН

Қисми дуюм

Субҳ медамид ва тарҳи хираи шаҳри Экбатана аз дур намудор мегашт. Саманд бетоқатона гардан меафшонд ва шиҳаи кӯтоҳу изтироболуде кашида соҳибашро ба суст кардани лаҷом мехонд. Куруш аз болои асп охирин бор ба қафо ба қаламрави дур мондаи овони ҷавонӣ нигариста зимоми самандро суст карда бори вопасин дар дил видоъ намуд:

– «Алвидоъ, Ашк! Осуда бихоб, додарам! Маро набардҳои нави зиндагӣ ва озмоишҳои гарони такдир дар пеш аст.

Ман, Куруш, аз дудаю дудмони Ҳахоманиш, шоҳи бузург, аз табори ориёӣ. Бо ёрии Аҳурамаздо ва роҳнамоии мардони наҷиб бар тахти шоҳии Порс ва Мод нишастаам. Дар талиаи партави эзадӣ савганд мехӯрам, ки чон ба гарав мениҳаму шоҳигарии тавоно, пуркудрат ва паҳновари Ориёро барпо мекунам ва ростиро пеша месозам. Бигузор пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек ва дар партави хиради эзадӣ раҳнамои мо бошад!..»

Курси бузургу нурафшони хуршед аз домани уфуқ сар кашида ба истиқболи Куруш меомад. Саманди тезтак аз сустии зимом рамуз бардошта ҳамоно рӯ ба сӯи офтоб метохт. Тоҷи зарҳалини Куруш дар партави нурҳои зиёбахши хуршед медурахшид. Кӯҳ торафт қафо мемонд ва Саманд дар паҳнои дашт ба назар торафт хурд шуда, аз ҳолаи офтоби нурафшон ранг мерабуд. Гӯё савору саманди тиллорангаш ба ҷисми зиёбахши офтоб даромехта, як ҷилваи эзадие мегирифтанд. Аз дуродур шаҳри Экбатана бо қасру кушкҳои бошукӯҳаш торафт наздик мешуд.

ОИНИ НАВИ ЛАШКАРДОРӢ

Толори қасри Куруш дар Экбатана намуди бошукӯҳе дошт. Куруш бар тахти шоҳӣ такя зада, дар ҳузури ӯ аз рӯи мақому мартаба Астиаг, Гарпаг, Виштосп, Гаубру, Ойбар, Пармис ва тоҷири арманитабори юнонӣ Вардан менишастанд. Симои Куруш ҷиддӣ буд ва чун пештара ҳолати муқарраб ва сарлашкаронро ноаён муоина менамудд.

– Дар бораи Крез боз чӣ медонӣ? – пурсид Куруш бо оромию тамкин.

– Ганҷи афзуне дорад, ки ба заршӯии рӯди Пактола боигариаш рӯз то рӯз меафзояд, – бо таъзиму такрим посух медод Вардан. – Сиккаҳои тилоиаш дар миёни савдогарон баҳои баланд дорад. Шоҳи дурандеш аст, вале бе пешгӯии коҳинону ситорашиносон гоме намениҳад. Ба онҳо сахт бовар дорад.

– Гавҳари бовараш дар чист? – рамузгирона саропои тоҷирро муоина мекард Куруш.

– Шояд биму ҳарос аз пешомади осмонӣ бошад, – афзуд Вардан. – Ба қавле яке аз коҳинону ситорабинони гузаштаи намозгоҳи Делфа пешгӯӣ кардааст, ки тухмаи панҷуми шоҳони Лидия бахашми худоён гирифтор шуда, тахту мулкро аз даст медиҳад. Крез тухмаи панҷуми хонадони Гигесидҳост.

– Крез понздаҳ сол боз дар Лидия подшоҳӣ дорад, – ба пешгӯии коҳинон шак овард Куруш. – Аз роҳҳои корвонгузари сӯи Баҳри Бузург[1] андози афзуне мегундорад. Имрӯз ӯ пас аз Набонид яке аз сарватмандтарин шоҳони ҷаҳон гаштааст ва аз пешомади бадаш дараке нест.

– Мо бандаҳои хокӣ назди фармудаҳои Яздони пок ва пешгӯии коҳинон дармондаем, – лоуболона таъзим намуд Вардан. – Вале савдогарон мегӯянд, ки Крез порае сарваташро ба ситорашиносону коҳинон мебашанд.

– Кай азми ба Катпатука[2] лашкар кашидан дорад? – пурсид эҳтиёткорона Астиаг.

– Бароям нопайдост, – сар набардошта посух дод тоҷир. – Крез чанде пеш аз пеши саркоҳини Делфа бозгашт. Ҳолдонҳо мегӯянд, ки ба пурсиши ҷангро огоз кардан ё накарданаш саркоҳин чунин посух додааст: «Агар шоҳи Лидия бо шоҳи кишвари Шарқ ҷанг оғоз намояд, шоҳгарии бузурге аз миён хоҳад рафт».

– Пайдост, ки Крез ба мулки мо қасди лашкаркашӣ дорад, – хавотиромез рӯ ба Куруш овард Астиаг. – Чорае бояд андешид.

«Ин шаҳоли пир аз сар задани ҷанг шод хоҳад шуд, – ба қаъри чашмони Астиаг нигариста, аз дил мегузаронид Куруш. – Шояд худаш Спитамро ба пеши додарарӯсаш Крез фиристода ёрӣ хостааст. Ҳанӯз умедвор аст, ки баъди шикаст хӯрдани ман дубора ба тахти шоҳӣ мешинад. Бидон, ки ту дар миёни ин тӯдаи

---

[1] Порсҳо Баҳри Миёназаминро дар назар доштанд.

[2] Катпатука, номи қадимаи Каппадокия дар ахди Куруш.

шаҳолон танҳо ҳастӣ, Куруш! Ба сӯят сар хам менамоянд, ситоишу санохонӣ мекунанд, вале дар ниҳод ҷои сустӣ ва дами нотавонии туро меҷӯянд. Чун дарёфтанд, ки ту танҳо, ноумед ва парешон мондай, ба сарат чун пайки марг фурӯ мерезанд ва устухонҳоятро мехоянд! – бо дарду алам меандешид Куруш.

Ту бояд ба худию бегона дастнорасу пӯшида бошӣ, Куруш. Ва касе ба ниҳонхонаи дилат роҳ наёбад. Бидон, ки баъди ба тахти шоҳӣ нишастан ту дигар дӯст надорӣ. Вале худро дӯсти ҷонии ин шаҳолон вонамуд соз! Бале, худро ба гӯлӣ зан, Куруш, вонамуд кун, ки бе андешаи онҳо гоме пеш рафта наметавонӣ. Магар ҳаминҳо набуданд, ки туро ба тахт шинонда дасти мулку пешомади мардумро ба дастат доданд. Чанд гоҳи дигар ин галаи шаҳолони гуруснаро ба хашм наор, Куруш, ки фарҷоми нек надорад. Ва ҳар кадоми онҳоро ба баҳои хунараш ба коре вогузору тавон биафзой...»!

– Чӣ чора андешем, пирам? – пурсид Куруш пас аз лаҳзае тавақкуф. – Панди пири хирадманду некӯроямро шунидан воҷиб аст.

– Аз оштие, ки ҳангоми гирифтани офтоб миёни Лидия ва Мод баста шуд, солҳои зиёде гузашт, – аз ин суханони Куруш ботинан меболид Астиаг. – Дар ин оштӣ подшоҳони Бобул ва Миср миёнарав буданд. Ба пиндори ман касе, ки нахуст битозаду мӯҳри оштӣ бишканад, ба хашми миёнаравон гирифтор мегардад.

«Чаро ин ширинкори пир аз Спитам гапе намезанад?! – бо оромӣ аз дил мегузаронад Куруш. –Ҳамаи ин ҳангомаро Спитаму бародараш Мегабаз хезондааст. Крезро онҳо ба ҷангу ёрии Астиаги язнааш пеш кашида, бар подоши пирӯзӣ Катпатукаро доданианд. Инро ба ӯ Еврибит – яке аз сарлашкарони Крез ба таври ниҳонӣ расонида буд. Еврибит мебоист дар Пелопанес барои Крез лашкари кироя мегундошт. Аммо Еврибит сиккаҳои тилоиии Крезро гирифта фирор намуд ва нақшаҳои ҷанги ояндаи ӯро ба Куруш расонид[1]. Шояд Вардан ҳам гумоштаи худашон бошад, то маро дар ғафлат андозанду бо дасти душмани тавоно нобуд кунанд. Офарин, ба ақлу заковатат,

[1] Аз хиёнати Еврибит ба Крез, сиккаҳои ӯро рабуда фирор намудан ва нақшаҳои ҷангии подшоҳи Лидияро ба Куруш расонидани Еврибит баъзе муаррихони юнонӣ хабар додаанд (Ниг. Тураев Б.А. История Древнего Востока. Минск. 2004с. – С.506-507).

Астиаг! Беҳуда туро ширинкори пир нахондаанд. Мани соддадил акнун пай бурдам, ки чаро ӯ бо осонӣ тахтро бароям гузошт кардааст...»

– Пирам мефармояд, ки шитоб наварзем?! – бо эҳтирому самимият пурсид Куруш.

– Бале, бо лашкари омода нигарон шудан беҳтар аст!

– Ту бовар дорӣ, ки Крез ба Катпатука дар намеафтад? – оромона ба Вардан рӯ овард Куруш.

– То чое ман медонам, ӯ ба Бобулу Миср ва Спарта гумоштаҳои худро фиристода, нахуст ба фиръавни Миср Амасис ва сипас бо подшоҳи Бобул Набонид созиш бастааст. Ӯ ба баҳои подоши калон онҳоро ба ҷанги Мод бармеангезад.

– Сипаҳсолори пешини Мод Спитам ва бародараш Мегабазро мабодо дар дарбори Крез дучор наомадӣ? – пурсид Куруш бо гӯшаи чашм Астиагро мӯоина намуда.

– Ростӣ Спитаму бародарашро пеши Крез борҳо дидам. Бо лашкари гуреза рӯзи сахте доранд, – посух дод соддадилона Вардан.

– Кай ба Лидия бозгаштан мехоҳӣ? – пурсид Куруш рамузгирона.

– Ҳафтаи пешомад, – гуфт Вардан каме тааҷҷубомез. – Агар шоҳам дастуре дошта бошанд, бо сарфарозӣ ба сомон барам.

–Дуруди фарзандии маро ба Спитам мерасонӣ! – бо нармию меҳрубонӣ, вале омирона гуфт Куруш. – Мегӯй, ки Куруш ва ҳама бузургони дарбор бозгашти Спитамро бо сипоҳаш чашмдоранд. Ҳамсараш Амутида ва духтараш шаҳбонуи кишвар Касандона ӯро сахт пазмон гаштаанд. Баробари бозгаштан ҳамроҳи бародараш Мегабаз ба маснаду чоҳи сазоворе дар дарбори шоҳ соҳиб хоҳанд шуд. Гуноҳи лашкари ҳамроҳаш гурехта низ бахшида гардад, – ҳамёни чарминеро ба Вардан дод Куруш. – Ин баҳои роҳи туст. Бароят барор мехоҳам!

– Сипосгузори шоҳам, – таъзимро ба чо оварда азми рафтан намуд Вардан. – Паёму дуруди бузургворро ба Спитам мерасонам.

– Ҳазорбад ва сипаҳсолори лашкар аз бобати сараҳои якқачин ва сарбозони кирояи Крез чӣ андеша дорад? – ба Гарпаг рӯ овард Куруш.

– Крез бо танҳоӣ ёрои тахт овардан намекунад, – посух дод андешамандона Гарпаг. – Зеро сипоҳи афзуну набардозмуда надорад.

– Агар размоварони бобулӣ, гардунаҳои ҷангии мисриён ва сарбозони вазнинсилоҳи спартавӣ бо онҳо пайвандад чӣ? – рамузгирона пурсид Куруш.

– Ба пиндори ман шоҳи Бобулу фиръавни Миср бо Крез ҳамроҳ нахоҳанд шуд, – аз наздикиаш бо шоҳ ҳаловат мебурд Гарпаг. – Зеро ҳам Набониду ҳам фиръавн Амасис бо рӯҳониёни мулкашон рақобати тезу тунде доранд ва наметавонанд бепарвоёна қаламрави худро тарк бигӯянд. Спартавиҳо, ки зотан мардуми пархошҷӯю сипоҳипешаанд, дур нест ба подоши сазовор ба ёрии Крез шитобанд. Тиграни арманӣ гурги борондида аст ва вобаста ба чигунагии пешомад кор мекунад. Ӯ низ зуд худро ба огӯши Крез намеафканад.

– Ба ҳар ҳол гардунаҳои мисрӣ аз роҳи биёбон ва киштиҳои ҷангии спартавиҳо ба тариқи баҳр баъди якчанд моҳ ба Лидия мерасанд, – андешамандона тахмин зад Куруш рӯ ба ҳамнишинон оварда. – Аммо Бобул дар ҳамсоягист. Пеши Набонид гумошта фиристода паймони нашикастани марзи якдигарро бубандем чӣ?

– Оштӣ пазируфтани Набонид дар гумон аст, – шубҳаомез сар афшонд Астиаг. – Ӯ чанд сол пеш гумоштаи маро бо тундӣ бозгардонид.

– Савдогарони бобулии хонадони Эгибиро бо фиристода[1] ҳамроҳ хоҳем кард, – бо зиракии модарзод афзуд Куруш. – Ин хонадони бообрӯ барои суди ояндаи хеш ҳама гуна роҳро мекушояд.

– Чораи некест! – бархилофи Астиаг ин таклифро ҷонибдорӣ намуд Гарпаг. – Набонидро аз ҷанг дида оштӣ бастан бештар судовар аст. Зеро ӯ бо Крез низ душманӣ дорад. Ӯ бар асари паймон душмании дугонаашро пас афканда охири ҷангро нигарон мешавад: подшоҳи Лидия дастболо меояд ё мо? Сипас бо подшоҳи пирӯз ҳамкорӣ карда суд мебардорад.

«Ин мӯйсафеди бо ҷомаҳои гаронмоя печида туро ба ҷои фарзанд медонад, Куруш, – ҳамчунон аз дил мегузаронид ӯ. – Магар ӯ набуд, ки Астиаги худхоҳ ва Спитами саркашу нерӯмандро гӯл зада, бо лашкари саворааш сӯи ту гузашт ва ғалабаи басо осон овард. Ба тақрибаи ӯ такя кун ва хидматашро қадр намо, Куруш! Ту шоҳ бошӣ ҳам, ҳанӯз қудратро пурра дар даст надорӣ. Ту ба ном подшоҳӣ, Куруш! Ҳамсафони содиқат ангуштшуморанд, ҷуз

---

[1]. Фиристода – сафир.

ба Виштоспу Пармис ва дастаи размоварони порсҳо касе дар паҳлӯят нест. Аммо бидон, ки хостгорони ошкору ниҳони тахтат кам наянд. Ту бояд бо ёрии касони ҳамдил пояи шоҳии навбунёдатро устувор намой. Сарриштаи шоҳиро бо чанголи оҳанин бидор, Куруш! Ва огоҳ бош, ки барои тахту тоҷ бобо набераро мекушаду падар писарро ва бародар ба рӯи бародар тег мекашад...»

– Гумоштаҳоро бо корвони савогарони хонадони Эгиби пагоҳ ба Бобул фиристед, – бо эҳтиром рӯ ба Гарпаг овард Куруш. – Кушодани роҳи бебанди савдоро ба дӯш бигиред. Бигузор рафтуои дутарафа огози оштӣ гардад!

– Ройи оқилона! – таҳсиномез гуфт Гарпаг. – Аз савдову додугирифт мулк ободу мардум доро ва кишвар тавонотар мегардад.

– То ҷое огоҳам, дар тани сипаҳсолор порае хуни арманӣ ҷорист, – бо лабханди самимӣ ба чашмони саршори меҳри Гарпаг нигарист Куруш. – Умедворам, ки ба бӯи наздикии хунӣ сипаҳсолор на танҳо Тигранро аз роҳаш бозмедорад, балки ӯро меангезад, ки ба лашкари мо бипайвандад.

– Дастури шоҳ ногузир аст, – аз эътимоди Куруш рӯҳ гирифт Гарпаг. – Тигран ҳамсафу ҳамсангари мо хоҳад шуд. Бо баҳои ҷон бошад ҳам, ӯро ба ҳамкории шоҳи ҷавонбахт меорам!

– Дӯстии ҳазорбад шоистаи ситоиш аст! – ӯро баҳо дод Куруш. – Умедворам, ки бо кӯшиши ӯ на танҳо Тигран дӯсту ҳамсафи бозътимод мегардад, балки усули лашкардории сипоҳи мо низ дар кӯтоҳтарин фурсат сайқал меёбад ва устуворӣ қавитар мешавад.

– Аз меҳри шоҳам, сипосгузорам, – ҳамоно меболид Гарпаг. – Ба ростӣ ки пеши лашкари бириштаву банерӯи душман сипоҳи мо ҳанӯз сустниҳоду норасост. Силоҳу ҷангафзорҳоямон низ барои набардҳои гарону доманадор чандон созвор нест.

– Агар артишсолорону сипаҳбадон бипазиранд, – бо назокати шоҳона афзуд Куруш, – дар кӯтоҳтарин фурсат ба навсозии ҳамаи артиш рӯ меорем. Бунёдгузории фавҷи даҳҳазораи фанонопазир ба дасти Гарпаг, фавҷи даҳҳазораи ҷанговарони вазнинсилоҳ ба ихтиёри Гаубру, фавҷи даҳҳазораи камоварону тирандозон ба ихтиёри Ойбар ва фавҷи даҳҳазораи ҷосусону пешоҳангон ва пешкорони ҳама артиш ба дасти Виштосп вогузор

мешавад. Чаҳор ҷабҳаи мухталифниҳод–саросар чиҳил ҳазор сарбозро фаро мегирад, ки тавони истодагарӣ ба ҳар гуна душманро хоҳад дошт.

Куруш даме ба андеша рафт. Пеши назараш беихтиёр манзараи набардгоҳи айёми ҷавонӣ дар Пасаргод ҷилвагар шуд. Роҳи ӯ ба арсаи давлатдорӣ аз ҳамин набардгоҳ оғоз ёфта буд. Ӯ дар ҳамин набардгоҳ низоми ҷангро ӯмӯхту сабақи лашкардорӣ гирифт ва дар кӯтоҳтарин фурсат сипоҳи саворао пиёдаи яккачинашро гирд овард. Дар чандин набардҳои хурду бузург пирӯз гашта, низоми лашкар ва усули корзорашро сайқал дод. Тақдир акнун дар пешорӯи ӯ ислоҳи низоми кулли лашкарро гузаштааст. Ӯ эҳсос менамуд, ки ҳама бурду бохти давлатдорӣ ва сарнавишти ояндааш аз дигаргунсозии низоми лашкар вобаста аст.

– Ба пиндорам сардории ин сипоҳи гарон барои чор сипаҳсолор басо душвор аст, шоҳам, – бо эҳтиёт хурдагирӣ намуд Астиаг. – Метарсам, ки дар ин фурсати танг ба умеди бунёдгузории фавҷҳои тозаниҳод устухонбанди пешинаи артишро шикаста, ба нокомӣ дучор хоҳем шуд.

– Имрӯз бе низому тартиби қавӣ ва артиши тавоною шикастнопазир бо душмани тавоно сар ба сар шудан душвор аст, – гуфт Куруш оромона. – Рӯзгоре, ки ҳар кас ба лашкаргоҳ бо дастаи худашу ҷангафзори доштааш меомад, гузашта рафт.

– Мо сари худ дар лашкардорию кишвардорӣ сафед кардему доғи ин равишро дарнаёфтем, шоҳам, – паст намеомад Астиаг. – Бо як нидо ангехтан, аз чаҳор сӯй гурдону ялони номвар бо дастаи хеш мерехтанду ҳама гуна душман аз бими онҳо заҳракаф шуда рӯ ба гурез мениҳод.

– Чун ба ҳоли сипоҳ нек бингарӣ, хоҳӣ дид, ки яке шамшер дораду дигар найза, сеюмӣ камону чаҳорумин чӯбдасти гарон, – далел меовард Куруш бо сабру таҳаммул. – Ва боз чанде саворао дигар пиёда. Ҳол он ки лашкари душман аз рӯи силоҳу ҷангафзорҳо ба гурӯҳҳо чудо шудаанд: ҷабҳаи камонварону тирандозон, ҷабҳаи найзадорони вазнинсилоҳ, ҷабҳаи шамшерзанону сипардорон, ҷабҳаи саворони сафшикан ва боз чандин гурӯҳи тавоною қавиниҳод.

– Пиндошем, аз подоши гарону миёншикани лашкари навбунёд чашм мепӯшем, – ҳамоно якравӣ мекард Астиаг. – Вале дарнамеёбам, ки чаҳор сипаҳсолор бо ҳама зиракию кордонӣ ин артиши бешуморро чӣ гуна сарварӣ мекарда бошанд?

– Аз дилсӯзию парешонии пирам басо сарфарозам, – бо азобе худро аз барошуфтан нигоҳ медошт Куруш. Ҳикмати ҳафт бар чен кардану сипас ба коре даст заданро аз пирам омӯхтаам. Роҳи сарварӣ ва чидани гурӯҳҳои лашкар басо одӣ хоҳад шуд. Фавҷҳои даҳҳазораро ба дах пораи ҳазорсипоҳӣ чудо мекунем ва ҳар пораро ба ҳазорсолори далеру ҷангозмудае вомегузорем. Он гоҳ қисмҳои ҳазорсипоҳиро ба дастаҳои садсипоҳӣ тақсим карда, ба ҳар кадом даста садсолоре вобаста медорем. Дастаҳои садсипоҳиро боз ҳам хурд карда, ба гурӯҳҳои даҳсипоҳӣ мефарорем, ки ба онҳо даҳсолор фармон медиҳад. Яъне, даҳсолор посухгӯи сарнавишти дах сипоҳист. Ҳар кадом даҳсолор дар ҷангу пайкор ба пешомади сипоҳиёнаш бо баҳои сар посух мегӯяд. Ҳамин гуна дах даҳсолор ба садсолор итоат мекунаду дах садсолор ба ҳазорсолор. Ва сипаҳсолорони фавҷи даҳҳазора назди шоҳи мулк аз сипоҳи хурдиаш сар карда, то ҳазорсолор посух мегӯяд.

Астиаг ва сипаҳсолорон ба андеша рафтанд. Ниҳоди қавӣ ва низоми устувори лашкардорие, ки Куруш пешбинӣ карда буд, онҳоро гоҳ ба ҳайрат меовард гоҳ ба ҳарос меафканд. Ва ҳар кадоме аз наздикон ба хубӣ пай мебурданд, ки шоҳи ҷавон бо вуҷуди аз дарбор дур афтодану аз устодони низоми сипоҳ кор ва роҳи кишвардорӣ сабақ наомӯхтанаш, як заковату фаҳмиши фитрие дорад, ки душвортарин бандро ба осонӣ мекушояд.

Куруш бо бардошту тамкин ва иродаю ҷасорати ботиниаш ҳамсафони пиру ҷавонашро ноаён мутеъ мекарду ихтиёри лашкару кишварро охиста-оҳиста ба даст мегирифт. Шукӯҳу салобати Куруш ин соат дар чашми онҳое, ки ӯро як чӯпонбачаи саҳронишини дур аз оини дарбор мепиндоштанд, дучанд афзуда ҳайбаташ сипаҳсолору сарлашкаронро пахш мекард.

Астиаг эҳтироми самимонаи ҳозиронро пай бурда, то ҳадди имкон худро хушбахту болидахотир вонамуд месохт. Вале дар қаъри дил ба набарааш ҳасад мебурду дар оташи рашк месӯхт. Гаубру қадаме пеш ниҳоду андешаҳои неку бадро, ки аз дили ҳамсафонаш мегузашт, бо оҳанги ҷиддӣ халалдор намуд:

– Роҳи писандидаи шоҳи ҷавонбахт, беҳтарин роҳ дар умури лашкардории кишварҳои тавонои ҷаҳон аст. Ин роҳро шоҳи Ошур – Тиглатпаласар дар лашкараш ҷорӣ карда, ҳамаи кишварҳои Осиёи хурдро ба даст гирифт. Ман ҳамчун сарлашкари ҷангозмуда ин роҳро яклахт тарафдорам. Зеро аз

ганҷинаи шоҳӣ вобаста будани сипоҳу абзори ҷангӣ имкон медиҳад, ки мо бехтарин ҷавононро аз миёни мардум бигузинем, аз рӯи ҳунар ба ҷабҳаҳо чудо кунем ва ба ҷангу набард омода созем.

– Аз Гарпаг, Гаубру, Ойбар, Виштосп, Пармис ва дигар сарлашкарону сипаҳбадони далер хоҳиш дорам, ки аз пагоҳ ба гурӯҳбандии даҳҳазораашон сар кунанд, – ба аҳли дарбор якяк рӯ меовард Куруш. – Сипас дарҳол ба варзиш додани лашкари савораю пиёда биогозанд. Ҳангоми таҳдиди хатар бепарво нишастан аз рӯи хирад нест. Умедворам, ки бобои бузургворам ба мӯйсафедону пешвоёни қабила забон ёфта гурӯҳе аз сипоҳиёнро бо абзорӣ ҷангӣ меорояд. Абзори дигар аз ганҷураи шоҳ пардохта хоҳад шуд. Мо бояд дар кӯтоҳтарин фурсат лашкарро ба ҷангу набардҳо омода карда, дар рӯзу фурсати созвор сипоҳиёни тозанизомро сӯи марзи Катпатука раҳсипор намоем...

* * *

Деворнигораи қасри Астиаг, ки дар он манзараи шикори шоҳ тасвир шуда, дастаи оҳувони чобукпой рӯ ба фирор овардаанд, намуди бошукӯҳе дорад. Шери бадҳайбату хашмзадае аз сари роҳи шоҳи таҳамтани савориӣ асп баромада, ба ҳарифи қаламравашро поймолнамуда ҳамла меорад. Яке шоҳи мулк асту дигаре шоҳи ҷангал ва дар ин муҳорибаи тан ба тан ҳарифе бояд қурбон гардад. Тири пайкони ба синаи шер халида, гӯё хашми дарандаи бароштуфтаро ангехтааст бас. Аспи сиёҳмушкини шоҳ аз ҳайбати шер тӯрида, савораш довталабаш найза болои даст омодаи набард аст. Дар ин пайкори нотамом кадоме аз шоҳон голиб меояд, пешгӯи кардан осон нест.

Дар пешорӯи деворнигора шоҳи собиқ Астиаг ва сипаҳсолорӣ фавҷи даҳҳазораи фанонопазир Гарпаг нишастаанд. Ин ду рақиб ба чашм чун давоми манзараи деворнигораи мусаввар мерасад, ки қасди ошкору ниҳоне дар замир доранд ва лаҳзаи муносиби ба якдигар ҳамла оварданро мепоянд. Дар симои Астиаг хашми ошкоро ҳувайдо бошад ҳам, худро ором вонамуд месозад.

– Ман тӯро солҳои дароз марди доно мепиндоштам, Гарпаг. Вале акнун пай бурдам, ки аз ту конотар[1] касе набудааст.

---

[1] . Коно, нодон, аблаҳ, гӯл.

– Чӣ коноие аз ман гузашта, Астиаг, дарнамеёбам? – хашмашро базӯр нигаҳ медошт Гарпаг.

– Ту метавонистӣ тоҷу тахтро басо осон ба даст бигирӣ, Гарпаг. Вале бо ду даст онро ба ҷавони ноогоҳе супурдию худ ба хидматаш камар бастӣ!

– Магар набераи ту Куруш сазовори тоҷу тахт нест? – бо заҳрханди ҳайратомез пурсид Гарпаг.

– Куруш хоҳ сазовор бошаду хоҳ не, дар шаҳрагаш хуни мардуми силаҳшӯру пархошҷӯй ҷорист, – оқибат рози дилашро кушод Астиаг. – Метарсам, ки сарриштаи мулкро аз дасти мо рабуда, ба тӯдаву қабоили хеш месупорад.

– Навбати ману ту кайҳо гузаштааст, Астиаг, – пандомез гуфт Гарпаг. – Ва дигар ин гуна масхарабозиҳо бароят намезебад.

– Соддалавҳиро вогузор, Гарпаг! – шӯрид беихтиёр Астиаг. – Ҳанӯз ки наздикони Куруш дар миёни мо ангуштшуморанд, чорае бояд андешид.

– Хаёлам қасди дубора ба тахт нишастан дорӣ, Астиаг? – гумонашро ниҳон намедошт Гарпаг.

– Аз дуи мо яке бояд ба тахт нишинад. Ё ту ё ман!

– Шери пиру афтодаҳол шикори гувороро дигар дар хоб мебинад, – ришхандомез гуфт Гарпаг. – Тири аз камон часта ва тахти рафта дигар бознамегардад, Астиаг.

– Хато мекунӣ, Гарпаг! – таҳдидомез гуфт Астиаг. – Шери пир бо вуҷуди нотавониаш миёни даҳ шаҳолро мешиканад...

Баногоҳ Куруш даромада омад, ки сару рӯяш арақшор буду дар тан либоси ҷангӣ дошт. Астиаг аз дидани Куруш ба истиқбол хест. Шоҳи ҷавон тамкину виқори шоҳонаро набохта рӯ ба Гарпаг оварда:

– Дуруд ба бузургони хирад! Сипаҳсолор аз марзшикании дишаба огоҳӣ доранд ё на?

– Марзшиканӣ? – пурсид ҳаячономез Астиаг. – Кадом нохалаф марзи моро рахна задааст?

– Ҷосусон хабар оварданд, ки Крез бо ҳидояти Спитам ба ҳудуди Каппадокия даромадааст.

– Вардани савдогар паёми шоҳро ба ӯ расонида бошад? – худро ошуфта вонамуд Астиаг.

– Бале, – посух дод Куруш. – Спитам пешниҳоди моро рад карда, Вардани бечораро зери лату кӯб гирифтааст.

– Спитами гумроҳ дар хунаш якравию кинаварзи дорад, –

домодашро ночор нах зад Астиаг. – Вагарна мартабаеро дар дарбори шохи чавонбахт сохиб шудан барояш авлотар буд.

– Ниходи каждум неш задан аст, – ба Астиаг нигарист истехзоомез Гарпаг. – Миёни худию бегона тафовуте намегузорад.

– Каждум аз ин механфурўшон болотар аст, зеро лонаашро посбонй мекунад, – барошуфт Куруш. – Аммо Спитами палид Каппадокияро ба Крез пешакй бахшида, пас аз пирўзй боз чандин музофоти дигари кишварро подош медодааст.

– Сабук пиндоштааст! – нанги Гарпаг боло гирифт. – Як мушт хоки Механро ба Крезу хамсафонаш нахохем дод!

– Дами лашкар кашидан фаро расид, – бо эхсоси масъулият гуфт Куруш. – Аз сипахсолор хохишмандам, ки субх надамида фавчхои лашкари пиёдаву саворaро омодаи рох намояд. Бигузор нахуст пешгарди Виштосп рахсипор гардад. Рохбаладону чосусонро пешакй фиристед ва робитаро бо онхо пайваста нигох доред. Тигран моро дар кучо нигарон мешавад?

– Бо ёздах хазор сипохи саворaю пиёдааш дар нимарохи Каппадокия, – дилпурона гуфт Гарпаг.

– Дар дарбори ў гумоштахои боварнок доред? – пурсид Куруш.

– Бале. Паёмаш хафтае пеш расид, – посух дод Гарпаг. – Тигран ба гапаш устувор аст.

– Дар оини подшохон гапу кор на хамеша созгор аст, – таъкид намуд Куруш. – Хушёр бошед, ки Тигран моро фиреф-та, бо Крез напайвандад.

– Рост! Хар як гоми ин гурги борондидаро зери чашм бояд дошт, – фурсатро созгор ёфта нах зад Астиаг. – Аз массагетхо хам бепарво будан нашояд. Ин тўдаи силахшўр хар густохиро раво мебинанд...

– Густохй? Чй гуна густохй?! – холати Астиагро зиракона ба мушохида гирифт Куруш.

– Чун дарёбанд, ки хамаи лашкар ба набарди Крез рафта-аст, марзхои офтобрўи мулкро рахна заданашон аз гумон дур нест, – хатарро пешгўй кард Астиаг.

– Мо бо пешвои массагетхо – Аморгес паймони дўстона бастаем, – далел овард Куруш. – Наход, дархол паймоншиканй кунанд?!

– То бад нагўй, нек наояд, – исрор мекард Астиаг. – Массагетхо душмани дерина ва басо хатарноканд. Ба пиндори

ман гурӯҳе лашкарро барои пешгирии тохти массагетҳо ба марзҳои офтобрӯ фиристодан тадбири хубест.

– Тадбирҳои оқилона меандешӣ, пирам! – гуфт киноямез Куруш. – Вале дар ин лаҳза лашкарро ду тақсим карда ҳиссаеро ба ғарбу ҳиссаеро ба шарқ афкандан хилофи кирдори оқилон аст.

– Ва дар миёни лашкар роҳи як моҳаи дурӣ меафтад, ки ин ҳама гуна сипоҳу сипаҳсолорро ба шикаст мерасонад, – норозигӣ кард Гарпаг.

– Ман барои пешгирии хатар чораамро гуфтам, – афзуд Астиаг. – Шоҳам андешҳои маро меписанданд ё на, худ донанд.

«Аз ин каждуми таги бӯрё ҳарчӣ зудтар раҳоӣ ёфтан беҳтар аст, – ба андеша рафт Куруш. – Дороиаш чандон кам нашудааст, дар миёни бузургони мидӣ ҷонибдоронаш низ афзуданд. – Агар ин гуна пештозию худсариҳо кардан гирад, фарҷоми нек надорад. Ҳангоми ба набард рафтани ӯ ин мӯйсафеди тирадил бадбахтиро пеш хоҳад овард. Чӣ чора андешад, ки ӯро аз дарбор дур афканаду гирифтори ранҷиши касони худию бегона нагардад? Беҳтараш мансабе диҳаду ба канораҳои дури кишвар фиристад...»

– Дурбинӣ ва соҳибтадбирии ҳазратам шоистаи офарин аст. – бо оҳанги нарм гуфт Куруш. – Ба кишвардории Гиркания ва марзҳои офтобрӯи кишвар арзандатар аз пирам касеро намебинам.

– Кишвари Гиркания?! – ба даҳшат афтод Астиаг. – Маро аз дарбор дур рондану ба коми бало афкандан мехоҳӣ, Куруш?

– Бадгумонӣ макунед, пирам, – бо салобати ҷоҳона гуфт Куруш. – Дар ҳамсоякишвари массагетҳои тундхӯю силаҳшӯр ҳуши бедор ва чорасозии шумо дуруст меояд.

– Магар бе сипоҳу лашкар, бо сари танҳо чорае андешида мешавад? – барошуфт Астиаг.

– Дороии солҳои дароз ғундоштаро дареғ намедоред, пирам, – хулоса намуд амрашро Куруш. – Ва аз ҷавонмардони Порту Гиркания сипоҳе омода карда, марзҳои офтобрӯи мулкро нигаҳбонӣ менамоед.

– Маро дар Гиркания марг чашмдор аст, Куруш! Массагетҳои пархошҷӯй кинаи ҷони маро доранд!

– Кинаро кина бармезанаду душманро душмани тавоно! – хушгӯй кард Куруш. – Астиаг солҳои дароз тохти массагетҳоро пешгирӣ карда тавонисту имрӯз дармемонад?! Не, ӯ ҳилаю

тадбири зиёде дорад, ки ҳама гуна душманро нотавону оҷиз месозад... Субҳ ба рӯҳ мебарой, пирам! Хонадону дороиатро саройдорону посбонсолорон то Гиркания мерасонанд...

– Туро шобош мекунам, Астиаг, – аз чораи Куруш меболид Гарпаг. – Пояи баланде гирифтӣ. Агар умр вафо кунад, дар ҳамсоякишвари массагетҳо давлати пирӣ меронӣ...

БА СӮИ ГАНҶИ КРЕЗ

Тирамоҳи соли 546 то мелод дар паҳнои дашти музофоти Каппадокия ҳукмфармост. Фавҷи лашкари Куруш аз домани дашт бо низоми хосае пеш мешитобид. Шоҳи ҷавонбахт аз миёни саворон дар иҳотаи сипаҳсолорон ғарқи андеша ба кӯҳҳои осмонбӯси дуродур чашм медӯхт. Тигрони арманӣ, ки дар сафи сарлашкарон аз паҳлӯи Гарпаг асп меронд, нигоҳи озмоишкорона ва лабрези ҳиссӣ кунҷковиашро аз андоми Куруш намеканд.

Куруш дар ин лаҳза муҷассамаи сангинеро мемонд, ки нақши эҳсосе дар симояш ҳувайдо нест: на хашму ғазаб, на ҷасорату ғундхӯӣ, на бепарвоию фориғболӣ, на ғуруру худнамоӣ. Ӯ ба назар басо орому босалобат менамуд, ки дунёи розҳояш ба касони худию бегона дастнорас аст. Тигрони солдидаю соҳибтаҷриба дар назди шукӯҳу назокати шоҳонаи Куруш оҷиз монда, пай мебурд, ки як ҳайбату ҷазабаи асроромезе саропои вуҷудашро пахш мекунад.

Аз думболи сипаҳсолорону артишдорон гардунаҳои ҷангии дуаспа, ки шамшерҳои каҷдами ба шӯтую тир устуворашон дар партави офтоб барқ мезад, чанд қатор саф ороста, бонизом роҳ мепаймуданд. Баъди фосилае пиёдааскарони сабуксилоҳи тирандоз камону тиркашҳо бар китф пешопеш ва сипоҳиёни пиёдаи вазнинсилоҳ бо сипарҳои бузургу найзаҳои дарозашон аз думбол, дар зери навои духули ҷангӣ якмаром қадам мениҳоданд. Аз паси пиёдагардон аробаҳои хурду бузурги пурбор, аспу улавҳои боркаш ва ҳамолону гуломони коркуфтаи ақибгоҳ дар иҳотаи посбонони савора хастаҳолона пеш мешитофт.

Офтоб майли ғуруб намуда, рӯз ба шом мегаравид. Аз дур дар паҳнои дашт бошишгоҳи сарбозони Крез намоён гардид, ки дар пешорӯи хаймаҳо ягон-ягон гулханҳо аланга мезаданд. Хиргоҳи бузургу мӯҳташами Крез, ки дар баландиеҷмақом дошт, зери партави хуршеди шомгоҳон бо тобиши арғувонӣ мавҷ мезад.

Куруш лаҷоми таковарашро қашида, муддате ба хиргоҳи арғувонӣ чашм дӯхту дасташро бардошта амри лангар задан дод. Лашкар дар як лаҳза ором гирифт ва фавҷҳои савораву пиёда барои шабгузаронӣ ҷои муносиб ҷуста, хастагии роҳро баровардан мехостанд. Шаб фаро мерасид ва алангаи гулханҳои дуродур мадор гирифта, дар паҳнои дашт ба таври асроромез рӯшноӣ мефиканданд.

Куруш роҳи муоҳидаро озмудан хоста дарҳол ба қароргоҳи Крез номае бо дастаи сафирон фиристод. Ӯ дар номааш Крезро барои сарҳадшиканӣ коҳиш намуда, таклиф карда буд, ки васояти ӯро пазирад ва ба Лидия бозгашта чун пештара ҳукмрониашро идома бахшад. Пазируфтани васояти Куруш ва итоат ба амри ӯ нуфузи Крезро намекоҳонад ва ӯ чун ҳокими мутлақ дар қаламраваш ҳукмронӣ намуда, низоми ҳаёти пешинашро идома мебахшад.

Шоҳи ҷавон ҳарчанд ба посухи мусбати Крез эътимод надошт, фиристодани номаро воҷиб шуморид. Сафирон дергоҳи шаб хиҷилу дилшикаста баргаштанд. Крез аз гояти хашм номаи онҳоро пора карда посухи кӯтоҳ ва густохона дода буд: «Ба Куруши кӯрнамак расонед, ки тахти бобояш Астиагро бо хубӣ баргардонад! Фаромӯш накунад, ки падаронаш зердасту надими мидиҳо буданд. Вагарна дар ин ҷанг ғуломи лидиҳо шуда як умр хидмати Крезро мекунад».

Куруш сафиронро таскин бахшиду пай бурд, ки набарди шадиде дар пеш аст. Тақдир озмоиши наверо барояш пеш оварда, ҳунари лашкаркашӣ ва азму иродаи майдондории ӯро бо рақиби тавоною соҳибганҷе тақозо мекард.

Субҳ медамид ва аз бошишгоҳи лашкари Крез сутунҳои пурпечухами дуд ба фазо мехест. Куруш аз пешгоҳи ҳаймааш паҳнои дашт ва пастию баландиҳои атрофро муоина намуда, бо либоси сабук ва нимтанаи дароз андешамандона қадам мезад. Посухи дурушти Крез ба дилаш асари ногуворе гузошта бошад ҳам, дар симои ӯ ноҷурию озурдагие эҳсос намегашт. Ӯ хаёлан фосилаи даштро чену бар мекард, майдони набардро тадқиқ менамуд, дастаҳои мухталифи сипоҳро аз лиҳози тахмин рӯ ба рӯ гузошта, ботинан нақшаҳо мекашид.

Фурсате нагузашта сипаҳсолорону артиштдорон, ҳазорсолорону фармонфармоён аз паҳлӯи таковари сафеди Куруш асп ронда нақшаи ҷангро мекашиданд, дастуру амру фармонҳо гирифта, ба муҳориба омода мегаштанд. Қисми

сипоҳиёну гуломони тануманд аз паси хаймаҳои қатор ҳандақи дарозу васее мекофтанд, ки бар чашми душман наметофт.

Офтоб аз паси кӯҳи дуродур сар мекашид. Ҷанговарони юнонӣ парчаму рамзҳои ҷангиро болои сар бардошта, таҳти навои шайпуру нагораҳои ҳарбӣ якмаром аз самти лашкаргоҳи Крез пеш меомаданд. Буқу карранойу табли ҷангӣ низ аз бошишгоҳи Куруш садо ангехта, аз оғози муҳориба хабар медод.

Нахустин шуда сипоҳи савораи Крез кулаҳхӯдҳои ҷилодори коринфӣ бар сар ва зиреҳу ҷавшанҳои қуббадор бар тан шамшерҳои ӯрёнро болои сар бардошта, бо гиреву ниҳеб асп метозонанд. Куруш ба муқобили онҳо фавҷи тирандозони сабуксилоҳро пеш бароварда, сараҳои душманро бо тирборон истиқбол намуд. Тирҳои пайкон чун қосиди аҷал ба сару тани сараҳо борида, онҳоро ягон-ягон меафтонд. Аммо сараҳои хашмолуд шасти давидани аспҳоро афзуда, ба дастаи тирандозон торафт наздик меомаданд. Ба назар чунин мерасид, ки боз дақиқае мегузараду сарбозони тирандоз ба таги пойи аспҳои таҳамтан ва дами шамшери сараҳои кинаварз афтода, нақши замин мегарданд.

Вале дар кӯтоҳтарин фурсат тирандозони сабуксилоҳ чолокона тохта аз се гузаргоҳи мобайни ҳандақ шитобон ба қафо гузаштанд. Дар самти муқобили ҳандақ ҷанговарони пиёдаи вазнинсилоҳ, ки найзаҳои дароз бар даст саф баста буданд, сарбозони тирандозро дар миёнашон ҷой дода, сараҳои пешомадаи Крезро бо борони тир ва найзаҳои ҷоншикоф нобуд мекарданд. Аспҳои дартози пешсаф ва саворони хунгарми ташнаи интиқом бехабар аз қазои тақдир хаймаҳои қаторро гузашта аз хонаи зин ба ҳандақ паридаю сарозер афтода, якдигарро пахш мекарданд. Шиҳаи аспҳои ваҳшатзадаю фиғони саворони гирифтори фалокат бо чангу хок ба фазо мепечид. Аспҳои фитода аз талвосаи ҷон гарданак задаю частухез намуда, сарбозони таги пояшонро дучандон зер мекарданд. Вале аспҳо ҳанӯз нахеста, аз болои сарашон таковарони гофилмондаи навбатӣ расида сарозер меафтоданд ва бо чуссаи гарон онҳоро яксони хок менамуданд.

Лаҳзае нагузашта чанд ҷои ҳандақи васеъ аз чуссаи аспҳою саворони мадҳуш пур гашт. Аммо фавҷи саворони Крез гӯё охир надоштанд ва аз болои ҷасади ҳамсафони худ гузашта ба ҷанговарони Куруш ҳамлавар мегаштанд. Тирҳои ҷоншикофи

пайкону найзаҳои дароз саворонро болои ҳам меафтонданд, лекин шасти ҳамларо боздоштан торафт мушкил мегашт. Баногоҳ саворони Гаубру аз ду самти ақиби душман пайдо шуда, дар шакли нимҳалқа торафт ҷафс мегаштанд ва сарбозони Крезро ба муҳосира гирифта, бераҳмона қир мекарданд. Ҷанг шиддат меёфт ва сафи пиёдаҳои вазнинсилоҳ низ чун мавҷи дамон аз ду тараф бо ҳам бархӯрда, муҳорибаро шадидтар менамуданд.

Куруш дар болои таковари сафед бо оромию тамкини ғайриоддие нишаста ба рафти муҳориба сарварию назорат мекард. Ва ӯ лаҳзаҳои шадидтарини ҷанг ҳам сабру таҳаммул ва хунсардиро аз даст надода, ба сипаҳсолорону мунодиён амру фармонҳо медод. Ӯ аз рӯи нақша фавҷи савораю пиёдаҳоро ба набард меафканд ва дар айни гарму ҷӯши ҷанг тадбирҳои фаврӣ меандешид. Ба назар ӯ муҷассамаи ғалабаро мемонд, ки аз асари бурду бохти ҷанг ягон раги андомаш ба таҳрик намеояд. Гӯё дар майдони ҷанг не, дар фазои муҳориба истода буду хуб медонист, ки ғалабаи вопасин аз тадбирҳои фаврию оқилона ва ҷонбозиҳои фидокоронаи ҳар як сипаҳсолору сарбози қаторӣ ба даст меояд.

Офтоб аз васати осмон хамида, рӯз ба пешин мегаравид. Домани дашт аз ҷасади савораҳою аспони бечон ва ҷанговарони захмин пур мегашт. Дар фазои губорандуда селаи каргасҳо ва зоғҳои лошахӯр болу пар афшонда, хушҳолона қийғос мезаданд. Шасти ҷанг ноаён мекоҳид ва Крез бо навои табл сарбозонашро амри бозгаштан дод.

* * *

Сардиҳои тирамоҳ фаро мерасид. Куруш аз набардҳои шадиди рӯёрӯй даст кашида, дар муқобили ҷанговарони вазнинсилоҳи Крез ба усули ҷангии сакоиҳо рӯй меовард. Ӯ дастаҳои асосии лашкарашро ба домани кӯҳи ростхамидаи ду тарафаш чун ҷалъа ақиб кашида, ба сарбозону таковарон дам медоду фурсати муносиб мепоид. Ойбар бо фавҷи тирандозони сабуксилоҳ ва савораҳои чобуктозаш ба дастаҳои ғофилмондаи Крез ҳамлаи барқвор меовардану чандеро куштаю нобуд карда боз сӯи бошишгоҳашон ақиб менишастанд.

Размоварони Крез, ки дар миёнашон камонварону тирандозони моҳир кифоят намекард, аз ҳуҷумҳои ногаҳонӣ хастаю дилгир шуда, муҳорибаи тан ба танро интизор буданд. Куруш

сипоҳиёну ғуломони тануманд аз паси хаймаҳои қатор ҳандақи дарозу васее мекофтанд, ки бар чашми душман наметофт.

Офтоб аз паси кӯҳи дуродур сар мекашид. Ҷанговарони юнонӣ парчаму рамзҳои ҷангиро болои сар бардошта, таҳти навои шайпуру нагораҳои ҳарбӣ якмаром аз самти лашкаргоҳи Крез пеш меомаданд. Буқу карранойу табли ҷангӣ низ аз бошишгоҳи Куруш садо ангехта, аз огози муҳориба хабар медод.

Нахустин шуда сипоҳи савораи Крез кулаҳхӯдҳои ҷилодори коринфӣ бар сар ва зиреҳу ҷавшанҳои қуббадор бар тан шамшерҳои урёнро болои сар бардошта, бо ғиреву ниҳеб асп метозонанд. Куруш ба муқобили онҳо фавҷи тирандозони сабуксилоҳро пеш бароварда, савораҳои душманро бо тирборон истиқбол намуд. Тирҳои пайкон чун қосиди аҷал ба сару тани савораҳо борида, онҳоро ягон-ягон меафтонд. Аммо савораҳои хашмолуд шасти давидани аспҳоро афзуда, ба дастаи тирандозон торафт наздик меомаданд. Ба назар чунин мерасид, ки боз дақиқае мегузараду сарбозони тирандоз ба таги пойи аспҳои таҳамтан ва дами шамшери савораҳои кинаварз афтода, нақши замин мегарданд.

Вале дар кӯтоҳтарин фурсат тирандозони сабуксилоҳ чолокона тохта аз се гузаргоҳи мобайни ҳандақ шитобон ба қафо гузаштанд. Дар самти муқобили ҳандақ ҷанговарони пиёдаи вазнинсилоҳ, ки найзаҳои дароз бар даст саф баста буданд, сарбозони тирандозро дар миёнашон ҷой дода, савораҳои пешомадаи Крезро бо борони тир ва найзаҳои ҷоншикоф нобуд мекарданд. Аспҳои дартози пешсаф ва саворони хунгарми ташнаи интиқом бехабар аз қазои тақдир хаймаҳои қаторро гузашта аз хонаи зин ба ҳандақ паридаю сарозер афтода, якдигарро пахш мекарданд. Шиҳаи аспҳои ваҳшатзадаю фиғони саворони гирифтори фалокат бо чангу хок ба фазо мепечид. Аспҳои фитода аз талвосаи ҷон гарданак задаю частухез намуда, сарбозони таги пояшонро дучандон зер мекарданд. Вале аспҳо ҳанӯз нахеста, аз болои сарашон таковарони гофилмондаи навбатӣ расида сарозер меафтоданд ва бо ҷуссаи гарон онҳоро яксони хок менамуданд.

Лаҳзае нагузашта чанд ҷои ҳандақи васеъ аз ҷуссаи аспҳою саворони мадҳуш пур гашт. Аммо фавҷи саворони Крез ғуё охир надоштанд ва аз болои ҷасади ҳамсафони худ гузашта ба ҷанговарони Куруш ҳамлавар мегаштанд. Тирҳои ҷоншикофи

пайкону найзаҳои дароз саворонро болои ҳам меафтонданд, лекин шасти ҳамларо боздоштан торафт мушкил мегашт. Баногоҳ саворони Гаубру аз ду самти ақиби душман пайдо шуда, дар шакли нимҳалқа торафт ҷафс мегаштанд ва сарбозони Крезро ба муҳосира гирифта, бераҳмона қир мекарданд. Ҷанг шиддат меёфт ва сафи пиёдаҳои вазнинсилоҳ низ чун мавҷи дамон аз ду тараф бо ҳам бархурда, муҳорибаро шадидтар менамуданд.

Куруш дар болои таковари сафед бо оромию тамкини ғайриоддие нишаста ба рафти муҳориба сарварию назорат мекард. Ва ӯ лаҳзаҳои шадидтарини ҷанг ҳам сабру таҳаммул ва хунсардиро аз даст надода, ба сипаҳсолорону мунодиён амру фармонҳо медод. Ӯ аз рӯи нақша фавҷи саворао пиёдаҳоро ба набард меафканд ва дар айни гарму ҷӯши ҷанг тадбирҳои фаврӣ меандешид. Ба назар ӯ муҷассамаи ғалабаро мемонд, ки аз асари бурду бохти ҷанг ягон раги андомаш ба таҳрик намеояд. Гӯё дар майдони ҷанг не, дар фазои муҳориба истода буду хуб медонист, ки ғалабаи вопасин аз тадбирҳои фаврию оқилона ва ҷонбозиҳои фидокоронаи ҳар як сипаҳсолору сарбози қаторӣ ба даст меояд.

Офтоб аз васати осмон хамида, рӯз ба пешин мегаравид. Домани дашт аз ҷасади сараҳою аспони бечон ва ҷанговарони захмин пур мегашт. Дар фазои губорандуда селаи каргасҳо ва зоғҳои лошахӯр болу пар афшонда, хушҳолона қийгос мезаданд. Шасти ҷанг ноаён мекоҳид ва Крез бо навои табл сарбозонашро амри бозгаштан дод.

* * *

Сардиҳои тирамоҳ фаро мерасид. Куруш аз набардҳои шадиди рӯёрӯй даст кашида, дар муқобили ҷанговарони вазнинсилоҳи Крез ба усули ҷангии сакоиҳо рӯй меовард. Ӯ дастаҳои асосии лашкарашро ба домани кӯҳи ростхамидаи ду тарафаш чун қалъа ақиб кашида, ба сарбозону таковарон дам медоду фурсати муносиб мепоид. Ойбар бо фавҷи тирандозони сабуксилоҳ ва сараҳои чобуктозаш ба дастаҳои гофилмондаи Крез ҳамлаи барқвор меовардану чандеро куштаю нобуд карда боз сӯи бошишгоҳашон ақиб менишастанд.

Размоварони Крез, ки дар миёнашон камонварону тирандозони моҳир кифоят намекард, аз ҳуҷумҳои ногаҳонӣ хастаю дилгир шуда, муҳорибаи тан ба танро интизор буданд. Куруш

ҷои сусти лашкари Крезро ёфта, онҳоро рӯз то рӯз норозию рӯҳафтода мекард.

Маводи ҳӯрокаи камчин бо фарорасии сардиҳо камтар мешуд. Куруш бо пешвои қабилаи курдҳои кӯҳнаварди вохӯрда, ба онҳо чанд сандуқ нуқра тӯҳфа доду бар ивазаш гӯсфанду хӯрока гирифт. Пешвои қабила аз озодию истиқлол ваъда кардани Куруш шод гашта, хизмати ӯро бедарег анҷом медод.

Крез дар ҳоли сахте монда намедонист чӣ тадбир андешад. Фориғболии Куруш ва тӯл кашидани ҷанг барои нигоҳдории сарбозони кирояш басо гарон меафтод. Оқибат ӯ қарор дод, ки қабл аз боридани барф ва фарорасии зимистон ба пойтахташ шаҳри Сард бозгардад. Ӯ сарлашкаронашро ба ҳузур хонда амр намуд, ки бесару садо бошишгоҳи ҷангиашонро тарк намоянд.

Сукути нимашаби маҳтобиро садои суми аспҳои сарбозони савора, гомзании бенизоми сипоҳиёни пиёда, нолаи талхи зардорон ва ғиҷирроси чархи аробаҳои боркаш халалдор менамуд. Лашкари Крез бошишгоҳи ҳарбиашон – шаҳраки Алайаро ноаён тарк карда, бо шитоб сӯи пойтахти Лидия – шаҳри Сард бозмегаштанд.

Ойбар дар ҳамин нимашаби пурасрор азми шабохун задан намуда, дар бошишгоҳи холию бесоҳиб чанд ҷасади беҷони ҷанговарони захминро диду пай бурд, ки Крез ноаён фирор намудааст. Ӯ ба ҷастуҳези беҳарос ва нулзаниҳои густохонаи каргасҳои носерам дигар аҳамияте надода, фавран азми бозгаштан намуд.

Каргасҳои фориғбол аз садои гоми аспи Ойбар безобита шуда, коҳилона дуртар париданд. Се тан савор бо шитобу ҷадал сафи сарбозонро қафо гузошта, сӯи хиргоҳи Куруш мешитофтанд. Посбонони даромадгоҳи хиргох, ки лаҳзае ба ғанаб рафта буданд, аз чаҳорхези суми таковарон ҷаста хестанд. Аз даруни хиргоҳ ғурроси таҳдидомезе баланд шуд ва Ойбар гулу афшонда овоз рӯшан кард:

– Ашк, маро нашинохтӣ? Ором шав!

– Кистӣ?! Туӣ, Ойбар?! – бо овози тунду омирона пурсид Куруш.

– Бале, шоҳам! Дар ин нимашаб паёми бедаранге овардам.

Куруш бо либоси ҷангӣ аз тахтакати хоб ба истиқболи Ойбар бархест. Ашк дар канори тахтакат ёзида ҳаракатҳои Ойбар ва ҳамроҳонашро бо гӯшаи чашм таъқиб мекард. Партави андилҳои кунҷи хиргоҳ ба андоми орому чашмони каме хо-

болуди Куруш афтода, ганаби сабук рафтани ӯро падидор менамуд.

– Бифармо, Ойбар! – аз аёдати бемаҳали ӯ хавотир шуд Куруш. Лаҳзае дар хоб мондам. – Чӣ пайки тоза дорӣ?

– Азми шабохун задан намуда, ба бошишгоҳи Крез рафтам. Дар бошишгоҳ касе нест. Крез майдони ҷангро тарк карда, ба сӯи пойтахташ – шаҳри Сард рафтааст.

– Ба сӯи Лидия?! – каме парешон шуд Куруш.

– Набардро ба сомон нарасонида фирор карданаш дар шумори бохт аст, шоҳам, – хушҳолиашро базӯр ниҳон медошт Ойбар.

– Пирӯзӣ ҳанӯз дур аст, дӯстам Ойбар, – андешамандона қадам мезад Куруш. – Мори захмин дар лонааш даҳчанд хатарноктар мешавад.

– Катпатукаро тарк карданаш магар нишонаи дастболӣ нест?

– Не, Ойбар! – хоб аз чашмонаш парида дар хаёл нақшаи нав мекашид Куруш. – Мори бадкинро то охир саркӯб насозӣ, рӯзе барои ситонидани кинааш бозмегардад...

Ҳафтае нагузашта барф борид. Крез шебиҳои яхпӯшу хатарноки кӯҳи Тмолро қафо гузошта оҳи сабуке кашид. Барфи баланду яхбандии бармаҳал ба коми дилаш буд. Ӯ эътимод пайдо кард, ки сипоҳи Куруш дар ин зимистони қаҳратун азми паймудани қуллаҳои хатарноку яхпӯшро нахоҳад кард. Крез сарбозонашро дар пойгоҳи кӯҳ дам дода, бо сипоҳиёни кироя ҳисобашро баробар намуду таъкид кард, ки ҳангоми фарорасии баҳор дубора лашкар хоҳад кашид.

Крез роҳи пойтахташро қарибиҳои бегоҳ пеш гирифт. Ӯ ба шикаст хӯрданаш бовар надошт. Аммо аз пирӯзӣ низ худситоӣ карда наметавонист. Деворҳои баланди қалъаи Сард бо тарҳи мӯҳташам ва бурҷу тиркашҳои устувараш ӯро нимашабӣ хилвату хомӯш истиқбол намуд.

Шаҳр кайҳо ба хоби гарон рафта буду ду машъали баркади фурӯзон болотар аз дарвозаи бузурги кушода дар ду гӯшаи манораи дидбонӣ месӯхт. Сарбозони хоболуду хастаҳоли Крез бо сари хаму дили моломоли андӯҳ ҷисми бемадорашонро кашолакунон вориди қалъа мегаштанд. Охирин дастаи сарбозони мачрӯҳ дар ин нимашаби хилват лангидаю хазида ба шаҳр даромаданду дарвозаи бузурги қуббадори шаҳри Сард дарҳол пӯшида гардид.

Пойтахт подшоҳи соҳибганҷу овозадорашро бори аввал сарду бесадо вохӯрда, бозгашташро ҳангомаю тантана намекард.

* * *

Пас аз ду ҳафтаи бозгашти Крез хабари аз кӯҳ фуромадани сипоҳи Куруш дар пойтахти Лидия паҳн шуд. Крез ба канораҳои шаҳри Сард расидани лашкари Курушро чандон бовар накард. Чун ҷосусон дубораю себора аз хатари наздикшавии сипоҳи душман огоҳ намуданд, Крез ночор сараҳои яккачинашро омодаи набард карда ба истиқболи Куруш пеш рафт.

Куруш нахуст дастаи тирандозонро пеш бароварда. Сараҳои Крез низоми сафро риоя карда, дуртар аз фосилаи тиррас қарор гирифтанд. Уштури масте аз бошишгоҳи Куруш банди тавилаашро канда, чаҳоргома сӯи қароргоҳи размоварони Крез мешитофт. Таковарони то ин дам уштур надида аз ҳайбати ин махлуқи бадбӯю балогардон ҳаросида, сафи ҷангиашонро халалдор намуданд. Куруш, ки ин манзараро мушоҳида мекард, дарҳол амр дод, дастаи уштурони боркашро аз банд раҳо намуда, сӯи сараҳои Крез бironанд. Аз думболи дастаи уштурони дартоз тирандозони яккачини уштурсавор гиреву ҳайбат ангехта пеш мешитофтанд. Аспҳои размоварони Крез аз ҳамлаи уштурон хӯсида сараҳояшонро меафтоданд ва низоми сипоҳ коҳида, рӯ ба шикаст меовард[1].

Сарбозони сараю пиёдаи Куруш қалъаи рахнанопазири Сардро ба таври нимҳалқа иҳота карда, дар фатҳи он ҳайрон монданд. Тирандозони сабуксилоҳ бо сарварии Ойбар аз фосилаи начандон дур

тирҳои пайкону сангҳои фалаҳмонро дареғ надошта, ҳимоятгарони паси тиркашу бурҷҳои қалъаро ба ҳадаф мегирифтанд. Аммо тири онҳо ба девори сахти тиркашу қалъа бархӯрда поён мерехту аҳён-аҳён ягон сарбози ғофилмондаро захмин мекард.

Муҳосираи рӯзҳои аввал натиҷае намедод. Қисме аз сарбозон нӯги зинапояҳои баландро бар тани девори қалъа ниҳода, шам-

---

[1] Ҳеродот дар муҳорибаи канори Сард аз ҳайбати уштурон хӯсидани аспҳои сараҳои лидӣ, костани низоми лашкар ва оқибат шикаст хӯрдани онҳоро зикр кардааст.

шери урён бар даст бо ҷаҳду ҷадал боло мехазиданд. Овозаи ганҷи Крез дар миёни сарбозони Куруш шӯру валвалае ангехта буд. Гӯё девори қалъа садди охирине буд, ки роҳи онҳоро ба сӯи ганҷи афзуни Крез мебаст. Вале заҳмату ҷонбозии сарбозон ба нокомӣ анҷомида, чидои голибонаи ҳимоятгарони қалъа пай дар пай баланд мегардид.

Куруш рӯзи сеюм амр дод, ки дастаи ҷанговарони қавипайкар танаи дарахти бузургеро болои қитфон бардошта, барои рахна задан бар тани дарвозаи бузург бикӯбанд. Аммо гӯлачӯби азим ҳанӯз ба остони дарвоза нарасида, аз болои сари ҷанговарони рахназан ҳазорон тирҳои пайкони оташандуда, гулӯлаҳои сӯзони нафт, дегҳои қатрони ҷӯшида, гӯлачӯбҳои нимсӯхта ва сангу хиштҳои калон меборид. Ҷанд тан сарбозони Куруш аз тири пайкон захмин шуда афтоданд ва забонаи оташ ба либосашон печид. Гулӯлаҳои фурӯзони нафт низ ба сару танашон часпида, онҳоро ба талвосаи ҷон меафканд.

Ҳамлаҳои бебарори ҳафтаи аввал Куруши хунсарду қавирӯҳро безобита намуд. Ӯ ба Гарпаг амр дод, ки гӯлачӯби дуюмро ба шакли гардунаи дароз ба рӯи шотуи чарҳҳояш устувор ниҳода, болояшро чун хаймаи якқад бо пӯсти гов пӯшонанд. Гӯлачӯби рахназани дуюм ҳам омода гашт ва сафи сарбозони ҷавшанпӯш аз ду тараф онро телакунон сӯи дарвозаи қалъа мебурданд. Тирҳои пайкони оташандуда ва гулӯлаҳои нафт ба рӯи пӯсти тар дармонда, ҷони ҷанговарони рахназанро аз офати сӯхтан мераҳанд.

Бе осеб пеш омадани гӯлааробаи рахназан ҳимоятгарони қалъаро ба изтироб афканд. Дақиқае нагузашта ба сари роҳи гӯлааробаи он қадар сангу чӯбу хишт ва пораҳои яклухти тахтасанг борид, ки гӯлааробаи ночор дар нимароҳ дармонд.

Ҳафтаи дуюм низ бо нокомӣ анҷом ёфтани ҳамлаи навбатӣ Курушро ноумед накард. Ӯ устоҳои манҷаниқсозу сангафканро гирд оварда, дар фосилаи тирраси рӯ ба рӯи дарвоза ба устувор кардани манҷаниқи дурзан ҳидоят намуд.

Субҳи ҳафтаи сеюм санги нахустин аз манҷаниқ ҷаҳида, ба дарвозаи бузурги қалъа бархӯрду табақаҳои онро ба ларза афканд. Сипас сангҳои гарону яклухт бо шасти тамом думболи ҳам парида, дарвозаи гаронро мечунбонду аз гӯшаҳои он гарду хок ва хиштпораҳо мерехтанд. Аз ин зарбаҳои рахнаовар лашкари Куруш рӯҳбаланд шуда, ба ҳамлаи навбатӣ шурӯъ намуданд. Тирандозону нардбондорон аз марги муфаҷҷо

наҳаросида, ба девори қалъа часпида мебаромаданд. Саворони ҳангомаҷӯй шӯру фиғон ангехта, дар сари този асп ба сӯи ҳимоягарон найзаву тир меафканданд.

Дарвозаи бузургу вазнин ҷо-ҷо шикаста, ноаён хам мехӯрд. Хурӯшу фарёди хушҳолонаи ҷанговарони Куруш авҷ гирифта, ба дили сипоҳиёни душман ваҳму ҳарос меафканд. Табақаи рости дарвоза ба зарбаҳои сангин тоб наоварда, нимрог кушода шуд. Фавҷи саворони пархошҷӯй бо шӯру валвала асп тозонда, шамшерзанон вориди шаҳр гаштанд.

Кӯчаҷанги шадиду хунафшоне андаруни шаҳри Сард авҷ гирифт. Саворони зирехпӯши арбадаҷӯй аспҳои тезтаки ҷангозмудаашонро чобукона напу рост ронда, ҳимоятгарони гурезону ошуфтаҳолро бераҳмона сар мезаданд. Ҷасад болои ҷасад мефитоду сафи ҳимоятгарони шаҳр торафт кам мешуд. Хонаҳо месӯхт, дару дарвозаҳо мешикаст ва мардуми даҳшатзада худро ба ҳар кунҷу канор афканда, аз теғи аҷал раҳидан мехостанд.

Куруш дар иҳотаи сарлашкарон бо салобату шукӯҳи шоҳона вориди пойтахти Крез гардид. Хурӯши ҷанговарон аз бурҷу бора ва тори бому айвонҳои барҳаво боло мегирифт.

Крез шикастани дарвоза ва рахназании ҳисори қалъаро пай бурда, ҳамроҳи муқаррабон ва размоварони яккачинаш ба қалъаи даруни шаҳр паноҳ бурд. Қалъаи дарунӣ, ки аз пасаш рӯди хурӯшони Пактола мегузашт, аз ду тараф деворҳои басо баланду дастнорасе дошт. Ҷарии ростхамидаи канори рӯд ба сифати девори сеюм хизмат мекард. Ӯ умедвор буд, ки дер ё зуд сарбозони кирояи спартавӣ аз самти дарё мерасанду қисмати бохтаи шаҳрро аз дасти душман мерабояд.

Фатҳи қалъаи дарунӣ, ки бар дӯши кӯҳтеппаи баланде қомат афрохта буд, дар нигоҳи аввал кори имконнопазире метофт. Куруш ройу тадбири роҳ ёфтан ба қалъаро меҷусту Крез бо андешаҳои азиятовар падид омадани киштии спартавиҳоро мепоид.

Рӯзҳо мегузаштанд, аммо аз расидани сипоҳи имдодгар хабаре набуд. Крез амр дод, ки дар миёнаҷои ҳавлии қасраш дарзаҳои ҳезуми хушкро ғарам зада омодаи оташ гирондан намоянд. Ӯ ҳимоятгарони қалъаи даруниро рӯҳбаланд карда, қавл медод, ки дар сурати нокомӣ худро ба даруни оташ афканда қурбон менамояд.

Аз қазо рӯзе бегоҳӣ яке аз посбононӣ қалъа ҳангоми хам

шуда ба поён нигаристан кулаҳҳӯдашро аз сар афтонд. Посбон аз девори ростҳамидаи кӯҳ пой ба рӯи сангҳои барҷаста ниҳода поён хамиду кӯлоҳашро гирифта баргашт. Як ҷанговари Куруш аз ниҳонгоҳе ин манзараро мушоҳида карда хабарро ба сардораш расонд.

Куруш аз ин қазия огоҳ шуда як даста сарбозони кӯҳнавардро ҷудо намуду худи ҳамон шаб ба фатҳи девори қалъа ҳидоят кард. Сарбозони кӯҳнавард дар чанд ҷой чуқурчаи поймонӣ канда, қариб бе душворӣ ба болои қалъа баромаданд.

Фатҳи қалъаи дарунӣ нимашаб огоз ёфт. Дарвозаҳоро бесадо кушоданд ва фавҷи лашкари Куруш бе муқовимат ба охирин қароргоҳи Крез даст ёфт. Аз қазо касе гулханро афрӯхт ва чанд тан Крези мадҳушу ошуфтаҳолро кашола карда назди алангаи оташ оварданд.

Табли пирӯзӣ садо медоду савораҳои яккачин саф ороста, Курушро ба сӯи гулхани бузург ва қасри дарунии Крез раҳнамоӣ мекарданд. Субҳ медамиду гулхан забон зада месӯхт ва гирду гӯшаи қасри шоҳ чун рӯз рӯшан мегашт. Бонги зафар ҳанӯз фурӯ нанишаста, Крези сараш урёну либосҳояш сӯхтаю хунолудро, ки бар китфу гарданаш расани каманд печида буд, як даста сарбозони Куруш кашола карда оварданд.

– Аз афташ Крезро оварданд! – гуфт хавотиромез Гарпаг.

– Наход, Крез бошад? – бовар накард Виштосп.

Сарбозони Пармис дар пешорӯи Куруш камандро суст карда, расми таъзимро ба ҷо оварданд. Крези ошуфтаҳол аз фишори расани каманд раҳида, бо азобе хестан мехост, аммо дар болои сараш Курушро савори таковари сафед дида, дарҳол ба зону зад. Пармис аз сафи сарбозонаш пештар гузашта бо қаноатмандӣ арз намуд:

– Крезро дошта овардем, шоҳам! Дар пешгоҳи кӯшкаш ба коми оташ афтода буд.

– Кошкӣ месӯхтаму хокистар мешудам, – менолид бечораҳолона Крез. – Аз ин нангу бадномӣ сӯхтан беҳтар аст!

– Аз нангу бадномӣ, ки парҳез доштӣ, чаро қасди мулки мо кардӣ, Крез? – бо тамкину салобати шоҳона пурсид Куруш.

– Лағзиши худро акнун пай бурдам, шоҳаншоҳ! – бо оханги пушаймонӣ оҳ мекашид Крез. – Спитами палид маро ба роҳи хато бурду ҷонашро раҳонда гурехт.

– Пешгӯии саркоҳини намозгоҳи Делфа магар аз ёдат рафт?

– Пешомади бадам дар хок! – ашки чашмашро базўр ниҳон медошт Крез. – Аз бадфарҷомӣ раҳидан душвор будааст!

– Аз рўи шунидам бештар аз ними сарвати ту ба толеъбинону тақдиркушоён сарф мешудааст, – рамузгирона ба ҳоли зори ў менигарист Куруш. – Ман ҳам бароят охирин бор имкони озмудани ситораи толеъатро медиҳаму ба ивазаш сарвати мондаатро мегирам.

– Ҳама сарватамро бигиру маро аз марг бираҳон, шоҳаншоҳо! – таваллоомез ба раҳоӣ умед баст Крез.

– Инро тақдират мебарад, – бо хунсардии тамасхуромез мўҳраи буҷулеро аз ҷайб гирифта сўи Крез дароз намуд Куруш. – Ману ту дар пеши Яздони пок натавонем!

– Ҳарчи бодо бод! Бори охирин тақдирамро меозмоям, – мўҳраро дар кафи даст фишурд Крез.

– Пушти сафедаш ҳаёт асту пушти сиёҳаш марг! – таъкид намуд Куруш оромона.

Крез буҷулро гирифту бо нигоҳи пурандўҳ ва ваҷоҳати таваллоомез рў ба осмон оварда, аз даргоҳи худоён мадад хост. Сипас чашмонашро пўшида буҷулро ба ҳаво афканд. Буҷул бозгашта ба замин афтод, каме гелиду бо пушти сиёҳаш истод. Чашмони Крез аз хонааш ҷаста баромад ва эҳсоси навмедие дар андомаш нақш баст.

– Худоён аз ту рўй тофтаанд, Крез! – хандид Куруш аз буҷул чашм наканда.

– Шоҳо, аз хунам бигзар! – бо чашмони лабрези ашк тавалло намуд Крез. – Камтарин чокари даргоҳат хоҳам шуд...

– Шикастани ҳукми худоён раво нест, Крез, – даст ба осмон бардошта огоҳ намуд Куруш. – Пешгўии коҳинон рост баромад...

– Туф кардам ба коҳинону бути санамҳои дурўғини онҳо, – барошуфт Крез. – Аз ҳамин дам пиру худои ман Куруши Кабир аст!..

Баногоҳ садои резачорпои таковарон ва ниҳеби бадхашмонаи саворон баланд гардид, ки се сарбози дастҳояшон аз пеш бастаи Тиграни арманиро кашолакунон меовардand. Ҳозирон хавотиромез сўи саворон ва сарбозони гирифтори банд менигаристанд. Тигран тоқат накарда ба истиқболи саворон асп ронд ва норозиёна пурсид:

– Ин сарбозон чӣ гуноҳ доранд, ки чун бандиён кашола карда меоред?

– Ин бадбахтон ба тороҷи кӯшкҳо қаноат накарда, биноҳоро оташ мезананд! – посух дод садсолор.

– Бигузор тороҷ кунанд, шикананд, валангор созанд, оташ зананд! – барошуфт Тигран. – Шаҳри Сардро ба хок баробар карда, барои аспҳоямон ҷав мекорем, то ки душмани забунгаштаро дубора сар набардорад!

– Рӯбоҳбозӣ макун, Тигран! – тоб наовард ба сари Тигран шӯрид Крез. – Шаҳри Сард аз ҳамин дам мулки Куруши Кабир аст. Мехоҳӣ, ки кӯшку дижҳои рахнанопазирашро ба коми оташ диҳию чаҳор сӯи онро барои душманони оянда кушоӣ?!

– Пайомади ҷанг аз оғоз куштан, сӯхтан, вайрон кардан ва рабудан аст, Крез! – каме парешон шуд Тигран. – Ин оинро ману ту наофаридаем!

– Сӯхтану шикастану хароб кардан осон аст, Тигран, – бо дарду алам шарҳ дод Крез. – Аммо сохтану обод кардан заҳматест, ки як умр кифоят нахоҳад кард. Дар симои Куруши Кабир ман фарри тобноки шоҳаншоҳӣ мебинам ва мехоҳам, ки шаҳри Сардро барояш ободу бешикасту рахнанопазир супорам.

– Пас товони ҷонбозию хунрезиҳои сарбозони маро кӣ мепардозад? – бо кинаи ошкоро барошуфт Тигран.

– Ганҷури ман пушт ба пушт аз тилою сарват пур шудааст, Тигран, – паст намеомад Крез. – Бовар дорам, ки аз сад як пораи он ҳама хунбаҳою товони лашкаркашиатро мепӯшонад.

– Аз хунат гузаштам, Крез! – гуфт Куруш таҳсиномез. – Бо хираду заковати фитрӣ ҷонатро харидӣ. Аз ҳамин соат дар сафи наздикони ман хоҳӣ буд.

– Ҷони ман дар паноҳи туст, шоҳаншоҳи оламгир! – бо оҳанги сидқу вафо таъзим намуд Крез. – Аз сари меҳр то дами пасин бароят хидмат мекунам...

* * *

Қасри мӯҳташами Крез толори бошукӯҳу назаррабое дорад. Куруш андаруни толори васеи қаср аз паҳлуи Крез қадам мезанад ва ба сарсутунҳои баланди нижвонҳояш дар шакли шери дусара пардозёфта бо қаноатмандӣ чашм медавонад. Дар сатҳи девори васеи қаср муҷассамаи гаҷкории худоёну таҳамтанҳои асотирӣ ҳангоми набарду айшу ишрат бо услуби нақши барҷаста сабт шудаанд. Аз думболи онҳо Ашк ноаён пеш омада, ҳаракатҳои Крезро зиракона таъқиб мекунад.

Диққати Курушро муҷассамаи Прометей мерабояд, ки пайкари занҷирбандаш бар шахи ростхамидае овезон аст. Парандаи бадҳайбати минқораш дандонадоре ба синаи урёни Прометей нӯл зада, лахти ҷигарашро меканад. Куруш ба чанголҳои тез, чашмони кинабор, болҳои тавоно ва минқори хунчакони ҷонвари уқобмонанд лаҳзае зеҳн монда ба Крез рӯ меорад:

– Ба пиндорам мурги аҷал аст...

– Шоҳаншоҳам дуруст мегӯянд. Уқоби марг ба ҷигари Прометейи таҳамтан ҳар рӯз нӯл мезанад, вале шаб ҷойҳои коҳидаю реши ҷигар аз нав дармон меёбад.

– Аҷиб! Дар тавоноию нерӯ ба Рустами Дастони мо мемонад. Ин таҳамтан барои кадом гуноҳаш гирифтори чунин ранҷи гарон гаштааст?

– Оташро аз даргоҳи худоён дуздида ба одамон дод ва офаридагори олитабор Зевс ӯро барои ин кораш гирифтори ранҷи гарони ҳамешагӣ намуд.

– Дар кишвари мо юнониёни канори Дарёи Бузургро наҳ мезананд. Вале мебинам, ки шумо меъморону бинокорони хеле боҳунар доштаед.

– Сангтарошони юнонӣ ба тани санг ҷон медаманд. Агар шоҳам хоҳиш дошта бошанд, ҳайкалтароши чирадасте пайкараашро дар санги мармар меофарад.

– Меҳани бумии ман домони кӯҳҳои Пасаргад, хоросангҳои бузург хеле зиёд дорад, – ба пешниҳоди Крез чандон гӯш надод Куруш. – Агар умр вафо кунад, дар бунёди шаҳристони нав сангтарошони юнониро хоҳам бурд.

– Беҳтарин бинокорону сангтарошонро мебарам, шоҳам, – афзуд Крез. – Кӯшке месозам, ки овозааш ба чаҳор сӯи дунё паҳн гардад.

Ашк якбора гӯшҳояшро сих карда, аз ҷояш хест ва Куруш низ парешон ба сӯи даромадгоҳ нигарист. Аз гӯшаи толор Гарпаг, Виштосп ва Ойбар намудор гаштанд, ки бошитоб ҷониби онҳо меомаданд.

– Дуруд ба шоҳаншоҳ! – аз рӯи расми дарбор таъзим намуд Гарпаг.

– Аз Экбатана паёме омада, ки онро бояд ба шоҳам расонем, – сӯи Крез бо парешонӣ нигарист Виштосп.

– Бифармоед, чӣ паёмест? – гӯш ба онҳо дод Куруш.

– Паёми ниҳонист шоҳам! – маънидорона ба ҳузур доштани Крез ишора кард Виштосп.

– Паёме, ки беш аз се кас огоҳ бошад, ниҳон машумор, Виштосп, – лабханди самимонае намуд Куруш. – Бифармо, ман ба Крез бовар дорам.

– Паём омад, ки дар он сӯи руди Яксарт лашкари беши массагетҳо гирд омадааст, – ошуфтаҳолона гуфт Виштосп. – Онҳо азми рахна задан ба марзи Гиркания ва сар даровардан ба Эктабана доранд.

– Пешвояшон кӣ будааст? – бо оромию таҳаммул пурсид Куруш.

– Аморгеси парҳошҷӯйу ҷангозмуда, – афзуд Виштосп.

– Аморгеси шавҳари Томирис? – ҳайраташро пинҳон надошт Куруш.

– Бале, шоҳам.

– Магар ӯро ҳам Спитам барангехтааст?

– Намедонам, шоҳам, – гуфт Виштосп китф дарҳам кашида. – Аз Спитам паёми дақиқе нест.

– Бисёре аз лашкари Спитам ҳангоми гузаштани биёбон мурдааст, – хабар дод андешамандона Гарпаг. – Худаш бо сипоҳи бозмонда бо душвории гароне то дарбори Аморгес расидааст.

– О, нобакоре! – бо оҳанги надомат оҳ кашид Куруш. – Аз Астиаг чӣ паём аст?

– Пешомади Астиаг чандон равшан нест, – посух дод Виштосп. – Ба Гиркания расиданашро касе намедонад. Шояд ба сӯи дигар рафтааст ё пинҳон шудааст. Баъзеҳо мепиндоранд, ки саройдораш Патесак ӯро дар биёбони сӯзон тани танҳо партофта, худ ба назди Аморгес фирор намудааст.

– Сакоиҳо мардуми басо кинаварзанд, – таъкид кард Ойбар. – Метарсам, ки Патесак кинаи аз тухмаи мардӣ бебаҳра шуданашро пас солҳо аз Астиаг ситондааст.

– Ту чӣ андеша дорӣ, Ойбар, – рӯ ба ӯ овард Куруш, – массагетҳо дар якҷоягӣ чӣ шумор лашкаре гирд меоранд?

– Ҳафт қабилаи массагетҳо ҳангоми лашкаркашиҳои якҷоя аз ҳар кадом метавонад то даҳ ҳазор ҷанговари савораро пеш кашад.

– Пас ҳамаи лашкарашон тақрибан ҳафтод ҳазор мешавад, – хулоса кард Куруш. – Ба пиндори ту, Ойбар, аз сипоҳи мо кадомаш неруи бо онҳо ҷангидан дорад?

– Ҷанговарони вазнинсилоҳе, ки найзаву сипарашон аз оҳани сахту тобдида бошад, – андешамандона пешонаашро

молид Ойбар. – Зеро шамшери массагетҳо одатан кӯтоҳ ва сипарашон хурди чарминапеч аст.

– Омода бош, Ойбар! – амр дод Куруш оромона. – Аз лашкар беҳтарин садсолорони гаронафзорро бо дастаи сарбозонаш барчин намой! Бо ёварии Крез як гурӯҳи даҳҳазораи гаронсанги кирояро низ гирд овар. Лашкарро ду бахш мекунем. Бахше ба сарварии Гарпаг ҷанги Иониявву Фригияро пойдорӣ ва бахши дигараш бо сарварии ту, Виштосп ва Крез ба ҷанги массагетҳо раҳсипор мегарданд.

– Кай ба роҳ мебароем, шоҳам?

– Пасфардо субҳ. Ман ҳам бо шумо меравам. Гарпаг кишвардори Лидия ва сипари марзҳои мо дар дарёи Миёназамин мешавад.

– Барои боварӣ сипосгузорам, шоҳам, – бо қаноатмандӣ таъзим намуд Гарпаг. – Ба пиндорам барои пойдории ҷанг ва пуштибонии марзи паҳновар лашкари мо кофӣ нест. Шояд сипоҳи Тигранро ҷанде боздорем?

– Не, Гарпаг, – рад кард Куруш. – Ба сарбозони торочпеша чашми некӣ мабанд. Дар лаҳзаи мусоид хиёнату паймоншиканӣ мекунанд. Подошашонро дода, аз онҳо раҳидан беҳтарин тадбир аст.

– Набошад мо ҳам лашкари кироя гирд меорем, шоҳам, – хамчун волӣ азми нахустинашро изҳор намуд Гарпаг.

– Аз рӯи шунидам Пактия – хазинадори пешини Крез тангчашмтарин каси дунёст, – бо лабханди беозор гуфт Куруш. – Барои ҳамин ҳасисиаш ӯро нигоҳ доштем. Агар бо ӯ забон ёбию музде бирӯёнӣ, боке нест...

– Танҳо як дастури шоҳам кофист, ки дари хазинаи Крез ба рӯи мо боз гардад, – ҳозирҷавобӣ кард Гарпаг.

– Барои офияти мулк ва тинҷии кишвар сиккаҳои тилоиро дареғ доштан раво нест, – чашм аз пайкараи занҷирбанди Прометей наканда посух дод Куруш. – Вагарна товонашро даҳчанд мепардозем.

БАШОРАТИ ИШҚ

Фаъонаи дуд аз болои қаторкӯҳҳо ягон-ягон боло хеста, наздик омадани лашкари Курушро огоҳӣ медод. Аморгес даруни хаймаи сафед бо шукӯҳу салобати шоҳона нишаста, ҷуръа-ҷуръа шири фараҳафзои модиён менӯшид. Дар зоҳир ором намояд ҳам, дар қаъри чашмони калон ва андоми гандумгунаш

хавотирие нақш баста буд. Рӯйпӯши чарминабофти ӯ, ки қуббаҳои мудаввари тилоии пеши бараш тимсоли уқоби қавичанголро мучассам кардааст, ба китфони васеъ ва пайкари расою варзидааш мезебид. Дар миёнаш шамшери дастааш хотамкории акинак, бо ғилофи пурнақшу нигор овезон буд.

Томирис бо қомати мавзуну мӯи сиёҳи мавҷдор дар пешорӯи Аморгес рост истода, чашмони бодомии сеҳрангезашро аз рӯи шавҳараш намеканд. Дар банди дасти ӯ дастпонаи тиллоие ба шакли мори дусара ҳамоил аст. Аз ваҷоҳати ҳарду пайдост, ки сӯҳбати маҳрамонаи онҳо дер боз идома дорад.

– Ба гапҳои пучи Спитам фирефта машав, ҷонам, – бо нармию навозиш мегуфт Томирис. – Метарсам, ки ба сари массагетҳо болои азиме меорад.

– Хазинаи Астиаги маккору ганҷи афзуни Крез кайҳо боз расидани моро нигарон аст, Томирис, – бо камоли худписандӣ ба тахт такя зад Аморгес. – Пас аз фатҳи Эктабана пиёда аспдор мегардаду савора дорои чандин ҷуфт таковари тезтак ва сарвари дастаи сарбозон соҳиби галаю чарогоҳи сарсабз. Тавонгарону пешвоён бошанд, деҳу деҳкадаҳо, киштаву маргзорҳои фарох ва бандагону чокарони бешумореро ба даст хоҳанд овард.

– Мебинам, ки суханҳои Спитам басо дилатро бурда. Вале аз касе, ки ба сари ҳамтаборонаш лашкари бегонаро мебарад, чашми умедворӣ доштан хатост, Аморгес!

– Спитам бароям аз баҳонае беш нест, азизам, – густохиашро доман мезад Аморгес. – Мехоҳам бо ҳамин роҳ душмани тавоноям Курушро озмояму зарбаи ҷонкоҳе ба ҷонаш занам.

– Куруш оташ аст, Аморгес! – бо изтироби ботинӣ огоҳ кард Томирис. – Бо оташ бозӣ кардан хатар дорад...

Аморгес безътиёнона хандид ва аз ҷояш хеста шамшери акинакро аз наём кашид. Шӯълаи офтоб ба тани суфтаю ҷилодори шамшер бархӯрда, асроромез мавҷ мезад ва нигоҳи Томирисро хира месохт.

– Пешомади ману Куруш дар дами ин шамшери тезу чавҳардор нуҳуфтааст! Дар ин бозии беамон кӣ бой медиҳаду кӣ мебарад, пешгӯй кардан душвор аст, Томирис!

Аз қазо дари хайма кушода шуду посбон таъзимкунон қадаме чанд пеш омад. Дар симои посбон ҳаяҷону изтироб ҳувайдо буд. Томирис рамузгирона сӯи шавҳар менигариста дилаш аз пешомади ногуворе огаҳӣ медод.

– Аз назди Куруш пайке расида, шоҳам, – бо изтироби ошкоро арз кард посбон. – Мехоҳад ба пеши шумо дарояд.

– Бигузор биёяд! – гуфт Аморгес нигоҳи маънидоре ҷониби Томирис афканда. – Бо ин зудӣ расидани пайкро чашмдор набудам...

Ойбар бо либоси ашрофона, лабханди нарму гуворо ва нигоҳи бекинаю саршори меҳр вориди хайма гардид. Аз думболи ӯ ду надими бесилоҳ, ҳар кадом лаълии бузурги тилоӣ болои даст даромада пеш омаданд. Нигоҳи Томирис беихтиёр сӯи лаълии надиме рафт, ки матоъҳои хушрангу нафис, колаҳои зарбафту мунаққаши занона ва андаруни сандуқчаи муҷаллое зеваролотҳои хушсохт – гӯшвора, дастпона, ангуштарин ва гарданбанди зарини қуббааш шабеҳи гизоли рамидаеро барояш тӯҳфа оварда буд.

– Дуруду паёми дӯстона аз шоҳаншоҳ Куруши Кабир ба подшоҳи массагетҳо Аморгеси диловар! – расми таъзимро ба ҷо овард Ойбар.

– Аз кай боз ин чӯпонзода шоҳаншоҳи кабир шудааст? – бо тамасхури ошкоро хандид Аморгес.

– Аз даме ки подшоҳи Мод Астиагро шикасту қайсари Лидия Крезро асир гирифта, бузургворона ҷони ҳардуяшро паноҳ дод, – посух гуфт Ойбар.

– Шунидам, ки Крез дар миёни сипаҳсолорону наздикони Куруш обрӯи чирае дорад? – сулҳҷӯёна пурсид Томирис.

– Бале, аз наздикон ва ҳамсуханони ҳамешагии Куруши Кабир аст, – аз меҳрубонии Томирис хушҳол шуд Ойбар. – Шоҳаншоҳ аз музофоти Гиркания ба шоҳбоную подшоҳи волотабори массагетҳо паёми оштию созиш фиристод.

– Ҳанӯз ҷанг накарда паёми оштию созиш? – бо тундхӯию кинаи ошкоро барошуфт Аморгес. – Не, Куруш бо ин найрангҳо аз дами шамшери ман намераҳад?

– Барои шамшер кашидану хун рехтан ҳеҷ гоҳ дер намешавад, подшоҳ, – чашм ба рӯи Аморгес дӯхт Ойбар. – Куруши Кабир мехоҳад, ки бо шумо дидор орояду сабаби паймоншиканӣ ва гузаштан аз марзҳои мамлакаташро дарёбад.

– Куруш мехоҳад, ки маро чун бобокалонам Мадай ниҳонгир карда, сар занаду массагетҳоро бесарвар гузорад?! – беихтиёр шӯрид Аморгес. – Не, ин макраш намешавад!

– Дар вохӯрии рӯ ба рӯ кафолати амният ва бехатарӣ аз ҳар

ду ҷониб пешбинӣ шудааст, – худро дошта бо назокату нармӣ афзуд Ойбар.

– Вохӯрӣ дар куҷо мегузарад? – пешдастӣ кард Томирис аз тундзабонии шавҳараш ҳаросида.

– Маро барои пешбинии ҷои вохӯрӣ фиристоданд, – мафтуни ҳусни модарзод ва зиракии Томирис мегашт Ойбар. – Бигузор онро подшоҳи массагетҳо Аморгес бифармояд.

– Ман то даме ки дар зери поям асп дораму ба дастам шамшер ва дар радаи ҷанговаронам як сарбоз, шоҳаншоҳеро аз худам афзалтар намешуморам, – бо худписандию дурушти изҳор дошт Аморгес. – Агар Куруш вохӯрдан хоҳаду сухане дошта бошад, рост ба хиргоҳи ман биёяд! Бирав ва посухи маро бирасон!

– Кафолати амният дода мешавад ё на? – чиддияти азми ӯро озмудан мехост Ойбар.

– Агар аз ҷонаш биҳаросад, чаро вохӯрӣ меҷӯяд? – бо густохию довталабӣ барошуфт Аморгес.

– Ман амини ҷондорӣ хоҳам шуд! – бо эътимоду боварӣ ваъда дод Томирис. – Бигузор биёяд, хатаре ба ӯ таҳдид нахоҳад кард.

– Сипосгузорам, шоҳбону! – Ойбар хоксорона сар фуруд овард. – Кафолату ҷондории шуморо ба Куруши Бузург мерасонам!

– Бигузор пасфардо пас аз баромадани офтоб биёяд, – каме нарм шуд Аморгес. – Лекин ҳамроҳаш аз даҳ кас беш набошад. Сипаҳсолори ман дар остони диж ӯро пешвоз хоҳад гирифт.

* * *

Субҳи содиқ се тан савор пешопеш ва ҳафт посбони силоҳдор аз думбол дар домани кӯҳтеппае асп ронда, сӯи бошишгоҳи массагетҳо мешитофтанд. Саворони пешсаф – Куруш, Ойбар ва Крез дар ҳавои гом ниҳодани аспон такон хӯрда, ҳар кадом ба андешае рафта буданд.

Офтоб аз теғаи қуллаҳо сар мекашид ва домани кӯҳ ғарқи нуру зиёи ҳаловатбахш гашта, ба ҷисму ҷони таковарҳои хастаҳол ва саворони андешаманд мадор мебахшид. Куруш чашмони нимапӯшашро ба қурси нурафшони офтоби субҳгоҳӣ дӯхта, сукути гарони миёни ҳамсафонашро мешиканад.

– Мебинам, ки аз азми вохӯрии ман ба андеша рафтаед ва дигар ҳарфе намезанед.

– Оқилон дидаву дониста худро ба хатар намезананд, шоҳам, – бо оҳанги пандомез гуфт Крез. – Аморгес майли оштӣ не, қасди ҷанг дорад.

– Шумо мепиндоред, ки ман аз Аморгес сари тарс дорам, – аз андешаи ниҳонии онҳо огоҳ шудан хост Куруш. – Дар оини подшоҳӣ оштию созиш авлотар аз ҳама гуна ҷанг аст.

– Дар чашми ман шоҳбону Томирис аз подшоҳи массагетҳо донотару зиракгар тофт, – нахустин шуда рози дилашро кушод Ойбар. – Умедворам, ки аз пуштибонии Аҳурамаздо сафари мо бо некӣ меанҷомад.

– Дар пешорӯи мо се роҳ аст, ки хоҳу нохоҳ ҷумлаи онҳоро озмуда, бояд якеашро бипазирем, – ба Ойбар нигариста ҳадафашро ба ҳамсафон шунавонд Куруш. – Аввало сухани хушу роҳи созиш, сипас анбони зару ҳамёни сиккаҳои тилоӣ ва ниҳоят шамшери тезу майдони набард. Мо ҳоло дар сари роҳи нахустем, дӯстам Ойбар...

– Сипаҳсолори Аморгес аз кӯҳ фуруд меояд, – лаҳзае ба дуродур нигариста маънии суханони Курушро бармекашид Ойбар.

– Парчами сафедро барафрозему ба пешвози онҳо шитобед! – сӯи посбонҳояш амр дод Куруш. – Пайкору дурушгӣ накунед! Гуфтори нек, рафтори нек ва пиндори нек дар ин роҳи пурхатар ягона ҳидоятгари мост...

Куруш аз думболи сипаҳсолори Аморгес ҳомӯшона асп меронаду хаймаи сафед торафт пеш омада, ба назар мӯҳташаму бошукӯҳтар менамуд. Таковари саманд якмаром гом мениҳад ва Куруш аз бағал гесубанди тиллоиро гирифта ба он хаёломез чашм медавонд. Нигоҳаш дар нақши уқоби болҳояш ёзидаи тезчангол дармонда хаёлаш сӯи манзараи ошнои Дашти Экбатана парвоз мекард...

Бидави сафеди резапайкар таковарони хурӯшону саворони гирифтори шӯру валваларо ягон-ягон қафо гузошта, ба сиёҳмушкини Спитам торафт наздик меомад. Човандози чавони ба рухсорааш хат надамида, гӯё узви пайкари таковараш бошад, дар пушти асп сабуку беозор нишаста, сиёҳмушкини Спитамро вақаб ба вақаб мегузашт. Ногоҳ тозиёнаи чармибофти Спитам ба пешонаи бидави сафед бархӯрду вай аз ҳавли ҷон сари ду по рост шуда, саворашро аз хонаи зин афтонид.

Куруши музтарибҳол сари саворро аз замин бардошта, ба

рухсораҳои арақшору гесӯвони дарози ӯ бо ҳайрат менигарист. Андоми сафеду ботароват, гунаҳои арғувонӣ, гесӯвони сиёҳи бар дӯш хамида ва синаҳои тарангаш гувоҳӣ медоданд, ки соҳиби таковари сафед духтари қадрасу нозанинест. Куруш дастони ларзонашро ба синаҳои дамидаи духтар расонид. Дӯшизаи мадҳуш аз ин густохӣ ларзида ба ҳуд омад ва кафкордеро чобукона аз миён рабуда ба зери манаҳи ҳарифаш ниҳод.

Куруш лаҳзае лолу ҳайрон монд ва ҳанӯз фурсати даҳон кушодан наёфта дӯшизаи чобукпой ҷаҳида ба таковараш савор шуду ба самти муқобили дашт шитофт. Ва гесӯбанди заррини ӯ чун ёдгори иди Наврӯз ва башорати ишқдар дасти ӯ монд...

Куруш гесӯбанди заррин дар багал аз паси сипаҳсолор сӯи хаймаи сафед мерафту дилаш бо изтироб метапид. Эҳсоси фораме вуҷудашро навозиш мекард. Аз пешорӯ ягон-ягон массагетҳои мӯдарози чарминапӯш падид омада, бо ҳайрату кунҷкобӣ сӯи Куруши тануманд ва дорои салобату шукӯҳи шоҳона менигаристанд. Куруш ғарқи андеша гесӯбандро чун ёдгории барояш азиз мепалмосиду беихтиёр аз дил мегузаронд:

«Чӣ кунад ин гесӯбанди зарринро, ки аз ҳама ганҷҳои дунё барояш волотар аст? Бо худ нигоҳ дорад ё ба он дӯшизаи чобукпой, ки имрӯз шоҳбонуи массагетҳо шудааст, бозгардонад?.. Худоё, нигаҳбонам бош! Ҷонам дар тори мӯе овезон асту чӣ хаёлҳое ба сарам меояд!.. Наход, аз он дидори кӯтоҳ, ки дар паси ғубори солҳои дур мондааст, дилдода бошам?!»

Куруш бо оромию тамкин қадами нахустинро ба даруни хаймаи шоҳона ниҳоду нигоҳи тезу озмоишкоронааш ба чашмони кинабору хусуматандудаи Аморгес бархӯрд. Гӯё ду шери размхоҳ бо теғи нигоҳ нерӯи ҳамдигарро меозмуданд. Томирис дар гӯшаи ба чашм ноаёни хайма истода, аз нигоҳи тезу тунди рақибон дилаш таҳ мекашад, аммо сир бой надода саропои Курушро бо ҳисси озмоишу кунҷкобӣ аз назар мегузаронд.

– Ба давлатат офият, ба хонадонат осудагӣ, ба галаю рамаҳои бешумурат афзунӣ мехоҳам, Аморгес, – бо оҳанги сулҳҷӯёна гуфт Куруш.

– Бифармо, Куруши Кабир! – бо лабханди истеҳзоомез пазируфт меҳмононро Аморгес. – Крези бадбахтро барои он пешандоз карда овардӣ, ки чашми маро битарсонӣ?

– Не, Аморгес, – бо оромию салобати шоҳона посух дод Куруш, – хостам бубинӣ, ки фарҷоми ҳама гуна паймоншиканию чангу хунрезиҳо оштиву созиш аст. Мо бо касе сари ситезу

душмани надорем. Они рафтори нек ва пиндори нек раҳнамою гуфтори нек, ҳидоятгари мост.

– Аз худат зоҳиди порсо метарошӣ, Куруш! – бо тамасхури ситезолуд барошуфт Аморгес. – Магар фаромӯш кардӣ, ки подшоҳии бобоят Астиагро рабуда, худашро аз дарбор рондию падарзанат Спитамро овораи ҳарду дунё намудӣ?

– Намад бо шустан сафед намешавад, Аморгес, – таънаро оромона фурӯ бурд Куруш. – Спитами нохалафро беҳуда пуштибонӣ мекунӣ.

– Ҳар касе ки ба даргоҳи ман ба додхоҳӣ омад, – бо оҳанги худситоӣ таъкид кард Аморгес, – ноумед бознамегардад.

– Ӯ ба даргоҳи Крез низ рафта буд, Аморгес, – ногоҳ чашмаш ба Томирис фитода каме худро бохт Куруш. – Аммо тираш хок хӯрду аз майдони набард фирор намуда, рӯ ба мулки ту овард...

Томирис аз гӯшаи ноаёни хайма дар иҳотаи канизону пешхидматони нӯшу неъмат ва шоҳҷомҳои тилокӯб болои даст беруи омад. Ӯ пероҳани шинаму якқади гулобиранги абрешимин дошт, ки аз таги он синаҳои таранг, миёни борик ва суринҳои дамидааш диққати ҳар марди порсоро мерабуд. Чашмони сиёҳи бодомиаш сеҳру ҷозибаи хосае дошта, лабханди нарме дар лабони тару тоза ва каме барчастааш мешукуфид. Ғолияи мӯйҳои мавҷдораш аз таги тоҷи заррин то миён хамида, баробари ҳар қадами ӯ алвонҷ мерафт ва ҳусне ба рухсораҳои дамидаи арғувонӣ, гардани расою занахдони мавзунаш меафзуд.

– Иззати меҳмон равост, шоҳам, – ба назди меҳмонон расида бо назокату меҳрубонӣ сӯи Куруш рӯ овард Томирис. – Рухсат диҳед, меҳмонони баландпояро ба сари мизи зиёфат хонам.

– Бифармоед, аз бӯзаи модиёни массагетҳо бичашед! – аз лутфи шоҳбону ночор монд Аморгес.

Меҳмонон дар гирди хонтахтаи ороста бо нуқлу наво ва ғизоҳои гуногун, ки бештар аз гӯшти курраи асп ва гӯсфанд таҳия шуда буданд, дар болои курсиҳои пастаки бо пӯсти оҳу ороёфта нишастанд. Аморгес ва Томирис аз рӯ ба рӯи онҳо дар тахтҳои мӯҳташами бо пӯсти шер ва паланг рӯкашшуда ҷой гирифтанд. Томирис мавзунона аз ҷой хеста, ба шоҳҷомҳои мунаққаши Аморгес ва Куруш шароб рехту ҷоми тилокӯбӣ бар каф бо овози нарму форам шоҳаншоҳи маҳви ҷамолашро пазироӣ намуд:

– Хуш омадед ба хаймаи шоҳи массагетҳо, ки пеши

кӯшакҳои Куруши Кабир басо хоксорона аст! Мо бодиягардон табиатан ба қасру кӯшк ва айвонҳои бошукӯҳ ниёзе надорем. Зеро ҳама бору бунаамонро бар гардунае ниҳода, аз рӯи хӯи бобои саҳро ба саҳро меравем.

– Ба пиндори ман беҳтарин кӯшки одам дил аст, ки дар он меҳри дӯст ошён дорад, – бо ҳарорату дилчӯйӣ сӯи Томирис менигарист Куруш. – Мо ба ҷустани ёру дӯстони меҳрубон омадаем ва хонаи дӯст дар чашмамон аз кӯшки Ҷамшед волотар аст!

– Аз бӯзаи дӯст биошомед! Бигузор кинаҳо аз дил бираваду меҳр афзояд! – ҷоми кафашро бардошта нӯшбод гуфт Томирис.

Куруш бӯзаи модиёнро то қатраи охирин нӯшиду шоҳҷоми мунаққашро сарозер дошт. Аморгес низ ба ӯ пайравӣ намуда ҷомашро холӣ кард.

– Бӯзаи мардафкани массагетҳо писанд омад? – бо лабханди малеҳ рӯ ба Куруш оварда Томирис.

– Аз гояти ҳаловат сарам чарх мезанад, – посух дод Куруш мамнунона. – Дил мехоҳад, ки аз ҳама кинаҳо бигзараду савори саманд дар паҳлӯи таковари сафед битозад.

– Кӯҷост он саманду таковари сафед? – бо тамасхури ошкоро хандид Аморгес. – Хаёлам аз асари бӯза маст шудай, Куруш.

Гироии бӯзаро ташнаи хумори май медонад, Аморгес, – оҳи сард кашид Куруш нигоҳи лабрези меҳрашро аз Томирис наканда.

– Хаёлҳои фиреборо аз сар бадар кун, Куруш! – худро набохта огоҳ намуд Томирис. – Аз асари майи мардафкан сархуш гаштану бо пешомади носозгор бозӣ кардан раво нест...

– Пешомад чунин аст, Куруш! Кишварҳои Гиркания ва Парфияро ба мо вомегузорӣ, ин як, – шартҳояшро номбар мекард Аморгес. – Товони якбораи лашкари маро мепардозӣ ва барои ҳафт пешвои қабилаи массагетҳо подошҳои созвор меорӣ, ин ду. Ба васояти шоҳии мо гардан мефарорӣ ва ҳар сол андоз месупорӣ, ин се. Хуб биандеш ва аз дуроҳаи пешомад якеро бепазир!

– Тавони ман ба ҳар ду роҳ мерасад, Аморгес, – оромию салобатро набохта посух дод Куруш. – Сарвати бешумор ҳам дораму лашкари афзуни ҷангозмуда ҳам. Лекин барои нарехтани хун ман оштиву паймони яксону баробарро пешниҳод мекунам. Ту лашкаратро аз марзи Гиркания берун мебарорӣ ва ман аз гирифтани сарзамини массагетҳо даст мекашам.

– Ба косахонаҳои сар бингар, Куруш! – бо худситой сӯи сутуни хайма чашм давонид Аморгес. – Ҳафт косаи сари ниёгони ту ҷоми бӯзаи ман аст. Чун ту саркашӣ карданду охир сарашон барбод рафт![1]

– Ниёгони ман?! – каме нигарон шуда ба косахонаҳои ҷомосои тилокӯбӣ нигарист Куруш. – Аз куҷо ба дасти ту фитод?

– Саромади дудмони мо Арҷоспи лашкаршикан ҳангоми фатҳи Балх чандин таҳамтанони каёниро забун сохта сари онҳоро бурдааст, – бо қаноатмандӣ посух дод Аморгес. – Аз он дам дигар размоваре ҷуръати ба мулки мо лашкар кашидан намекунад.

– Бо бофтаҳои кӯҳанат лофи беҳуда мазан, Аморгес! – барошуфт Куруш аз худписандии ҳарифаш. – Ҳунари мардро дар майдон мебинанд!

– Лашкари ман кайҳо боз омодаи тохтан аст, Куруш, – тамасхуромез хандид Аморгес. – Баъди фатҳи Экбатана пиёда аспсавор мешаваду савора галадор ва сипаҳсолору сарлашкарон соҳиби қасру кӯшк ва деҳу деҳқадаҳои сабзу хуррам.

– Ба ҳарзаҳои Спитам фирефта машав, Аморгес! – ба қудрати сухан такя мекард Куруш. – Ба ёд дошта бош, ки решаву таборамон як асту забонамон як ва оину таомуламон як. Ману ту чун бародари ҳамхуну ҳамтаборем. Бо фиреб нохалафе дар хоки нажодӣ хун рехтан ба мо намезебад, бародар.

– Сар боло куну сӯи осмон нигар, Куруш! – ба равзанаи нурафшони болои хиргоҳ ишора кард Аморгес. – Дар осмон хуршед яктост ё дуто?! Моҳ чӣ?! Аммо ситораҳо бешуморанд... Барои ҳамин мулки паҳновари ачдодӣ ба ҳар дуи мо тангӣ мекунад. Дар ин бозии фиребои тақдир ё ту мебарӣ ё ман, Куруш!

– Дарего, аз бозиҳои хунбори пешомад! – бо ҳасрат аз ҷой хест Куруш. – Мехостам нажоди парокандаи мо якрӯ, якдилу якзабон бошад, вале фалаки качрафтор ба муроди мо намегардад!..

Куруш бори охирин имдодчӯёна сӯи Томирис нигаристу бо дили лабрези андӯҳ аз хайма баромад. Дарди ширине дилашро мелесиду рашъае ба ниҳодаш меафканд. Сӯзе дошт ин дард, ки

---

[1] Ҳеродот зикр мекунад, ки сакоиҳо аз сари душмани сарсахташон ҷоми шароб месохтанд ва онро дар ҳошияи тилой гирифта ҳангоми базму нишастҳо худситой менамуданд.

ба дарунсӯзии лахчаи зери хокистар мемонд. Ин сӯхтанҳо бо вуҷуди эҳсоси дард ҳаловати гуворое дошту барояш мефорид ва аз расидани ишқ башорат медод.

Томирис аз думболи Куруш менигаристу мадори ҳарфи таскинбахше гуфтан надошт. Ӯ тугёни эҳсоси ишқро аз ҳолату ҳаракат, нигоҳи розандудаву саршори меҳр ва суханони рамуздори ӯ пай мебурд. Аммо шарму ҳаё ва ҳукми шавҳардорӣ домангираш буду ночор худро ба нодонӣ афканда сабру таҳаммулро пеша мекард.

Куруш дар иҳотаи ҳамсафон аз хаймаи сафед торафт дур мерафту ҳаяҷону изтиробаш ҳамоно фурӯ наменишаст. Аз пешорӯи ӯ фавҷи абрҳои тира домани гардунро пӯшонида дар васати осмон бо суръат шино мекарданд. Офтоби нурполо дар паси ҳиҷоби абрҳо ниҳон гашта, рӯшаниаш ноаён мекоҳид. Вале шӯълаҳои коҳидаи офтоб аз паси пардаи абрҳо чун ишқи дарунсӯзи Куруш медамиду хира-хира партав мефиканд.

ГЕСӮБАНДИ ЗАРРИН

Дар пардасароии шоҳаншоҳ меҳмонони навомада – модарарӯсаш Амутида, ҳамсараш Касандона, писараш Камбуҷияи хурдсол расидани Курушро интизорӣ мекашиданд. Аз ваҷоҳати Амутида хастагии роҳ ва эҳсоси норизой, дар симои маликабону Касандона бошад, ҳаяҷону изтироб ва азияти рӯҳӣ ҳувайдо буд. Вале шоҳзодаи бекарор ба силоҳҳои гуногуни ҷангӣ ва ҷавшанҳои оҳанину зиреҳҳои чармини падар бо ҳавасу шавқи тамом даст кофта, аз ҳоли бибию модараш парвое надошт.

– Бобоят Астиаг беному нишон гашт, ба падарат Спитам низ хатари марг таҳдид мекунад, – изтиробашро базӯр фурӯ нишонда мешӯрид Амутида. – Ҳамсари ту, Куруш, ашрофони воломақоми Модро аз дарбор дур карда, ба гирдаш аспбону аспбонзодаҳоро мегундорад. Кадом рӯз навбати мани сарсахт низ мерасад, Касандона!

– Худро беҳуда азият мадеҳ, модар! – бо дилтангӣ ӯро таскин медод Касандона. – Ба Гиркания тандуруст расидем, умед аст, ки корамон кушоиш хоҳад ёфт.

– Беҳуда чашм мадор, Касандона! – шикваомез менолиду наҳ мезад Амутида. – Барои падару бобоят дар мулки паҳновари Куруш ҷой нест. Тахту тоҷ насиби чӯпонзодаву саисон гаштааст...

Баногоҳ Камбуҷия ҷавшани чармини падарашро мекашаду аз даруни он гесӯбанди заррин меафтад. Ӯ хам шуда гесӯбанди назарраборо мебардораду бо ҳаяҷон нидо меангезад.

– Модар, модарҷон! Як чизи базеб ёфтам! – гесӯбанд бар даст давида сӯи модараш меояд.

– Вах, гесӯбанди заррин! – хитоб мекунад Амутида. – Хонуме фаромӯш кардааст магар?

– Рамзи уқоб дорад, – бо нигоронӣ гесӯбандро мегирад Касандона. – Наход, Куруш дилбаре ёфта бошад?

– То огоҳ мешавӣ, ки дӯшизаи чобуксаворе шавҳаратро мерабояд, Касандона! – бо захрханд неш мезанад Амутида.

– Рӯзашро сиёҳ мекунам! – барошуфта аз ҷой мехезад Касандона. – Чаро ин қадар дер кард?!

– Мардҳо тобу тавони рашки зан надоранд, Касандона, – панд мехонад Амутида. – Беҳтараш худро ба нодонӣ зада, гесӯбандро ба мӯят овезу шавҳаратро ба мушоҳида бигир!

– Ба мардҳо бовар кардан нашояд, – бо таассуфу надомат оҳ мекашид Касандона. – Ба қадри зан ҳаргиз намерасанд...

Куруш ин соат савори саманд аз паҳлӯи Ойбар асп меронду аз сарбозони ҳезум бар пушт, ки аз кӯҳу камар хамида, дарзаҳоро дар шафати хаймаҳои қаторашон гарам мезаданд, чашм намеканд. Қатори хаймаҳо ва гарамҳои ҳезум дар болои теппакӯҳу пуштаҳои дуродури марзҳои шарқии Гиркания ҳар яке бар фосилаи тиррасе қомат афрохта, гӯё саросари қаламрави массагетҳоро печондаанд. Хаймаҳои сафеду зарду сурху кабуд дар партави офтоб мавҷ зада, бо анбӯҳи саворону размоварони бешумораш ба дили ҳар бинанда ҳарос меангехт.

– Акнун фурсати дилпурона кор бурдан расид, Ойбар! – Куруш нигоҳи чиддию омиронаашро ба дӯсташ дӯхт. – Дастаи ҷосусону ҳангомаҷӯён ва «ҷабрдидаҳою» «гурезаҳои сакоият»-ро ба чорсӯю бозор ва ҷойҳои серодами Маргианаву Нисайя ва Хоразмияву Сугуда[1] паҳну парешон месозӣ. Бигузор аз омадани лашкари бешумори Куруш овозаҳо паҳн кунанд, сару садо бирезанд ва дар миёни массагетҳо тарсу бим ангезанд...

– Маро бубахш, вале дар ин кор суде намебинам, шоҳам! Магар бо душман рӯ ба рӯ ҷангидан беҳтар нест?

---

[1] Марву Нисо ва Хоразму Сугд дар назар аст, ки дертар чун вилоятҳои чудогона ба ҳудуди қаламрави Ҳахоманишиён муттаҳид шуданд.

– Тарсу бим худ тавонотарин лашкар аст, Ойбар, – посух дод Куруш. – Вай ба куҷое рахна занад, ҳамроҳаш парешонӣ, дудилагӣ, воҳимаю парокандагӣ ва ҳатто рӯ ба гурез овардан-ро мебарад. Ба массагетҳои пархошҷӯй дар набарди рӯ ба рӯ пирӯз шудан сахт душвор аст. Онҳоро нахуст бояд рӯҳан шикаст дод...

Поёни рӯз Куруш аз чорачӯиҳои аҳли сипоҳ каме сабук шуда ҳамроҳи Ойбар ба пардасарояш бозмегардад. Хабари омадани маликабону ва модарарӯсро барояш расониданд. Ӯ дар остони бошишгоҳаш аз асп фуромада, гумону андешаҳои парешоне дар дил вориди хайма гардид. Касандона ва модарарӯсаш ба истиқболи Куруш бархестанд, вале Камбуҷия дар гӯшае лолу ҳайрон монда, аз симои падараш чашм канда наметавонист.

– Роҳатон неку дидоратон рӯшан бодо! – пазирой намуд Куруш худро хушҳол вонамуда. – Аз дидори шоҳбону ва модарашон хеле шодам! Ба кулбаи танҳоии ман хуш омаданд!..

– Рӯзгори шоҳаншоҳ дароз бод! – хашмашро базӯр нуҳуфта ба истиқболи Куруш хест Касандона. – Аз он сарфарозам, ки ҳамсари меҳрубонам дар ин ҷойгоҳи танҳой маро ёд карда, бароям гесӯбанди заррине фармудааст.

– Гесӯбанди заррин? – Куруш каме парешон гашт. – Шигифто, аллакай ба гесӯятон бастаед?!

– Магар ба гесӯвонам намезебад? – бо нозу ишваи сохта табассум кард Касандона.

– Мезебад, шоҳбону, – дар вазъи ноҳинҷор монд Куруш. – Вале аз ин зеботарашро бароятон хоҳам фармуд. Ин вогузор аст, бояд ба соҳибаш баргардад.

– Вогузор? – пурсид Касандона. – Шояд ин вогузорро бонуе дар бистари шумо фаромӯш кардааст?

– Дар вокуниши он очизам, шоҳбону, – каме худро бохта дар ҳоли ногувор монд Куруш. – Танҳо мегӯям, ки бадгумон мабош! Шояд падарат Спитам сабабгор гашту аз қазои тақдир ин гесӯбанд ба дасти ман афтод.

– Боз Спитам гунаҳкор аст?! – бсихтиёр шӯрид Амутида. – Дареғи падари шоҳбону, ки оворао сарсон асту аз тарси духтаршӯяш гоме ба сӯи меҳан гузошта наметавонад!..

– Бигузор бозгардад! – самимона гуфт Куруш. – Касе сари роҳашро надоштааст. Маро дил ба бозгаштани ӯст.

– Бозгаштан душвор нест, вале кӣ паноҳи ҷонашро медиҳад?

– бебокона сари матлаб омад Амутида. – Кӣ осудагию оромиашро ба дӯш мегирад? Магар аз дасткушодии духтаршӯяш метавонад чашмдор бошад?!

– Ман борҳо гуфтам ва боз мегӯям, ки тану ҷони падарарӯси ман Спитам дар наноҳ хоҳад буд, – бо қатъият изҳор намуд Куруш. – Ҳатто кори сазовореро барояш пешкаш хоҳам кард!

– Гуфтан зебандаи шоҳои нест! – маккорона табассум кард Амутида. – Бар онам, ки шоҳам аз бахшоишу додани кори сазовор мӯҳр ба дастуре хоҳад зад.

Куруш аз густохии модарарӯсаш дилтанг шуда сӯи дари хайма қадаме ниҳоду нидо ангехт:

– Дабирпат! Дабирпат!.. Дабирпатро бихонед!..

Лаҳзае нагузашта Дабирпати ошуфтаҳол сиёҳию қалам ва лавҳи чарминиро тунуке дар даст таъзимкунон пеш омад. Аз шитоби нобарҷои шоҳ ва макри устокоронаи Амутида раги рухсораҳои Ойбар кашиш хӯрда, оташи надомате дар чашмонаш падидор гашт. Вале чорае надошт, зеро сухани Курушро шикастану ба азми ӯ нописандӣ зоҳир кардан аз рӯи одоб набуд.

– Умри шоҳаншоҳ дароз бод, – баъди адои расми таъзим гулӯ афшонд дабирпат, – душманонаш саркӯбу хор!

Куруш ба дабирпат посухе нагуфт. Ошуфтаҳолу парешон буд ва аз ҳузури модарарӯси хирааш ҳарчӣ зудтар раҳидан мехост. Аз ғояти изтироб сурхие ба андомаш давида, рагҳои ҷастаи гарданаш бошиддат метапид. Лаҳзае андеша карду бо ҳавои даст ба навиштан амр дод:

«Манам Куруш, шоҳи шоҳон, шоҳи бузург, шоҳи Мод ва Порс, аз дудаи шоҳии Ҳахоманиш, аз табори ориёӣ.

Ман Куруш, шоҳи шоҳон фармон медиҳам, дар ҳамаи сарзамини паҳноваре, ки дар соятоҷи шоҳии ман аст, падарзанам Спитамро бузургу гиромӣ бидоранд! Касе ба ҷони ӯ қасд намояд ё эҳтиромашро пос надорад, бе пурсу посух кушта хоҳад шуд!

Ман, Куруш, паноҳдори тану ҷони Спитам ҳастам ва ҳар кореро, ки аз дарбори шоҳаншоҳ сазовор донад, барояш арзонӣ медорам. Бо бахшоиши Аҳурамаздо ва шоҳи шоҳон ин дастур дода шуд ва ин навиштаро ба ҳама кишварҳо фиристодам».

Дабирпат лулаи чарминаро печониду бо таъзиму тақрим берун рафт. Дар чашмони Амутида шарораи шодмонӣ меду-

рахшид. Касандона гесӯбандро аз мӯйҳояш кушода бо нафрат рӯи бистари шавҳараш афканд ва ба шона задани гесувони парешонаш пардохт. Ойбар эътирози дар дилаш бологирифтаро ноаён фурӯ нишонда, бо баҳонае фурсати муносиби берун рафтан меҷуст. Камбуҷияи бехабар аз ҳангомаҳои олам яке аз шамшерҳои падарашро аз миёни лавозимоти ҷангӣ берун кашида, ба дастаи хотамкорӣ ва дами пурҷилои он бо завқу ҳаваси тамом менигарист.

* * *

Моҳи коҳида дар васати осмон ба сукут рафта буд. Ойбар корд бар даст дар паси буттазори анбӯҳ пинҳон шуда, аз баландӣ сӯи хаймаи массагетҳо менигарист. Посбонҳои шабгард машъали фурӯзоне бар даст бо навбат атрофи бошишгоҳро чарх мезаданд.

Ойбар чашмаш ба посбонҳои шабгард буду хаёлаш дар хаймаи Куруш худро ҳамоно таскин дода наметавонист. Вақоҳати ҷиддӣ, лабҳои ба ҳам фишурда ва нигоҳи андешамандаш гувоҳӣ медод, ки ӯ дар ин торикшаби хилват Курушро ботинан маломат мекунаду дарун-дарун месӯзад. Ӯ ҳама кунҷу канори бошишгоҳи душманро зиракона муоина мекарду овои дардолуду эътирозомезе аз ниҳодаш мехест:

«Ту, бародари ҷонам, Куруш, аз хуни душмани ҷонат басо осон гузаштӣ! Ба доми модарарӯси хилакорат чун сайде афтода, ҳама хиёнату бадкирдориҳои Спитамро фаромӯш кардӣ! Магар Спитам набуд, ки ба ҷони Астиаг давид? Магар Спитам набуд, ки бо ёрии Амутидаи ҳамсараш Астиаги ғафлатзадаро ба куштани писари ягонаи Гарпаг барангехт? Магар Спитам набуд, ки бахшоишу кӯшишҳои оштиҷӯёнаи туро напазируфта, ба ҷонат теғ кашид? Магар Спитам набуд, ки лашкари Крезро бар зидди ту хезонда, шикасташро пай бурду худ оҳиста фирор намуд? Ва магар Спитам нест, ки имрӯз Аморгесро ба гирифтани Экбатана роҳ мекашад, ба сарбозони пиёда асп, ба саворон гала, ба пешвоёни қабила молу мулк ва рамаҳои бешумор доданист?

Не, ӯ кайҳо аз ҳаки зистан маҳрум гаштааст ва ҳатто Яздони пок низ наметавонад, ки палидию кирдорҳои зишташро бибахшад. Бародари ҷонам, Куруш! Бидон, ки гуноҳҳои бешумори Спитамро танҳо бо хун метавон шуст! Оре, танҳо бо хун!..

Ва ман, Ойбар, ҷон ба каф гирифта, гуноҳи туро хоҳам

шуст, Куруш! Бигузор бимирам, вале намегузорам, ки ин мори бадкин бар пояи тахти ту печида, фурсати сазовори ба ҷонат неш заданро бипояд!..»

Посбоне беихтиёр сӯи буттазори анбӯҳ омад ва машъалашро ба шохи буттае хаста, барои қазои ҳоҷат нишаст. Ойбар чун гурбае бесадо пеш омада, бо як ҷаҳиш посбонро корд зад ва ҷасадашро кашолакунон ба даруни буттаҳо афканд. Фурсате нагузашта, ӯ сару либоси посбонро пӯшиду камону тиркаш ва шамшерашро гирифта, машъал бар даст ҷониби бошишгоҳи Спитам шитофт.

Хаймаи Спитам нимторик буд ва ӯ бо либосҳои ҷангиаш рӯи рахте якпаҳлу мехобид. Ойбар ноаён пеш омада, аз тиркаш хаданги сакоиро берун овард ва зеҳи камонро таранг кашида пайконро бошаст сар дод. Тири пайкон то нисф ба синаи Спитам халид ва ӯ чашмони даҳшатборашро кушода, мадҳушона оҳе кашиду боз ба рӯи бистар афтод. Ойбар дар болои ҷасади ӯ фурсате рост истода, ба маргаш эътимод ҳосил намуду сипас аз хайма чобукона берун рафт.

Моҳи коҳида дар ин шаби хилвату пурасрор аз васати осмон нигариста хаёле Ойбари танҳоюро даршитобро думболагирӣ мекард.

МАШВАРАТИ БЕСУД

Шом фаро мерасид ва дар болои силсилаи қаторкӯҳҳои дуродур забонаҳои бешумори оташ аланга мезаданд. Пешвоёни сакоию массагетҳо, ки болои сурфаи начандон баланди канори чашма барои машварат гирд омада буданд, худро дар зоҳир орому бепарво вонамуд созанд ҳам, забонаи гулханҳои бешумор хавотирие ба вуҷуди онҳо меафканд.

Ҳафт пешвои тӯронӣ аз ду тарафи дастурхон ва Аморгесу Томирис дар пешгоҳи баландтари оростаю бошукӯҳ болои палангинаи рах-рахе менишастанд. Дастархонро бӯзаи шири модиён андаруни суроҳию ҷомҳои заррин ва кабоби курраи яклухт, ки дар таги рег тахти алови буттаҳои биёбон бо зирраю хушбӯиҳо пухта буданд, инчунин барракабобу мости уштур ва дигар ғизою ошомиданҳои қабоили тӯронӣ оро медод. Аммо пешвоёни қабила, ки аз пешомади ногувор хавотирие дошт, ба нозу неъмати дастархон чандон эътибор намедоданд.

– Мо массагетҳои бузург аз рӯзгорони дер хамаи чорабҳои бунёдии кишварро бо пешвоёни хафт гурӯҳ мебинем, – ба пеш-

воён як-як нигариста ба сари мақсад меомад Аморгес. – Куруш бо фавҷи лашкараш ба канораҳои Парфияву Маргиана омадааст, ки пеши роҳи моро ба сӯи Гиркания бибандад. Пагоҳ набарди ҳалкунанда оғоз мегирад. Бигузор ҳар як пешвои қабила андешаашро пеш биёрад. Бо маслиҳати ҳамдигар як нақшаи умумии корзорро пазируфта, фардо ба амалиёти якҷоя сар мекунем.

Пешвоёни қабила лаҳзае ба андеша рафтанд. Касе ҷуръат намекард, ки нахустин шуда андешаҳояшро изҳор намояд. Дар симои баъзеҳо изтиробу хавотирӣ ҳувайдо буд. Ниҳоят, пешвои қабилаи апасакҳо, ки дар марзҳои ботлоқзамину ҳавзаҳои резишгоҳи баҳри Варукарта[1] моҳидорӣ мекарданд, майли сухан гуфтан намуд.

–Сухан ба Шумо, Драпсаки далер! – хоҳиши ӯро пай бурда барояш ҷуръат бахшид Томирис.

– Мо апасакҳо аз пеш моҳидору обварзем, – оромона ба гап сар кард Драпсак. – Бо хоҳиши Аморгес шамшер гирифта аз ботлозору биёбонҳои паҳновар пои пиёда омадем, ки бо Куруш биҷангему чанде аспу каме сармоя ба даст орем. Вале ба бахти бади мо паём омад, ки Спитам аз тири сакоие кушта шудааст. Акнун пас аз чангу хунрезиҳои сангин, подоши гуфтаҳои Спитам ва хунбаҳои ҳамсафони моро кӣ мепардозад?!

– Ҳанӯз сайдро назада аз паи тақсими тану тӯш! – қадре барошуфт Аморгес. – Драпсак, ту аз ман беҳтар медонӣ, ки хазинаи шоҳаншоҳии Экбатана ва ганҷи Крез барои ҳафт пушти мо басанда аст!

– Агар пирӯзӣ ба Экбатана муяссар гардаду хазинаи шоҳаншоҳӣ ба даст ояд! – Фаразмони пешвои хоразмиҳо ба гуфтугузор ҳамроҳ шуд писхандомез.

– Баъзе тоҷирони сугдӣ паём оварданд, ки Куруш ганҷи шоҳаншоҳиро аз Экбатана ба Пасаргод кӯчонда, ба сохтани қасру иморатҳои мӯҳташам ва дижи устуворе оғозидааст, – ба хазина умедвор шуданро зери шубҳа гузошт Фараспи пешвои тиграхӯдҳо.

– Ба дурӯғзании тоҷирон бовар кардед? – ба хашм омад Аморгес. – Наход хазинаро аз Экбатанаи овозадор ба Пасаргоди дурафтодаю назарногир бикӯчонанд?!

---

[1] *Варукарта* – яке аз номҳои қадимаи баҳри Арал.

– Ман бо тоҷири бобулие гуфтугӯи дароз доштам, шоҳам, – паст намеомад Фарасп бо далели дигараш. – Аз гапи ӯ Куруш хазинаро барои он ба Пасаргод кӯчондааст, ки пас аз ҷанги мо азми фатҳи Бобул мекунад.

– Фатҳи Бобул?! Дастёбӣ ба дижи баланде, ки аз болояш паранда гузашта наметавонад?! – тамасхуромез хандид Аморгес. – Не, ин дурӯгест, ки Куруши маккор барои ба бим афкандани мо бофтааст!

– Дар бозору корвонсаройҳои Мароканду Маргиана ва Хоразму Нисайя овозаҳое паҳн шудааст, ки Куруш аз Моду Порс лашкари бешуморе гирдошта, савганд ёд кардааст, ки нахуст хоки мулки массагетҳоро мебезаду пас рӯ ба Бобул меорад, – далели тозаро афзуд Фаразмони пешвои хоразмиҳо.

– Лофи беҳуда! – барошуфт Аморгес. – То имрӯз хоки массагетҳоро касе зери даст накардааст!

– Аз шунидам Куруш массагетҳоро мардуми ҳамзабону ҳамхуни худ шумурда, дӯстии беғараз ва оштиву созишро пеш гузоштааст, – аз хашми Аморгес парвое накарда суханашро идома медод Фаразмон. – Магар аз набард оштиву созиш барои мо бехтар нест?

– Оштиву созиши гургона? – бо хашм дандон соид Аморгес. – Не, паймони созиш барои Куруш найранги дигарест, ки мехоҳад пас аз ҷанги Лидия захмҳояшро шифо бахшаду нерӯи тоза гирдорад!

– Ман ба Гиркания аз канори рӯди дурдасти Яксарт[1] ҳамин субҳ расидам, – беихтиёр гуфт Ковуси пешвои яксартҳо. – Роҳи дароз то боргоҳи шоҳам дар кӯҳу канор ва пуштаҳои атроф фақат хаймаҳои ҷангию парчамҳои афроштаи Курушро медидам, ки аз шумор берунанд. Бо ин сипоҳи гарон корзор кардани мо магар дуруруст аст? Бехтар он нест, ки роҳи оштиро пеш гирему бо шоҳи Бобул созиш баста, сипас бо нерӯи якҷоя Курушро бишканем?

– Ба ту чӣ шуд, Ковус? – аз шиддати ғазаб таркид Аморгес. – Тарсидӣ магар? Суханҳое мегӯӣ, ки ба шаъни пешвои яксартҳои далер намезебад!

– Гап сари тарсӯию далерӣ намеравад, Аморгес, – хашмаш-

---

[1] Яксарт, Ахсарт, аз калимаҳои авастоии Ахшарт, Ахша-арта баромадааст, ки маънояш «марвориди холис» мебошад (тафсири олими немис Ҷозеф Маркварт).

ро фурӯ бурд Ковус. – Ман ба пешомади ҷанговарони қабилаам меандешам ва чаро онҳоро дидаю дониста ба дами марг тела диҳам!

– Ман ҳайрони баъзе пешвоён мешавам! – бо ситез аз ҷой хест Аморгес. – Чӣ, мехоҳед, ки мулки гирифтаамонро боз гашта ба Куруш супорем?! Не, намешавад!

– Худатро ба ҷои ман – пешвои хоразмиҳо бигзор шоҳам, – каме бечуръатона ба ҳасрат пардохт Фаразмон. – Мо дар ҳамсоякишвари Куруш қарор дорем. Ҳар балое бархезад, нахуст ба сари мо мерезад. Корзор ҳам дар марзҳои канории кишвари мо рӯй медиҳад. Агар дирӯз наоем, мулки мо поймоли сипоҳиёни бешумори Куруш мешавад. Дар қатори Гиркания ву Парфия мо низ ночор дастбӯси ӯ мегардем.

– Ҳарзафурӯшиҳо кофист, Фаразмон! – бо ҳашму кинаи ошкоро афзуд Аморгес. – Мо ҳама баробар, дастболо мегардем ё шикаст мехӯрем! Роҳи дигаре нест! Касе ҷангидан нахоҳад, бозгашта равад, вале ба осоиши ояндаи мулкаш чашм набандад. Ман подшоҳи массагетҳо Аморгес ба номи Яздон, фариштаҳои осмону замин ва офтобу моҳи рӯшан савганд мехӯрам, ки касе дар набард моро ҳамроҳӣ накунад, дар ду дунё ӯро осуда намегузорам!

Пешвоёни қабилаҳо баъди қасами вопасини Аморгес ночор ором гирифтанд. Шаби торику ҳавлангези дашти паҳновар бароямон аз пешомади ногуворе башорат медод. Забонаҳои гулхани дуродур дар вусъати торикии шабҳангом хаёле афзуда, неруи бовариро ба пирӯзӣ дар замири онҳо мекоҳонд.

ШАБОХУН

Нимашаби сокиту пурасрор фаро мерасиду моҳи хира доси коҳидаашро аз дӯши кӯҳ фурӯ мекашид. Дар поёни бошишгоҳи ҳарбии Куруш ҳафт гардунаи дуаспа дар сари роҳ интизори саворони ҷангӣ меистод. Бар думболи ҳар гардуна се чаҳор аспи расанбанди бозину афзор бетоқатона пой мекӯфтанд.

Дар дуродур, дар васати дашти васеъ пешвоёни қабилаҳо бо ҷанговарони худ дуртар аз ҳамдигар хайма зада буданд. Моҳи рафта партави коҳидаашро аввал аз дашт ва сипас аз домани кӯҳ мегундошту зулмоти ҳавлангез замину замонро пахш мекард. Куруш шитоб накарда ба назди гардунаи нахуст омад, ки бар он Ойбар нишаста, ҳамроҳи ҷанговарони гардунасавори думболаш амри шоҳаншоҳро интизорӣ мекашид.

– Фурсат расид, Ойбар! – даст ба китфи дӯсташ ниҳод Куруш. – Рост ба миёнаҷои бошишгоҳи массагетҳо шабохун занеду ресмони аспҳоро бурида, чапасар бозгардед! Ҳурмузди бузург нигаҳбонатон бошад!

Таковарони чуфти гардунаҳо аз домани кӯҳ бо суръати тамом сарозер тохта, дар як лаҳза ба канори бошишгоҳи ҳарбии массагетҳо наздик расиданд. Саворон аз рӯи дастури Куруш расани аспҳои думболаи гардунаро бурида, онҳоро аз банд раҳониданд. Тосҳои сарпӯшидаи мисин, ки дарунашон пури сангу олотҳои садоангез буду бар расане аз паси гардуна ҳамоил меистод, баробари буридани бандҳо аз думболи аспҳои раҳида кашола шуда, дар торикии шаб як гулғулаи мудҳиш ва садои даҳшатнокеро меангехтанд.

Сарбозони хоболуди массагету сакой дар торикӣ аз хаймаҳояшон беруи тохта, аз гулғулаи ҳавлангези суми аспҳо, гичирроси чархи гардунаҳо ва тарақотуруқи осмонгири тосҳо саргиҷ мегаштанду сӯи ҳамдигар тир меандохтанд ва касони пешомадаро душман пиндошта, шамшерзанию найзаафканӣ мекарданд.

Бар асари шабохун ҷанги шадиде барҳеста, сарбозони қабилаҳои мухталиф худиро аз бегона шинохта наметавонистанд. Саворао пиёдаи саргум, аз ҳавли ҷон сӯи якдигар ҳамла меовардану мепиндоштанд, ки дар пешорӯяшон лашкари душман шамшерзанию найзаандозӣ мекунад. Садои чакочаки шамшеру ҳуштаки тир ва нолаи ҷонкоҳи захмдорон бо ҷарангочурунги тосҳои мисин омехта як маҳлакаи корзори

саргуму фочиабореро дар қаъри зулмоти нимашаб офарида буд.

Пайкори хунин то субҳи козиб идома ёфт. Пешвоёни массагетҳо баъди чандин соати набарди шадид иштибоҳашонро пай бурда, чанговарони худро бо фарёду хушдорҳои коҳишомез аз чанги якдигаркушӣ боздоштан мехостанд. Пешорӯи хаймаҳо ва майдонҳои корзор аз часади сарбозони рӯиҳам фитода ва захмдорони нимачон пур гашта буд. Аморгеси даҳшатзада машъали фурӯзоне болои даст чаҳор тараф девонавор асп тозонда, пешвоёни гофилмондаро аз шабохуни фиребои ҳалокатбор огоҳ мекард.

Чанги фочиабор ноаён ором мегирифт. Забонаҳои назаррабои гулханҳои дуродур аз бошишгоҳи харбии Куруш ҳамоно аланга зада, аз ҳастии хатари навбатӣ хушдор медод. Овои чархи гардунаҳо кайҳо хомӯш шуда бошад ҳам, акси садои тосҳои сарпӯшидаи мисин, ки бар думболи таковарҳои ваҳшатзада ҳамоил буданд, аз чаҳор самти бошишгоҳи массагетҳо баръало ба гӯш мерасид.

* * *

Ду сипоҳи савораю пиёдаи сар то пояшон мусаллаҳ дар ду канори дашти сабзапӯш бо тартибу низоми хосае лангар зада-анд. Дар сафи сарбозони Аморгес, ки аксараш сарбозони савораи қабилаҳои гуногуни тӯронӣ буданд, парчамҳои дорои рамзҳои уқобу шер, гургу оҳу, аспу говҳои ваҳшӣ ва офтоби дар ҳалқаи заррин печида ба чашм мерасид.

Дар пешорӯи лашкари массагетҳо Аморгесу Томирис ҳарду бар тан либоси чангӣ дар иҳотаи пешвоёни озурдаҳол ва чанговарони боқимонда қарор доштанд. Кӯруши Кабир савори таковари саманд дар самти муқобил дар миёни сарлашкарони худ хомӯшона қаду бари лашкари ҳарифро мушоҳида мекард. Дилҳои сарбозони ҳарду чониб андаруни сина бо изтироб метапид ва дақиқаҳо дар назарашон чун соат тӯл мекашид.

Оқибат Куруш бо ҳавои сар ишорат намуду ду тан сарбоз парчамҳои сафедро афрошта дар ҳавои резачорпои аспҳояшон ба миёначои майдони набард расиданд. Аз самти муҳолиф низ ду сарбози сакоӣ ба истиқбол омаданд ва ҳангоми гуфтугузори онҳо ба мулоқоти подшоҳони ду тараф ризоят ҳосил шуд.

Дар ҳавои афшондани парчами мулоқот аз ҳар ду чониб Куруш ва Аморгес шитоб накарда ба мавзеи муқарраршудаи вохӯрӣ раҳсипор гардиданд. Аз қазои тақдир дар рикоби

Аморгес танҳо Томирис асп меронду Курушро Ойбар ҳамроҳӣ менамуд. Нигоҳи Куруш ҳанӯз аз нимароҳ ба дидаҳои маломатбору андӯҳомези Томирис бархӯрда, як эҳсоси ғолуда ба раҳму шафқате дар замираш боло гирифт. Вале чашмони кинабору хунталаби Аморгес, ки чун нигоҳи гурги хашмзада шарар меафканд, рагу пайванди тани Курушро тарангтар менамуд.

– Чаро ноҷавонмардона шабохун задӣ, Куруш? – дӯғу даго ангехт Аморгес. – Ё аз ҷанги рӯ ба рӯ ҳарос дорӣ?!

– Шабохун задан ҳам як роҳи писандидаи ҷанг аст ва касе онро бознадоштааст, Аморгес, – посух дод Куруш. – Чашмдорам, ки пас аз ин панд роҳи созишу дӯстиро пеш гирифта, Гирканияро ба ихтиёри мо мегузорию ба мулки хеш бозмегардӣ.

– Не, Кӯруш, умедвор мабош! – бо хашму газаби ошкоро рад кард Аморгес. – Ин вилоятро ман бо тег гирифтаам ва танҳо бо тег метавонӣ онро бозгардонӣ!

– Тег рондану сар задану даст ба хуни ҳазорон каси бегуноҳ олудан ҳунар нест, Аморгес, – гуфт Куруш бо каме дурушти. – Беҳтараш роҳи созишу оштиро пеш гирему ҳар кас думболаи мулки худ равад.

– Бигузор хости ту шавад, Куруш! – ба тамасхури кинабор гузашт кард Аморгес. – Мебинам, ки хунрезии миёни ду сипоҳро чандон намеписандӣ. Салоҳи кор он аст, ки ману ту дар танҳоӣ ба майдон омада пайкор куем. Яздони пок яке аз моро пирӯз мегардонаду сипоҳиён низ аз ранҷи хун рехтан раҳо меёбанд.

– Ман аз ситезаҷӯии ту роҳи сар печидан надорам, Аморгес! – хости ӯро пазируфт Куруш. – Омода бош, то бибинем, Яздони пок пирӯзиро насиби кӣ мегардонад!

Фурсате нагузашта ду шоҳи пархошҷӯй аз ду самти майдони набард савори аспҳои бо зиреҳу баргустувон печида ҷавлонзанон дов мехостанд. Ялони размовар бо кулаҳхӯди пушташ зирехдору ҷавшани дуқабатаи фӯлузин, соқбанди нимҳалқаву бозубанди рӯин, сипари бузурги хафтони чармини синаҳояш қуббадор, камону тиркашҳои ҳамоил, шамшери зарриннаёму найзаҳои ҷоншикоф ҳар қадом ба назир таҳамтани чобуки размдидаву гарданкаш метофт.

Аморгес аспи резапайкари зиреҳпӯшашро гирдогирди майдон тозонда, аз фосилаи дур пешодумбол ду тири хаданг афканд. Куруши бебок, ки ин амалро чашмдор буд, чобукона

якпаҳлӯ хобиду сипарашро бардоштa шасти тирҳои пӯлодпайконро бозгардонд. Тири аввал хуштаккашон ба миёнаҷои сипар бархӯрду оҳани обдидаи дуқабатаро каме пачақ карда қафо ҷаҳид. Тири дуюм ба гӯшаи сипар расида, онро таконе доду якпаҳлӯ рафт.

Лаҳзаи кӯтоҳи хамшавии Куруш барои размовари камонкаш басанда буд, ки таковарашро рост сӯи ӯ тозонда, тири сеюмро ба зеҳи таранг ниҳад. Фурсат басо тангу хатарнок буд ва аспи чобукпойи Аморгес ба самти якпаҳлӯ хобидаи Куруш рост мешуд.

Виштоспу Ойбар ва чанде аз сарлашкарон оҳи бадарде кашиданд, изтиробу хавотирӣ дар симои сипоҳиёни сафбастаи Куруш падид омад. Ҳанӯз мичҷае дар ҳам назада тири ҷоншикофи Аморгес хуштаккашон рост ба дили Куруш халид. Хурӯше аз ҳарду ҷониб ба фазо хест ва Куруш якқад ба гардани аспаш ёзид.

Аморгеси кинатӯз наъраи голибонае кашид ва камонашро болои сар бардошт. Аспи Куруш суръати тохташро ҷониби Аморгес меафзуд ва ӯ ҳамоно рӯи ёлҳои таковараш ёзида мувозинатро нигоҳ медошт. Фосилаи миёни ду рақиб торафт кӯтоҳ мешуд. Куруш бо як даст найзаро доштаву бо дасти дигар аз қуббаи фулузини сарсинаашг ҳаданги халидаи пайконiро кашида, дубора қоматашро рост кард.

Дар пайкоргоҳ хурӯши тозае танин андохт. Сарбозони пешсаф медиданд, ки пӯлодпайкони чорпар қуббаи фулузини хафтонро сӯрох кардаву дар қабати зиреҳ дармондааст.

Аморгес, ки дар хаёл ҳарифашро кушта буд, аз гардиши ногаҳонии кори фалак ошуфта, танҳо фурсати сипарашро ба дами найзаи хунрез бардоштан ёфту бас. Найза ба сипар бархӯрд ва дар ҳавои шасти он Аморгес аз асп парида ба рӯи замин чанд ғел хӯрд. Куруш гурз бар даст дар болои сари рақиби забунгаштааш каме тоб хӯрду бо кадом андешае гурзашро дур афканда аз асп фуромад.

Аморгеси навмедгашта, ки аз чанголи марг басо осон раҳида буд, осемасар аз ҷояш хесту шамшери акинакро аз наём кашид. Ҳарифон боз дар ҳолати баробар қарор ёфтанд ва шамшерзанӣ шурӯъ гашт. Онҳо ба назар ду бабри хашмзадаро мемонданд, ки чобукона ҳамла овардаю пешу қафо ҷаҳида шамшер меандохтанд, зарбаҳои гаронро бо дами сипар мегардонданд, сӯи якдигар даст ёзондаю фанд дода, ба ҳамлаи тоза

мепардохтанд. Куруш бо ҳилаи чобуконае шамшери Аморгесро нимтоб доду бо такони сахте аз дасташ рабуда, дур афканд. Аморгес нӯги шамшери ҳарифро дар зери манаҳаш дида оҷизу ночор монд ва аз гояти ҳарос пуштнокӣ афтод. Куруш дӑми шамшерашро чобукона ба гулӯи рақибаш ниҳоду ба қаъри чашмони даҳшатзадаи ӯ нигарист.

– Ту аз қавми тӯронии бодиягард ҳам бошӣ, решаю кунда ва табору забонамон як аст, Аморгес! – бо шиддат нафас кашида гуфт Куруш. – Бирав, аз хунат гузаштам!

Куруш ба фарёду эътирози ҳамсафонаш эътиное надода, шамшерашро ба наём андохту рӯ ба саманди дастомӯзаш овард. Аморгес ҷонсарак хеста, аз таҳти рӯинбанди соқаш кордеро берун кашиду бо чанд хез ба пушти Куруш расид. Куруш бо савқи табиӣ аз пасаш расидани хатарро эҳсос карда, чобукона якпаҳлӯ ҷаҳид. Корди дасти Аморгес фурӯ хамида, банди бозуи чапи Курушро чок кард. Аморгес аз бозуи хунчакони ҳарифаш чашм наканда, бо хашму ситези беандоза омодаи ҳамла гашт.

– Палиди падарбагуноҳ! – бо оҳанги таҳдидомез ситеза намуд Аморгес. – Ман туро ҳаргиз намебахшам!

Куруши ошуфтаҳол ҳанӯз фурсати даст ба шамшер бурдан наёфта дами корд боз дар болои сараш дурахшид. Ӯ бебокона ба миёни пойҳои Аморгес лагаде зада, хост пайкари якпаҳлу хамидаашро пахш намояд. Аммо Аморгес гурбавор тоб хӯрду аз чанголи оҳанини ӯ раҳид.

Ҳарду ҳариф ҷаста омодаи набард гаштанд. Аморгес кордашро ҷавлон дода, пайдарпай ҳамла меовард. Нӯги кордаш китфи рости Курушро харошида хуншор кард, вале ӯ ҳамон лаҳза аз банди дасти корддори Аморгес дошта, кундазонуе ба шикамаш зад.

Аморгес бо тамоми қувват дасти Курушро тела дода, дами кордро ба гулӯи ӯ наздик меовард. Чашмҳо аз гояти зӯрзанӣ ҷаста, ҳарифон мадори охирини танашонро сарф мека́рданд ва дами корди аҷал таҳти фишори онҳо пешу қафо мерафт. Куруш якбора қадаме ба паҳлу ҷаҳиду бори гарони корди Аморгесро ба шиқами ӯ рост кард. Корд бо шаст поён рафт ва то банди дастааш ба шиками Аморгес халид.

Аморгес таконе хӯрду беҳолона калавид ва бо азобе кордро аз шикамаш кашида, охирин бор ба сари Куруш ҳамла овард. Аммо мадори пояш хушкида, баъди қадаме ба зону афтод ва

корди хунолуд аз дасташ раҳо ёфт. Фаввораи хун аз шиками ӯ ба рӯи сабзаҳои поймолшуда мерехт ва Аморгес хоки намро ханҷол зада, дар рӯи замин метапиду ҷон меканд.

Куруш охирин бор сӯи Томириси лолу карахтмонда нигариста аз ҷасади бечони Аморгес бо нафрат дур шуд. Шайпури зафар дар ҷабҳаи лашкари ӯ овоз андохт. Чаҳор тан сарбози сакой ҷасади ҳанӯз гарми Аморгесро рӯи ду найзаи дароз бардошта ба роҳ даромаданд. Аз думболи онҳо лашкари пиёдаву савораи массагетҳо парчамҳои сиёҳро афрошта майдони набардро тарк менамуданд.

МОТАМИ ТӮЛОНӢ

Массагетҳо кӯч мебастанд. Онҳо бору буна ва хаймаҳояшонро бо дили нохоҳам ғундошта, асбобу ускунаи рӯзгорашонро ба хару асп ва барзагову уштурҳои дукӯҳонаи бохтарӣ бор мекарданд. Аробаҳои хурду бузург, ки аксарашонро ҷуфти барзаговҳо мекашиданд, ҳар кадом бори рӯзгори хонаводаеро кашолакунон сӯи дашти паҳновар пеш мерафтанд. Аз думболи онҳо галаи аспу рамаи гӯсфандон ва подаҳои гов чангу ғубор хезонда, ба сӯи чарогоҳҳои наву даштҳои дуру дастнорас мешитофтанд.

Пешопеш фавҷи кӯчманчиён гардунаи сиёҳпӯше мерафт, ки дар болояш парчами рамзаш офтоби дар нимҳалқаи мох ғунуда устувор буд. Дастаи сипоҳиёни савораву пиёда аз чаҳор самти гардуна парчамҳои мотамиро фурӯ хамонда, бо чеҳраҳои хастаю чашмони лабрези андӯҳ аз домани дашти васеъ ҷониби кӯҳҳои дуродур роҳ мепаймуданд. Офтоб майли ғуруб мекард, издиҳоми кӯчманчиёну сипоҳиёни пешсаф дар домони уфуқи шомгоҳӣ ба чашм торафт хурд метофтанд. Гардунаи сиёҳ бо фавҷи кӯчманчиёни паҳну парешон аз дур чун як хазандаи тирапӯсти лаванде менамуд, ки бо вуҷуди сустгардию коҳилиаш азми расидан ба хонаи офтоби дами гурубро дорад.

Шом фаро мерасиду моҳи ҳилол сар мекашид, вале гардунаи сиёҳпӯши пешсафу кӯчманчиёни думболи ӯ ҳамоно аз миёни дашту ҳомун мехазиданду мехазиданд. Партави моҳ аз равзанаи кушодаи гардуна ба дарун метаровид. Андаруни гардуна, болои тобут ҷасади чарминапечи Аморгес якқад хобида буд, ки анвори моҳ ба рӯи орому берӯҳи ӯ фитода, ба дил як ҳузни яъсоваре меангехт.

Томириси сияҳпӯш дар бари тобут нишаста, нигоҳаш ба

равзана аз ҳолаи коҳидаи моҳи хирманзада чашм намеканд. Ӯ дар зоҳир ором намояд хам, оташи чашмони фурӯрафтаву андоми заҳиру коҳидааш аз азияти рӯҳии доманадору изтироби ботиниаш хабар медод. Гардуна аз роҳи ноҳамвор нолишкунон пеш мерафту моҳи танҳои осмон низ дар ҳавои ҷастухези чархҳо лапидаю хазида аз болои хати уфуқи кӯҳтеппаҳо гӯё Томириси мотамзадаро мегуселонид. Писари хурдсоли ӯ – Сипаргапис шояд аз хастагии роҳи дароз бошад, сар ба рӯи сандуқи синаи чарминапӯши падар ниҳода, дар ин шоми сокиту ҳузнангез ба хоб мерафт.

Моҳи хирманзада низ чун олиҳаи мусибатдоре бар чодари карбосии худ печида, ба ҳоли зори бодиягардон месӯхту аз думболашон менигарист.

* * *

Дар канораҳои начандон дури дарёи Яксарт сохтмони шаҳри нав идома меёфт. Ғуломони хастаҳолу коркӯфта аз домани кӯҳ сангҳои бузургро бо ёрии фишангҳою ғӯлачӯбҳои мудаввар гелонда ба мавзеи сохтмон меовардаид. Дастаи сангтарошҳою пардозгарон тахтасангҳоро ба шакли хиштҳои чаҳоррӯя тарошидаю сайқал дода, ба назди гурӯҳи деворгарон мебурданд. Аробаҳои чӯбин, ки онҳоро ҷуфти барзаговҳои коркӯфта мекашиданд, аз роҳи васеътар қатор шуда хоку гил ва дигар масолеҳи лозимиро ба саҳни девори нотамоми қалъа мерасонданд.

Устоҳои сангчину деворгар ба чанд даста тақсим шуда, ҳар кадом ҳамроҳи шогирдону ёварони худ девори қалъаи атрофи шаҳристонро вачаб ба вачаб мебардоштанд. Шаҳри навбунёд дар пеши назари Куруш қомат меафрохт: ҳунармандон иморатҳои бошукӯҳ ва қасру кӯшкҳои барҳавои маркази шаҳрро қариб анҷом бахшида, пайкарнигорону наққошон даруни толорҳои барҳавою сарсутунҳои баландро бо пайкараи шеру сари буққаҳои таҳамтан ва нақши барҷастаи Симурги афсонавӣ оро медоданд.

Каме қафотар аз Куруш шаҳриёри нав Крез қадам мезад, лавҳаи чарминӣ тарҳи сохтмон бар даст иморатҳои нотамоми шаҳристонро тафсир медод. Куруш ба тарҳи иморату қасрҳои тамому нотамом бо шавқу ҳавас менигарист

– Деворҳои диж устувор аст? – пурсид Куруш ба девори қалъа зеҳн монда.

– Оре, шоҳаншоҳ, – бо қаноатмандӣ посух дод Крез.- Дар чидани сангдевор аз омехтаи оҳури гили ёзанда, гачи устувор ва шилми часпаки рустанӣ истифода кардем.

– Хеле хуб! Дар шаҳри тозабунёд наҳуст чорсӯю бозор ва растаҳои савдогарон бояд сохта шавад, Крез. Аз дӯкону гузаргоҳи бозаргонон нишоне намебинам?

– Пойдевори корвонсаройро гузоштем, шоҳам, – ба иморати калони иотамом ишора намуд Крез. – Аз рӯи нақша дар бари корвонсарой бозори бузурге месозем, ки аз чаҳор самт дарвозаҳои баланду кандакорӣ дорад. Андаруни бозор растаҳои савдогарону ҳунармандон ва дӯконҳои хариду фурӯш қатор пешодумбол, ҷойгир мешаванд.

– Офарин, Крез! Савдою доду гирифт ҳамнасабони кӯчманчиро ба мо наздиктар месозад. Онҳо аз мо ҳунари кишту варз ва барзгариро омӯхта, дертар зиндагии нишеманӣ мекунанд, бинокорию шаҳрсозиро пеша мекунанд. Аз тохтутозҳои харобиовару ҷангу хунрезиҳо мо ба ҷое намерасем.

– Рост мегӯй, шоҳаншоҳ, – лавҳаи чармини нақшаи шаҳрро тах карда гуфт Крез. – Агар Аморгес ҷон намебохт, ақиб нишастану аз хунрезӣ даст кашидани массагетҳо дар гумон буд. Ва акнун рӯ ба даштҳои дур оварда, фурсати сазовор мепоянд, ки кинаашонро биситонанд...

– Бародар бо бародар набояд бичангад, Крез! – Ман подшоҳи нави массагетҳо – Томирисро ба наздам хостаам. Ҳамин рӯз ба боргоҳам мерасад. Мо бояд чорае андешем, ки дасти харду ҷонибро аз хунрезӣ кӯтоҳ дорем!

– Шигифто! – ҳайратомез пурсид Крез. – Магар массагетҳо Томирисро подшоҳи худ хондаанд?

– Ҳанӯз не, – сӯи иморатҳои нав раҳсипор гардид Куруш. – Вале пас аз пазируфтани ман подшоҳ хоҳад шуд. Дар миёни ин қавми пархошчӯй донотар аз ӯ касеро надидам. Ва аз ошноии мо ду кишвари ҳамтабору ҳамсоя аз сари кинаҳои дерина гузашта орому осуда хоҳанд зист...

Куруш ба андеша меравад. Дар нигоҳаш розе нуҳуфтаасту андаруни дилаш ҳарфҳои ногуфтае, ки аз ошкор гаштани онҳо ибо мекунад. Бар лабони Крези зираку рӯзгордида табассуми маънидоре медамад, вале ӯ хомӯширо афзал дониста, сӯи дарвозабоне нигарист, ки бо шитоб сӯи онҳо меомад. Дарвозабони таҳамтани шаҳристон дар баробари Куруш таъзимро ба ҷо оварда арз намуд:

– Умри шоҳаншоҳ дароз бод! Шаҳбонуи массагетҳо Томирис омадааст. Мехоҳад шоҳаншоҳам ӯро бипазирад.

– Шаҳбону Томирис аллакай расид?! – изтиробашро ноаён фурӯ нишонда пурсид Куруш. – Ба кӯшки пазироӣ раҳнамоӣ кун! Бигузор ба назди ман танҳо дарояд...

Гардунаи сияҳпӯши чаҳораспа, ки онро аз ду ҷониб сарбозони савораи бесилоҳ роҳбаладӣ мекарданд, дар пешгоҳи қасри Куруш қарор гирифт. Томирис ва писари хурдсолаш Сипаргапис аз гардуна болои тахти равоне нишаста, бо ҳидояти пешхидматӯну канизони хушлибосаш вориди қасри тозабунёд шуданд.

Ҷилавдорон аспҳои мавзунпайкари сакоиро аз рӯи ранг – саманд, сапед, сиёҳмушкин, сурхун, кабуд, абраш, булул, ҷиранд, ашҳаб дар пешгоҳи қаср ҷуфт-ҷуфт қатор намуда, интизори амри навбатӣ мегаштанд. Чанде аз пешхидматони чусту чолок сандуқҳои бузурги дарунаш пур аз мӯинаи нафису рангоранги пӯсти ҷонварон, чанде дигар бар лаълиҳои бузурги тилоӣ камарбанду кулоҳи заррин, шамшери кӯтоҳи хотамкорӣ, камони қабзааш ҷавоҳирнишон ва дигар либосу колаҳои хушдухтро ба пешгоҳи тахти Куруш ниҳода, таъзимкунон берун мебаромаданд.

Ниҳоят Томирис бо пероҳани сиёҳи мотамӣ ва сарандози ҳамранги он, ки ба қаду қомати мавзунаш мезебид, аз дасти писараш Сипаргапис дошта ба толори барҳавои қасри Куруш ворид гардид. Симои ӯ ором ва нигоҳаш софу бекина буд, мавзунона пеш омада, дар ҳузури шоҳаншоҳи голиб солорию тамкинашро нигоҳ медошт. Сипаргарис, ки чунин қасри баланду бошукӯҳро бори аввал медид, ба муҷассамаи шерҳои дусараи сарсутунҳо бо завқу ҳаваси кӯдакона менигарист.

Аз қазо Амуранҳаи сиёҳпӯш низ аз даромадгоҳи пушти тахти шоҳаншоҳ боэҳтиёт пой ниҳодаю ба пасу пеш хавотиромез нигариста, дар паси пардаи якқад пинҳон шуду гӯш ба садоҳои даруни қаср дод. Томирис ба миёнаҷои толори ташрифот расида, аз рӯи таомул таъзимро ба ҷой оварду бо тамкину ҷиддияти барояш зебандае ба сухан пардохт.

– Рӯзгори шоҳаншоҳ дарозу давлаташ поянда бод! Мо ҷойнишинони тахти Аморгес ба бӯи бастани паймони дӯстию оштӣ омадем. Агар шоҳаншоҳ раво бинад, омодаем подоши ҷангро ба қадри тавоноии худ бипардозем.

– Подоши ҷанг?! – аз тахташ ба истиқболи ӯ хест Куруш. –

Сипоҳи мо кинаи ҷангу кишваркушой надошт, шаҳбону. пазируфтани шоҳаншоҳии мо басанда аст, ки чун пештара мулкатонро ба даст доред. Қаламрави массагетҳоро ду соли нахуст аз пардохти андоз озод кардем. Бигузор баъзе қабилаҳои сарсахт аз қасди ҷанҷуию пайкорталабӣ даст бикашанд. Дар охир чашмдорам, ки шаҳбону ҳамдардии маро мепазирад ва барои рехтани хуни ҳамсараш аз ман домангир намешавад.

– Аз лутфи шоҳаншоҳ сипосгузорам! – бо оҳанги расмӣ сар фуруд овард Томирис. – Кори неку бади моро худи Кирдигор қазоват хоҳад кард.

– Мебинам, ки озоре ба дили шоҳбону нишаста, – бо мехрубонӣ пеш омад Куруш. – Бигузор Яздони пок маро биёмурзад ва мехру шафқати шаҳбонуро биафзояд. Ба иноятӣ Кирдигор пуштибонии шоҳигариву навозиши фарзанди шуморо бар дӯш хоҳам гирифт. Бифармоед,ки шоҳзодаи наврас чӣ ном дорад?

– Сипаргапис, – нармтар шуда посух дод Томирис.

– Номи некест, – таҳсиномез чашм ба рӯи кӯдак дӯхт Куруш. – Сипари давлат, сипари мулк, сипари хонадони модар хоҳад шуд, шоҳзода. Чанд сол дорад?

– Бо расидани фасли поиз панҷро пур кард, – бо лабханди нарм сари писарашро навозиш кард Томирис.

– Аз симояш ҳувайдост, ки ояндаи дурахшоне дорад, – бо мехрубонӣ сӯи онҳо омад Куруш. – Пеш ой, аз чеҳраат бибӯсам, шоҳзода!

– Ман назди кушандаи падарам рафтан намехоҳам! – бо ғуссахои кӯдакона ситеза намуд Сипаргапис.

– О-ҳо-о! Шоҳзодаи ҷасуре будай! – Куруш каме худро бохт. – Аз ман маранҷ, пеш ой, беҳтарин ҳанҷарамро бароят мебахшам.

Куруш аз миён камарбанди гаваҳарнишони ҳанҷарашро кушода, болои ҳарду дасташ гирифту чашмдори омадани Сипаргапис гашт. Аммо кӯдак бо якравӣ дар ҷояш истода майли сӯи Куруш омадан намекард.

– Бирав, Сипаргапис! – Томирис дар ногуворие монда даст ба китфи писараш ниҳод. – Сухани шоҳаншоҳро шикастан раво нест!

–Калон шавам бо ҳанҷари ту кинаи падарамро меситонам! – бо ҳидояти модар ба пешгоҳи тахти Куруш омад Сипаргапис.

Куруш ҳанҷар дар даст лаҳзае нигарон монд. Аз ин суҳано-

ни бебокона ларзае ба ҷони Томирис афтода, беихтиёр сӯи шоҳзода шитобид ва ӯро ба синааш пахш кард. Куруш бо хандаи беозоре ханҷарро аз наём кашид.

– Кӯдаки бесаробон аст, шоҳаншоҳам! – чашм аз ханҷари урён наканда бо ҳарос гуфт Томирис. – Аз гуноҳаш бигзаред!

– Метавонӣ ҳамин дам биситонӣ, – ханҷарро ба Сипаргапис дод шоҳаншоҳ.

Куруш сарашро ба пеш хам кард ва лаҳзае ором гирифт. Томирис аз гояти даҳшат гоме пас кашида, аз дасти шоҳзода ханҷари тезро чанг зада гирифт. Сипас осемасар ханҷарро ба наём андохта дар пеши Куруш ба зону истод.

– Густохии шоҳзодаи сарсахтро бубахшой, шоҳам! – гуфт Томирис бо ошуфтагию парешонӣ. – Мани муштипар ҷуз ин бачаи бебок касе надорам...

– Ханҷари маро ба миёнаш бибанд, шаҳбону, – хандаи хушҳолонае кард Куруш. – Писарат подшоҳи далере хоҳад шуд.

– Сарфарозам, шоҳаншоҳо! – бо сипосгузорӣ таъзим намуд Томирис. – Тундхӯии шоҳзода аз гами ҷудоии падар аст.

– Мусибаташро дармеёбам, шаҳбону, – бо оҳанги навозишомез ба қаъри чашмони Томирис нигарист ӯ. – Ва пуштибонии худро аз шоҳзодаи хурдсолу модари муштипараш ҳеҷ гоҳ дареғ намедорам...

– Яздони пок подоши некиҳоятро бозгардонад, шоҳаншоҳо! – бо каме парешонӣ худро пас кашид Томирис.

– Амонатеро солҳо боз чун атои тақдир нигоҳ медорам, – фурсатро сазовор шумурд Куруш. – Орзу доштам, ки ин амонатро рӯзе ба соҳибаш бозгардонаму ӯро чун ёри ҳамешагии зиндагиам бипазирам. Аммо... Аммо аз пешонаи бад орзую армони ҷавонӣ дар дилам монду ёри дилхоҳам насиби дигаре гардид. Ва имрӯз бо ёрии Яздони пок фурсате даст дод, ки ин вогузорро ба ёри бозомада бисупорам...

Куруш хам шуда аз таги рӯйпӯши оростаи бари тахташ сандуқчаи кандакории тилоиеро берун оварду онро ба дасти Томирис дод. Томириси ошуфтаҳол, ки аз ҳангомаи хезондаи писараш ҳанӯз ба худ наомада буд, гавҳардони [1] нурпош бар даст лаҳзае нигарон монда, тахти суханони Курушро меандешид. Аммо сеҳри нигоҳи гарму рамуздори Куруш ӯро водошт,

---

[1] Гавҳардон, ба маънои бурҷ, сандуқчаи зевар.

ки сарпӯши гавҳардон бардошта дубора ошуфтаю парешонтар гардад.

– Гесӯбанди ман?! – беихтиёр худро бохт Томирис. – Гесӯбанди овони наврасӣ?! Ҳайронам, ки он чӣ гуна ба дасти Шумо афтод?

– Мапурс, шаҳбону! – бо лабханди асроромез чеҳраи Томирисро меомӯхт Куруш. – Ин гесӯбандро дар Дашти Экбатана афтондию дили маро рабуда, савори таковари сафед фирор намудӣ...

– Кирдугоро, шармсорам масоз! – бо ҳаячон писарашро оғӯш намуд Томирис. – Медонистам, ки чобуктози савори саманд рӯзе домангирам хоҳад шуд!..

– Ин шармсорӣ не, кушоиши бахт аст, шаҳбону! – ӯро ба оғӯши зиндагии нав мехонд Куруш. – Шаҳри наву кӯшкҳои бузургро ҳам барои поси бахти деромада бунёд кардаам.

– Мани паршикаста куҷою кӯшкҳои бузург куҷо! – парешониашро базӯр фурӯ менишонд Томирис. – Ҳарами шоҳаншоҳ ба дӯшизаҳои фаришгахӯи шавҳарнодида мезебад...

– Дах сол пеш аз гояти форигболӣ мурғи бахтам парида ба ошёни дигаре нишаст, – оҳ кашид Куруш. – Ин бор бо баҳои сар ҳам, бошад фаришгаи бахтамро раҳо намесозам!..

– Дарего, ки мурғи пару болаш рехтаю дилшикастае ба ин баҳои мехрубонӣ намеарзад, шоҳаншоҳ! – ба риққат омада ашки чашмонашро базӯр нигоҳ медошт Томирис. – Бигузор фаришгаи гамзада ба ошёни пешинаш бозгардаду кӯдаки навболашро парасторӣ намояд.

– Ин шаҳр ошёни ҳамешагии фаришгаи ман ва фарзанди ӯ хоҳад шуд! – оқибат ҳадафи шаҳрсозиашро кушод Куруш. – Бо ин душманиву номеҳрубониҳои дерина аз миёни қавмҳои тӯронию эронӣ мехезаду ҳарду мулк тинчу осуда мегардад. Ё шоҳбону ба хостгории ман хушнуд нест?!

– Узри маро бипазир, шоҳаншоҳо! – ночор раҳоӣ мечуст Томирис. – Нахуст, оини мотамдории ман ҳанӯз поён наёфта. Сипас аз рӯи таомули мо агар шаҳбонуи бевамонда шавҳар бигирад, ӯро шарики подшоҳиаш месозад. Бинобар ин ман бо пешвоёни қабила гуфтугӯ накарда, ба хостаи шоҳаншоҳам посух дода наметавонам...

– Пешвоён розӣ нашаванд ҳам, боке нест, – оҳи гуворое кашид Куруш. – Сари шӯридаю шоҳигарии паҳноварамро ба ихтиёри шоҳбону вомегузорам!

– Сипосгузорам, шоҳо! – бо лабханди хаёломез рӯи рафтан намуд Томирис. – Акнун рухсат бидеҳ бо паёми оштиву созиш ба сарзамини массагетҳо бозгардам. Ва сарфарозам, ки Куруши Бузург аз нажоди бахтбаргаштаи мо товони ҷангу андоз намеситонад!

– Бошад, бирав! – ночор шуд Куруш. – Ва бигӯ, ки ба хотири шоҳбонуи нозанин ҳар кӯчманчие азми хона сохтану киштуварз дошта бошад, аз канори шаҳри нав барояш замину хонаи обод медиҳам. Бигузор мурги бахт ба ошёни нав ояду дӯстии қавмҳои мо пойнда гардад!

– Дар паноҳи Яздони пок бошед, шоҳаншоҳ! – аз дасти писараш гирифта бошитоб берун рафт Томирис.

– То боздид, шоҳбону! – аз думболи ӯ нигоҳи ба меҳри дур андохт Куруш. – Посухи фариштаи меҳрамро шабу рӯз нигаронам...

– Бале, гесӯбанд! – бо итоб посух дод Томирис.

– Бигӯй, гесӯбандат чӣ гуна ба болини Куруш афтод? – бо оҳанги ғолибона пурсид Касандона.

– Бадгумон машав, шоҳбону! Ба дасти Куруш афтодани гесӯбанд аз як рӯйдоди даргузаре беш нест.

– Рӯйдоди меҳру бохтани дил? – киноямез неш зад Касандона.

– Аз ҳад магузарон, шоҳбону! – беихтиёр барошуфт Томирис. – Шавҳарат ҳам аз худат боду тоҷу тахтат ҳам!

– Бидон, шоҳбонуи массагетҳо! – каме нармтар шуд Касандона. – Ман аз Куруш ду писар дорам – Камбуҷия ва Бардия, ки ҳарду аз тухмаи шоҳонанд. Намехоҳам, ки кӯчманчие худро ба бағали Куруш афканаду фарзандаш душмани онҳо гардад!

– Хотират осуда бод! Ман ҳеҷ гоҳ ба Куруш намерасам ва нахоҳам расид! Ин савгандест пеши Яздони пок! Бирав, шоҳбону, дигар озорам мадеҳ!..

– Ман ба савганди массагетҳо бовар дорам, – азми фаромадан кард шаҳбону. – Кирдигор довару раҳнамоят бошад...

Касандона ҳиҷоби сиёҳашро ба сар кашида, аз гардуна бошитоб фуромад. Ойбар, ки ин лаҳза ҳамсафарони маликаро то беруни дарвозаи шаҳристон гусел мекард, аз фуромадани зани сиёҳпӯше бесаранҷом гардид. Ӯ каси аз гардуна дуршударо хаёле шинохт, вале барои санҷидани шубҳааш аз равзанаи гардуна ба дарун нигарист.

Томирис андаруни гардуна музтарибу ошуфтаҳол менишасту қатраҳои ашк ба рухсорааш метаровид. Гардуна такон хӯрда аз шаҳри навбунёд дур мерафту Ойбар ҳамоно дар пеши дарвозаи баланду мӯҳташам истода, ба муаммои манзараҳои дидааш посух меҷуст.

* * *

Гардунаи сиёҳпӯши Томирис аз биёбони тафсону ташнаком такон хӯрда нолишкунон пеш мехазид. Дар васати биёбон аз дур чанд дарахти танҳою ғарибе падидор гардид, ки дар сояи онҳо аҳли корвоне бо астару уштуронаш аз шиддати гармо паноҳ бурдаанд. Соате нагузашта сардобаи зеризаминӣ, ки ягона макони раҳидан аз марги беамон дар ин биёбони паҳновар буд, акнун дастаи ҳамсафарони ташнаву хастаҳоли Томирисро мадор мебахшид.

Томирис аз нӯшидани об фориғ гашта, сӯи савдогарони дар

– Не, ӯ Сароё духтари Сидқиё – зеботарин дӯшизаи қавми Сион ва набераи охирин подшоҳи Яҳудост, – посух дод мӯйсафед оромона. – Бо дастури пирамон Эзрои коҳин ба Куруш подош мебарем. Ҳазрати Мӯсо мададгор шаваду Куруши Бузург ӯро ба занӣ бипазирад, мо дар симои шоҳаншоҳи Порс пуштибони тавоное хоҳем ёфт…

Томирис таконе хӯрда, беихтиёр сӯи дӯшиза нигарист. Ӯ ҳусни расою нотакроре дошт, ки бо чашмони хумор, абрувони борики камоносо, рухсораҳои гулгун, лабҳои нозук, гардани баланд, занахдони дамида ва пӯсти нафиси маҳтобиаш дили ҳама гуна марди парҳезгору порсоро мафтун мекард. Аз муоинаи андоми бенуқсу ҷамоли дилкаши духтари париваш банди дили Томирис хаёле ларзид, вале худро набохта бо азобе афзуд.

– Сароё дӯшизаи зебое будааст. Худо кунаду Куруши Бузург ӯро писандад ва азияти шумо яҳудиёнро осон гардонад…

НАВҲАҲОИ ДУХТИ СИОН

Куруши Кабир аз канори дарёи паҳновари Яксарт тани танҳо огушта ба хаёлҳои талху ширин қадам мезад. Садои бардорузани мавҷҳо ва навои маҷрои рӯди дартоз қадре рӯҳи озурдаю дили ташнаи ишқашро таскин мебахшид.

Шаҳр огушта ба нури моҳ пинак мерафт. Ва дар ин шаби сокиту беодам партави моҳи нокоста бар дӯши мавҷҳо рехта, як эҳсоси гамзудоеро дар замири Куруш бедор мекард. Ба дард шабеҳ буд ин эҳсос, ба дарди кӯҳнае, ки ногаҳон хуруҷ мекунаду як армони ношикастаи хуморолудеро дар дилаш меангезад. Ва суханони пурсӯзу гудози гилаомезе аз замираш таровида дар ҳавои навои дарё авҷ мегирифт:

«Чаро посухе аз ёри носозгор намеояд? Охир, шаш моҳ шуд, ки чашм ба роҳи посухи ӯям. Баҳонае болои баҳона меёбаду омаданро ба шаҳри тозабунёди канори рӯди Яксарт пас меафканад. Ҷамъомади пешвоёни массагетҳо ҳам гузашт, рӯзгори оини маросими мотамаш ҳам поён ёфт. Вале аз ӯ ҳамоно посухе нест…

Ё ба ман расидан намехоста бошад? Не, не! Пиндорам гувоҳӣ медиҳад, ки нахли меҳр дар як гӯшаи дилаш реша рондаю кайҳо сабз шудааст. Ва шабҳо чун фариштае ба хобам даромаданаш низ нишоне аз ишқи поку беолоиши ӯст! Чӣ розе ниҳон аст, дар ин сукути тӯлонию посух нагуфтанҳои ёри бепарво?..»

вои мусиқӣ дубора дар фазои дарё танин андохт. Куруш беихтиёр қафо гашта, рӯ ба самти навои таскинбахш овард. Ӯ дуртар аз худ дар паси дарахте суроби хираи одамиро диду хавотиромез нидо ангехт:

– Ту кистӣ?

– Бубахшед, шоҳаншоҳ, Ойбарам! – пеш омад суроб.

– Ойбар?! Ту дар лаби рӯд чӣ мекунӣ?

– Аз танҳо баромадани шоҳаншоҳ парешон шудам, – ба назди Куруш расид музтарибҳолона.

– Биё, Ойбар! Ман ҳам нимашаб бедор шудаму дигар хобам набурд. Ин кист, ки овози ҳузнангезу дилнишине дорад?

– Ҳамон дӯшизаи яҳудист, ки ба шоҳаншоҳам подош овардаанд.

– Шигифто, ӯро фаромӯш кардаам! – бо таассуф хандид Куруш. – Сурудаш хеле пур аз нолаву дард будааст... Ба ту писанд омад, Ойбар?

– Хеле писанд аст, шоҳаншоҳам. Дардҳоямро навозиш мебахшад...

Лаҳни мусиқӣ ноаён паст шуда, аз думболаш нолаи ҷонкоҳи дӯшиза боло гирифт. Куруш бо тамоми ҳастӣ гӯшу ҳуш гашта, фурсате дар ҷояш истод. Нолаи ҳазин пардаи шабро дарида, аз дӯши кӯҳамавҷҳо то нишемангоҳи моҳ рафта мерасид:

Ва пирони тариқати Яҳудо,
Бар сари худ палос пӯшида,
Аз гами мардумони бесоҳиб
Ғуссаю хун мехӯранд ҳар дам.
Тифлакони гурусна ниминон,
Ҳар нафас нону об мепурсанд.
Эй худоё куҷост ёри ман?
Родмарде, ки таскинам бахшад!
Бар мани дӯшизаи ҷилои Ватан
Ёру ёвару пуштибон гардад...[1]

– Аз ин нолаи дилхарош дили кас об мегардад! – оҳи бадарде кашид Куруш. – Нишемангоҳи ӯ дар куҷост, Ойбар?

– Дар кӯшки аз ҳама канораи шаҳр, – дар торикӣ ба самте ишора намуд Ойбар.

– Ин суруд не, фигони дили азияткашидаю озурда аст. Ӯ чӣ ранҷу дарде дорад, Ойбар?

---

[1] Мазмуни шеърҳо аз Таврот, аз китоби навҳаҳои Ирмиё.

бошад, ки Куруши Бузург қавми ҷафокашидаи Яҳудоро аз зулми подшоҳи Бобул Набонид ва писархондаш Валтасар раҳой бахшад.

– Савганд ба номи Яздони пок! – хурӯшид Куруш беихтиёр. – Ман дори подшоҳони Бобулро, ки бар гардани нажоди туст дарҳам хоҳам шикаст ва бандҳои ғуломии онҳоро хоҳам барканд!

– Сипосгузорам, шоҳаншоҳо! – ба замин сачда овард Сароё. – Тавалло мекунам кинаи абои ман – вопасин подшоҳи Яҳудо-Сидқиёро аз подшоҳони бадкини Бобул биситон!

– Чӣ мусибате ба абои ту расида? – пурсид Куруш розҷӯёна.

– Абои ман Сидқиё бар подшоҳи Бобул осӣ шуд, – посух дод Сароё гамгинона. – Лашкари Навохудоносор омада шаҳри моро муҳосира кард ва Сидқиёро дошта, писари ӯро дар пеши назараш кушт. Ва сипас чашмони ӯро кӯр карда, занҷирбанд ба Бобул овард ва то рӯзи маргаш дар зиндон афканд[1].

– Ҳар кори неку бад дар даргоҳи Кирдигор посух дорад, – барошуфт якбора Куруш. – Рӯзи сазои подшоҳони бодшоду худпарасти Бобул ҳам чанде нагузашта фаро мерасад. Омода бош, Ойбар! Пас аз ҳафтае азми Экбатана хоҳем кард. Мулкҳои Парфиё, Хорасм, Марғиён, Суғдиён, Нусай, Бохтар, Ориё, Зрангиё ва кишвари тӯрониҳо ихтиёрану зӯран тобеи мо шуданд. Дижи канори Яксарт ҳам қомат афрохт. Интизорӣ дар ин қаламрави Офтобрӯ дигар маъние надорад...

– Хайрият, азму бозгашгтан кардед, шоҳаншоҳам, – гуфт Ойбар бо хушҳолӣ. – Вазъи Экбатана чандон хуб нест. Амутида тарафдорони Спитамро пинҳонӣ гирд оварда, қасди баде дорад.

– Виштоспро кишвардори Гирканиё, Парфиё ва қаламрави офтобрӯи кишвар мемонем, – омирона гуфт Куруш. – Бигузор бехатарии марзҳои моро аз қаламрави Ҳинд то канораҳои рӯди Яксарт пуштибонӣ намояд. Сипас бадхоҳонро дар Экбатана саркӯб карда, бо фавҷҳои лашкари саворао пиёда ба сӯи Бобул меравем. Он рӯз дур нест, ки қавми азияткашидаи Сароёро аз зулми подшоҳи Бобулистон бираҳонем.

– Шоҳаншоҳо! Камтарин канизаки ҳарамсарояш хоҳам шуд! – сипосгузорона таъзим кард Сароё.

– На Сароё! – бо лутфу навозиш аз дасташ дошт Куруш. –

[1] Мазмун аз Таврот, китоби Ирмиёи набӣ.

лобат нахуст ҳолпурсӣ намуд Куруш. – Аз кадом таборӣ ва чӣ озоре бароят расида?

– Умри шоҳаншоҳ дароз бод! – аз ҷой бо азобе хест марди додхоҳ. – Камина аз табори суғдиёни шаҳри Мароқандам. Пешаам бозаргонист ва номам Баҳроми бозаргон аст. Аз мулки Чин абрешими хом харида, дар дастгоҳи ҳунармандони сугдӣ газвори шоҳӣ мебофонам ва сипас онро барои фурӯхтан ба шаҳрҳои Бобул, Эфес, Милет ва Сард мебарам.

– Газвори шоҳӣ? – қадре ҳайрон шуд Куруш аз шунидани ин ном.

– Бале, газвори шоҳона! – шарҳ дод Баҳроми бозаргон. – Ин газвор дар Юнону Бобул харидорони беше дорад.

– Дар тани Томирис – бонуи массагетҳо пероҳани маҳину хушранге дида будам, ки номашро шоҳӣ мегуфтанд.

– Рӯзгоратон дароз бод, шоҳаншоҳ! – хушҳол шуд бозаргон. Томирис аз бозоргонони сугдӣ шоҳӣ мехарад ва онро хеле меписандад.

– Чӣ озоре дидай, Баҳром? – бо нармӣ пурсид Куруш. – Дар китфат паи шамшер менамояд?

– Бори сеюм аст, ки роҳзанон дар миёнароҳи Хорасму Гирканиё ба корвони мо тохта, молу борамонро ба тороҷ мебаранд ва бозаргонону роҳбаладонро мекушанд.

– Дар миёнароҳи Хорасму Гирканиё? – пурсид оромона Куруш. – Сарвари роҳзанон магар Уштан нест?

– Ҳазорсола шавед, шоҳаншоҳ! – ба симои бозаргон хушҳолӣ дамид. – Бале, Уштани торочгар, ки бо дастааш офати ҷони мо бозаргонон гаштааст!

– Осуда бош, Баҳром! – ӯро таскин дод Куруш. – Ту сеюм бозаргоне ҳастӣ, ки аз ранҷу озори Уштан додхоҳӣ дорӣ. Бо дастури ман ӯро дошта оварданд, дар зиндон марги худро мепояд. Гувоҳи сеюм пайдо шуд, акнун маргаш равост! – ба посбон фармуд ӯ. – Бибаред он нобакори торочпешаро ва дар сари бозори шаҳр ба дор овезед!

– Сипосгузорам, шоҳаншоҳо! Ҷони мо бозаргононро аз ин балои корвонкушу роҳзан раҳонидӣ!

– Дастуре навишта ин ҷавонмардро ба пеши хазинадор бифирист! – ба дабирсолор рӯй овард Куруш.- Бигузор баҳои молу газвори ба торочрафтаашро аз ганҷинаи шоҳаншоҳӣ бипардозанд!

– Аз банданавозии шоҳаншоҳам басо сарфарозам! – таъзим-

Ҳанӯз Баҳроми бозаргон аз чашм нопадид нагашта, дар боргоҳи Куруш пиразоли шӯридае падид меояд. Сараш урён, мӯйҳояш баҳампечидаю парешон, рӯяш офтобсӯхтаю пурожанг, пӯсти манаҳаш пажмурдаю овезон, пойҳояш лучу лахлах кафида. Ӯ чашмони нурандудаи ҷунунолудашро лаҳзае ба рӯи Куруш дӯхту бе ҳеҷ ибо чанголҳои каҷу харошхӯрдаашро болои сар бардошта бо бонгу ниҳеб ба додхоҳӣ шурӯъ кард:

– Эй Куруш, ту худро шоҳи олам мепиндорӣ ва ба номат шукӯҳи Бузургиро афзудай! Ҳеҷ медонӣ, ки сатрапҳои ту аз торочгарон камие надоранд?

– Биншин модар ва осуда бош! – ӯро таскин бахшид Куруш. – Чӣ бадбахтие ба сарат омада? Аз кадом кишваре расидӣ ва кӣ ранҷу озорат дода?

– Ман аз шаҳри Балхам, аз Бохтари овозадор, – ҳамоно мешӯрид пиразол. – Аз табори тоҷаконам ва бунёдам чанд пушт пеш ба Зардушти паямбар мерасад.

– Зардушти офаридагори Готҳои кӯҳан? – пурсид Куруш.

– Готҳо сурӯши яздонианд, ки ба бобои бузургворамон Зардушт аз осмон расида, – таъкид кард пиразол.

– Чаро худро тоҷак меномед? – бо ожангҳои ҷабини пиразол зеҳн мемонд Куруш.

– Зардушти волотабор ба сар тоҷворае мениҳод, ки ин нишони кеши тозаи ӯ буд, – чашмони пиразол нур мегирад. – Фарзандону наберагон ва пайравони ӯ ба сар тоҷвора ниҳоданро аз пири кеш пазируфта, худро тоҷакон, яъне пайравони кеши тоҷдорӣ меномиданд.

– Шигифто! Кеши шумо аз дигар кешҳо чӣ бартарие дорад? – мароқ зоҳир намуд шоҳаншоҳ.

– Мо Яздони ягонаи доною биноро мепарастем ва пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори некро сарманшаи зиндагии инсон мешуморем, бо шӯру ҳаяҷон посух дод пиразол.

– Хеле зебою рехта гуфтӣ, модар, – бо хушнудӣ офарин хонд Куруш. – Ман дар Курушкадаи канори Яксарт борҳо бо сугдиёну бохтариён вохӯрда, мояи кеши зардуштиро пурсидам. Аммо касе чунин посухи кӯтоҳу равшан надод.

– Мо тоҷакони покманишро кишвардорони дур аз хираду фарҳанги ту барои пиндори рост, гуфтори рост ва кирдори поку беолоишамон пайваста ранҷу озор медиҳанд, то кори носавобу ношоистаашон аз мардум пӯшида монад! Ва агар, эй Куруш, бихоҳӣ, ки шоҳаншоҳиат поянда монаду номат ҷовидон

АЗМИ БОБУЛ

Аз огози юриш ба қисми шарқии мамлакат панҷ сол гузашт. Тӯрониҳои бодиягард қисман мутеъ гардиданд ва Куруши Кабир писарамакаш Виштоспро дар қаламрави шарқии кишвар ва дертар писараш Бардияро волии Бохтар гузошта, дар Экбатана соле чанд баросуд. Ӯ онҳоеро, ки қасди осӣ шудан доштанд, аз дарбор ронда, ашрофзодаҳои саркаши модиро бо ҳар баҳона тангу саркӯб намуд. Пойтахти давлаташро низ ҳангоми тобистон ба Пасаргод кӯчонда, дар он ҷо чандин қасру кӯшкҳои мухташам ва қалъаи устувор бунёд кард. Акнун ин давлати абаркудрати ориёӣ се пойтахт дошт – Экбатана, Шуш ва Пасаргод. Ӯ низоми лашкарро низ қавитар карда, Ойбар ва Гаубруро сарвари неруҳои муттаҳидаи ҳарбӣ гумошт. Гарпаг аз рӯи хоҳиши ҳудаш волии Лидия монда, назорати кишварҳои наздибаҳрии Осиёи хурдро бар дӯш дошт. Ташвишҳои давлатдорӣ баръакси чашмдошти Куруш хеле тӯл мекашид. Оқибат баъди қавитар намудани низоми идоракунӣ ва ба вилоятҳои нудогона тақсим гаштани музофотҳои нави забтшуда, инчунин интихоб намудани волиёни эътимоднок фурсати муносиби лашкар кашидан ба Бобул фаро мерасид.

Куруши Қабир дар бораи шаҳри овозадору афсонаосои Бобул қиссаю ривоятҳои зиёде шунида бошад ҳам, аз қазои тақдир онро ягон бор надида буд. Ӯ медонист, ки Бобулро подшоҳону лашкаркашон шаҳри тилоии сарват, тоҷирон шаҳри савдою тиҷорат, қоҳинон шаҳри ниёишу ибодат, зебосанамон шаҳри айшу ишрат, ҳунармандон шаҳри истеъдоду санъат ва ҳатто роҳзанон шаҳри ягмою ғорат мешумурданд.

Ӯ баъди вохӯрии шабҳангому сӯҳбаташ бо Сароё ба воқеаҳои аҳди кӯҳани Бобул ва сарнавишти подшоҳони он мароқ зоҳир карда, аз ҳангомаҳои неку бади ин шаҳри куҳанбунёд воқиф мегашт. Куруш савдогарони бобулию яҳудиро ноаён ба Пасаргод ҷалб намуда, аз миёни онҳо хабарчинону ҷосусон пайдо мекард, аз авзои шаҳри Бобул ва тафсилоти воқеаҳои рӯйдода огоҳ мешуд. Рақобати тезутунди подшоҳи Бобулистон – Набонид бо рӯҳониёни кишвар, ки солҳо боз идома дошт, ӯро водор мекард, ки эътиқоди рӯҳониёну расми ибодатхонаҳои сершумори Бобулро омӯзад.

Куруш аз нақли гумоштаҳою ҷосусонаш пай мебурд, ки Набонид писарҳонди тундхӯю гарданшахаш Валтасарро шарики ҳокимият карда, бехуда подшоҳи шаҳри Бобул нагузоштааст.

аз шоҳу шаҳбону ва саррӯҳонии кишвар дигар касон қариб роҳ намеёфтанд.

Қабати нахустини манора аз мармари сиёҳ ва қири тира рӯкаши мустаҳкаме дошт, ки аз се як ҳиссаи баландии онро фаро мегирифт. Қабати дуввум аз мармари сафед ва ранги оҳарӣ бунёд шуда, қабати саввум аргувонии баланд буд. Қабатҳои чорум ва панҷум нилобӣ ва гулгун буда, қабатҳои шашуму ҳафтумро рӯкаши нуқра ва тилои холис пардоз медоданд.

Боги Муаллақ бошад дар шукӯҳу зебоӣ аз манораи Бобул камӣ надошт. Ин боғи мӯҳташамро Навохудоносор ба шарафи шоҳбонуи мидии дӯстдоштааш Амухеан, ки хоҳари Астиаг ва духтари Киаксар буд, бунёд намуда, яке аз мӯъҷизаҳои нотакрори оламро офарид.

Боги Муаллақ болои чор қабат айвонҳои бузурги зинаосо, ки аз рӯяҳои кӯҳтеппа сар шуда, бар силсилаи сутунҳои мустаҳкамӣ баландиашон тақрибан понздаҳ қади найза[1] такя дошт. Ҳунармандону меъморон болои айвонҳоро бо тахтасангҳои мусаттаҳи яклухт пӯшонида, аз рӯи он як қабат қиру мавбди обногузар рехта буданд. Сипас ду қабат хишти пухта чида, ба рӯяш гач ловиданд ва аз болои хишту гач барои нигоҳ доштани обу намӣ як қабат тахтасурб кашиданд. Аз болои ҳамаи ин ба рӯи зинаайвонҳо қабати гафси хоки замини ҳосилхезро рехтанд, то ки дарахтони бузург ба осонӣ реша давонанду бисабзанд.

Аз қазои тақдир зиндагии ширину осудаҳолонаи подшоҳи Бобулистон Навохудоносор ва маликабонуи нозанин Амухеан дар Боғи Муаллақ то поёни умрашон идома наёфт. Ҳангомаҳои рӯзгор ишқи поку беолоши онҳоро гусаста, миёнашон чудоӣ афканд. Куруш ин қазияро аз асари пурсуҷӯйҳо ва ҳисси кунҷкобиаш ба тақдири Амухеан дарёфта буд. Ва аз он ачабаш меомад, ки як нӯги ришгаи ин бозии тақдир ба сарнавишти пурфочиаи мулки Яҳудия ва подшоҳи вопасини он Сидқиёи бобои Сароё рафта мерасид.

Навохудоносор аз напардохтани андози мулки Яҳудия ва кушишҳои ниҳонии ба Миср пайвастани подшоҳи он Ёҳуёқим

[1] Баландии сутунҳо аз рӯи маълумотҳои таърихӣ тақрибан 27-30 метр будааст.

аз олам гузашт. Рӯҳониёни кишвар аз рӯи анъана писари калонии ӯ Авел-Мардукро, ки аз насаби малика Амухеан буд, ба тахти падараш нишонданд. Аммо зиддиятҳои дохилии мамлакат аз тарафи ҷонибдорони шаҳбону Нитокрис ва қисми рӯҳониёни Бобул авҷ гирифта, баъди ду сол бо табаддулоти давлатӣ анҷом ёфт ва Аввал-Мардук кушта шуд.

Ҳамин тариқ баъди якчанд соли кашмакашҳои дохилӣ ниҳоят тахти Бобулистон насиби Набонид гашт[1], ки ҳамчун сиёсатмадори зирак ва ҳокими корозмуда дар аҳди Навохудоносор шӯҳрат дошт. Набонид баъди паймони ниҳонӣ ҳамсари бевамондаи Навохудоносор шоҳбону Нитокрисро ба занӣ гирифт ва писари ӯ Валтасарро расман писари худ хонда, тахти шаҳри Бобулро ба ихтиёраш гузошт. Аз асари ин никоҳ мавқеи Набонид дар миёни аҳли дарбор устувор гашта, нуфузаш афзуд. Риштаҳои нозуки хешутаборие, ки дар аҳди Навохудоносор ва малика Амухеан миёни Бобул ва Мод паймони сулҳ ва робитаҳои осоиштаро нигоҳ медошт аз қазо гусаст. Ва давлати Мод бо омадани Куруш дар симои Набонид як рақиби тавоно, корозмуда ва дурандешу оқилро пайдо кард.

ИДИ СОЛИ НАВ

Фасли баҳор фаро мерасид ва ҳафтаҳои вопасини зимистони соли 540 то мелод сипарӣ мегашт. Пас аз моҳи тираю туманолуди фасли сармо шаҳри Бобули овозадор бо соли кӯҳан видоъ намуда, рӯзҳои гарму пуранвори офтобиро истиқбол мегирифт.

Корвони уштурони пурбор ва дастаи савдогарони гуногунлибосу мухталифқиёфа бо аспу улавашон аз дарвозаи Иштар вориди Бобул гардида, сӯи корвонсарою бозорҳои пурғавғо мешитофтанд. Онҳо хабар доштанд, ки подшоҳи Бобулистон - Набонид баъди дах соли манъ кардани ҷашни соли нав[1], ба шарафи галаба аз болои бадавиҳои Араб пешвозгирии ин идро боз рухсат додааст. Савдогарони шитобзадаву ҳарис садои зангулаи ушутурҳояшонро дар хиёбони васеи Айбуршабум ду-

[1] Набонид ба тахти Бобул соли 556 то мелод нишастааст.

[1] Катибаи Солномаи Бобул дар бораи Набонид хабар медиҳад, ки подшоҳи Бобулистон Набонид ба хотири сохтани муҷассамаи худон волотабор Сино, маъбади Эхулхул ва афзудани нуфузаш дар миёни рӯҳониён дах сол пазироии Соли Навро манъ карда буд (нигр. Хрестоматия по истории древнего Востока. - М., 1980. - С.22).

- Озурда мабош, шоҳам! - бо лабханди ишваомез таскин дод Нитокрис. - Солҳо бе навозиши падар монда, дар ҳалқаи коҳинони ҳангомаҷӯй талош варзидан ба ҳулқу атвори шоҳзода асар қардааст. Вагарна, меҳраш ба шоҳам пойдор аст.

- Ба меҳру садоқати шоҳзода гумон надорам, - андешаҳои ниҳониашро изҳор намуд Набонид. - Аммо хомӯшию чеҳраи хирааш маро нигарон кардааст.

- Мардуми Бобул дах сол боз Соли Навро бо дастури шоҳам пешвоз намегирифт, - бо надомату малулӣ гуфт Валтасар. - Подшоҳ аз ҷанг бозгашту дарҳол ба пазироии Соли Нав фармон дод. Ва ин кор оҳанге гирифт, ки гӯё сабабгори асосии баргузор нагаштани ин ҷашни бошукӯҳ Валтасар бошад...

Шоҳбону Нитокрис аз дуруштии гуфтори Валтасар таконе хӯрду сӯи Набонид маъюсдорона нигариста, лабханди малеҳе намуд. Набонид бо захрханд ҷоми шаробро ба рӯи миз ниҳоду оромона гуфт:

- Ин дастур бо баҳонаи анҷом наёфтани сохтмони намозгоҳи Эхулхул содир шуда бошад ҳам, ҳадафаш аз сарнагуншавӣ эмин доштани тахти шоҳзодаи хурдсол буд. Баъди сари Амел - Мардук - писари қалонии Амухеан боз ду писари дигари ӯ саркашони маснади шоҳӣ буданд. Онҳоро ба зиндон афканда, ҷашни Соли Навро боздоштем, то ки ҳангоми дар набарди Арабистон будани ман қасеро ба подшоҳӣ напазиранд.

- Рост, - сухани ӯро тасдиқ намуд Нитокрис.-Душманони ниҳонии мо бо дастгирии коҳинони намозгоҳи Эсагил чандин бор кинаи ошӯб хезондан доштанд, вале бо иноятн олиҳа Иштар онҳоро дошта несту нобуд кардем.

- Ин хатар ҳоло ҳам барҳам нахӯрдааст, шоҳбону, - аз дастгирии малика болид Набонид. - Вале бими аз он бузургтаре пеш омада, ки моро ба созиш бастан бо душманонидерина водор месозад. Медонӣ, он чӣ бимест, Валтасар?

- Тохтани Куруши Кабир.

- Ёфтӣ, офарин! - таҳсин хонд Набонид. - Подшоҳ бояд задани шаҳраги бозиҳои душманонашро донад, вагарна зуд ба иштибоҳ роҳ медиҳад. Куруш ҳамаи ориёиҳои қаламрави Осиёро гирд оварда, имрӯз тавонотарин лашкари оламро зери ҷигин дорад. Чанд сол аст, ки низоми роҳбарӣ ва роҳдории қаламравашро низ ҷо ба ҷо мегузорад. То кунун тахти васояти ӯ хаддаҳ кишвар аст, ки баъзеаш баробари Бобулистон меояд.

гӯшт, моҳию ҳасиб, меваю сабзавот ва кӯзаҳои шаробу майҳои нобро ройгон тақсим менамуданд.

Сокинони сархуши Бобул аз хумҳои шароби ройгон чалаку коса ва ҷомҳоро пур карда менӯшиданд ва дар ҳавои мусиқии тарабафзой рақсу бозӣ мекарданд. Раққосаҳои нимурён дар миёни издиҳоми бавақдомада китфу сина ҷунбондаю суринҳоро ларзонда, онҳоро шефтаю волаи худ мекарданд.

Сарбозони олуфтаи фориғ аз ташвишҳои набард зару зеварҳои ганиматро бедареғ сарф карда, дар канори дӯшизаҳои ишвабоз бӯса рабудаю ком ситонда, хастагии деринаро аз тан мебаровардаид. Савдогарон дар растаю бозорҳои серодам хумҳои шароб ва бору колоҳои идонаашонро ба фурӯш гузошта, аз суди дидаашон ҳаловат мебурданд. Кӯдакони сарлучу нимурён пораи нон ё гӯште бар даст аз миёни издиҳом роҳ кушода, бо шавқу кунҷкобии тамом аз базму бозиҳои идона чашм намеканданд. Аз байни одамони хушҳолу бепарво чандин бор симои ошнои Ойбар ба назар мерасид, ки ҷомаи дарозу сиёҳи коҳинон бар тан сарпӯши ҷомаро то болои абрувонаш кашида, дар чорсӯю кӯчаҳои Бобул қадам мезад.

Подшоҳи овозадори Бобулистон Набонид ҳамроҳи шоҳбону Нитокрис савори гардунаи чаҳораспа дар хиёбони марказии шаҳр издиҳоми одамони ду тарафи роҳро шодбош гуфтаю даст афшонда, сӯи ибодатхонаи Эсағил роҳ мепаймуд. Аз паҳлӯи онҳо шоҳзода Валтасар савори таковари хушзоти арабӣ бо эҳсоси хушҳолию ғурур асп ронда, худро ҳукмдори ягонаи шаҳр мепиндошт.

Набониди шӯҳратёру зафарпеша бори дуюм ба 53 ибодатхонаи хурду бузурги шаҳри Бобул қурбонӣ ва назру бахшишҳо нисор намуда, ҳамроҳи маликабону ва писархондаш ба зиёрати ҳафт тан худои тавоно - ҳомиёни шаҳр ва тахту тоҷи шоҳӣ мерасид. Ин худоёни ҳафтгона, қабл аз ҳама падарбузургу ҳомии худоён Бэл-Мардуки олитабор ва ҳамсари ӯ олиҳаи ишқу зебоӣ Иштар, фарзандони онҳо худои ақлу хирад Набу, худои офтобу адолат Шамаш, худои моҳтобу дониш Сино, худои ҷангу ҳомии оташ Нергал, худои хушбахтию неруи таҳамтанон Забоба буданд, ки Набонид аз онҳо мададу ёварӣ ҷуста, барояшон назру ниёз мебахшид.

Пешопеши қофилаи подшоҳ чорчиён нидо меангехтанд ва аз думболи онҳо се қатор посбонҳои савораи сафбаста роҳ кушода, мардумро ба ду тарафи кӯча чафс мекарданд. Аз паси гардунаи

солхӯрда табассуми нарме шукуфид. Ӯ баъди ваъзи тӯлонӣ гӯё расидани нақотбахши қавмашро медиду ҳарфе ба забон оварда наметавонист. Дар пилкҳои варамидааш ашк ҳалқа зада, аз бӯсаборони ду дилдода чашм намеканд.

Аз бухурдон дуди нарму форам мехест. Аз гӯшае фармондори ибодатхонаи Эсагил - Набу-шум-усури сиёҳпӯш ба пайкари пахлавононаи Ойбар шубҳаомез нигариста, ноаён худро қафо кашид. Ибодатгарон ба сукут рафта, ба худ омадани дилдодаҳоро интизор буданд. Аммо Сароё гардани варзидаю китфони тавонои Ойбарро сар надода, аз лабонаш бӯса болои бӯса меситонду парвое аз маросими ибодату ибодатгарони ошуфтаҳол надошт.

«ҲАРЧӢ БОДО БОД!»

Тирамоҳ баъди гармиҳои тоқатфарсои тамуз бо насими ҳаловатбахшаш фаро мерасид. Куруши Кабир савори таковари сафед дар миёни фавҷи лашкараш аз воҳаҳои ҳанӯз ҳам сабзу ҷо-ҷо хазонрасидаи Гутиум убур намуда, сӯи шаҳри овозадори Бобул асп меронд. Ӯ дар тайи чанд соли охир пуррапайкару солортар гашта, ба мӯи баногӯш ва риши мавзунаш ягон-ягон тораҳои сафедӣ афтода буд. Аз паҳлуи ӯ Гаубру асп меронд, ки дар дил аз худсарию озорҳои нобарҷои Валтасар кинаи дерина дошта, аз расидани фурсати муносиб ҳаловат мебурд.

Аммо Куруш ҳавотирие дар замир дошт. Ӯ хуб медонист, ки Набонид аз ҳамаи подшоҳону лашкаркашони то ин дам вохӯрдааш тавонотару зиракгар ва маккортару дурандештар аст. Гумоштаҳою ҷосусонаш ҳангоми убур намудани марзҳои канории Бобулистон хабар оварданд, ки Набонид аз сарҳадшикании Куруш огоҳ шуда, бо фавҷҳои сипоҳи савораю пиёда ва гардунаҳои ҷангиаш ҷониби ӯ меояд.

Аз Ойбар низ дар ин чанд моҳи ба Бобул рафтанаш танҳо як пайк расида буд, ки сиҳату саломат вориди шаҳр шудан ва бо коҳинони яҳудию рӯҳониёни ибодатхонаи Эсагил робита пайдо карданашро хабар медод. Самти ҳаракати лашкари Набонид ва чи гуна ҷараён ёфтани муҳорибаи дар пеш истода ҳанӯз барояш номаълум буд. Ӯ дар зоҳир сиёсату салобати шоҳона ва оромию тамкини ҳамешагиашро нигоҳ дорад ҳам, дар асл рӯ ба раҳми худо оварда пеш мерафту медонист, ки аз даҳрӯзаи дуюми тирамоҳ сатҳи оби Даҷла мефурояд ва гузаштан аз он осонтар мегардад.

мерасонд. Меъморону ҳунармандонро водор менамуд, ки устувории бурҷу тиркашҳо ва тобоварии дарвозаҳои чаҳор самти қалъаро гаштаю баргашта озмоянд. Посбонҳои қалъа ва дидбононии дарвозаҳоро низ сечанд афзуда, рафтуои мардумро ба беруни шаҳр рухсат намедод.

Базму бозиҳои бошукӯҳе, ки Набонид як моҳи дароз барои мардуми Бобул барпо карда буд, нуфузу эътибори ӯро чандон набардошт. Ҳангомаҷӯён дар кӯчаю бозор кирдорҳои Набониду писарҳондаш Валтасарро наҳ зада, Куруши Кабирро ҳамчун шоҳаншоҳи адолатпешаю раиятпарвар ситоиш мекарданд. Қавму қабилаҳои озордида, алалхусус яҳудиён, ки солҳо боз дар гӯшаҳои дурдасти шаҳр дар шафати канали Кебар зиндагии фақиронае ба сар мебурданд, дар симои Куруш ҳомии озодиро дида, ба ҷонибдории ӯ мехестанд. Норозигию шӯру ошӯбҳо дар шаҳр авҷ мегирифт, бенавоёну қарздорон хонаҳои мӯҳташами дороёну судхӯрон ва дӯконҳои савдогарони беинсофро оташ мезаданд.

Валтасар чанде аз шӯру ошӯбҳоро фурӯ нишонда, ошӯбгарону гарданкашонро ҷазо медоду қатл мекард, бенавоёни лаҷомгусехта ва касони исёнпешаро ба зиндон меафканд. Аммо дар ҷавоб исёну ошӯбҳо дучанд афзуда, дастадаста саркашону интиқомҷӯён қавмҳои азиятдидаро бар зидди Валтасар мехонданд. Вазъи шаҳр рӯз то рӯз тезутунд мегашт ва алангаи ноҳизи заддухурде басанда буд, ки оташи исёни доманадоре саросари Бобулро фаро гирад.

Валтасар дар қасри мӯҳташамаш ба худ мепечиду аз қаҳру газаб дандонҳояшро соида намедонист чӣ чора андешад. Хабари ҳуҷуми Куруш, ки ҳафтаҳо боз ваҳму ҳарос меафканд, ба ҳангомаи исёну бетартибиҳои шаҳр зам шуда, асабашро хастаю хароб мекард ва хобро аз чашмаш мерабуд. Бо чеҳраи заҳиру рангпарида қадаҳи тилоӣ дар даст, якчанд ҷуръа шароб менӯшиду аз тахташ бо хашму ситез хеста, дар саҳни қаср қадам мезад.

Ӯ эҳсос мекард, ки дар сари дуроҳаи тақдир қарор дорад ва намедонист кадом роҳро интихоб намояд. Бар зидди сокинони исёнпешаи шаҳр бичангад ё ба муқобили Куруш омодагӣ дида, дар паси қалъаи фатҳнопазири Бобул ҷанги беамонро интизор гардад. Ҳуҷуми Куруш низ ба таъхир афтода, интизориии тӯлонӣ сабру қарорашро мерабуд. Сараш аз хаёлҳои гарон ба дард меомаду чарх мезад ва оқибат баъди андешаҳои зиёд бошиддат каф кӯфта, надими хосаашро даъват менамуд.

Хасбу-Бэл-Усур. - Аз афташ Куруш дар миёни онҳо гумоштаҳои худро дорад.

- Хаёлам ҷосусони ӯ кайҳо боз дар Бобул гаштугузор доранд, - тахмин зад хазинадор. - Аз рӯи овозаҳои кӯчаю бозор бисёриҳо Курушро шоҳаншоҳи одил хонда, дар симои ӯ пуштибону ҳимоятгари худро мебинанд.

- Рост, - тасдиқ намуд фикри ӯро Набу-Шум-Усур. - Ман ҳам шоҳиди ҳол будам, ки Эзрои коҳин дар куништ аз зулми подшоҳони Бобул раҳидани яҳудиёнро пешгӯӣ мекард...

- Савдогарони яҳудӣ кайҳо боз ба назди Куруш рафтуо доранд, - аз ҷой хеста хаёломез қадам зад саррӯҳонӣ. - Ва ҷои шубҳае нест, ки ҳамаи хабарҳои даркориро ба ӯ мерасонанд.

- Ба сари баъзе нохалафон андешаи хиёнат кардан кайҳо роҳ ёфтааст, - гапи ӯро қувват дод хазинадор. - Чандин тоҷирони бонуфузи хонадони Эгиби дар Экбатана ва Пасаргод ҳавлӣ харида, дӯконҳои боҳашамат кушодаанд.

- Баъзе савдогару ашрофзодаи нобакор сӯи Куруш гаравида бошанд ҳам боке нест, - таскин дод онҳоро фармондори маъбад. - Мардуми оддию заҳматкаши Бобул шаҳрро ҳимоят хоҳанд кард.

- Мардуми оддию заҳматкаш? - хандид тамасхуромез хазинадор. - Ҳимоятгаратро ёфтӣ, Набу! Халқи бечора дар гами пайдо кардани як пора нон аст. Барояш чӣ фарқ дорад, ки хидматро ба хоҷаҳои бобулиаш мекунад ё хоҷаҳои ачнабӣ?

- Ҳаволаи халқ ба худо! - гашта ба чояш нишаст саррӯҳонӣ. - Чӣ мешавад, ки ба хотири пешгирии ҷангу хунрезӣ бо Куруш робитаи ниҳонӣ бандему сармояи ибодатхонаро аз горат шудан раҳонем. Охир дар хазинаи мо ҳаштсад талант тилои холис ниҳон аст.

- Андешидан даркор, ... бо хавотирӣ сӯи муҷассамаи тилоӣ нигарист хазинадор. - Оё Куруш ҳимояи сармояи ибодатхонаҳоро кафолат медода бошад?

- Кафолат медиҳад! - гуфт дилпурона саррӯҳонӣ. - Ба шарте аз мо дастгирӣ бинад.

- Қалъаи Бобул фатҳнопазир аст, - ба пирӯзии Куруш шак овард фармондор. - Хаёлам Куруш ҳар қадар тавоно бошад ҳам, дар паси деворҳои қалъаи шаҳр дармемонад.

- Хато мекунӣ, Набу! - ӯро наҳ зад саррӯҳонӣ. - Бобул аз дохил кайҳо шикастаю пора гаштааст. Ягон истеҳкоми қавӣ ва деворҳои раҳнанопазир дигар онро наҷот дода наметавонад.

чарминадӯхте халалдор месохт, ки то соқаш ба замин гӯтида нақши ноҳамворашро аз думбол реги равон мепӯшонд. Роҳиби хастаҳоле бо хилъати сиёҳи офтобсӯхта, асои дарозе бар даст, сарпӯши хилъаташро то рӯи абрувонаш қашида, аз рӯи хомаҳои реги биёбон пеш мешитобид. Ӯ лаҳзае истода, ба уфуқи дуродур чашм медӯхту кадуи обгириашро ба лаб ниҳода бо култ обе кому забонашро тар мекард Дар нигоҳи аввал шинохтани Ойбар душвор буд: мӯи сараш чӯлидаю хоколуд, ришаш дарозу анбӯх, чашмонаш хастаю фурӯрафта, сару рӯяш арақшору лабҳояш парсингбаста. Ӯ сипас кадуро эҳтиёткорона ба миёнбандаш овехта, чашмаш ба сусмори беҳол дастаи ханҷару кордашро мепаймосиду кулоҳашро ба сар кашида, пайкарашро кашолакунон сӯи офтобшин раҳсипор мегардид.

Офтоб ба самти уфуқ мегаравид, аммо шиддати гармои огози тирамоҳ ҳанӯз накоҳида буд. Ойбар аз рӯи мавҷи тӯдаҳои реги равон торафт пеш мерафту пайкари сиёҳпӯшаш дар кафи биёбони паҳновар басо ҳақиру назарногир менамуд.

Шабистони Куруш низ гарму нафасгир ва нимторик буд. Дар гӯшаи рахти хоб шамъе месӯхту партави хираш ба силоҳи ҷангӣ- кулаххӯду ҷавшан, сипару шамшер, ханҷару бозубанди рӯин афтода, асроромез ҷило медод. Куруши Кабир пероҳани сабуки шабпӯшӣ бар тан рӯи бистар ёзида, аз ғояти хоби ноором бар ҷабинаш донаҳои арақ метаровид. Ӯ хоб медид ва аз асари хоби ногувор лабҳояш ба ҷунбиш омада, рухсораҳо ва пилки чашмонаш кашиш мехӯрданд.

Ӯ дар биёбоне танҳою беёвар аз миёни хомаҳои рег савори аспи сафеде пеш мерафт. Сарбозони паҳну парешонаш худро ба чаҳор тараф зада, аз ҳамлаи гармсели шадид раҳидан мехостанд. Аспи Куруш бадхашмона шиҳа мекашиду аз огӯши мавҷҳои реги равон пеш метохт ва савори ташнаю хастаҳолашро аз сафи парешони сарбозон дур мебурд. Тундбод фигон мекашид ва мавҷҳои рег ҷавлон мезаданд. Аспи сафед бо чорхези тезу тунд хомаҳои регро убур намуда, савори мадхушу ташнакомашро пеш мебурд.

Ачабо, хомаҳои рег не, кӯҳаҳои мавҷи дарёи дамоне аз пешорӯяш падид омад. Куруш аз ҳайбати мавҷи дарё лаҷоми тавсапашро кашида, музтарибҳолона ба соҳили муқобил менигарист. Аз пуштакӯҳи соҳили рӯ ба ру дӯшизаи пероҳани сафедпӯше сӯяш даст афшонда, ӯро аз убур намудани дарё боздоштан мехост. Куруш аз дур Томириси сафедпӯшро шинохт

мекашид. Ӯ сарпӯши хилъати рангаш коҳидаро то баногӯш хамонда, хастаҳолона пинак мерафту кӣ будани худро ба касе ошкор намесохт. Посбонону муҳофизони роҳ нусхаи тилоии мӯҳри хосаи Курушро дар дасти ин роҳиби ношиносу хастаҳол дида, бо тааччубу ошкоро ӯро сӯи хаймаи шоҳаншоҳ ҳидоят мекарданд.

Фурсате нагузашта роҳибро ба дарун хонданд. Ӯ дар остони хайма кӯлоҳашро ба пушт афканду таъзимро ба ҷо оварда ба истиқболи Куруш шитофт. Куруш дар нигоҳи аввал роҳиби сиёҳпӯши логарандому офтобсӯхтаро нашинохта, аз густохии ӯ ҳайрон шуд. Ногоҳ аз лабханди самимӣ ва чашмони лабрези меҳри ӯ Ойбарро дарёфта, сӯяш оғӯш кушод.

- Рӯзғори шоҳаншоҳ дарозу тахту бахташ поянда бод!

Ойбар?! - бо лаҳни пурҳаячон сӯи дӯсташ хитоб намуд ӯ. - Кам монда буд, ки нашиносамат! Ҷомаи роҳибона пӯшидай?

- Пинҳонкорӣ водошт, шоҳаншоҳам, - худро ба оғӯши Куруш афканд Ойбар. - Роҳҳои Бобул басо хатарноканд, посбонони Набонид ҳамаи гузаргоҳҳои рафтуороро печонида касеро раҳо намесозанд.

- Ту чӣ гуна омадӣ?

- Аз бероҳаҳои биёбон гузаштам. Чанд бор роҳгум зада, аз гояти ташнагӣ наздик буд нобуд шавам. Сипос худойро, ки сардобаи камобе пайдо кардаму ҷонам раҳид.

- Ман туро дер боз нигарон будам, Ойбар, - бо дилсӯзӣ ба сару андоми дӯсташ менигарист Куруш. - Хавотир шудам, ки мабодо ба чанги Валтасар афтода бошӣ.

- Дарвозаҳои Бобул саросар бастаанд, шоҳам. Касе рухсати ба шаҳр даромадану берун рафтан надорад. Ман бо ёрии саррӯҳонии ибодатхонаи Эсагил ба душворие аз Бобул раҳидам.

- Саррӯҳонии ибодатхона? Ба чӣ хотир ёрӣ дод?

- Бо шоҳам паймону созиш бастан мехостааст. Метарсад, ки ҳангоми огози ҷанг ба ибодатхонаи Эсагил осебе нарасад... Дурусттараш бойгарии намозгоҳ ба тороҷ наравад.

- Хеле хуб! Мо ба созиш бастан омодаем ва ба амнияти рӯҳониёну ибодатхонаҳо кафолат медиҳем. Ба шарте ки мададу ёвариро аз мо дареғ надоранд.

- Ин пайғомро аз номи Шумо мерасонам...

- Авзои Бобул чӣ гуна аст? Метӯянд шӯру ошӯбхо боло мегирад?

- Таковари сафеди ман хомахои реги биёбонро гузар карда, худро ба дарёи пурталотуме мезанад,- манзараи хоби дидаашро ба ёд меовард Куруш. - Аз қазо дар соҳили рӯ ба рӯ девори бузурге падид меояд, ки аз он гузаштан амри маҳол аст. Таковари сафед ғарқ мешаваду ман бо азобе аз коми дарё мераҳам...

- Чи хобе ! Пешгӯии бим аст...

- Аз бими ин хоб тарсида бедор шудаму шаби дароз андешидам. Дами бомдод ғанабам бурдааст.

- Ҳурмузди накӯрой нигаҳбонат бод! Шоҳаншоҳам ба чӣ дид омад?

- Набонидро бо роҳи худаш гӯл мезанем, - баъди каме сукут нақшаи пешакиашро баён намуд Куруш. – Пасгарди лашкари мо дар фарози кӯхтеппаҳои сӯи гузаргоҳи рӯди Дачла хиргоҳ зада, худро пеш аз тохт омодаи дамгирӣ вонамуд месозад. Набонид сипоҳи моро аз дур дида ба осудагӣ омодагии набардро мебинад. Ва мо душманро дар ғафлат мегузорему ба тезӣ аз сӯи ғарбии девори бузурги Мод биёбонро чарх зада, аз пушти Набонид ба роҳи Бобул мебароем.

- Ба пиндорам ҳадаф гусастани пайванди лашкари Набониду Валтасар ва ба даст овардани роҳҳои асосии Бобул аст.

- Ёфтӣ, Ойбар. Ба болои ин сипоҳи Набонидро ноаён печонида роҳи ҷосусону гумоштаҳоямонро мекушоем, бо ошӯбгарону ранҷдидаҳо ва душманони деринаи подшоҳи Бобул созиш мебандем.

- Нақшаи хуб аст, - каме ба андеша рафт Ойбар. - Вале гузаштани биёбони беоб барои лашкар хатар дорад.

- Кору пайкор ҷонбозиро меписандад, на бечигарию андешаро, Ойбар! Роҳбаладону дастаи машкобҳоро пештар фиристода, водор месозем, ки дар тиҳигоҳҳои сазовори роҳ об пасандоз кунанд.

- Дигар чои даранг нест, шоҳам! Фурсате пеш ба роҳ афтодан ба суди мост...

* * *

Садои таблу нақора ва хурӯши шайпуру карнай аз болои кӯхтеппа шӯр меандохту фазои рӯди пурталотуми Дачларо пахш карда, ба паҳнои лашкаргоҳи Набонид мерасид. Сарлашкарону сипоҳиёни пешсафи Набонид, ки аз интизории тӯлонӣ дилгир шуда буданд, аз расидани пайки лашкари Куруш қадре барошуфта, бо рӯҳбаландӣ омодаи набард мегаштанд.

нӯшиду аспашро маҳмез зада, сӯи регистони паҳновар шитофт. Ҳамсафони ӯ низ машкро осемасар ба даҳон бурда, раҳорах об менӯшиданду аз думболи шоҳаншоҳ асп метозонданд. Роҳбаладону сарбозони ҳайратзада аз паси Куруш ва сарлашкарони ӯ бо ҳавас менигаристанду ба шоҳкосаи заррини рӯи рег фитода эътиное намедоданд. Сарбози шӯхе шаҳкосаи ҳанӯз обдоштаро аз рӯи рег рабуду ба сари ҳамсафи андешамандаш ниҳод. Оби шаҳкоса ба сару гардани сипоҳии гафлатзада рехту хандаи ҳозирон авҷ гирифт.

Фавҷи сарбозони савораю пиёда рӯзи сеюм ҳам ба гармои офтоб эътиное надода, аз васати биёбон пеш мерафтанд. Хомаҳои реги равон дар зери қадами онҳо нолиши гӯшхароше ангехта, аз вазиши боди мухолиф латмаю ҷунбишашон меафзуд. Гармсел шиддат мегирифт, мавҷҳои рег ба тапиш афтода, нӯлаи ҳавлангезе мекашиданд.

Аспҳои роҳкӯфтаю ташнаком бо тани арақшор аз миёни регистони нопайдоканор пеш мехазиданд. Сарбозони пиёда низ мадорашон коҳида, пойашонро аз болои реги тафсида хастаҳолона кашола мекарданд. Тундбоди биёбон бо мавҷи регу гармсели ҷигарӯзаш ба лашкари савораю пиёдаи Куруш ҳамла меовард. Бардорузан ва гирудори шадиди регистони пурталотуму сипоҳиёнро роҳнаварда дар гармои шадид тӯл кашида, дар симои сарбозони пешсаф ноумедӣ падид меомад.

Сарбозе аз по афтоду дигар мадораш ба хестан нарасид. Ҳамсафи ӯ низ қадаме чанд калавида, худро ба замин партофт. Сафи номавзуни талояи пешсаф аз рафтан бозистод. Куруши Кабир ба фавҷи пиёдаҳои думболаш лаҳзае чашм дӯхту дилпурона аз аспаш фуромада, парчамро аз дасти садсолор рабуд. Сарбозони фитода аз ин рафтори шоҳаншоҳ ба ҳарос афтода, рӯи рег метапиданду расидани маргро чашмдор мегаштанд. Аммо Куруши якеро хезонда ба по монду сарбози дигареро болои китф бардошта, парчами парафшон бар даст дар сафи пеши сипоҳи талоя ба роҳ даромад.

Фавҷи сипоҳи пиёдаи ҳайратзада таконе хӯрда, аз паси шоҳаншоҳ раҳсипор гаштанд. Ба ҷисми онҳо хаёле мадор медамид ва гомзаниашон устувору қатъитар мешуд. Рӯҳбаландии талояи пешсаф ба пиёдаҳои думболаш асар карда, фавҷҳои қатори садсипоҳӣ аз парчами ҷилвагари шоҳаншоҳ хаёлс нерӯи тоза мегирифтанд.

Офтоби сӯзон сӯи уфуқ майл карда, ба домани регистон ме-

гии лашкари Набонид пай бурда, аз рӯи нақша тадбирҳои ҷавобӣ меандешиданд. Аз рӯи фарзу тахминҳо дар пешорӯи онҳо ду роҳ буд. Агар Куруш бо фавҷи лашкари савораю пиёдааш биёбонро бо шитобу ҷадал паймуда, аз ақибгоҳи Набонид сипоҳи душманро иҳота намояд, онҳо мебоист якбора аз чандин самти дарё ба ҳуҷум гузашта, дар сафи душман парешонию парокандагӣ меоваранд. Вагарна дар ҳолати акс бошишгоҳашонро фавран тарк намуда, ба самти ғарбии девори Мод мешитофтанд, то ки дар интиҳои фарсанги панҷоҳум[1] ба думболи неруи асосӣ бипайванданд.

Бесаранҷомии сипоҳиёни Набонид ба онҳо низ асар мекард. Пиёдаҳои пешсаф саночи шиноварии аз пӯсти гӯсфанд дӯхтаашонро ҳаво дамида, ба убури дарё омодагӣ медиданд. Гардунадорон гӯлачӯбҳои тарошидаро дуҷуфтӣ мебастанду амадпораҳои нотамомро ба гардунаашон бор карда, ба соҳил мерасонданд. Дар миёни лашкари ҳарду соҳил изтиробу хавотирӣ меафзуд, аммо ҳеҷ яке аз онҳо нахустин шуда ба гузаштани дарё ҷуръат намекард.

Дар шоҳроҳи тӯлонии Бобул бошад гардунаҳои қатор ва аспу улавҳои боркаш дар иҳотаи посбонони савораи бобулӣ сӯи бошишгоҳи Набонид мешитофтанд. Оҳанги якнавохти нолаи чархи гардунаҳо ва садои суми аспу барзагонҳои таҳамтан як эҳсоси хобовару хастакунандаеро дар вуҷуди саворон меангехт. Аммо каргасҳои фазои ниландуда, дар болои сари саворону улавҳои боркаш бол афшондаю қийгоси хавотиромез кашида, аз пешомади ногуворе хабар медоданд.

Баногоҳ савораҳои Куруш аз паноҳгоҳи ду тарафи роҳ хурӯш ангехтаю асп тозонда, дастаи посбонон ва ходимони боркаши Набонидро иҳота намуданд. Аспҳои турида худро ба роҳу бероҳа мезаданд, гардунаҳо чанде ҷастухез карда, аз девонавор тохтани улавҳо чапагардон мешуданд. Посбонҳои ғафлатзада аз ҳамлаи ногаҳонӣ саргаранг шуда, бетартибона муқобилият мекарданду ба чаҳор самт фирор менамуданд.

Фурсате нагузашта савораҳои Куруш посбонҳоро торумор намуда, гардунаҳои боркашро бо маводи озуқаю лавозимоти ҷангиашон ганимат гирифтанд. Шоҳроҳи Бобул ва роҳҳои асосии корвонгард ба ихтиёри онҳо гузашт. Танҳо чанд посбони сарсахти Набонид, ки таковарҳои чобукпой доштанд, аз

[1] Як фарсанг тахминан 6 км.

қуббаи тиркашҳо тамоми шаб посбонони таҳамтан дидбонӣ намуда машъалҳои бузург месӯхтанд.

Куруши Кабир аз бебарории ҳамлаҳои Гаубру хавотир гашта, пай мебурд, ки бо зӯри сипоҳу набарди ошкоро фатҳ кардани қалъа басо мушкил аст ва талафоти гарон мехоҳад. Ӯ ба часади оғушта ба хуни сарбозон, ки дар остони девори қалъа болои ҳам мехобиданд, бо эҳсоси надомату ҳамдардӣ менигариста намедонист чӣ чора андешад.

Куруш бо ситезу ҷадал дар пешорӯи қалъаи мӯҳташами Бобул асп меронду эҳсос мекард, ки дар тӯли солҳои дарози лашкаркашиаш бори нахуст оҷизу бечора мондааст. Аз гояти бехобӣ сараш дард мекард, фикру хаёлҳои азиятовар аз субҳ боз дар сараш талотум дошт ва нафасе ӯро ором намегузошт.

«Тохтҳои бефарҷомро дароз кашад ё бозлорад? Охир ҷанг бемаргу мир намешавад, модоме ки ба гирифтани Бобул омад, бояд чорае андешад! Манҷаниқҳои секабатаи чархдор созонад чӣ? Онро телакунон ба тани диж танг мекунанду бо ёрии зинаҳо ба девор мебароянд. Не, ин роҳи тохт низ бохтро кам намекунад. Хок кашонида рӯ ба рӯи диж кӯҳтеппае бардорад чӣ? Не, намешавад. Барои хоккашонию барчидани кӯҳтеппа камаш як сол лозим аст. Беҳтараш гирди дижро печонаду бошандагони Бобулро гирифтори ташнагию гуруснагии ҷонсӯз кунад. Охир дами дарёи пурталотуми Фуротро бастан магар осон аст? Кадом одами бохирад азми бастани дами дарё мекунад... Ёфтам!.. Чораи бастани дарёро бо ёрии Ҳурмузди накурой ёфтам!.. Магар шоҳбону Нитокрис дами дарёи Фуротро баста, кӯпруки овозадори Бобулро насохта буд?!»

Куруш аз гояти ҳаяҷон лаҷоми таковарашро сахт кашид. Асп аз силтави ногаҳонӣ хез гирифта сари ду по рост шуду сипас ҷонсарак ба тохтан даромад. Ӯ аз чаҳорхези тезутунди аспаш парвое накарда, бо чашмони нурафшону чеҳраи моломоли шодмонӣ фарёд мекашид:

- Ёфтам!.. Рӯди Фуротро банд хоҳам зад!

Фурсате нагузашта аспи аракшори шоҳаншоҳ дар баробари Гаубру қарор гирифт. Сарлашкари ошуфта аз хушҳолии гайричашмдошти Куруш рамуз бардошта, бо ҳайрати ошкоро сӯяш менигарист. Вале Куруш ин лаҳза аз бозёфташ ботинан меболиду худро хушбахттарин ҳукмдори олам мепиндошт.

- Гӯш кун, Гаубру! - ҳаяҷонашро базӯр фурӯ нишондаю нафас рост карда пурсид Куруш. - Бо дастури Нитокрис ба сӯи дигар гардонидани оби дарёи Фуротро ёд дорӣ?!

мавҷҳо низ қадре баросуда, рӯди Фурот дар нимторикии шом хаёле ба ғанаб мерафт.

Гаубру ба силсилаи абрҳои шафақандудаи домани уфуқ, ки торафт тира гашта пешгоҳи осмонро мепӯшонид, бо қаноатмандӣ менигариста аз фаро расидани торикшаб ботинан меболид. Пардаи тираи шабҳангом коҳидани оби рудро ниҳон дошта, сокинони аз ташвиши рӯз хастаҳоли Бобулро ба осоиши фиребо мехонд.

Алангаҳои гулхан дар пешгоҳи хаймаҳои сипоҳиёни Гаубру лапидаю такон хӯрда, ноаён хомӯш мегаштанд. Сарбозони шалпару хоболуд такя бар дӯши ҳамдигар дода, гирди гулхани хирасӯз пинак мерафтанд. Ситораҳо дар осмони баланд асроромез чашмак мезаданду шаби сарди тирамоҳ тани озурдаи посбонони урдугоҳро ба огӯши хоб мехонд.

Валтасар аз болои бурҷи марказии қалъа, фарози деворҳои баланди Имгур-Бел ва Нимитти-Бел ба вусъати лашкаргоҳи орамидаи

Куруш хавотиромез менигариста эҳсос мекард, ки хастагии бардавоме пайкари афсурдаашро сусту лакот кардааст. Ӯ вақтҳои охир аз даву този набард то ҷое беҳол мегашт, ки сару либосашро накашида рӯи бистари хоб меафтоду чӣ гуна рӯз шудани шабро пай намебурд.

Ӯ савори гардунаи дуаспаи тегадор аз болои девори Имгур-Бел дартоз пеш мешитофту ҳолати ҷангии манҷаниқу арродаҳои сангафкан, дегҳои бузурги қатрон, гулулаҳои нафт ва вазъи посбонону сарбозонро аз назар гузаронда, эҳсос мекард, ки аз ин набарди якрангу дилгиркунанда хастагиаш торафт меафзояд. Дар бурҷи манораи Бобул ситорашиносон ва толеъбинон устурлобҳои худро ба самти осмон рост карда омодаи мушоҳида кардани ҳаракати ситораҳо мешуданд. Дар урдугоҳи Куруш низ ҳаракати ноҷое ба чашм намерасид.

Соате нагузашта Валтасар дар ҳарамсарои хосааш андаруни тоси бузурги мӯломоли оби ширгарму гиёҳҳои хушбӯй ёзида буду ходимаҳои мавзунпайкари чобукдаст аз ду тарафи тос нишаста сару сина, дасту пой ва рагҳои бадани ӯро мемолиданд.

Шустушӯйу масҳ анҷом ёфт ва тани урёни Валтасарро бо шоли нафиси мисрӣ печонида, ба сари хони кабобу шароб оварданд. Валтасар хӯроки шабро аз нӯшидани шароби рӯҳафзо шурӯъ кард. Дӯшизаи нимбараҳнае синаҳои тарангашро ба тани ӯ соида ба ҷӯмаш шароб мерехту ишваомез су-

- Ту аз кучо пайдо шудӣ, шумқадам? Чаро берухсат ба ҳарами ман даромадӣ?!

- Ман бароят пайки марг овардам, номард! - ситеза намуд Гаубру ғолибона.

- Пайки марг? Гум шав аз чашмам! - аз ғояти газаб-дод зад Валтасар.

- Дод мазан, сагбача! – нӯги шамшерашро ба гардани ӯ зер кард Гаубру. - Вагарна саратро аз бех меканам!

- Сарамро меканӣ? - аз густохии Гаубру бештар мешӯриду ботинан ҳайрон мешуд Валтасар, – Бархато рафтӣ, палид! Дар бехи зиндон мепӯсию хунатро шабушку кана мемакад.

- Рӯзгори хуши босафоят гузашт, сагбача! - дар бехи гардани ҳарифаш рахи хундаве кашид Гаубру. - Хез аз ҷоят, номард!

- Маро дашном медиҳӣ? - ночор бо шӯру ситез хест Валтасар. - Гир шамшератро, нобакор!

Аз ҳад магузар, Валтасар! - бо чашмони хунгирифта таҳдид намуд Гаубру. - Ҷонат дар чанголи ман аст!

- Дарего ки он рӯзи рафта туро зери тозиёна гирифтаму сар назадам! - аз бартарии ҳарифаш таассуф мехӯрду меларзид Валтасар.

- Осиёб ба дов аст, ҳаромзода! - ғолибона нидо ангехт Гаубру. - Имрӯз тахту бахтат сарнагун меравад, коҳат ба коми оташу хок яксон мегардад!

- Ҳаромзода худат! - бехудона ҳамла овард Валтасар, вале аз ҳайбати шамшер шасташ гашт. - Гапатро шумурдаю баркашида зан!

- Шумурдам, баркашидам ва охир дарёфтам[1], ки шоҳӣ сомон меёбаду сар аз танат ҷудо мешавад!

- Сари ту ё сари ман?! - даст ба шамшери канори бистар бурд Валтасар.

- Сари бемағзи ту, ки зӯри шумурдану баркашидану ҷудо кардани неку бадро надорад! - аз қасди ногаҳонии Валтасар барошуфт Гаубру.

Валтасар ҳанӯз фурсати ба силоҳ чанг андохтан наёфта, Гаубру шамшерашро бардошту бошаст ба буни гардани рақибаш зад. Пайкари шоҳи якрав такони шадиде хӯрду якпаҳлу ба рӯи бистар афтод. Ҷасади нимачони ӯ метапиду пероҳани

---

[1] Ибораҳое, ки аз рӯи он Дониёли набӣ коҳинони яҳудӣ интиқоми давлати Бобулро пешгӯӣ кардаанд.

ороста буданд. Дӯшизаҳои хушлибос ва ҷавонони навхат бар даст сабадчаҳои гул ва навдаҳои тару тозаи нахл бетоқатона ба шоҳроҳи серодам менигаристанд.

Куруши Кабир савори таковари сиёҳмушкин дар иҳотаи чанд тан сарлашкаронаш аз паҳлӯи Ойбар асп меронд. Ӯ дар зоҳир аз ҳамсафонаш тафовуте надошта бошад ҳам, солорию тамкини шоҳона ва нигоҳи гирою рамуздор салобату сиёсаташро меафзуд.

Нахуст ба истиқболи Куруш сипаҳсолори пирӯзаш Гаубру парчами голибият бар даст пеш омад. Аз паси ӯ се тан бонуфузтарин ашрофи бобулӣ - саррӯҳонии маъбади Эсагил, сарвари маркази тиҷоратии Эгибӣ ва заминдори сарватманди мулк - пешвои хонадони Мурашу дар лаълии заррине қалиди дарвозаи Иштар, тоҷи ҷавоҳирнишон ва шашпари салтанатро меоварданд.

Куруши Кабир дар пешорӯи Гаубру лаҳзае истода, ӯро савори асп огӯш намуд ва сӯи ашрофони бобулӣ бо эҳтиром дуруд гуфт. Ӯ ба силсилаи тӯҳфаҳои гаронбаҳо, ки чун рамзи подшоҳию пирӯзӣ барояш пеш меоварданд, чандон эътиное надода сӯи дарвозаи Иштар асп ронд. Гаубру ноаён ишорае карду аз остони дарвоза ба пеши пои аспи Куруш ва ҳамсафони ӯ пошидани гулбаргҳои тару тоза ва шохаҳои сабзи нахл шурӯъ гардид.

Сокинони Бобул дар ду тарафи хиёбони Айбаршабум қатор истода, бо дастафшонию нидоҳои хушҳолона Курушро пазироӣ мекарданд. Шаҳри кӯҳан ба шарафи шоҳаншоҳи голиб либоси идона ба бар карда, хаёле ҷавонтару бошукӯҳтар гашта буд.

Ойбар каме қафотар аз Куруш асп меронду ба чапу рост нигариста, аз миёни анбӯҳи одамон симоҳои барояш ошноро меҷуст. Аммо аз Сароё ва коҳинони шинос асаре намедид. Хиёбони Айбаршабум интиҳо меёфт ва Ойбар торафт бетоқат шуда, нишони изтиробу хавотирӣ дар симояш падид меомад. Оқибат ӯ ба паҳлӯи Куруш рост шуда, сӯяш гӯшакие намуду бо дастаи саворонаш роҳи купишти яҳудиёнро пеш гирифт.

Маҳаллаи камбағалонаи яҳудиён аз чӣ бошад холию беодам менамуд. Дар шафати мурдоби канали Кебар, ки дуртар аз бошишгоҳи яҳудиён воқеъ буд, чанде аз гадоёну оворагон андаруни партовҳою ахлоттӯдаҳо чунбучӯл доштанд. Ойбар хуб медонист, ки дар паси деворҳои баланди Имгур-Бел ва пушти дарвозаи мӯҳташами шаҳр мардуми фитодаю бесарпаноҳ ва

Баногоҳ Сароё аз паси одамон нидои шодиёнае ангехту пайкари бемадорашро кашолакунон сӯи Ойбар шитофт. Дар чашми ҳозирон нури умеду хушҳолӣ дамид. Марду зан худро сӯи дастаи сарбозони Ойбар зада, онҳоро ба оғӯш мекашиданду аз дидагонашон ашки шодию надомат мерехт. Онҳо воқеан аз марг наҷот ёфта, шукри умри дубора мекарданд.

Овозаи ваъзгӯиҳои густохонаи Эзрои коҳин ба гӯши Валтасар расида, ин фоҷиаи мудҳишро ба сарашон оварда буд.

Дуди гализи куништ ҳамоно аз равзанаю сӯрохиҳо фаввора зада, дар фазои ниландудаи Бобул пароканда мегашт. Офтоби гуворои поёни тирамоҳ нур меафшонду ба ҷисми беҳолгаштаи асирони навраҳида мадор мебахшид.

ХАЗОНИ УМРИ НИТОКРИС

Аз ворид шудани Куруши Кабир ба Бобул ду ҳафта гузашт. Шаҳр ором гирифта, бозорҳои серодам ба низом медаромад ва хариду фурӯш чун дештара дар сари чорроҳаю дӯконҳои пур аз молу мавод авҷ мегирифт. Қофилаи корвони уштурони пурбор ва бозаргонони билодҳои дуру наздик мисли ҳарвақта аз кӯчаҳои сергавгои шаҳр гузашта, сӯи бозору корвонсаройҳо мешитофтанд.

Муҳосираи кариб якмоҳаи қалъаи Бобул, шикасти Набонид ва марги Валтасар гӯё аз ёдҳо рафта, омадани шоҳаншоҳи ғолиб - Куруши Кабир низ чун як воқеаи табиӣ ба маҷрои ҳаёти ин шаҳри букаламун омехта мегашт. Ҳатто харобаҳои бурҷу тиркашҳои қалъаи шаҳр бо амри Гаубру - волии нави Бобул таъмир шуда, аз набард кариб осоре намонда буд.

Аммо шоҳбону Нитокрис, ки дар ин чанд ҳафтаи охир ранги рӯяш коҳидаю заҳир гашта, ба фавҷи мӯяш сафедӣ фитода буд, мусибати ба сараш омадаро лаҳзае фаромӯш карда наметавонист. Ӯ бо сару либоси мотамӣ чун шабаҳе дар кунҷи нимторики қасраш орамида, нақшаи қасос ситонданро аз кушандаи писараш меандешид.

Гаубру бехабар аз кори қазо бо қадамҳои вазнини сипоҳиёна аз остони хонаи Нитокрис гузашта, сӯи бошишгоҳи Валтасар мерафт, ки қасри шоҳи марҳумро Куруш ба ӯ тақдим намуда буд. Шоҳбону аз садои гоми Гаубру таконе хӯрду бесадо назди тиреза омада, гузаштани ӯро нигарон шуд. Дар як нафас мушаҳҳои рӯяш кашиш хурда, аз қарахтии назарфиреби андомаш асаре намонд. Пайкараш нун тани бабри омодаи

- Дигар туро касе озор нахоҳад дод, Нинея! Ту бонуи бонувони қасри ман хоҳӣ шуд!

- Сипосгузорам, ҳазрат! - бо фурӯтанию нозу адо рағбати Гаубруро доман мезад Нинея. - Басо сарфарозам, ки бузургтарин сарлашкари замон ҳомию пуштибонам ғаштааст.

- Ман ин ангуштони зеборо пур аз ангуштарини гаронбаҳо хоҳам кард! - ноаён даст ба гардани дӯшиза бурд Гаубру. - Ин гардани нозуку расо зеби зару зевари шоҳона дорад.

- Каме сабр кунед, ҳазратам, - бо ишваю ноз худро қафотар кашид Нинея. - Шумо хаста шудаед, пешхизмат бароятон шаробу кабобу гулоб овардааст.

- Майли шароб надорам, - миёни борики дӯшизаро сар намедод Гаубру. - Аз ҷоми лабони ту нӯш хоҳам кард!

- Ҷонам фидо! - бо силтави нарме раҳид Нинея. - Аввал таому шароб, баъд огӯши нарми ёр!..

- Майлаш, биёр, - ночор розӣ шуд Гаубру рағбаташро фурӯ нишонда. - Дилам шароби мардафкан мехоҳад!

Нинея сари миз рафта аз ҷоми гулгун ба ду қадаҳ шароб рехту нигинаи ангуштаринашро ноаён боло карда, ба қадаҳе заҳри ҳалоҳил афканд. Сипас қадаҳҳо бар даст назди Гаубру омаду барои рафъ сохтани шубҳаи ӯ аз қадаҳи дасти чапаш чуръае шароб нӯшид.

- Воқеан, майи кӯҳнаву мардафкан будааст! - бо ҳаловату сархушӣ чашмонашро нимпӯш намуд Нинея.

- Не, азизам, майи мардафкан дар ҷоми лабони туст!

Гаубру аз лабони нозуки Нинея бӯсае ситониду сипас шаробро то қатраи охирин нӯшида, беихтиёр калавид. Якбора нафасаш ба дарун афтоду чашмони даҳшатзадааш аз косахона ҷаста баромаданд. Қадаҳи холии шароб аз дасташ афтода пора-пора шуд. Ӯ ҳақиқати ҳолро аз нигоҳи ғолибонаю тамасхуромези Нинея дарёфта, чун даррандаи захмине сӯяш ҳамлавар гашт. Аммо баъди ду-се қадам ҷанголҳои кинаҳоҳаш дар ҳаво муаллақ монду печутоб хӯрдаю наъра кашида ба рӯи фарш афтод.

Ва ҳамон лаҳза шоҳбону Нитокрис чун пайки аҷал дар болои сараш пайдо шуд. Шоҳбону гӯё модабабри чирадасте буд, ки қасоси фарзанди нокомашро аз душмани бадкин ситонида, аз азияту ҷонканҳои ҳарифаш ҳаловат мебурд. Гаубру дар талвосаи ҷон метапиду дасту по мезад ва аз даҳонаш кафку хун мерехт. Ӯ дар лаҳзаи охирини ҷонканӣ эҳсос мекард, ки кафи пои гарону

ромез ба пас нигарист. Посбонсолор расми таъзимро ба ҷо оварда, боэҳтиёт сӯи ӯ меомад. Куруш пай бурд, ки ягон хабари таъҷилист, вагарна ӯро дар ин лаҳзаҳои танҳой безобита намекарданд. Шоҳаншоҳ бозистод ва суоломез сӯи посбон нигарист.

- Чӣ гапи нав?

- Шоҳи пешини Бобул Набонид ба даст афтод ва бону Нитокрис ба дидори шоҳаншоҳ расидан мехоҳанд.

- Набонид? - қадре ҳайрон шуд Куруш. - Магар Набонидро асир гирифтанд?

- Не, шоҳаншоҳам, - бо фурӯтанӣ посух дод посбонсолор. - Худаш дишаб омада сар фуровард.

- Ба хости худ?! - ҳайрати Куруш дучанд афзуд. - Чаро ба ин осонӣ?

- Гӯё пас аз марги Валтасар бесудии будани пайкорро пай бурда, худро ба дижбон супурдааст.

- Ба дижбон? Барои чӣ маро шаб огоҳ накардед? - норозиёна пурсид Куруш.

- Ин ҳангома нимашаб рӯй дод, - дар ҳоли ногувор монда худро сафед кард ӯ. - Касе ҷигар надошт, ки шоҳаншоҳро бедор кунад.

- Нитокрис кай омад?

- Чанде пеш.

- Ӯ чӣ ҳол дорад? - лаҳзае ба сукут рафт Куруш. – Пас аз марги фарзанд ба худ омадааст ё на?

- Хаёлам ҳолаш беҳтар аст.

- Ҳангомаи ҳайратовар! - дар шарҳи ин қазия оҷиз монд Куруш. - Хеле ҳайратовар!.. Нитокрис дар маросими дафни Гаубру буд ё на?

- Ҳамроҳи ду канизаш омаду дастагулеро ба рӯи тобут гузошта рафт.

- Шигифто! - сар афшонда гом мениҳод Куруш. - Марги Валтасар, марги Гаубру, сарфурории Набонид ва бор пурсидани Нитокрис! Намедонам чӣ розе дар ин ҳангомаҳо нуҳуфта!..Бирав, бигузор Нитокрис ба ҳамин бог биёяд.

Офтоб тулӯъ карда ба дӯмани осмон як қади найза хазида буд, ки Нитокрис бо сару либоси мотамӣ дар гӯшаи боги хазонрасида намудор шуд. Куруш ба истиқболи шоҳбӯну омада аз паси шоҳаҳои урёни дарахтон саропои ӯро ноаён аз назар гузаронд.

Шоҳбону ба назар ором метофт ва аз қиёфаи ҷиддию батам-

- Мусибати фарзанд худ зиндони тану ҷон аст, Куруш, - оҳи сарде кашид бо дарду алам шоҳбону. - Кирдугор душмани касро гирифтори ин рӯзи бад насозад!

- Ту худ бо ҷасоратат кайҳо аз банди зиндон раҳидай, шоҳбону! - ӯро таскин дод самимона Куруш. - Бигӯй, чӣ ниёзе туро ба боргоҳи ман овард?

Куруши Кабир ва Нитокрис аз болои фарши хазонпӯши фасли тамуз андешамандона қадам ниҳода, гармиҳои вопасини офтоби саратонро гӯё пай намебурданд. Шамоли сарди тирамоҳ ягон-ягон баргҳои зардшудаю пажмаридаро аз шохаҳо канда, дар фазо каме бозӣ медоронду сипас ба замин меафканд. Пайкори зиндагӣ ҳатто дар бардорузани боди сар-гардон ва афту дарафти вопасин баргҳои хазонрасида эҳсос мегашт.

- Дар ин дунёи бевафо мо гоҳе зинсаворему гоҳе зинбапушт, Куруш, - бо оҳанги надомат ба гузашта ишора кард ӯ. - Худ огоҳӣ, ки Набонид дишаб ихтиёран таслим шуда, ба боргоҳи ту омад. Душманони собиқаш, ки рӯзи сахти ӯро мепоиданд, ба дасту пояш занҷир зада, Набонидро ба зиндон афканданд. Аз ту хоҳиш мекунам, Куруш, аз хуни шоҳи бадбахт бигзару ӯро аз зиндон бираҳон!

-Насанҷидаю наозмуда? Ин кор хилофи ройу тадбири кишвардории мост, шоҳбону!

- Матарс, Куруш! Некию бахшоиш волотарин гавҳари пиндори шоҳаншоҳони Порс аст.

- Бошад, шоҳбону! - ба қароре омад Куруш. - Ба хушдории ту аз хуни Набонид гузаштам. Аз зиндон ҳам раҳо хоҳад ёфт! Аммо доварию ҳукми охиринро дар ҳаққи ӯ ба худату ҳамдиёронат вомегузорам.

- Доварию ҳукми охирин?! Аз дасисаи рӯҳониёни фитнабозу чоҳҳоҳу носипос андеша дорӣ?

- Не, шоҳбону, аз хунаш гузаштану аз зиндон раҳо кардан ба дастури ман аст. Аммо неку бади кори беш аз ҳафтдаҳсолаи подшоҳиашро бояд бошандагони Бобул ва вологуҳарони он баҳо кунанд.

- Ту аз пиндори ман зиракатар будай, Куруш, - таҳсин хонд шоҳбону. - Тавалло мекунам, шоҳи пири нимаҷону шикастаро ба пеши пойи шаҳолони гуруснаю ташнаи интиқом маяфкан!

- Охир дар Бобул паноҳ додани Набонид аз неруи ман берун аст, шоҳбону! - далел меовард холисона Куруш. - Инро танҳо

Набонид ва ба ҳамаи сокинони Бобул сулҳу осоиш ва озодӣ ваъда кардани Куруши Кабир онҳоро ба пешомади неке умедвор менамуд.

Марду зан ва пиру ҷавон беҳтарин либосҳояшонро пӯшида, ҳамдигарро барои раҳоӣ ва наҷот ёфтан аз зулми дерина табрик мекарданд. Кӯдакони пойлучу нимурён ба сардии ҳаво нигоҳ накарда, кулчапорае бар даст чаҳор тараф давутоз менамуданд. Гӯшти гови қурбонӣ, ки аз маблағи аҳли ҷамоа харида, саҳари солеҳон кушта буданд, дар се деги бузург ҷӯшида, бӯи иштиҳоваре ба атроф меафканд.

Силсилаи воқеаҳои пайдарпае, ки як моҳи охир дар Бобул рӯй дода буд, эътиқоди Эзрои коҳинро ба каромоти суханони Ирмиёи набӣ, Изкиёли набӣ ва Дониёли набӣ қавитар мекард. Ӯ аслан пешгӯии аз зулми подшоҳони Бобул раҳидани қавми бани Исроилро баъди асорати ҳафтодсола борҳо шунидаю дар китоби муқаддас хонда бошад ҳам, акнун ба ҳақиқати он бовараш меафзуд. Ҷунуни вазъгӯиҳои ӯ баъди муҳосираи Бобул дучанд афзуда, пас аз шикасти Набониду марги Валтасар ба авҷи ниҳоӣ расида буд. Оқибати кори Набонид ӯро водор месохт, ки бо вуҷуди чандин сол кам будани пешгӯии асорати ҳафтодсола, фаро расидани рӯзи мурод ва озодии қавмашро эълон намояд.

Эзрои коҳин одатан баъди адои маросими ибодат беихтиёр ба вазъгӯй ғурӯъ мекарду дастҳои лоғару панҷаҳои чангзадаашро дар ҳаво афшонда, анбиёсо аз фаро расидани озодии қавми Яҳудо ва гирифтори ҷазои мудҳиш гаштани подшоҳони Бобул бо шӯру шавқи ҷунунвор ҳарф мезад. Чашмонаш дар ин лаҳзаҳо нур мегирифт, ба рухсораҳои заҳираш хун медавид, гардани борику дароз ва риши сафеди то сандуқи сина хамидааш дар ҳавои ҳаракатҳои густохонаи ӯ якзайл такон мехӯрд. Ва коҳини солхӯрда дар сари минбар худро таҳамтане мепиндошт, ки гӯё Валтасарро куштаю Набонидро асир гирифта, Бобулро ба хоку хун яксон карда бошад.

Фурсати ибодати имрӯза кайҳо гузашта, мардум дар назди даромадгоҳи куништ бетоқатӣ мекарданд. Эзрои коҳин худро серкор вонамуда, дар гирди дегҳои қурбонӣ қасдан ҷунбуҷӯл мекарду бо гӯшаи чашм хавотиромез сӯи роҳи васею якқади Бобул менигарист. Аммо дар роҳи тӯлонӣ ва тангкӯчаҳои назарногири гузари яҳудиён аз Куруши Кабиру аҳли рикоби ӯ дараке набуд.

дари даромадгоҳ саф бастанд. Куруши Кабир пешопеш ва Ойбар ба думбол аз миёни сафи посбонон гузашта, дар остони минбар бозистоданд. Куруш аввал ба коҳини пир ва сипас ба ибодатгарони ҳайратзада рӯ оварда, бо оҳанги нарму самимӣ барояшон дуруд гуфт.

- Маросими озодӣ ва ниёиш ба қавми азияткашидаи Яҳудо муборак бошад!

- Дуруду сипоси бепоён ба Куруши Кабир! - аз хушҳолӣ шукуфта ба истиқболи шоҳаншоҳ меомад Эзро. - Куруши озодибахш бо мадади Худованди мо Бобулро забт кард ва бандаҳои гирифтори асоратро наҷот дод!

- Ман пайрави андешаи додгустарӣ, ростӣ ва накӯкорӣ ҳастам, - хоксорона афзуд Куруш. - Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек маниши мост.

- Эй шоҳаншоҳи волонасаб! - худро анбиёи комил мепиндошт Эзро. - Ёд дорӣ, ки аз бардагии подшоҳони Бобул озод кардани асирони бани Исроилро қавл дода будӣ?

- Бар қавлам устуворам, Эзрои коҳин. Ман, Куруш, шоҳаншоҳи Порсу Мод ва чаҳор самти олам ба қавми бани Исроил дуруд мерасонам, ки ҳамаи асирони ба Бобул овардаи Навохудоносор бо дастури ман саросар озод карда шуданд. Ва ман бо хости худоён ба хазинадорам Митрадод фармудам, ки ҳама сутунҳои мисин, дегҳо, хокандозҳо, кордҳо, косаҳо, кошукҳо, пиёлаҳо, мичмару дӯлчаҳоро, ки аз мис, нуқра ё тило буданд, ба куништи Иерусалим бозгардонад!

Эзрои коҳин солории анбиёварашро бохта дар пешорӯи Куруши Кабир беихтиёр ба зону заду домани хилъати зарбафти ӯро бӯсида ба дидаҳояш молид. Ҳозирон низ аз шунидани паёми озодӣ ба эҳтироми шоҳаншоҳи наҷотбахш рӯ ба сачда оварданд. Дар андоми пиру барно эҳсоси шодмонӣ медамид, дар чашмонашон нури умед падид меомад ва даст сӯи Куруш бардошта, изҳори шукру сипос менамуданд.

- Шукру сипоси беҳад ба даргоҳи Худованди мо, ки дар симои Куруши Кабир қавми бани Исроилро аз асорат раҳонида, бо шамшери сипоҳи ӯ подшоҳони Бобулро сарнагун сохт! - ниёиш мекард Эздо.

- Ҳар касе, ки азми Ватан дорад, бигузор роҳи Иерусалимро пеш гирад! - омирона изҳор намуд Куруш. - Ба касони бечораю бенаво аз хазинаи шоҳаншоҳӣ роҳкиро ва астару ароба дода хоҳад шуд.

шоҳон, намегузорам, ки гаравандаи як кеш бар дигаре нуфуз ёбад ва пайравони динеро бо бадкешӣ биёзоранд! Дар қаламрави мулки ман ҳамаи мардумон дар пайравии дин ва парастиши худои худ озоданд ва касе набояд, ки пайрави оинеро ба пазириши кеши худ зӯргӯй кунад, ё бединонро биёзорад. Ин суханонро ман, Куруш, шоҳи бузург, шоҳи чаҳор сӯи олам гуфтам. Дастури ман барои ҳама қаламрави мулкам равост ва оини ман адолату ростӣ ва маниши нек аст!

Куруш аспашро маҳмез зада бошитоб аз куништ дур шуд. Ибодатгарон, ки баробари ташрифи шоҳаншоҳ ва навиди озодӣ ба зону зада буданд, ҷуръати аз ҷой хестан надоштанд. Эзрои коҳин низ баъди башорати ваъзгӯиҳои ҷунунвараш аз ҳарфу ҳичо монда, дигар ҷуръати аз думболи Куруши Кабир баромадан намекард. Шоҳаншоҳи озодибахш ва саворони хушлибос чун манзараи рӯъёӣ дар як лаҳза аз назари ибодатгарон дур рафта, вориди дарвозаи бошукӯҳи Шамаш гаштанду дар паси деворҳои баланди Имгур-Бел ва Нимитти-Бели шаҳристони овозадори Бобул нопадид шуданд.

ФАРЗАНДИ НОХАЛАФ

Зимистон бо рӯзҳои боронии сарду дилгиркунандааш рахти сафар мебасту нафаси ҷонбахши баҳор дар шаҳри пурҳангомаю сергавғои Бобул фаро мерасид. Дари ишратсарои ибодатхонаи Иштар дар мавсими омадани баҳор ба рӯи дӯшизаҳои бокираи бобулӣ кушода шуда, лаҳзаҳои ишқбозии онҳо бо худои волотабор Бел-Мардуки ҳомии Бобул оғоз меёфт. Аз рӯи расми дерина дӯшизаҳои қадрас дар оғози баҳор мебоист тани отифа ва бакорати духтариашонро ба Бел-Мардук ато намуда, аз висоли муқаддасу бахшояндаи хушбахтии худои худоён бархурдор мегаштанд.

Куруши Кабир аз равзанаи пардапӯши гардуна, ки дуртар аз ибодатхонаи Мардук дар гӯшае қарор дошт, ба давутози рӯҳониён ва бечуръатона вориди ибодатхона шудани дӯшизаҳо менигариста бо заковати фитриаш дар таҳти ин маросими ҳарсолаи динӣ ниҳон будани асрореро эҳсос мекард. Бозаргонони хушлибос, ки аксар аз рӯи қиёфа мардуми мусофир буданд, ба пазироии рӯҳониён саросемавор посух дода, гӯё аз савдои судбахше қафо мемонда бошанд, бо шитобу ҷадал вориди маъбад мешуданд.

Манзараи пазирой ва истиқболи рӯҳониён аслан барои аш-

ниқобпӯш, ки бовиқорона гом ниҳода ба таъзими рӯҳониён эътиборе намедоданд, чашм наканда аз Ойбар пурсид.

- Ин хоҷаҳои ниқобпӯш киҳо бошанд?

- Ҳаёлам пешвои бозори тичоратии Эгиби ва заминдори калони хонадони Мурашу ба шодбошии Бел-Мардук омадаанд.

- Аз куҷо донистӣ, Ойбар? - тааҷҷубомез пурсид Куруш. - Охир онҳо чодар доранд.

- Аз нигораҳои гунбади асояшон, шоҳам! Дар Бобул бузургзодаҳою сарватмандон ба қуббаи асо нишони хосаи хонадони худро сабт мекунанд.

- Дар гунбади чӯбдасти ману ту чӣ рамзе нигоштта? - ба асои мунаққашаш нигарист Куруш.

- Рамзи тоҷирони корагари Экбатана аз хонадони шоҳон.

- Набошад, пеш даро, Ойбар! - ниқоби сиёҳро ба рӯяш кашид Куруш. - Рози маъбади Эсагил бо рӯҳониёни маккораш моро нигарон аст.

Куруши Кабир ва Ойбари ниқобпӯш асои мунаққаши зарҳаландудаашонро намоиш дода, бо тамкину солории хоси ашрофзодаҳо сӯи маъбади Эсагил раҳсипор шуданд. Толори баланду нимторики маъбад бо зинаҳои мармарину роҳравӣ барҳавои равоқбандиаш онҳоро сӯи ҳарамсарои хосаи Мардуки олитабор ҳидоят мекард.

Аз қаъри нимторикӣ дар пешорӯи онҳо симои нуронии худои худоён Бел-Мардук бо виқору салобати қудсиёнааш падидор шуд, ки аз рӯшании шабакаҳои равзаносои гунбази сақф нур мерабуд. Тарҳи андоми тилоии мучассама тарзе сохта шуда буд, ки кас дар қадом гӯшаи толори барҳавои ниммудаввар набошад, мепиндошт худои волотабор бо чашмони нурполои фирӯзарангаш маҳз сӯи ӯ менигарад. Нигоҳи худои волотабор чиддию андешаманд буд ва дар худ чандин эҳсоси башариро аз тамкину салобати беозор то меҳру навозиши заминӣ фаро мегирифт.

Дар даромадгоҳи толор роҳибони нуронии пашминапӯш лаълии зарандудро сӯи ҳар нафари омада дароз карда, аз онҳо назру ниёз ва подош мегундоштанд. Куруш ҳамёни чарминеро кушода сиккаҳои тилоиро ба рӯи лаълӣ рехту чашмони роҳибон ҳамоно нур гирифт. Бо имои онҳо хонуми болобаланди синаурёне, ки аврашро бо матои тунук пӯшонида буд, Куруш ва Ойбарро сӯи маснади хосаи толор раҳнамоӣ кард. Меҳмонони оликадр ҳанӯз фурсати нишастан наёфта, дӯшизаҳои қатори нимурён машъале болои даст аз паси мучассама берун омада, ҳар

қадаме ба пеш ниҳод. Мехост ниқобро аз рӯяш рабояду писари савори тахташро, ки дар иҳотаи рӯҳониён лоуболона пеш меомад, нақот бахшад. Аммо нерӯи ботиниаш боло гирифту изтиробу нотаҳониро пахш карда, аз рӯи одат тамкину хунсардиро пеша намуд. Ойбари ошуфтаҳол низ аз оромии Куруш рамуз бардошта нигарони оқибати ин ҳангома гашт.

- Наход, Камбучия бошад! - овози пасти Куруш аз изтиробу ҳаяҷон сахл меларзид.

- Воқеан, монандие ба ӯ дорад, - ҳайратомез тасдиқ кард Ойбар.

- Гумонам рост баромад, Ойбар! - бо оҳанги начандон шунавои пур аз таассуфу надомат гуфт Куруш. - Ин рӯҳониёни маккор дар зери ниқоби мазҳаб чӣ корҳое намекунанд. Камбучияи гумроҳ ба доми онҳо басо осон афтодааст.

- Ачабо, Камбучия дар тахти равони намозгоҳи Бел-Мардук! - ҳаяҷонашро базӯр фурӯ менишонд Ойбар. фиребкор тазвирпеша дар миёни мо тарҳи душманӣ афканда писарро ба падар меангезанд!..

- Нигарон машав, Ойбар! Имрӯз ин рӯҳониёни фиребкор дар миёни мо тарҳи душманӣ афканда писарро бо падар меангезанд!..

Тахти равон бар дӯши гуломони таҳамтани ҳабашӣ мавзунона такон хӯрда сӯи ҳайкали мӯҳташами Бел-Мардук меомаду сафи роҳибони баландмартабаи асодор онро аз ду тараф ҳидоят мекарданд. Камбучия дар партави рӯшании машъалҳо каме рангпаридаю лоғарандом намояд ҳам салобати хосаи шоҳона дошт. Ӯ дар зоҳир чавонии Курушро ба ёд меовард, вале ба назар новарзидаю заифтар метофт. Нигоҳи бебоконаю таҳ ба таҳ рамуздорашро хаёле аз Астиаг рабудаву дар лабонаш низ писханди тахдори бобоӣ нақш баста буд.

Ғуломон тахти равонро дар пешорӯи муҷассамаи Мардук ба замин ниҳоданд. Навои мусиқӣ ноаён пасту форамтар гашт. Саррӯҳонии ҷиддисимои ибодатхонаи Бел-Мардук асои бузургашро намоишкорона ба замин кӯфта ба истиқболи Камбучия омад[1]. Ӯ дар ин лаҳза бо виқору солориаш худро гумоштаи ягонаи Яздони пок дар сарзамини Бобул мепиндошт.

---

[1] Солномаи Бобул хабар медиҳад, ки Камбучияи писари Куруш рӯзи 4-уми моҳи нисан ба маросими идонаи Эсагил рафта, ба Бел-Мардук назр менамояд ва аз дасти саррӯҳонӣ шашпари салтанатро мегирад (нигХрестоматия по истории древнего Востока, часть 2, М., 1980. - С.19).

гавҳар бод! Шарафи Мардуки олишону қаламрави беҳамтои ӯ Бобулро то абад пос бидор!..»

Камбучия аз ин суханон ба рикқат омада, бо камоли ҳакирию фурӯтанӣ дасти саррӯҳониро бӯсиду ба дидаҳояш молид. Сипас сӯи гуломони ҳабаш ишорае намуду онҳо сандуқи бузургу гаронеро аз чаҳор гӯшааш бардошта, ба пеши муҷассамаи Бел-Мардук овардану сарпӯши онро кушоданд. Сиккаҳои тилоӣ ва сангҳои гаронбаҳо дар партави оташи манқалҳо ҷило дода, чашми ҳозиронро мебурд.

Саррӯҳонӣ аз партави чашмрабои зару зевари даруни сандуқ хаёле шукуфта, таҳсиномез китфи Камбучияро навозиш кард ва ӯро сӯи муҷассама ҳидоят намуд. Камбучия бо камоли тавозӯю фурӯтанӣ дар пешгоҳи Бел-Мардук ба зону зада, пойҳояшро бӯсид ва сар ба пояш соида, чун оҷизону бечорагҳолон ашк бар андом ба сукут рафт. Аз гояти эҳтиросу ҳаяҷон ба рухсорааш беихтиёр ашк метаровид.

Куруш бо камоли нафрат асои дасташро фишурда, аз замин ду-се вақаб бардошту бехудона майли афкандан намуд. Пайкараш якпаҳлу хам хӯрд, китфони варзидааш таранг шуда, аз таги хилъат ҷаста баромаданд ва бозуи росташ кашиш ёфта ним давр ёзид. Ойбар азми ногаҳонии ӯ - сӯи Камбучия афкандани асои гаронро пай бурда чобукона бозуи дӯсташро сахт дошт. Куруш аз шиддати ғазаб силтаве заду якборг ба худ омада бо оҳи ҷигарсӯз чашмонашро пӯшид.

Аҳли толор аз ашки дидаҳои Камбучия ба рикқат омада, қаҳру ҳаяҷони ногаҳонии Курушро пай набурданд. Танҳо Ойбар сар ба зер афканда бозуи Курушро бо чанголҳои тавонояш ҳамоно зер мекарду дандон ба дандон месоид.

Оташи манқалҳо аланга мезаду сояҳои хурду бузург бар тани девору сақфи толор механзиданд. Чашмони саррӯҳонӣ аз ҷояти фараҳу шодмонӣ медурахшид. Ҷуссаи ғунчазадаю назарногири Камбучияи тоҷ бар сар, шаштару ливо бар даст дар пеши пои худованди таҳамтан, бузург ва тавонои Бобул басо ҳақиру нотавон метофт.

Навои рӯҳафзои сурнай ва зарби резаи табл боз баланд шуд. Рӯҳониёни давраистода чун сарбозони машқдида ду қатор сафи рост бастанд. Саррӯҳонӣ дасти Камбучияро дошта, аз пеши пои Худованди волотабори Бобул хезонду ҳарду аз миёни сафи роҳибон сӯи толори панҷарабанди пешорӯяш айвондоре раҳсипор гаштанд. Аз самти муқобил роҳибаи бонуфузе дасти

гашта, ҳафт дарвозаи касмагузари дӯзахро мекушояд, ки онро гумоштаҳои бадкину ташнаи хуни Нергал посбонӣ менамоянд.

Олиҳаи Иштар дар тимсоли ман, ин дарвозаҳоро паймуда, аз равзаи биҳишт ба рӯи замин тухми ҳаёт, фаровонҳосилию файзу баракат меорад ва кулли сокинони Бобулро дар Соли Нав пирӯзбахту шодком мегардонад.

Ай шоҳзодаи пазируфтаи Иштар! Матарс, бо ман биё! Мададгору пушту паноҳат хоҳам шуд! Ба посбони хашмзадаю неруманди нахустин ман тоҷи гавҳарнишонамро подош медиҳам ва дарвозаи якум ба рӯи мо боз мегардад, - ӯ бехудона тоҷи сарашро ба замин меафканад. - Ба посбони хуношоми дуюм гӯшвору гарданбанди тиллоиамро ҳадя мекунам. Ба посбони сеюм бозубанди алмоснишон ва ба посбони чорум синабанди ҷавоҳиркӯбамро мебахшам! - Бозубанду синабандашро густохона кушода ҳаво медиҳад. - Ба посбони панҷум дастпонаҳои нигинааш ёқуту зумурад ва ба посбони шашум зангулаҳои банди поямро ато мекунам!..»

Дӯшизаи фаттон аввал дастпонаҳояшро бароварда ва сипас хам шуда, думбаи тарангу мавзунашро намоишкорона дамонда зангӯлаҳои пояшро кушод.

Хуни ҳозирон аз дидани синаҳои таранг, камари борику мавзун ва думбаи дамидаю фиребои дӯшиза ба ҷӯш омада, дар вуҷуди мардҳо раги шаҳват ва эҳсоси ишқварзиро бедор мекард. Қандилҳои фурӯзони давродаври ҳуҷра паси ҳам хомӯш мегаштанд ва танҳо шамъҳои хирасӯзи чаҳор гӯшаи тахтакати сафед ҳамоно асроромез нур меафшонд. Ҳама нафас накашида, бо майлу ҳаваси беинтиҳо давоми сухану амали дӯшизаи афсунгарро нигарон буданд. Ва ӯ чун соҳирон бо овози мафтункунандаю сеҳрангез суханашро идома медод:

«Ва оқибат ба Нергали бадандешу кинаварз камарбанди ғаронбаҳои лаълу гавҳарнишонамро бо таҳпӯши охирин подош медиҳаму дарвозаи биҳишт ва дунёи сафою нишот ба рӯи мо боз мегардад. Биё, ай шоҳзодаи хунгарми ориёӣ, андар ин тахтакати оҷ туро биҳишти нақд интизор аст! Ба оғуши гарми биҳишт биё ва аз неъмати ҳаётбахши Иштар, ки авлотар аз тахту тоҷи шоҳон аст, ҳаловат бубару ком биситон!.. Ва Мардуки олитабору Иштари нозанин ин соат ба рӯи замин оби ҳаёт, тухми фаровонҳосилӣ, файзу баракати зиндагӣ ва бақои умри одамиро ато мекунад...»

Дӯшизаи афсунгар синаҳои тарангашро ба бадани

«Аммо дарего, ки ҳамсараш аз ҷаҳон гузашту[1] ӯ ночор роҳи Пасаргодро пеш гирифта, идораи Бобулро то лаҳзаи бозгашт ба Камбуҷия супурд. Ҳеҷ гумон намекард, ки Камбуҷия фармонбардору итоатпеша ба чунин кирдори густохона қодир бошад.

Писари дуюмаш Бардияи хунгарму тундмиҷозро, ки бо бародари сустниҳодаш пайваста арбадаву пархош мекард, ба нишемангоҳи Каёниён - Балхи ҳазоршаҳр фиристод. Ният дошт, ки рӯзҳои наздик Камбуҷияро аз рӯи расми бобулиён ба тахт менишонаду қаламрави подшоҳии Валтасарро ба ихтиёраш вомегузорад. Вале афсӯс, ки сабру тоқати писари кӯтоҳандешааш то он лаҳза нарасид ва бидуни ошарфу маслиҳате гирифтори доми рӯҳониёни чоплусу мазҳабфурӯш гардид.

Не, ӯ аз писари қалонаш ҳаргиз чунин умед надошт. Мехост ӯро вориси ояндаи тоҷу тахташ гардонад. Бо ҳамин хотир ӯ Бардияро, ки барои дафни модараш омада буд, ҳокими як музофоти начандон калон таъин карда, ҳамроҳи амакаш Виштоспу писари ӯ Доро сӯи Бохтар фиристод. Сад ҳайфу дареғ, ки ин фалаки каҷрафтор ба муроди дили ӯ нагашт. Писари валиаҳдаш ҳатто поён ёфтани маросими азои модарро нигарон нашуда, бо ҳидояти рӯҳониёни фитнабоз пинҳонӣ ба рабудани тахти падар даст зад. Аз ин писари нохалаф Ашки дарандахӯй, ки аз тоифаи гургон рӯида буд, дар садоқату вафодорӣ сад карат болотар аст...»

Аз паси равзана шарфаи пой ва садои ба замин бархӯрдани асои саррӯҳонӣ баланд шуда, риштаи хаёли азиятангези Курушро барканд. Куруш рӯ ба девор ҳамоно дарун-дарун месӯхту беибо ба ҳуҷра ворид шудану дар остони дар бозистодани саррӯҳониро пай мебурд. Ӯ чашм пӯшида дандон ба дандон мефишурду хашми аз ниҳодаш сарзадаро фурӯ нишондан мехост. Вале саррӯҳонии бехабар аз кори қазо овозашро кашидаю лаҳни форам дода, аз рӯи расми доимӣ «меҳмони» дасткушоду сахопешаро шодбош мегуфт.

- Бо иноятн Яздони пок шодкому пирӯз бошед! Бел-

---

[1] Солномаи Бобул аз марги ҳамсари Куруш ва як ҳафта ба сӯгвории шоҳбону мотам гирифтани шаҳрҳои қаламрав хабар медиҳад (нигХрестоматия по истории древнего Востока, часть 2, М., 198... - С.18).

шу дин ва мардуми ҳафтоду ду забои зиндагӣ ба сар мебаранд, - дар ҷавоби саррӯҳонӣ далел овард Куруш. - Магар пайравони дигар кешу мазҳабҳо хости Худои туро мепазиранд?

- Амри Худованди волотабор Бел-Мардук ба ҳама воҷиб аст, - густохона худро ба паноҳи Худояш кашид саррӯҳонӣ. - Ягон кешу мазҳаб ва қавми дигар ҳад надорад, ки амри Бел-Мардукро рад намояд.

- Ин пиндори туст, гаравбоз! - паст намеомад Куруш. - Пайравони дигар кешҳо Худои худро аз Мардук волотар медонанд.

- Не! Волотарин Худо Бел-Мардуки соҳибқирон аст! - якравона таъкид мекард саррӯҳонӣ. - Пайравони дигар кешу мазҳабро ҳад надоранд аз амру найҳи вай сар бипечанд!

- Иштибоҳи бузург мекунӣ, гаравбоз! - бо омирии шоҳона рад мекард Куруш. - Ин пиндори туро ҳатто пайравони панҷоҳу се намозгоҳи гуногуни шаҳри Бобул пазируфтан намехоҳанд!

- Хоҳанду нахоҳанд дар пеши пои Бел-Мардук сари саҷда фуруд меоранд, - ба нуфузи кешаш такя мекард саррӯҳонӣ. - Амри Навохудоносор ҳанӯз барҷост, касе ҳадди онро шикастан надорад!

- Равиши давлатдории подшоҳони Бобул зӯрию қайсарӣ, зулму ситам, шикастану сӯхтан, куштану рабудан буд. Ва кеши мардумозори шумо бо васояти рӯҳониёни динфурӯшаш кору кирдори носазои онҳоро пуштибонӣ мекард.

- Мулк бе сиёсату халқи авом бе кеши тавоно пеш намеравад, шоҳаншоҳо! - ба худ мепечид саррӯҳонӣ.

- Пеш меравад, ба шарте ки сиёсат оқилона бошаду оину кеш адолату ростӣ ва ҳақиқатро ҳимоя кунад, - андешаҳои чандин сол дар замираш гуштударо ба забон меовард Куруш. - Аммо кеши шумо тоҷу тахтро ба савдо гузошта, ба гумоштаи нотоаткоре месупорад, ӯро дастнигари дастуру панди худ месозад. Бо ҳамин васила пешвои динфуроин подшоҳи мулкро мутеъу фармонбардори худ сохта, сарриштаи давлатдориро ба даст мегираду ба суди кеши худ ва рӯҳониёни маккору фитнагар кор мекунад. Ин хилофи адолат, ростӣ ва озодии кешу динҳои гуногуни кишвар аст!

- Офтоб дар саропои осмон ягона асту ситораҳо бешумор, - кеши худро қиёс мекард саррӯҳонӣ. - Ва ҳеҷ гоҳ ситорае ҷои офтобро гирифта наметавонад!..

- Аз меҳрубониат сипосгузорам, падари бузургвору шоҳаншоҳи бахшояндаам! - дасти падарашро ошуфтаҳолона бӯсида ашк мерехт Камбуҷия ва навҳа мекашид. - Писари осиятро бубахш!..

- Дареғи фарзанди нохалаф! - Ту дар марги модарат оби чашм нарехта будӣ, Камбуҷия! Вале паёми шоҳӣ ҳама дарду ғамҳоятро бароварда. Дил манеҳ ба тоҷу тахт, ки чун магас дар хуми асал дармемонию дигар раҳидан наметавонӣ!..

ЭЪЛОМИЯИ НАҶОТБАХШ

Моҳи нисани[1] соли 538 то мелод, рӯзи дувоздаҳум ва охирини Соли Нав, ки аз рӯи таомули бобулиён иди зиёрати Мардуки волотабор аз ҷониби подшоҳ ва маросими тоҷгузорӣ ба шумор мерафт, бо шукӯҳи хосае оғоз ёфт.

Ҳаво софу бегубор буд ва насими сарди субҳи баҳор аз фарорасии рӯзи нек башорат медод. Куруши Кабир азм намуд, ки ба иди Соли Нави бобулиён шукӯҳу ҷалоли Наврӯзи ориёиро фузуда, рӯҳониёни мағруру ашрофони ишратзадаи ин шаҳри кӯҳанро сабақи муносибе диҳад. Қабати болоии манораи овозадори Бобул, ки бо тилои холис зарҳалкорӣ шуда буд, дар партави офтоби субҳгоҳӣ дурахшида чашмро мебурд. Канораҳои роҳи васеи кӯчаи Адад ва хиёбони Айбаршабум, ки ду тарафашро пайкараи шерҳо оро медоданд, пур аз ашрофону асилзодаҳои сарватманд, тоҷирони таноз ва тамошобинони ҳангомачӯй буд. Дар пешайвони болохонаҳо ва рӯи бому иморатҳои баланд дӯшизаҳои зебоандому хонумҳои хушлибос ҷониби қасри шоҳаншоҳӣ нигариста, берун омадани Куруши Кабирро бесаброна интизорӣ мекашиданд.

Дар ду ҷониби дарвозаи бошукӯҳи қасри шоҳаншоҳӣ сипоҳсолорони воломақом либосҳои фохираи низомӣ бар тан ва шамшерҳои дастаашон хотамкорӣ дар миён бо тартиби хосае истода буданд. Поинтар аз онҳо дар ду самти роҳи васеъ чор ҳазор сарбози яккачини найзадор ду қатор саф баста, тамошобинони хирасару ҳангомачӯйро пеш омадан намегузоштанд. Аз пушти сафи сарбозон посбонони бобулӣ дурраҳои гарон бар даст фавҷи тамошобинонро назорат мекарданд, то аз хати муқарраршуда нагузаранд.

Дуртар аз қаср дар пешгоҳи хиёбони Айбаршабум дувоздаҳ

---

[1] Ба моҳи март-апрел рост меояд.

- Аз меҳрубониат сипосгузорам, падари бузургвору шоҳаншоҳи бахшояндаам! - дасти падарашро ошуфтаҳолона бӯсида ашк мерехт Камбуҷия ва навҳа мекашид. - Писари осиятро бубахш!..

- Дареғи фарзанди нохалаф! - Ту дар марги модарат оби чашм нарехта будӣ, Камбуҷия! Вале паёми шоҳӣ ҳама дарду ғамҳоятро бароварда. Дил манеҳ ба тоҷу тахт, ки чун магас дар хуми асал дармемонию дигар раҳидан наметавонӣ!..

ЭЪЛОМИЯИ НАҶОТБАХШ

Моҳи нисани[1] соли 538 то мелод, рӯзи дувоздаҳум ва охирини Соли Нав, ки аз рӯи таомули бобулиён иди зиёрати Мардуки волотабор аз ҷониби подшоҳ ва маросими тоҷгузорӣ ба шумор мерафт, бо шукӯҳи хосае оғоз ёфт.

Ҳаво софу беғубор буд ва насими сарди субҳи баҳор аз фарорасии рӯзи нек башорат медод. Куруши Кабир азм намуд, ки ба иди Соли Нави бобулиён шукӯҳу ҷалоли Наврӯзи ориёиро фузуда, рӯҳониёни магруру ашрофони ишратзадаи ин шаҳри кӯҳанро сабақи муносибе диҳад. Қабати болоии манораи овозадори Бобул, ки бо тилои холис зарҳалкорӣ шуда буд, дар партави офтоби субҳгоҳӣ дурахшида чашмро мебурд. Канораҳои роҳи васеи кӯчаи Адад ва хиёбони Айбаршабум, ки ду тарафашро пайкараи шерҳо оро медоданд, пур аз ашрофону асилзодаҳои сарватманд, тоҷирони таноз ва тамошобинони ҳангомаҷӯй буд. Дар пешайвони болохонаҳо ва рӯи боми иморатҳои баланд дӯшизаҳои зебоандому хонумҳои хушлибос ҷониби қасри шоҳаншоҳӣ нигариста, берун омадани Куруши Кабирро бесаброна интизорӣ мекашиданд.

Дар ду ҷониби дарвозаи бошукӯҳи қасри шоҳаншоҳӣ сипоҳсолорони воломақом либосҳои фохираи низомӣ бар тан ва шамшерҳои дастаашон хотамкорӣ дар миён бо тартиби хосае истода буданд. Поинтар аз онҳо дар ду самти роҳи васеъ чор ҳазор сарбози яккачини найзадор ду қатор саф баста, тамошобинони хирасару ҳангомаҷӯйро пеш омадан намегузоштанд. Аз пушти сафи сарбозон посбонони бобулӣ дурраҳои гарон бар даст фавҷи тамошобинонро назорат мекарданд, то аз хати муқаррарашуда нагузаранд.

Дуртар аз қаср дар пешгоҳи хиёбони Айбаршабум дувоздаҳ

---

[1] Ба моҳи март-апрел рост меояд.

расми таъзим ва эҳтироми шоҳаншоҳро ба ҷо меоварданд. Сипас ду ҳазор посбонони яккачини шоҳаншоҳ бо шамшерҳои урён аз ду тарафи гардуна дуқатора саф баста, бо қадамҳои якмаром дар тӯли хиёбон пеш шитофтанд. Аз думболи онҳо дусад сар аспи хосаи Куруш бо зину афзори гаронбаҳо, рӯпӯшҳои дастибофти пашмӣ ва лигомҳои хотамкории чармин намудор шуд, ки ҳар кадоми онро саисе ҳидоят мекард. Аз паси қатори аспҳо дусад тан шамшердорону силаҳкашони шоҳаншоҳ раҳсипор буд, ки ҳар кадом афзорҳои хосаи ҷангӣ - кулаххӯду ҷавшан, шамшеру сипар, чоруинаву бозубанд, гурзу амуд, жӯбину фалахмон ва найзаю теғпайконҳон кӯтоҳдастаро мебурданд.

Ниҳоят ду ҳазор сарбози найзадор дар гирди парчами аҷдодӣ ва асои салтанат саф ороста, аз паси шамшердорону силоҳкашони шоҳаншоҳ раҳсипор шуданд. Оқибат ашрофзодаҳои воломақом ва муқарработи шоҳаншоҳ савори таковарҳои оростаю пиростаи хеш аз дарвозаи қаср берун омаданду кӯчаи васеи Адад, хиёбони Айбаршабум ва растаи паҳновари Тантана пур аз сипоҳиёни бонизому дастаҳои сафбастаи лашкари яккачини Куруши Кабир гашт.

Маросими бошукӯҳи қурбонӣ дар маъбади Эсагил шурӯъ гашту Куруши Кабир аз рӯи анъанаи дерина бо ҳидояти саррӯҳонӣ ва чанде аз рӯҳониёни волотабори Бобул ба зиёрати Мардук шитофт. Сари Мардукро тоҷи лоҷувардӣ ва сари синаашро гулчанбаре аз тилои холис оро медод.

Куруши Кабир бо васояти саррӯҳонӣ дасти сарду бечони Мардукро гирифт. Машъалҳои даруни маъбад якбора фурӯзон шуданд ва аз даруни мучассамаи тилоии Мардук овое хест нарму маҳин ва гӯшнавоз шабеҳи лафзи одамӣ. Лафз барои Куруш ноошно буд, вале саррӯҳонӣ лабханди маънидоре карду бо нимтаъзим каломи Мардукро ба шоҳаншоҳ расонд:

«Ман Мардук, худои бузург, ҳомии Бобул ва бошандагони он, накӯкорию ҳақпарастии Курушро писандидам, роҳашро сӯи Бобул кушодам ва ҳимоятгару пуштибонаш гаштам. Бо иноятн ман лашкари бешумораш чун мавҷи дарё ба Бобул омад ва шаҳрро бе ҷанг фатҳ кард. Ман Бобулро аз шарру офат эмин дошта, Набониди бадкирдорро, ки ба қадру манзалатам намерасид, ба дасти Куруш асир додам.

гирифта таъзим мекарданд.

Куруш пири дайри муғон – мӯъбади кӯҳансол тоҷро аз рӯи лаълии заррин гирифта ба сари Камбуҷия ниҳод. Тоҷи шоҳӣ, ки бо ҳамдастии заргарону ҳаккокон ва ҷавоҳирнишинони мумтоз соҳта шуда буд, ба андоми лоғару рангаш коҳидаи шоҳи ҷавон нуру сафо меафзуд.

Саррӯҳонии маъбади Эсагил, ки ниҳодани тоҷро муносиби худ мепиндошт, аз дастури ғайричашмдошти Куруш таконе хӯрду дар қаъри чашмонаш шарораи кинае падид омад. Куруш мисли он ки ҳолати ногувори саррӯҳониро пай бурда бошад, супурдани шашпари салтанатро ба ӯ вогузошт. Саррӯҳонӣ бо камоли мамнуният ва худнамоӣ шашпари салтанатро ба шоҳи ҷавон тақдим намуда, сӯи ӯ нигоҳи рамуздоре афканду аз пешонааш падарвор бӯсид. Камбуҷия аз ин меҳрубонии ғайричашмдошт ба риққат омада, аз китфи рости саррӯҳонӣ бӯсаи ҷавобӣ кард. Ин лутфу марҳамати дутарафа дар миёни рӯҳониён ва меҳтарони бобулӣ нидоҳои таҳсиномез ангехта Камбуҷияро водор намуд, ки сӯи падар хавотиромез нигарад.

Куруши Кабир ҳамоно орому бовиқор менишаст ва ба назар пораи яклухти санги хороро мемонд. Ҳангоме ки роҳиби юнонӣ шамшери фатҳу нусратро ато намуд ва маросими шодбошию табрикот оғоз ёфт, Куруши Кабир нахустин шуда барҳесту сӯи Камбуҷия шитофт. Ӯ парчами давлатро, ки ба рӯяш тимсоли зарҳалини парандаи соҳибқирони тезчангол – ҳомии тахту тоҷ ва рамзи қудрати салтанат сабт шуда буд, ба писар дода ӯро самимона оғӯш намуд ва шодбош гуфт. Камбуҷия ба эҳтиромӣ шоҳаншоҳи бузург нимтаъзиме карду зонуи ростро ба замин ниҳода, домани хилъати падарро бӯсид. Куруш аз дасти писараш бардошта ӯро ба тахташ ҳидоят намуд ва сипас дар ҳавои мавҷи қарсаки ҳозирин ба ҷои хеш баргашт.

Дасти каме сарду арақшори писар ғаши ӯро меовард. Нигоҳи дар зоҳир самимӣ, аммо таҳ ба таҳ асороludи Камбуҷия ӯро ба хаёл мебурд. Ва Куруши андешаманд миёни Камбуҷия ва Астиаги бобояш як монандию шабоҳати аҷиберо дармеёфт.

«Нигоҳи Астиаг, худованд гуноҳашро биёмурзад, якчанд зина дошт, - меандешид ӯ ботинан. - Дар зинаи болоии чашмонаш эҳсоси садоқату дӯстӣ ҷилва мекарду даруни он оташи кинаю қасос чун лахчаи зери хокистан ноаён рӯ мезад.

Шояд Камбуҷия сустии ниҳоду заифии пайкар, феълу хӯйи ноустувор, тинати сиёҳу кинаварз ва ҳатто кафи дастони

гайричашмдоште аз миёни сафи посбонон гузашта пайкараи тилоиро ба Камбуҷия доду ӯро аз номи сарроҳиби Миср ва фиръавн Амасис табрику таҳният гуфт.

Густохии роҳиб ва ҷасорати ӯ Курушро боз ба андеша бурд. «Аз куҷост ин далериву густохии рӯҳониён? – бо таассуф меандешид ӯ. - Ҷоҳи худро аз ҷоҳи шоҳаншоҳ кам намепиндоранд. Ҳанӯз оини тоҷгузорӣ поён наёфта рӯҳониёни мисрӣ ҳам доми макру фиреб мениҳанд. Қудрату дабдабаи онҳо имрӯз аз нерӯи фиръавн Амасис камтар нест. Сармояи бешумори ибодатхонаҳо, ки пушт ба пушт ғундошта дар ниҳонхонаҳои бозътимод нигоҳ медоранд, бароямон далерию ҷасорат мебахшад.

Савдогарону ҷосусон хабар медиҳанд, ки дар Миср дуҳокимиятӣ мадор мегирад. Фиръавн Амасис ба қарз ғутида, чораи пардохтани дастмузди сарбозонашро надорад. Аз фузунии андози кишвар норозигии кишоварзон меафзояд. Баъзе сарварони музофотҳо бошанд, бо рӯҳониён забон ёфта, аз итоати фиръавн мебароянд. Он рӯз дур нест, ки рӯҳониёни кишвар ошӯб хезонда фиръавнро аз тоҷу тахт маҳрум месозанду ба ҷои ӯ нафари гапдарою итоаткореро фиръавн мегузоранд. Ва тадбирҳои сӯиқасду заҳр нӯшонданашон ҳам аз пешбинӣ дур нест...

Магар писари гумроҳу кӯтоҳандешаш ҳадафи дури рӯҳониёни маккорро пай мебурда бошад? Охир имрӯз Миср аз шамшери Куруш бим дорад ва чораҳо меандешад, ки дами шамшери фатҳоварашро кунд намояд. Роҳи камзаҳмату осон дили шоҳзодаи гумроҳро ба даст оварда миёни писару падар хусумату ҷудоӣ ангехтан аст. Ин усули озмудаю дархури аҳли тақвост, ки садсолаҳо боз барои сарришгари давлатро ба даст гирифтан истифода мешавад.

Магар писари гумроҳаш пай мебарад, ки рӯҳониён сарфи назар аз кешу мазҳаб ва давру замон подшоҳи беиродаю дастгоҳи коҳидаи давлатро ба хидмати худ вомегузоранд ва ҳукму дархости хешро бо дастури шоҳ пеш мебаранд?

Магар писари гумроҳаш медонад, ки дар пояи тахти шоҳ бими бохтани ҷон, дасисаю хиёнат, сӯиқасду ҳунрезӣ ва шӯру ошӯбҳо нуҳуфтааст. Ин роҳ хоҳ кӯтоҳ бошаду хоҳ дароз бо талошу пайкор ва муборизаҳои ошкору ниҳон ҳамоҳанг аст ва аз болои ҷасади ҳазорон гузаштан рост меояд. Ба хотири тахту тоҷ писар падарро мекушаду бародар бародари ҳамхунро. Ва оташи ин ҳангомаҳои тахтгафкан бештар бо дасти пирони дайру куништ ва роҳибони хиёнатпеша боло мегирад. подории

гайричашмдоште аз миёни сафи посбонон гузашта пайкараи тилоиро ба Камбуҷия доду ӯро аз номи сарроҳиби Миср ва фиръавн Амасис табрику таҳният гуфт.

Густохии роҳиб ва ҷасорати ӯ Курушро боз ба андеша бурд. «Аз куҷост ин далериву густохии рӯҳониён? – бо таассуф меандешид ӯ. - Ҷоҳи худро аз ҷоҳи шоҳаншоҳ кам намепиндоранд. Ҳанӯз оини тоҷгузорӣ поён наёфта рӯҳониёни мисрӣ ҳам домиа макру фиреб мениҳанд. Қудрату дабдабаи онҳо имрӯз аз нерӯи фиръавн Амасис камтар нест. Сармояи бешумори ибодатхонаҳо, ки пушт ба пушт гундошта дар ниҳонхонаҳои бозътимод нигоҳ медоранд, барояшон далерию ҷасорат мебахшад.

Савдогарону ҷосусон хабар медиҳанд, ки дар Миср духокимияти мадор мегирад. Фиръавн Амасис ба қарз гӯтида, чораи пардохтани дастмузди сарбозонашро надорад. Аз фузунии андози кишвар норозигии кишоварзон меафзояд. Баъзе сарварони музофотҳо бошанд, бо рӯҳониён забон ёфта, аз итоати фиръавн мебароянд. Он рӯз дур нест, ки рӯҳониёни кишвар ошӯб хезонда фиръавнро аз тоҷу тахт маҳрум месозанду ба ҷои ӯ нафари гапдарою итоаткореро фиръавн мегузоранд. Ва тадбирҳои сӯиқасду захр нӯшонданашон ҳам аз пешбинӣ дур нест...

Магар писари гумроҳу кӯтоҳандешаш ҳадафи дури рӯҳониёни маккорро пай мебурда бошад? Охир имрӯз Миср аз шамшери Куруш бим дорад ва чораҳо меандешад, ки дами шамшери фатҳоварашро кунд намояд. Роҳи камзаҳмату осон дили шоҳзодаи гумроҳро ба даст оварда миёни писару падар хусумату ҷудоӣ ангехтан аст. Ин усули озмудаю дархури аҳли тақвост, ки садсолаҳо боз барои сарриштаи давлатро ба даст гирифтан истифода мешавад.

Магар писари гумроҳаш пай мебарад, ки рӯҳониён сарфи назар аз кешу мазҳаб ва давру замон подшоҳи беиродаю дастгоҳи коҳидаи давлатро ба хидмати худ вомегузоранд ва ҳукму дархости хешро бо дастури шоҳ пеш мебаранд?

Магар писари гумроҳаш медонад, ки дар пояи тахти шоҳ бими бохтани ҷон, дасисаю хиёнат, сӯиқасду ҳунрезӣ ва шӯру ошӯбҳо нуҳуфтааст. Ин роҳ хоҳ кӯтоҳ бошаду хоҳ дароз бо талошу пайкор ва муборизаҳои ошкору ниҳон ҳамоҳанг аст ва аз болои ҷасади ҳазорон гузаштан рост меояд. Ба хотири тахту тоҷ писар падарро мекушаду бародар бародари ҳамхунро. Ва оташи ин ҷангомаҳои тахтафкан бештар бо дасти пирони дайру куништ ва роҳибони хиёнатпеша боло мегирад. подории

Мардуми аз истиқболи Соли нав ба тозагӣ осудаи Бобул боз дар атрофи мунодиён гирд омада, бо кунҷкобии тамом гӯш ба паёми Куруш медоданд.

«Манам Куруш, шоҳи шоҳон, шоҳи бузург, шоҳи неруманд, шоҳи Бобул, шоҳи Сумер ва Акад, шоҳи чаҳор гӯшаи ҷаҳон, писари Камбуҷия, шоҳи бузург, шоҳи Аншон, аз тухмаи Чишпиш, шоҳи бузург, шоҳи Аншон, аз дудмони салтанати ҷовидон, ки салтанаташ мавриди хостаи худоён ва ҳукуматаш ба дилҳо наздик аст. Ҳангоме ки бе ҷангу оромӣ вориди Бобул шудам, ҳама мардум кудуми маро ба шодмонӣ пазируфтанд. Дар қасри подшоҳони Бобул ба сарири салтанат нишастам. Мардук - Худои бузург, дилҳои наҷиби мардуми Бобулро моили ман кард, зеро ман ӯро мӯҳтарам ва гиромӣ доштам. Сипоҳи бешумори ман бе ҷангу оромӣ вориди Бобул шуд. Нагузоштам садама ва озоре ба мардуми ин шаҳру ин сарзамин ворид ояд. Вазъи дохилии Бобул ва маконҳои мукаддаси он қалби маро такон дод. Фармон додам, ки ҳама мардум дар парастиши Худои худ озод бошанд ва бединонро наёзоранд. Фармон додам, ки ҳеҷ як аз хонаҳои мардум хароб нашавад. Ман ба бадбахтиҳои онон хотима бахшидам. Мардук - Худои бузург аз кирдори ман хушнуд шуд ва ба ман Куруш, шоҳе ки ӯро сутудам ва ба фарзандам Камбуҷия ва тамоми лашкари ман аз роҳи иноят баракати худро нозил кард. Подшоҳоне, ки дар ҳама мамолики олам дар сарзаминҳои худ нишастаанд, аз дарёи боло то дарёи пойин ва подшоҳони ғарб ва шоҳони сарзамини Бохтар ва подшоҳоне ки дар хаймаҳо маскан доштанд, маро хирочи гарон оварданд ва дар Бобул бар пойҳои ман бӯса заданд. Фармон додам, ки аз Бобул то Ошур ва Шуш ва Акад... ва ҳамаи сарзаминҳое, ки дар он тарафи Дачла воқеъанд ва аз айёми қадим бино шудаанд, маъбадҳоеро, ки баста ва вайрона буд, бикушоянд ва таъмир кунанд. Ҳама Худоёни ин маъбадҳоро ба чойҳои худ баргардондам ва дар манзаргоҳи поядор ҷой додам, то ҳамеша дар он ҷо муқим бошанд. Ман ҳамаи сокинони ин маҳалҳоро ҷамъ кардам ва хонаҳои онҳоро, ки хароб карда буданд, аз нав сохтам

ҳуқуқи башар эътироф шудааст, ки озодии ҳуқуқу шараф, эътиқоду мазҳаб ва молу ҷони сокинони қаламрави империяи Куруши Кабирро кафолат медод. Матни бобулии ин санад соли 1879 аз харобаҳои Бобул пайдо шуда, алҳол бо номи устувонаи Куруш дар музеи Британия (Лондон) маҳфуз аст. Матни фармони мазкур дар сатҳи устувона дар чилу панҷ сатр ҳаккокӣ шудааст, ки чанд сатри охири он харобу нохоност.

ИШҚИ ХУНОШОМ

Қисми сеюм

ТАНҲОЙ

Фатҳи Бобул бароя Куруш хурсандии пирӯзиҳои пешинаашро наовард. Ӯ пас аз ду соли пирӯзӣ бар Бобул Ойбарро мушовири Камбучия ва масъули даҳлу харҷи шаҳр таъин намуда, роҳи Шушро[1] пеш гирифт. Боду ҳавои салқини тобистони Шуш бароям писанд омада буд ва ӯ мехост ба ин шаҳри кӯҳани эломиҳо шукӯҳу шаҳомати тоза бахшида, пойтахти тобистонаи хеш қарор диҳад. Зеро Шуш дар маркази роҳи тиҷоратии кишварҳои шарқу ғарб воқеъ буда, онро савдогарони Бохтару Суғд, Хоразму Порт, Ҳинду Арея ва дигар билодҳои дур мегузаштанд ва сӯи шаҳрҳои овозадори Ғарб мерафтанд.

Куруш баъди бемориҳ ва марги ногаҳонии ҳамсараш Касандона худро дилшикастаю танҳо мепиндошт. Бемории шоҳбону моҳи дуюми фатҳи Бобул сар шуда, то нимаҳои зимистон тӯл кашид. Табибони бобулӣ дар наҷот додани шоҳбону оҷиз монданд ва ҳамсари хастаҳолу нотавонаш майли ба зодгоҳаш рафтан намуд. Бо амри Куруш гардунаи шашчархаи болопӯше сохта, бистари нарми парикӯиеро андарунаш густурданд ва беморро болои он хобонданд. Дар ду тарафи гардуна духтаронаш - Атоса ва Аристона, инчунин табиби хоса ва канизони дӯстдоштаи шоҳбону ҷой гирифтанд. Гардунаро аз пеш посбонони савора, аз пас надимону пешхидматон ва аробаҳои пурбор ҳамроҳӣ мекарданд.

Шоҳбону қабл аз сафар сӯи Куруш дуру дароз нигарист ва қатраҳои ашк аз рухсорааш беихтиёр шоридан гирифт. Ӯ гаштаю баргашта таъкид намуд, ки Камбучияро озор надиҳад ва мехрубонию навозиши падаронаро аз писари калонаш дареғ надорад. Сипас бо овози пасту ларзон аз шавҳар омурзиш пурсиду панҷаҳои бемадори кафи дасти чангзадаашро афшонда видоъ намуд. Ҳафтае нагузашта хабари марги ӯ аз нимароҳ расид. Шаҳр мотам гирифт ва Куруш пойтахти навашро тарк карда, сӯи Пасаргод шитофт.

---

[1] Шуш, Шушан, пойтахти собиқаи Элом, ки дар аҳди Куруши Кабир ба яке аз пойтахтҳои тобистоннишини шоҳаншоҳони Ҳахоманишӣ табдил ёфта буд.

Ба мӯи мушкини Куруш солҳои охир сафедӣ дамида, дар ҷабинаш ҷо-ҷо тӯри ожангҳо меафтод. Ӯ ба хотири раҳидан аз хузну андӯҳ ва эҳсоси мағшуши танҳоӣ нақшаҳои тозаи ободонии қаламрави паҳноварашро мекашид. Бунёди роҳҳои тиҷоратӣ, корвонсарою бошишгоҳи тоҷирон, алалхусус таъмиру васеъ ва сангфарш намудани роҳи бузурги шоҳаншоҳӣ, ки аз Шуш то Сард тӯл мекашид, ӯро ҳафтаҳою моҳҳо машғул медошт.

Куруш бо ин роҳи тӯлонии пурпечу хам баъди фатҳи Лидия ҳангоми аз Сард сӯи Шуш бозгаштанаш ошно шуда буд. Ин роҳи дарози тиҷоратӣ, ки аз водию даштҳои сабзпӯш, чӯлу биёбонҳои ташнакому гиёҳсӯхта ва кӯҳу теппаҳои қатор мегузашт, барои рафтуои қофилаи корвонҳо ва савдогарони билодҳои дуру наздик чандон мусоид набуд. Куруш пас аз фатҳи Бобул вусъати тиҷорату рафтуои қосидонро дар саросари кишвар ба назар гирифта, амр дод, ки дар фосилаҳои муайяни роҳ бошишгоҳи қосидон ва дар сари чорсӯю дуроҳаҳои муҳими тиҷоратӣ корвонсаройу манзилҳои истиқоматӣ бино намоянд.

Дар тӯли роҳи сангфарши шоҳаншоҳӣ[1] аломатҳои махсуси роҳро устувор намуда буданд, ки онҳо ба фосилаи роҳ, нуқтаҳои обу бошишгоҳҳои дамгирӣ, самти шаҳру маҳалҳои калони аҳолинишин, бозору корвонсаройҳои серодам ҳидоят мекарданд. Роҳҳои мусоиду бехатар ба беҳшавии тиҷорату низоми алоқа оварда расонд. Амру фармонҳои шоҳаншоҳ ба дурдастта4рин гӯшаҳои кишвар дар тӯли се ҳафта мерасид, ки суръати ҳаракати қосидон аз парвози кабӯтар ҳам тезтар буд. Мувофиқи дастури Куруш дар фосилаи ҳар чор фарсанг[2] қосидони расидаро аспони тезгому қосидони навбатӣ интизор буданд. Чун паёми шоҳаншоҳро аз як бошишгоҳ ба дигараш бо шитоб меоварданд, онро қосиди омодаи сафар дартоз гирифта, ба бошишгоҳи навбатӣ мерасонд, ки ин фосилаи вақтро се баробар кӯтоҳ мекард.

Сокини Шуш шудани Куруш ва ба кӯрҳои ободонии пойтахти наваш бебокона сарф намудани хазинаи шоҳаншоҳӣ, ҳисси кунҷкобӣ ва ғаризаи хатарҷӯии бисёр кишварҳои канори

---

[1] Муаррихони юнони қадим, аз ҷумла Ҳеродот, Ктесий, Страбон ва дигарон ин роҳи шоҳаншоҳиро тавсиф кардаанд.

[2] Масофан тақрибан 40 км.

кӯзаҳои миноии коринфӣ ва ҷомҳои тилоии мунаққаш, ки бар танашон сурати таҳамтанону манзараҳои набард сабт шуда буд, болои даст падид омаданд. Ҳусну ҷамоли модарзод - миёни борик, суринҳои дамида, синаҳои таранг, абрувони ҳилол ва чашмони шӯху бебоки дӯшизаҳои мисрию юнонӣ набзи хастаи Курушро ба шӯр меовард. Хуни шарёнаш, ки аз асари танҳоиву андешаҳои азиятовар сард гашта буд, аз дидани ин нозанинони яккачин хаёле шарар мебардошт. Чашмонаш нур мегирифт, дилаш такони фӯрам мехӯрд ва ӯ пай мебурд, ки кайҳо боз табу тоби ишқ ва навозиши тани занро пазмон шудааст. Ӯ шӯру галаёни хунашро бо камоли хунсардӣ фурӯ менишонду аз фаросати фитрӣ ҳадафи ниҳоӣ ва муроди сафиронро дармеёфт. Кишвари овозадори рӯҳзанҳои баҳрӣ мехоҳад ҳарифони тавонояш - Мисру Юнонро бо дасти ӯ шикаст диҳад.

Соате нагузашта бо амри Куруш зиёфати бошукӯҳе оростанд. Дӯшизаҳои нозанин беибо мераксиданду бо пойкӯбию дастафшонии мавзуну хушхиромиҳои афсуномезашон дили меҳмонону муқаррабони шоҳаншоҳро тасхир мекарданд. Ҷомҳои шароб паси ҳам холӣ мешуд, сарҳо метафсид ва гирехи забонҳо кушода мегашт.

Куруш риштаи суханро ноаён ба набардҳои баҳрӣ ва сафинаҳои ҷангии финикиён мебурд Ӯ хуб медонист, ки сафинаҳои ҷангиии бодбондори онҳо аз киштиҳои белдори мисриёну юнониён бо суръати ҳаракат, ғунҷоиши ҷанговарон ва тобоварӣ ба латмаҳои мавҷу ҳаши гулӯлаҳои нафт бартарӣ доранд. Устоҳои киштисози финикӣ асрори сохтани сафинаҳои тезгарду калонҳаҷмро аз рақибони худ ниҳон дошта, рохзанҳои баҳрӣ ва тоҷирони яғмопешаашон афзалиятро дар баҳр аз даст додан намехостанд.

Куруш бо ширинзабонию хушсуханӣ ва ақли бедору зиракии модарзод, дили сафирони аҷнабиро мерабуд. Ӯ илми сеҳру афсунро аз бар накарда бошад ҳам, мусоҳибонро бо самимияти суханону гуфтори дилангезаш мафтун мекард. Пас аз фурсате сарвари сафирон иқрор шуд, ки ӯ шоҳзодаи валиаҳд аст ва бо амри падар ин дӯшизаҳоро подош оварда, бо шоҳаншоҳи олам паймони дӯстию аҳди ҳамсояғӣ бастан мехоҳад.

Паймони дӯстӣ низ дар сари мизи зиёфат бе таъхир баста шуд. Финикиён пуштибонию васояти Куруши Кабирро эътироф намуда, чун як мулки мустақил ба ҳайати қаламрави ӯ ворид гардиданд. Роҳҳои тиҷоратии калонтарин шаҳрҳо - Шуш,

нии мулк хаста шуда буд, барои роҳату осоиш Пасаргодро ихтиёр кард. Ӯ дар боғи биҳиштосои канори қаср орамида, адои расмияти дарборию корҳои маъмуриро бар дӯши дабирхат ва девонсолор вогузошта буд.

Ҳар субҳ аз чаҳор самти кишвар садҳо паём мерасид. Сатрапҳои вилоятҳои дуру наздик аз хушксолию обхезӣ, тугёни рӯду офати сел, ҳуҷуми малаху асари вабо, таъхири пардохти андозу нарасидани маблағи сохтмон ва дигар шикасту рехтҳои вилояташон хабар мефиристоданд. Бори гарони ҳама бурду бохти мулки паҳновар ва андешидани тадбиру чораҳои фаврӣ солҳои охир Курушро сахт хастаю дилгир карда буд.

Ӯ солҳои пеёни умр андешапарвару хаёлӣ шуда, манзараҳои гуворою ногувори рӯзгори гузаштаро пеши назараш меовард. Ҳатто хобҳои дидаи парешонаш ӯро соатҳо машғул дошта, андешаҳои талху ширинро дар замираш меангехт.

Боре Томирис дар яке аз шабҳои фасли сармо савори таковари сафед, мӯи мушкинаш парешон, хандае ширин андар лаб, нури меҳрбору фиребое дар чашмони бодомӣ ба хобаш даромад. Ӯ дар домани дашти сабзпӯше асп метозонду бо дастафшонию хандаҳои гуворо Куруши савори самандро сӯяш мехонд. Куруш бо тундӣ пеш шитофта ба таковари Томирис наздик меомад.

Баногоҳ чавоне савори аспи сиёҳмушкин шамшери урёне болои сар аз пешорӯяш пайдо шуд. Аз таги чавшан китфони варзидаю синаи фарохаш барчаста, шамшераш дар нури офтоб медурахшид. Куруш аз ин ҳамлаи ғайричашмдошт дасту по бохта фурсати шамшеркашӣ наёфт. Сипари дар бозуяш ҳамоилро осемасар ба рафъи зарба бардошта самандашро бероҳа ронд. Шамшери ҳариф гӯшаи сипарашро чок карда, ба чисми Куруш таконе фиканду бозуяшро хунхор намуд. Чавони таҳамтан ба сипари чоку бозуи хунафшони Куруш ғолибона нигариста дубора ҳамла наовард. Шамшерашро ба наём андохту бо чашмони лабрези хашм таковарашро маҳмез зада аз думболи таковари сафед дар васати дашти фарох дур шуд.

Куруш аз ҳавли бохтани чон раҳида, оҳи бадарде кашид ва пай бурд, ки ҳамлаи ногаҳонии чавон аз огоҳие беш набуд. Вагарна ӯ имкони дубора бозгаштану бо ҳуҷуми тезу тунд аз пой фикандани ҳарифи дар ғафлат мондаро дошт. Охир фосилаи миёни онҳо аз як қади найза беш намеомад ва барои чанговари размозмуда аз пой фикандани ҳариф коре осон буд.

Аммо пас аз таскин ёфтани дарди ишқ дар ин нимашаб Томирис боз ба хоби ӯ даромаду якбора ҳама оромию сабру қарорашро барҳам зад. Куруш дар таъбири хоби дидааш оҷиз монда, дар бистари нарм аз паҳлу ба паҳлу мегашту намедонист барои таскини дил чи чорае андешад. Дарди хуфтаи ишқ бедор шуда, дар ниҳонхонаи дилаш шӯру шарар меангехт. Куруш чун ҷавонони гирифтори ишқ бедорхобӣ мекашиду гарқи хаёлҳои ширин ёди ёри қайсару номеҳрубон мекард. Шаби сарди зимистон ба поён мерасид, аммо ӯ ҳамоно дар банди фикру хаёл вомонда, ба қароре омада наметавонист.

Оқибат субҳ дамида дар кӯчаи пешорӯи қасри шоҳаншоҳ рафтуои одамон сар шуд. Аз буни қаср дам ба дам садои гоми асп ва гичирроси гардунаҳои боркаш ба гӯш мерасид. Пешхидматону надимони дарбор низ аз хоб хеста, бо сулфаю гулӯафшонӣ посбононро огоҳ мекарданду аз паи ташвишҳои ҳаррӯзаи худ мешуданд.

Куруш бо фаро расидани рӯз қадре таскин ёфту аз рӯи одати дерина кафи даст кӯфта саройбонро наздаш хонд. Саройбони солдида аз нигоҳи аввал бедорхобии шоҳаншоҳро пай бурда аз рӯи расмияти дарбор ба адои дуруду паём ва хабарҳои тозаи шаб пардохт.

- Шаб ором гузашт, - пурсид Куруш оромона.

- Бале, шоҳаншоҳам. Ҳангоми бомдод аз кишвари Порт ҷавоне бо номи Доро расид ва нигарони пазироист.

- Дорои писари Виштосп бошад? - тахмин зад Куруш.

- Бале, аз пеши Виштосп омадааст. Мегӯяд, ки паёме дорам ва бояд зуд ба шоҳаншоҳи ҷаҳон расонам.

- Бигузор дарояд...

Ҷавони тақрибан бистсолаи зебоандом, ки мӯи сиёҳаш то сари дӯш ҳамида буд, таъзимро ба ҷо оварда, аз остони дар чанд қадам пеш омад. Доро ба сурат болотар аз миёнақад, тануманду рехтапайкар, ҷабинфароҳу кушодарӯй буда, нигоҳи басо зиракона ва тезу рамузгир дошт. Ӯ ҳусни тавозӯю одобро риоя мекард, аммо дар чашмони сиёҳу таҳдораш эҳсоси кунҷкобию ҳавас ҳувайдо буд.

- Бифармо, Доро! – бо чеҳраи кушода ва лабханди нарм ӯро пазирой намуд Куруш. - Мебинам, ки ҷавонмарди баркамолу хушқаду баста шудай!

- Ба дастбӯсии шоҳаншоҳи ҷаҳон расидан бароям шараф аст, - бо таъзим посух дод Доро.

- Мебинам, ки хуни чавонӣ дар танат мечӯшад, - бо қаноатмандӣ даст ба китфи Доро ниҳод Куруш. - Бошад, бо дастури ман ба Экбатана рафта ҳазор тан сипоҳи яккачин гирд овар ва дар пайи варзишҳои чангӣ бош! Чун дами созвор фаро расид, хунаратро дар майдони набард нишон медиҳӣ...

- Сипосгузорам, шоҳаншоҳ! - қадре ҳайрон шуд Доро. - Вале чаро дар назди марз нею дар пойтахти орому осуда?

- Дар густохӣ аз писари Томирис мегузаронӣ, Доро! - озурдадилона ба қаъри чашмони ӯ нигарист Куруш. - Бидон ва огоҳ бош, ки ман ҷаҳонро нахуст бо сухани ширин, сипас бо зари холис ва ахиран бо шамшери хунрез фатҳ кардаам. Дар ҷое ки сухан дармонд, ба ёриам подоши сазовор халтаҳои зар расид. Дар ҷое ки зари тоза ба кор наомад, шамшеру сипоҳ мададгорам гашт. Аз ин хотир ду роҳи нахустро наозмуда наметавонам бароят дастури набарду лашкаркашӣ диҳам...

* * *

Куруши Кабир қайҳо аз синни шаст гузашта бошад ҳам, чолокию нерӯмандии ояни чавониро набохта буд. Дар зӯрозмоиҳои тан ба тан, набардҳои шамшерзанӣ, варзишҳои тирандозӣ ва пайкори аспдавонӣ кам таҳамтане бо ӯ баробар омада метавонист. Вале рафтани умр ба ҳулқу хӯйи ӯ асар гузошта, ҳарорату оташи чавониро дар замираш коҳонида буд. Дигар шавқу ҳаваси чангу кишваркушоиҳо надошт ва аз пирӯзии набарду шиқастани ҳарифони тавоноят чун пештара ҳаловат намебурд.

Аммо аз қазои тақдир хоби нимашаби фасли сармо ва аёдати ногаҳонии Доро хуни хуфтаи ӯро бедор кард. Ӯ дар симои Доро чавонию бебокиҳои худро шинохта, аз бепарвоию хунсардии бармаҳалаш афсӯс хӯрд. Нерӯи ниҳодаш аз банди андешаҳои яъсовар раҳида азму иродаи собиқааш боло гирифт.

Рӯзи дигар бо амри шоҳаншоҳ Доро сӯи Эктабана раҳсипор гашту Куруш оромӣ ва сабру қарори пешинаашро бохт. Дар ниҳоди ӯ ду эҳсос рӯ зада, ҳар кадом барои пойдорӣ талош меварзид. Яке эҳсоси ишқ ва кашиши меҳри ёри ноошно буду дигаре қарзи ҳифзи сарҳад ва орому бехатар намудани қаламрави шарқии кишвар.

Куруш дар миёни ду эҳсос дармонда намедонист чӣ тадбире андешад. Баъди солҳои дарози чудоӣ ва ба ишқи ӯ посух надо-

- Умеди набард бо Миср? - суоломез нигарист Куруш.

- Бале, шоҳаншоҳам. Дар Бобул барои сафар сипоҳи ҷангӣ омода кардааст,

- Аз ҷавоне, ки дар ҳарамсарой ба камол расида, чун айёшони бобулӣ ҳино бастану чун занони ҷилвабоз шалворҳои гулдӯзӣ пӯшиданро меписандад, фатҳи Мисрро чашмдор будан магар равост? - бо тундӣ пурсид Куруш.

- Сарлашкарони корозмуда дорем, шоҳаншоҳ, - каме ноҳинҷор гашт Ойбар. - Сарбозони кирояи юнонӣ низ моро ҳамроҳӣ мекунанд. Онҳо дар набардҳои баҳрӣ таҷриба андӯхтаанд...

- Мебинам, ки хоҳиши номҷӯии Камбучия афзудааст, - киноя зад Куруш. - Аммо дар набард шӯхратро бо шамшери дигарон ба даст наметоранд.

- Фурсати озмоишҳои душвор барояш фаро расидааст, шоҳаншоҳ, - бидуни ихтиёр ҳамоно ҷонибдорӣ мекард Ойбар. - Бигузор аз набард сабақ омӯзаду ба қадри сафшиканию лашкаркашиҳои пирӯзиовари падар бирасад!

- Майдони набард ҷои бозӣ нест, Ойбар. Ману ту сарро дар набардҳои хурду бузург сафед карда, пешомади лашкарро ба дасти як ҷавони ҳавасбоз супорем, нишони бехирадӣ нест магар?

- Агар шоҳаншоҳи дунё худаш сарварии лашкарро бар дӯш гиранду Камбучияро чун яке аз сипаҳсолорон пазируфта ба ӯ обутоби набард диҳанд-чӣ? - пешниҳод намуд Ойбар.

- Гирифтани Миср ба пиндори ман, бояд аз ду сӯ сар гардад, ҳам аз сӯи биёбону ҳам аз роҳи баҳр, - лаҳзае ба сукут рафт Куруш. - Роҳи биёбони беобу гиёҳи арабҳои бодиягард басо сахту хатарнок аст. То имрӯз лашкаре ин биёбонро напаймудааст. Дар набардҳои баҳрӣ низ бо мисриҳои дарёнавард дорои сафинаҳои афзун сар ба сар шудан корест душвор.

- Дурандешу эҳтиёткор шудай, шоҳам , - маънидорона афзуд Ойбар. - Ба ҷои далерию бебокии ҷавонӣ, хираду дурандешӣ ёрат гаштааст.

- Бебокиҳои ҷавонӣ аз гармии хун мехест, Ойбар, - бо лабханди нарму самимӣ гуфт Куруш. - Имрӯз бори гарони мулки паҳновар ҳама нерӯямро рабуда, ба дасту поям занҷир задааст.

- Хоксорӣ макун, шоҳаншоҳ! Ҳанӯз ҳам ҷавонию нерӯманд! Фақат гирудори афзуни кишвари бепоён чанде хастаат кардааст.

- Ёд дорӣ, Ойбар! - бо шӯру шавқи ҷавонӣ хотираҳоро до-

доранд, ки ба мулкашон дил банданд. Ва дар ҳар лаҳза хиёнат кардан ба шоҳаншоҳ дар пӯсту хунашон ҳаст...

- Фаромӯш накун, ки ту ҳам тӯронӣ, Ойбар! - ҳандаи самимие кард Куруш. - Ва дар дарозои солҳои ошноӣ хиёнате ба ман накардай.

- Ман мурги лонагумкардаам, ки дар кӯдакӣ аз миёни ҳамнажодон канда шудаам...

- Худро ба гӯлӣ зада, бори хостгориро аз дӯшат маяфкан! Омода бош, Ойбар, пагоҳ ба кишвари массагетҳо меравӣ... Ба хостгории шаҳбону Томирис...

- Хостгории шаҳбону Томирис?! - бо ҳайрати ошкоро пурсид Ойбар. - Бо ин тавоноии бепоёну мамлакати паҳновар?.. Гумон доштам, ки шоҳаншоҳ ин бевазани маккору кинаварзро кайҳо фаромӯш кардааст...

- Ин дарди бедармон наздики сӣ сол боз маро ором намегузорад, Ойбар. Пас аз марги ҳамсари даргузаштаам ҳудро танҳою дилшикаста мепиндорам. Ягона меҳре, ки маро то ҳанӯз нерӯманду дилгарм медорад ва бо сеҳри зиндагӣ мефиребад, ишқи ҳамин бевазан аст..

- Дареги ишқ! - афсӯс хӯрд Ойбар. - Агар ба хостгории духтари зебою фариштасои фиръавни Миср - Амасис мерафтам, дилам чандон намесӯхт...

- Ман шоҳаншоҳи чаҳор самти ҷаҳонам, Ойбар. Офтоб аз як гӯшаи қаламрави паҳноварам барояд дар гӯшаи дигари он фурӯ меравад. Сармоям шумор надорад, хазинаҳоям аз тилою лаълу гавҳар лабрез аст. Аммо бо ин дороию тавони беохир магар ман хушбахтам? Не, Ойбар, хушбахт нестам! Кӯшкҳои баланди Шушу Бобул ва Экбатанаю Пасаргод бароям тангӣ мекунанд. Аз даме ки фарзанди ҷигарбандам Камбучия бароям хиёнат карду ба тахту тоҷ дастдарозӣ намуд, дарёфтам, ки бо ҳама фарру шукӯҳи шоҳаншоҳӣ танҳоям. Дар миёни ҳазор кас менишинаму худро танҳо мепиндорам! Ҷаҳонро бо ҷонбозиҳо зери нигин овардаму аз фарзанди худ хиёнат дидам! Магар даҳшати рӯзи растохез аз ин болотар аст?! Чӣ суд аз ин кишвари паҳновару сармояи бешумор, ки маро як умр дар пояи тахт занҷирбанд кардааст дар посухаш кинаю ҳасад, хиёнату бадбинӣ ва косалесиву фиреб мезояд. Кошкӣ шоҳаншоҳи кишваркушой намешудаму чӯпони одӣ мемондам!..

- Маро бубахш, вологуҳар ! - лаҳзае лолу нигарон монд Ой-

ХОСТГОРИИ ДУБОРА

Рӯзи сеюм корвони сафирон омода шуда, бо ҳидояти Ойбар роҳи Яксартро пеш гирифтанд. Аз хазинаи шоҳӣ ба уштурони яккачину таковарони хушхиром тӯҳфаҳои гаронбаҳо, матоъҳои нафису сару либоси фохира, зару зевари занонаю дигар подошҳои муносибро бор карда аҳли корвон бо сару сурати бозаргонон ба роҳ баромаданд.

Куруш дар остони дарвозаи қаср бо Ойбар хайрухуш намуду ба пешайвон баромада аз думболи корвон дурудароз чашм дӯхт. Қофилаи корвон ба самти шарқ рӯ оварда, оғушта ба анвори хуршеди дами субҳ торафт пеш мерафту ба назар хурдтар метофт. Нурҳои чашмгири офтоб ба кӯрпабарфи талу теппаҳои Пасаргод фитода, бо чилою дурахши хосааш чашми Курушро мебурд.

Корвон рафту изтиробу ҳаячони яъсоваре ба дили Куруш роҳ ёфта, ӯро аз айвони қаср берун бурд. Ӯ дар боғи пешорӯи қаср ба гардиш баромада, аз ҳавои сарди берун ҳаловат мебурд. Чиҳил рӯзи аввали зимистон, ки онро кишоварзон чиллаи калон меноманд, аз нисф гузашта, дар фазои Пасаргод фасли сармо ҳукм меронд.

Барфи хушк ба шохаҳои урёни дарахтон ва тани мавзуни арчаи сабзпӯш нишаста, аз асари офтоби тафсида ноаён об мешуд. Кӯрпабарфи нарму ковок дар зери қадамҳои Куруш садо ангеҳта тафси дили ӯро қадре фурӯ менишонд. Аз шохаҳои тару тозаи чафс ва сӯзанбаргҳои арчаҳои даштӣ қабзаҳои намгирифтаи барф мерехт.

Аммо Куруш аз васати боғи дар огӯши кӯрпабарф орамида шитоб накарда гом мениходу гӯё манзараи зебо ва риққатовари барфи ба нури офтоб оғуштаро эҳсос намекард. Ҳама хушу ёди ӯ ин соат аз думболи корвон ба парвоз омада, бурду бохти умри рафтаро дар мизони андеша бармекашид.

Не, ӯ аз сарнавишти пурҳангомаи хеш гилае надошт. Фақат аз бозиҳои нобарҷои тақдир ва эҳсоси ногувори танҳоӣ меандешид. Ӯ ҳайрон буд, ки чаро бо ин ҳама қудрату ҳукмравоӣ худро танҳою дилшикаста мепиндорад. Садое баланд кунад ҳазор кас омодаи хидмат аст, надимону ҳозирбошон бо таъзиму такрим ҳарфу хичояшро бо чон мепазиранд. Ҳатто имрӯз ҳам, ки аз дову дастгоҳи давлатдорӣ худро канор кашидааст, девонсолорро ба ҳузур хонда, ҳар соҳибмақомро аз маснади баландаш поён меаф-

лашкар кашида,[1] ин шаҳри тилоии пуркудрату сарватмандро ба хок яксон намуд.

«Китобҳои гилин»-и китобхонаи шоҳаншоҳии Найнаво[2] хабар медод, ки бобои Ошурбанипал - Синоҳериб баъди муҳорибаи тӯлонӣ Бобулро фатҳ намуда, садҳо ҳазор сокинони ин шаҳри осоиштаро ба ғуломӣ гирифт. Ӯ амр дод, ки шаҳри Бобулро иморат ба иморат, кӯча ба кӯча ва маҳалла ба маҳалла хароб карда бисӯзонанд. Деворҳои қалъаи шаҳр, бурҷҳои мудофиавӣ, қасру кӯшкҳои мӯҳташамро саросар афтонда, ба дарғоти обёрии миёни Бобулистон, ки рӯдҳои Фуроту Дағларо бо ҳам мепайваст, партофтанд. Ҳамаи дарғотҳо ва шабакаҳои обёриро шикастанд ва оби дарёи Фурот сар зада, шаҳри Бобулро саросар ғарқ намуд.

Беҳуда нест, ки Синоҳериб дар «Китобҳои гилин» тафсилоти лашкаркашиашро бо худситой чунин нигошта буд: «Ман Бобулро он қадар хароб сохтам ва ба коми обу оташ додам, ки ҳатто тӯфони бузург ва обхезии даҳшатнок онро то ин дараҷа хароб насохта буд. Бигузор наслҳои оянда дар кучо будани шаҳри Бобулро ёфта натавонанд ва худоёну қасру кӯшкҳои мӯҳташамашро фаромӯш созанд».

Аммо шаҳри Бобул гашта обод шуд. Ин шаҳри мусибатзада аз миёни хоку хокистар қомат афрохт ва шӯҳрати пешинаашро ба даст овард. Аз қазои тақдир баъди сари бобояш Ошурбанипал ба тахти Ошур[3] нишаст ва бо баҳонаи шикаст додани шӯришчиён шаҳри аз хоку хокистар сабзидаи Бобулро боз вайрону валангор намуд.

Куруш қиссаи харобкориҳои подшоҳони золими Ошурро борҳо аз забони воқеъанигорони дарбораш шунида буд ва аз он ачабаш меомад, ки шаҳри мусибатзадаи Бобул даҳсолае нагузашта боз обод мешуду ақлу ҳуши лашкаркашону кишваркушоёни дигарро ба худ ҷалб мекард. Ва дар ободии ин шаҳри кӯҳан ишқи дӯшизаҳои нозанин ва шоҳбонуҳои дарбор асари худро дошт.

Шукӯҳи давлати Ошурбанипали зӯровар низ оқибат поён ёфт. Ӯ дар бистари беморӣ рӯзҳои вопасини умрашро мешу-

---

[1] Давраи ба Бобул лашкар кашидани Синоҳериб ба соли 689 то мелод рост меояд.

[2] Найнаво, номи дигари Ниневия - пойтахти Ошур.

[3] Замони ба тахт нишастани Ошурбанипал соли 669 то мелод аст.

хуррами падар, қадамгоҳи пур аз кӯҳу дара ва долу дарахти соярез, соҳилҳои атрбези рӯди Ому ва талотуми мавҷҳои он ғамбемор шуда, чун моҳии бар хушкӣ фитодае метапид. Навохудоносор аз ранҷурии ҳамсари нозанинаш сабру қарор бохта, пай мебурд, ки маҳз бунёди боғи баланду соярезе ӯро нақот мебахшад.

Чанде нагузашта Набопаласар дунёро видоъ гуфту ба ҷои ӯ писараш Навохудоносор ба тахти Бобул нишаст.[1] Ва бо амри подшоҳи нав баробари тармиму таъмири манораи Бобул сохтани мӯъҷизаи нави олам – Боғи муаллақ оғоз ёфт, ки рамзи ишқи поку беолоиш буд. Боғи муаллақ на чандон дуртар аз рӯди Фурот дар шафати қасри мӯҳташами Навохудоносор чун ёдгорие ба хотири шоҳбонуи нозанин Амухеан бунёд мегардид.

Куруши Кабир нақли бобояш Астиагро аз бобати сохтмони Боғи муаллақ ҳанӯз ҳам дар ёд дошт. Бобояш солҳои рафтан ба меҳмонии хоҳараш Амухеан, манзараи ниҳодани пойдевор ва бунёд шудани Боғи муаллақро бо шавқи тамом ҳикоят мекард. Аз рӯи нақли ӯ барои иморати ин боғи дилкушо мавзеи ҳамвору камҳосилеро начандон дуртар аз қасри шоҳ интихоб намуда, харсангҳоро дар шакли кӯҳтеппаи сунъие бунёд ҳам чидаанд. Ҳазорон ғулом аз соҳилҳои рӯди Фурот харсангҳои хурду бузургро кашонида, тарҳи кӯҳтеппаи нишебрӯи асосаш чоркунҷаро меофариданд.[2]

Боғи муаллақ басо зебову дилфиреб буд ва водии сабзу муаттареро аз зодгоҳи малика Амухеан ба ёд меовард. Гӯё дар фарози кӯҳе як боғи мӯҳташам бо дарахтони сояафкан доман густурда, бо шилдирроси оби наҳрҳову навои мурғони хушилҳон як пораи биҳиштро мемонд. Силсилаи сутуну айвонҳо дар паноҳи дарахтони анбӯҳ ва буттаҳои зич ниҳоӣ буд. Ду қабати болоии сутуну зинаайвонҳо аз ғояти ҷафсии дарахтони азим қариб наметофт ва бинанда аз дур мепиндошт, ки боғи дилфиребе дар кафи кӯҳтеппа муаллақ истодааст.

Дар поёни боғ ҳавзи бузурги сунъие сохта буданд, ки поғундаҳои гулобии мармаринаш касро то сари ҳавз мебурд. Ӯ

---

[1] Марги Набопаласар ва ба тахт нишастани Навохудоносор ба соли 605 то мелод рост меояд.

[2] Аз рӯи маълумотҳои таърихӣ баландии Боғи муаллақ яке аз ҳафт мӯъҷизаи олам буда, баландиаш ба 130 метр ва масоҳати умумии рӯяҳояш ба понздаҳ ҳазор метри мураббаъ мерасидааст.

Шоҳбонуи мисрӣ, ки аз илми дарғотсозию бунёди шабакаҳои обёрии фиръавнҳо дар рӯди Нил огоҳ буд, дар атрофаш муҳандисону меъморон ва дарғотсозонро гирд оварда, кори онҳоро шахсан назорат мекард.

Нитокрис аввал амр дод, ки дар мавзеи пастоби рӯди Фурот дар фосилаи хеле дур аз шаҳри Бобул як кӯли сунъие канда, атрофашро сангдевор бардоранд, ки давродаври ҳавзааш 420 стадий[1] меомад. Ӯ сипас супориш дод, ки қад-қади соҳилҳои рӯди Фурот, ки шаҳри Бобулро бурида мегузашт, тахтасангҳои яклухтро тарошида қатор гузоранд. Ҳангоме ки каналу ҳавзаи сунъӣ ва тахтасангҳо тайёр шуданд, ӯ фармуд, ки дарёи Фуротро ба маҷрои сунъӣ равона созанд.

Дар фосилаи чандин моҳе, ки оби рӯди Фурот аз тариқи наҳри Паллукат ба ҳавзаи сунъӣ мерехт, бо ҳидояти Нитокрис соҳилҳои беоби Фуротро аз ду тараф аввал бо тахтасангҳо сипас бо хишти пухта девор бастанд. Дар айни ҳол аз рӯи нақшаи ӯ дар мобайни шаҳри Бобул дули бузурге сохтанд, ки дарозии он тақрибан 250 оринҷ ва бараш 20 оринҷ[2] меомад. Ин пул шаҳри наву кӯҳани Бобулро, ки дар соҳилҳои росту чапи Фурот воқеъ буданд, бо ҳам мепайваст. То бунёд намудани ин пули бузург сокинони Бобул аз дарё тавассути заврақҳо мегузаштанд, ки ҳангоми обхезӣ паймудани рӯд хатар дошт.

Баъди анҷоми ин корҳои бузург овозаю шӯҳрати Нитокрис афзуда, ҳамду ситоиши малика Амухеан мекоҳид. Навохудоносор ба нақшаҳои азиму ободсозиҳои шоҳбонуи нав мафтун шуда, ишқи деринаашро фаромӯш менамуд ва шабҳоро дар ҳарамсарои арӯси ҷавонаш ба сар мебурд. Шоҳбонуи мисрӣ бо нозу ишвоҳои ширин ва азму ҷадалҳои созандагиаш ба нозуктарин торҳои дили Навохудоносор нохун зада, бо тезҳушию зиракӣ, ақлу заковати модарзод ва ҳусни нотакрораш ӯро комилан мутеи худ месохт.

Малика Амухеан, ки дар тӯли солҳои дарози зиндагӣ ба Навохудоносор сахт меҳр баста, соҳиби се писару як духтар шуда буд, ҳасрати ҷудой ва бевафоии шавҳарашро бо азиятҳои гарони рӯҳӣ паси сар мекард. Ӯ оқибат нотавону ғамбемор ва дардманд шуда, дар қасри фараҳфизои Боғи муаллақ ҷаҳонро падруд гуфту то нафаси вопасин ёри бевафояшро набахшид.

---

[1] Тақрибан 78 километр.

[2] Дарозии пул тақрибан 110 м ва бараш 8 м.

шуда буд, бӯзаи гуворою таскинбахш доданд. Бӯзаи модиён[2] ба тани сармокашидаи Ойбар ва ҳамсафонаш гармӣ фиканда бароямон марҳами ҷон шуд. Сипас дар табақҳои калони тилоӣ нахуст барои Ойбар ва баъд барои ҳамсафарони дар гирди сандалии дигар нишастааш гӯшти серравғани гӯсфанд ва кабоби танӯрӣ оварданд.

Соате нагузашта асари сармою гуруснагӣ аз тани Ойбар дур шуд ва ӯро ба ҳузури малика хонданд. Ойбар бо мадади пешхидматону надимони малика аввал сандуқу халтаҳои чармин ва хӯрҷину ҷуволҳои тӯҳфаро даровард. Хаймаи бузургу фарохи малика пур аз матою кола, либосҳои зарбафту зарҳалдӯзӣ ва газворҳои нафиси бобулӣ гардид. Сандуққои болокушодаи зару зевар ва ҷавоҳирот бо рангҳои мухталиф ҷило дода чашмро мебурд.

Аммо Томирис бо шукӯҳу салобати хосае бар тахти зарандуд нишаста ба подошу тӯҳфаҳои нодир эътиное намедод. Ойбар бастаи матоъҳои нафису пурҷило ва зару зеварҳои гаронбаҳоро ба пеши пои Томирис рӯи ҳам мегузошту асари нармию дилхушиеро дар андоми ӯ намедид. Ҳанӯз ҳиссаи аввали тӯҳфаҳоро накушода Томирис бо амри кифоят даст бардошту омирона пурсид:

- Ай марди худо! Ту кистӣ ва чикорай? Дар ин сармои қаҳратун, ки гург ёрои лонаашро тарк кардан надорад, чӣ ниёзе туро ба ин роҳи дур афканд?

- Эй шоҳбонуи бузурги массагетҳо, дуруду паёми Куруши Кабирро бипазир! - сари таъзим фуруд овард Ойбар. - Бигузор таковарони галаи ту тезтаку чобукпой бошанд ва модиёнҳоят курраҳои хушзоту солим ованд. Бигузор марғзорҳоят серсабзаву пурфайз, чорпоҳоят фарбеҳу бешумор бошанд. Суруши накӯрой туро паёми доной, биной ва доду ростӣ диҳад. Сарат сабзу давлатат поянда, теғат рахшону корӣ, аспат бодпою комгор ва душманат забуну хор бод!

- Аз расидани паёми шоҳаншоҳ шодам, ай марди худо! - хандае ба лаби Томирис дамид. - Хуш омадӣ ба мулки мо! Вале ин ҳама подошу тӯҳфаҳои бешумор, ки аз андози ҳафт мулк гаронтар аст, аз баҳри чист?

- Сарорят ободу зиндагият дароз ва кишварат паҳновару по-

---

[2] Нӯшобаи мастиовар ва таскинбахше, ки тӯрониҳо аз шири модиён омода мекарданд, ҳамтои қимизи имрӯза.

- Эрону Тӯрон? - бо зиракии омирона гуфт Томирис. - Ин ба дурустӣ ишқ нест, Ойбар! Меҳри кишваркушоист. Шоҳаншоҳ ба ман дил бастааст ё ба сарзамини аҷдодии массагетҳо?

Аз паси пардасаройи пашмибофти хайма Сипаргапис ноаён берун омад. Чашмони моломоли хашму ғазабаш дар нимторикӣ чун чашми гурги кинадоре медурахшид. Даст ба қабзаи шамшер ниҳода, пайкари тарангу омодаи ҳамлаашро бо душворӣ медошт. Овози дурушту хашмбораш аз гӯшаи хайма баланд шуд:

- Мебинам, ки савдои ишқу савдои кишвар басо дар авҷ аст! Куруши маккор бо сафсатаҳояш дили маликаро бурда, сарзамини аҷдодии массагетҳоро бо симу зар рабуданист! Вале ман хуни падарро ҳаргиз ба симу зар намефурӯшам!..

- Сипаргапис! - лаҳзае лолу ҳайрон монд малика. - Дар кучо будӣ?! Тундӣ макун, писарам!

- Ба савдои ниҳонӣ халал расондам? - бо хашму ситез пеш омад Сипаргапис. - Дилам гувоҳӣ медод, ки дар сармои сангин омадани ин гумошта бебало нест!..

- Мулк бе сиёсату тиҷорату сафорат намешавад, Сипаргапис, - бо омирию ҷиддият гуфт малика. - Биншину ба фиристодаи Куруши Кабир посух бидеҳ!

- Ишқи пирӣ гар биҷунбад, оламе расво шавад! - бо тундию дурушти киноя зад Сипаргапис. - Ба Куруш бирасон, ки савдои ишқу савдои кишвари массагетҳоро аз сар бадар кунад! Вагарна сарашро дар ин роҳ барбод медиҳад!

- Куруши Кабир азми ҷанг не, рӯи сулҳу созиш дорад ва хусумату душмании миёни Эрону Тӯронро аз беху бун барканданист! - бо нармӣ ҳадафашро гуфт Ойбар.

- Дар ҷое, ки хун рехта шуд, аз хунбаҳо ҳарф мезананд, на аз оштиву созиш! - шамшераш аз наём кашида гуфт шоҳзода. - Хунбаҳои падарам бар гардани Куруш вом аст! Бо шамшери пешкаш то сарашро наситонаму хунашро наошомам, дар ду дунё ором нахоҳам ёфт!

- Ором шав, Сипаргапис! – бо изтиробу парешонӣ аз тахташ хест Томирис. - Марди доно шери жаёнро бо сухани ширин банд мекунад!

- Шамшери тез беҳ аз панди бесуд аст, модар! - шамшерашро бардошт Сипаргапис. - Ман ташнаи хуни Курушам! Орзуи ягонаам дар косаи сари ӯ нӯшидани бӯза аст!

- Забони сурх сари сабз медиҳад барбод! - хашмашро бо

шоҳона дар қалби сипоҳ асп меронд. Ӯ аз болои либосҳои сафарӣ пӯстини якқади чармин - кандиз пӯшида буд, ки домани он пушти аспашро мепӯшонд. Ӯ дар иҳотаи сарлашкарон гардунаҳои пурбор ва сафи сипоҳи пиёдаю савораро қафо гузошта, гӯё аз таҳдиди борону гулгулаи раъду барқ парвое надошт.

Аммо ӯ дар зоҳир орому батамкин менамуд, вагарна дилаш чун осмони тираю абролуд мӯломоли ҳузну андӯҳ буд. Сабзаҳои навдамида, гулу гиёҳи канораҳои дашт ва буттаҳои бодоми шукуфтаи канори теппаҳо, ки аз расидани баҳор мужда меовард, дар чашмаш наметофт. Нолиши чархи гардунаҳои пурбор, садои гоми аспҳои бешумор ва сипоҳи пиёда, ки дар чо-чо лойи шурутро чарахса занонда аз домани дашти васеъ пеш мешитофтанд, ба гӯши ӯ намедаромад. Хаёлаш аз думболи кӯҳаи абрҳо, аз домани уфуқи якрангу дилгиркунанда убур намуда беихтиёр сӯи Томирис мерафт ва дилаш чун осмони шӯридаи фасли баҳор талотум мекард. Аз ниҳодаш хурӯше мехест тунду дардолуд.

«Оҳ Томирис, Томирис! Эй фариштаи сангдилу бепарво! Боз хоҳиши деринаи маро рад кардӣ?! Ман, Куруши Кабир, шоҳаншоҳи олам, дунёро бо ҳама бару паҳноиаш фатҳ кардам! Садҳо лашкаркашу зӯроварро шикастам, чаҳор самти чаҳон то канораҳои сарзамини ту зери парчами хеш овардам! Басо подшоҳи худписанду гарданкаш, ки ташнаи хуни ман буданд, дар набарду пайкорҳо баставу нотавон монда, бар пеши поям ба зону заданд! Чаҳони паҳновар бо ҳафтоду ду қавми мухталифзабону гуногуноинаш зери фармони ман омад. Аммо ту ҳамоно якравию гарданкашӣ дорӣ!

Ман дар пеши Яздони пок ҳама чорае, ки аз роҳи хирад ва накӯройӣ буд, барои ту андешидам. Дарего, ки тақдир вафо накард ва шоҳбону роҳи осоишу бегазандро напазируфт! Ва дар дасти ман ҷуз оростани сипоҳу рафтан ба пайкор дигар чорае намонд.

Шояд дарди бедавои ишқ маро ба ин роҳи норавои хунрезӣ роҳнамун кард. Ишқе, ки дар ниҳоди хунрезӣ дорад, ишқи хуношом аст! Оре, ишқи хуношом! Вале ман худро бо он таскин медиҳам, ки поёни ин роҳи хунполо маро ба якпорагии нажоди эронию тӯронӣ мерасонад ва душманони деринаро аз миёни онҳо мебарад.

Намедонам дар охири ин роҳ чӣ сарнавиште маро нигарон

лашкаркашӣ дар дили Куруш то ҷое фурӯ нишаста, ӯ дар ин соат аз ҳамлаи беамони борони сард осудан мехост.

Куруш ҳанӯз амри ба сӯи шаҳристон рафтанро надода буд, ки аз дарвозаи шаҳр як дастаи саворон берун омада, ба истиқболи онҳо шитофтанд. Таковарони тозадам аз самти шаҳристон дартоз пеш меомаданду шоҳаншоҳ аз қудрату нерӯи хеш рӯҳ мегирифт. Саворон дар фосилаи тиррас ба эҳтироми Куруши Кабир аз асп пиёда шуда, зимоми таковарон бар даст гом мениҳоданд. Пешопеши ҳокимону ашрофони бонуфуз ҷавонмарди болобаланди хушқаду баст ва зебоандоме меомад, ки мӯи сиёҳи бар дӯш ҳамида, бинии тегадори мавзун ва рӯи каме дарози лоғарнамо дошт. Симои ашрофона, нигоҳи лабрези меҳр ва лабханди гуворою самимонаи ҷавон ба Куруш ошно метофт. Фурсати мичазанне нагузашта, Куруш писари хурдиаш Бардияро шинохт ва аз ин дидори ногаҳонӣ басо шод шуд. Ӯ ба истиқболи писар даст меафшонду пай мебурд, ки меҳри навозишомези падарона дар дилаш боло мегирад.

- Аз қадами неки шоҳаншоҳи ҷаҳон ва падари бузургворам ба сарзамини Суғд басо шоду сарфарозам, - бо таъзиму пазироии самимона пеш омад Бардия. - Хоки қадамашон болои дида!..

- Бардия! Писари ҷигарбандам! - аз ҳаяҷону хушҳолӣ шукуфт Куруш. - Сипос ба дарғоҳи Яздони пок, ки дар ин солҳои ҷудой ҷавонмарди зебою баркамоле шудай!

Куруш хам шуда Бардияро ба оғӯш гирифт ва аз пешонааш бӯсид . Бардия аз бӯи оғӯши падар ҳаловати бурда бо сипосгузорӣ гуфт:

- Лутфу инояти падари бузургвор бандаро ҳамеша нигаҳбону роҳнамо буд...

- Шоду сарбаланд бош, писарам! - бо кафи даст шонаҳои Бардияро навозишомез молид Куруш. - Ба пешвоз омаданатро дар ин дуриҳо чашмдор набудам...

- Меҳри падари бузургвор оромиамро рабуду аз Бохтар омада ҳафтае боз ба роҳашон нигаронам, - даст пеши бар ниҳода гуфт Бардия. - Хавотир будам, ки шоҳаншоҳ аз офати борону тундхезиҳои баҳор озурда мегарданд...

- Озурда мабош Бардия! - аз болои таковараш аввал ба умқи чашмони писар ва сипас сӯи шаҳристон рамузгирона нигарист Куруш. - Устухони падарат дар барфу борон ва гармию сардиҳои лашкаркашӣ сахт шудааст... Ин дижу шаҳристони пешорӯ ба чашмам бегона менамояд. Чӣ шаҳрест он?!

лашкаркашӣ дар дили Куруш то ҷое фурӯ нишаста, ӯ дар ин соат аз ҳамлаи беамони борони сард осудан меҳост.

Куруш ҳанӯз амри ба сӯи шаҳристон рафтанро надода буд, ки аз дарвозаи шаҳр як дастаи саворон берун омада, ба истиқболи онҳо шитофтанд. Таковарони тозадам аз самти шаҳристон дартоз пеш меомаданду шоҳаншоҳ аз қудрату нерӯи хеш рӯҳ мегирифт. Саворон дар фосилаи тиррас ба эҳтироми Куруши Кабир аз асп пиёда шуда, зимоми таковарон бар даст гом мениҳоданд. Пешопеши ҳокимону ашрофони бонуфуз ҷавонмарди болобаланди хушқаду баст ва зебоандоме меомад, ки мӯи сиёҳи бар дӯш ҳамида, бинии теғадори мавзун ва рӯи каме дарози логарнамо дошт. Симои ашрофона, нигоҳи лабрези меҳр ва лабханди гуворою самимонаи ҷавон ба Куруш ошно метофт. Фурсати мичазанне нагузашта, Куруш писари хурдиаш Бардияро шинохт ва аз ин дидори ногаҳонӣ басо шод шуд. Ӯ ба истиқболи писар даст меафшонду пай мебурд, ки меҳри навозишомези падарона дар дилаш боло мегирад.

- Аз қадами неки шоҳаншоҳи ҷаҳон ва падари бузургворам ба сарзамини Суғд басо шоду сарфарозам, - бо таъзиму пазироии самимона пеш омад Бардия. - Хоки қадамашон болои дида!..

- Бардия! Писари ҷигарбандам! - аз ҳаяҷону хушҳолӣ шукуфт Куруш. - Сипос ба даргоҳи Яздони пок, ки дар ин солҳои ҷудоӣ ҷавонмарди зебою баркамоле шудай!

Куруш хам шуда Бардияро ба оғӯш гирифт ва аз пешонааш бӯсид . Бардия аз бӯи оғӯши падар ҳаловати бурда бо сипосгузорӣ гуфт:

- Лутфу инояти падари бузургвор бандаро ҳамеша нигаҳбону рохнамо буд...

- Шоду сарбаланд бош, писарам! - бо кафи даст шонаҳои Бардияро навозишомез молид Куруш. - Ба пешвоз омаданатро дар ин дуриҳо чашмдор набудам...

- Меҳри падари бузургвор оромиамро рабуду аз Бохтар омада ҳафтае боз ба роҳашон нигаронам, - даст пеши бар ниҳода гуфт Бардия. - Хавотир будам, ки шоҳаншоҳ аз офати борону тундхезиҳои баҳор озурда мегарданд...

- Озурда мабош Бардия! - аз болои таковараш аввал ба умқи чашмони писар ва сипас сӯи шаҳристон рамузгирона нигарист Куруш. - Устухони падарат дар барфу борон ва гармию сардиҳои лашкаркашӣ сахт шудааст... Ин дижу шаҳристони пешорӯ ба чашмам бегона менамояд. Чӣ шаҳрест он?!

дармеёфт. Ӯ бо фаросат пай мебурд, ки дар ин мусаввара тимсоли Афросиёб тачассум ёфтааст. Ба хотири дақиқ кардани гумонаш рӯ ба Бардия оварда рамузгирона пурсид:

- Манзараи шигифтангезест! Ба пиндорам Афросиёб ҳангоми шикор бо шери бадхашме дучор омадааст.

- Ҳафтае пеш ман ҳам бозгӯии ин нигораро аз гумоштаҳои кишвардори Сугд пурсида будам. Дар посух дар монда маро ба пеши Пири муғон бурданд. Аз гуфтаи Пири муғон дарёфт, ки Афросиёб набарди тан ба танро бо шерҳои бадкину палангҳои хунрез меписандидааст.

- Пири муғон?! - чашм аз мусаввара намеканд Куруш. - Ман ҳам дар рӯзгори ҷавонӣ аз атарвони[1] солхӯрдае дар бораи Афросиёби бадгуҳару фоҷиаи Сиёвуши ҷавонмарг қиссае шунида будам. Он солхӯ маро Аградод ном мебурданд ва камонкаши тундпайконе будам. Атарвони ошно маро Ораши Камонгар меномид ва бароям аз як ҷавонмарди тирандоз достон мекард, ки аз болои кӯҳи Дамованд тире афканда марзӣ сарзамини Эрону Тӯронро рӯшан кардааст.

- Аз модари шодравон шунида будам, ки номи падари бузургворам нахуст Ораш будаа. Сипас ба он сарноми нажодӣ - Кайро фузуда Кайораш хондаанд.

- Падарам Камбуҷия дар дахмаи аҷдодӣ ин сарномро ба номам фузуд ва маро огоҳ кард, ки решаи нажоди мо ба Каёниёни вологуҳар мерасад. Ва номи бузургабоямон Ҳахоманишро ба забон оварда аз ҳастии Кайораши аввал[2] - пушти чоруми насаби подшоҳон ва дудаю дудмони бобоӣ маро огоҳ кард. Аз гояти ҷавонӣ ба умқи суханони ӯ фурӯ нарафтам, - оҳи бадарде кашид Куруш. - Аз ҳамон дам дудаю дудмони хешро бишиносам ҳам, дарего ки аз пешомади подшоҳони Каёнӣ чандон огоҳ нестам. Ва гирехи ин муамморо солхӯ боз мечӯяму посухе намеёбам.

- Шояд Пири муғон аз ин роз огоҳ бошад, - аз оҳи падар ба риққат омад Бардия. - Дар оташкадаи Балх муғону мӯбадони бешеро вохӯрда, ҳамроҳашон гуфтугӯ ороста будам. Вале ҳеҷ кадоме аз онҳо сарнавишти подшоҳони кӯҳану огози душмании миёни мардуми Эрону Тӯронро баробари ин Пири муғон

---

[1] Атарвон, шигаҳбони оташи муқаддас дар оташкадаҳои зардуштӣ.

[2] Куруши аввал, дар силсилаи насаби Ҳахоманишиён подшоҳи чорум буда, солҳои ҳукмрониаш чандон маълум нест.

ҳудуди як мамлакати паҳновар, таҳти фармони подшоҳи ягона басо осудаҳолу дӯстона мезистанд. Чун Фаридун ба пирӣ расид, сарзамини паҳноварашро миёни се писар - Салм, Тӯр ва Эраҷ тақсим намуд. Қисмати ғарбии мамлакат - Рум ва Ховарзаминро ба писари калонӣ - Салм дод ва ӯро Ховархудой хонд. Қисмати шарқии мулк - қаламрави Чину Тӯронро ба Тӯр бахшид ва ӯро Тӯронхудой номид. Сарзамини миёна - Хуросону Ироқу Ҳинд[2] насиби писари хурдӣ - Эраҷ гашт ва ӯро Эронхудой лақаб ниҳод. Салм ва Тӯр бо рухсати падар ба мулки худ рафтанд ва Эраҷ парчами каёниро барафрошта бар тахти зарандуди Эрон нишаст.

Салм ва Тӯр аз фузунии меҳри падар ва расидани мулки Эрон ба Эраҷ рашк бурда, бо ҳам тифоқ бастанд ва бадхоҳи бародари хурдӣ гаштанд. Оҳҳо назди падари пирашон мӯбади суханвареро фиристода хостанд, ки тоҷи шоҳаншоҳии Эронро ба онҳо бибахшаду бародари хурдиро ба ягон гӯшаи дури мамлакат бифиристад, вагарна бо сипоҳи бешумор омада хоки Ориёвиҷро мебезанд. Падар Эраҷро аз бадхоҳии бародарони калонӣ огоҳ намуд ва амр дод, ки лашкар гирд оварад ва омодаи ҷанг ғардад.

Аммо Эраҷ назди бародарон бе сипоҳу силоҳ рафта, онҳоро ба сулҳу созиш хонд. Бародарон кинаро дар дил нуҳуфта, вонамуд карданд, ки аз дидори Эраҷ шоданд. Шаб ӯро дар ғафлат ниҳода, бо ранҷу азоб куштанд ва дасти хешро ба хуни бародари ҷавонмарг олуданд[1]. Ва аз васвасаи Аҳримани бадхоҳ миёни насаби бародарон хусумат хест ва таъқибу хунрезӣ боло гирифт.

Аз қазо набераи ҳафт[2] пушт пасинаи Фаридун - Манучеҳр ба подшоҳӣ расиду алорағми хунхоҳии бобояш Эраҷ, ки бо дасти бародарони калонӣ Салм ва Тӯр кушта шуда буд, ба ситонидани хунбаҳо оғоз намуд. Ӯ чандин набераи Салму Тӯрро асир гирифту ба ҷазоҳои мудҳиш кашид ва оқибат ба куштан дод.

Ба кишвари Ориёнои зебою паҳновар нооромию кинатӯзиҳо

---

[2] Мутобиқи маълумоти Форсномаи Ибн-ал-Балхӣ, Душанбе. 1989. - С.42-43.

[1] Мазмун аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҷилди 1. Душанбе, 1987. – С.142-148.

[2] Дар «Бундаҳишн» ва «Муравваҷ-уз-заҳаб»-и Масъудӣ ҳафт пушт, дар Таърихи Табарӣ нӯҳ пушт ва дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ набераи бевоситаи Фаридун зикр шудааст.

Манучеҳр аз миёни ялону таҳамтанон ва камонкашону тирандозони эронӣ Ораши камонгарро пазируфт.

Ораш паҳлавони беҳамто, чавонмарди қавибозую накӯоин буд. Манучеҳр ӯро фармуд, ки аз сари кӯҳи Дамованд сӯи қаламрави тӯрониён тире афканад. Ораш камони бузургу ҳаданги пӯлодпайкон ва чорпарашро гирифту бо ёрон видоъ намуд. Ӯ аз рӯи дастури фариштаи Исфандормаз барахна шуда тани худро ба сарони лашкар бознамуд ва огоҳ кард, ки бубинед дар баданам чурме нест. Вале ман чони худро фидои шумо хоҳам кард.

Сипас ӯ аз қуллаи баланди кӯҳи Дамованд ҷумлаи нерӯю мадорашро ғундошта, камонро кашиду тири чорпарро аз шаст раҳо кард. Аз ғояти сахтии шаст ва гаронии камонкашӣ ҷисмаш порапора шуда, ҷон ба ҳақ таслим кард. Яздони пок ба бод амр дод, ки тирро ҳифз намояд ва дар боли худ пеш барад. Тир аз Табаристон сӯи Нишопуру Сарахс омад, то канораи машриқ ба Фарғона расид ва ба решаи дарахти гирдакон, ки дар дунё бузургтар аз он дарахте набуд, фурӯ нишаст. Ва аз ҳамон дам ин мавзеъро сарҳади миёни Эрону Тӯрон қарор доданд[1]...

Офтоб фурӯ рафт ва пардаи шом ба рӯи шаҳристони Афросиёб фитод. Пири мугон ниёишро анҷом дода, чашм аз думболи офтоб ва вопасин нурҳои шафақ намеканд. Оҳанги ҳаяҷонолуди гуфтори ӯ аз тақдири Ораши камонгар ҳанӯз ҳам дар гӯши Куруш акси садо медод.

Пешхидматон бо дастури Бардия хӯроки шомро таҳия карда, болои хонтахтаро аз нав ороста буданд. Вопасин нури шафақ ҳам дар домани уфуқ хомӯш мегашт ва шаҳристони Афросиёб дар коми нимторикии шабҳангом ба сукут рафта, ҳузнеро дар дили Куруш бедор мекард. Нигоҳи ғарқи хаёли ӯ дар вусъати шаҳр сайр мекард ва дар арзу тӯли он қиссаҳои ҳанӯз ногуфтаи Пири мугонро мечуст.

- Яздони пок ниёиши бузургворро бипазирад! - Куруш андешамандона сӯи Пири мугон рӯ овард. - Рӯшании хуршед ҳамвора бар торикӣ ва Хурмузди некрой бар Аҳримани зишт пирӯз гардад!

---

[1] Ривояти мазкур дар Минуи хирад, Бундаҳишн ва аксари таърихномаҳои ахди ислом зикр шудааст. Онро бо каме тағйирот аз Таърихи Табарӣ. - С.207-208, «Осор-ул-бокия»-и Берунӣ, С.220-221 ва «Форснома»-и Ибни Балхӣ. С.43 овардем.

аз ҳунари майдондории Сиёвуш ҳаросида ба дӯстиву оштӣ гаравид. Азми сулҳхоҳии Афросиёбро Сиёвуш пазируфт ва миёни эрониёну тӯрониён пас аз чанҳои дуру дароз тарҳи дӯстӣ ниҳода шуд. Чун паём ба Кайковус расид, аз кирдори писараш ба хашм омада, Сиёвушро амр намуд, ки ҷангро идома диҳад. Сиёвуш паймони сулҳро нашикаст ва ба пойтахти падараш бознагашта, сӯи мулки Афросиёб раҳсипор гашт. Подшоҳи Тӯрон Сиёвушро бо иззату эҳтироми зиёд истиқбол гирифт ва духтари ҳуд Фарангисро ба ӯ дод. Сиёвуш дар Тӯрон шаҳри Канҷдиж ё ҳуд Сиёвушгирдро бунёд ниҳод ва нуфузу обрӯи баланд пайдо кард. Афросиёб аз шӯҳрати рӯзафзуни Сиёвуш ҳаросида, бо дасти бародараш Гарсеваз ӯро ба кушган дод ва ҳунашро бар таште гирифту барои оромиши хунхоҳӣ аз душманонаш ошомид[1]. Ҷанги Эрону Тӯрон ба кинхоҳии Сӯҳробу Сиёвуш авҷи тоза гирифт.

- Дареғо ки сулҳу оштии кӯтоҳи Эрону Тӯрон боз бо нокомӣ анҷом ёфт! - бо чашмони лабрези ҳузну андӯҳ гуфт Бардия.

- Бале! Ин душманӣ садсолаҳо боз идома дорад ва анҷомаш ҳанӯз нопайдост, - бо сӯзи дил чанголҳои лоғарашро дарҳам фишурд Пири мугон. - Ҳазорон ялону таҳамтанон дар оташи ин хусумати тӯлонӣ сар бохтанд. Афросиёб ҳам кушта шуду Кайқубоду Кайковӯс ҳам, Рустами Дастон ҳам рафту Исфандиёри рӯинтан ҳам, Зардушт ҳам чон бохту Гуштоспу Арҷосп ҳам. Пойтахти шаҳриёрони Каёнӣ - Балхи бумӣ ба хок яксон гашт ва мардуми порсояш аз асари ин ҷангҳои хонумонсӯз ночор кӯч баетанд. Ва чароғи хонадони шоҳаншоҳони Каёнӣ оқибат хомӯш гашт...

Ҳучра нимторик буд. Рӯшании хираи чаҳор шамъи мумӣ, ки дар рӯи шамъдони нуқрагин шӯъла афканда месӯхт, дар парокандани зулмоти шаб оҷизӣ мекашид. Мусоҳибон ба сукут рафта, ҳар кадом дар зери бори фоҷиаи ғарон аз тақдири носозгори мардуми эронию тӯронӣ меандешид. Кабоби лаълиҳои рӯи хонтахта кайҳо сард шуда, равғани рӯяш ях баста буд, аммо касе майли хӯрок надошт.

- Дилам аз марги Сиёвуши ноком хун гашт! - нигоҳи Бардия

---

[1] Мувофиқи ривояти Ҳеродот саконҳо хуни душмани сарсахташро бар таште гирифта меошоманд ва сари онҳоро ба пешвоёшон подош мебаранд. Подшоҳони сакой аз сари душманони қавии хеш косаи шароб сохта, онро ба хошияи тило мегиранд. Онҳо дар ҳузури меҳмонону сафирон косаҳоро қатор карда, аз ҷамҷамаи қадом рақиби тавоно буданаш худситой мекунанд.

паҳновари эрониёну тӯрониёнро таҳти дирафши худ якҷо сохта, бо оромию осудагӣ ҳукумат меронданд, дар қисмати мағриби Эроншаҳр[1] ошуфтагию бесарусомониҳо боло гирифт. Ҳангомаҳои қавми яҳуд, ки дар марзи Бобулу Хузистон сар зада буд, Лӯҳроспи подшоҳи Балхро бесаранҷом мекард.

- Қавми яҳуд?! – нигарон шуд Куруш аз ҳангомаҳои яҳудиён ёд карда. - Магар яҳудиён замоне дар сояи подшоҳони Каёнӣ қарор доштанд?

- Аз тақдири яҳудиён чандон огоҳ наям, - посух дод Пири муғон. - Вале дар ҳавастоҳои пешин[2] омада, ки дар рӯзгори Лӯҳроспи онҳо миёни Миср у Бобул тухми нифоқ мекоштанд. Лӯҳроспи барои ором сохтани навоҳии Шом ва Иерусалим яке аз сарлашкарони тавонои худ Бухтунасарро ба қаламрави ғарбии Эроншаҳр фиристод. Бухтунасар бо сипоҳи гарон расида навоҳии мағрибро ором сохт ва ошӯбгарону гарданкашонро гирифтори ҷазоҳои хунин намуд. Аммо подшоҳи банӣ Исроил дар ботин аз ӯ фармон набурд ва аз фиръавни Миср имдод ҷуст. Бухтунасар аз ин қазия огоҳ шуда бо фиръавни Миср ҳарб кард ва ҳоли ӯро танг намуд.

- Аз рӯи нақли пирам сарнавишти Бухтунасар бо Навохудоносори подшоҳи Бобул шабоҳате дорад, - бо андешаю нигаронӣ гуфт Куруш. - Ӯ аз хиёнату дурӯягии подшоҳи Иерусалим – Ехуёқим дар ғазаб шуда, вайро қатл намуд ва яҳудиёни зиёдеро асир карда ба Бобул бурд. Ба муқобили фиръавни Миср низ ҷангида, барои пойдории паймони сулҳ бо духтари ӯ Нитокрис хонадор шуд. Насли пасинаи ин яҳудиёнро баъди фатҳи Бобул ман саросар аз ғуломӣ озод карда, амри ба ватанашон бозгаштан додам.

- Аз валинеъматию ҳиммати беқарони шоҳаншоҳ огоҳам, - таҳсиномез даст ба китфи Куруш ниҳод Пири муғон. - Вале ба пиндори камина Навохудоносори гуфтаи волоҳазрат Бухтунасари дуюм аст. Бухтунасари аввал баъди фатҳи Бобул ҷабру зулм ва харобкориҳои зиёде карда, аз ихтиёри Каёниён мебарояд ва худро подшоҳи мустақил эълон мекунад. Пас аз Лӯҳросп писари ӯ Гуштосп ба тахти Каёниён нишаст ва аз бедодгариҳои Бухтунасари аввал дар ғазаб шуда, ба муқобили

---

[1] Сарзамини давлати Мод ва Порсу Аншон дар назар аст.

[2] Ишорат ба китоби Авасто, ки нусхаҳои қадимааш то аҳди мо нарасидааст ва китобро низ «ҳаваста» мегуфтанд.

душт гирифтори таъқиби Арҷосп гашта, ночор Ватани аҷдодиро тарк намуд, - ба далели Куруш рӯшанӣ андохт Пири муғон. - Ва шояд шаҳри Порсеғирдро, ки баъзеҳо Пасаргодаш мехонанд, онҳо бунёд гузошта бошанд.

- Шояд порсоёни ориёӣ бошандагони нахустини ин шаҳр будаанд, - розӣ шуд Куруш андешамандона ва беихтиёр пурсид: - Зардушт чӣ оине дошт, ки аз рӯи он миёни Гуштоспу Арҷосп душманӣ бархест?

- Номи нахусти вахшури ориёӣ Спитама буда, падараш Пурушасп ва модараш Дуғдуя ном доштаанд, тӯри ожангҳои чабинашро молида гуфт Пири муғон. Зардушт пас аз понздаҳсолагӣ рӯ ба танҳоӣ ва гӯшанишинӣ овард. Ҳангоми сисолагии ӯ Офаридгор аз фариштаи обу фаровонҳосилӣ Ардвисура Анаҳито дархост намуд, ки Зардушти писари Пурушаспро дар пиндор, гуфтор ва кирдор раҳнамои дин созад. Ардвисура Анаҳито дархости Яздони покро пазируфта нахустин мулоқоти Зардуштро бо Аҳурамаздо ва амшаспандон[2] дар соҳили рӯди Доитиё[3] баргузор намуд. Ин мулоқот бомдоди чилу панҷуми пас аз чашни Наврӯз, ҳангоме ки Зардушт барои ҳум[1] ҳован кардан ба рӯди Доитиё расид, рӯй дод. Зардушт пас аз оббозӣ дар оби дарё ва анҷоми ниёиш ҷома мепӯшад, ки Баҳмани[2] амшаспандон ба сурати марде болобаланду накурӯй, ки гесувони газима[3] дошт, падид омад. Ӯро қомат нӯҳ баробари Зардушт буд ва аз танаш равшанӣ мерехт. Ӯ аз Зардушт пурсид: «Эй мард, кистӣ ва аз чӣ касонӣ, туро чӣ орзуе бештар аст ва чӣ кӯшише дар ниҳод дорӣ?» Зардушт посух дод, ки «Зардуштам, писари Спитам. Андар ҷаҳон ба парҳезгорӣ орзумандам. Маро орзуест, ки аз коми (дархости) эзадон огоҳ шавам, то маро дар парҳезгорию зиндагии пок раҳнамун бошанд». Баҳман ба Зардушт фармуд, ки фароз рав ба анҷумани

---

[2] Фариштаҳои пиндори нек.

[3] Доитиё, мувофиқи маълумоти Авасто номи руде, ки паёми нубувват тавассути фаришгаи Баҳман ба Зардушт расидааст. Баъзе муҳаққиқон (аз ҷумла Альтхейм, Нейберг, Мэри Бойс, Хумбах, Нёлдеке ва диг.) бар он ақидаанд, ки баҳшҳои шимоли шарқии Эроншаҳри бостон, бахусус Бохтару Сугд Ватани Зардушт ба шумор меравад.

[1] Ҳум, гиёҳи мукаддаси вачдоваре, ки онро совида, обашро дар маросимҳои динӣ менӯшиданд.

[2] Фаришгаи хираду андешаи пок.

[3] Фарҳи мӯй ё гесувони дутақсим, ки ишорае ба ду сарришгаи дин аст. Аз миёни сар ду тақсим кардани мӯй то кунун миёни занҳои деҳотии тоҷик маъмул аст.

паймон куни, он гоҳ чаҳор пойи аспатро нун пешина кунам. Гуштосп пурсид, ки кадом аст он чаҳор кору паймон? Зардушт гуфт, эй шоҳаншоҳ, ҳама забону дил як созед ва ба забон оред ба дил гаравед, ки ман бегумон паямбар ва фиристодаи Яздони покам. Гуштосп ночор пазируфт ва ба паямбарии ӯ бовар овард. Пас Зардушт ба паҳлуи рости асп даст молид ва дасти росташ чун пешина шуд. Пас Зардушт ба дини худ бовар овардани шоҳзода Исфандиёр ва бонуи бонувон Ҳутасоро дархост ...

- Ҳутасо[1]?! Аҷаб монандие! - бештар нигарон монд Куруш. - Дар насаби Ҳахоманишиён ин ном хеле писандида аст. Духтари калонии ман - хоҳари Бардия низ Атоса ном дорад...

- Вокеан, номи Атосаи нозанин ба Ҳутасо монандие дорад, - рӯшание дар чашмони Бардия падид омад.

- Мана боз як гувоҳи ба насаби Каёниён ва Балхи бумӣ наздики доштани шумо, - бо хушҳолӣ афзуд Пири мугон. - Ахиран шаҳбонуи шоҳзода ва вазирони Гуштоспи каёнӣ низ ба Зардушт имон оварданду чаҳор пои Сиёҳ аз шикамаш берун ҷаст ва бар асари ин мӯъҷиза пайравони оини зардуштӣ дар саросари Балху Бохтар ва Сугди бостонӣ афзуд[2].

- Магар Арҷосп ба оини зардуштӣ бадхоҳӣ дошт, ки боз хусумату хунрезӣ бархест? - пурсид Куруш барои рӯшантар фаҳмидани адовати миёни онҳо.

- Шоҳи Хиёниён Арҷосп, ки насабаш ба Афросиёби тӯронӣ мерасид, аз кеши ӯро пазируфтану гиромӣ доштани Гуштосп огоҳ шуда сахт барошуфт, - аз боло гирифтани эҳсоси кунҷковии шоҳаншоҳ ҳаловат мебурд Пири мугон. - Ӯ Видарафшро Ҷоду ва Номхостро бо бисту ҳазор сипоҳ назди Гуштосп фиристода, аз ӯ хост, ки кеши навро напазирад ва ба ойини пешина, ки кавму кабилаи Арҷосп низ аз он пайравӣ мекарданд, бозгардад. Гуштосп пешниҳоди Арҷоспро нопазируфт ва миёни онҳо баҳонаи ҷанг падид омад, ниҳоят, ки пизишк бо пилу савора бо сутур ва гардунадор бо гардуна роҳи набардро пеш гирифтанд. Сипас лашкари Эрону Тӯрон бо ҳам рӯ ба рӯ гардида, эрониён бо сарварии Ис-

---

[1] Бояд таъкид дод, ки Куруши Кабир духтаре бо номи Атоса дошт, ки онро аввал Камбучия ва сипас Дорои I ба занӣ пазируфтаанд. Дар айни ҳол мувофиқи далолати муаррихон Куруши аввал низ бо ин ном духтаре доштааст.

[2] Ин ривоят аз «Дабистони Мазоҳиб»-и Фонии Кашмирӣ оварда шуд (нигр. Тарҷумаи ҳол ва ойину ахлоқи Зардушт. – Душанбе, - 1966. – С.12-13.

- Дареғи фалаки қаҳрафтор, ки ба ростону росткирдорон вафо надорад! - бо оҳанги олудаи дарду надомат оҳ кашид Пири муғон. -Ифандиёр пас аз солҳо аз падари солхӯрдааш Гуштосп хост, ки ба паймонаш вафо кунад ва шоҳии Эронро барояш вогузорад. Гуштосп ин бор ҳам баҳона пеш оварда Исфандиёрро ба ҷанги Рустами таҳамтан фиристод. Дар ин ҷанг Исфандиёри рӯинтан кушта шуд[1] ва мулки Каёниён хароб гашта, боз зери дасти тӯрониён афтод. Ва номи Каёниён аз забон монда, порсоёни ориёӣ рӯ ба магриб оварданд ва пас аз чандин соли бодиягардӣ дар Порсогирд бошанда шуданд. Ва аз бозмондаҳои дудаю дудмони Каёнӣ шоҳаншоҳони овозадори Ҳахоманишӣ падид омаданд, ки аз миёни онҳо Куруши Бузурги додгустар ба сарзамини ачдодӣ бозгаштааст.

- Сипос ба даргоҳи Яздони пок, ки дар рӯзгори шоҳаншоҳии падари бузургворам марзҳои Эроншаҳр боз ба қаламрави пешинаи худ расида, Порту Гиркания, Марву Хоразм, Сугду Бохтар ва канорахои Ҳинду Гандхара зери парчами Ориёнои бостонӣ якчо шуданд, - бо сарфарозию қаноатмандӣ ситоиш намуд Бардия.

- Ҳанӯз сарзамини қабилаҳои сарсахти массагетҳо ва баъзе сакоиёни тӯронӣ аз қаламрави паҳновари Ориёно берун мондааст, - нигоҳи моломоли андешаашро аз рӯи Бардия наканда азмашро изҳор намуд Куруш. - Аҳуромаздои накӯрой ёварӣ кунад, пас аз сар фуруд овардани Томирис Балхи пешинаро пойтахти қаламрави шарқии кишвар шинохта, ҷангу душманӣ ва бадбиниро аз миёни мардуми эронию тӯронӣ дур меафканам.

- Аз ин пиндор бигзар, шоҳаншоҳ! - бо парешонӣ панд дод Пири муғон. - Томирис аз қавми дури Арҷоспи бадкин аст! Бо писари якраву хушомаш ба куштан сар медиҳаду ройи шоҳаншоҳро намепазирад...

- Чораи дигар надорам, пирам, - бо оҳанги қатъӣ афзуд Куруш. - Гапи ширину сухани гӯшнавоз ва сандуқҳои симу зари ноб барояш кора накард. Чораи охирин шамшери хунрез аст ва бароям ҷуз пеш гирифтани майдони набард дигар роҳе намонда.

- Ба Куруши Бузург, ки овозааш ба ҳафт гӯшаи ҷаҳон ва шоҳаншоҳиаш ба чаҳор самти фалак расидааст, майдондорӣ бо як зани худбину якрав намезебад!..

---

[1] Ин қисса асосан аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ тирифта шуд.

дастур дод Куруш. - Ин оғози ранҷи муғону мӯбадон аст, чун ҳавасто омода гашт подоши ранҷатро даҳ карат афзунтар хоҳам пардохт!

Пири муғон эҳсоси шодмоние дар ҷабини пурожанг ва умедворие дар чашмони нураш коҳида, охирин бор сӯи Куруш сари таъзим фуруд оварду аз даромадгоҳи ҳуҷра берун шуд. Куруш ба гусели ӯ то остони дар омада нигоҳаш беихтиёр ба вусъати шаҳри оғушта ба нури моҳ рафт.

Сукути асрорангезе дар шаҳристони Афросиёб ҳукм меронд. Аз боли оҳарии партави маҳтоб накҳати баҳор хеста, як эҳсоси гувороеро дар дили Куруш бедор мекард. Шохаҳои навшукуфтаи гули зардолуи рӯи ҳавлӣ аз насими баҳор алвонҷ рафта, бӯи хушеро ба машоми шоҳаншоҳ мерасонд. Моҳи пурра дар самти машриқ, аз болои кӯҳҳои Тӯрон сар кашида, бар бурҷу бораҳои шаҳри

хуфта, рӯшании асрорангезе мефиканд. Торикӣ бо рӯшанӣ пайкор дошт ва нафаси ҷонбахши баҳор ба ҳастии онҳо нерӯи тоза мебахшид.

Хоб аз дидаҳои Куруш парида, хаёлаш беихтиёр сӯи қиссаҳои шунидааш мерафт. Риштаи ин қиссаҳои шигифтангез аз аҳди қадим сар

мезаду то рӯзгори ӯ расида, бо сарнавишти Томирис мепайваст. Дарди ширини ишқ дили Курушро мефишурд ва мепиндошт, ки аз ҳолаи моҳи

мунир ва васати осмони баланд симои нурполои Томирис бо лабханди гуворое сӯяш менигарад.

Шаб ноаён мегузашту маҳтоб ҳамвора нур мепошид. Шохаҳои гарқи гули зардолу дар партави моҳ ба сукут рафта, ҷавонаҳои тозаро ба бор меовард. Дар фазои шаҳри қадимаи Афросиёб баҳор ҳукм меронду торикию зулмот ҳамоно дар пайкор буданд.

* * *

Маҳтоб ба пироҳани ҳарири абрҳо печида, аз миёни осмони баланд сӯи Куруш меомад. Тарҳи андоми нурполояш аз таҳти абрҳо аён мегашту гӯё аз ӯ шармида боз рӯяшро бо ҳиҷобе нарму нафиси пораабре мепӯшонд. Ҳолаи моҳи ҳиҷобпӯш шабоҳате ба андоми Томирис дошт ва аз боли абрҳо гӯё фуруд омада дуруду паёме сӯи Куруш мефиристод. Куруш аз болои бурҷи шаҳристони Афросиёб сӯи ҳолаи моҳ даст меафшонд ва

метапиду нафасаш танг мешуд. Ӯ осемасар ҳавои сарди субҳи баҳоронро фурӯ бурду роҳи нафасаш бомаром кушода гашт. Карахтии синааш ҳам ноаён рафт, аммо асари хоби даҳшатнок ва ҳамлаҳои уқоби азимҷусса, ки сару симои Дорои писари Виштоспро дошт, аз пеши назараш дур намегашт.

Соате нагузашта ба ҳузури ӯ Бардия ва Виштосп даромаданд. Куруш дар посухи ҳолпурсии онҳо сар меафшонду бо вақоҳати гирифта хомӯш менишаст. Рабудани тоҷи шоҳаншоҳӣ ва ҳайбати ғайриодии Доро дар тимсоли уқоби бузургу болҳояш паҳновар ӯро ба андеша мебурд. Оқибат сабру тоқаташро бохта, хоби ваҳмангезро ба Виштосп ҳикоят кард. Виштоспи ҳайратзада бо нигоҳи лабрези ҳаросу андеша, ба ҷони писари бехабар аз ин ҳангомааш меларзиду намедонист шоҳаншоҳи ошуфтаро чӣ сон таскин бубахшад.

- Яздони пок нигаҳбони тахту тоҷи шоҳаншоҳ бод! Наход Доро бар қасди шоҳаншоҳ, ки ҳомию пуштибонаш аст, бишӯрад? Ақлам намегирад!..

- Хотираи инсон кӯтоҳ аст, Виштосп, - бо оромии хунсардона гуфт Куруш. - Магар ману ту набудем, ки дар айни хунгармию тундхӯии ҷавонӣ ба сӯи Экбатана лашкар кашида, бобоям Астиагро аз тахташ афкандем?

- Шоҳаншоҳ дасти навозишро аз сари ману Доро ҳеҷ гоҳ бар надоштаанд. Дигар ин ки Доро лашкаре дар ихтиёр надорад, то дар ҳавои он густохию худсарӣ намояд.

- Магар ҳангоми шӯридан ман лашкаре дар ихтиёр доштам? – гуфт Куруш маломатомез. - Ҳол он ки бо амри хеш Дороро ҳазорпат гузошта, гирдоварии размоварони яккачину варзидаро супориш додаам.

- Меҳри шоҳаншоҳ аз меҳри фарзанд дар пеши ман болотар аст! - бо оҳанги қатъӣ сар фуруд овард Виштосп. - Агар Доро қасде дошта бошад ё хоҳиши шӯридан намояд, бо дасти худ сарашро аз тан ҷудо хоҳам кард!..

- Шитобу тундӣ ба мо намезебад, Виштосп, - андешамандона риёкории Камбуҷияро ба ёд овард Куруш. - Фарзанд бо ҳама камиву кӯтоҳиаш меваи умр мост...

- Дастури шоҳаншоҳ бароям воҷиб аст, ҳарчи фармояд бедаранг сомон хоҳам дод, - бо итоат сар фуруд овард Виштосп.

- Ба пиндори ман Дороро ба зиндон афкандан муносибтар аст. То бубинем Ҳурмузди накӯрой кору пайкори моро чӣ анҷоме мебахшад.

Баҳори сабзапӯши поёни моҳи фарвардин[1] дар авҷи нумӯю шукуфоӣ буд. Ба соқи алафҳо хуни сабз давида, таковарони ҷангӣ мадору неpӯи тоза мегирифтанд. Ҳатто аспу улавҳои боркаш ҳам, аз файзи моҳи фарвардин тану тӯш монда, пӯсташон дар партави офтоб ҷило медод. Аз гӯшаву канораҳои дашти паҳновари Мароканд шиҳаи таковарони маст дам ба дам ба гӯш мерасид.

Баҳор бо офтоби гарму гуворо ва нафаси тозаю ҷонбахшаш хастагиро аз тани сарбозон рабуда, азми размхоҳию майдондориро дар замири онҳо бедор мекард. Набардҳои тан ба тан ва машқҳои шамшерзанию асптозонӣ соатҳо идома ёфта, сафи довталабон рӯз то рӯз меафзуд.

Куруш фарорасии вақти роҳфарсоии лашкарро эҳсос намояд ҳам, кундии кори киштисозон ӯро аз азмаш бозмедошт. Хабари обхезӣ ва тугёни рӯди Яксарт[2] низ рӯздармиён расида, сарони лашкарро ба сабру тоқат водор менамуд.

Рӯзи нахустини моҳи урдубиҳишт[1] оқибат амри сафари лашкар расид. Сипоҳи анбӯҳи саворао пиёда аз роҳу бероҳаҳо пеш шитофта, ниҳоят ба канори[2] рӯди Яксарт омад. Қалъаи Курушкада аз асари ҳамлаи тӯроniён кайҳо харобу валангор шуда, аз таги сабзаҳо қабати сӯхтаи замин ба чашм мерасид. Аз дур бомиморатҳои нимсӯхтаю чӯкида манзараи ҳузноваре дошта, дар атрофи шаҳристони ободи собиқа нафаре наметофт. Фақат ягон-ягон сагҳои лоғару тӯлакзада дар гӯшаҳои шаҳри холию беодам нӯла кашида, гӯё ба мотами соҳибони шаҳидгаштааш ашк мерехтанд. Дар бурчу бораи ҳисори харобгаштаю деворҳояш валангор каргасу лошахӯрон нишаста, фориғболона қийғос мекашиданд.

Дили Куруш аз ҳолати ҳузновари ин шаҳр таконе хӯрду вохӯрии Томирис дар толори пазироӣ ба ёдаш расид. Заҳмати чандинсолаи ӯро оташ ба коми худ фурӯ бурда, аз он шаҳри мӯҳташам ва қалъаи ободу зебо харобаҳои яъсоваре боқӣ монда буд.

Куруш ба ин шаҳри сӯхтаю бесоҳиб даромаданро барояш

---

[1] Фарвардин, моҳи нахустини баъди Наврӯз, тақрибан ба 20 март-20 апрели солшумории мелодӣ рост меояд.

[2] Яксарт, номи қадимаи дарёи Сир, ки дар Таърихи Ҳеродот ва дигар муаррихони юнонӣ Аракс зикр шудааст.

[1] Моҳи дуюми фасли баҳор, тақрибан ба 21 апрели солшумории мелодӣ рост меояд.

ва васати дарё садо ангехта, бо ғурриши якмароми рӯд ҷӯр мегашт.

Куруш бо салобату тамкини шоҳона дар пешорӯи хиргоҳаш нишаста, ба дили корфармоёну муҳандисон ҳаросе меафканд. Ӯ хуб

медонист, ки сиёсату салобати шоҳаншоҳ дар лаҳзаҳои ҳассос аз меҳру навозиши ӯ афзалтар аст. Вақте ки дар пеш кори бузургест ва тақдири мулк ҳал мешавад, шоҳаншоҳ набояд ба сустию коҳилӣ ва коҳидани азму иродаи зердастон роҳ диҳад. Ноқобилӣ ва бепарвоии шоҳаншоҳ аз думболаш ғустохию нофармонии зердастонро ба бор меорад. Азму иродаи қавӣ, ҳатто таҳдиду зӯроварӣ дар зарурат одамонро ба фатҳи корҳои бузург ва қаҳрамониҳои беамсол ҳидоят месозад...

Ҳафтаи дуюм дар соҳили муқобил дастаи анбӯҳи сароҳаои сакоӣ[1] падидор шуданд, ки аз ду тараф гардунаи калони шашаспаро ҳидоят мекарданд. Аз гардунаи мӯҳташам, ки онро таковарони сафед мекашид, маликаи миёнақади сабзпӯше бар сараш тоҷи шоҳӣ фуруд омад. Малика дар иҳотаи сароҳо муддате ба гирумони кӯпруксозон зеҳн монду ба домани кӯхтеппаи ростхамидаи соҳил омад. Дар рӯ ба рӯи ӯ хиргоҳи бузурги абрешимини Куруш аз насими фораме баҳор такон хӯрда, бо мавҷҳои ҷилодораш ҷашмро мебурд. Томирис чобукона ҷаҳида ба таковари сиёҳмушкини баландболое савор шуду онро ба фарози ростхамида тозонд. Сароҳо аз думболаш шитофтанд ва таковарон дар як миҷҷа задан ба болои кӯхтеппа расиданд.

Куруш маликаро аз дур шинохт ва изтиробе ба ниҳодаш роҳ ёфта, дилаш беихтиёр ба тапидан фитод. Ӯ чун ҷавони навхате, ки маъшуқаи деринтизорашро баъди солҳо аз дур дидааст, ҳаяҷонро дар ниҳодаш фурӯ нишонда аз Томириси савори асп чашм намеканд. Малика бо кафи даст пеши нури офтобро гирифта, ба вусъати соҳили муқобил менигарист ва сипоҳи сароҳаю пиёдаи Курушро аз назар мегузаронд. Оби дарё сар ба соҳил кӯфтаю фигон кашида пеш мешитофту дили лабрези эҳсоси Куруш низ дар замираш тугён мекард.

Бо амри Томирис савори таҳамтане пешонабандашро кушода, дар болои сар каме афшонду тире ба камон ниҳода бо

---

[1] Дар Катибаи Бесутун Дорои бузург бодиягардони Осиёи Миёнаро сакоӣ меномад.

- Густохиашон поён надорад! - беихтиёр барошуфт Ойбар. - Савори тирафканда писарашро мемонд.

- Шерро ҳуфта пиндоштааст, ки лоф мезанад! - киноя хашмолуде афканд Пармис. - Майдондориашро хоҳем дид!

- Аз саҳрогардон чӣ чашм метавон дошт! - сар афшонд гилаомез Крез. - Хӯйи чорпоёнро гирифтаанд!..

- Аз пешниҳоди шаҳбону кадомашро бипазирем? - ба сару садои ҳамсафонаш хотима гузошт Куруш. - Серӯза роҳ пеш равем ё қафо?

- Ба назарам пас рафтан созвортар метобад, шоҳаншоҳ, - таклиф намуд Ойбар. - Нахуст аз ташвиши гарони сафинасозию пулбандӣ мераҳем. Дигар ин ки тӯрониҳоро ба сарзамини худ ҳварда, онҳоро аз пушт мепечонам ва усули ҷангии ақиб нишастанашонро барҳам мезанем. Ниҳоят аз сарсонию саргардонӣ дар дашту биёбонҳои беинтиҳо, ки дар думболашон фалокатҳои гӯшношунид нуҳуфтааст, барканор мемонем!..

- Ман ҳам ҷонибдори гузар накардан аз рӯди Яксарт мебошам, - андешаашро кӯтоҳ гуфт Пармис. - Сарзамини беобу гиёҳ ва регистонҳои нопайдоканори онҳо барои лашкари мо хатари бузург дорад...

- Ду сипоҳбади тавонои мо ба гузаштан аз рӯд розӣ нестанд, - рӯ ба Крез овард Куруш. - Ту чӣ андеша дорӣ, Крез? Аз дуроҳаи пешомад кадомашро бипазирем?!

- Шоҳаншоҳи бузург! - баъди каме андеша хитоб кард Крез. - Ман қавл додаам, ки дар ҳама гуна душвориҳо раҳнамою ёвари ростинат бошам! Агар серӯза фосила қафо равию роҳи душманро ба сарзаминат кушой, хоҳу нохоҳ овозае паҳн мегардад, ки Куруши ҷаҳонгир аз ҳайбати зане ақиб нишаста, дару дарвозаҳои марзро ба рӯи душман кушодааст. Бар болои ин нанг худо накунаду душман дастболо шавад, онҳо ба осонӣ бознамегарданд ва гирифтани мулки шоҳаншоҳро идома медиҳанд. Агар ту аз рӯди Яксарт гузарӣ, набард дар мулки душман рух медиҳад ва бохт чандон гарон намеафтад. Ҳангоми фирор низ кӯпрукро дарҳол оташ мезанӣ. Душман то аз рӯди пурталотум мегузарад, ки нерӯи нав мегундорӣ ва аз канораҳои марзат муқовимати хунинро боз мекунӣ. Гузашта аз ин чораест, ки сакоиҳои нобаладро метавон бо он гирифтор намуд...

- Чӣ чораест, Крез? - маънидорона сӯи Крез нигарист Куруш.

- То чое ки огоҳам, сакоиҳо май ва ошомидани бодаи ангури-

аввали моҳи хурдод[1] огоз ёфта, дар роҳи хокфарш чангу ғубор мехест. Аз ҳавои камбороии кариб як моҳи охир, ки ба кори кӯпруксозон хеле мусоидат карда буд, алафҳои дашту ҳомун ҳамагӣ як вақтаб қад кашида, саросар сӯхтаю зард шуда буданд. Гармои сӯзони тобистон бармаҳал расида, аз соқу барги гиёҳҳои ташнаком охирин қатраҳои намиро мечабид.

Дар бошишгоҳи массагетҳо низ оромии пешина барҳам хӯрда, парешонию ошуфтаҳолӣ ҳукм меронд. Пешвои қабилаҳо дар хаймаи Томирис гирд омада, як ҳафта баҳсу мунозира намуданд ва оқибат ба қарорe омаданд, ки кулли сипоҳро ба се ҳиссаи баробар тақсим мекунанд. Сипоҳсолории ҳиссаи аввали лашкарро Сипаргаписи размовар бар дӯш мегираду ду ҳиссаи сипоҳи боқимондаро шахсан малика Томирис сарварӣ менамояд[2].

Хабари убури лашкари Куруш аз рӯди Яксарт Томирисро бесаранҷом намуд. Маликаи массагетҳо ба писараш амр дод, ки аз набарди рӯ ба рӯ бо сипоҳи Куруш ҳазар намояд. Дар лаҳзаҳои муносиб сарбозони душманро ғофилгир сохта, ҳамлаи тезу тунде оваради бошитоб фирор кунад. Бад ин минвол лашкари бешумори душманро аз думболаш канола карда, ба мавзеи регистони паҳновари беобу гиёҳ ва ҳалокатбор бирасонад. Он гоҳ ҳар се ҳиссаи лашкар дар чои муносиби он регистони нопайдоканор муттаҳид шуда, сипоҳи хастаҷони Курушро саркӯб менамоянд.

Нақшаи набард ба пешвоёни қабилаҳо низ писанд омад. Томирис ҳангоми видоъ охирин бор писарашро ба огӯш кашиду огоҳ намуд, ки ба макру тадбирҳои размороии Куруш фирефта нагардад. Зеро шоҳаншоҳи маккору дурандеш дар аксари набардҳояш бо тадбиру чорасозиҳои зиракона пирӯз гаштааст.

Сипаргапис чавшан бар тан, кӯлоҳи пӯлодини нӯгтез бар сар ва шамшери хунрез дар миён чобукона ба асп савор шуду дар миёни чангбоди лашкари анбӯҳаш нопадид гашт. Ӯ аз паси теппаҳои намаш ҳанӯз накоҳида, ки барои чаронидани такова-

---

[1] Хурдод, моҳи сеюми баҳор, тақрибан ба 21 май-21 июни солшумории мелодӣ рост меояд.

[2] Аз бобати се ҳисса будани лашкари Томирис таърихномаҳо, аз чумла Ҳеродот маълумот додаанд.

дар ғафлат монда, чандон истодагарӣ накард. Сарбозони асирафтода аз фирор ё омадани Куруш хабаре надоштанд. Фақат нафаре чанд гувоҳӣ медоданд, ки шоҳаншоҳ аз гармои офтоб сахт беҳол шуда, нимарӯз дар миёни дашти тафсон хайма заду сипоҳи талояро фармуд, ки то фурӯ нишастани офтоб пеш равад.

Пардасаройи шоҳаншоҳ холӣ бошад ҳам, дар мобайни он дастархони пурнӯшу неъмате густурда буданд. Рӯи кабобу пораҳои гӯшти чӯшондаю бирёнро бо ҳарири нафис пӯшонида, ба ҷомҳо шаробу шарбатҳои гулгун рехта, расидани шоҳаншоҳро интизорӣ мекашиданд. Яке аз ҳамсафони солхӯрдаи Сипаргапис токат накарда даст ба ҷоми гулгун бурд ва онро ошомид:

- Шароб! - хитоб намуд ӯ беихтиёр. - Оби меваи ток, ки бузургони юнонӣ нӯшиданашро меписанданд!

- Ҳушёр шавед! - гуфт Сипаргапис. - Душмани маккор ба ҷомҳо заҳр наафканда бошад?!

- Шароби меваи токро ман дар Лидияву Милет бисёр нӯшидам ва аз хосияташ огоҳам, - бо хушҳолӣ ҷоми дуюмро холӣ кард размовари солхӯрда. - Ду-се ҷомаш танро ба вачду сурур оварда, ба кас ғайрату ҷасорати беандоза мебахшад.

- Ғайрату ҷасорат мебахшад?! – пурсид Сипаргапис нобоварона.

- Монанди шири офтобхӯрдаи модиён аст, вале аз он зӯртару форамтар! - ӯ бо ханда ҷоми сеюмро аз дастархон гирифт.

- Базми пирӯзӣ ороед! - амр дод Сипаргапис ҷоми мунаққаши шаробро ба лаб бурда. - Бигузор размоварони мо ба набарду пирӯзиҳои оянда омода гарданд!..

Базму нишот ва айшу ишрат ба шарафи пирӯзӣ оғоз ёфт. Гулханҳои нимсӯхта аз нав мадор гирифта, алангаи онҳо майдони базму тарабро чун рӯз рӯшан мекард. Сарбозони хушҳол хумҳои бузурги шаробро кушода, ин нӯшобаи гуворои махмуркунандаро бо чалаку косаю ҳатто тоскулоҳҳои мисини худ менӯшиданд. Онҳо уладҳои ганиматгирифтаро сар зада, тӯши яклухти онҳоро дар болои оташи гулхан кабоб мекарданд. Бӯи гӯшти нимсӯхта ва шароби тунд ба машом расида, сари хуморолуди сарбозонро ба гардиш меовард. Соате чанд нагузашта посбонон низ ба айшу ишрат дода шуданд ва гирду гӯшаи бошишгоҳи шабона кариб бесоҳиб монд.

- Марги писари ягонаи баркамол ба шоҳбону басо гарон меафтад! - ба умқи чашмони асир рамузгирона нигарист Куруш. - Агар шоҳзода баъзе шартҳои моро бипазирад, ба озодӣ хоҳад расид!

- Озодии пас аз асорат бадтар аз марг аст! - ба пешниҳоди Куруш мароқ зоҳир накард ӯ.

- Ин озодӣ ба коми дилат хоҳад шуд, Сипаргапис, - гуфт Куруш ҳолати рӯҳии асирро мушоҳида карда. - Ман шоҳбонуро мебараму ту подшоҳи қаламрави массагетҳо шуда, боқии умратро дар осоишу оромӣ мегузаронӣ ...

- Мехоҳӣ, ки шоҳбону ҳамсарат гардаду мулки моро зери дасти хеш дорӣ?! - хашми Сипаргапис беихтиёр боло гирифт. - Аз ин хаёли беҳуда бигзар, Куруш!..

- Тундхӯй макун, Сипаргапис! - ба болои сари ӯ хам шуда гуфт Куруш. - Аз хунхоҳию набардҳои тӯлонӣ мо ба ҷое намерасем...

- Маро дар чаҳормех баста ба сарам меситезй, Куруш! – бо нигоҳи кинадор шӯрид Сипаргапис. - Дар тариқи ҷавонмардону озодагон ин гуна хор доштани подшоҳзода раво нест...

- Якравию гарданшахиатро медонистам, шоҳзода, - бо лабханди омирона ӯро ором намудан хост Куруш. - Ин чора танҳо ба хотири таскини густоҳиҳои ту буд.

- Маро ё сар бизан, ё аз банд раҳо кун, Куруш! - бо хашму ситез дасту по мезад Сипаргапис. - Тоқати ин нангу ор надорам!..

- Агар ман банд меафтодам, навозишам намекардӣ, Сипаргапис, - гуфт Ойбар бо заҳрханда. - Бигузор ин рӯзи сиёҳ бароят панди якумра гардад!..

- Ба таковари хуб як тозиёнаю ба ҷавонмарди оқил як соати асорат басанда аст! - ба посбонон рӯ овард Куруш. - Аз чаҳорбанд раҳо созед! Бигузор посухи маро бо дасту пои кушода диҳад!..

- Посухи маро гӯш кун, Куруш! - дар ҳалқаи посбонон банди дастҳояшро молида хитоб намуд Сипаргапис. - Сипоҳам аз даст рафт, худам шармандаи асир афтодам! Ахнун мехоҳӣ, ки модарамро бароят пешкаш дораму ойни озодагонро пешпо зада, номардона бароят сар фурорам ?! Не! Аз ин пастию бенангӣ марг бароям авлотар аст!

Сипаргапис чобукона ханҷари посбонеро чанг зада рабуду қадаме қафо рафта ханҷарро ба дилаш зад. Нӯги ханҷари тез ба сандуқи синааш халиду аз бехи он хун дамида ба рӯи реги тафсида рехт.

Куруш дар болои тахти сафарии ҷавоҳиршишон чашмонашро нима пӯшида лаҳзае ба сукут рафт. Гӯё хобе дошт ба бедорӣ ва сафирони нигарони посухро намедид. Офтоб ноаён ба паҳноии дашти бекарон хамида, сояҳо чанд қади найза меёзиданд ва соати гуруб наздик мерасид.

Ҳайбати Куруши зоҳиран орому хаёлманд сафиронро ноаён пахш мекард. Оҳанги дурушти номаи Томирис онҳоро ба ҳолати ногуворе фиканда аз шоҳаншоҳ посухи тундеро нигарон буданд. Аммо Куруш ҳамоно хомӯш менишаст ва эҳсос менамуд, ки вопасин торҳои меҳр миёни онҳо гусаста, байнашон вартаи бузурге падид омадааст. Дили моломоли хашму андӯҳаш бошиддат метапиду шарёни хун чун путки гароне ба фарқи сараш мекӯфт. Фарёди пурдарде аз қаъри дилаш раҳида, дар гулӯяш мешикаст. Ишқи дерина маъвои нурполои худро бохта, шояд аз ҳукми азал бошад, боз тарҳи душманӣ ва кинаю нифоқ болоӣ мегирифт.

Нури офтоб мекоҳид ва дар домани уфуқи губорандудаи поёни дашти Яксарт шафақи хунполо доман меёзонд. Қурси офтоб ноаён ранг бохта ба пардаи губори шафақандуда мепечид. Ташти губори хунполо гӯё ҳолаи хираи офтобро фурӯ мебурд ва аз паҳноии дашти ташнаком бӯи хун меомад.

* * *

Ҳузну андӯҳи Томирис поён надошт. Ӯ дар тӯли як шаби азодорӣ сарпо коҳида, ба мӯйи анбӯҳи сиёҳаш тора-тора сафедӣ фитода буд. Чашмонаш нур бохтаю фурӯ рафта, ҳалқаи тираи гирди пилкҳо, рухсораи пажмурдаю харошхӯрда ва андоми логараш аз бехобию азияти рӯҳии ӯ гувоҳӣ медоданд. Чисми бечони Сипаргапис рӯи тобути якқад орамида, ба назар он қадар зебою нуронӣ метофт, ки гӯё ба хоби гарон рафта, аз ҳузну андӯҳи ҷигарсӯзи модар огаҳие надошт.

Паёми асир афтодани фарзанди ягона сабру қарори маликаро рабуда бошад ҳам, ӯ бо тамкини мардонае расидани посухи Курушро интизорӣ мекашид. Фурсати бозгаштани қосидон фаро расида буд, аммо аз самти ғарб чанге ба чашм намерасид. Дили малика чун шаб торик гашта, гумонҳои бад ба ҳиҳодаш роҳ меёфт.

Пас аз нимарӯз ӯ бошишгоҳашро тарк намуда, бо сипоҳи талоя ба истиқболи қосидон рафт. Аз дур аз самти рӯди Яксарт дастаи саворон намудор гаштанд, ки парчами сиёҳро афрошта, бо

Томириҫ хам шуда, охирин бор аз ҷабини писараш бӯсиду мӯбадони тӯронӣ ҷасади ӯро дар шафати турбати падараш ба дахмаи аҷдодӣ ниҳоданд. Кӯҳпораи яклухт, ки харсангҳои бузурги чаҳортарошаш чун деворҳои дахма қад афрохта буд, дар партави нурҳои офтоби субҳгоҳӣ басо бошукӯҳу пурсалобат метофт.

Малика бешитоб ҷомаи ҷанг пӯшиду хафтону камарбанд баст. Сипас шамшеру найза бардошт, камону тир ба зин овехт ва гесӯвонашро таги кулоҳи ҷангӣ ниҳон карда, таковарашро маҳмез зад. Зиреҳи ҷангӣ ва ҷавшанаш дар партави хуршед медурахшид. Ӯ рӯ ба самти шарқ оварда, сӯи қурси нурполои офтоб мерафт.

Офтоби дами субҳ ба истиқболи малика мешитофту фавҷи лашкари Куруш дар самти дашти Яксарт торафт ақиб мемонд. Сароҳои тӯронӣ бо дастаҳои худ ақиб нишаста, рӯ ба паноҳи офтоб ва паҳнои биёбон меоварданд. Офтоби тамӯз ба фарози осмон мехазиду соати иштиқом фаро мерасид.

ТАШНАГИИ МАРДАФКАН

Гармсел мевазид, гармсели нафасгиру токатфарсо. Дашти хокзамин интиҳо ёфта, дар пешорӯи сипоҳи сароҳо пиёдаи Куруш биёбони паҳновар доман мегустурд. Аз думболи сипоҳ ҷанги гализе хеста гӯшаи осмонро мепӯшонд.

Офтоби сӯзони тамуз биёбони беобу гиёҳро метафсонд. Реги маҳин дар зери чархи гардунаҳо ва аробаҳои боркаш ғиҷиррос зада, бо оҳанги якнавохташ гӯшро мехарошид. Сипоҳиёни пиёдаи вазнинсилоҳ аз асари гармои офтоб шамшеру сипар ва найзаҳои дарозашонро кашола карда, аз рӯи реги сӯзон базӯр пеш мерафтанд. Ҷавшанҳои фулузину кулоҳи гарони онҳо аз шиддати офтоб тафсида баданро месӯзонд. Аспҳо аз ҳайбати биёбон, гирдбодҳои даргузар ва буттаҳои ғелонӣ хурду бузург тӯрида, хавотиромез фириққос мезаданд.

Куруш хомӯшу андешаманд дар иҳотаи дастаи даҳҳазораи маглубнопазираш дар паҳнои биёбон як ҳафта боз асп меронд. Асари ногувори марги шоҳзода дар тули ин рӯзҳои дарозу хастагиовар аз дили ӯ ҳанӯз берун нарафта буд. Ӯ асп меронду бо савқи табиӣ эҳсос мекард, ки барои тӯрониҳои хунхоҳу кинаварз боз баҳонаи муносибе падид омад. Аз думболи марги Сиёвушу Сӯҳроб ва Исфандиёри рӯинтан, фочиаи ғайричашмдошти Сипаргапис сар заду ҳама умедҳояшро барбод дод. Хусумати дери-

кар ҷо-ҷо устухони офтобсӯхтаи чорпоён ва косаи сари одамӣ падид омада, ба дилҳо ваҳму ҳарос меангехт. Куруш худро зоҳиран орому ботамкин вонамояд ҳам, дар андеша монда буд. Ӯ сарвари роҳбаладонро ба ҳузураш хонду ҳамроҳи Ойбар андаруни гардунаи сӯҳбати хосае орост.

- То бошишгоҳи массагетҳо боз чандрӯза роҳ аст? - аракӣ ҷабинашро пок карда омирона пурсид Куруш.

- Онҳо ҷои доимӣ надоранд, шоҳаншоҳам, - нафасашро рост карда посух дод роҳбалади суғдӣ. - Бодиягардӣ мекунанду дар саргаҳи чашма ё сардобае меосоянд.

- Рост мегӯяд, шоҳаншоҳ, - одати тӯрониҳоро ба ёд овард Ойбар. - Бодиягардон ҳангоми тобистон дар ҷустуҷӯи чарогоҳ пайваста ҳаракат мекунанд. Дар як ҷой ҳафтае меосоянду боз роҳи нишемангоҳи дигареро пеш мегиранд.

- То сардобаи пешомад роҳ ҳанӯз дур аст? - ғаризаи ташнагиро дар ниҳодаш фурӯ нишонда савол дод Куруш.

- Чандон не, шоҳам. Бояд то шом бирасем, - бо оҳанги эътимодбахш посух дод роҳбалад.

- То шом?! - ботинан шод шуд Куруш.

- Бале! Агар лашкариён камаш ҳафт фарсанг[1] роҳро бипаймоянд, - хастаҳолона бор ба асояш андохт роҳбалад.

- Ҳафт фарсанг?! Дар ин гармои ҷигарсӯз! – норозиёна ба биёбони офтобсӯхта чашм андохт Куруш. - Об он ҷо фаровон аст?

- Оре, хеле зиёд аст, вологуҳар! - посух дод роҳбалад. - Ҳамаи галаву рамаи массагетҳо дар гармои тамуз аз ҳамон сарчашма об менӯшанд.

- Бисёр хуб! - рӯ ба Ойбар овард Куруш. - Ҳамаи роҳбаладон ба беҳтарин таковарон нишаста, ҳамроҳи сипоҳи яккачини Ойбар ба сарчашмаи об бишитобед! Лашкари бозмонда аз думбол мерасад.

- Фармонбардорам, шоҳаншоҳ! - таъзим намуда аз гардунаи хосаи шоҳ берун рафт сарвари роҳбаладон.

- Чакрае об дар биёбони ташнаком аз халтаи тило ҳам баҳои гаронтар дорад, - дӯсташро ба оғӯш кашид Куруш. - Ба ҳар рӯ оби мондаро сарфа намоед, шоҳаншоҳи ҷаҳон!

- Зудтар бишитоб, Ойбар! – дӯсташро ба оғӯш кашид Куруш. – Даме дер кардан баҳои ҷони ҳазорон размовар аст!..

---

[1] Тақрибан ба 42 километр баробар аст.

кар ҷо-ҷо устухони офтобсӯхтаи чорпоён ва косаи сари одамӣ падид омада, ба дилҳо ваҳму ҳарос меангехт. Куруш худро зоҳиран орому ботамкин вонамояд ҳам, дар андеша монда буд. Ӯ сарвари роҳбаладонро ба ҳузураш хонду ҳамроҳи Ойбар андаруни гардунаи сӯхбати хосае орост.

- То бошишгоҳи массагетҳо боз чандрӯза роҳ аст? - аракӣ ҷабинашро пок карда омирона пурсид Куруш.

- Онҳо ҷои доимӣ надоранд, шоҳаншоҳам, - иафасашро рост карда посух дод роҳбалади суғдӣ. - Бодиягарди мекунанду дар саргаҳи чашма ё сардобае меосоянд.

- Рост мегӯяд, шоҳаншоҳ, - одати тӯрониҳоро ба ёд овард Ойбар. - Бодиягардон ҳангоми тобистон дар ҷустуҷӯи чарогоҳ пайваста ҳаракат мекунанд. Дар як ҷой ҳафтае меосоянду боз роҳи нишемангоҳи дигареро пеш мегиранд.

- То сардобаи пешомад роҳ ҳанӯз дур аст? - ғаризаи ташнагиро дар ниҳодаш фурӯ нишонда савол дод Куруш.

- Чандон не, шоҳам. Бояд то шом бирасем, - бо оҳанги эътимодбахш посух дод роҳбалад.

- То шом?! - ботинан шод шуд Куруш.

- Бале! Агар лашкариён камаш ҳафт фарсанг[1] роҳро бипаймоянд, - хастаҳолона бор ба асояш андохт роҳбалад.

- Ҳафт фарсанг?! Дар ин гармои ҷигарсӯз! – норозиёна ба биёбони офтобсӯхта чашм андохт Куруш. - Об он ҷо фаровон аст?

- Оре, хеле зиёд аст, вологуҳар! - посух дод роҳбалад. - Ҳамаи галаву рамаи массагетҳо дар гармои тамуз аз ҳамон сарчашма об менӯшанд.

- Бисёр хуб! - рӯ ба Ойбар овард Куруш. - Ҳамаи роҳбаладон ба беҳтарин таковарон нишаста, ҳамроҳи сипоҳи яккачини Ойбар ба сарчашмаи об бишитобед! Лашкари бозмонда аз думбол мерасад.

- Фармонбардорам, шоҳаншоҳ! - таъзим намуда аз гардунаи хосаи шоҳ берун рафт сарвари роҳбаладон.

- Чакрае об дар биёбони ташнаком аз халтаи тило ҳам баҳои гаронтар дорад, - дӯсташро ба оғӯш кашид Куруш. - Ба ҳар рӯ оби мондаро сарфа намоед, шоҳаншоҳи ҷаҳон!

- Зудтар бишитоб, Ойбар! – дӯсташро ба оғӯш кашид Куруш. – Даме дер кардан баҳои ҷони ҳазорон размовар аст!..

---

[1] Тақрибан ба 42 километр баробар аст.

- Об надорем, шоҳаншоҳ, - навмедона чашм ба зер афканд Ойбар. - Охирин машки нигаҳдори об тиҳӣ шуд...

Куруш гӯё путки гароне ба сараш фитода бошад, таконе хӯрду дар такяи асояш худро базӯр нигоҳ дошт. Нигоҳаш беихтиёр ба болои кӯҳтеппа давид, аммо ҳама чо пур аз реги тафсон буд, асари чоҳу сардоба ва қатраи обе ба чашм намерасид. Аз гояти хашму газаб нафасаш дар гулу печид ва пеши чашмонашро пардаи торике пӯшонид. Ойбар қаҳрамонии шоҳаншоҳро пай бурда, дартоз пеш омад ва аз банди бозуяш дошт. Куруш бо азобе нафас рост карду дубора барошуфт:

- Об надоред?! Чаро надоред?! Оби фаровони сардобаю чашмаҳо куҷост?..

- Ёфтани сардобаю чашма даст надод, шоҳаншоҳ, - по ба реги нарм фишурд Ойбар.

- Хушкидааст магар? Ё ҳамроҳашон бор карда бурдаанд?! - бештар барошуфт Куруш.

- Пеш аз кӯч бастан ба чоҳу сардоба да сарчашмаи об рег пур кардаанд, - бо афсӯсу надомат сӯи ҳомаҳои рег ишора кард Ойбар.

- Рег пур карданд?! - Куруш лаҳзае лолу карахт монд. - Дурустар накофтед! Регро кашида дами обро накушодед!..

- Ҳама чоро кофтем, шоҳам! - нӯги потешаро ба замин хаст сарвари роҳбаладон. - Аз таги хомаҳои рег пайдо кардани сарчашма сахт душвор аст...

Куруш лаҳзае ба андеша рафт. Ба аҳли сипоҳ хатари бузурге таҳдид мекард, ки аз ҳамлаи душман ҳам зиёни гаронтар дошт. Ин хатар асари ташнагии бардавом ва ҳолӣ шудани охирин машкҳои об буд, ки метавонист нисфи аспу улав ва сипоҳиёни хастачонро аз пой барафканад. Шоҳаншоҳ охирин неруи иродаашро гундошта ба фавҷи лашкари домани кӯҳтеппа нигаристу азмашро баён намуд:

- Дигар мадори пеш рафтан ё чораи бозгаштан надорем. Бигузор сипоҳиён дар гирди теппа лангар зананд. Касони корозмударо чудо карда кофтани сарчашмаро идома бахшед!..

- Ҳурмузди пок мададгор асту Аҳриман ноумед! - ӯро дастгирӣ намуд Ойбар. - Шояд сардобаю чоҳе аз таги рег падид ояд.

- Пас аз регбандӣ сари об гум зада ба замин мешинад, шоҳам, - бенатиҷа будани кофтани сарчашмаро изҳор кард роҳбалад. - То боронҳои фасли баҳор боло хестани об дар гумон аст.

бар тан чаҳор тараф метохтанд. Лашкар дар домани биёбон парешон мегашт ва сипоҳиёни захмин афтону хезон бо ҳам бархӯрдаю фитода чун машъали зинда месӯхтанд. Ситораҳои бешумори гардун гӯё аз фурӯ рафтани моҳ барошуфта, дар паҳнои биёбон гулхан меафрӯхтанду хушку тар ва улаву астари ваҳшатзадаро ба коми оташ мекашиданд.

Куруш бонге заду аз пардасарой сипару шамшерашро рабуд ва чобукона ба таковараш нишаст. Ойбару Пармиси ошуфтаҳол ҳамоно дар бари ӯ рост шуданд.

- Тӯрониён аз чаҳор тараф моро гирд карда тир меанзозанд! - чун шери захмин хурушид Куруш. - Лашкарро пароканда шудан магузоред! Ба ҳама даҳсолору садсолори савораҳо амр диҳед, ки сипоҳиёнашро ғундошта омодаи тохт гарданд.

- Аз кадом самт тохт меорем?! - лағомии аспи беқарорашро кашида пурсид Ойбар.

- Ба пеш меравем, ба самти офтобшин! - таковарашро сӯи бошишгоҳи сипаҳсолорон ронд Куруш.

- Самти роҳи омадаамон! - аз думболи ӯ аспашро маҳмез зад Ойбар.

- Бале! Бубин аз он ҷо тир камтар мехезад! - ба назди сарлашкарони ошуфта расид Куруш. - Ҳалқаи душманро рахна задан осонтар аст!..

- Саворахо пешопешу пиёдаҳо аз думбол? – Ойбар хост низоми ҳамларо аниқ кунад.

- Фурсат танг аст, Ойбар! - нақшаи муҳорибаро мухтасар баён кард Куруш. - Бо саворахои яккачинат пешопеш бишитоб! Аз паси ту бо даҳҳазораи шикастнопазир ман меоям. Лашкари мондаро Пармис аз иҳота мебарорад!..

Ойбар бошитоб сипоҳ ороста, бо саворахои яккачинаш сӯи тирандозон ҳамла овард. Тирҳои пайкон ба сари лашкари саворахои Куруш чун жола мерехтанд. Саворахои Ойбар ба размоварони пешсафи тӯронӣ расиду дар дили торикшаб набарди шадид оғоз ёфт. Аз дами шамшерҳо оташ мепарид, синону найзаҳо ба тани сарбозон мехалиданд. Гурзҳои гарони саворахои Ойбар бар сару дӯши чобуксаворони душман фуромада, ба даҳҳазораи мағлубнопазири Куруш роҳ мекушод.

Набарди тан ба тан хеле тӯл кашида, дар торикӣ шинохтани ҳудию бегона душвор буд. Фавҷи массагетҳо аз фишори ногаҳонии саворахои яккачини Ойбар ва размоварони Куруш ақиб нишаста, ба ҳалқаи сеқабатаи онҳо рахна мефитод.

Хадангҳои тундрафтор аз ду ҷониб ҳуштак кашида ба фазои ғуборолуда мехесту чун пайки аҷал ба рӯи размоварони рӯ ба рӯ истода мерехт. Сипарҳои болои сардами тирҳои нахустинро бозоранд ҳам, фавҷи ҳалангии беадад аз думбол расида, ягон-ягон сипоҳиёни саворао пиёдаро аз пой меафтонд.

Куруш бо лабони хушкидаю парсингбаста аз болои саманди ташиааш сӯи сипоҳи Томирис нигариста, фавҷи савораҳои омодаи набардро озмоишкорона мушоҳида мекард. Ӯ аз рӯи тачрибаи лашкардорию муҳорибаҳои афзунаш пай мебурд, ки ҳар ду сипоҳ дар майдони набард нерӯи такрибан баробар доранд. Аммо бо таассуфу надомат дарк мекард, ки дар сафи пеши сипоҳи Томирис лашкари ноаёни ташнагӣ бе теғу шамшер ва тиру пайкон истода дар ин гармои чигарсӯз ҳазорон размовари Курушро ба чанголи марг месупорад.

Даҳшати ташнагӣ аз даҳшати марг ҳам афзунтар буд. Сипоҳиёни ду шабонарӯз қатраи оберо начашида аз гармии офтоби биёбон сабру тоқатро аз даст дода, субҳи сеюм беихтиёр мешӯриданд.

- Об! Об! - нидо мехест аз миёни савораҳои ташнакоми Куруш. - Об! Об! - лабҳои хушкида ва забони шахшӯлу кафидаашро лесида, дар рӯи рег ҷон медод сарбози ҷавони сару рӯяш хоколуде. - Об! Об! - фиғон мекашиданд размоварони ваҳшатзада ва аз тангии ҷон силоҳашонро партофта мисли гумроҳе ба рӯи рег менишастанд. Аспу улавҳои ташнаю хастаҳол низ дигар мадори дар пой истодан надоштанд. Таковарони чангӣ сар ба замин афканда, аз огози набард ва ниҳеби размхоҳонаи аспҳои пешорӯяшон парвое надоштанд.

Куруш пай бурд, ки лаҳзае бозистодан охирин азму иродаи набардхоҳии сипоҳиёнашро шикаста, дар фурсати башумор ӯро ба бебарорӣ дучор мекунад. Дарҳол амр дод, ки табли чангро навозанд ва савораҳои бокимондаи маглубнопазираш омодаи набард гарданд. Ӯ бо ғаризаи ботинӣ эҳсос мекард, ки ин набард - набарди ниҳоиаш хоҳад буд. Қазои такдир дар поёни умр ӯро сари дуроҳае қарор дода, шояд бори вопасин меозмояд. Ин дуроҳаи мудҳиш, ки охираш марг ё пирӯзист; дар майдони набард огозу анҷом хоҳад ёфт. Ва сарнавишти носозгор ҳама орзую ормонҳои деринаи ӯро, ки мехост хусумату душманӣ ва чангу хунрезиҳои тӯлонии Тӯрону Эронро аз миён бубарад, гӯё баркасд ба ҳукми шамшер ва майдони разм ниҳода буд.

Садои таблу табира ва бӯқу карнай дар биёбон танин ангехту

хест. Ғайкони дуюм низ аз думбол омада, ба таги синаи асп болотар аз шикам халид.

Саманд ниҳеби ҷонкоҳе кашиду мувозинатро бохта якпаҳлӯ ба рӯи рег афтод. Куруш чун паланги аз дом раҳидае бошитоб аз пушти асп ҷаҳида, рӯи реги нарм як ғел хӯрду чашмони хоколудашро беихтиёр пӯшид.

Ӯ ҳанӯз фурсати аз ҷой хестану қоматашро рост кардан наёфта буд, ки сӣвори таҳамтане аз пасаш расиду гурзи гаронро ба сараш кӯфт[1]. Куруш аз зарби ҷонкоҳи гурз калавиду дар такяи шамшер бо азобе худро аз фитодан нигоҳ дошт.

Томирис, ки чашмони кинаварзашро аз пайкари хамидаи Куруш намеканд, дарҳол нишон гирифту хаданги сеюмро аз камон сар дод. Пайкони марговар поёнтар аз китфи чап ба сандуқи дили Куруш халиду аз таги зиреҳаш хун фаввора зад. Куруш нолаи ҷонкоҳе кашиду чашмони регандудаи нимапӯшашро ба осмон дӯхт.

Офтоб дар чашмаш сиёҳ метофт. Биёбон ба коми торикӣ фурӯ рафта, аз қаъри зулмоти беинтиҳо хурӯшу ғиреви размоварон, чакочаки шамшеру ниҳеби таковарони хастаҷон аҳёнаҳён ба гӯшаш мерасид. Танаш дигар дардро эҳсос намекард ва дилаш аз сӯзиши ошное ширин-ширин фишор мехӯрд. Ба сӯзиши ишқ шабоҳате дошт ин дард ва аз навозиши он ҷисмаш карахт мешуду ҷонаш меосуд.

* * *

Маҳтоб чун сипари шикастаи бесоҳибе ба канори осмон фитода, рӯшании хирае меафканд. Томирис машъале бар дасту пероҳани сиёҳи мотамӣ бар тан, аз майдони набард эҳтиёткорона пеш мерафт. Мӯи парешонаш ба рӯи шонаҳо хамида, лаби пероҳани дарозаш аз думбол регро мерӯфт. Се тан посбони якка-чини машъалбадаст дуртар аз ӯ ба рӯи ҷасади размоварони ҳалокшударо хам шуда, касеро меҷустанд.

Бӯди мухолифи шабҳангом реги равонро ба бӯи тани беҷони размоварон ғарам зада, пуштаҳои нави ҷасадҳои регандударо меафзуд. Пардаи тунуки рег ҷисми сарбозони ба хоби абад раф-

---

[1] Мувофиқи маълумоти Ктесий Куруш дар муҳорибаи вопасинаш аз зарби гурзи сӣворае афтода, баъди чанде ҷон медиҳад. Дар набарди вопасини зидди массагетҳо кушта шудани Курушро муаррихони аҳди қадим Геродот, Юстин, Беросс ва дигарон зикр намудаанд.

Оҳ, Куруш! Куруши хунхор! Дар ин нимашаби торик тани оғушта ба хуну пайкари мурдоратро мечӯям. Охир ту солҳо боз лофи ишқ мезадию дасти маро мепурсидӣ, ҳама ҷоҳу ҷалол ва шукӯҳи давлати паҳноратро пеши поям нисор кардан мехостӣ! Мани содадилу хушбовар ба лофҳои ишқи дурӯғинат фирефта мегаштам!

Ишқ барои ман волотар аз ниёзи одамӣ, ҷилваи нури қудсӣ ва парвози рӯҳи беолоиш буд. Аммо ту ишқро ба домани хок кашида, барои ҳавову ҳавасҳои ночизат оғушта ба хун сохтӣ! Ту реги биёбонро аз хун сер кардӣ, вале аз ин дунёи рӯшан ташнакӯм рафтӣ!

Ман акнун туро аз хун ва васвасаҳои ишқи хуношом сер хоҳам кард, Куруш! Ту чаҳор самти ҷаҳон ва ҳафт иқлими оламро фатҳ кардию дастат ба домани поки ман нарасид! Каманди ишқи дурӯғинат гусаст ва теғу шамшери хунрезат шикаст! Дареғи ишқи фиребое, ки аз сиришти хунхоҳӣ ҷони ҳазорон размовари ҷавонмаргро рабуд!..

Ман туро акнун аз хун сер хоҳам кард, Куруш! Саратро ба машки хун хоҳам афканд! Бигузор сари пур аз савдои ишқи дурӯғин ва васвасаҳои хуношомат андаруни машки пурхун таскин ёбад! Бигузор машки пурхун ташнагии ишқи хуношоматро бишиканаду дигар касе чун ту гирифтори ҳавасу ҳаваси ишқ нагардад!..»

Томирис ногоҳ ба хомаи дамидае пешпо хӯрду сарнагун рафт. Машъали дасташ парида ба замин афтод. Тани хастааш рӯи ҷасади оғушта ба рег лаҳзае баросуду ҳаросон аз ҷояш хеста дар бари пайкари беҷони дами роҳаш нишаст. Сари ба хоку хун ҷӯлида ва рӯю абрӯвони регандудаи размовар барояш ошно метофт. Дастаи машъали фурӯзонро ба хоки нарм халониду ҷасадро аз таги рег берун кашид.

Аҷабо, дар пеши пои ӯ ҷасади Куруши Кабир бо оромию сукути шоҳонае мехобид. Фарқи сараш аз зарби гурз кафида, мӯи дарози то сари китф хамидааш оғуштаи хун метофт. Ба сари дилаш низ пайкони тири Томирис халида, нерӯи вопасини ҳаётро аз тани ӯ рабуда буд.

Томирис аз дидани ҳоли табоҳи Куруш таконе хӯрду панҷаҳояш суст шуд ва ҷасади гарон аз дасташ раҳида боз ба рӯи рег афтод. Шоҳаншоҳи оламгир гӯё пешомади ногувореро пай бурда бошад, ба рӯи рег сарозер ғелиду дар оғуши хилвати шаб ором гирифт.

дӯшизаҳои қурбонӣ аз коми оташ берун ҷаста, чун аланга зиндае дар назргоҳ метохтанду ба худоён лаънату нафрин мефиристоданд.

Қурси хунполои офтоб ба сари теппа расиду муғону оташпарастони сафедпӯш маросими дуруду ниёиши шомгоҳиро оғоз намуданд. Нахуст аспи сафедеро пеш оварданд ва Томирис бо як зарби шамшер гулӯи таковари қурбониро чок намуд. Аспи сафед дасту по зада метапид ва муғону муродталабон гирди ҷасади нимаҷон тоб хӯрда бо оҳанги якмаром дуою ниёиш мекарданд. Хуни таковари қурбониро дар таште гирифта ба миёнаҷои ғарами ҳезум афкандаид.

Офтоб дар паси теппаи шафақандуда фурӯ мерафту кушгани чорпоён авҷ мегирифт. Пиру барно таштҳои хуни қурбониро ба гирду гӯшаҳои ғарами ҳезум мерехтанду аз ҷумлаи худоён омӯрзиши гуноҳ ва муроди хешро металибаданд. Лаҳзаи ба роҳрав бурдани уштури қурбонӣ низ фаро расид. Дар дасту по ва гардани уштури сафед расанҳои пашмини ороёфтаро баста ба даруни роҳрави ғарами ҳезум ҳидоят намуданд.

Офтоб гӯшаи вопасини қурсашро ба паси теппа кашиду Томирис амр дод, ки аз чаҳор самти ғарами бузург оташро биафрӯзанд. Ҳезуми хушк аввал каме дуд карда, сутуни кабудашро ба фазо афрохту аз думболаш забонаҳои оташ аланга зад.

Кӯҳаи оташ фағона задаю садо ангехта, дашти шомхӯрдаро рӯшан мекард. Томирис ботинан аз боздоштани расми ба Худоён назр кардани дӯшаи зеботарини қабила пушаймон буд. Ӯ марги писари ягонаашро аз асари интиқоми Худоёни барошуфта мепиндошт ва худро ноаён ба қурбонӣ омода мекард. Дар ин дунёи рӯшану пурҳаводис дигар дилбастагие надошт. Ҳама умеду орзуҳояш барбод рафтанд ва ғайри сӯхтани якмароми дил, ки шабеҳи лахчаи зери хокистар ё дарди кӯҳнае буд, дигар эҳсосе ӯро ноором намекард. Эҳсоси ишқ буд ин эҳсос ё дарди ҷудоӣ аз фарзанд, чандон пай намебурд.

Кӯҳаи оташ фағона задаю садо ангехта, дашти шомхӯрдаро рӯшан мекард. Томирис ботинан аз боздоштани расми ба Худоён назр кардани дӯшаи зеботарини қабила пушаймон буд. Ӯ марги писари ягонаашро аз асари интиқоми Худоёни барошуфта мепиндошт ва худро ноаён ба маросими қурбонӣ омода мекард. Дар ин дунёи рӯшану пурҳаводис дигар дилбастагие надошт. Ҳама умеду орзуҳояш барбод рафтанд ва ғайри сӯхтани якмаро-

Эй Яздони пок! Ман, Томирис, подшоҳи бузурги массагетҳо ба номи моҳи ягонаи осмон савгандат медиҳам, ки мӯъҷизае ато куну рӯҳи маро ба пеши Куруш бибар! Ишқи поке, ки дар ин ҷаҳони пур аз хатою бозиҳои фиребои тақдир бароям бахшидӣ, аз равиши ин гардуни дӯсткушу душманпарвар ба комам нашуд. Он ишқи поку беолоиши рӯёиро ман дар ҷаҳони минӯӣ пешвоз хоҳам гирифт...

Ай оташи поки яздонӣ! Маро ба оғӯшат бигир! Пайкари бо пироҳани арӯсӣ оростаамро бо забонаҳои покхезат таскину осоиш бубахш! Бигузор колбадам хоку хокистар шавад! Ва рӯҳи ман дар он ҷаҳони минӯӣ бо рӯҳи тавонои Куруш бипайвандаду зиндагӣ дар олами қудсӣ аз сар оғоз гардад!..»

Томирис ба шӯълаҳои покхези оташ лаҳзае андешамандона нигариста ояи ниёиш бар забон бе ҳеҷ биму ҳарос ба оғӯши кӯҳаи оташ шитофт. Ӯ бо гомҳои дилпурона пеш мерафту нигоҳи орому хаёлолудаш гӯё хатари оташи сӯзонро зҳсос намекард. Забонаҳои оташ пероҳани сафеди абрешимпро лесида, ноёён ба пайкари мавзуни ӯ мепечид.

Хурӯше аз миёни тӯрониён хест. Касе чашмдор набуд, ки шоҳбонӯи нозанин либоси мусибаташро кашида, бо пероҳани сафеди ҳдона ба коми оташ мераваду худро қурбон мекунад. Кӯҳаи оташ аланга мезаду забонаҳои поку муқаддасаш саропои маликаро фаро мегирифт. Ӯ бо оромию солории шоҳонае аз миёни шӯълаҳои оташи анбӯҳ гом менеҳоду андаруни роҳрави танӯросои оташхез осебе надида пеш мешитофт. Фавҷи оташи рӯшану чашмгир пайкари ӯро печонида, гӯё дар иҳотаи забонаҳои поку муқаддасаш аз офати сӯхтан эмин медошт.

Моҳи ҳилоли нураш коҳида дар домани осмон се қади найза боло рафта, сӯи Томириси оғушта ба анбӯҳи оташи яздонӣ дуруд мегуфт. Шаби торику зулмонии дашт фаро мерасиду моҳи танҳои осмон баъди коҳидани забонаҳои оташ ба пардаи ҳарири абрҳо печида, хаёле ба ёди Томириси ба ҷаҳони минӯӣ рафта мотам мегирифт.

Поёни қисми сеюм

сарҳади ду кишвар мемонад ва товони ҷангро бо зару колаю молу чорпо мепардохтанд.

Бардия чун падар оромию тамкини шоҳонаро аз даст намедод. Сухандонию маҳорат ва зиракии модарзоди ӯ ҳангоми бозпас гирифтани сари Куруш аён гашт. Чанде аз пешвоёни бонуфузи тӯронӣ ба суннати аҷдодӣ такя карда додани сари Курушро муносиб намедонистанд. Бардия оқибат ғаризаи зарпарастии онҳоро барангехта, се баробари вазни сар тилои холис ваъда намуду пешвоёнро ба гузашт кардан водор сохт.

Ниҳоят ҷасади Курушро бар гардунае ниҳода, аз рӯди Яксарт гузаронидану бо ҳамон шитобу ҷадали аввала роҳи Пасаргодро пеш гирифтанд. Бардия ба сарвари посбонони пули Яксарт амр дод, ки пас аз убури кулли сипоҳ пулро саросар оташ зада, нишоне аз он нагузоранд.

Аз Пасаргод аҳли дарбор, муқаррабони шоҳаншоҳ ва қисме ашрофзодагон якрӯза роҳ пеш омада, расидани ҷасади Курушро интизорӣ мекашиданд. Ҳама либоси мотамӣ пӯшида, дар болои кӯшку деворҳои шаҳр парчами сиёҳ овехта буданд.

Пешопеши қофилаи мотамдорон навозандагон оҳангҳои ҳазинеро менавохтанд ва чанд навҳасарои сару рӯяшон харошида овоз андохта суруди ғамангезеро тараннум мекарданд. Аз думболи навҳасароён ҳазор тан сипоҳи якқачини Доро саф ороста бидуни силоҳу афзори ҷангӣ бо гоми якнавохт роҳ мепаймуданд.

Ҷасади Куруши Кабир андаруни тобути зарҳалине хуфта буд, ки онро гардунаи шашаспа мекашид. Таковарони сиёҳмушкини гардуна бар ёлҳояшон кокулони мотамӣ ва бар гарданашон зангӯла доштанд, ки дар ҳавои роҳгардӣ навои ҳазине меангехтанд.

Пешопеши гардуна Бардияву Ойбар ва Виштоспу Доро, аз ду тарафи он сипоҳсолорону сарони лашкар ва размоварони корозмуда сари парчамҳои ҷангии Курушро фурӯ хамонда ашки ҳасрат дар бари рӯ оҳу нола кашида асп меронданд.

Пири муғони шаҳри Афросиёб ва ҳафт муғи волонасаб аз паси гардунаи мотамӣ ба поси хотири Ҳурмузди накӯройу эзадони пок ва рӯҳи шоҳаншоҳи марҳум дуою ниёиш ва дуруду паём фиристода, дам ба дам бухуру гиёҳҳои хушбӯйро дар манқалҳои оташӣ муқаддас дуд меандохтанд.

Аз думболи муғон се гардунаи чаҳораспа бо ҳидояти саисон афзорҳои хосаи ҷангӣ, сару либоси шоҳона, асбоби рӯзгори

ҳақи Куруш дуою ниёиш мекарданд ва аз худоён омурзиши ӯро мехостанд. Пас аз нимарӯз бо амри Бардия ҳама бозгаштанд ва Пири муғонро бо ҳафт тан муғ барои ниёишу гузоридани намоз, нигоҳубини мақбара ва посбонии тобути Куруши Кабир гумоштанд. Муғонро мувофиқи қарордод ҳар рӯз аз хазинаи шоҳӣ як гӯсфанд, миқдоре орду шароб медоданд, то мӯҳтоҷу дастнигар набошанд ва дуою ниёишро бекаму кост адо намоянд.

Дертар ба рӯи девори мақбара муҷассамаи болдореро ба сурати Куруш канда, дар поёни он катибаеро бо хати мехӣ сабт намуданд[1], ки мазмуни зайл дошт:

«Ай марди ҷаҳонгир! Медонам, ки рӯзе ба сари хоки ман меоӣ! Огоҳ бош, ки дар ин гӯр ман, Куруши Кабир, саромади шоҳаншоҳони ҷаҳон хуфтаам! Замоне ман ҳам чун ту шоҳаншоҳи қаламрави Ориё ва чаҳор сӯи дунё будам! Ва оқибат дар чанд вақаб хоки сард баросудам. Аз ту илтиҷо дорам, ба ин мушти хоки дахмаи хоксоронаи ман ҳасад мабар ва турбатамро хароб масоз! Вагарна ба нафрину лаънати ман гирифтор хоҳӣ шуд!»

Искандари Мақдунӣ тақрибан баъди дусад соли сабти ин катиба ҳангоми бозгашт аз муҳорибаи Ҳинд ба Пасаргод омада, ба зиёрати мақбараи Куруши Кабир мерасад. Ӯ ба шабеҳаи болдори Куруш рамузгирона менигаристу катибаи мехиро бароят мехонданд.

Даромадгоҳи валангори саҳона ва шикасталапораҳои фитодаи девор ӯро баъди шунидани мазмуни катиба ба даҳшат афканд. Осемасар ба саҳонаи Куруш ворид шуда дид, ки тамоми ашёҳои мақбараро ба ҷуз тобуту мизи зери он ба ғорат бурдаанд. Аз ғояти ошуфтагӣ амр дод, ки сари тобутро кушоянд. Андаруни тобути зарҳалин ҷасади Куруш мехобид ва дар бари

---

[1] Муаррихи Юнони қадим Арриан, ки дар сафи муқаррабони Искандари Мақдунӣ мақбараи Курушро зиёрат кардааст, дар тобути заррин рӯи мизи пояҳояш тилоӣ қарор доштани ҷасади Курушро зикр мекунад. Ӯ инчунин аз хонаводаи муғҳои посбон, ҳақи хидмати ҳаррӯзаи онҳо, катибаи рӯи девор, ғорат шудани мақбара ва бо амри Искандари Мақдунӣ аз нав таъмиру таҷдид шудани он хабар медиҳад. Страбон низ аз катибаи рӯи девори мақбараи Куруш мазмуни мухтасари онро меорад. Мутаассифона катибаи мехӣ бо мурури замон аз миён рафта, муҷассаман болдор то кунун боқӣ мондааст.

Куруши Кабир саромади оини давлатдории мутамаддин, бунёдгузори паҳновартарин империяи аҳди қадим ва падари воқеии ориёитаборону ориёинажодони кулли олам аст. Ва ба қавли марҳум Пури Довуд, ҳар як фарде, ки худро аз насаби ориёй мешуморад, бояд дар тӯли умраш ақаллан як бор ба зиёрати қабри Куруш расида, аз қалamрави Пасаргод - зодбуми ин шоҳаншоҳи беқаринаи аҳди кӯҳан дидан кунад.

Душанбе,
тайи солҳои 1980- 2005.

1. ИШқИ ДУХТАРИ ФИРЪАВН

«Бо ҳамин (фиръавн - А.Б.)Амасис писари Куруш - Камбуҷия ҷанг огоз кард ва ҳамроҳи ӯ дар ин ҷанг ҳамаи халқиятҳои забткардааш, аз ҷумла иониягиҳо ва эолийҳо иштирок карданд. Сабаби ҷанг ин буд, ки Камбуҷия ба Миср қосиде фиристода, духтари Амасисро ба занӣ хост... Амасис порсҳои соҳибқудратро чашми дидан надошт ва ҳамоно аз онҳо меҳаросид: ӯ чӣ кор карданашро намедонист - духтарашро бидиҳад ё хости шоҳаншоҳро рад намояд. Ӯ бовар дошт, ки Камбуҷия духтари ӯро ҳамчун зани қонунӣ намепазирад ва маҳз канизи ҳамхобааш мекунад. Амасис баъди андешаи зиёд оқибат тадбири раҳоиро пайдо кард. Подшоҳи собиқ Априй духтари зебо ва хушандоме дошт. Аз тамоми аҳли хонадони ӯ танҳо ҳамин духтар зинда монда буд. Ӯро Нитесис ном мебурданд. Амасис амр дод, ки ба ин духтар либосҳои фохираю сарупои зарҳалини шоҳона пӯшонида, ба ҷои духтараш ба Порс фиристонанд. Камбуҷия мафтуни ҷамоли духтар гашта, баъди чанд гоҳе ӯро ҳамчун духтари озодаи Амасис дуруду таҳният хонд. Вале духтар дар посух гуфт: «Шоҳаншоҳо! Огоҳ нестӣ, ки Амасис туро фирефтааст. Ӯ ба тани ман либосҳои фохираро пӯшонида, ба ҷои духтараш ба ҳузури ту фиристод. Дар асл бошад ман духтари Априй - хоҷаи пешинаи ӯ мебошам, ки бадқасдона ҳамроҳи дигар мисриён бар падарам шӯрида ӯро куштанд». Ва ин қазия сабаб шуду Камбуҷияи писари Куруш сахт барошуфта, ба ҷанги зидди Миср бархест. Дар ҳар сурат ин ривоятро порсҳо нақл мекунанд».

Ҳеродот. Таърих. Китоби сеюм. Талия, банди 1.

Парвонае бол афшонда чарх мезаду худро ба дами забонаҳои хирасӯзи шамъи болои чаҳорпояи зарҳалин меафканд. Партави бемадори шамъ мелапиду такон мехӯрд ва қатраҳои дамидаи сиришк аз тани оҳарии он оҳиста ба кафи шамъдон мешорид. Сояи беқарори парвона дар ҳавои партави шамъ ба рӯи девори сарои хоб фитода, такон мехӯрду чун махлуқи бадҳайбате болову поин мечаст.

Камбуҷияи масти висол рӯи тахти хоб, болои дӯшизаи урён

омаду ба моҳи пуранвор ва ғунудаи канори осмон бо шӯру ҳаячон дуруд фиристод.

- Сипос ба даргоҳат, эй Ҳурмузди осмонӣ! Дар паноҳи ту сарщору болида аз меҳри духтари зебои фиръавн Амасис гаштам. Дуруд бар ту, эй моҳи ширполо, ки аз фарози осмон ба тахту бахти дилдодаи беҳамтои ман рашк мебарӣ...

- Ҳамеша шодкому сарфароз бош, ай шоҳаншоҳи накӯбахт! - аз гояти ҳаячон якпаҳлу гашта бо каме дудилагӣ афзуд дӯшиза. - Вале ҳусну ҷамоли духтари фиръавн Амасис кирои ситоиш нест...

- Тахту бахтам фидои ту бод, эй фариштаи ягонаи меҳр! Боварам намеояд, ки духти нозанини Амасис аз ҷумлаи эзадони осмонӣ набошад.

- Дарего, ки фариштаи писандидаи шоҳаншоҳам духти Амасис нест, - аз ситоиши Камбучия болида оқибат розашро кушод дӯшиза.

- Ширинзабонӣ макун, Нитесис! Ман зебоии туро шунидаму меҳрат ба дилам роҳ ёфт ва аз падарат Амасис туро хостгорӣ кардам.

Партави нури моҳ аз равзана таровида, ба рӯшании ларзони шамъи хирасӯз меомехту рухсораи тару тозаи арақшор ва нигоҳи рамуздору хаёландудаи Нитесисро дар чашми Камбучия зеботар нишон медод. Ӯ ба синаҳои таранг ва мавҷи мӯйҳои парешони Нитесис бо шавқу ҳаваси ошкоро ва хумори ҳанӯз то охир ношикаста менигарист.

- Бояд аз рӯи рози дерина парда барафканам ва ростиро кушоям, шоҳаншоҳам! - ҳамоно бо симои ҷиддӣ истодагарӣ меқард дӯшиза. - Ман духтари фиръавн Амасис наям!..

Камбучия дар партави моҳи пешгоҳи равзана лаҳзае ҳайратзадаву парешон монд. Сояи тираи парвонаи мафтуни шамъ чун шабаҳе аз пешорӯяш гузашту пиндошт, ки саройи хоби нимторик ногаҳон ларзид. Ӯ шӯру ҳаячони ногаҳонии аз синааш дамидаро фурӯ бурду шубҳаомез изҳор кард:

- Шоҳаншоҳро гӯл мезанӣ, меҳрубонам? Охир соле пеш падарат Амасис туро бо подоши сазовори тӯи ҳамтанӣ ба кӯшки ман фиристод. Ё фариштаи беҳамтои меҳри ман будан бароят гарон афтодаст?

Нитесиси аз рӯи бистари оҳарӣ ғечида, андешамандона дар гӯшаи он нишасту омодаи аз ниҳонхонаи дил берун овардани дарду азияти рӯҳии деринааш гашт. Анбӯҳи мӯйҳои дарозу кушодаи ӯ

Нитесис ба даҳшат афтода, аз ғояти ҳарос худро сӯи равзанаи нурполо кашид. Моҳи ғунуда аз васати осмон канортар рафта, ба ҳангомаи ногаҳонии сарои хоб ҳамоно чашм медӯхт. Ҷойпӯши оҳарӣ аз тани Нитесис лағжида ба рӯи фарш афтод.

- Густохиамро бубахш, шоҳаншоҳ! - шоҳбонуи ҳаячонзада бо овози ларзон худро сафед кардан мехост. - Тавалло мекунам, кинаи деринаамро аз Амасиси нобакор биситон! Ӯ падари маро бо ранҷу шиканҷаҳои гӯшношунид кушта, ҳама бародаронамро сар зад.

- Оҳ, палиди базаҳкор![1] Оҳ, шаголи пиру маккор! Киро мефиребӣ?! Хунатро мерезам!..

Камбуҷия гӯё дар нимторикии пешорӯяш суроби рақиби фирефтаашро дида бошад, чун бабри хашмгин чобукона ба дастаи шамшери урёни канори бистараш чанг андохт. Ӯ ихтиёр аз даст дода, бо ситезу надомати бекиёс шамшерро болои сар бардошту сӯи Нитесиси урён ҳамла оварда, дами тегашро бошаст поин фароварда. Нитесиси даҳшатзада фақат лаҳзае ҷилои шамшерро дар фазо диду сари ба анбӯҳи мӯйҳо печидааш ба рӯи фарш ғелид. Тани ҳанӯз гарму гирифтори набзи ҷонаш ба рӯи ҷойпӯши оҳарӣ афтода, метапиду часту хез мекард ва аз буни гардани буридаи ӯ фавввораи хун метаровид. Парвонаи бекарор дар гирди забонаҳои шамъи хирасӯз ҳамоно бол меафшонд ва шабаҳи сояш рӯи ҷасади бечон мелагжиду бозӣ мекард.

Хоҷасаройи саргичу ваҳшатзада аз ғафлати миёни хобу бедорӣ раҳида, ба рози ин ишқи даргузару ҳангомаи фоҷиабор чандон сарфаҳм намерафт. Парвонаи ҷонсарак худро ба коми оташ зада метапиду пару боли сӯхтаашро аз забонаҳои мадоргирифтаи шамъ раҳонидан мехост.

Шамъи фурӯзон об шуда месӯхту аз тани оҳариаш қатраҳои ашк метаровид. Моҳи пурраи пушти равзана аз ин ҳангомаи сарои хоб ба шигифт афтода, чун якқачархи нуқрафоми домани гардун сӯи уфуқ мешитофт. Субҳи козиб медамиду шаби пурасрори моҳи сураваҳара[2] (урдибиҳишт) ноаён ба поён мерасид.

---

[1] Базаҳкор, пургуноҳ, бадкирдор.

[2] *Суравиҳара* – моҳи дуюми баҳор дар солшумории форсии қадим, маънии моҳи зӯрии баҳорро дошта, ба урдибиҳишт (апрел-май) рост меояд.

монд. Камбучия манаҳашро ба қуббаи шамшери хунолуд ва қабзаи дастҳояш такя дода, дар рӯи тахти хоб бо рӯи рангаш коҳида ва моломоли дарду ҳасрат менишаст. Сараш саҳл меларзид, мушакҳои рухсорааш кашиш мехӯрданд, сӯроххои биниаш аз гояти ҳаячон ва шиддати нафаскашӣ беихтиёр пасту баланд мешуданд. Дар чашмони бузурги хунгирифтааш хашму даҳшат бо ҳам омехта, як ҳолати ғарибу чунуномезеро барангехта буд.

Доро ҳолати ногувори шоҳаншоҳро, ки бемории саръ ва молихӯлиё дошт, дарҳол дарк намуд. Аз ин дарди деринаи Камбучия, ки одатан ҳангоми ҳаячони ногаҳонӣ ва хашму газаб авч мегирифт, кам касон огоҳ буданд. Вале Доро, ки аз овони наврасӣ бо Камбучия ҳамнишинӣ ва рафтуо дошт, ин асрори чунунашро бидонад ҳам, аз дигарон ниҳон медошт. Багапат қафо гашта дари ҳарамро пӯшонид. Аз садои ногаҳонии дар Камбучия таконе хӯрда, сар бардошту дар пешорӯяш Дорои ошуфтаву парешонҳолро дид. Ӯ тамоми нерӯи вучудашро гунҷошта, дарду ҳаячонашро фурӯ нишонду дар такяи шамшер аз чояш бархест. Доро ба истиқболи ӯ пеш омаду аз рӯи одати дарбор дуруди субҳгоҳӣ гуфт:

- Дуруд ба шоҳаншоҳи бузург, пушту паноҳи мулк ва нигаҳдори кишвари паҳновари Ҳахоманишиён!

- Дареғи ин мулку шоҳаншоҳи бепарвои он, - бо нафрати ошкоро хурӯшид ӯ, - ки гирифтори макри Амасиси нобакор ва канизаки ҳамхобаи ӯ гаштааст.

Камбучия оҳи пур аз дарду надомате кашид. Гунаҳояш фишурда шуданд, шабаҳи чунун дар таги чашмонаш дубора соя афканд. Сараш беихтиёр такон мехӯрду панчаҳои дастонаш меларзиданд.

- Ҳурмузди пок нигаҳбон, шоҳаншоҳ! - бо ҳамдардӣ таскин бахшид Доро. - Амасиси палид ёрои густохӣ надорад ва аз лашкари афзуни шоҳам чун шаголе дар пеши шери хунрез метарсад.

- Дилам аз фишори нангу ор метаркад, Доро! - фиғон кашид Камбучия. - Кошкӣ он палид ба дастам меафтоду чун шери кинахоҳ танашро пора-пора мекардам...

- Шаголи пир гирифтори фиреби хеш хоҳад шуд, бузургворо! - ба ин ҳангома чандон сарфаҳм нарафта бадоҳатан афзуд Доро. - Магар духтараш ҳамхобаи ӯ будааст?

- Канизи ҳамхобаашро ба чои духтараш фиристодааст.

Рӯшании офтоб аз берун таровида, манзараи ҳузновари ҳарами хосаи шоҳаншоҳро аёнтар мекарду рӯзи навбатӣ бо ҳангомаҳои тозааш вориди ҳарамсарои фочиабори Камбуҷия мегардид.

* * *

Кабӯтарони дастомӯз болупар афшонда ба саҳни ҳавзи мусаффо фуруд меомаданд ва резаҳои дони ба пешашон афкандаи Атусоро[1] чида, хушҳолона ҷастухез мекарданд. Атусои нозанин дар поёни рӯзи офтобии фарҷоми моҳи урдубиҳишт хаёломез ба селаи кабӯтарон дон меафканду хушу ёдаш дар ҷои дигар буд. Ҷиддияти симои андешамандаш ба камони абрувон ва чашмони бузурги шаҳлояш зебида, ба рухсораҳои гулгун, ғолияи мӯйҳои сиёҳ, бинии тегадори мавзун, лабҳои нозуки ба ҳам фишурда ва даҳони кӯчакаш ҳусни тоза мебахшид.

Аз паси сутуни мармарини кохи Камбуҷия суроби хочасарой Багапат падидор гардид, ки ба суринҳои таранги нимурён, миёни борик, пайкари мавзун ва синаҳои дамидаи Атусо бо ҳасрату шефтагӣ менигарист. Чашмони дамидаи лабрези навмедӣ ва ҳасратолуди хочасарой аз паси пилкҳои каммӯй нур мегирифт ва чун чашмони гурги гурусна аз дидани сайд медурахшид.

Багапат хуб медонист, ки сарнавишти талх ва носозгор ӯро аз беҳтарин лаззати зиндагӣ - ишқварзӣ бо занон ва комситонӣ аз дӯшизаҳои нозанин маҳрум сохтааст. Вале табиати мардиаш бо пешаи ногувори хочасаройӣ ботинан созиш намекард. Ҳатто солҳои аввали ба ҳарамсарой афтоданаш ошӯби кинахоҳонае дар замираш талотум мекарду намедонист осеби расидаро чӣ сон дармон бахшад. Рашку ҳасади беинтиҳо ва нафрату бадбинӣ ба чинси марду зан ӯро шабеҳи махлуқи кинатузе сохта буд, ки аз нокомиву бебарории хочаҳояш ва аҳли ҳарами ӯ ҳаловат мебурд.

Хочасарой аз паси сутун бесадо шитофта, худро ба пешгоҳи айвони болои ҳавз расониду аз пушти мучассамаи шери таҳамтан ба саропои Атусо, ки андаруни ҳавзи софу босафо аз таги пероҳани абрешимини тунукаш метофт, бо ҳаяҷону шефтаҳолии ҳарисона чашм давонд. Пайкари мавзун ва нозуки дӯшиза, ки ҳанӯз огӯши мардро наозмуда буд, дар назари хочасарой аз тани печону ҳаловатбахши Нитесис борҳо зеботару дилработар, саршор аз таровати рӯъёӣ ва камолоти олиҳавор менамуд.

---

[1] *Атусо*, Ҳеродот ва дигарон муаррихони юнонӣ номи духтари калонии Куруши Кабирро Аттоса зикр кардаанд.

таковаргоҳ ва майдони набард гирифтори дастаи сарбозонат шудаиву боре маро намепурсӣ! Шунидам, ки рӯи набарди Миср дорад?

Доро бо лабханди ҳазломез дасти Атусоро мебӯсаду рост ба қаъри чашмони олуда ба нозу ишваи ӯ нигариста меафзояд:

- Агар Атусои нозанин бифармояд гирифтани Миср барои мо душворие надорад.

- Аз ҳангомаҳои ногаҳонии ҳафтаи охир хеле дар ҳайратам Доро, - бо оҳанги асроромезе сӯи ҳамсӯҳбаташ нигарист Атусо. - Намедонам решаи ин гирудорҳо то кучо мерасад?

- Ҷони ширинатро ба ранҷ мағузор, дӯстам! Кишвардорӣ бе ҳангомаву шикасту рехт намешавад.

- Аз он дар шигифтам, ки шоҳбону Нитесисро ду ҳафта боз намебинам. Ҳостам ба пеши бародарам Камбучия бираванам, вале посбонон серкор будани шоҳаншоҳро баҳона карда, маро ба наздаш нагузоштанд.

- Дилгир нашав, азизам! Шоҳаншоҳ ба ростӣ гирифтории афзуне дорад.

- Медонам, Доро, - Атусо бо якравии рамузгирона рози дили Дороро кушодан мехост. - Вале чаро шоҳбону Нитесис наметобад?

- Шояд нотоб бошад? - нигоҳашро гурезонда худро бепарво вонамудан хост Доро.

- Агар шоҳбону нотоб мебуд, аз давутози пизишк, пешкорони вижа рӯи майдони кӯшк гашта намешуд. Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ нопайдо шуда ё кучое рафтааст?

Доро аз зиракиву кушодагӯии Атусо кебида, дар вазъи ногувор монд. Вале дарҳол худро ба даст гирифта гумони ботилеро пайгирӣ намуд.

- Шояд ба боздиди падар сӯи Миср рафта бошад?

- Лагзидӣ, Доро! Наход роҳи дароз рафтани шоҳбону ниҳон монад?

- Намедонам, Атусо, - Доро барои рафтан гоме пеш ниҳод. - Фурсати дар ин бора андешидан ҳам надорам.

- Маро гӯл мазан Доро! - сари роҳи ӯро дошт Атусо. - Роздори шоҳаншоҳ чуз ту касе нест.

- Бубахш маро, Атусо. Ҳама рози ин чаҳонро танҳо Яздони пок медонад...

Доро бо нишони видоъ сар фуруд оварда, дасти Атусоро аз нав бӯсид. Дӯшизаи зирак майли раҳоӣ чустани Дороро пай

шуд. Чун Камбуҷия ба Миср шуд, пас мардум нофармон шуданд. Пас аз он дурӯғ дар кишвар бисёр шуд, ҳам дар Порс, ҳам дар Мод, ҳам дар дигар кишварҳо».

«Катибаи Дориюш дар Бесутун». Сутуни I. 26-35.

Дар оғози моҳи гармопада[1] андаруни чаҳорбоғи соярез Камбуҷия бар тахти мӯҳташам нишаста, аз ҷоми зарҳалин ҷуръа-ҷуръа шароб меошомид. Пайнтар аз ӯ дар гирди мизи хушсохти мунаққаш бар курсиҳои нарм ашрофони бонуфузи порс ва пешвоёни хонадонҳои соҳибэҳтиром Отан (Утана), Гобрия, Виштосп, Мегабиз (Бугубахша) ва Гидарн (Видарна)[2] менишастанд. Дорои писари Виштосп, ки дар синну сол аз онҳо хеле ҷавон менамуд, дар гӯшаи миз фурӯтанона ба суханони Гобрияи падарарӯсаш[3] гӯш медод. Аз ҳозирон Гобрия бо андоми пурожанг, риши дарозу мӯи анбӯҳи сафед ва пешонаи чинбастааш калонсолтар менамуд.

- Ба пиндори ман роҳро аз биёбони сӯзони Араб гузаштан ба лашкари афзун бим дорад, - дар гуфтор салобату тамкинро риоя мекард Гобрия. - Бо дастури Куруши Кабир кунҷу канори ин биёбони паҳноварро омӯхта будам. Дар тиҳигоҳи роҳи як ҳафтаина чашмаи оберо пайдо накардам.

- Лашкаркаши Курушро ҳамин биёбони сӯзон сӯи Миср боздошта буд, - сухани Гобрияро қувват дод Виштосп, - вагарна ӯ хоки Мемфисро бо фиръавнҳои густохаш кайҳо мебехт.

- Ту чӣ андеша дорӣ, Отан? - аз гуфтори пандомези бузургони бонуфуз норозӣ буданашро базӯр нуҳуфта пурсид Камбуҷия. - Аз биёбон тарсида, густохиву паймоншиканиҳои Амасисро оромона биёмурзем?

- Бо киштиҳои ҷангӣ аз роҳи Баҳри Бузург[4] шино кардан сазовортар мебояд, шоҳаншоҳи хирадпеша.

- Намешавад, Отан. Сипоҳи бешуморро бо аспу гардунаҳои ҷангиашон дар киштиҳо бурдан душвор аст. Чораи дигаре бояд ёфт. Ту чӣ андеша дорӣ, Доро?

---

[1] Моҳи чорумӣ солшумории форсии қадим тақрибан ба 21 июн-21 июл рост омада, маънои фарорасии гармо ё гарморезро дорад.

[2] Дар қавсайн номи ашрофон аз рӯи навиштаи «Катибаи Дориюш дар Бесутун» омадааст.

[3] Зани нахустини Доро Паритагонаи духтари Гобрия буд, ки аз ӯ се писар дошт - Артобазан, Ариабигн ва Ариомард. (Ҳеродот. - Таърих. Китоби III, бандҳои 2,3,4,5).

[4] *Баҳри Бузург*, номи қадимаи баҳри Миёназамин.

Камбуҷия. - Ба назди пешвоёни бадавиҳо гумоштаҳоро бо подошҳои сазовор бифирист. Вале сабаби наомадани Бардияро нагуфтӣ, Доро?

- Номарасон фиристода бахшиши гуноҳ хост, шоҳаншоҳ. Дар Бохтар каме нооромӣ сар задааст. Нимаи дуюми моҳи гармопада мерасад.

Камбуҷия андешамандона пешонаашро молида, нофармонии бародарашро фурӯ бурд. Аз нигоҳаш талотуми хаёлҳои ногувор ва шубҳаи дерина ҳувайдо буд.

- Ҳушёр бош, Доро! - Камбуҷия ҷуръаи охирини шаробро ошомиду қаноатмандона аз ҷой хест. - Ҳама неку бадро бо тарозуи хирад баркашу сипас кор бубар. Биравед, Яздони пок нигаҳбонатон!

Ҳозирон расми таъзимро ба ҷо оварда, аз пайроҳаи чаҳорбоғ сӯи дарвоза раҳсипор гаштанд. Доро аз ҳама охир гом мениҳоду эҳсос мекард, ки бори масъулияти гаронеро бар дӯшаш ниҳоданд. Дар беруни дарвоза ду тан муғи хастаҳоли кулаҳҳӯди намадин бар сар сӯи онҳо таъзим намуданд. Симои муғи ҷавонтар ба назари Доро қадре ошно метофт. Чашмони бузург, бинии теғадори рост ва тарҳи рӯи хушсохташ андоми касеро ба хотири ӯ мерасонд. Доро рамуз гирифта, аз дунболи ҳамроҳонаш ба асп савор шуду сӯи ҷабҳаи сарбозонаш раҳсипор гашт. Симои муғи ҷавон ҳамоно аз пеши чашмаш дур намерафт, вале ӯ ҳеҷ дарнамеёфт, ки он тарҳи рӯи шиносро дар куҷо ва кай дида бошад.

* * *

Дар толори хурди пазироии қасри Камбуҷия ду тан муғ фурӯтанона замин бӯсида, изҳори сипосгузориву таҳният менамуданд. Камбуҷия бо мӯи парешони пардознаёфта, риши анбӯҳи ҷо-ҷо сафед ва либоси муқаррарии дарборӣ дар пешгоҳи қаср гомҳои бечурътона ва заминбӯсии муғҳоро назора мекард. Дар паҳлуи рости ӯ посбони таҳамтани хосааш Прексасп ва дар гӯшаҳои дуртари толор посбонони силоҳдор чун муҷассамаҳои босалобат рост истода, ба дили бинандаҳо ҳарос меангехтанд.

- Ҳурмузди офаридгор нигаҳбони шоҳаншоҳ бошад, - замин бӯсид муғи пешсаф. - Мо аз мулки дурдасти Бохтар омадем.

- Аз мулки Боҳтар? - суоломез саропои муғҳоро муоина намуд Камбуҷия.

– Саркашии ночизе аз мо сар зад, шоҳаншоҳ! - оғизона пои Камбуҷияро бӯсид муғи пешсаф.

– Чӣ саркашӣ будааст? - пурсид аз бағали муғ раҳонида каме ақиб рафт Камбуҷия.

– Саркашии Гавмарди[2] бародари маро ба набард бурдан мехостанд, – арз намуд муғи пешсаф. - Ман розӣ нашудам, чунки аз рӯи дастури шоҳаншоҳ ба набард рафтани муғон раво нест.

– Магар Бардия муғону мубадонро ба сипоҳӣ мехонад? - хавотиромез пурсид Камбуҷия.

– Оре, шоҳаншоҳ! - посух дод муғи ҷавон ҷуръаташ афзуда. - Густоҳии Бардия охир надорад. Ӯ касонеро, ки аз дастураш сар кашад пай мегираду сазоҳои сангин медиҳад.

- Нописандӣ ба дастурҳои ман аз ин фузунтар намешавад, Прексасп! – хашми Камбуҷия якбора боло гирифт. - То имрӯз наомаданаш ҳам нишони саркашии ӯ аз фармони шоҳаншоҳ аст.

- Густоҳиамро бубахш, шоҳам, - аз барошуфтани Камбуҷия ботинан болид муғи пешсаф, - Бардия худро аз шоҳаншоҳ камтар намедонад ва хештанро ҷойгузини ростини тоҷу тахт мешуморад...

- Вориси тоҷу тахт? – нобоварона хурӯшид Камбуҷия. - Дурӯғ мегӯй!..

- Савганд ба номи Аҳурамаздо ва Амшаспандони пок... Нофармониву ситезаҷӯии Бардияро дере нагузашта Шоҳаншоҳам хоҳад дид...

– Хушбовариву нармдилии шоҳаншоҳ, Бардияро нерӯву пушти нофармонӣ мефизояд, - бо оҳанги рамуздор киноя зад Прексасп.

- Давидани гӯсола то каҳдон! Бигузор муддате худнамоиву тундтозиҳо кунад, - хашмашро фурӯ нишонда рӯ ба муғон

---

[2] *Гавмард*, дар Катибаи Бесутун ва осори баъзе муаррихони юнонӣ Гаумата муғ зикр шуда бошад ҳам, аксари сарчашмаҳо ба Бардияи писари Куруш дар тарҳи симо ва қаду қомат шабоҳат доштанашро таъкид кардаанд. Ктесий номи писари Куруш - Бардияро ба шакли лақабаш Таниоксарк овардааст, маъноияшро *таҳамтан, пурқувват, баландқомат* шарҳ медиҳад. Мувофиқи ақидаи М.А.Дандамаев Бардия низ дар забони форсии қадим ва авестой маънои баландқомат, таҳамтанро дорад, ки Ктесий лақабашро овардааст. Аз ин хотир муаллиф мувофиқи савтиёту талаффузи форсии бостон ва ташреҳи маънои Гаумата ба ҷои он шакли Гавмардро пазируфт.

мечустанду дурӯги ростнамо мебофтанд, вале худашон низ сабаби бор надодани шоҳаншоҳро намедонистанд.

Камбучия сӯи Атусо даст афшонд ва нигоҳи рамуздораш ба Бардия афтоду заҳрханди даргузаре дар ҳолаи лабҳояш падид омад. Меҳри Бардия боло гирифт ва ӯ бо қадамҳои устувор ва лабханди моломоли самимият ҷониби Камбучия шитофт. Шоҳаншоҳ бародарашро се соли тамом надида бошад ҳам, бо симои ҷиддиву нигоҳи омирона танҳо дасташро барои бӯсидан дароз карду худро ооваи тамошои манзараи таковаргоҳ вонамуд. Бардия аз ин пазироии сарди бародари бузургаш озурда бошад ҳам, фурӯтанона дар пеши шоҳаншоҳ ба зону зада, бо ду дасти адаб ангуштарини меросии давлатро бӯсиду нигарони амр шуд. Бо ишораи Камбучия курсии хурдтареро ба паҳлуи тахти ӯ ниҳоданд ва Бардия рухсати нишастан ёфт.

- Кишвари Бохтар аз ошӯбу нооромиҳо баросуд, Бардия? - хунсардона пурсид Камбучия.

- Бале, шоҳам! Муғони бадкешу гарданкашро, ки пешвои ошӯбу исёнҳо буданд, саркӯб намудем, - бо камоли адаб посух дод Бардия. - Танҳо баъзе муғони сарсахт сӯи кӯҳи баланду дастнораси Дамованд гурехтанд.

- Чаро созишро бо муғон пайгирӣ накардӣ? - ҳамоно бо тундӣ пурсучӯй мекард Камбучия.

- Онҳо тундравиву дурӯғбофии ниҳониро пеш гирифтанд, шоҳаншоҳ. Ба дастаи ошӯбгарон зару хоста, абзору хӯрок ва сарҳангони набардозмуда расонида, рӯи шикастани нерӯи лашкар ва ситонидани тоҷу тахти моро доштанд.

- Дурӯғ магӯ, Бардия! Тоҷу тахти мо бар чаҳор пояи дин устувор аст. Муғону мӯбадон ҳамеша пояҳои шоҳи пуштибонанду мардумро ба сарпешиву фурӯтанӣ вомедоранд.

- Баъзе муғони фитнабозу тирадил дар перояи дин тоҷу тахтро басо осон мефурӯшанд, олампаноҳ! - бо оҳанги эътироз рад кард андешаи бародарашро Бардия.

- Норасоиҳои кишвардориатро бар дӯши муғону мӯбадон маяфкан, Бардия! -аз ғустохии нобарҷо хашму ғазаби Камбучия афзуд.

-Шоҳаншоҳо! Муғону мӯбадоне, ки дар зери парчами дин шамшер мегиранду мардумро ба ошӯб мехонанд, аз лашкари душман хатарноктаранд!..

- Фаромӯш макун, ки дар пояи тахт ҳамеша бими ҷон

ки нуқрасипарони Доро се паҳлавони яккачин баромаданд ва дар дақиқаҳои аввал ду нуқрасипар аз зарби найзаи юнониён захмин шуда нимаҷон метапиданд. Нуқрасипари сеюм қадре муқобилият нишон дода, яке аз рақибонро аз пой афтонду оқибат аз шасти гурзи гарон ба замин афтод. Таҳамтани пирӯзи юнонӣ хурӯши омиронае кашиду бо зарби шамшер сари ҳарифи охиринро аз тан ҷудо кард. Камбуҷия аз ҷон бохтани беҳтарин сарбози нуқрасипараш ба хашм омаду нидо ангехт:

- Доро! Довталаби варзидаеро берун ор!

Фазои таковаргоҳро сукути гароне фаро гирифт. Таҳамтанони нуқрасипари Доро сӯи ҳамдигар менигаристанду касе мадори берун омадан намекард. Баногоҳ Бардия довталабона хесту хилъати гаронбаҳояшро аз дӯш афканда, азми майдондорӣ намуд. Атусо аз қасди бародараш огоҳ шуда, сӯи ӯ шитофт то азми набардхоҳиашро боздорад. Бардия бо силтави густохонае дасташро раҳониду бе афзори ҷангӣ аз баландии чодиргоҳ ҷоин ҷаст ва шамшеру сипари сарбози беҷонеро ба даст гирифт. Дақиқае нагузашта таҳамтани пешсафи юнонӣ, ки аз чобукона ҷастани Бардия ғофил монда буд, баробари аз дур афкандани шамшери кӯтоҳи дудама ба тахтапушт афтод. Аз бехи шамшери ба гулӯяш халида хун метаровиду ҷанговари даступо бохта, ба ҷонкании ҳамсафи фитодааш менигарист. Фурсати як мижазанӣ кифоя буд, ки Бардия сипари дасташро бебокона партофта, таҳамтани охиринро ҳам аз пой афтонад ва найзаеро аз замин рабуда, дарҳол ба синаи ӯ халонад.

Аз ҳамлаҳои барқвор ва пирӯзии ногаҳонии Бардия гиреве дар миёни тамошобинони чаҳор самти майдони набард бархест. Сипаҳсолорону сарҳангони нуқрасипар аз ғояти ҳаяҷон фарёди ғолибона кашида, сӯи Бардия тохтанду ӯро бо дуруду таҳният болои сар бардоштанд. Доро низ таҳсиномез каф мекӯфту нигоҳи хавотиромезашро аз рӯи Камбуҷия намеканд. Шоҳаншоҳ бо вақоҳати гирифта сӯи фавҷи сарбозони яккачин, ки Бардияи пирӯзро болои сипари фулузини чаҳоргӯша бардошта, дар майдони набард нидои шодиёна меангехтанд, бо кинаву ҳасади ноаён менигарист.

* * *

Толори бошукӯҳи зиёфат холӣ буд Камбуҷия даст ба пушт бурда, андешамандона қадам мезад. Пилки чашмонаш аз ғояти бехобии дишаба варамида, дар тарҳи андомаш осори азияту хас-

«Аз даме, ки Бардия расидааст, суханчинонаш овозаи бартарӣ ва шоистаи тоҷу тахт будани ӯро аз миёни аҳли бозору дарбор меоранд. Кӣ медонад, агар падараш марги бадфарҷом намедид, ин тахту тоҷ ба ӯ мерасид ё на?! Сипос худойро, ки ӯ бо ёрии рӯҳониён волотабору мӯбадон мӯбади чорасоз худро ҷойгузини тоҷу тахти падар хонда, сарриштаи шоҳаншоҳиро ба даст гирифт ва Бардияи мотамдорро дар ғафлат гузошт. Ва шояд душманиву бадбинии додараш ба муғону мӯбадон аз ҳамон лаҳза оғоз ёфтааст. Ӯ дидаву дониста ба пайгириву саркӯб намудани муғону мӯбадон даст мезанад, то ки норизоии рӯҳониёнро ба рӯи шоҳаншоҳ барангезад ва оташи ошӯбҳои ошкору ниҳонро дар қаламрави ӯ барафрӯзад. Не, ӯ гӯлу гаранг нест, ки ба доми устокоронаи Бардия биафтад! Хуб медонад, ки барои тахту тоҷ писар падарро мекушаду бародар бародари ҳамхунро сар мезанад...»

Садои кушодашавии бечурътонаи дари толори зиёфат ба гӯш расиду аввал посбонсолор Прексасп расми таъзимро ба ҷой оварда, сипас Бардияро имои даромадан кард. Бардия бо қомати баланду мавзун ва пайкари варзида аз бародараш як сару гардан боло буд. Ӯ бар тан яктаҳи дарози абрешимин, пероҳани гиребончоки зарҳалдӯзӣ, кулоҳи дарозрӯяи хоси бохтариён ва мӯзаи чарминии пошнабаланд дошт. Бардия бо ҷабини фароху мӯи мавҷдори бар дӯш хамида, чашмони зебои андешаманду абрувони ҷафси камоншаклаш шукӯҳу салобати хосаи шоҳаншоҳӣ дошт, ки ҳар бори дидорбинӣ ҳасади ниҳонии бародарашро меафзуд.

Камбуҷия бо симои чиддӣ ва лабханди даргузаре барои пазироии Бардия гоме чанд пеш омаду бо ҳавои даст посбонсолорро рухсати бозгаштан дод. Шоҳаншоҳ нигоҳашро аз чашмони лабрези меҳр ва ҳаракатҳои самимонаи Бардия гурезонда, дасташро барои бӯсидан ёиду суханони деринаи кӯҳишомезро аз замираш берун рехт.

- Беҳуда ҷонатро дар бим гузоштӣ, Бардия! Ниёзе ба набарду майдондории ту набуд.

- Поси номи Куруши Кабир ва тоҷу тахти бародари бузургам маро ба майдон кашид, - бо самимияту лабханди хиҷолатомез дасти Камбуҷияро бӯсид Бардия. - Нахостам, ки овозаи бохти таҳамтанони мо аз кишвар берун равад.

- Кирдори густохона ва сабӯксариат сазовори нажоди шоҳаншоҳон нест,' - бо кӯҳиши насиҳатомез панд дод Камбуҷия.

- Магар падари мо Куруш пешсафи набарди таҳамтанону

«Аз даме, ки Бардия расидааст, суханчинонаш овозаи бартарӣ ва шоистаи тоҷу тахт будани ӯро аз миёни аҳли бозору дарбор меоранд. Кӣ медонад, агар падараш марги бадфарҷом намедид, ин тахту тоҷ ба ӯ мерасид ё на?! Сипос худойро, ки ӯ бо ёрии рӯҳониёни волотабору мӯбадон мӯбади чорасоз худро ҷойгузини тоҷу тахти падар хонда, сарриштаи шоҳаншоҳиро ба даст гирифт ва Бардияи мотамдорро дар ғафлат гузошт. Ва шояд душманиву бадбинии додараш ба муғону мӯбадон аз ҳамон лаҳза оғоз ёфтааст. Ӯ дидаву дониста ба пайгириву саркӯб намудани муғону мӯбадон даст мезанад, то ки норизоии рӯҳониёнро ба рӯи шоҳаншоҳ барангезад ва оташи ошӯбҳои ошкору ниҳонро дар қаламрави ӯ барафрӯзад. Не, ӯ гӯлу гаранг нест, ки ба домии устокоронаи Бардия биафтад! Хуб медонад, ки барои тахту тоҷ писар падарро мекушаду бародар бародари ҳамхунро сар мезанад...»

Садои кушодашавии бечуръатонаи дари толори зиёфат ба гӯш расиду аввал посбонсолор Прексасп расми таъзимро ба ҷой оварда, сипас Бардияро имои даромадан кард. Бардия бо қомати баланду мавзун ва пайкари варзида аз бародараш як сару гардан боло буд. Ӯ бар тан яктаҳи дарози абрешимин, пероҳани гиребончоки зарҳалдӯзӣ, кулоҳи дарозрӯяи хоси бохтариён ва мӯзаи чармини пошнабаланд дошт. Бардия бо чабини фароху мӯи мавҷдори бар дӯш хамида, чашмони зебои андешаманду абрувони ҷафси камоншаклаш шукӯҳу салобати хосаи шоҳаншоҳӣ дошт, ки ҳар бори дидорбинӣ ҳасади ниҳонии бародарашро меафзуд.

Камбучия бо симои ҷиддӣ ва лабханди даргузаре барои пазироии Бардия гоме чанд пеш омаду бо ҳавои даст посбонсолорро рухсати бозгаштан дод. Шоҳаншоҳ нигоҳашро аз чашмони лабрези меҳр ва ҳаракатҳои самимонаи Бардия гурезонда, дасташро барои бӯсидан ёиду суханони дериная коҳишомезро аз замираш берун рехт.

- Беҳуда ҷонатро дар бим гузоштӣ, Бардия! Ниёзе ба набарду майдондории ту набуд.

- Поси номи Куруши Кабир ва тоҷу тахти бародари бузургам маро ба майдон кашид, - бо самимияту лабханди хиҷолатомез дасти Камбучияро бӯсид Бардия. - Нахостам, ки овозаи бохти таҳамтанони мо аз кишвар берун равад.

- Кирдори густохона ва сабукасариат сазовори нажоди шоҳаншоҳон нест, - бо коҳиши насиҳатомез панд дод Камбучия.

- Магар падари мо Куруш пешсафи набарди таҳамтанону

шароб рехт ва нигини ангуштаринашро бардошта, аз таҳти он ба қадаҳи бародараш хокаи заҳр афканд.

- Шигифто, Гавмард ва бародараш Спендадоти[1] муғ! - маҳви ҳайрат ғашт Бардия аз ин вохӯрии ногаҳонӣ.

- Каси монандатро шинохтӣ, Бардия? - ботинан ҳаловат бурда пурсид Камбучия.

- Хеле монанд аст, нобакор! Дарего, ки аз дастам раҳиданд, вагарна пӯсти ин ошӯбгарони палидро аз тан мекандам!

- Аз гӯшашро буридан дилат ороӣм наёфт, Бардия? - бо тамасхури ошкоро нешханд зад Камбучия.

- Ин палиди гӯшбурида бо дастаи ошӯбгаронаш азми ситондани Бохтар дошт, - шӯру ҳаячонашро фурӯ нишондан мехост Бардия. – Сипос Худойро, ки саркӯб шуданду рӯ ба фирор оварданд...

- Нофармонӣ аз паяш нофармонии бузургтаре падид меорад, Бардия! - бо тундӣ сарзаниш кард Камбучия. - Чаро дасти шоҳаншоҳро пушти по ҳада, ба сазо додану саркӯб намудани мугон даст бардоштӣ?!

- Аз бими ошкоро чашм пӯшидан раво нест, шоҳаншоҳ! - ба гиребони Гавмард чанг андохт Бардия. - Ин муғи аҳриманкеш дар миёни пайравонаш худро кишвардори Бохтар меномидааст...

- Монои ростини кишвардори Бохтар аст, - бо заҳрханди рамузгирона сӯи Прексасп амр дод Камбучия. - Зудтар бибар, Прексасп! Ин бор аз чанголи Бардия раҳидани Гавмарди муғ басо мушкил аст...

- Мори бадкинро мараҳон, шоҳаншоҳ! - бо хашму ситез ҳамоно гулӯи Гавмардро мефишурд. - Дар пояи тахтат печида рӯзе неш мезанад!..

- Шоҳаншоҳ манам, ё ту, Бардия? - барошуфт Камбучия. - Касе ҳад надорад, ки бе амри ман мугону мӯбадонро биёзорад!..

- Метарсам, ки омӯрзишу пуштибонии ин мугони бадкеш ҳангомаҳои зиёде ба бор меорад, - гуфт Бардия ночор чанголашро кушода.

Прексасп аз гуфтугузори бародарон нохушиеро пай бурда, бошитоб чодаркӯлоҳи мугонро ба сарашон кашид ва онҳоро аз

---

[1] Мувофиқи тафсири М.А.Дамдамаев номи Спендадата дар Авасто вомехӯрад, ки маънояш «донандаи қонуни муқаддас» буда, ба насабу мартабаи мугии бародарон далолат мекунад.

чодаркӯлоҳи пашминро аз сарашон рабуданд. Дар пешорӯи онҳо Камбучия бо виқору салобати шоҳӣ бар тахт нишаста бошад ҳам, дар андоми коҳидааш осори хастагии бардавом ва андаруни чашмони фурӯрафтааш ранҷи бехобӣ ҳувайдо буд. Дар гӯшаи толор дабири шоҳаншоҳ лавҳае дар даст бо камоли фурӯтанӣ дуқад шуда, нигарони дастури навбатӣ меистод.

Мугон бо шитобу гумонҳои ҳаросангез расми пазироиро ба ҷой оварданду чашм ба зер афканда нигарони гуфтори шоҳаншоҳ шуданд. Вале Камбучия шитоб надошт, дар такягоҳи тахт бо чашмони нимапӯш хаёле пинак рафта, муаммоеро дар мизони хаёл бармекашид. Сараш аз бори гарони андеша ба миёни китфон фурӯ нишаста, танҳо тоҷи зарандуд ва моломоли сангҳои гаронбаҳо шукӯҳу савлати шоҳаншоҳиашро меафзуд. Камбучия ниҳоят пилкҳои гарони чашмонашро бардошту теғи нигоҳашро сӯи дабир давонида кӯтоҳакак фармуд:

- Биҳон!

- «Камбучия шоҳи бузург, шоҳи шоҳон, шоҳи Порс ва кишварҳои паҳновар, бо хости Аҳурамаздо фармон медиҳад, - гулӯ афшонда ба хондан шурӯъ намуд дабир. - Муғи дурӯғванд Гавмард барои нофармониву бадгумонӣ ба дудаи поки Куруш ва писари ӯ Бардия кушта шавад. Бародари дурӯғванди ӯ Спендадот якумрӣ ба зиндони дижи Сикаяувати афканда шавад. Шоҳи шоҳон Камбучияи писари Куруш бо пиндору кирдори нек душманони дудмони Ҳахоманиширо бо ҳидояти Аҳурамаздо гирифтори сазои дуруст хоҳад кард».

Гавмард аз шунидани ин амр таконе хӯрду ранги рӯяш сарпо коҳид ва ларзаи ногаҳоние ба ниҳодаш роҳ ёфт. Спендадот якбора карахт шуд ва дигар мадори сӯи Камбучия нигаристан наёфт. Асари андӯҳу навмедӣ дар симои муғони ошуфтаҳол падид омад ва онҳо аз зиндагӣ беихтиёр дилу даст бардоштанд.

Шоҳаншоҳ аз пинаки кӯтоҳу хобу хаёли даргузар гӯё раҳида, бо салобату солорӣ аз тахт бархест. Дар тахти нигоҳи рамуздораш нуре шукуфида, аз фузудани нерӯи ниҳод ва алангаи оташи дарунсӯзаш башорат медод. Ӯ сӯи дабир гоме чанд ниҳоду мисли он ки бори гарони китфашро фиканда бошад, омирона фармуд.

- Бигузор посбонсолору пешкарони дарбор Спендадотро ба зиндон баранд! Сари Гавмардро худи Бардия аз тан ҷудо хоҳад кард!

чанд сӯи рӯйпӯш ниҳода, ба Гавмард нигоҳи омиронаву рамузгиронае афканд. Ӯ чун афсунгаре дар болои рӯйпӯш кафи дастонашро ба само бардошту бо оҳанги таҳдидомези начандон баланд рози нуҳуфтаеро кушод.

- Бо ёрии Яздони пок Бардияи писари Куруш кишвардори се вилояти паҳновари қаламрави Ҳахоманишиён - Бохтар, Суғд ва Хоразм гардид. Бо раҳнамоии Аҳурамаздо равони поки ӯро имшаб фариштаҳои қудсӣ ба осмон бурданд ва колбадаш баросуд. Бо ҳидояти Аҳурамаздо ва хости шоҳаншоҳ рӯҳи Гавмарди муғ ба колбади Бардия ворид хоҳад гашт. Вале колбади Гавмарди палид бо дасти Бардияи писари Куруш кушта шуд ва тани бечонаш барафканда гардид. Бо дастури шоҳаншоҳ колбади Гавмарди бадкирдор хӯриши сагони бадхашм шавад ва рӯҳаш бар тани Бардия биосояд...

Шоҳаншоҳи ҳаяҷонзада бо ҳаракати тунде ҷойпӯшро кашид ва Гавмард баробари дидани колбади бечони Бардия аз ғояти даҳшат таконе хӯрду асари мастӣ аз сараш парид. Ранҷу азияти мудҳиши бохтани хун дар тарҳи андоми карахту озордидаи Бардия нақш баста, дар кунҷи лабонаш лахтаҳои хун чун нишони талвосаи вопасини марг метофт. Камбучия авзои парешон ва ошуфтаҳолии Гавмардро дарк карда бо оҳанги омирона хитоб намуд:

- Колбадатро шинохтӣ, Гавмард?! Дарёфтӣ, ки миёни зиндагӣ ва марг роҳи дарозе нест ва рӯҳ танро басо осон тарк мекунад? Бо дархости Аҳурамаздо рӯҳи Бардия бо колбади ту гузашт. Акнун пероҳани муғиатро бикашу либоси шоҳонаи Бардияро бипӯш!

Гавмард таконе хӯрду ба суханони шунидааш чандон бовар накард. Ниҳодаш ларзид ва хирадаш аз дарки ин кирдори ваҳшиёна нотавон монд. Ӯ пӯшидани либоси шоҳонаро ҳатто ба гӯшаи хаёлаш роҳ намедод. Вале колбади Бардияи ростин, ки бо сару либоси дишабааш дар канори хона хобида буд, мебоист ин лаҳза ба тани бечони Гавмард бадал мегашту рӯҳи Бардияи дурӯғин бо сару либоси шоҳонааш насиби ӯ мешуд[1].

Рӯшании субҳи фиребо аз тиреза метаровиду рӯзи тираву аб-

[1] Ҳасани Пирниё дар «Таърихи Эрони бостон» фарзияи таърихнигори юнонӣ Ктесийро ба воқеият наздик дониста, менигорад, ки Камбучия бо нӯшонидани шароби захрандуда Бардияро кушта, либосҳои ӯро ба муғ мепӯшонад ва дар маросими пазирой ба паҳлуяш ҷой медиҳад, то аҳли дарбор ба зинда будани бародараш шубҳа наварзанд.

чанд сӯи рӯйпӯш ниҳода, ба Гавмард нигоҳи омиронаву рамузгиронае афканд. Ӯ чун афсунгаре дар болои рӯйпӯш кафи дастонашро ба само бардошту бо оҳанги таҳдидомези начандон баланд рози нуҳуфтаеро кушод.

- Бо ёрии Яздони пок Бардияи писари Куруш кишвардори се вилояти паҳновари ҷаламрави Ҳахоманишиён - Бохтар, Суғд ва Хоразм гардид. Бо раҳнамоии Аҳурамаздо равони поки ӯро имшаб фариштаҳои қудсӣ ба осмон бурданд ва колбадаш бӯросуд. Бо ҳидояти Аҳурамаздо ва хости шоҳаншоҳ рӯҳи Гавмарди муғ ба колбади Бардия ворид хоҳад гашт. Вале колбади Гавмарди палид бо дасти Бардияи писари Куруш кушта шуд ва тани бечонаш барафканда гардид. Бо дастури шоҳаншоҳ колбади Гавмарди бадкирдор хӯриши сагони бадхашм шавад ва рӯҳаш бар тани Бардия биосояд...

Шоҳаншоҳи ҳаяҷонзада бо ҳаракати тунде ҷойпӯшро кашид ва Гавмард баробари дидани колбади бечони Бардия аз ғояти даҳшат таконе хӯрду асари мастӣ аз сараш парид. Ранҷу азияти мудҳиши бохтани хун дар тарҳи андоми карахту озордидаи Бардия накш баста, дар кунҷи лабонаш лахтаҳои хун чун нишони талвосаи вопасини марг метофт. Камбучия авзои парешон ва ошуфтаҳолии Гавмардро дарк карда бо оҳанги омирона хитоб намуд:

- Колбадатро шинохтӣ, Гавмард?! Дарёфтӣ, ки миёни зиндагӣ ва марг роҳи дарозе нест ва рӯҳ танро басо осон тарк мекунад? Бо дархости Аҳурамаздо рӯҳи Бардия бо колбади ту гузашт. Акнун пероҳани муғиатро бикашу либоси шоҳонаи Бардияро бипӯш!

Гавмард таконе хӯрду ба суханони шунидааш чандон бовар накард. Ниҳодаш ларзид ва хирадаш аз дарки ин кирдори вахшиёна нотавон монд. Ӯ пӯшидани либоси шоҳонаро ҳатто ба гӯшаи хаёлаш роҳ намедод. Вале колбади Бардияи ростин, ки бо сару либоси дишабааш дар канори хона хобида буд, мебоист ин лаҳза ба тани бечони Гавмард бадал мегашту рӯҳи Бардияи дурӯғин бо сару либоси шоҳонааш насиби ӯ мешуд[1].

Рӯшании субҳи фиребо аз тиреза метаровиду рӯзи тираву аб-

[1] Ҳасани Пирниё дар «Таърихи Эрони бостон» фарзияи таърихнигори юнонӣ Ктесийро ба воқеият наздик дониста, менигорад, ки Камбучия бо нӯшонидани шароби захрандуда Бардияро кушта, либосҳои ӯро ба муғ мепӯшонад ва дар маросими пазирой ба паҳлуяш ҷой медиҳад, то аҳли дарбор ба зинда будани бародараш шубҳа наварзанд.

тиёр ҳаросид. Ӯ аз асари ҳамнишиниҳо бо Камбучия дарёфта буд, ки ниҳодаш моломоли шубҳаву нобоварист ва бо ангезиши тинати тирааш пиндору андешаи касро аз нигоҳаш мехонад. Овози каме гирифта, вале чун дами тег корагари щоҳаншоҳ дар фазои толор ёзида, ба гӯши Доро расиду ларзае ба замири ӯ афканд.

- Парешон менамой, Доро? Магар нохушие рӯй дода?

- Тахту бахти шоҳаншоҳи волонажод поянда ва рӯзгори бародараш дароз бод! Дирӯз аз шаҳрҳои Тиру Сидон фиристодаҳо расиданд, ки азми лашкаркашии шоҳаншоҳро ба Миср пуштибонӣ мекунанд ва сад киштии ҷангии худро барои набардҳои бахрӣ подош медиҳанд.

- Кирдорашон шоистаи офарин аст, - аз ин паём рӯҳбаланд шуд Камбучия. - Бигузор Отани ҷаҳондида ҳамроҳи дастаи сипаҳбадону дарёнавардони мо ба гирду пеши Финикия ва Тиру Сидон рафта, ҳамаи сафинаҳои ҷангӣ ва киштиҳои боркашро омодаи набард созанд. Виштоспи корозмуда аз шаҳри Шуш гардунаҳои ҷангӣ, лашкари савора ва фавҷҳои пиёдаро сӯи Бобул роҳ намояд. Гобрия бо дастаҳои пешоҳанг сӯи Бобул шитофта, омодаи пазироии лашкари савораву пиёда бигардад. Доро бошад ҳамроҳи дастаҳои даҳҳазораи нуқрасипар ва ҳамаи лашкар ҳафтаи пешомад ба сӯи Бобул раҳсипор гардад.

- Сипосгузорам, шоҳаншоҳ, - бо фурӯтанӣ сар фуруд оварда Виштосп. - Сарпарастии кишвари Портро ба кӣ вогузорам?

- Порту Хоразмро ҷанде Бардия нигоҳ ва сарпарастӣ мекунанд, - андешамандона фармуд Камбучия. - Дишаб паём расид, ки сакоиҳои тиграхӯду сакоиҳои параи дарё ба марзҳои домани дарёбоди Хазар[1] ва Хоразм шабохун задаанд. Бигузор Бардия чанд гоҳе дар шаҳри Нисоя[2] монда, лашкари тоза гирд оварад ва пеши роҳи тохтутозу марзшиканиии саҳрогардонро бигирад. Даҳ ҳазор лашкари савораву пиёдаи Бардия бошад, ҳамроҳи Гобрия раҳсипори Бобул мегарданд.

Бардия бо итоату фурӯтанӣ оҳанги ба зону задан ва заминбӯсӣ дошт, ки Камбучия дарҳол бо ҳавои даст «бародарашро» аз ин кирдори нораво боздошт. Бардияи корнаозмуда, вале зирак ҳа-

---

[1] Канорахои ҷанубии баҳри Каспий ва Арал ҳудудҳои поёноби рӯдҳои Омӯ ва Сир дар назар аст.

[2] *Нисоя*, яке аз пойтахтҳои қадимаи давлати Ашкониёни Порт, ки харобаҳои он дар канорахои шаҳри Ашхобод (шакли дурусташ Ашкобод, аз номи бунёдгузори сулолаи Ашкониён - Ашки аввал падид омада) воқест.

ҳангомачӯёни дарборро басо густохона мефиребад. Дасисаҳои дарбор ва ҳангомаҳои атрофи тоҷу тахт ӯро дар як шаб он қадар ба даҳшат афканда саргичу гаранг сохт, ки тамоми умр ин гуна найрангбозиҳои пасту номардонаро дучор наомада буд.

Камбуҷия каме ором гирифта, теғи нигоҳашро ба ҳозирон рост кард. Хашму ситезаи ногаҳонӣ ва чашмони саршори кинаву адоваташ ҷумлаи надимону ашрофони волотаборро дар ин лаҳзаҳои фочиабори дуруди бомдодӣ ба вораҳидан зору гирифтор карда буд.

Танҳо Бардияи дурӯғин аз ин ҳангомаи фиребо ҳайрону мадҳуштар гашта, эҳсос менамуд, ки рӯзгори порсоёнаи мӯғиаш поён ёфтаву дар ин бомдоди тираву беофтоб зиндагии нави ноошное барояш оғоз шудааст. Зиндагии дугонаи сахту сангин, рӯзгори фиребои пур аз шубҳаву гумон, сарнавишти олудаи риёву дурӯғзанӣ, умри огандаи роздориву ҳарос, ки хатӣи ночизе метавонад аз думболаш паёми маргро орад.

3. ҲАМСАРИ НОКОМ

«...Ӯ (Рухшонак. - Б.А.) шоҳаншоҳро дар сафари Миср ҳамроҳӣ мекард ва Камбуҷия бо хоҳараш хуфтухез менамуд, гарчанде бо ӯ аз як падару як модар буд. Ва ӯро ба ҳамсарӣ тариқи зайл гирифта буд. Пештар порсҳо одати ба ҳамсарӣ гирифтану ба ҷиҳоҳ даровардани хоҳарашонро надоштанд. Камбуҷия дар оташи иштиёқи расидан ба коми яке аз хоҳаронаш (Атусо. – Б.А.) месӯхт ва азм намуд, ки ӯро бидуни расму одат ба занӣ гирад. Аз ҳамин хотир ӯ доварону додгустарони подшоҳиро ба ҳузураш даъват кард ва пурсид, ки оё қонуне вуҷуд надорад, ки вобаста ба майлу хоҳиш хонадоршавиро бо хоҳари ҳамхун раво шуморад. Доварони подшоҳӣ - порсҳои бонуфуз аслан ба ин мансаб якумрӣ интихоб мешаванд ва ё то лаҳзаи содир намудани қонуншиканӣ дар он мемонанд. Онҳо мушкилоти миёни порсҳоро тадбир менамоянд, қонунҳоро шарҳу эзоҳ медиҳанд, риояи одати пиёгон ва дигар қазияҳои мураккабро ҳаллу фасл мекунанд. Ҳамин тавр, доварон ҳам нуктаҳои қонун ва ҳам таъмини амнияти худро ба исбот гирифта, ба суоли Камбуҷия посух доданд: ин гуна қонуне, ки ба занӣ гирифтани хоҳари ҳамхунро иҷозат диҳад, вуҷуд надорад, аммо дар айни ҳол қонуни дигаре ҳаст, ки ба шоҳаншоҳ имтиёзи пеш гирифтани ҳама гуна кори дилхоҳашро раво мешуморад.

- Барои наомаданаш магар ман гунаҳкорам,? - хашми Камбуҷия боло гирифт. - Бозхонии[1] маро бо баҳона чандин бор напазируфтанаш басанда набуд, ки ту гилагузорӣ мекунӣ?!

- Фарзанди падар, Бардия ҷавонӣ карда, бошад, лағзишашро биёмурз! - аз тундгуфтории бародараш нармтар шуд Атусо. - Аз шиками модару пушти падар бароят наздиктарин қас аст...

- Метарсам, ки аз ин омурзишу нармдилиҳо густохтар шуда, чашм ба тоҷу тахт накунад! - киноя зад густохона Камбуҷия.

- Аз ин бадкирдорӣ Яздони пок нигаҳбон, шоҳаншоҳ! - табассуми узрхоҳонае дар лабони Атусо дамид. - Хоҳари дилсӯзу густохатро бубахшой, ки барои фарзандони падар осоиши ду гетиро мехоҳад.

- Ҷонам фидои хоҳари нозанину беҳамто! - бо лутфу навозиш пеш омад Камбуҷия. - Ҳама тахту бахтамро барояш нисор мекунам!..

Камбуҷия бо камоли мафдунӣ даст ба гардани Атусо ёзонида, ӯро беихтиёр сӯяш кашид ва ҳарисона аз лабонаш бӯсид. Атусо аз эҳсоси ногувор ва шаҳвонии шоҳаншоҳ ҳаросида, худро бо силтаве аз оғӯши ӯ раҳонид. Доро бо гӯшаи чашм сӯи ҳаракатҳои густохона ва аз одоб беруни Камбуҷия бо ҳайрати ошкоро менигариста дар ҳолати ногувор монда, намедонист, ки аз толори пазирой бе рухсати шоҳаншоҳ биравад ё бимонад. Ва рафтори носавоби Камбуҷияро аз асари сархушии шароб бипиндорад ё хулқу хӯи зишту тинати торикаш.

Атусо нигоҳи гилаомез ва ситезаандудае сӯи Доро афканду бо шитоб аз толор берун рафт. Камбуҷия қадаҳи лабрези шароб бар даст аз думболи ӯ калавида қадаме чанд ниҳоду махмурона фарёд зад.

- Азизам, Атусо! Кучо рафтӣ?.. Сарам фидоят, бозгард!..

Атусо гӯё даъвати исроркорона ва ҳаяҷономези шоҳаншоҳро нашунида бошад, аз толори якқади қаторсутундор дур шуд. Нурҳои офтоби саҳар аз қабати пироҳани абрешиминаш гузашта, миёни борик, суринҳои таранг ва синаҳои дамидаашро ба назар дилработар нишон медод. Доро аз густохии Атусо, ки сухани шоҳаншоҳро пушти по

---

[1] Муаррихони юнонӣ Ҳеродот ва Ктесий зикр мекунанд, ки Бардия ду дафъа даъвати Камбуҷияро бо узрхоҳӣ қафо афканда, бори сеюм ба ҳузураш омадааст.

говсар бар даст рост истода, бо чашмони тираи обраваш сӯи додгустари бузург ва мӯбадони сафбаста нигариста бо овози пасту канда-канда ба ситоиши насаби пок ва дудаву дудмони хонадони Куруши Кабир шурӯъ намуд. Ӯ баъди сӯҳбати хосаи як ба як бо Камбуҷия асои бузургашро ба замин кӯфтаву пойҳои бемадорашро кашола карда, аз миёни анбӯҳи мӯбадон гузашту дар пешгохи зинаҳои тахт калавида ҳудро бо азобе аз афтодан нигоҳ дошт.

Доро аз мӯи сафеди парешон, чеҳраи лоғару камхун ва қадре нуронӣ, чинҳои афзуни ҷабину пӯсти халтазадаи ҳошияи гардан ва қомати заифу ҳамидаи бузургмӯбад пай мебурд, ки бо вуҷуди ҳудро орому бардам вонамудан ғуруби офтоби умри ӯ кайҳо фаро расидааст. Ин пиромарди нотавони нуронӣ, ки ҳанӯз аз замони шоҳаншоҳии Куруш пешвои рӯҳониёни кишвар буд, имрӯз дар такяи асояш чун пештара ҳудро босалобату қавирӯҳ вонамояд ҳам, ҳолати ногувори ӯро овози ларзону ҳаяҷонадудааш ошкор мекард.

- Сипос ба даргоҳи Яздони пок, ки ба дудаву дудмони Ҳахоманишиён ва ному нажоди Куруши Кабир бузургиву арҷмандӣ бахшида, зебу фари шоҳаншоҳиро ба Камбуҷияи покгавҳар раво дидааст. Шоҳаншоҳи наҷибзода ва покнажод аз бузургмӯбад пурсиданд, ки оё набишгаҳои пешин ва мӯбадони гузашта ба ҳамсарӣ пазируфтани хоҳари ҳамхунро раво медонад ё на? Шоҳаншоҳи покзоду писандидарой барои аз нопокиву газанд пос доштани нажод ва ҷойнишини ояндаи хеш азм намудааст, ки хоҳараш Атусоро ба ҳамсарӣ бипазирад...

Доро аз шунидани ин ҳарфҳо таконе хӯрда, чашмонаш аз гояти тааҷҷуб берун ҷастанд. Ӯ ҳукми маргро чашмдор буду ин дархости ногаҳонии шоҳаншоҳро ба гӯшаи хаёлаш роҳ намедод. Акнун пай бурд, ки чаро он рӯз Камбуҷия омадани Аршоми соле пеш аз бузургдоварӣ барканоршударо напазируфт. Мӯйсафед ростқавлу тундгуфтор буд ва Атусои бебоку нозанинро чун духтараш дӯст медошт. Дар дилаш орзуе нуҳуфта буд, ки дар соати муносиб ин дӯшизаи зебову бозаковатро барои набераш Доро хостгорӣ намояд. Вале аз қазои тақдир Куруш аз ҷаҳон бармаҳал рафту ин ормони нек ногуфта монд. Дарего, ки Камбуҷия имрӯз муғону мӯбадони волонасабро гирд оварда, аз онҳо доварӣ ва рухсати бо хоҳараш хонадор шудан мепурсад.

Додгустари бузург ва мӯбадон сӯи ҳамдигар маънидорона ме-

интизори гуфтор ва азми ниҳоии шоҳаншоҳ шуданд. Доро аз фурӯтаниву бечоранамоии бузургмӯбад ва додгустари бузург дарёфт, ки онҳо шоҳаншоҳро гӯл зада, бори ҳама гуноҳу кирдори носавобро бар дӯши ӯ вогузоштанд. Онҳо барои фатво додан аз рӯи китобҳои динӣ ҷуръат накарда, бо ситоишу ширинзабонӣ ҳам мартабаву маснади пешинаашонро нигоҳ доштанду ҳам шоҳаншоҳро водор намуданд, ки хоҳарашро аз рӯи раводиди хеш ба ҳамсарӣ бипазирад.

Доро бо зиракиву рамузфаҳмии модарзод пай бурд, ки мӯбадони волонасаб ва додгустари бузург шоҳаншоҳро ба роҳи хато ҳидоят намуданд. Аммо ӯ дар ин лаҳзаи ҳассосу хатарнок салоҳияти густохона ҳамроҳ шуданро ба доварии ачибу маккорона надошт ва барои пешгирии ин кирдори нораво низ садди роҳ шуда наметавонист.

* * *

Гардунаи дуаспаи болопӯш дар истони дарвозаи дижи Аршом бозистод ва Атусо чобукона аз гардуна фуруд омада, сӯи зинаайвони сутундори мармарин шитофт. Аз болохонаи барҳаво, ки бошаи сутунҳояш шабеҳи сари шеру барзаговҳои таҳамтан буд, Аршоми солхӯрда ба пешвози шоҳдухтар омада, аз ҷабинаш падарвор бӯсид.

- Ҷонам фидоят, нури дидагонам! Хуш омадӣ!

- Додхоҳӣ омадам, падар! - бо оҳанги имдодҷӯёна арз кард Атусо. -Касе ба додам нарасид.

- Замони додгустариву доварии мани мӯйсафед гузашт... Вале ба пуштибонии шоҳдухтари меҳрубонам омодаам.

- Наход дар қаламрави паҳновари Камбуҷия дӯшизаи дигаре ёфт намешавад, ки ӯ рӯи бо хоҳараш хонадор шудан кардааст?! - шӯрид Атусо бо дарду парешонӣ.

- Бо хоҳараш? Кадом хоҳараш?!- ҳайрон шуд Аршом.

- Бо Атусои тирабахт! - гуфт Атусо дуҷанд барошуфта ва оби чашм рехта.

- Офаридгоро, биёмурз бандагонатро! - рӯй ба осмон оварда Аршом. - Аз кӯтоҳандешии мо Камбуҷияи бадхӯйу камхирад ба тахт нишасту Бардияи ялу ҷавонмардро аз дарбор дур афкандем. Чаро аз Дорои набераам паёме нест?

- Доро аз бехудиву бебокии Камбуҷия метарсад, - навмедона даст афшонд Атусо. - Хомӯшу бетараф истоданро ихтиёр кардааст.

Чеҳраи Камбучия аз ин гуфтори ҷоншикоф дигаргун гашта, бо нешханди таҳдор густохии пирамардро фурӯ бурду ниҳодаш беихтиёр ларзид. Касе аз миёни аҳли дарбор ва тоифаи ашрофони бонуфуз ҷасорати ӯро ин гуна панд додану сарзаниш кардан надошт. Камбучия шояд сари сафеду ҳамтабории деринаи Аршомро бо Куруш андеша карду посухи нармтаре гуфт.

- Худат доварӣ бикун, мӯйсафед! Бист кишвар дар зери фармони ман аст. Магар ин қаламрави паҳновари ниёгонро ба хуни бегонагиву насаби бегона бовар карда мешавад?

- Мулкро шамшер пуштибонӣ мекунад, на насаби худию бегона, - бо нармӣ панд медод Аршом. - Атусо аз ниёзи ҳамбистарӣ даст кашидани шоҳаншоҳро мепурсад...

- Хирадат костааст, пирамард! - барошуфт Камбучия аз якравии мӯйсафед. - Яздони пок шоҳаншоҳро кадхудои хеш дар рӯи замин гумошта, бар шаҳрагаш хуни покиза ва беолоиш бахшидааст. Фарзанди ҳамсари бегона ба хуни поки насаби мо хуни дудмони дигарро меомезад, мефаҳмӣ ё на?

- Худписандӣ бароят намезебад, Камбучия! - озурдахотирона тундгӯии шоҳаншоҳро фурӯ бурд Аршом. - Фаромӯш макун, ки падарат Куруш бо нони чӯпонӣ калон шуда, боре аз хуни поку волонажодиаш ёд накардааст.

Ларзае ба пайкари Камбучия афтод, чашмонаш якбора хун гирифт ва рагҳои гарданаш барҷаставу таранг шуданд. Ёдоварии мӯйсафед аз пешаи чӯпонии Куруш барояш сахт расид. Пиндошт, ки ин киноя ростини зоҳиран беозор ному насабашро яксони хок намуда, чун тири ҷонкоҳе ба дилаш халид.

- Каждуми пир! - аз ғояти хашм мепечид Камбучия. - Ба некиҳои Куруши Бузург носипосӣ мекунӣ?! Бирав, рӯи нофораматро дигар набинам!

- Аз кирдори норавоят пушаймон мешавӣ, Камбучия! - бо таассуфу надомат бархест Аршом. - Хоҳарат Атусо ба ҳамбистарӣ гардан намениҳад...

- Пири палид! - дучанд хашмин шуда хурӯшид Камбучия. - Бо ранҷу шиканҷа ҷон бохтан мехоҳӣ?

- Ман андарзи шоистаи шоҳаншоҳро гуфтам, - оромона ба тахти чашмони шоҳаншоҳ нигарист Аршом. - Онро мепазирӣ ё на, ту донӣ, Камбучия.

- Гум шав, бо андарзҳои пучат! - фарёд кашид Камбучия истиробомез. - Ин пири костахирадро зуд берун кунед! Ному нишонаш дигар дар дарбор пайдо нашавад!

Фанес аз думбол сӯи ҳавзи чаҳоркунҷаи дарозрӯя боло шуданд. Акси дарахтони сарсабз ва сутунҳои баланди пешайвони боғ ба оби софи ҳавз фитода, бо чандин ранг ҷилва мекарданд. Нафаси ғармои тобистон аз асари насими форами атрофи ҳавз ва сояи дарахтони анбӯҳ шикаста, ба тани хаставу арақшори ояндагон ҳаловат мебахшид.

Камбуҷия аз дур ба пайкари варзида, гардани серрагу пай ва китфу бозувони дамидаи сарлашкари юнонӣ мафтунона чашм дӯхта, омодаи гуфтугузор мегардид. Аз рӯи паёми бозаргонон Фанес дар миёни ҷанговарони кироя нуфузи афзуне дошта, қариб ҳамаи асрори лашкардории Амасисро медонист, вагарна фиръавн барои доштани ӯ дар сафинаи тезгарди ҷангӣ нафарони бовариноқашро намефиристод. Думболагирони шоҳзада Фанесро дар бандари киштиҳои Ликия ғофилгир намуда, дасту пояшро бастанду ҳамроҳаш посбонҳо гузошта соате ба гардиши шаҳр рафтанд. Фанес дар ин фурсати муносиб кӯзаи шароберо харида, бо найрангу ширинзабонӣ посбононро сархуш намуду ноаён аз банд раҳида, сӯи биёбони араб фирор кард[1].

Ҳарчанд шоҳаншоҳ аз Доро ҳикояти убури биёбонро шунида буд, ба саропои ҷанговари таҳамтани юнонӣ озмоишкорона нигариста пурсид.

- Биёбони арабро танҳо паймудӣ?

- Бале, шоҳаншоҳам. - сари таъзим фуруд овард Фанес.

- Роҳро медонистӣ? - рамуз мебардошт аз ҳолати таҳамтан Камбуҷия.

- На, шабона аз рӯи ситораҳо самти шарқро пайдо карда пеш мерафтам.

- Гармои биёбону ташнагӣ туро аз пой наафтонд? - бозҷӯй мекард ҳамоно шоҳаншоҳ.

- Нимарӯзи сеюм марг домангирам шуд, - ҳангомаҳои фиророшро ёдоварӣ намуд Фанес. - Дастаи бадавиёни роҳгузар аз кӯчое расида маро ба назди пешвояшон бурданд. Мӯйсафед чун донист, ки аз дасти Амасис гурехтаам, дӯстдориву навозишам кард.

---

[1] Аз мочароии Фанеси галикарнасӣ бо Амасис ва ҳангоми фирор роҳи биёбони беоби арабро паймудану сипас лашкари Камбуҷияро аз ин биёбон сӯи Миср раҳнамоӣ кардани ӯро Ҳеродот ёдовар шудааст. (Ҳеродот, Таърих. Китоби III, бандҳои 4,5,7,11)

мешуд, ки ба он танҳо саркоҳин ва шоҳу шоҳбонуи кишвар рухсати озодона даромадан доштанд. Ашрофону нақибзодагон назру подошҳои хешро дар остони дайр нисор мекарданду бо ниёишу дуруд бозмегаштанд.

Доро пас аз бехобии дишаба, сапедадам ба остони дайри зарҳалкорӣ омада, камарбанди тилоии нигинакориашро ба Мардуки волотабор ато карду аз офату газандҳои ногаҳонӣ раҳонидани Атусоро дархост намуд. Ӯ медонист, ки Атусо ва хоҳараш Рухшона дар корвони пайвандону аҳли ҳарами шоҳаншоҳ ба Бобул расидаанд, вале аз бошишгоҳу манзили зисташон огоҳӣ надошт. Дилаш гувоҳӣ медод, ки хоҳарони шоҳаншоҳ дар боғи соярезу роҳатафзои Бобул андаруни кохи хилват ва аз чашм дуре нуҳуфтаанд.

Офтоб оҳанги ғуруб намуда, шом фаро мерасид. Ҳолаи нураш коҳида ва сурҳчатоби хуршед аз паси шохаҳои анбӯҳ сипари хунполоеро мемонд, ки аз чанголҳои сабзи шоҳтут шираву шарбаташро фишурда ба меваҳои расидаи ёқутрангаш ато кардааст.

Ачабо, аз паси шохаҳои анбӯҳи шоҳтут рӯи заҳиру коҳида ва сари урёне пеш омад, ки андоми берӯҳу зангорбастаи мӯмиёиро мемонд. Доро аз чашмони дамидаи бемижгонаш Багапати хочасаройро шинохту дилаш беихтиёр тах кашид. Рӯи номуборак ва нигоҳи афсуномезу рамуздори хочасарой, ки фурсати танҳо мондани шоҳаншоҳро мепоид, аз чӣ бошад шубҳаеро дар ниҳоди ӯ барангехт.

Камбучия аз паҳлӯи Доро андешамандона сӯи шоҳтути донаҳояш расида гом мениҳоду дар ин соати хилвати дами бегоҳ ҳарчӣ зудтар ба Миср фиристодани гумоштаҳои корозмударо дар либоси бозаргонон таъкид мекард. Доро ин суханонро борҳо шунида буд ва медонист, ки дастаи ҷосусону гумоштаҳои пинҳонкор бо овозаҳои бардурӯғу воҳимаҳои ҳаросангез метавонанд лашкари довталаби душманро то расидани артиши бузурги шоҳаншоҳ пешакӣ рӯҳафтодаву забун созанд.

Шоҳаншоҳ панд медоду Доро худро шефтаи суханони ӯ вонамуда, аз интизории ниҳонии хочасарой гумон мебардошт, ки рози маҳрамонае дорад. Рози нуҳуфтае, ки дирангу дермониро намепазирад ва дастури фаврии шоҳаншоҳро дармехоҳад.

Офтоби коҳидаву пажмарида, аз чанголи пурпечухами шохаҳои шоҳтут ‘раҳида, лаҳзае дар гӯшаи бурҷи манораи

рангаш коҳида, нигоҳи ҳузнолуду ҳаяҷонандуда, пилкҳои пардозёфтаи каме варамида ва лабҳои гулгуни фишурдааш аз истироби ботинӣ ва ҳоли парешони ӯ гувоҳӣ медоданд. Мӯи оростаи мавҷдораш, ки аз болои пероҳани тунуки абрешимин ёзида, рӯи синаҳои таранги нимурёнашро то миёни борику суринҳои дамидааш ҷо-ҷо мепӯшонд, рағбати комситониро дар ниҳоди Камбуҷия меангехт.

Бо ишораи Багапат кадбону пардаи тунуки тахти хоб ва машшота гирехбанди пероҳани хобравии Атусоро кушоданд. Пероҳани тунук якбора лағжида ба пеши пойи шоҳбону фитод ва ӯ фурсати боздоштани пероҳанро наёфт. Сурхие ба андоми Атусо давид ва бозувонашро рӯи синаҳои урён ниҳода, бо кафи даст беихтиёр рӯяшро пӯшонид. Пайкари мавзунаш бо ҳама шукӯҳу зебоӣ ва камолоти дилрабо дар зери партави шамъҳои хушбӯйу нурафшони чаҳор гӯшаи ҳарами хоса падидор гардид.

Тани Дороро ларзаи сабуке фаро гирифт. Бадани нимурёни Атусо дар партави фиребои шамъ олиҳаи оғушта ба нури ширмаҳтобро мемонд, ки узви маҳрамонааш зери таҳпӯши кӯтоҳе ниҳон буд. Доро то ин лаҳза пайкари поку мавзун ва отифаосои дӯшизаеро бо ин камолоти зебоӣ надида буд ва акнун дар болои бом аз парҳезкориву канораҷӯияш дареғ мехӯрд.

Чашмони моломоли рашку ҳасади Багапат нур гирифт ва хун дар рағҳояш ба талотум даромад. Нигоҳи фурӯтанона, ҳасратолуд ва лабрези навмедиаш саропои тани урёни Атусоро мепалмосид ва ӯ чун махлуқи гурусна ва ночормондае дастури шоҳаншоҳро мепоид. Камбуҷия чашм аз пайкари нимурёни отифаи оғушта ба партави шамъҳои афсунгар наканда, аз қадаҳи дасташ шароби ноб меошомиду аз гояти шодкомӣ ботинан меболид. Атусо аз асари ҳаяҷону хиҷолат раҳида, бошитоб пероҳани пеши пояшро рабуду хавотиромез ду-се гом ба пас ниҳода, онро дарҳол пӯшид. Кадбону ва машшота аз шефтагӣ ва гирифтории Багапат рамузи писхандомезе бардошта, ҳарами шоҳаншоҳро тарк карданд. Шоҳаншоҳ аввал тоҷи гавҳарнишон, сипас қабои зарбофташро кашида, ба хоҷасарой доду бо лабханди рамуздору довталабонае сӯи Атусо омад.

- Машитоб, шоҳаншоҳ! - Азми комситонии Камбуҷия ӯро ба андешидани тадбири раҳоӣ водор менамуд. - Ҳамхобагӣ бо хоҳари гирифтор гуноҳест бузург!

- Мӯбадону додгӯтарон ба ҳамсариву ҳамхобагии моро пи-

Баногоҳ дар бошаст кушода гашту Прексасп пешопеш ва ду посбон аз думбол тохта, ба ҳарамсарой даромаданд. Атусо, ки азми фирор намудан дошт, аз расидани посбонон кафо баргашта, омодаи набарду ҳимояти хеш гашт. Неруи кохидаи Камбучия аз дидани посбонони силоҳдор афзуда, овози омиронааш мадор гирифт. Ӯ кафи дастони чангзада ва ангуштони ларзони хунолудашро сӯи Атусо ёзонида дастур дод:

- Ин бадбахти саркашро бар сутун бибандед!

Посбонон якбора сӯи Атусо тохта, ӯро доштан мехостанд. Шоҳбонуи ноком аз набарди нобаробар наҳаросида, бо мушту лагад худро пуштибони мекард. Посбони пешорӯяш аз зарби лагади Атусо хам шудаву печутоб хӯрда, оҳизона афтод. Атусо чобукона шамшери ӯро аз наём рабуда, якбора сӯи Камбучия ҳамла оварда. Нӯги шамшери бо шаст андохташ бозуи рости шоҳаншоҳро чок карду дар як лаҳза остину домани пероҳанаш хуншор гашт. Фигоне аз ниҳоди Камбучия бархест ва Прексасп шамшер кашида, хавотиромез сӯи Атусо тохт. Шоҳбону чолокона акиб нишаст ва худро ба девори ҳарамсарой расонид, то ҳарифони ҳашмзада ӯро гофилгир насозанд.

Набарди тезу тунди шамшерзанӣ муддате тӯл кашид. Атусо моҳирона ҳаму рост шуда, зарбаҳои шамшердоронро мегардонд ва онҳоро ба акибнишинӣ водор мекард. Прексасп бошитоб камандашро аз миён кушода, чолокона сӯи Атусо афканд. Ҳалқаи каманд аз фосилаи ду кади найза ба гардани Атусо фитоду Прексасп онро бошаст кашида шоҳбонуи гулӯгиршударо аз пой афтонид.

Посбонони таҳамтан якбора ба Атусои гофилмонда дарафтода, ӯро кашолакунон пеш оварданду дастҳояшро ёзида ба тани сутун бастанд ва расани камандро гирди пайкари нимурёни ӯ печонданд. Багапат дартоз аз кунчи ҳарамсарой тозиёнаи дарози чармибофтеро берун овард, ки бо он одатан дӯшизаҳои гарданкашу якравро чазо медод. Аз дидани тозиёна чашмони лабрези кинаи Камбучия дурахшид ва сӯи хочасаройи омодаи чазодиҳӣ амр намуд:

- Бизан, Багапат! Сустӣ макун!

Багапати корозмуда тозиёнаро кашидаву кушода ба тахтапушти Атусо фуровард. Пусти нозуки шохдухтар аз асари тозиёна кафида, аз бехи чароҳат хун таровид. Зарбаҳои тозиёна садои дуруште афканда, якмаром мефитоданд ва Атусо лаб газида фигонашро фурӯ менишонд.

дид, ки бо мӯи парешону дастҳои ёзидаи имдодхоҳонааш тохта меомад.

- Исто-о! Бардошт кун, бародар! Агар сар мезанӣ, ҳардуямонро сар бизан!

Посбонон лаҳзае ҳайрон монданд. Банди дасти шоҳаншоҳ беихтиёр суст шуду шамшерашро боздошта, аз ҳангомаи ногаҳонӣ ночор монд. Доро низ аз болои равзана ҳаҷаме акиб ниҳода, оҳи сабуке кашиду нигарони фарҷоми вокеа гашт.

Рухшонак хоҳарбузурги оғушта ба хунашро канор кашиду гесӯвони дарози майдабофиашро бар гардани ӯ печонд. Ду тан хоҳарони печида пайкари яклухтеро мемонданд, ки аз таҳти гесӯвони анбӯҳашон навҳаи талху ҷонгудозе берун мерехт. Камбучия шамшери урён болои даст ба ҳоли ногуворе фитод. Азми кинаситонӣ ва рехтани хуни Атусо ин дам барояш душвор гашта буд. Баногоҳ расидан ва дар пуштибонии хоҳар маргро пазируфтани Рухшонак барои шоҳаншоҳ мушкили сангинеро пеш оварда.

- Гиред ин пуштибони бадбахтро! - худро далер вонамуда амр дод Камбучия. - Якбора аз кучо пайдо шуд?

- Моро якҷоя бикуш, бародар! - тани Атусоро оғӯш карда нола анҳехт Рухшонак. - Ва пайкари хунчаконамонро ба як дахма бисупор!

- Ҷудо кунед ин ҷавонмарғро! - бо нӯги шамшер нишон дод хоҳарашро шоҳаншоҳ. - Вагарна хунаш ба гарданам мефитад!

Прексасп аз ду китфи Рухшонак дошта силтаве зад. Пероҳани абрешимини Рухшонак дар чанголҳои гирои ӯ пора шуда, аз сари шонаҳо то миёнаш намудор гашт. Пайкари мавзун, пӯсти нозуку сафед, миёни борик ва суринҳои дамидааш дар чашми шоҳаншоҳ аз пайкари хунполои Атусо зеботар метофт. Посбонон Рухшонакро бо пероҳани чоку порагашта аз тани Атусо ҷудо карда, кашолакунон назди Камбучия оварданд. Рухшонак дарҳол худро ба пеши пойи шоҳаншоҳ афканд ва пойҳояшро оғӯш кардаву бӯсида бо хориву зорӣ хоҳиш мекард.

- Ҷону танам фидоят, бародар! Маро ба канизии бонусароят бипазиру аз хуни Атусо бигузар!

- Ту бо сарнавишти ояндаат бозӣ кардан мехоҳӣ? - нобоварона пурсид Камбучия.

- Ба ҳама неку бади сарнавишт тан медиҳам, - бо фурӯтанӣ пои бародарашро бӯсид Рухшонак. - Фақат хоҳарамро макуш...

ҳаму овози лабрези ҳузну зорӣ сӯи роҳибзани гирифтори риёзату ниёиш рӯ овард.

- Модари бузургвор! Имшаб шаби охирини дар Бобул будани ман аст. Бомдод роҳи Мисрро пеш мегирем. Бифармо, духти назарбанди Куруш - Атусои бахтбаргаштаро даме бубинаму падруд бигӯям...

- Атусои духтари Куруш?!

Роҳибзан фурсате ҳайрон монда ба чеҳраи ниқобпӯши ӯ нигарист ва сипас бесадо пеш омада, дасти Дороро модарвор гирифту бе он ки посухе гӯяд, сӯи таҳхонаи нимторики маъбад ҳидоят намуд.

Атусои нозанин бо ду дасти бар пояҳои тахтакат баста ҳоли зору раҳмоваре дошт. Пайкари тозиёнахӯрдааш варам оварда, ҷо-ҷо чирку омос баста буд. Ӯ аз даромадани каси ниқобпӯш каме безобита гашта, сари гарону гардани хамидаи беҳолашро бо азобе бардошт. Рухсораҳои кафидаву лахтабастаи сиёҳу кабудаш дили Дороро таконе дода, гӯё дар қабзаи мушти сангине фишурд. Беихтиёр ниқобро аз рӯяш бардошту фигони дардноке кашид.

- Атусо! Ҷонакам, Атусо! - бо овози ларзону ҳаячонандуда нолид Доро. - Ин чӣ ҳолест, ки ба сарат фитода?

Чашмони Атусо аз дидори ногаҳонии Доро чун нигоҳи модагурги захмину хашмзада дурахшид. Дар лабони варамидааш заҳрханди кинаолуде падид омад.

- Офарин ба дилу гурдаат, Доро! Чӣ шуд, ки наҳаросида ба дидори ман омадӣ?

- Маро бубахш, Атусо! - ба ҳоли ногувор фитода, узромез сар фуруд овард Доро. - Барои раҳонидани ту коре аз дастам наомад...

- Туро Офаридгор биёмурзад, Доро, - бо гуруру бебокӣ рӯй тофт Атусо. - Ман нерӯи бахшидан надорам.

- Навмед машав, Атусо, - дилбардорӣ кард Доро даст ба китфи ӯ ниҳода. - Ин нокомиҳо мегузаранд ва рӯзҳои нек меоянд...

- Хато мекунӣ, Доро! - дарду алам аз ниҳоди Атусо боло мехесту ашк дар чашмонаш метаровид. - Рӯзҳои некро парҳошу набардҳои рӯёрӯй меоранд. Ва он рӯз шамшери хунрез доварӣ хоҳад кард...

- Ту духти ростини Куруш ҳастӣ, Атусо, - шигифтомез лаб газиду бо ҳамдардӣ сар ҷунбонд Доро. - Рӯҳи тавоно ва нерӯмандиро тозиёнаву гӯлу зиндон нашикастааст.

кар оварда, дар пеши назари падараш яке аз паси дигар сар заданд ва хунашонро дар ташти шаробомезӣ гирифтанд. Кушторро анҷом дода, ба ташт обу шароб рехтанду онро бо хун омехта, харисона ошомиданд ва сипас рӯ ба набард оварданд. Пас аз муҳорибаи тезу тунд ва набарди шадид, ки аз ҳарду тараф ҷанговарони зиёде нобуд шуданд, мисриҳо ночор фирор намуданд».

Ҳеродот. Таърих. Китоби сеюм. Талия, бандҳои 10-11.

Лашкари хастаҳолу роҳкӯфтаи Камбуҷия пас аз ду моҳи сафари пурмашаққату тӯлонӣ, оқибат поёни атроиадийаи[1] соли 526 то мелод ба марзҳои сарзамини Миср пешодумбол расида, дар резишгоҳи Пелусияи рӯди Нил ва самти роҳи шаҳри Танис баросуданд. Пелусия яке аз шохобҳои наздимарзии поёноби рӯди Нил буд, ки ҳавзаи бузургаш ба баҳри Миёназамин пайваста, соҳилҳои нимагирдаш барои рафтуои киштиҳои боркашу тичоратӣ бандаргоҳи муносибе ба шумор мерафт.

Камбуҷия баъди хобу роҳати бардавом хастагиро аз танаш дур карда, дар соҳилҳои шохоби Пелусия андешамандона гом мениҳоду сӯи қатори киштиҳои боркашу заврақҳои моҳигирӣ менигарист. Ӯ аз рӯи панди Гобрия ва Фанес сипоҳиёнашро аз тохтутозу горатгарӣ боздошта, нигарони расидани сафинаҳои ҷангӣ бо сарварии Отан буду дар убургоҳи марзи Миср ба лонаи замбӯр чӯб хастанро раво намедид. Аммо дар миёни резишгоҳи дуродур аз сафинаҳои ҷангии порсҳо асаре наметофт.

Дар соҳилҳои ҳавзаи паҳновари Пелусия тирамоҳ ҳукм меронд. Баргҳои зарду кайҳо рехтаи дарахтон дар зери қадамҳои шоҳаншоҳ хиширос ангехта, ба чашм чун фарши назаррабои тиллоранг метофт. Дастаҳои вопасини лашкари савораву пиёда, дашти паҳновари Сино (Синай)-ро паймуда, дар гӯшаҳои дуртари бандаргоҳи камоншакл лангар мезаданд. Биёбони гарму бегиёҳи мулки Араб бо паҳноҳои регистони сӯзону гармсели регҳои равон ва офтоби тафсону ташнакомиҳои яъсангезаш дар ақиб монду барои сипоҳи савораву пиёда ҳафтаҳои пурфарогати дамгирӣ фаро расиданд.

---

[1] *Атройадийа*, мазмунан моҳи ёд кардани оташ, вопасин моҳи фасли тирамоҳ ва огози зимистон дар солшумории форсии қадим, ки тақрибан ба 20 ноябр - 21 декабри солшумории масеҳӣ рост меояд.

хурмову зайтунзорҳои рӯҳафзо ва афлесунҳои расидааш дар фосилаи ду ҳафтаи баросудану дамгирӣ хастагии роҳи биёбони Арабро аз тани сипоҳи пиёдаву савора мерабуд. Таковарон аз чаридани майсаҳои навдамидаи заминҳои кишташон дуруда мадори дубора гирифта, зери гармии офтоби роҳатангези поёни тирамоҳ ба назар бардаму чобуктар метофтанд.

Камбуҷия дар иҳотаи посбонон рӯи реги нарму лағжонаки соҳил гом мениҳоду андешаи набарди пешомад ва дер мондани сафинаҳои ҷангӣ хотири ӯро парешон месохт. Ӯ ба пардасароии хеш хиратабъу гирифтаҳол баргашта, чун пештара чандон майли ғизо ва шаробнӯшӣ надошт. Лабханди гуворову меҳрубониҳои дилангези Рухшонак низ изтиробу парешонии ӯро зудуда наметавонист.

Ӯ аз рӯи ҳикоятҳои Фанес хуб медонист, ки фиръавн Амасис сафинаҳои ҷангии афзун ва баҳрнавардони маккору ҷангозмудаи зиёде дорад. Ва дар ин фурсати мусоиди дур аз тодани сафинаҳои ҷангии Камбуҷия сипоҳи размхоҳи мисриён метавонистанд ҳам аз самти баҳр ва ҳам аз ҷониби дижи устувори Танис ба лашкари хастаҳоли ӯ ҳамлаи ногаҳонӣ оварда, ҳама умеду орзуи кишваркушоиашонро барбод диҳанд. Охир дар ин ҳавои софу рӯди ором сафинаҳои ҷангии порсҳо чаро дер мемонанд ва оё киштиҳои тундрави мисриён ноаён расида, ба лашкаргоҳи онҳо шабохун намезада бошанд? Ин суолҳои бепосух натанҳо сабру қарори Камбуҷияро рабуда буд, балки ҳафтае боз Дороро низ ором намегузошт.

Доро дар ин рӯзҳои хатарбор аз омадани сафинаҳо умедашро канда, ба шоҳаншоҳ пешниҳод кард, ки нигарони нерӯи баҳрӣ нагашта, бо сипоҳи хушкигард якбора ба дижи Танис ҳамла оранд. Вале Фанес – фармондеҳи собиқи фиръавнҳо аз найранги ногаҳонии размҷӯёни баҳрии душман ҳарос дошт. Ӯ мепиндошт, ки ҳангоми ҳамла овардан ба дижи Танис, шояд сафинаҳои нухуфтаи мисриён якбора аз паси лашкар ғофилгир намуда, онҳоро ба муҳосира мегиранду бо сипоҳи якҷояи хушкигарду баҳриашон зарбаи гарон мезананд.

Шоҳаншоҳ барои омодагӣ ба набард ризоият дода бошад ҳам, шубҳае дар ниҳодаш боло мегирифт. Ӯ пешниҳоди дирӯзаи Дороро гаштаву баргашта меандешиду дар таҳти он ҳадафи ниҳониеро дарёфтан мехост. Аммо пиндораш ба ҷое намерасид ва бовараш дар ин лаҳзаи ҳассосу хатарзой ба дурустии андешаи Доро меафзуд.

Тани варзидаи ин мард бӯи баҳр мекард. Доро аз дастони шахшул, пӯсти дурушти гардан ва андоми офтобсӯхтаву сари каме дарозрӯяи боду боронхӯрдааш сипаҳсолори размҳои баҳрии мисриён буданашро пай бурд. Отан пазироии самимонаи Дороро писандид ва бо лабханди гуворо мардро шиносонид:

- Сипаҳсолори сафинаҳои ҷангии Миср, дӯсти арҷманди мо Уджагор-Ресент!..

- Аз дидори вологуҳар басо шодам, - нигоҳи озмоишкоронаашро ба рӯи баҳрнаварди мисрӣ дӯхт Доро. - Ҳафтае боз нигарони расидани шумо ҳастем.

- Дар шаҳри Газа чанд рӯзе гирифтор шудем, - суханро кӯтоҳ кард Отан. - Пас аз гуфтугузорҳо миёни мо паймони оштӣ падид омад.

- Паймони оштӣ?! - бо ҳаяҷону хушҳолӣ, вале ҳайратомез пурсид Доро. - Бе набарду хунрезӣ?

- Фиръавни камхираду кӯтоҳандеш хашм гирифта, ин пири ботадбири сафинаҳои ҷангиро аз даргоҳаш канор афкандан хостааст...

Доро дасти шахшӯлу обиладори сипаҳсолори мисриро бори дигар бо арзи эҳтиром фишурда, сабаби дар ин фурсати муносиб аз самти дижу васати баҳр ҳамла наовардани сипоҳи Мисрро акнун пай бурд. Ҳангомаи дермонии сафинаҳои ҷангӣ низ бепурсу посух барояш равшан гашт.

Насими сарди ҳавзаи Пелусия ҳамоно мевазиду тани Дороро аз ғояти хушҳолӣ ларзаи нарме фаро мегирифт. Мадори офтоби поёни тирамоҳ коҳида, мавҷи рӯд хазонбарғҳои тилоранг ва хасу хошоки рӯяшро ба соҳил меафканд. Сафинаҳои ҷангӣ чун селаи турнаҳои қатор бодбонҳои афрохтаашонро такон дода, мавзуна сӯи бошгишгоҳи лашкари Камбуҷия шино мекарданд.

ди маккоронаашро миёни мӯйлабҳои хамидааш нуҳуфту бо оҳанги нарм суханро оғоз кард.

- Дуруду сипос ба даргоҳи Ҳурмузди равшанрой, ки бароямон дӯсти бовафо ва сипаҳсолори ҷонфидоеро расонид. Дуруду сипос ба пири бузурги баҳрнавардон ва нохудои киштиҳои Миср Уджагор-Ресент, ки се даҳсола ба Амасиси дунҳиммату хиёнатпеша бо ҷоннисорӣ хидмат карду ба ҷои подошу сарфарозӣ носипосиву накӯҳин дид. Вале ин родмард барои шоҳаншоҳи мулки паҳновари Порс пири баҳрнавардон буд ва пири дарёи ҳамаи сафинаҳои Миср мемонад ва ба появу зинаҳои баланди сарварӣ мерасад. Ин паймонаро барои аҳду паймони дӯстӣ менӯшем. Бигузор душманон хору гирифтор гарданду дӯстону родмардони размовар ҳамеша сарбаланду пирӯз бошанд!

Сипаҳсолорону размоварон паймонаҳои лабрези шаробро болои сар бардоштанд ва нидои хушҳолонаву таҳсиномезашон баланд шуд. Овои мусиқӣ аз паси даркашидани паймонаҳо хурӯше афканд. Дӯшизаҳои нозанини бобуливу мисрӣ китф афшондаву сина ҷунбонда дар миёни саҳна ба рақс омаданд.

Доро ба печухами пайкари мавзуни раққосаҳо менигариста китфафшониву синаларзонӣ, чархидану пойкӯбӣ, такони дилрабои дунбаву суринҳои дамида ва миёни борику печони онҳо хунашро ба талотум меовард. Ӯ пай мебурд, ки дар фосилаи роҳи пурхатару тӯлонӣ ва давутозҳои беохиру хастагиовар навозиши дасти зан ва гармии ҷонафзои тани дӯшизаҳоро пазмон шудааст. Аз чӣ бошад ба ёди ӯ беихтиёр пайкари мавзуну урёни Атусо дар ҳарамсарои Боғи муаллақ мерасид, ки пӯсти нафисаш чун ширмахтоб сафеду дилкаш метофт. Доро чашм ба рақси вачдовари дӯшизаҳо ва хаёли раҳидааш дар таҳхонаи нимторики маъбади Иштар шароби ноби юнонӣ меошомиду вохӯрии вопасинашро бо Атусо пеши назар меовард.

Машъалҳои фурӯзон ва забонаи оташи гулханҳо аланга зада месӯхтанду ҳангомаҳои зиёфат ва базму бозӣ метафсид. Дӯшизаи мисрие миёни борику дунбаи мӯронаашро такон дода бо чашмони хумору нозу ишваи дилрабо сӯи Доро омад. Дили Дорои сархуш аз нозу адо, лабханди гуворо ва хиромидани дӯшизаи нозанин гум заду беихтиёр даъвати ба рақс хондани ӯро пазируфт.

Доро дастҳояшро болосо кушодаву пой кӯфта мерақсиду нозанини мисрӣ дар пешорӯяш синаҳои нимурёнашро ларзондаву китф ҷунбонда, мехиромид. Ҳозирон ба ҳавои пойкӯбиву

Нуқрасипарони савораву пиёдаи Доро нимарӯз аз думболи дастаҳои талояи Виндафарна расиданд ва дарҳол дар самти муносиби лашкаргоҳ барои ҳимоя нимдавр лангар заданд. Дар сафи пеши овардгоҳи лашкар сипари мудофиавӣ ниҳода шуд, ки ҳамлаи ногаҳонии мисриёнро аз самти дижи Танис пешгирӣ мекард. Соате нагузашта фавҷҳои савораи Гобрия аз пайроҳаҳои хокпӯш гарду чанг хезонида аз паси нуқрасипарон шинак гирифтанд.

Камбуҷия бо ҳама кундоварӣ ин ду сипаҳсолорро аз рӯи синну сол ва атвору хӯйашон дар сафи пеши лашкар ҷой дода буд. Дорои хунгарму бебок акнун ба остони сӣ гом мениҳоду падарарӯсаш Гобрия синни ҳафтодро пур мекард. Доро Паритагонаи духтари Гобрияро ҳанӯз чор сол пеш ба занӣ пазируфта, аз ӯ Артобазан ном писари дӯстрӯи дусолае дошт. Гобрияи солдида Паритагонаро дар миёни фарзандон аз ҳама бештар меписандид ва лаҳзаҳои дидор набераааш Артобазанро ба канор гирифта, аз лаҳни ширини кӯдаконааш ҳаловат мебурд.

Доро зоҳиран аз падарарӯси камсухану ҷиддисимояш дурӣ ҷӯяд ҳам, дар замир ӯро эҳтиром мекард ва аз корнамоиву лашкаркашиҳояш дар ахди Куруш огоҳӣ дошт. Акнун шоҳаншоҳи кишваркушой шояд ҳунари размоварӣ ва сипоҳороии Дороро озмудану ба ҷои сипаҳсолорони пирсолу рӯзгордидааш нишондан мехост, ки ӯро дар сафи пеши набард гузошта, барои дилпурӣ ва тадбирҷӯӣ Гобрияро аз пушташ қарор дод.

Дастаҳои сафбастаи ҷанговарони кирояи Фанес қарибии бегоҳ расид. Шоҳаншоҳ бо корвони надимону хидматгузорон ва канизони ҳарамсароят лаҳзаҳои ғуруби офтоб омаду пардасаройи бузургу бошукӯҳашро дар миёни лашкаргоҳ афрохтанд.

Хуршеди хунполои дами ғуруб дар паси абрҳои шафақандуда ва анбӯҳи чангу ғубор нопадид гашту дар паҳнои лашкаргоҳ оташи гулханҳои шабгузаронӣ ягон-ягон фурӯзон шуданд. Дар болои девор ва бурҷу бораи дижи Танис низ машъалҳои сершумор асроромез сӯхтаву аланга зада, аз набарди хунини фардо ҳушдор медоданд.

Доро савори таковари саманд аз овардгоҳи шабгузарониннуқрасипаронаш бонавбат диду боздид мекарду онҳоро омодаи набарди субҳ менамуд. Ӯ сафи посбонону шинакҷойи шабзиндадорон ва мавзеи дидбонгоҳҳоро аз назар мегузаронду барои пешгирии шабохун ва дигар ҳамлаҳои ногаҳонии душман

ҷавшану чороиҳа, сипару шамшер ва дигар афзору олоти ҷангӣ ба бар мекарданд. Доро сӯи дижи Танис нигариста, анбӯҳи сипоҳи савораву пиёдаи мисриён ва гардунаҳои дуаспаро дид, ки тегашон дар партави офтоб ҷило медод.

Хуршед ним қади найза боло рафт ва пас аз ниёиши саҳаргоҳӣ ва подоши назру ниёз Камбучия дастури разм дод. Садои табли ҷанг ва говдуму карраной баланд шуд, фавҷи пешгарди камонварону тирандозон ва сабуксилоҳон сӯи диж шитофтанд. Аз думболи онҳо сафи нукрасипарони Доро фосилаи муайянеро нигоҳ дошта пеш ҳаракат карданд. Аз пушти нукрасипарон ҷанговарони кирояи Фанес аз сипар девора баста якмаром гом мениҳоданд.

Баногоҳ аз сафи лашкари мисриён дастае парчами сафеди пайку паёмро болои сар афрохта пеш омаданд. Доро лаҳзае парешонхотирона сӯи Гобрия нигарист, ки дар сафи пеши саворонаш асп меронд. Ӯ оҳанги нигоҳи тадбирҷӯёнаи Дороро пай бурда, гардунаи дартози шоҳаншоҳро нишон дод, ки сӯи сабуксилоҳони Виндафарна мешитофт. Аз паси гардунаи ҷангии Камбучия роҳбалади мисриаш Уджагор-Ресент асп метозонд. Сабуксилоҳону камонварони пешсаф аз рӯи дастури шоҳаншоҳ дар фосилаи ду тирпартобии дастаи пайковарони мисрӣ бозистоданд.

Дастаи пайковарони мисрӣ парчами сафедро намоишкорона афшонда, сӯи майдони разм гом мениҳоданду гумони созишу паймон бастани фиръавн дар дили Доро ва ҳамсафонаш меафзуд. Онҳо дар фосилаи тирнораси размгоҳ бозистода, ду тан ҷавони дастбастаро телакунон оварданд ва ташти бузургеро дар пеши пойи онҳо ниҳоданд. Чаҳор тан аз сафи парчамдорон бо кордҳои урён берун частанду дами тегҳои хунрезашонро дар партави офтоб намоиш дода, харду ҷавонро якбора сар буриданд. Нолаи ҷонкоҳи ҷавонон дар гулӯ шикасту хуни онҳо фаввора зада ба ташт рехт. Чаҳор тани дигар ду хуми шаробро аз ду гӯшааш бардошта ба дарун ташт холӣ карданд.

Доро аз ин кирдори ношоям лаҳзае карахт шуд ва пиндошт, ки лашкари фиръавн пеш аз набард маросими қурбониро адо мекунанд. Фигони даҳшатноке аз сафи ҷанговаронӣ кирояи кафо бархест ва сипаҳсолорашон Фанес дартоз ҳудро ба гардунаи шоҳаншоҳ расонид. Бонги кинаолуду размхоҳонаи сарлашкари юнонӣ Дороро водор намуд, ки аспашро беихтиёр маҳмез зада, сӯи гардунаи Камбучия бишитобад.

ёфта, поймоли таковарону гардунаҳои аз пушт расида мегаштанд. Анбӯҳи аспҳои фитода ва гардунаҳои сарозер дар пешгоҳи лашкари деворабастаи Доро меафзуд. Боли чапу рости нукрасипарони дартоз аз паси гардунаҳои сарнагун афтода чафс шуда, бебокона шамшеру гурз мезаданду гардунасаворони овозадори фиръавнро яксони хок менамуданд.

Пирӯзӣ дар ин набарди пурхатар насиби Доро мегашт. Баҳрогоҳ фавҷи саворони мисрӣ аз пойгоҳи диж чангу хок хезонда ба ёрии гардунаҳо шитофтанд. Доро дарҳол пайкрасонеро сӯи сабуксилоҳони Виндафарна фиристод, то ки пеши роҳи саворони ҳамлаварро бо тирборон бигардонанд. Гобрияи набардозмудаву рамӯзфаҳм бо дастаҳои суғдиву бохтариаш ба пешвози саворони мисрӣ метохтанд. Фурсате нагузашта чанд гардунадори сафи охирин осемасар бозгашта рӯ ба фирор оварданд.

Доро аз пирӯзии нахустин рӯҳбаланд шуда, таковарашро махмез зад ва дар сафи пеши саворон сӯи неруи тозаи фиръавн ҳамлавар гашт. Садои чакочаки шамшерҳо ва ба сипар бархӯрдани найзаҳои нӯгтез дар арсаи набардгоҳ баланд шуд ва пайкори хунину беамон боло гирифт. Асп ба асп дармеафтоду савор ба савор ва нукрасипарони рӯинтан чабҳаи пешсафи размоварони фиръавнро рахна зада, дар гирди Доро пеш мерафтанд. Дами офтобро чангу хоки зери суми таковарон пӯшонида, фазои набардгоҳ тира мегашт.

Посе аз нимарӯз нагузашта, сараҳои мисрӣ бозпас гашта, рӯ ба девораи дижи Танис оварданд. Охирин умеди фиръавн девори устувор ва дарвозаи рӯйини дижи рахнанопазир буд. Ду бохти пасиҳам Псаметихро водор намуд, ки бо сипоҳи боқимондааш дар паси деворҳои баланди диж паноҳ барад. Набарду шамшерзанӣ дар пойгоҳи девори ҳисор авҷ гирифта, лашкари кирояи мисриён шасти ҳамлаворонро бо сипарҳои якқади чафсашон муддате боздоштанд. Дарвозаи дукабатаи рӯин баста шуд ва қисми сарбозони кирояи беруни ҳисор монда ба шикаст тан надода, задухӯрдро то нафаси вопасин идома медоданд.

Аз болои девор ва бурҷу бораи диж тирборон сар шуд. Фавҷи камонварону найзаафканон саворони пешсафи Доро ва Гобрияро нишон гирифта, онҳоро ба ақибнишинӣ водор намуданд. Вале сипоҳи кирояи Фанес аз сипарҳои бузургашон девора баста, хам шудаву сари зону нишаста, сӯи девори диж ме-

ҳидоят мекард. Дастаҳои пешсаф девораи сипарӣ баста, аз пасашон найзаварону тирандозон ва ниҳоят зинадорону дижпаймоёнро пеш мебурданд. Онҳо ҳанӯз ба таги девораи диж нарасида, аз болои сарашон борони тир, гулачӯбу сангҳои гарон, гулӯлаву машъалҳои фурӯзон, катрону равғани тафсида мерехтанд. Дижпаймоёни бебок то нимаи девор набаромада, зинаҳо сарнагун мефитод, сару тани ҷанде аз каманду расандорон оташ мегирифт. Ҳамлаи якҷояи дуюму сеюми лашкар низ аз чаҳор самти диж то поёни нимарӯз барор накард.

Пас аз машварати кӯтоҳи нимарӯз дар пешорӯи манҷаники арродаҳо халтаҳои чармини пур аз реги тар ниҳода, олотҳои рахназаниро пештар бурданд. Сипоҳиёни таҳамтани Фанес ва сарбозони яккачини Доро болорҳои дарозу вазнини амадеро сари дӯш бардошта, ҳангоми ҳамлаи чоруми лашкар сӯи дарвозаи рӯини диж шитофтанд. Дарвоза аз зарби гарони нӯги болорҳо меларзиду рог меовард. Деворҳои устувор низ аз зарби паёпаи сангҳо мекафиду аз танаш порчаҳои хурду бузурги похсаву хок мерехт.

Оқибат дарвозаи рӯин рахнае пайдо карду чӯбу чахси миёнаш аз нӯги болорҳои фурӯзон оташ гирифт. Аз зарбаи навбатӣ табақаи нимсӯхтаи дарвоза фитод ва сарбозони нахустин шамшерзанон вориди диж гаштанд. Аз сӯрохии чанд чои девори ҳисор низ дастаҳои савору пиёда қабати оташу дуд ва тирборонро гузашта, ба даруни шаҳри Танис рехтанд.

Фидоиёни диж дар кӯйу барзан ва кӯчаву паскӯча мардонавор истодагарӣ мекарданд, набарду шамшерзанӣ ва шӯру фиғони занону кӯдакони саргурез авҷ мегирифт. Кӯшку хонаҳо месӯхтанд, думболагириву куштор, тохтутозу яғмогарӣ то дергоҳи шаб тӯл кашид. Фиръавн бо дастаи посбонону сарбозони зиндамондааш ба дижи даруни паноҳ бурда, аз паси тиркашҳои баланд ва бурҷҳои устувор тирандозиро идома медоданд. Вале сипоҳиёни пирӯзгаштаи хастаҳол, ки шаҳди яғмову ғоратгарӣ ва рабудани ганиматро чашида буданд, чандон хоҳиши фатҳи дижи даруниро надоштанд.

Субҳи диғар овозаи фирор намудани фиръавн Псаметихи III дар миёни сипоҳи Камбучия паҳн гардид. Ҳангомачӯён мегуфтанд, ки фиръавн нимашаб бо чанговарону посбонони наздикаш аз роҳи ниҳонии зеризаминӣ дижи даруниро тарк карда, бо якчанд сафина аз шохоби канори рӯди Нил, сӯи пойтахташ шаҳри Мемфис фирор намудааст.

рӯдхонаи чукуриаш чор қади найза ва паҳноиаш на кам аз дах қади найза ба гуфтаи Уджагор-Ресент ба чор рӯзи сафар рост омада, мебоист се қатор триераи шиноварро дар паҳнои обаш мегунҷонд. Ин обраҳаи азими нотамом болотар аз шаҳри Бубасти канори рӯди Нил шодоб гашта, мачрои обаш мавзеи хушкиву бероҳаҳои биёбони миёни ду баҳр - баҳри Миёназамин ва баҳри Араб (Баҳри Сурх)-ро бурида, мебоист роҳи наву доимии киштигардӣ мекушод[1].

Вале аз асари носозгориву низоъхои дарборӣ, пешгӯии ногувору бадхоҳии коҳинони баландмартаба фиръавн Неко ночор аз бунёди обраҳаи киштигардӣ даст кашид ва баъди подшоҳии шонздаҳсола ормони деринаашро ба хок бурд. Пас аз сари ӯ писараш Псаметихи дуввум ва ниҳоят набераш Апрӣ ба тахти фиръавнҳои Мемфис нишастанду аз ин обраҳаи нотамом ёде накарданд.

Доро аз фиръавн Априйро падари воқеии Нитесис ном бурдани Уджагор-Ресент хавотиромез таконе хӯрду манзараи хузновари ҳарами Камбучия беихтиёр пеши назараш ҷилвагар шуд. Сарнавишти шоҳбонуи ноком акнун барояш ҳангомаи нуҳуфтаеро аз забони пири баҳравандони мисрӣ баён мекард.

Амасис аз рӯи шохаи модариаш ба фиръавн Априй хешовандӣ дошт ва дар корҳои давлатдориву фармондеҳии лашкар ба ӯ ёварӣ мекард. Ӯ бо зиракиву дилҷӯиҳояш чанде нагузашта пас аз фиръавн дар кишвар шахси воломақоми дуюм гардид. Дертар муносибати онҳо тезутунд шуд ва ба душмании ошгинопазир рафта расид. Фиръавн Априй аз гояти волоназарӣ ва ночиз шумурдани нерӯи душманаш Амасис дар муҳорибаи Андропол шикаст хӯрд ва ниҳоят кушта гардид[1] ва Нитесиси нозанин ба дарбори рақиби ӯ афтод.

Доро пай бурд, ки Уджагор-Ресент насаби волю ва зебоии Нитесисро ситоиш намуда, мехоҳад аз сарнавишти минбаъдаи

---

[1] Санаду далелҳои болоӣ аз китоби Ҳеродот оварда шуд. (ниг. Ҳеродот. – Таърих. Китоби II, бандҳои 158,159).

[1] Академик Б.А.Тураев дар асоси муқоисаи санаду далелҳои таърихӣ андешаи Ҳеродотро (ниг. «Таърих», китоби дуюм, бандҳои 161, 162, 163, 169, 172, 173, 174) дар бораи аз табақаи авом будани Амасис зери шубҳа мегузорад ва ӯро хешованди фиръавн Априй шуморида, дар рӯйпӯши тобуташ сабт шудани шаҷараи сулолавиашро қайд менамояд. Ниг.Тӯраев Б.А. - История древнего Востока. Минск, 2004. Сах.498-500.

паҳноии чашмгираш падидор гардид, ки нурҳои сурхчафоми шафақи шомгоҳон дар рӯи мавҷҳои он лапида хомӯш мегашт. Дастури шабгузарони расид ва Доро бори андешаҳои гуворову ногуворро аз дӯш фиканда, ба диду боздиди бошишгоҳ ва макони шабгузаронии сарбозонаш овора шуд.

Нимашаб посбонони хосаи шоҳаншоҳ Доро ва ҳазорсолоронашро хезонида, паёми омодаи лашкаркашӣ будан-ро расониданд. Дертар Доро навиди нохушеро шунид, ки размо-варони Мемфис на танҳо триераҳои ҷангиро шикаставу ғарқ кардаанд, балки пайкрасонону сафирони хосаи шоҳаншоҳро ваҳшиёна кушта, ҷасади онҳоро дар кӯчаҳои шаҳр кашолаву сангсор намуда, бо ҳамин гӯё кинашонро ситонидаанд. Камбучия аз ин паёми ногувор сабру қарор бохта, бедиранг ошёни қадимаи фиръавнҳоро ба хок яксон кардан мехост.

Субҳи чорум сипоҳи афзуни Камбучия ҳам дар сафинаҳои ҷангиву саворабу пиёда сӯи шаҳри Мемфис ҳамлавар мегашта-нд. Аз роҳи аробагарди думболи онҳо гардунаҳои ҷангиву аслиҳаҳои гаронвазн - манҷаниқу арродаҳо ва олотҳои девор-шиканиву рахназанӣ бо тоифаи устоҳову ҳунармандон пеш шитофта омодаи набард мешуданд.

Офтоб сар мекашиду аз дур шаҳри бостонии Мемфис бо гумбазҳои пурҷилои кӯшку коххо ва бомҳои зарҳалини маъбадҳои мӯҳташамаш ҳирси ягмоғарӣ ва сарватситониро дар ниҳоди лашкари тундрави Камбучия аланга медод. Аз зери наълҳои таковарони дартоз лой мепарид, хурӯшу ғиреви набардхоҳонаи ҷанговарон бо шиҳаи аспони размхоҳ омехта, дар паҳнои канори Нил ғулғулаи осмонгире меангехт. Шаҳри Мемфис бо деворҳои баланду устувор, манораҳои дидбонӣ ва бурҷу бораҳои рахнанопазираш торафт наздик меомад. Ба ошёни фиръавнҳо набарди хунин ҳам аз самти сафинадорони рӯдхонаи Нил ва ҳам аз сӯи савори сипоҳону пиёдагардони самти хушкӣ таҳдид мекард.

* * *

Муҳосира ва қалъабандӣ қариб се моҳ тӯл кашид ва пас аз сардиҳои зимистон баҳор омад. Офтоб мадор гирифта, сабзаҳо медамиданд ва таковарони ҷангкӯфтаву лоғар сабзаҳои наврустаро бо хоку яхчаҳо фурӯ мебурданд. Сокинону размоварони Мемфис аз набарду пайкорҳои бардавом дилсарду хаста гашта, охирин захираҳои хӯрокашонро сарф мекарданд. Дар шаҳр дигар

зархариди юнониро ба Камбучия расониданд, ӯ дастур дод, ки тамоми дорӣ ва буду набуди шаҳри Мемфис як ҳафта ба ихтиёри лашкар вогузор гардад. Ва дар тӯли як ҳафта шаҳр бесоҳибу мулк бе подшоҳ монда, сарорахои пештозу пиёдахои думбол дар кӯчаву паскӯчахо ба талаву тороҷи қасру кӯшкхо ва дӯкону бозорхо даст мезаданд.

Шаҳри зебо ва мӯҳташами Мемфис дар пеши чашми Доро вайрону валангор мешуд. Аз равзанаи хонаву толорхо ва коху кӯшкхо забонаи оташу дуд мехест, болору бомхо ва кунграву пайкарахо фурӯ мефитоданд. Ошёни дастнораси фиръавнхо зери суми таковарони бешумор ва гомхои нусратбори сипохи афзуни Камбучия поймолу хароб мегашт.

* * *

Рӯзи нӯҳуми пирӯзӣ бо дастури Камбучия ба духтари асирафтодаи Псаметих ва ҳазор тан дӯшизахои волотабори мисрӣ пероҳани нимдошти канизиву пешхидматӣ пӯшонида, водор намуданд, ки аз рӯдхонаи Нил барои таковарони шоҳаншоҳ ва сипоҳсолорони пирӯзгашта об кашонанд ва аспҳоро қаҳбедаву ғизо диҳанд. Дертар писари ягонаи фиръавн ва қариб ду ҳазор ашрофзодаи ҷавонро, ки дар гардан ғӯлу ба пойхо занҷир доштанд, бо тозиёнаву мушту лагад пешандоз карда, ба рӯфтани роҳраву пешгохи қасри нави Камбучия, ғундоштани хокрӯбаву чӯбхои нимсӯхта, ахлоти кӯчаву бозор, тоза кардану об задани хиёбонхои шаҳр ва дигар корҳои пасту нораво маҷбур мекарданд. Дар остони дарвозаи қаср ва гирду гӯшахои чашмраси бозор падару модар ва хешу таборони ҷавонони гирифтор ба ҳоли табоҳи фарзандон ашки надомат мерехтанду душманони пирӯзгаштаро нафрин мехонданд.

Поёни рӯзи даҳум пас аз кофтукову пурсучӯйхо Доро бо ёрии Уджагор-Ресент аз таҳхонаи маъбаде фиръавн Псаметихро пайдо кард. Ӯ бо супориши Камбучия фиръавни бахтбаргаштаро муддате дар пойгохи дарвозаи қасри собиқааш нигоҳ дошт, то асириву бечорахолии фарзандонашро бубинаду дилаш решу пора гардад. Сараввал духтари Псаметих кӯзаи бузурги об бар дӯш бо пероҳани чиркину дарбеҳӯрдаи канизӣ аз пеши падараш нолону ашкрезон гузашта, сӯи саисхона рафту дар симои фиръавн дигаргунии падид наомад. Дертар ба пушти писари ягонааш тозиёна куфтаву доду фиғонашро бароварда, дар пешорӯи Псаметих муддате нигоҳ доштанд.

Ресент роҳкашӣ мекарданд, - ба сипаҳсолори собиқаш нафратомез нигариста посух дод Псаметих. - Ман меҳанфурӯшонро сазовори марг донистам. Аммо фиристодаҳои шоҳаншоҳ барои пуштибонии онҳо шамшерзаниро оғоз карданд ва дар набарди нобаробар кушта шуданд. Ночор киштиҳоро ҳам шикаста зери об кардем.

- Гуноҳатро пӯшонидан мехоҳӣ, бадбахт?! - ситезид хашмашро бо душворӣ фурӯ нишонда Камбуҷия. - Набошад барои чӣ ҷанговарони зархаридро фармудӣ, ки писарони Фанесро сар зананд ва хунашонро биошоманд?

- Магар сарлашкари меҳанфурӯш ва роҳбалади душманонро бо нону намак мепазиранд? - оромона посух дод Псаметих. - Фанеси палид сазое кашид, ки то дами марг ҳама рагу пайванди ҷон ва устухони танаш месӯзад...

Дили Доро аз ин гуфтори рост ва нишонрас таҳ кашид. Ӯ ҳаросид, ки шоҳаншоҳ дар сари хашму ғазаб бо фармони шитобкоронае фиръавнро нобуд месозаду боз як бахши созишномаи сулҳ поймол мегардад. Пирӯзии ба гарави ҷони ҳазорон сипоҳиён ва муҳосираи тӯлонӣ бадастомада, метавонист аз асари тундравиву кӯтоҳандешие ошӯбу кинхоҳии мардуми озордидаро барангезад. Вале Камбуҷия аз асари ростгӯиву нотарсии фиръавн натанҳо ӯро бахшид, балки супориш дод, ки писари ягонаву духтарашро низ озод намоянд. Фурсате нагузашта посбонсолор бозгашт ва бо ошуфтагиву нигаронӣ дар сафи асирони нахустин кушта шудани писари Псаметихро расонид.

Камбуҷия аз марги нобаҳангоми писари фиръавн барошуфта, бо дареғу ҳамдардӣ дасти Псаметихи мусибатзадаро фишурд. Вале фиръавн ҳамоно ором буд, дар тарҳи андомаш дигаргуние падид намеомад. Доро аз ин хунсардии нораво ҳайрон монда, медид, ки аз шунидани паёми марги писар раге дар андоми фиръавн кашиш намехӯрад. Камбуҷия бори дигар ба саропои Псаметих бо ҳамдардӣ чашм дӯхта, бо оҳанги таскиномез гуфт:

- Дареғи шоҳписар! Эзиди марг пешдастӣ кард!..

- Аз ҷанголи марг раҳоӣ нест, - чун пирони рӯзгордида ба сарнавишташ тан медод Псаметих. - Мо ҳам дер ё зуд аз ин дунёи фиреб меравем...

- Розеро бароям бикушой! - бо шигифтии андешамандона пурсид Камбуҷия. - Ҷаро барои писари ҷавонмаргат оби дида нарехтӣ, вале аз дидани лиҳамарди гадочеҳра гамгин гаштиву гиряро оғоз кардӣ?

5. РАҲОӢ

Боди сарди шабҳангом мевазид ва резаборон беист меборид. Атусо аз миёни дарахтон хастаҳолона пеш мерафт ва аз ғояти хунукӣ беист меларзид. Дар ин шоми тира ва сарди боронӣ дар гирду гӯшаҳо чароғе наметофт, то аз наздик будани хонаи обод паёме расонида мадори тану пойҳои сармохӯрдаи Атусо биафзояд.

Боғи паҳновар бо шохаҳои ҷафси боронхӯрда ва тани тираи дарахтонаш ба коми торикии ҳаросовар фурӯ мерафт. Атусо шохаҳои пешорӯяшро бо кафи даст барканор намуда, беҳолона гом мениҳоду пай мебурд, ки аз ҷодаи корвонгузари Пасаргад[1] берун рафта, дар шоми сарди боронӣ роҳгум задааст. Дилаш гувоҳӣ медод, ки ин чаҳорбоғи анбӯҳ ҳамон маргзори сердолу дарахти ошноест, ки дар остони шаҳр доман афрохта, мусофиронро бо насими фораму гувороюш мепазируфту аз роҳи сангфарш сӯи оромгоҳи Куруш ҳидоят мекард.

Баногоҳ аз канори боғ рӯшании хирае падидор гашту овои гӯшнавози рӯъёие таровида, дар ҳавои рехтани борон ва чакидани қатраҳо умеди раҳоиро дар ниҳоди Атусо барангехт. Ӯ сараввал пиндошт ин овои фиребо акси садои қатраҳо ва кашиши нӯлаи бод аст, ки ба гӯшаш чун оҳанги ниёиш расида. Гоме чанд сӯи садо ниҳод ва рӯшании мадоргирифтаву овои ниёише пардаи торикиро рахна зада, бо оҳанги фораму беолоишаш дар фазои боғи боронандуда метаровид.

«Ай Офаридгор! Маро ба чӣ кор офаридӣ? Хашму ситаму сангдиливу зӯровариӣ маро ба сутӯҳ овард! Ҷуз ту нигаҳбоне надорам...»[2]

Атусо аз ин ниёиши ангезандаи сарнавишташ ба шигифт афтода, беихтиёр сӯи чароғи хирасӯзи канори боғ шитофт. Аз пешорӯяш кулбаи сангине баромад, ки нисфаш андаруни

---

[1] *Пасаргад, Посаргад*, шакли сахеҳаш *Порсокат*, пойтахти қадимаи Ҳахоманишиён, ки дар аҳди Куруши Кабир бозсозӣ шуда, дар солномаҳои эломӣ бо номи Парсакаташ ёд шудааст. Муҳаққиқони аврупоӣ Ф.К.Андреас ва В.Эйлерс. бар ҷанбаи этимологии ин истилоҳ онро Порсокат, регзада, яъне «бошишгоҳи порсҳо» тафсия додаанд (ниг. М.А.Дандамаев, В.Г.Луконин, Культура и экономика древнего Ирана. М., 1980, С.-243), ки муаллифи роман ба онҳо ҷонибдор бошад ҳам, шакли маъмули Пасаргодро нигоҳ медорад.

[2] Аз китоби «Ясно», боби 29, банди 1.

решонашро гундоштан мехост. Ӯ изтиробу ошуфтагиашро нухуфтаву худро бепарвову болидарӯҳ вонамуда пурсид:

- Дар ин боғ танҳой, падар?

- Бале, гоҳе танҳо, гоҳе ҳамроҳи мӯбадони дастёр.

- Ин ҷо оташкадаи оромгоҳи Куруш аст?

- Не, духтарам. Гӯшаи ниёишу риёзат ва хуфтухези ман.

- Оромгоҳи Куруш аз ин боғ дур аст?

- Мо андаруни боғи оромгоҳем, духтарам. Дар ин шоми сарду боронрез магар ба ниёиши оромгоҳи Куруш омадӣ?

- Оре, падар. Мехостам рӯҳи Куруш ёвару пуштибонам гардад.

- Навмед мабош! Куруши Бузург падарсолори ҳамаи ориёиҳост. Рӯҳи ҷовидони ӯ ба ҳамаи фарзандонаш ёварӣ хоҳад кард.

Дили дардошнои Атусо аз падарашро ситоиш намудани пирамард меболид ва гармии ҳаловатбахше ба ниҳодаш метаровид. Чашмонаш беихтиёр моломоли об мешуданд ва азияту озорҳои андаруни ҳарамсарой ва тангнои ибодатхонаи Бобул дидааш дар ин хилваткардаи таскинбахш рӯ мезаданд. Тани сармохӯрдааш аз асари шарбати ҳум ва гармои оташ мадор мегирифту метафсид. Дар ниҳодаш ноаён хоҳише боло мегирифт, ки рози дилашро ба ин пирамарди нуронӣ бикушояду барои гуноҳҳои кардаву нокардааш аз Офаридгор омурзиш талабад. Аммо як эҳсоси хатарзой ӯро аз ифшои розаш бозмедошт. Ӯ медонист, ки пайчӯёну ҷосусони бародари ҳамхунаш дар чаҳор самти кишвар Атусои фирориро меҷӯянд.

- Розатро аз ман мапӯшон, духтарам, - бо навозиши рамзгирона афзуд пирамард, ки ё андешаҳои ниҳонии Атусоро пай бурда. - Ту кисти, аз кучой ва дар кадом ошён расидай?

- Намедонам бовараш меояд ё не, падар, - оҳи гароне кашида ашки чашмонашро пок кард духтариза. - Ман Атусоям, духтари Куруш.

- Атусои духти Куруш?! Офаридгоро, туро кӣ ба ин рӯз афканд?!

- Мапурс, падар! Аз пайчӯёни шоҳаншоҳ бо азобе раҳидам ва марг думболагирам аст...

- Аз марг матарс, духтарам. Мо ҳама дер ё зуд ба ҷаҳони менуӣ меравем...

- Ман аз марг тарсе надорам, падар. Рӯи нопоки бародар ва набохтани исматам маро ба ин рӯзи сиёҳ гирифтор кард.

пай асари ногувори худро ба пайкари мавзун ва тарҳи рӯяш мегузорад.

Рӯзҳои осудаву пурфарогат ва шукӯҳу ҷалоли нотакрор дар қасри падари шоҳаншоҳаш гуё бебозгашт рафта буданд. Дигар канизону пардозгарон гесӯвонашро шона задаву ба рӯяш равғану атру упои хушбӯй, ба абрувону мижгонҳояш сурмаву сиёҳии ороиш намемолиданд. Тани нарму нозукаш кайҳо бистари гарму бароҳатро фаромӯш намуда, ба рахтҳои дурушту чиркини хоб одат карда буд. Гесӯвони дарози ҳафтаҳо боз шонаро надида ва бадани дур аз гармобаву шустушӯйҳо, аз ғояти тасфу араки оташкада чиркинтар гашта, нороҳативу ғашашро меовард.

Оби ширгарми чашма, ки бо ҳаври тунукаш мавзунона ҷорӣ шуда, аз новадони сангин ба ҳавзи начандон калон мерехт, дар замири Атусо хоҳиши оббозию покшавиро бедор мекард. Саҳни обшор дар ин рӯзи офтобиву фарорасии гармиҳои баҳор ҳоливу беодам буд ва мӯйсафед ҳам аз субҳ боз наметофт. Атусо пироҳани рӯяшро кашида, аввал ба даруни оби ширгарм даромаду сипас худро ба зери обшори таги новадон расонд. Оби ширгарм мӯи анбуҳаҷиро шуста аз тораҳои гесувонаш ба ҷӯи миёни синаҳояш мешориду ҳаловате ба ҷисму ҷонаш мефиканд.

Офтоб нур мерехту бо вуҷуди сардии ҳавои огози баҳор аз пайкари мавзуни Атусо ҳавр мехест. Ӯ бо нохуну ангуштон чирки танашро мехарошиду мемолид ва акси оганда ба нураш дар сатҳи оби ҳавз такон мехӯрд. Партави зарҳалини офтоб бо ҳубобчаҳои обшор омехта, танашро пок мекарду барояш мадору тароват мебахшид.

Атусо саранҷом бо тани сабуку рӯҳи болида аз таги обшор берун омаду бо матое танашро пок карда, аввал пероҳани якқади мугӣ, сипас ҷомаи дастибофти пашмин - подошҳои мӯйсафедро пӯшиду сӯи оташкадаи гарму бароҳат шитофт. Ӯ ба рӯи лахчаҳои сӯзон даст ёзида, аз забонаҳои оташу тафси оташдони сангин гарм мешуд ва ларзаи танаш ноаён таскин меёфт.

Хуршед аз домани осмон се қади найза боло рафта, бо ҳолаи гарму нурафзояш аз равзанаи оташкада ӯро дуруд мегуфт. Атусо гесӯвони тарашро шона зада гирди сараш печониду пас аз чандин моҳи сарсониҳо бори нахуст ба оро додани абрӯвону мижгонҳо ва рухсораҳои тафсидааш шурӯъ намуд. Ҳанӯз фурсати ниёиши

сафи издиҳом пеш меомаду бовар намекард, ки аз болои погундаҳо ҳамон мӯйсафеди меҳрубону нармдили оташкада - Пири мӯбадони дахмаи Куруш бо шӯру ситез ҳарф мезанаду овои ҳадафгираш дар фазои дахма паҳн шуда, ба дилҳои ташнаи риёзат рафта мерасад.

«...Ман пас аз ранҷи бешумор ва диду боздидҳои дароз ҷаҳонро пурситам, одамонро душмани ҳам ва зиндагиро дар коми мусибату бадбахтиҳо дарёфтам. Ин ҷаҳон бо ҳангомаҳои фиребояш водии ашку хунро мемонад ва мо, одамон, чун мурғи ошёнгумкарда ба саргардониву ранҷҳо, душманиву нокомиҳо ва ситаму бечорарӯзӣ гирифторем. Вале навмед набояд шуд. Рӯзе фаро мерасад, ки Офаридгори ҷаҳони барин решаи бадкирдориҳои Аҳриманро хоҳад барканд. Зеро аз рӯзи оғоз ду гавҳар одамизодро раҳнамоӣ мекунад. Яке некӣ, дигаре бадӣ, яке рӯшноӣ ва дигаре торикӣ. Яздони пок зиндагиро аз гавҳари рӯшноӣ сиришта ба мо дар ҷаҳони минуӣ рӯзгори поку осуда ва бегазандро хоҳад бахшид.

Ай мардум! Ба Офаридгори дунёи барин ниёиш кунед, кинаву душманиро аз синаҳо дур афканед! Бо пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек бизиед, то аз хашми Яздони пок роста бошед! Хашми Офаридгор басо сангин аст ва аз он касе раҳоӣ наҳоҳад ёфт! Дар фарҷоми ниёиш дасти дуо бардошта, аз Яздони пок ва Офаридгори меҳрубону бахшоянда дархост медорем, ки моро дар ин дунёи гузарову напоянда нигаҳбон бошад ва роҳи расиданро ба ҷаҳони минуӣ бароямон осон гардонад...»

Анбӯҳи зиёратгарон аз гуфтори бепардаи Пири муғон ба ҷунбиш омада, дар миёни онҳо сафи ҳаводорони густоху ҳангомаҷӯй меафзуд. Дар як лаҳза даҳҳо мӯбади ҷавону пайравони бебоктар ба болои поғунда баромада, дар пеши пойи Пири муғон ба зону мезаданд ва дастҳояшро мебӯсиданд. Ниёишу ваъзгӯии ҳадафраси Пир ба дили онҳо асар карда, дарду аламҳои деринаро дар ниҳодашон меангехту таскин мебахшид.

Пири муғон аз ҷунбишу изтироби мардум ҳаросида, ба хондани ниёиши оҳангдоре рӯ овард ва мӯбадони ҷавон аз дунболаш сари овози ӯро гирифтанд. Атусо дар дайри муғон ҳеҷ гоҳ ин гуна ниёиши осмонӣ ва оҳанги гувороро нашунида буд. Мӯбадон бо нимовози кашидаву моломоли риёзату умедворӣ рӯ ба осмон оварда, бо лобаву ниёзмандӣ аз торикиву зулмот ва нерӯи бадӣ наҷот додани бандагонро дархост мекарданд.

ба ёд меоварду дар симои бародар пуштибону ҳимоятгари ростинашро медид.

Хиёбони пешорӯи дахмаи Куруш дар ин субҳи идонаи Наврӯз хеле серодам буд ва мардум сари по хеставу гардан ёзида расидани Бардияро бесаброна интизорӣ мекашиданд. Баногоҳ анбӯҳи одамон ду пора шуд ва чанд посбони таҳамтан пешопешу Бардия бо ҳидояти муги тануманди миёнсоле аз дунбол дуруд гуфтаву бешитоб гом ниҳода сӯи дахма роҳ мепаймуд. Анбӯҳи одамон аз дидани шоҳзодаи дерintизор ба зону фитоданд ва сӯяш даст ёзонидаву сачда оварда, аз ин пазироии хотирмон меболиданд.

Атусо дар ин лаҳзаи ҳаячонбахши пазирой ба зону заданро фаромӯш карда, аз пайроҳаи миёни одамон сӯи бародар шитофт. Танаш аз гояти ҳаячон меларзид, гӯё гирифтори табларза бошад. Посбонон дарҳол расида Атусои густоху ҳаячонзадаро, ки бебокона ба тарафи шоҳзода мерафт, аз пешорӯи ӯ ба канори пайроҳа тела доданд. Дар ин лаҳзаи ногувор чашми Бардия ба «хоҳараш» афтод, вале посбононро аз барканорсозии Атусо бознадошт. Дар нигоҳи даргузари Бардия аз густохии дӯшизаи бовиқор хавотирии ҳайратомезе чило дода, эҳсоси ошной ва шиноҳтани хоҳари дурафтодааш ҳувайдо нагашт.

Ин нигоҳи бегонавору ноошнои шоҳзода Атусоро лолу ҳайрон кард ва эҳсоси шубҳаву бадгумоние ба ниҳодаш роҳ ёфт. Ӯ дар симои Бардия як ифодаи асроромез ва такони бегонагиву нобоварирo пай бурда, ошуфтаҳолона худро қафо кашид. Атусо дар гирду пеши Бардия шиносеро аз аҳли хонадон, хидматгорону надимон ва дарбориёни ошно надида, дилаш аз бегонаҳӯии бародар рамид. Ҳатто Аршоми солхӯрда, ки Бардияро фарзандвор дӯст медошту меписандид, дар ин маросими хотирмони наврӯзӣ ҳузур надошт. Охир оини кишвардориву лашкаркашӣ, размовариву ҷавонмардӣ ва ростиву накӯкориро маҳз Аршом ба Бардия омӯзонда буд. Чаро дар сафи ҳамроҳону аҳли рикоби бародараш дигар пайвандони дуру наздик нестанд?

Атусо аз ин андешаҳои ногувор ҳаросида, худро аз пайроҳаи пешорӯи шоҳзода канор кашид ва сӯи анбӯҳи одамон шитофт. Дар лаҳзаи ба сафи мардум пайвастани ин дӯшизаи густох Бардия бори дигар ба саропои Атусо рамузгирона чашм давонид, ки дар таҳти нигоҳи озмоишкоронааш кашиши рағбатомезе нуҳуфта буд. Нигоҳи дубораи Бардия эҳсоси бегонагӣ ва рамузи ноошноиро дар миёни онҳо фузуда, ҳама ормону умедҳои Атусо-

соро аз гояти бечуръатӣ пиндошта, ба ҷоми ӯ шароб рехт ва ба нӯшидан водор намуд. Қадаҳи дуюми шароб ба тани Атусо гарміву мадор фузуда, гумону шубҳаҳои азиятоварро дар ниҳодаш каме фурӯ нишонд.

Зиёфати наврӯзӣ дас аз чандин бори нӯшбоду шодбош гуфтани муғону пешвоёни мазҳаб ва бузургону ашрофзодаҳо дучанд тафсида, ҷину хези густохона ва калавидани ҳозирон меафзуд. Баногоҳ навои резаи мусиқии рақсӣ аз саҳни толор баланд шуд ва сарҳои тафсидаву дилҳои шӯридаро ба хурӯш овард. Зеботарин рақкосаҳои Пасаргод дар ҳавои мусиқӣ берун омада, бо пероҳани дарозу миёни борик дунбаву сурин ҷунбондаву китфу сина ларзонда, ба рақсидан шурӯъ карданд. Мӯбадони ҷавонтар, ки бар асари шароб сархуш гашта буданд, аз ҳаракатҳои печону хезугири мавзунонаи рақкосаҳо ба вачд омада, пойкӯбону дастафшон ба давраи онҳо мепайвастанд. Бардия ба нармкурсии тахтмонанд такя зада, чуръаҳои шаробро меошомиду мафтунона рақси дӯшизаҳои хушхиромро назора мекард.

Нигоҳи хушҳолонаи Бардия аз болои сафи рақкосаҳо гузашта, сӯи Атусо ва муғбонуҳои ҳамнишини ӯ рафт. Атусо нигоҳи рамузгиронаи Бардияро дарёфта, фурсате ба тахти чашмони ӯ нигарист. Дар нигоҳи маънидори Бардия ба ҷои шарораҳои ошнои бародариву ҳамхунӣ, ҳаваси рағбату шефтагӣ медурахшид. Муғбонуи калонсол аз нигоҳи тӯлонии Бардия рамуз бардошта, беихтиёр аз ҷояш хесту дасти Атусоро дошта ба рақс кашид. Атусо, ки дар пешорӯи нигоҳи хушҳолонаи Бардия чораи сар печидан надошт, ночор яктаҳи рӯяшро кашиду бо пироҳани сафеди муғӣ ба рақс омад.

Саҳнаи рақс аз хиромидани Атусои мавзунқомату зебоандом ҳусни тоза гирифта, хурӯше ба миёни аҳли толор фиканд. Шоҳдухтари ҳунарозмудаву аз зеру бами навои рақс огоҳ дар як лаҳза бо чархишҳои печону пойкӯбии мавзун ва виқору тамкини ашрофонааш ҳамаро мафтун кард. Атусои каме сархуш пас аз чархишҳои нахустин мадор гирифтаву болида, бо як мавзунии нотакроре ба рақси ҷаззобу шефтакунанда рӯ овард. Баробари ҳар гому чархиши ӯ дасту панҷаҳо чудо мечунбиду бозувону соидонаш чудо ва сару гардану китфонаш дар ҳавои зарби дуҳул мавзунона такон мехӯрду синаҳои тарангу думбаи мӯронаашро меларзонд.

Чашмони Бардия аз ин рақси нотакрору дилрабо дурахшида, дар тахти он эҳсоси ҳаяҷону шефтагӣ падидор мегардид.

Бардия таконе хӯрд ва хумори шароб ҳамоно аз сараш парид. Дарҳол ба ёдаш расид, ки ин дӯшизаи густохро бори нахуст дар оромгоҳи Куруш дучор омада буд. Ошуфтаҳолона мичча зада, лаҳзае худро бепарво вонамуду сӯи Атусо рӯ оварда табассуми сохтае бар лабон афзуд:

- Хуш омадӣ, меҳрубонам Атусо! Бубахш, ки дарҳол нашинохтам. Ту аз бандхонаи Камбучия кай ва чӣ гуна берун шудӣ?

- Гурехтам! Умедвор будам, ки бародарам Бардия маро ба паноҳи худ мегирад. Вале...

- Аз гурехтанат бароям паём расониданд. Гумоштагону суханчинони Камбучия дар чаҳор сӯи кишвар туро мечӯянд ва барои ёфтанат подоши гаронбаҳое ниҳодаанд.

- Медонам. Аз омаданам ба паноҳи бародар пушаймонам, - бо дарду андӯҳ оҳе кашид Атусо ва оби дидагон ба рухсораш таровид. - Дареғи Бардияи ҷавонмарг, ки бегонае ба колбаду тахти ӯ нишаста худро писари Куруш мехонад.

- Ту чиҳо мегӯӣ, Атусо! - аз ошкор шудани розаш парешонҳол гашту даст ба корди дудама бурда якбора барошуфт Бардияи дурӯғин. - Барои ин суханҳои густохона сарат барбод меравад!

- Маро аз марг матарсон, - оромона, вале бо ғуруру сарбаландӣ пеш омад Атусо. - Метавонӣ бо корди хунрезат сари маро биситонӣ. Ё дастонамро бубандиву ба гумоштаҳои ташнаи хуни Камбучия бисупорӣ ва подоши гаронбаҳоро соҳиб шавӣ...

- Наход маро то ин андоза нобакору пастфитрат пиндорӣ, Атусо! - аз ғояти нанг ва фош гаштани асроараш ба худ печид Гавмард. - Кушодани ин роз ба сарнавишти ҳардуи мо бим дорад. Камбучия огоҳ шавад, нахуст ману сипас туро мекушад.

- Камбучия чунунзадаест, ки бо гардиши фалак ба тахти шоҳӣ расида, - бо тундгӯии ошкоро бародари шоҳаншоҳашро нафрин хонд Атусо. - Он рӯз дур нест, ки бо кирдорҳои нораво сари худашро мехӯрад.

- Забони сурх сари сабз медиҳад барбод! - бо оҳанги пандомез ӯро ором кардан хост Гавмард. - Давоми рӯзгори бегазанди мо дар роздориву розпӯшии туст, Атусо.

- Мехоҳӣ, ки сари тарошида зери кулоҳ монаду касе аз кирдори зиштат огоҳ нагардад? - ба пандгӯии Гавмард посухи тунд дод Атусо.

- Кирдори зишти каси дигареро бар дӯши ман маяфкан! - аз

- Ором шав, худро ранҷ мадеҳ, Атусо! Дар пеши маргу бадбахтии сарзада ҷуз шикебӣ дигар чорае надорем.

- Ай базаҳкори хуношом! Ай мори заҳрогин! Аз куштани Бардия дилат ором нагирифт, ки боз рӯ ба ҷони ман кардӣ! - Атусо ошуфтаҳолона менолиду рухсораҳояш лабрези сиришк оҳи сард мекашид. - Офаридгоро, тахту бахташро сарнагун бисоз! Рӯзашро сиёҳу танашро оғуштаи хуни нопокаш намой!

- Гуноҳи маро бубахшу узрамро бипазир, Атусо! - косаи сарди об бар даст парешонҳолона ба шӯру ситези дӯшизаи бародарбохта менигарист Гавмард. - Дар он куштори ноҷавонмардона ман даст надорам... Ягона гуноҳам аз тарси ҷон худро Бардия хондану бар маснади бекаси ӯ нишастан аст...

- Нас аз марги Бардияи ялу шерафкан тахту маснади ӯ дигар бароям ҷун резаи реге баҳо надорад, - Атусо ҷуръае об нӯшиду каме таскин ёфта бо оҳанги лабрези навмедӣ афзуд. - Дареғи дунёи дун, ки ягона такягоҳу умеди диламро аз ман гирифт...

- Дилшикаста машав, Атусо! - бо мехрубонӣ даст ба китфони хамидаи шоҳдухтари ғамзада ниҳод Гавмард. - Туро ба ҷои бародару фарзанди ростини падар пуштибону ғамгусор хоҳам шуд.

- Дилам ташнаи кинхоҳию қасос аст! - ҳамоно чун модашери хашмин мехурӯшид Атусо. - То кинаи хуни бародар ва ранҷу озорҳои дидаамро наситонам, дар ду гетӣ осуда нахоҳам гашт!..

- Озурдаву навмед мабош, Атусо, - бо ҳамдардӣ ӯро дилбардорӣ мекард Гавмард. - То ҷон дар бадан дорам, дигар намегузорам, ки касе туро озор бидиҳад!..

Атусо каме ором гирифта намедонист ба суханони Гавмард бовар кунад ё на. Дар ин шаби даргузари наврӯзӣ ҳангомаи марги Бардия барояш аён гардида, дасти тавонои ҷавонмарди шабеҳи бародараш ӯро ба пуштибониву ҳимоят умедвор мекард. Атусо ашки чашмонашро пок карду бо қадамҳои устувор сӯи бистари хоб шитофт. Ӯ аз гӯшаи бистар корди дудамаро гирифта, бобокона нарангушташро чок карду сипас теғи хунолудро тарафи Гавмард дароз намуд.

- Туро ба ҷои бародари ростин пазируфтам, ай ҷавонмард! Бигузор паймони мо бо омезиши хуну савганди вафодорӣ поянда бимонад!..

Аз неши корд дар кафи дасти Гавмард ҳам хун дамид. Дар ин нимашаби партавандудаи наврӯзӣ онҳо каф ба каф соиданду хуни нарангушти Атусо бо хуни Бардияи дурӯғин омезиш ёфт. Доси моҳи кохидаи осмон аз равзанаи баркади хонаи хоб ба ахду пай-

- Яздони пок нигаҳбон! Вале фирефтаи макри зан шудан кори хирадмандон нест, - аз азмаш даст накашида, бародарашро ба кинхоҳӣ ҳидоят менамуд Спендадот.

- Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ ба мо озоре нахоҳад расонд. Дар ниҳодаш гавҳари мардии Куруш нуҳуфтааст.

- Содахӯй мабош, бародар! Ормони деринаи шоҳу шоҳзодаҳо нобуд кардани душманону барканор сохтани роздонҳо ва нишастан ба маснади онҳост, Ӯ луро охир мефиребад.

- Шояд ӯ низ бифиребад! - абрӯвонашро дарҳам кашида, норозиёна сар афшонд Гавмард. - Охир мо ба фиреб додану фиреб хӯрдан кайҳо одат кардаем. Магар ҳама бурду бохти зиндагӣ худаш фиреб нест? Бовар кун, тоҷу тахт ҳам дар таковари найрангу фиреб мехиромад ва мову ту аз ин баландномии дурӯғин ҳаловат мебарем.

- Яздони пок бароямон хирад бахшидааст, то аз ҳангомаҳои росту дурӯғи ногаҳонӣ бираҳем, - ба андомаш намуди хирадмандона фузуда таъкид кард Спендадот. - Ҷуз Офаридгор ҳамаро бо кисаи зар харидану аз балову офати хатарбор раҳидан метавон...

- Не, аз ин бадкинии ноҷавонмардона ба ҷони дӯшизаи озордидаву муштипар парҳез кун, бародар, - азми сӯиқасд доштани ӯро пай бурд Гавмард. - Савганд ба номи Яздони пок, ки ман аҳду паймонамро намешиканам!

- Метарсам, ки дил бохтаӣ! - бо оҳанги кинояву маломатомез нах зад Спендадот. - Фаромӯш макун, Атусо хоҳари ростини шоҳаншоҳи рӯз - Камбуҷия аст, ки аз ҷӯши якравӣ ба ӯ сар нафаровардааст.

- Медонам, бародар. Вале пуштибониву мехрашро Офаридгор ба дилам ҷой додааст. Ва пас аз бастани паймон дигар дастам барои ранҷу озори ӯ баланд нахоҳад шуд.

- Ту чиҳо мегӯӣ, бародар? - аз пуштибонии Гавмард хашмаш ҳамоно боло мегирифт. - Магар намедонӣ, ки Камбуҷияи ноком имрӯз чун бабри хашмзада дар чор сӯи кишвари паҳновараш ӯро меҷӯяд?

- Меҳру раҳнамоии бахшидаи Яздониро пушти по задан бароям раво нест, - бо оҳанги хиҷолатомез нашм ба зер афканда, иқрор шуд Гавмард.

- Хато мекунӣ! - Бо дурушти барошуфт Спендадот. - Меҳри фиребгост, на фурӯғи Яздонӣ! Гирифтори ҳилаи зан гаштанатро дертар дармеёбиву чораи аз он раҳиданро дигар намеёбӣ!

дафн намоянд. Ба писараш фармуд, ки ҷасади худашро дар гӯшаи назарногиру дурдасти дахма ҷой бидиҳад».

Ҳеродот. Китоби сеюм. Талия, банди 16.

Ба шаҳри Саис Соли Нав меомад ва Камбуҷия дар поёни моҳи адуканиша (фарвардин) мехост оини Наврӯзро бо Соли Нави мисриён якҷоя пазируфта, маросими тоҷгузории навбатиро дар маъбади олиҳа Нейт ба ҷо орад. Шафаки субҳ мешукуфид ва ҳанӯз офтоб тулӯъ накарда, сокинони шаҳри Саис ба хиёбону кӯчаҳо мерехтанд. Камбуҷия савори гардунаи шашаспа дар миёни сафи нукрасипарони Доро аз васати роҳи ду тарафаш бо пайкараи шерҳо ороста пеш мешитофту сӯи тамошобинону ҳангомаҷӯён даст меафшонд. Аз рӯи айвонҳо ва боми ҳамвори хонаҳои баланд ашрофзодаҳои воломақому тоҷирони хушлибос саф кашида ба болои сари шоҳаншоҳи пирӯз гулбаргҳо мепошиданд. Дар миёни тамошобинони кӯчаву паскӯчаҳо чаканафурӯшону савдогарон ба харидорон шириниву нӯшокӣ, дастовезҳои идона ва гулу гулдастаҳои тару тоза пешниҳод мекарданд. Таннозҳои ишвабози мисрӣ ҳудро бо гарданбанду гӯшвораҳои арзонбаҳои рангоранг ва пероҳанҳои пурчину оро дода, шефтагони ҳусни хонумони якшаба ва ҳочаҳои хушҳамёнро мекофтанд. Посбонони ду гӯшаи роҳ дарраҳои вазнинашонро афшонда, пеши роҳи тамошобинони густоҳу ҳангомаҷӯйро мебастанд.

Дар убургоҳи маъбади Нейт анбӯҳи одамон ба ду тараф ҷафс шуда, барои посбонон ва гардунаи шоҳаншоҳ роҳ кушоданд. Камбуҷия бо ғуруру шодкомӣ аз болои якқандози пурнақшу нигори мисрӣ беозор гом ниҳода, сӯи мучассамаи баланду бошукӯҳи олиҳа Нейт, ки дар миёнаҷои зиёратгоҳи маъбад қомат афрохта буд, пеш рафт. Надимону пешхидматон бо ҳидояти саркоҳини маъбад - пирамарди, беридни, сараш урёну танаш фарбеҳ ва занахдонаш халтазада сандуқи назру подошҳоро ба пойгоҳи олиҳа Нейт - ҳомии шаҳри Саис ниҳоданд. Партави офтоб аз шабакаи равзанаҳои сақф таровида, ба рӯи олиҳа ҷилову нур мефузуд. Ҳолаи чашмони аз яшми сафеду гавҳараки бо ёқути кабуд ороёфтаи олиҳа дар партави ҳуршед дурахшида, гӯё аз подошҳои шоҳаншоҳи ба тоҷгузорӣ омада меболид.

Саркоҳин бо ҳидояти коҳинони бонуфузи маъбад тоҷи гавҳарнишон ва мурассакориро аз дасти олиҳаи баркад гирифта, бо солориву шукӯҳи тамом ба сари Камбуҷия ниҳод ва ӯро писари

ни мӯмиёии зарду пӯсти ба гӯшти бадан часпидаи фиръавнро аз китф поён бо матои дурушти оҳарӣ печонида буданд.

Чашми Камбуҷия дар партави машъал ба захрханди дар гӯшаи лабҳо нуҳуфтаи фиръавн афтоду пиндошт, ки Амасис дар дами марг ҳам ба ҳоли ӯ механдад ва аз фиреб хӯрданаш ҳаловат мебарад. Ӯ хашмашро фурӯ нишонда, дандон соид ва сӯи саркоҳин рӯ оварда, бо дурушти пурсид:

- Чаро механдад? Магар пас аз марг хандидан равост?!

- Механдад? - каме ҳайрон шуда ҳаросид саркоҳин ва бехабар аз андешаҳои дарунсӯзи шоҳаншоҳ ошуфтаҳолона шарҳ дод. - Фиръавни волонажод аз рӯи хӯй хандидану масхара кардани ҳамнишинонашро дӯст медошт[1].

- Масхарабози палид! - хурӯшид якбора Камбуҷия хашми девонавораш боло гирифта. - Шоҳаншоҳи волонажодро ҳам масхара кардан мехост?!

- Олиҳаи бегазанд Нейт аз ин бадкирдорӣ нигаҳбон бошад! - ҳанӯз ҳам ба тахти суханони Камбуҷия сарфаҳм нарафта бо овози ларзон посух дод саркоҳин. - Ӯ нерӯи ин густохиро надошт...

- Магар канизеро ба ҷои духтараш фиристодан густохиву масхара кардани шоҳаншоҳи хушбовар нест?! - охирин зарраи бардошташро бохта, бо хашму ситез хурӯшид Камбуҷия. - Тани нопокашро берун кунед!

Саркоҳин ва коҳинони машъалдори думболи ӯ аз ин дастур ҳайратзадаву карахт гаштанд. Прексасп ва чанд посбони таҳамтани Камбуҷия бо шитоб часади фиръавнро аз тобути сангин кашида, ба пешгоҳи тахти холиаш афкандand. Забонаи машъалҳо аз ҳаракати тезутунди посбонон лаппиш хӯрда, захрханди кунҷи лабони фиръавнро аёнтар месохтанд. Доро ва Уджагор-Ресент гоме чанд пеш омада, нигарони супориши навбатӣ гаштанд.

- Тозиёна! Тозиёна куҷост?! - бонг кашид Камбуҷия ва акси садояш ба саҳфи таҳхона бархӯрда, гӯё ба тани дахмаҳои дар огӯши чангу губори солҳо хуфта таконе фиканд. - Дар шарёни ман хуни поки шоҳаншоҳон ҷорист!. Вале ин бадкирдор мехост нажодамро бо хуни канизи бонусароям биолояд!..

---

[1] Ҳеродот менигорад, ки фиръавн Амасис ҳазлу шӯхӣ ва масхара кардани ҳамнишинонашро дӯст медошт ва ӯ дар зиёфату нишастҳо, ҳатто ҳангоми пазирой ва адои корҳои давлатдорӣ аз хушгӯию ҳазлу шӯхӣ рӯй наметофт. (Ниг.: Ҳеродот «Таърих». Китоби дуюм. Бандҳои 173-174).

Баҳори шукуфарез дар маросими Соли Нави мисриён ба анбӯҳи одамони пешгоҳи маъбад сабру бардошт ва илҳоми тоза мебахшиду онҳо ҳама адовату бадиҳоро аз ниҳодашон рӯфта, берун омадани фиръавни нави кишвар - писари Амонра ва олиҳа Нейт - Камбуҷияро интизорӣ мекашиданд. Вале андаруни таҳхонаи нимторик ҷасади Амасис бо сару рӯи чоку тани пӯсташ дарида мехобиду заҳрханди тамасхуромез ҳамоно дар пӯшаи лабонаш аёнтар гашта, аз хаёли Камбуҷияи кинатӯз пеши мардуми нигарони маросими тоҷгузорӣ баромаданро мерабуд.

* * *

Овозаи Дороро зери тозиёна кашидани Камбуҷия миёни сипаҳбадону саркардаҳои лашкар дарҳол паҳн шуд. Дар зиёфати бошукӯҳ, ки ба шарафи тоҷгузории Соли Нав ва фиръавни кишвар пазируфта шудани Камбуҷия ороста буданд, ҳозирон ошкору ниҳон сӯи Доро ва падараш Виштосп чашм медавонданд. Аз ин нигоҳҳои таҳдору рамузгирона Доро дар ҳоли ногувор монда бошад ҳам, худро бепарво вонамуда, ҷуръаҳои шаробро оромона фурӯ мебурд. Виштосп дар пешорӯи Доро бо симои андешаманд менишасту нигоҳаш аз парчами афрохтаи гӯшаи боми толор лағжида, беихтиёр сӯи Камбуҷияи сару либоси фиръавнӣ пӯшида ва Уджагор-Ресент - мизбони ин зиёфати хотирмони пазирой мерафт.

Насими форами рӯди Нил вазида, парчами рӯяш бо симурғи соҳибчангол зардӯзигаштаро дар болои сари ҳозирон парафшон мекарду ба меҳмонони олирутба ва ҳамнишинони атрофи шоҳаншоҳ рӯҳу мадори тоза мебахшид. Камбуҷия ғарқи шукӯҳу ҷалоли шоҳона гӯё Виштоспу Дороро фаромӯш карда, дар иҳотаи ҳозирбошони мисрӣ ва дигар ҳамсафони Уджагор-Ресент меболид. Виштосп нигоҳашро аз чанголҳои гирои симурғи парчам канда, ҷуръаи навбатии шаробро ошомиду рӯ ба Доро овард.

- Ту чаро хомӯшу бепарво мешинӣ, Доро?! Чаро тоҷгузории шоҳаншоҳро дар қаламрави фиръавнҳо дуруду шодбош намегӯӣ?! Магар намедонӣ, ки Камбуҷия хомӯшону одамгурезонро намеписандад?

- Наметавонам, падар! - оҳи чигарсӯзе кашида гӯшаи лабашро газид Доро. - Рӯзҳои охир нерӯи тану ҷонам коҳида, дилам аз ҳангомаҳои равову норавои тоҷгузорӣ сард гаштааст.

- Боз аз хушёриат намонди, Доро. Мо ҳазорон касро сар зада, бартарии маргро аз зиндагӣ дарнаёфтем.

- Маргу зиндагӣ ҳамеша дар набарданд, падар. Дар тарозуи рӯзгор номусу нанг ва хушномии одамӣ сангу посанги онҳост.

- Барои зиндагӣ менӯшем! - нигоҳаш дурахшида аз далели овардаи писар ризо шуд Виштосп.

- Барои марг менӯшем, ки шоҳу гадо дар пешаш бечораву нотавон аст! - аз нигоҳи падар рамуз бардошта, бо дилпуриву қатъият шаробашро ошомид Доро.

Зиёфати тоҷгузорӣ ва базму бозӣ авҷ мегирифту Уджагор-Ресент аз шукуфтарӯиву хушҳолии Камбучия рӯҳу равони тоза мебардошт. Парчами зардӯзии давлат ҳамоно парпанак мезаду алвонҷ мерафт ва аз насими форами дами бегоҳ ҳозирони сархушу болидахотир ҳаловат мебурданд. Ҳолаи бузургу сурхранги офтоб дар домани уфуқ майли гуруб карда, сӯи меҳмонону мизбонони шодкоми зиёфати тоҷгузорӣ хайрбод мегуфт.

8. ВАСВАСАҲОИ КИШВАРКУШОӢ

Камбучия поёни моҳи охирини зимистон - вийахнаи[1] Соли нави 524 то мелод бо подошу дастовезҳои афзун ба шаҳри Мемфис бозгашта, барояш насаби Месут-ра - фиръавни Миср ва шоҳаншоҳи чор самти мамлакатро пазируфт ва ба сулолаи 27-уми фиръавнҳо бунёд гузошт. Фасли баҳор ва огози тобистон бо пазироии сафирони кишварҳои дуру наздик, шодбошу таҳниятгӯӣ ва фиристодану овардани тӯҳфаву дастовезҳои сипосгузорӣ гузашт.

Шоҳаншоҳи щодкому болидахотир бар тахти бостонии фиръавнҳо нишаста, худро дар авҷи пирӯзиву некбахтӣ мепиндошт, вале дар як гӯшаи хаёлаш кушодани кишвари болооби рӯди Нил - сарзамини Куш[2] (Эфиоп), ки аксари савдогарону

---

[1] *Вийахна*, моҳи огози шудгори замин, моҳи дувоздаҳуми солшумории форсии қадим, ба нимаи моҳҳои феврал-марти солшумории мелодӣ рост меояд.

[2] *Куш*, давлати қадима, ки дар қисмати ҷанубии Миср қадим, аз қитъаҳои 1-ум то 6-уми сароби рӯди Нил (ҳудуди ҳозираи Судон ва Миср ҷанубӣ) вокеъ буда, аз ҷониби Ҳеродот ва дигар таърихнигорони юнонӣ Эфиоп зикр шудааст. Авҷи шукуфоии давлати Куш ба асрҳои XVI-XV то мелод рост меояд, ки он вақт қисми ҷанубии Миррро забт кардааст. Дертар Кушро (а.12 то милод) фиръавнҳои Миср фатҳ намудаанд, ки борҳо озод шудаву боз зери васояти фиръавнҳо афтодааст. Камбучия низ чун фиръавни сулолаи XXVII маҳз барои мутеъ

Доро бо дастаҳои сипоҳи пиёданизомаш пас аз нимарӯзӣ расида, дар бошишгоҳи канори шаҳр маскан гирифт. То фарорасии бегоҳирӯзӣ ҳанӯз фурсат бошад ҳам, рафҳои бозори калони шаҳр холӣ ва дари қариб ҳамаи дӯконҳо баста буданд. Пас аз хиргоҳ задану ҷобаҷо шудани дастаҳо бо амри Доро солорони дегу коса ду таковари осебдидаву пояш шикастаро сар зада, ба омода кардани ғизои шом шурӯъ намуданд. Шабҳангом пайкороне Камбучия ба Доро ва дигар сарони лашкар дастӯре расониданд, ки се рӯз ба гирдоварии маводи ғизоӣ ва захираи хӯрокаи лашкар саргардон шуда, рӯзи чорум омодаи сафар гарданд.

Воқеан субҳи рӯзи чорум ҳанӯз захираи кофии ғизоӣ омода нагашта, фармони ба роҳ баромадани лашкар ба ҳамаи ҷабҳаҳо расид. Доро, ки чун дигар сипаҳбадон дар ин фурсати кӯтоҳ маводи кироии ғизоӣ дастрас накарда буд, ночор халтаҳои гандуму ҷав, орду биринҷ, кӯзаҳои равғани зайтуну шароб ва дигар захираи хӯрокаро ба ғардунаҳо ва аспу улави ақибгоҳ бор карда, аз думболи лашкари раҳсипори саворавву пиёда ба роҳ афтод.

Дар ду канори роҳи тӯлонӣ ва дилгиркунандаи канораҳои Фив тирамоҳ бо ранги хазонаш мерасид. Деҳқонону заминдорон ҳосилро ғундошта ва дар баъзе марзҳо хасу хошоки пасмондаро оташ зада буданд. Аз дунболи таковарон ва лашкари пешсаф чангу ғубор хеста, бо дуду тафи саҳро меомехту дар фазои ғализу ғуборандуда паҳн мегашт.

Шамоли сарди тирамоҳ хазонбаргҳои сари роҳро мерӯфту ғубори дудолударо сӯи сипоҳи думболагир меовард. Дастаҳои пиёдагарди Доро аз паҳноҳои дашти канори Фив якмаром гом бардошта, аз дунболи ҷабҳаи саворону гардунадорон пеш мешитофтанд. Қарибиҳои бегоҳ рухсати лангар задан доданд ва дар дашти васеъ қатори чодиру хаймаҳои сипаҳбадон ва гулханҳои фурӯзон афзуд. Доро дар назди гулхане ҷой гирифта, силоҳдорашро аз хайма афрохтан боздошт ва хастаҳолона ба рӯи ғарами сипару хафтон ва дигар ашёҳои рӯиҳам гузоштааш такя зад. Сипоҳиён баъди сарфи хӯроки шом дар гирди гулханҳо давра ороставу ба рӯи кулворҳояшон сар ниҳода, омодаи хоб мегаштанд. Сипоҳии солдидае аз ҷилд дуторашро бароварда, ба навохтан сар кард. Навои форам, вале ҳузнангези дутор ба фазои бошишгоҳ танин афканда, дили озурдаи Дороро таскин мебахшид.

Камбуҷия қарор дошт, аз думболи ҷабҳаҳои Гобрияву Виштосп ва Отану Виндафарна ба роҳ даромад. Аз сари роҳи сипоҳиёни Доро паи суми аспу чархи гардунаҳои пешсаф, хокистари гулханҳову оташдонҳои ҳанӯз лахчаашон фурӯзон, сангҳои дудхӯрдаву ҳезумҳои нимсӯхта ва пасмондаи устухонҳову косаву кӯзаҳои шикастаи сафолӣ мебаромаданд. Доро савори таковар андешамандона роҳ мепаймуду офтоби нураш коҳида ва шамоли сарди тирамоҳ аз фаро расидани хунукиҳои пешомад паём меовард. Дар қуллаҳои кӯҳҳои дурдур барф борида, аз шитоби нобаҳангому хатархези лашкар ба кишвари дуру ноошно ҳушдор медод.

Ҳафтаи дуюму сеюми роҳпаймоӣ низ бе нохушӣ поён ёфта, дар сари роҳи сипоҳиён ягон деҳаи обод ё деҳкадаи хурде падид намеомад. Фақат дар тани шаҳҳои баланд сӯроҳии дари козаи нуҳуфтаву дастнорасе гоҳ-гоҳ ба чашм мерасид, ки ғувоҳи бошандагони камшумори ин минтақаи душворгузар буданд. Дар замини шӯрахӯрдаву беҳосил ягон-ягон буттаҳои хазонрасида ва гиёҳу алафҳои хордору хушкида вомехӯрданд, ки Доро дар фосилаи роҳи тӯлонӣ бо дареғу афсӯс торафт камчин шудани хӯроки чорво ва аспу улавҳоро дармеёфт.

Бегоҳирӯзии охири ҳафтаи сеюм амри дар домани теппакӯҳе лангар задан расид ва дастаҳои пешсафи савора аз аспу улавҳо фаромада, ҷои хиргоҳзаниву шабгузаронӣ пайдо мекарданд. Доро гардиши охирини теппакӯҳро мепаймуд, ки баногоҳ селаи тирҳои лайкон аз пушти сарашон борида, сипоҳиёни хастаҳолашро ғофилгир намуд. Яқбора чандин сипоҳи сафи ақиб фарёди ҷонхароше кашида, ба замин афтоданд. Доро осемасар аспашро маҳмез зада, сӯи дараи тангу нишебрӯи бари теппакӯҳ шитофт. Дастаи савораҳои сиёҳпӯсту сабзинаандоми ваҳшихӯе дар сари този таковарони безину лаҷомашон паёпай тир афканда, сӯи онҳо ҳамла меовардand.

Бо дастури Доро табли хатар зада, бо сипарҳои ҷафс дар пешорӯи мавҷи тирҳои лайкон девора бастанд. Аз бонги хатар савораҳои Гобрия, ки начандон дуртар роҳ мепаймуданд, дарҳол бозгашта, ҷониби ҳамлаварони ваҳшихӯй асп тозониданд. Дастаҳои ҳамлавар чун ба ҳимояи пиёдагардон шитофтани савораҳоро диданд, зайли галаи гургони хуношом бонги хатари даҳшатноке кашида, ба тахтапушти аспҳояшон ҷафс шуданду сӯи фарози теппакӯҳ рӯ ба фирор оварданд. Онҳо дар сари този аспашон ба қафо паёпай тир афканда, якчанд саво-

онҳоро аз нигоҳи нахустин пай бурд. Аксари сипоҳиён либосҳои тару тунук ва пойафзорҳои даридаву тагаш сӯрох дошта, дар тарҳи рӯяшон мӯҳри навмедӣ ва хастаҳолӣ нақш баста буд. Чанде аз сипоҳиёни солдидаву ҷангозмуда пӯсти тани таковарере пора карда, ба ҷои пойафзор ба пойҳо печонидаву чанде дигараш пӯсти пашмҳояш овезони гӯсфандеро чун нимпӯстин бар китф афканда, худро аз сармои нобаҳангом эмин медоштанд. Дертар Доро ҳангому сӯхбату пурсуҷӯйҳо пай бурд, ки хӯрокаи сипоҳиёнаш ҳафтае пеш тамом шуда, ба онҳо аз ҳисоби захираи ақибгоҳи лашкар барои аз пой наафтодан ҳар субҳ ғизои ночизе медодаанд.

Доро аз розпӯшонии солорони ғизои лашкар ва симои андешаманди падараш Гобрия оқибат дарёфт, ки захираи хӯрокаи ақибгоҳ барои як ҳафтаи дигар мерасад ва он тарафаш ба тасодуфи ризқи пешомаду меҳрубонии Яздонипок вобастааст. Аз рӯи тахмини сарлашкарон онҳо беш аз нисфи роҳро паймуда бошанд ҳам, роҳбаладони лашкар дар ин марзу буми ноошно роҳгум заданду бо фарзу гумон пеш рафта, фарҷоми сарнавишташонро намедонистанд. Сипаҳсолорони ҷангозмуда Гобрияву Отан аз фарорасии хатари гуруснагӣ, душвориҳои роҳ ва сирояти бемориву марги рӯзафзуни сипоҳиён ба Камбучия хушдор дода, бозгаштанро ба шаҳри Фив пешниҳод карда бошанд ҳам, шоҳаншоҳ бо хашму ғазаб онҳоро сарзаниш карда аз наздик будани пирӯзӣ лоф мезад.

Уджагор-Ресент чун пештара дигар худнамоӣ намекард. Роҳгум задани дастаи талояву роҳбаладони пешсаф ӯро дамдузду камгап намуда, рӯзҳои охир оқибати пешомадашро меандешид. Ариадн бошад, базму дилхушиҳои шоҳаншоҳро бо нозанинони мӯрчамиёни мисрӣ, соқиёни барнову мутрибони хушовоз шукӯҳи тоза бахшида намегузошт, ки андешаҳои ногувор ва хаёлҳои ботил ба сари Камбучия роҳ ёбанд.

Моҳи сеюми тирамоҳ низ бо боду боронҳои паёпай ва душвориҳои роҳу бероҳаҳои ношинос поён ёфту зимистон бо сардиҳои азиятовару ҷонкоҳаш фаро расид. Ҳафтаҳои охир якбора маргу мири улавҳои боркашу таковарони роҳкӯфтаи гуруснаҳол афзуда, ҷои коҳидаи ғизои сарбозонро каме пур мекард. Дар саросари роҳи лашкар гардунаҳои шикаста, ҷасадҳои лоғару бесоҳиби магорбаста ва устухонпораҳои фитодаи аспу улавҳо ба чашм мерасиданд. Дар фазои сарду паҳновар селаи лошаҳӯрон болу пар афшонда, шикваомез

хашму ғазаб бонг зад Камбучия рӯ ба Ариадн оварда. - Чаро пайваста базму шодӣ меороиву аз ин даҳшати марг маро огоҳ намекунӣ?!

- Сипаҳсолорони солдида Отан ва Гобрия ба шоҳаншоҳи волонажод паёми нохуши ин бемориҳоро расониданд, - баҳона пеш овард Ариадн аз хашми шоҳаншоҳ ҳаросида. - Вале касе чашмдор набуд, ки ин балои марговар дарҳол ба сафи лашкар осеби гарон меорад.

- Лашкар сафи варшикастае дорад, шоҳаншоҳ, - гоме пеш ниҳода суханони Гобрияро дастгирӣ кард Отан. - Ҳар рӯз садҳо сипоҳиёну аспу савори аз балои табларзаву газанди вабо афтода ҷон медиҳанд!..

Сукути гароне бо миён омад ва Гобрия аз нигоҳи маънидори Отан рамуз бардошта хост, ки ҳавову ҳаваси кишваркушоиро дар дили Камбучияи якраву густох то ҷое рахна занад.

- Газанди вабо доман зада, камтар аз ними лашкарро ба комаш кашид. Дар ин фурсати доман задани офати табларзаву газанди вабо пеш рафтану мушт ба девори сангин кӯфтан кори хирадмандон нест, шоҳаншоҳ!

Дар нигоҳи андешаманду ҳузнолуди Камбучия эҳсоси дудилагӣ падид омада, заҳрханде дар лабонаш дамид. Бо вуҷуди хунукии ҳаво аракӣ сарде аз таги бағалаш шорида, гӯё табларзае ба танаш роҳ меёфт. Дар посух ҳарфи муносибе наёфта, беихтиёр рӯ ба Доро овард, ки дар паси сарлашкарон меистод.

- Гирифтани Куш чӣ мешавад, Доро?! Наход дар пешорӯи шаҳри Напата - пойтахти моломоли тилову сарвати афзун аз кишварситонӣ даст бикашем?!

- Аз хунам бигзар, ҷаҳонпаноҳ! - дар ҳоли ногуворе монда пештар омад Дорои ҳанӯз логару рангаш коҳида. - Ба болои табларзаву газанди вабо боз аз рӯи шугункушоӣ якдигарро куштану хӯрдани сипоҳиён авҷ мегирад...

- Куштану хӯрдани якдигар?! Ба ин даҳшати гӯшношунид чандон боварам намеояд, Доро!..

- Панҷ даҳсолору се садсолори шугункушойро бо раҳнамоии сипаҳбадон ҳамин субҳ овехтем, шоҳам. Худсариву густохӣ торафт меафзояд, сипоҳи ғуруснаву даҳшатзада ба фармондеҳон гӯш кардан намехоҳанд...

Камбучия лаҳзае сӯи ҷасадҳои бар тани дор овезон чашм дӯхту сипас бо нигоҳи кинабору хашмандуда саропои Ариадн-ро чену бар намуда амр дод:

захираҳои ғизояшро ба ғорат мебурданд. Доро аз кучое боз як таковари бо зину афзор пайдо намуда, Камбучияро ба он савор мекарду сафи посбонони пиёдаашро дучанд меафзуд.

Аз асари барфи тару боронҳои пай дар пай рӯди Нил аз соҳил сар зада, шумораи ботлоқу ҳавзҳои гилолудро меафзуд, ки ҳангоми убури онҳо даҳҳо сипоҳиён ба об ғарқ шудаву ба коми ботлоқ мерафтанд. Камбучия бо сари хаму дили пурандӯҳ дар иҳотаи посбононаш асп меронду мепиндошт, ки кӯҳи гаронеро бар дӯшаш бор кардаанд. Ӯ ҳатто аз вохӯрдан бо сипаҳбадону сарлашкарон меҳаросид ва дар ин кишваркушоии беҳунарона худро гунаҳкор мепиндошт.

Саранҷом огози моҳи сеюми зимистон як бегоҳирӯзии тираву боронрез онҳо ба шаҳри Фив расиданд. Шаҳрдори ғофилмонда аз ин бозгашти ногаҳонии лашкари сафаш сеҷанд коҳида сарҳисобашро бохта бошад ҳам, фаршеро бо шитоб дар пеши таковари Камбучия густурду ӯро ба қасри хосааш ҳидоят намуд. Шоҳаншоҳ баъди лашкаркашии бебарори қариб шашмоҳа дар болои пояндозҳои серпату хонаи васеи гарму бароҳат бо дарду андӯҳ гом мениҳоду ҳеҷ бовараш намеомад, ки аз он ҳангомаи мудҳишу марговар чон ба саломат бурдааст.

Ҳафтае дар Фив баросуданду Камбучия аз асари шаробу зиёфатҳои бошукӯҳ каме таскин ёфта, рӯзе Дороро ба наздаш хонд. Баъди ҳолпурсӣ ва шунидани беҳ шудани вазъи лашкар дастур дод, ки дастаеро аз сипоҳиёни яккачин гирд оварда, ба ҷустуҷӯи фавҷҳои бознагаштаи Фанес ва Корун раҳсипор шавад. Доро ночор ҳазор тан сарбозони солиму корозмударо баргузида, поёни моҳи охири зимистон сӯи биёбони Ливия раҳсипор гардид.

Рӯди паҳновари Нил қафо монда, дар даштҳои канори он гиёҳу алафҳои ҷонбахши баҳорӣ медамиданд ва таковарони логару роҳкӯфтаро мадори тоза мебахшиданд. Доро аз роҳи деринаи корвонгузари ғарбӣ ба биёбони паҳновари Ливия ворид гашта, баъди кофтукову пурсуҷӯйҳои зиёд оқибат ба сипоҳи камшумор ва хастаҷони Корун дучор омад. Расидани сипоҳи Доро ба наъмондаҳои лашкари Корун рӯҳу равони тоза бахшида, умеди раҳоиро дар дилашон меафзуд.

Пас аз диду боздиди кӯтоҳ онҳо роҳи бозгаштро пеш гирифтанд ва Доро фочиаи мудҳиши ба сарашон фитодаро дар тӯли роҳ борҳо шунид. Аз рӯи ҳикояти Корун ҳарду ҷабҳаи сипоҳиёни онҳо аз биёбони сарду бесоби Ливия зиёда аз як моҳ роҳ паймуда,

Мавҷи хомаҳои бархеставу сели тундбоди регандуда чун балои осмонӣ ба сарашон рехта онҳоро мегӯронид. Сарбозони захмину нотавон ба зери хомаҳои рег мондаву нафасгир шуда ҷон медоданд. Аз шиддати тундбоду ҳамлаи рег як қадам пешро дидан имкон надошт. Фиғони тундбоду тупаланги сели рег шабҳангом ором гирифт ва аз канори осмони ғуборандуда ҳолаи моҳи хира намудор гашт. Корун сипоҳиёни ҷон ба саломат бурдаро гирд оварда, ба дараи танге бурд, ки дар миёни ду теппаи рег якқад мехобид.

Сипоҳиёни хастаҷон, ки аз офати марги ногаҳонӣ раҳида буданд, қурси моҳи хираро дар болои сарашон дида каме баросуданду машғули аз сару танашон афшондани рег гаштанд. Ҳавои биёбон баъди ҳамлаи тундбод сардтар гашта, дар миёни хомаҳои рег барои оташафрӯзӣ порае ҳезум ёфт намешуд. Баъди сарфи нону ғизои ночизи шом сипоҳиён фурсате ба ҷомаву чодирҳо печида хавотиромез ба паҳнои биёбони орамидаву осмони тирагун менигаристанду торафт рӯшан шудани чанбари мох ва сукути биёбонро фоли нек пиндошта ба хоб мерафтанд. Вале касе намедонист, ки ин сукути фиребо ва хомӯшии таскинбахши биёбон гувоҳи тӯфони навбатии даҳшатноктарест, ки марги ногаҳониро дар камин дорад.

Нимашаб Корун аз шиҳаи таковарону наъраи улавҳои боркаш бедор шуда пай бурд, ки тундбоди даҳшатнок дубора авҷ мегираду бо сели реги равонаш сарбозони хуфтаро дар як дам мегӯронад. Гӯё дар торикии даҳшатноки нимашаб ҳангомаи растохез фаро расида буду уллоси девонавори тундбод ва мавҷи селосои рег замину замонро фаро мегирифт. Биёбон чун дарандаи ҳазими хашмгине мегурриду хомаҳои бузурги рег хез гирифтаву такон хӯрда, чун мавҷҳои даҳшатноки аз тӯфони баҳр шӯрида ҳамаро ба комаш мекашид.

Рӯзи дигар тӯфон ором гирифту чангу губор қадре пароканда шуда офтоби хирасӯз дар миёни осмон падидор гардид. Корун мисли ҷунунзадаҳо аз болои хомаҳои реги навруста, ки дараи дипшабаро пур карда буд, пасу пеш медавиду дасту пойҳои беруншударо аз миёни теппареги ба ҷои дара ёзида берун мекашид. Ӯ тани бечону карахтгашта ва ҷисми ба хоку рег олудаи ҳазорон сарбозонро медиду ду даст сӯи осмон бардошта фиғон мекашиду мегирист ва ба Офаридгори кинаварз лаънату нафрин мехонд. Ниҳоят сарбозони зиндамондаи камшуморашро гирд оварда, роҳи бозгаштро пеш гирифт. Аз сари роҳаш ягон-ягон сипоҳиёни

Мавҷи хомаҳои бархеставу сели тундбоди регандуда чун балои осмонӣ ба сарашон рехта онҳоро мегӯронид. Сарбозони захмину нотавон ба зери хомаҳои рег мондаву нафасгир шуда ҷон медоданд. Аз шиддати тундбоду ҳамлаи рег як қадам пешро дидан имкон надошт. Фиғони тундбоду тупаланги сели рег шабҳангом ором гирифт ва аз канори осмони ғуборандуда ҳолаи моҳи хира намудор гашт. Корун сипоҳиёни ҷон ба саломат бурдаро гирд оварда, ба дараи танге бурд, ки дар миёни ду теппаи рег якқад мехобид.

Сипоҳиёни хастаҷон, ки аз офати марги ногаҳонӣ раҳида буданд, қурси моҳи хираро дар болои сарашон дида каме баросуданду машғули аз сару танашон афшондани рег гаштанд. Ҳавои биёбон баъди ҳамлаи тундбод сардтар гашта, дар миёни хомаҳои рег барои оташафрӯзӣ порае ҳезум ёфт намешуд. Баъди сарфи нону гизои ночизи шом сипоҳиён фурсате ба ҷомаву чодирҳо печида хавотиромез ба паҳнои биёбони орамидаву осмони тирагун менигаристанду торафт рӯшан шудани чанбари моҳ ва сукути биёбонро фоли нек пиндошта ба хоб мерафтанд. Вале касе намедонист, ки ин сукути фиребо ва хомӯшии таскинбахши биёбон гувоҳи тӯфони навбатии даҳшатноктарест, ки марги ногаҳониро дар қамин дорад.

Нимашаб Корун аз шиҳаи таковарону наъраи улавҳои боркаш бедор шуда пай бурд, ки тундбоди даҳшатнок дубора авҷ мегираду бо сели реги равонаш сарбозони хуфтаро дар як дам мегӯронад. Гӯё дар торикии даҳшатноки нимашаб ҳангомаи растохез фаро расида буду уллоси девонавори тундбод ва мавҷи селосои рег замину замонро фаро мегирифт. Биёбон чун дарандаи азими хашмгине мегурриду хомаҳои бузурги рег хез гирифтаву такон хӯрда, чун мавҷҳои даҳшатноки аз тӯфони баҳр шӯрида ҳамаро ба комаш мекашид.

Рӯзи дигар тӯфон ором гирифту ғубор қадре пароканда шуда офтоби хирасӯз дар миёни осмон падидор гардид. Корун мисли ҷунунзадаҳо аз болои хомаҳои реги навруста, ки дараи дишабаро пур карда буд, пасу пеш медавиду дасту пойҳои беруншударо аз миёни теппареги ба ҷои дара ёзида берун мекашид. Ӯ тани бечону карахтгашта ва ҷисми ба хоку рег олудаи ҳазорон сарбозонро медиду ду даст сӯи осмон бардошта фиғон мекашиду мегирист ва ба Офаридгори кинаварз лаънату нафрин мехонд. Ниҳоят сарбозони зиндамондаи камшуморашро гирд оварда, роҳи бозгаштро пеш гирифт. Аз сари роҳаш ягон-ягон сипоҳиёни

бохтан ва дар нимароҳ афтодану дигар барнахестани сипоҳиёни лоғари нуқрасипарашро пеши назар меоварду тапидани дилаш шиддат мегирифт, нафасаш танг мешуд ва ба дасту пояш ларза мефитод. Хотираш парешону ниҳодаш огандаи тарсу ҳарос мегашт ва мепиндошт, ки чанголи тавонои кинахоҳе аз пушти сараш ёзида дер ё зуд гулӯяшро мефишораду хунбаҳои сипоҳиёни нобудшударо меситонад.

Ба дарду алами лашкаркашии бебарор боз мусибатҳои хушксолии ногаҳонӣ ва овозаву хабарҳои нохуш зам шуда, ваҳму ҳаросашро дучанд мекард. Ӯ намедонист, ки ин ваҳму ҳароси дахшатбор ба ниҳодаш аз куҷо роҳ меёбаду дар хобу бедорӣ чун шабаҳи ноаёне думболагираш мешавад. Ҳатто пас аз шабзиндадорию бедорхобиҳои тӯлонӣ лаҳзае ғанаб мерафту гумон мекард, ки ҳамон чанголи беамон аз куҷое расида қасди ситонидани ҷонаш менамояду нафасаш якбора ба дарун меафтад. Ӯ аз ганаби даргузар бо бонгу ниҳеб ҷаста мехест ва пай мебурд, ки шабаҳи марг ӯро дар хобу бедорӣ таъқиб мекунаду лаҳзае баросудан намегузорад.

Камбуҷия ин ҳоли табоҳашро аз ҳамнишинони дуру наздик ниҳон дошта, аз субҳ то шом андаруни қасраш танҳо менишаст ва қариб касеро ба ҳузур намепазирифт. Рӯзҳои гарми тобистон кайҳо фаро расида бошанд ҳам, ӯ пардаҳои равзанаи қасрашро чун фасли сармо пӯшонида, дар утоқи гарму нимторик танҳо менишаст ва ғарқи обу арақ чигуна гузаштани субҳу шомро чандон пай намебурд.

Надимону хизматгорон чун сояе хомӯшу бесадо дар наздаш пайдо шуда, супориши дӯшгузорашонро адо мекарданду зайли шабаҳи даргузар ғайб мезаданд. Ҳамсараш Рухшона низ аз ин канорачӯиву узлатнишиниҳои шоҳаншоҳ хавотир гашта, мехост ҳангоми сарфи хӯроки нимарӯзӣ, ки гоҳе ҳамроҳ медиданд, ӯро таскин бахшаду рӯҳашро ҷавозиш намояд. Аммо Камбуҷия тоқати шунидани пандеро надошт ва ҳатто хушзабонию мехрубониҳои Рухшона хотирашро парешону ошуфтатар мекард.

Ӯ як нимашаби тобистон азияти бехобӣ кашида, ҳангоми сапедадами гарму дилгиркунанда майли ганаб рафтан дошт, ки Прексасп бесадо вориди хонаи хобаш гашта, хавотиромез овоз рӯшан кард. Камбуҷия чашмони варамидаву нимапӯшашро кушода дарёфт, ки посбонсолор паёми бедиранге овардааст, вагарна дар ин субҳи бармаҳал ӯро ташвиш намедод.

фи сипоҳиёни савораву пиёдаи Гаубру аз ниҳонгоҳашон дартоз пеш омада бо сипарҳои бузургашон гирдогирди издиҳомро чун девори устувор печониданд. Дар ин фурсати ногаҳонии изтиробу парешонӣ сипоҳиёни миёни мардум аз таги либосҳои мисриашон шамшеру тегҳоро берун кашида, ба ҷавонони таҳамтану коҳинони шубҳанок дарафтоданд. Дар миёни деворҳои баланду калъаосои кӯчаи начандон васеъ шӯру фиғон ва фарёди имдодхоҳонаи издиҳом ба фазо печида, афту дарафти ногаҳониву задухӯрди тезутунд авҷ мегирифт. Ҷавонони ошӯбпеша, ки дар ин тангнои номуносиб ғофилгир шуда буданд, чанде бардорузан мекарданду беҳуда будани пайкорашонро пай бурда ба тақдир тан медоданд.

Ҳанӯз нимарӯз нарасида ошӯбгарон саркӯб гардиданд ва саркардаҳояшон дастгир шуданд. Сипоҳиёни Камбучия аз рӯи дастури пешакӣ дастаҳои ҷавонони шубҳаноку ошӯбпешаро печонида бонавбат сӯи зиндон мебурданд. Ҳангомачӯёни ноогоҳу касони бехабар аз ошӯб пас аз пурсучӯйҳои кӯтоҳ аз ҳалқаи сипоҳиёни пирӯз раҳида кӯчаро холӣ мекарданд. Чанде нагузашта дастаи сипоҳиёни боркашу гардунадор расида, ҷасадҳои бечону касони захминро ба замбару гардунаҳо бор карда ба кучое бурданд. Дар кӯчаи моломоли чӯбу санг ва хоку хун коҳинони парешонҳол мондануду гови муқаддас, ки аз пархошу задухӯрд ҳаросида изтиробомез пой мекӯфту сар меафшонд ва садои зангӯлааш чун бонги мотам ба фазо мепечид.

Баногоҳ аз саргаҳи кӯчаи зиндон гардунаи чаҳораспае намудор гашт, ки дар иҳотаи савороне нуқрасипар пеш меомад. Гардуна дар пешорӯи саркоҳин бозистоду аз даруни он Камбучия бо либосҳои шоҳонаву чашмони аз бехобӣ варамида берун шуд. Дастаи посбонони Прексасп гирди шоҳаншоҳро дарҳол печониданд ва ӯ пирӯзона гом ниҳода назди саркоҳини маъбади Мемфис омад.

- Ин чӣ ҳангомаест, ки дар шаҳр хезонидед?! - бо хашму ситез саркоҳини солхӯрдаро пурсид Камбучия. - Кишвар гирифтори қаҳтиву хушксолисту шумо хурсандиву рақсу бозӣ мекунед?

- Аз хунамон бигзар, шоҳаншоҳ! - дар ҳоли ногувор монда нимтаъзим намуд саркоҳин. - Мо аз рӯи оини дерина солгарди падид омадани гови муқаддасро, ки ёри писандидаи Худост, пазирой мекунем.

- Гови муқаддас?! - ба сар то пои гови ороставу ба гарданаш зангулаи тиллӣ баста нигарист Камбучия. - Магар гов ҳам муқаддасу писандидаи Худо мешавад?

чуқурӣ кофта, то гулӯяшон хокпӯш намуданд[1]. Шоҳаншоҳ садсолори сездаҳумро, ки аз қавми порсҳои пасаргодӣ ва дӯсти овони кӯдакиаш буд, бо кадом андешае нигоҳ дошта, гумоне зонумол хазидану пойҳояшро бӯсида омурзиш пурсидани ӯро намедид. Камбуҷия гӯё дубора мадор гирифта, аз чанголи тарсу ноумедӣ раҳида буд ва ҳамроҳи Ариадни озодшуда ба болои сари садсолорони гирифтори мусибат меомаду онҳоро тамасхуромез таскин медод.

- Бардошт кунед, дӯстон! Ошӯбгарону дурӯягон пурсабру бардошт мешаванд. Касе ду ҳафта беобу нон зинда монад, гуноҳашро мебахшам.

Дар поёни маросими ҷазодиҳӣ Камбуҷия фурсате ба сари ҳаму ҳоли зори садсолори охирин, ки навмедона нигарони марг буд, чашм дӯхту сӯи Прексасп амр дод:

- Дӯсти бадбахту намакносипоси маро ба зиндон биафкан! Бигузор Ниёбахш лаҳзаҳои гуворои умри кӯдакиро дар танҳоӣ ёд кунад.

Ҳангоме ки Доро поёни ҳафтаи дуюм аз шаҳри Саис бозгашт, садсолори охирин ҷоне дар рамақ дошту бо умеди раҳоӣ базӯр нафас мекашид. Ариадн, ки бо ҳидояти шоҳаншоҳ ба маснади волигии Миср расида буд, аз пеши Доро бо худнамоии густохона гузашта лагаде ба сари садсолори умедвори раҳоӣ кӯфт. Садсолори нотавон оҳе кашиду ҷон бохт ва нигоҳи бемадору имдодхоҳонааш лаҳзае ба тарҳи рӯи лоғару офтобсӯхтаи Доро дармонд.

* * *

Тобистон бо хушксоливу гармиҳои тоқатфарсояш гузашту нимаи моҳи варказана[1] - моҳи сеюми тирамоҳи хушку бебориш фаро расид. Замин чун санг сахт шуда, дар ҷӯйҳо об намонд, маргзорҳо ҳама хушкид ва дар нисфи кишвар гиёҳе аз замин на-

---

[1] Аз рӯи маълумоти Ҳеродот ва дигар муаррихони юнонӣ Камбуҷия гови муқаддас Аписро кушта, коҳинонро тозиёнакӯб менамояд ва Псаметихро ба ҳавзи пур аз тимсоҳ меафканаду дувоздаҳ тан фармондеҳони ба ошӯб гумонбаршударо то гулӯяшон дар хок гӯр мекунад. (Нигр. Ҳеродот. Таърих. Китоби III, 27, 29; 32, 34-35)

[1] *Варказана,* мазмунан моҳи задани гург, дар гоҳшумории замони Ҳахоманишиён моҳи ҳаштуми сол, ки ба 22 октябр - 20 ноябри солшумории мелодӣ рост меояд.

дарбориёни хирасар ва дигар хоҷатмандонро бозмедошту маросими қабулро қафотар меафканд. Аз миёни аҳли дарбор кам касон медонистанд, ки шоҳаншоҳ саргарми тамошои набардҳои хунини шери таҳамтане аст, ки барояш Уджагор-Ресент аз нахлистонҳои дури Миср оварда буд. Гумоштаву ройзани дурандеш, ки дар се моҳи аз гирумони дарбор дур афтодани Камбучия роҳати сарвариро чашида буд, мехост шоҳаншоҳро бо амали фиребое гирифтор созаду нооромиву такопӯи кишвар барояш пӯшида монад.

Шери бадхашми занҷирбанд аз набарди нахустин бо дов хостану ҳарифонро бераҳмона тикаву пора карданаш ба шоҳаншоҳ писанд омад. Вай дар як ҷаҳидан паланги бадҳайбатеро, ки барои зӯрозмоӣ оварда буданд, ба замин пахш намуда, чандин ҷои танашро кандаву хуншор кард ва ниҳоят дар кунҷи қафас гулӯгиру беҳол намуда кушт. Ду ҳафтаи аввали набардҳои тан ба тан бо ин шери пархошҷӯй дар пеши чашми шоҳаншоҳ як бабру чор паланги зӯровар ва чанд хирси таҳамтан ҷон бохтанд. Вале Камбучия аз тамошои набардҳои шери чобуку довталаб сер намешуд. Ӯ аз зӯроварӣ ва ҳамлаҳои бадхашмонаи шери тавоно рӯҳу мадор гирифта, худро чун ӯ таҳамтану размовар мепиндошт. Аз ситоиши Ариадн ва санохонии фурӯтанонаи Уджагор-Ресент худро шоҳаншоҳи ягонаву безаволи замину замон пиндошта, ҷумлаи ҳарифон дар назараш оҷизу нотавон ва бечора метофтанд.

Боре ҳангоми хӯроки субҳ Рухшонак шоҳаншоҳро басо хушҳол дарёфта, бо меҳрубониву навозиш аз зиндон раҳо намудани Ниёбахшро дархост намуд. Камбучия, ки ҳангоми осоиши тобистон Ниёбахши зиндониро аз ёд бурда буд, аз хоҳиши ногаҳонии Рухшонак шубҳаашро нуҳуфта, озод кардани дӯсти хиёнаткорашро пазируфт. Бидуни чашмдошти Рухшонак фурсате нагузашта Прексаспро ба наздаш хост ва дастур дод:

- Бирав, Ниёбахши намакносипосро аз зиндон берун кун! Барояш хону хӯроки фаровон омода бисоз ва пӯшоки озода ба танаш кун! Бигузор дами расидани раҳоиро нигарон гардад!..

Рухшонак аз меҳрубонии шоҳаншоҳ ботинан болида, як ҳафтаи дароз чашмдори озод намудани Ниёбахш гардид. Ниҳоят субҳи ҳафтаи пешомад Камбучия ба хоҷасарой дастур дод, ки шоҳбонуву ду канизашро ба маросими озодкунии дӯсти зиндониаш ба толори тамошо ҳидоят намояд. Шоҳбонуи дучон ҳамроҳи ду каниз сӯи толори барҳавои гӯшаи чаҳорбоғ раҳсипор гардиду

хӯрдани асири гирифтори марг ва фарҷоми сарнавишти талхаш завқ мебурданд.

Рухшонак ба фиреб хӯрданаш сарфахм рафта, нигоҳи лабрези кинаву нафраташро сӯи шоҳаншоҳ дӯхту сипас беҳолона оҳи сарде кашид. Шери гурусна, ки бо дастури Уджагор-Ресент аз шаб боз наволае начашида буд, бо чашмони хунолояш занҷирҳои гарданашро силтав задаву сари ду пой хеста, мехурӯшиду ҳарчи зудтар ба сайди нотавон дарафтодан мехост. Занҷирҳои ба чаҳор сутуни толор печида, аз зарби силтавҳои шери размовар меғеҷиду садо меангехт, чанголҳои тезаш фарши саҳнаи набардро мехарошиду аз паяш рахи чӯяҳо мегузошт.

- Аз шоҳбону сипосгузор бош, Ниёбахш! - бо заҳрханди тамасхуромез сӯи ҳарифи ба талвосаи ҷон фитодаи шер рӯй оварду шоҳаншоҳ. - Дархости пуштибони ростинатро пазируфта, озодиро бароят бахшидам! Берун ой, дӯсти азиз, ба поси меҳри шоҳбону гуноҳатро бахшидам!

Бо сарафшонии Камбучия нигаҳбонони шер занҷирҳои тарангро каме кушоданд. Шери дамон аз рӯи одат ниҳеби бадхашмонае кашида, пайкари ёзидаашро каме ғундошту пеш ҷаҳид. Рухшонак аз ҳамлаи чобуконаи шер ва неши суханони заҳрогини шоҳаншоҳ таконе хӯрду сараш чарх ва чашмонаш сиёҳ зад. Ӯ беихтиёр аз ҷой бархеста, бехудона гоҳ сӯи Ниёбахши ошуфтаву даҳшатзада, гоҳ ҷониби шери ҳамлавари ёлҳояш дамидаву даҳонаш нимкушода ва дандонҳои дарози ашкаш ташнаи хун мадҳушона менигариста ҳис мекард, ки мувозинати танаш ноаён мекоҳад. Ду каниз бошитоб аз таги бозувони шоҳбонуи бемадору ошуфта дошта, ӯро аз гӯшаи саҳнаи набард берун бурданд.

Шоҳаншоҳ саргарми тамошои афтондану хестан, фигон кашидану худро очизона ҳимоя кардани Ниёбахш гашта, аз тарки толор намудани Рухшонак бехабар монд. Шери гурусна ба гӯшти тани сайди нотавон дандон мезаду бо чанголҳои тезу гиро ҳарифашро аз як гӯша ба гӯшаи дигари саҳнаи қафасбанд меафканд. Либосҳои нави Ниёбахш пораву хунолуд гашта, лахтҳои гӯшти баданаш ба коми шер мерафт, сару рӯяш аз ханҷоли нохунҳои хунрез чок мешуд, устухонҳову банду пайвандҳои танаш мешикаст. Саҳни майдони набард аз тани хунчакони Ниёбахш ранг мебардошт ва Камбучия ба ҳоли зори дӯсти нотавону оғуштаи хунаш механдиду худро чун шери мардафкан пирӯзу зӯровар мепиндошт. Ариадн ва Уджагор-

хушбору хонадони ободи падар! Дареғи бародару хоҳарони зиндаҷудову ҷавонмарг! Бародари таҳаматанам Бардия кучост? Наход ҷонбохтаи бадгумониву кинхоҳии шоҳаншоҳи ҷунунзада гашта бошад?! Ба хоҳарам Атусои нозанин чӣ шуд? Аз ранҷу ситами ту чӣ бадбахтиҳое ба сараш нафитод! Кучоянд ҳазорон сипоҳиёну сипаҳбадони далер, ки дар ин набарди беҳуда ҷон бохтанд?

- Хомӯш бош! - бонг кашид Камбучия ва бехудона лагаде ба шиками дамидаи Рухшонак кӯфт. - Вагарна ҷони туро низ меситонам!

- Биситон! - гиребонашро то сари шикам чок зада, довталабона пеш омад Рухшонак. - Бароям марг аз зистан бо ҳамсари нокасу девонахӯй беҳтар аст!

- Марг меҳоҳӣ?! - шоҳаншоҳи аз ғояти хашм девонагашта корди камарбандашро кашиду ба шиками ҳамсараш ҳалонид. - Поянда бод марг!..

Рухшонак ҷечутоб хӯрда сари зону нишаст ва бо кафи дастон чокҳои хунафшони шикамашро дошта якпаҳлӯ афтод. Хун аз ҷои захми корд фаввора мезад, шиками дамидааш метапиду фигони дардолуде аз гулӯи ҳамсари нимҷон берун мерехт[1].

- Офаридгоро! Тахташро барафкану ба сони ман гирифтори марги азиятбораш бигардон!

Камбучия аз шиддати дард печидану оғушта ба хун ҷон бохтани Рухшонакро дида ба даҳшат афтод. Ӯ корди хунчаконро бо надомату пушаймонӣ ба замин афканд. Муддате ба тапидани тифли бегуноҳ дар шиками дамидаи ҳамсараш нигариста аз кашиши ҷонгудози рағе дар мағзи сараш кунду карахт гашт. Фигони талхе дар гулӯяш гирех баста, кому забонаш хаёле часпид ва аз тангии нафас ба дасту пояш ларза фитод. Хоҷасарой авзои ногувору ларзиши дасту пойи шоҳаншоҳро пай бурда, сараввал чӯберо ба миёни дандонҳои кашишхӯрдааш ниҳоду сипас корди хунолудро аз пеши пои Камбучия рабуд ва саранҷом ҷойпӯши оҳариеро ба болои Рухшонак афканд.

Рӯйпӯши якқад аз хуни тани Рухшонак ранг мечабиду аз чӣ бошад дар хаёли тираву ҷунунамези Камбучия боз манзараи но-

---

[1] Ҳеродот аз набарди дарандаҳоро писандидани Камбучия хабар дода, фарзияеро менигорад, ки гӯё хоҳари дуюмаш (Рухшонак) баъди тамошои набарди шербачае бо сагчаҳо бародаркушии Камбучияро наҳ зада, ҳангоми ҳашми девонавори ӯ дар ҳолати дучон буданаш кушта шудааст. (Ҳеродот. Таърих. Китоби III. банди 32).

чун нулаи гурги гуруснае мерасид. Овозаҳои нохуши канорачӯиву узлатнишинӣ ва одамгурезии Камбучия, ки борҳо аз кӯчаву бозор бо ӯбу ранги ачиб мешунид, моҳҳои охир сабру қарорашро рабуда, намедонист ба ростии онҳо бовар кунад ё на.

Ӯ ним сол пеш, лаҳзае, ки аз дастёри саркоҳин овозаи кишваркушоӣи пурфочиаву бебарори Камбучияро шунид, дарҳол пироҳани нимдоштеро пӯшидаву рӯймоли калонеро ба сар афканда, роҳи бозору растаи савдогаронро пеш гирифт. Атусо чун харидор дар миёни растаҳои бозори Пасаргод шитоб накарда чарх мезаду мехост аз воқеияти ин рози шунидааш огоҳ гардад. Дар кӯчаву бозор нигоҳҳои эҳтиёткорона ва рамуздор афзуда, мардуми авому косибпеша аз хушлибосону ҳомиёни доду ситад канорачӯй менамуданд ва дар лаҳзаҳои муносиб миёни ҳамдигар розеро гӯшакӣ мекарданд.

Он рӯз Атусо ҳангоми бозгашт аз растаи ҳунармандон мегузашт, ки гавғое бо гирифтани номи шоҳаншоҳ ва сипаҳсолораш Ариадн ба гӯшаш расид ва худро ба пушти дастаи ҳангомачӯён расонида, ҳушу ёдашро ба нидои моломоли дарду ҳасрати оҳангари пир дод.

- Дар ин дунё адолату рости намондааст! - путкашро болои сар афшонда бо хашму ситез сӯи саррофи судхӯр ва солори бозори шаҳр таҳдид мекард оҳангар. - Охир ман ҳунарманди озодам ва гарави дӯкону андози солонаамро ба кишвардори шоҳаншоҳу намояндаи Ариадни соҳибмаснад пурра супоридаам.

- Ман ба Ариадни гирифтори зиндони шоҳаншоҳ коре надорам! - худро ба пушти бозорсолор кашида густохона дӯғ мезад саррофи судхӯр. - Ба ту чанд бор фаҳмонам, ки ин дӯкон ба ҷои вомӣ соҳибаш шаш моҳ боз дороиӣ ман шудааст. Агар вомӣ гарави дӯконро дода натавонӣ, писари хурдиатро ба ҷояш мегираму растаи бандафурӯшоп мебарам.

Писараки наврас, ки бо дами оҳангарӣ лахчаҳои нимсӯхтаро бод медод, аз ин суханон барошуфта ба паҳлӯи падараш омад. Нигоҳи писарак моломоли кинаву ғазаб буд ва ангуштони дудахӯрдаву кафи дастони обиладораш беихтиёр меларзиданд.

- Ман ҳеҷ куҷо намеравам! - кафи дастонашро ба пешдомани чармини ҷо-ҷо сӯхтаву сӯрох пок карда, довталабона гоме ба пеш ниҳод писарак. - Мо аз касе вомдор нестем! Бирав вомҳоятро аз соҳиби пешинаи дӯкон Ариадн биситон!

даруни ҳамён нур гирифт ва лабханди итоаткоронае дар симояш падид омада, сӯи соҳиби он оҷизона сар фуруд овард. Ҷавонмард баъди пардохтани қарз калиди дӯконро аз дасти посбонон гирифта, ба оҳангар доду тарафи судхӯр хитоб намуд:

- Гарави дусолаи дӯконатро пардохтам. Нахуст Яздони поку сипас мардуми бозор гувоҳ аст! Бираву то ду соли дигар поятро ба ин дӯкон магузор!

- Сипосгузорам, Бузургворо! Вом гаравмондаи Офаридгор аст, агар бубахшӣ ё гузашт кунӣ, хонавайрон мешавӣ! Бигузор оҳангару писараш чун пештара кор кунанду рӯзу рӯзгорашонро бубаранд!..

Саррофи судхӯр бо ризоияту мамнунӣ сиккаҳои тилоро ба багал андохту якеашро ба кафи бозорсолор ниҳода аз миёни мардум берун рафт. Посбонон низ ночор дасти писараки ошуфтаҳолро кушоданд. Ӯ дар пеши пои ҷавонмарди мисрӣ ба зону зада, дастонашро мебӯсиду аз чашмонаш беихтиёр ашк шорида, рухсораҳои губорандудаашро мешуст. Оҳангари пир низ лолу ҳайрон монда, намедонист эҳсоси сипосгузориашро ба ин ҷавони хайрхоҳ чӣ гуна баён намояд. Дертар маълум гардид, ки яке аз писарони оҳангар ҷони ин савдогари мисриро дар Мемфис наҷот дода, ҳангоми сафараш ба Пасаргод барои падари оҳангараш каме сарвату паёми шодбош фиристодааст.

Чанд тан дӯкондори ҳамсоя аз зери оринҷи оҳангари пир дошта, ӯро ба дӯконаш даровардand. Атусо оҳи сабуке кашида, бо ҷавонмард ҳамсӯҳбат шуд. Савдогари мисрӣ аз пурсишҳои рамуздору густохонаи роҳибаи бебок ҳаросида, серкориашро баҳона оварду аз назди ӯ бошитоб дур шуд. Атусо ночор сарбанди роҳибаашро хавотиромез пеш кашида, сӯи бошишгоҳи наваш, ки дар гӯшаи бог ҷойгир буд, раҳсипор гашт. Ӯ ҳангоми аз пуштибонии савдогари мисрӣ раҳидани оҳангару писарашро ба чандин коҳини ошно ҳикоят карда, чашмдор буд, ки гапи тозаеро аз ҷоби лашкаркашии бебарори Камбуҷия шунавад. Аммо коҳинони оташкада низ камҳарфу дамдузд шуда намехостанд, ки аз забонашон ҳарфи норавое берун ояд. Атусо ҳатто аз сӯҳбатҳои эҳтиётқоронаву нигоҳи орому зоҳиран бериёи саркоҳини маъбад, ки ӯро чун духтараш дӯст медошт, асрореро дарнаёфта ҷасорати пурсидани фарҷоми лашкаркашии Камбуҷияро намекард.

Шаби тӯлонии ялдо аз чӣ бошад ҳангомаҳои гузаштаро пас аз хоби рӯъёии ногувор дар ёди Атусо зинда мекарду губори тираи

- Ту напурсу ман дардамро нагӯям, ҷонакам, - оҳи пурсӯзе кашид пирамард ва ашк аз дидагонаш ҷорӣ гашт. - Ҳамон як пора заминеро, ки падарат дар Экбатана бароям подош дода буд, бар ивази андози хушксолӣ ситониданд. Ба пеши шаҳрдор додхоҳӣ рафтаму ба ҷои пуштибонӣ дидан гирифтори зиндон гаштам. Аз зиндон пас аз чанд моҳ бо пораву пайсаҳои вомгирифтаи хамсарам раҳидам. Рафта бинам судхӯри палиде аз хонадони Эгиби ба ҷои вомӣ ночизе хонаамро ситонида духтарамро ба канизӣ фурӯхтааст[1]. Фурсат поида ба судхӯри худоношинос дарафтодаму мурданивор кӯфта, каме кинаамро ситонидам. Аммо посбонону пешкоронаш расиданду ночор аз Экбатана гурехта, ба дахмаи падару пуштибони ягонаам Куруш додхоҳӣ омадам...

Китфони пирамард аз бори андӯҳ хамида, ба назар кузпушт метофт. Дар буни гарданаш доғи занҷиру завлона нақш баста, аз рӯзҳои азиятбори зиндон гувоҳӣ медоданд. Атусо пиндошт, ки бори гарони андӯҳи пирамард бар дӯшаш фитода, ба сандуқи дилаш фишор меорад.

- Рӯзе мерасад, ки кинаатро меситонем! - аз шунидани сарнавишти пурфоҷиаи пирамард Атусо сабру қарорашро бохта намедонист ӯро ҷи гуна таскин бахшад. - Ва ин ситезаву бедодиҳои судхӯрону волиён поён меёбад... Биё акнун кулбаи ман биравем, бобо. Табиберо меораму ҷароҳатҳоятро шифо мебахшам.

- Не духтарам, дер шуд, - аз раъшаи дарди ҷонкоҳе беихтиёр такон хӯрда, нафасгирии пирамард душвортар мегашт. - Ман мемирам... Бигузор дар оташкадаи падарбузургам ҷон бидиҳам.

- Навмед машав, бобо! Гардунаеро меораму дартоз пеши табиб мерасонам...

- Маро начунбон, духтарам. Устухонҳои қафаси синаам шикаставу сандуқи дилам кафидааст. Бигузор дар ҳамин боргоҳи муқаддас ҷон супораму дар гетӣ минӯ ба дидори Куруши Бузург расида биосоям...

Пирамард оҳи фосиладори бадарде кашиду ногоҳ бо нафаси ҷигарсӯзе ҷон ба гулӯяш омад. Нигоҳи хирааш лаҳзае ба рӯи Атусо дармонд ва табассуми нарме дар гӯшаи лабонаш нақш баст. Рӯҳи пирамард осон раҳида, ҷонаш аз гулӯ бо дами вопа-

---

[1] Дар Экбатана судхӯрони бобуливу яҳудӣ, аз ҷумла судхӯрони хонадони Эгибиву Мурашу нуфузи зиёд доштанд, ки ба заминдорону муздурон ва савдогарону косибон аз рӯи ба гарав ниҳодани молу амвол, инчунин созишномаву шартномаҳои дутарафа карз медоданд. (Ниг. Дандамаев М.А. Рабство в Вавилонии VII-IV до н.э. М., 1974).

кинхоҳиаш боло гирифта, дар замираш чандин нақшаҳои ситонидани қасос аз Камбуҷияи девонаҳӯй пайдо мешуд.

Аз рӯи пиндорҳо гӯё Рухшонак аз миёни дувоздаҳ тан садсолорони ошӯбгарӣ порс ба ҳимояи ҳамдиёр ва дӯсти овони кӯдакиашон Ниёбахш, ки бо амри Камбуҷия чор моҳ дар зиндон хобида буд, барҳеста худаш низ кушта гардид. Камбуҷия аз дархости дубораи Рухшонак барои омурзиши Ниёбахш бадгумон гашта, ӯро бардурӯг аз зиндон раҳо намуду сипас ба пеши шери хунрезе афканд. Рухшонак аз бедодиву сангдилии Камбуҷия барошуфта, бо фиғону нафрини бадхашмона пойгоҳи тахти шоҳаншоҳро тарк намуд. Камбуҷия дар назди аҳли дарбор ва сафирони хориҷӣ қаҳру газабашро фурӯ бурда бошад ҳам, густохии ҳамсарашро бахшида натавонист. Ӯ аз ғояти хашму бадгумонӣ дарҳол ба ҳарамсарой бозгашта, бехудоиа аз банди гесӯвони ҳамсари шӯридааш дошту Рухшонаки ноком ва тифли номуродашро нобуд кард. Дертар ҳамсари оғуштаи хуну тифли норасоро бо дарегу пушаймонӣ андаруни дахмаи фиръавнҳо дафн карда, дар Миср се рӯз мотам эълон намуд.

Дили Атусо аз шунидани марги дахшатноки хоҳари нокомаш чун лахчаи таги танӯр месӯхту азми кинаситонӣ ва аз тахт барафкандани Камбуҷия дар хобу бедорӣ ӯро ором намегузошт. Дар такопӯи ин андешаҳои ниҳонӣ як субҳи босафои офтобӣ саррӯҳонии ошно вориди хонаи Атусо гашту номаеро сӯи ӯ дароз кард.

- Омода бош, Атусо! Пасфардо сӯи Экбатана роҳ хоҳем гирифт.

- Чаро роҳпӯии бошитоб?! Магар нохушие рӯй дода?

- Ҳафтсолагии ба дунёи менӯй рафтани Куруши Бузургро ҳангоми фарорасии Наврӯз ёдоварӣ мекунанд.

- Ёдбуди марги падари бузургвор кори нек шоистаест. Камбуҷия ба ин чашн меояд ё на?

- Намедонам. Вале дилам гувоҳӣ медиҳад, ки Камбуҷия гирифтори ҳангомаҳои Миср асту дар моҳҳои наздик чораи омадан надорад.

- Аз марги хоҳари нокомам Рухшонак ва тифли бегуноҳи ӯ огоҳӣ дорӣ ё на, падар?

- Овозае шунидам, вале боварам намеояд, ки Камбуҷия хоҳари ҳамхупашро бикушад. Агар ин овоза рост бошад, шоҳаншоҳи рӯзгор, бо дасти хеш решаи нажоду дудмонашро буридааст, ки фарҷоми нохуш дорад.

Бардия имсол ҳам бо ҳамдастии мардуми пойтахт ёди падар карда, рӯҳи гузаштагони некманишашро шод мегардонад.

- Мо ҳам бояд дар паҳлӯи Бардия бошем, падар. Пуштибони ростину ёвари ҳамешагиаш гардем.

- Ҷонам фидои Бардия! Дар Мароқанд маро ба дидори Куруши Кабир расонид[3]. Ва пас аз ниёиши шомгоҳӣ то поси шаб ҳамроҳи он абармард гуфтугӯ оростем.

- Рӯзгорат дароз бод, падар! - чашмони Атусо аз ситоиши саррӯҳонӣ рӯшанӣ гирифт. - Куруши кишваркушойро дар вопасин сафараш вохӯрдай ва шоистаи тоҷу тахти падар будани Бардияро аз ҳама бехтар медонӣ...

- Ман мубади зардуштие аз кишвари Балхам, ки сарнавишт бандаро нахуст ба Мароқанд ва сипас Экбатанаву Пасаргод афканд. Куруш пас аз пурсупосуҳҳо аз дудмону нажоди ориёмардон маро ба навиштани рӯзгорномае раҳ намуду музди ранҷамро пешакӣ пардохт. Чун ба Экбатана омада корро огоз кардам, паёми нохуши марги Куруш расид ва бо пуштибонии Бардия нигоҳбонии оромгоҳи шоҳаншоҳ бар дӯшам вогузор шуд. Сипас Бардияро барои саркӯб сохтани ошӯбҳо ба Бохтару Хазарон фиристоданду шояд аз серкорӣ бошад, маро фаромӯш кард. Ҳатто ҳангоми дидорбинии порсола дар оромгоҳи Куруш мани мӯйсафедро нашинохт...

- Бардия бароятон арҷмандии бепоёне дошт ва бо дастури падар шуморо ҳимояту пуштибонӣ мекард, - ширинзабонии бардурӯғ намуд Атусо. - Аммо рӯзҳои сӯги падар тундравиҳои Камбуҷияву ёваронашро дида аз тоҷу тахт даст кашид ва дубора кишвардории Бохтарро пазируфт.

- Дурандешӣ кард, вагарна хуни зиёде мерехт ва кишвар вайрону валангор мешуд...

- Аз бародари бехирад душмани хирадманд бех! - номаи чарминро лӯла карда сӯи саррӯҳонӣ ёзид Атусо. - Агар Бардияи покраву ростқирдор ба тахт менишаст, шояд мардуми кишвар ба ин рӯзи табоҳу бенавоӣ намерасид...

Атусо рамузгирона ба тарҳи андоми мӯйсафед менигаристу аз кашиш хӯрдани рагу пайванди рухсора ва зеҳӣ лабонаш пай

---

[3] *Дидори Мароқанд*, воқеан дидори саррӯҳонии пири маъбади Афросиёб бо Куруши Кабир дар романи «Куруши Кабир» (бобҳои «Шаҳристони Афросиёб» ва «Паёме аз ниёгон», сах.322-350) пурра омадааст, ки хонандаи азиз метавонад аз он баҳравар гардад.

10. ОШӮБИ ГАВМАРД

«Шоҳ Дориюш гӯяд: пас марде муг буд, Гаумата ном. Ӯ аз Паишйаувадая бархост, аз Аракадриш ном кӯҳ. Аз моҳи Вияхна 14 рӯз гузашта буд[1], чун бархост. Ӯ ба мардум чунин дурӯғ гуфт: ман Бардия ҳастам, писари Куруш бародари Камбуҷия. Пас мардум ҳама нофармон шуданд, аз Камбуҷия ба сӯи ӯ баргаштанд: ҳам Порс, ҳам Мод, ҳам дигар кишварҳо. Ӯ шоҳиро гирифт. Аз моҳи Гармапада 9 рӯз гузашта[2] буд, ӯ шоҳиро гирифт. Пас Камбуҷия бо марги худ бимурд».

«Катибаи Дориюш дар Бесутун». Сутуни 1. 34-43.

Шаҳри овозадори Экбатана фарорасии баҳори соли 522 то мелодро бо сукуту оромии фиребое пазирой менамуд. Нимаи дуюми моҳи вийахна - моҳи об шудани барф ва оғози шудгори замин ба ин шаҳри дурдасту сардихез дертар расида, рӯзҳо гармтару барои киштукор мусоидтар мешуданд.

Пас аз чор соли ҷудой ва оворагиҳои нангину хориовар Атусо оқибат субҳи босафои офтобӣ дар оғӯши шаҳри овозадор ва бароящ азизи овони наврасиву ҷавонӣ - Экбатана аз хоб бедор шуда бошад ҳам, худро чандон хушҳолу болидарӯҳ намепиндошт. Шояд ба мусибати сангини марги фочиабори хоҳараш боз овозаҳои имсол ҳам аз самти биёбони Сино вазидани гармсели хушкиовар ва ба марзҳои сабзу боду ҳавояш гарми Бобул ҳамла овардани селаҳои анбӯҳи малах зам шуда, ӯро парешонҳолу ошуфтахотир карда буд. Савдогарони зираки бобуливу яҳудӣ ҳанӯз нимаи зимистон дар бозорҳои Пасаргод ба анборҳои ғалла дарафтода, қариб ҳамаи захираҳои дону ғаллаи деҳқононро бо нархи яклухт мехариданд ва дар таҳхонаҳои иҷораашон нигоҳ медоштанд. Мардум аз расидани соли наҳс, омадани хушкиву офатҳои табиӣ ва ҳама тару сабзро нобуд кардани лашкари малах торафт бештар ҳарф мезаданд.

Атусо нимаи дилаш моломоли андешаҳои ногувор пероҳани нави гулдӯзиашро пӯшида, мӯйҳои мушкинашро шона мезаду барои рафтан ба салому дидори Бардияи бародархондаш омода

[1, 2] Бостоншиносон мутобиқи солшумории қадимаи Ҳахоманишиён, аз чумла академик Б.А.Тураев ва М.А.Дандамаев санаи нахустинро 11 марти 533 то милод ва санаи дуюмро 2 апрели 522 то милод шумурдаанд. (Ниг.Тураев Б.А., История древнего Востока. - С.527-528; Дандамаев М.А.. Иран при первых Ахеменидах. - С.143-145).

пеш омада, ба симои ором ва нигоҳи беҳароси Атусо лаҳзае нигаристу густохона пурсид:

- Ту аз кадом табор, хонум?

- Аз табори шумо додхоҳону ситамдидаҳо!..

- Мо аз шоҳаншоҳу кишвардори бадманиш ва сипаҳсолорони нобалади ӯ домангирем.

- Ман ташнаи хуни Камбучия ва ҳамаи ҳамдастони ситампешаи шоҳаншоҳи хуношомам.

- Аз марг ва кинхоҳии шоҳаншоҳ наметарсӣ? - озмоишкорона ба симои Атусо нигарист ҷавонмарди қадбаланд, ки аз гуфтораш пешвои ошӯбгарон буд.

- Аз марг боке надорам! Вожгун сохтани тахти шоҳаншоҳ ва дар роҳи озодии Меҳан ҷон бохтан бароям хушбахтӣ аст!

- Офарин, хонум! - аз гуфтори пархошҷӯёнаи Атусо хушҳол гашт ҷавонмард. - Яке ба ҷонбозони сафи мо афзуд!

- Марг ба шоҳаншоҳ! - аз гардуна фаромада дар паҳлӯи ҷавонмард рост шуд Атусо. - Нест бод кишвардори ситампеша ва сарлашкарони хуношом!

Хурӯши осмонгире самти роҳи васеи хиёбонро фаро гирифт. Атусо рӯймоли сарашро ба нӯги найзае хаста, чун парчам болои сар афрохту дар сафи пеши ошӯбгарон ба роҳ даромад. Аз кӯю барзан ва кӯчаву паскӯчаҳо мардуми додхоҳу ситамдида ба сафи ошӯбгарон ҳамроҳ мешуданду сели хурӯшони одамон сӯи хиёбони кӯшки шоҳаншоҳу кохи сарватмандон мешитофтанд.

Хиёбони паҳновари шаҳр фурсате нагузашта аз додхоҳону ҳангомаҷӯён лабрез шуд. Аз дидаҳои мардуми барошуфта шарораҳои хашм мерехт, дар симои беҳаросу лабҳои фишурда нерӯи кинхоҳӣ ва дар шамшерҳои урёну муштҳои болои сар азми пархошу набардҷӯӣ падидор мегашт. Дар пешгоҳи кӯшки шоҳаншоҳ пойгоҳи баланди тахтгузорӣ ва нишемангоҳи барқади идона намудор шуду Атусо парчами сарнайзаашро афшонида аз поғундахо беихтиёр боло баромад. Ҷавонмарди қадбаланд аз паси Атусо бебокона ҷаҳида худро рӯи нишемангоҳи шоҳона гирифту мавҷи бонгу фарёди сипоҳиён деворҳои баланди кӯшки шоҳаншоҳро лесида ба фазо бархест. Ошӯбгарон аз дидани пешвояшон дар нишемангоҳи шоҳона мадору нерӯи тоза гирифта, тарсу хароси даргузар аз ниҳодашон мераҳид. Атусо фурсатро барои сухан гуфтан муносиб ёфта, бо лабханди нарму нигоҳи рамуздор аз ҷавонмард рухсат хост ва сӯи мардуми ташнаи гуфтору дилбардорӣ рӯй овард.

Бардия аз ин пазирой шод гашта, нахуст дасти пешвои ошӯбгарон ва сипас дасти Атусоро фишурду оҳанги сипосгузорӣ кард.

- Яздони пок нигаҳбонат, Атусо! Дарду ормонҳои деринаи маро ба забон овардӣ! - нахуст ба Атусо ва сипас сӯи ошӯбгарон рӯй оварда даст фишонд Бардия - Поянда бод Тӯдаи ҷонбозони Меҳан! Ман ҳамроҳи шумо фидоиёнам!

- Ҳамеша бегазанду сарбаланд бош, бародари гиромӣ! - аз ошӯбгаронро пуштибонӣ намудани бародархондаш шод гашт Атусо. – Фурсати ситонидани кина аз кишвардоро бадкирдору дурӯғпеша ва шоҳаншоҳи ситамгар расид.

Пешвои ошӯбгарон аз ин рохӯрии самимона рамуз бардошта, сӯи сипоҳиёни пешсаф ва анбӯҳи одамони ҳинаҳоҳ рӯ оварду бо тамоми овоз фарёд кашид.

- Дуруд ба Бардияи таҳамтан! Дуруд ба писари ростини Куруш, ки ба сафи мо - фидоиёни Ватан пайваст! Нест бод Камбучияи бадкирдору ситампеша!

Аз миёни ошӯбгарон хурӯшу ғиреви тоза баланд шуд ва анбӯҳи одамон чун мавҷи дамидаи рӯди саркаш ба ҷунбиш омад. Се тан пешвои болидарӯҳ дар нишемангоҳи барқади пешгоҳи кӯшки шоҳаншоҳ даст ба даст гирифта, зери мавҷи кафкӯбиҳо сӯи ошӯбгарон сар фуруд меовардану дар ин лаҳзаи ҳассосу тақдирсоз сарнавишти ояндаи кишварро ноаён бар дӯш мегирифтанд.

Офтоби босафо нуру зиё меафшонду баҳор меомад. Баҳори вопасини шоҳаншоҳии Камбучия, ки бо шӯру ошӯб ва кинҳоҳии мардуми ҷафодида фаро расида, дар шаҳри Экбатана тарҳи зиндагии навро мениҳод.

* * *

«Ҳангоме ки Камбучияи писари Куруш дар Миср буд ва дар он ҷо бадкирдориҳон беақлона содир мекард, ду бародарон аз қавми мугҳо ошӯб бардоштанд. Яке аз онҳоро Камбучия дар Порс саробони хонадони хеш гузошта буд. Маҳз ҳамин одам ошӯб бардошт, зеро хуб медонист, ки марги Смердис (Бардия)-ро ниҳон медоранд ва дар Порс аз ин фочиа басо кам касон огоҳанд ва мардум мепиндоранд, ки Смердис (Бардия - Б.А.) барҳаёт аст. Муғ бар ҳамин пиндор қасди рабудани тахти шоҳаншоҳӣ кард. Ӯ бародаре дошт, чунон ки ман пештар гуфтам, ҳамроҳаш ошӯб бардоштааст буд ва симояш ба Смердис (Бардия), ки аз рӯи дастури бародараш Камбучия кушта шуда буд, шабоҳати тамом дошт… Маҳз ҳамин бародари худро

ғаллаи заминдорону савдогарон ва сардорони ситампешаву судхӯронро кашида, хона ба хонаи деҳқонону муздурони нодору камбағал се халта орду се халта тухмии ройгон ва ба пирону хурдсолони бепадару бесарпанох ду бор хӯроки гарми харрӯза бидиҳанд.

Бонги фарёду гиреви мардуми хушҳол дар фазои хиёбон баланд шуда, сарпӯшу кулоҳҳои қасони ҳаячонзада боло мепарид, шодию хушҳолӣ ва дастафшониву чунбиши ҳозирон дучанд меафзуд. Пайкрасон чаҳида ба рӯи пойгоҳи навсохтаи паҳлӯи дор баромаду ду дасташро бардошта анбӯхи одамонро ба хомӯшӣ даъват кард. Шӯру гирев лаҳзае пасанда гардид ва пайкрасон суханашро идома дод.

- Ай сипоҳиёни ватанхоҳ ва озодманиш! Бо дастури нахустини Бардия, писари ростини Кӯруш дастмузди яксолаи шумо саросар пардохта хоҳад шуд. Бо раҳнамоии Ҳурмузди додварзу фармони шоҳаншоҳи адолатпеша замину чаҳорбог, боғариву дорӣ ва бӯстонсаройу кӯшкҳои кишвардори шаҳр ва сипаҳбадони ситамгарро кашида, ба баҳои онҳо силоҳу афзор, сару тан ва хонаву боғишгоҳи сипоҳиён беҳтар карда хоҳад шуд. Барои корнамоӣ ва пуштибонии фидокорона ба сипоҳиёни вафодори шоҳаншоҳи ҷавонбахт, ки ҳамдастони сарсахти Камбуҷияро саркӯб ва нобуд месозанд, ба болои дастмузди ҳамешагӣ боз замину хонаи зиндагӣ, таковару саворихои корӣ, ҳамсари озодаву бандагони шоиста подош дода хоҳад шуд.

Сафи сипоҳиёни пешсаф ва нафарони думболи онҳо аз ин муждаи нек лаҳзае дарҳам омехта, зери сафири шодбош оғӯшгириву дастфишонии анбӯхи сарбозон шукӯҳи тоза мегирифт. Шерафкани ҳазорпат аз ҳалалдор гаштани сафи сипоҳиён гирехе ба абрувон андохта, бонги норозиёнае кашид. Сипоҳиёни қаторӣ нахуст каме ором гирифтанд, аммо сарбозони гӯшаҳои дуртар аз паёми расида ҳанӯз бекарориву шодмонӣ мекарданд. Пайкрасон лаҳзае сукут варзида, манзари оғӯшгириву бӯсобӯсии сипоҳиён ва ба осмон хестани кулаххуду сипарҳоро тамошо карду сипас ба баёни давоми супориши шоҳаншоҳ падохт.

- Огоҳ бошед, ки ба сарбозӣ кашидани ҷавононӣ кишвар се соли оянда пешгирӣ карда мешавад. Дониста бошед, ки бо супориши Бардияи вологуҳар ҳангомаҳои лашкаркашӣ ва набардҳои кишваркушой низ барои се соли расо бозистда мешавад. Ҳар сипоҳӣ ва сипаҳбаде, ки аз пешкории Камбуҷияи нохалаф сар печида, ҷониби мо мегузарад ва

зӯровариву фиребу найранг кашида, сипас дорову тавонгар гаштаанд.

Аз аҳди офариниш бо меҳри Яздони пок обу замин, оташу бошишгоҳ, чорпову буна ва богу барг бояд дастраси ҳама бандагон - чӣ шоҳу чӣ гадо бошад. Имрӯз, ки бар асари хушксолӣ балои гуруснагӣ ва қаҳтии беамон ба ҷони мардум дарафтодааст, аз рӯи дастури Офаридгор ва оини пок бояд дороиву обу замин, чарогоҳу рамаву буна , симу зар, коху сарой ва хонаву дӯкони дороёну тавонгаронро ситонида, ба мардуми бечораву тиҳидаст бидиҳем. Дари дӯконҳои либосу палос ва анборҳои донаашонро бишканем, буту эзадҳои дурӯгинашонро барафканем, парастишгоҳҳои баргузидаашонро ба хок яксон кунем ва онҳоро ба парастишу бузургдошти Офаридгори ростини ягонаву бениёз - Аҳуромаздои нигаҳбони ду гетӣ водор созем! Ва саркашону нофармононро сар бизанем, бехирадону бадманишонро гардан бишканем, то ду ҷаҳон аз кеши норавову кирдори бадашон биосояд. Ва саранҷом кишвар аз кору кирдори шуми онҳо биосояд, фиребу зӯроварӣ, душманиву кина ва тиҳидастиву нодории мардум аз миён бархезад[1].

Ай мардуми некгавҳару писандидарой! Аз ситамгарону базаҳкорони бадкеш метарсед! Бардияи шодкому додварз, писари ростини Куруши Бузург бо ёварии Аҳуромаздо ва ялони размовару гурдони силаҳшӯраш бар душманону бадхоҳон пирӯз хоҳад шуд!

Аз бонгу хурӯши мардум хиёбон гумоне таркид. Мавҷи одамони афсунгашта чун сели дамон пеш меомаданду сафи чорқатораи сипоҳиёни яккачини Шерафканро тела додаву ҷафстар карда, ба шодбошии шоҳаншоҳи ҷавонбахт ва

---

[1] Ба ваъзгӯии Спендадот ва растохези дини дар аҳди давлатдории Гаумата порчаи зерини «Катибаи Дориюш дар Бесутун» гувоҳӣ медиҳад. «Шоҳ Дориюш гӯяд: шоҳиро, ки аз нажоди мо рабуда шуда буд, онро ман барпо кардам... Парастишгоҳҳоеро, ки Гауматаи муғ вайрон карда буд, ман дуруст кардам. Ба мардум обу ҳам чарогоҳҳо ва ҳам рамаву хонумонеро, ки Гауматаи муғ ситонида буд, боз гардондам. Ман мардумро дар ҷояшон устувор кардам. Ҳам Порс, ҳам Мод ва ҳам дигар кишварҳоро чунон ки пеш (буд), ҳамон тавр ман ҳар он чи ки бардошта (рабуда) шуда (буд), пас овардам...» («Катибаи Дориюш дар Бесутун». Сутуни I. 61-71). Андешаи аз ҷониби Гауматаи муғ дастгирӣ ёфтаи унсурҳои дини яктопарастии зардуштӣ ва хароб кардани парастишгоҳҳои эзадони кабилавию хонаводагиро М.М.Дьяконов, М.А.Дандамаев, В.Г.Луконин ва дигар муҳаққиқон баён кардаанд.

бошад, басо пажмуридаву хароб менамуд ва мӯйсафеди ранҷуру нотавонро мемонд. Пӯсти заҳиру чинзадааш ба устухонҳо часпида, мӯи чингилааш бештар рехтаву сафед шуда, нури зиндагӣ аз чашмони берӯҳу фурӯрафтааш коҳида буд. Вале ин тани фартуту хаёле назарногир аз гояти хашму кина ҳамоно месӯхт ва дарди азиятоваре магзашро мехоиду ӯро дар хобу бедорӣ лаҳзае осудан намегузошт.

Табиби мисрие ду шаб дар шири гарму қиёми дорувор чакидаи кӯкнорро об карда ба шоҳаншоҳ нӯшониду ӯро ба хобидан ҳидоят намуд. Дарди сар каме таскин ёфта бошад ҳам, Камбуҷияро то дергоҳ хоб намебурд. Манзараи сӯяш ҳамла овардани се арвоҳи сафедпӯш ва аз думболи онҳо ба кинҳоҳӣ бархестани сипоҳиёни силоҳдору хашмзада барояш акнун маънии равшантаре пайдо мекард. Ӯ ҳар қадар бикӯшад ҳам, дарёфта наметавонист, ки ин манзараи рӯъёни мудҳишро дар хоб дидааст ё бедорӣ. Вале лаҳзаи расидани овозаи ошӯб ин манзараи ногувори дар хаёлаш нуҳуфта, якбора пеши назараш падид омада, бо чилваҳои азиятовараш ноаён инони ихтиёр ва нерӯи танашро мерабуд.

Камбуҷия чуръаҳои шаробро пайиҳам меошомиду ба паёми сар задани ошӯбу нооромӣ дар Экбатана ва рӯй тофтани мардум аз шоҳаншоҳи зиндаву барҳаёт бовар карда наметавонист. Ҳангомаи чун кандани бародараш Бардия борҳо пеши назараш меомаду хашму кинааш ба Атусои фироркарда ва Бардияи дурӯғин, ки худро писари ростини Куруш хонда, худсарона бо тахту тоҷи шоҳаншоҳ дастдарозӣ карда буданд, ӯро лаҳзае барасудан намегузошт.

Ҳанӯз субҳи чоруми шунидани ин паёми нохуш надамида, ӯ бо сари гарону дили лабрези дарду андӯҳ Дороро ба хилваткадаи хеш хонду аз ошкор намудани рози нуҳуфтаи ошӯб ҳаросида, намедонист чӣ гуна тадбири раҳоӣ андешад. Доро бо лабханди самимона вориди хилваткадаи шоҳаншоҳ гашта барояш дуруд гуфту бахту саодати наврӯзӣ хост ва хавотиромез нигарони дастури ӯ гашт. Камбуҷия бо сукути рамузгиронае саропои Дороро муоина карда, бо овози гирифта суханро аз дур сар кард:

- Дӯсти гиромӣ, оё Яздони покро дӯст медорӣ ва маро гумоштаи ӯ дар паҳнои кишвар мешуморӣ?

- Рӯзгорат дароз бод, волотабор! Бо ҳама ҳастӣ шоҳаншоҳамро дӯст медорам ва Эзади нигаҳбони ӯро мепара-

- Сарам фидои шодкомии шоҳаншоҳ! Агар лонаи морону аждаҳоҳои бадкин дар зери замин ё арши барин бошад, вайрон хоҳам кард.

- Бидон ва огоҳ бош, Доро! - Камбучия барои ниҳон доштани ларзиши сар ва кашишхӯрии рагҳои андом бори танашро ба такякурсии тахт афканд. - Туро роздори ростин, пинҳонпажӯҳ ва гӯшу чашми[1] шоҳаншоҳ пазируфтам.

- Аз бовар ва бандапарвариатон сипосгузорвам, шоҳаншоҳ! - ба зону зада замин бӯсид Доро. – Барои пирӯзбахтиву пойдории тахти нажодӣ ва осоиши мамлакат ҳама неруву ҳастиамро дареғ нахоҳам дошт.

- Роздору розшунав бош, Доро! – аз сипосгузории самимона болида ба пандгӯи пардохт Камбучия: - Суханчинону ҷосусонатро ба корвонсаройу бозорҳо ва бандарҳои шаҳрҳои дуру наздик бифирист, то онҳо рост ё дурӯғ будани сар задани ошӯбро дар Экбатана дарёбанд. Ростиро пеша кун, Доро! Дарҳои пӯшидаро бикушой, душманони ниҳониро бишинос, дурӯғзанону бадкирдоронро ошкору нобуд намой!

Доро аз назди Камбучия ошуфтаҳолу парешонхотир баромад. Дилаш бошиддат метапид ва аз тахтапушташ арақи сард шорида, ба пояи волои пинҳонпажӯҳ ва чашму гӯши шоҳаншоҳ расидан барояш чандон хушҳолӣ намебахшид. Гуфтори пӯшидаву рамуздор, рӯҳияи парешону ҳолати ошуфта ва тани логару гирифтори дарду азиятҳои шоҳаншоҳ ӯро ба гумонҳои бад мебурд. Роҳи кӯтоҳи толори пазирой барояш тӯлонӣ метофт ва чун асирони аз зиндон раҳида бошитоб гом ниҳода, сӯи дарвозаи кохи шоҳаншоҳ мерафту андешаҳои ногувор ниҳодашро месӯзонд.

«Чаро ӯро танҳо ва ниҳонӣ ба наздаш хост, ин шоҳаншоҳи бемору гирифтори розу гумонҳои пӯшида? Охир ӯ метавонист Виштосп, Гобрия ё Отан барин касони баобрӯю рӯзгордидаро ба машварат бихонаду пурсучӯ бигирад. Онҳо сарашонро бехуда дар дарбор ва пешкории шоҳаншоҳон сафед накардаанд ва ҳатто дар пеши Куруши Бузург обрӯй ва ҷойгоҳи шоистае доштанд. Боиси парешонӣ аст, ки чаро таҳи дилу

---

[1] *Пинҳонпажӯҳ ва гӯшу чашми шоҳаншоҳ*, рутбан баландпояи хидматӣ, наздиктарин касони роздор, боваринок ва бонуфузтарини шоҳаншоҳони Ҳахоманишӣ, ки салоҳият ва эътиборашон асосан барои пуштибонии амнияту бехатарии мамлакат ва пойдории тахту тоҷ равона мегардид.

Доро ин садсолори камсухану далерро аз м
сипаҳбадон ба хотири аз табори бозаргонони мо
баргузида, хато накарда буд. Ӯ гарчанде ба рост
Таҳмаспада шубҳа надошта бошад ҳам, ба Камбуҷ
ин хабарҳои нохушро то бозгаштани Виндафарна[2],
бандаргоҳҳои Саис рафта буд, қафо афканд.

Виндафарнаи тундхӯйу ростгуфторро Доро аз м
бонуфуз барои наздику ҳамсаф буданаш аз ночор
буд. Виндафарна аз ӯ панҷ сол калон бошад ҳам,
умрдида - Отану Гобрия ва Виштосп барои дуруш
надоштани одоби дарбор ҳамроҳаш чандон шину
данд. Ин марди бебоку худбовар ва тануманд, ки аз
доираи сипоҳиён ба камол расида буд, дар феълу хӯ
ва густохиҳои сарбозӣ нишаста, назарбозӣ ва хушза
бориро чандон намеписандид. Ӯ набардҳои савора в
бебоку чобукпойро дӯст медошт ва дар зӯрозмоиҳо
қариб бар ҳамаи ҳарифонаш пирӯз гашта, аз худна
Доро бо ӯ зоҳиран дӯстӣ биварзад ҳам, аз густохӣ ва
марди сипоҳипеша мекебид ва бо ситоишҳои гӯш
рӯзи мабод дилашро меёфт.

Ниҳоят дар ин тангии фурсат аз миёни сипоҳиён
Виндафарнаро бо якчанд гумоштаи дигар сӯи к
бандаргоҳҳои Саис фиристоду акнун бозгашташон
мекашид. Доро аз расидани овозаҳои нохуш ба шаҳр
ваҳму ҳароси чандин дарбориёну саркардаҳои сипох
вале аз рафтан ба ҳузури шоҳаншоҳ ва гӯшрас
ҳангомаи ҳатарбор андеша мекард.

* * *

Доро аз омадани падар ба бошишгоҳи низом
гӯшаи шаҳри Мемфис ҷойгир буд, хеле шод гашт.
субҳ боз саргарми шамшерзанию тирандозӣ ва ҷай

Доро нигоҳашро гурезонда, аз огоҳиву зиракии падараш ба шигифт афтод, аммо худро бепарво вонамуда баъди каме хомӯшӣ афзуд.

- Мерасонам, осуда бош, падар! Вале аз забонёбиву чорасозии Камбучияи бемору хирадкоста чандон умед нест... Метарсам, ки тахту тоҷи Куруши Бузург аз бадраҳагии фарзандонаш оғуштаи хоку хун хоҳад гашт.

Виштосп аз гуфтори густохонаи писараш такаллуфе хӯрду беихтиёр сӯи пардаи нимроғи хайма нигарист. Дар берун майдаборон борида, заминро тар мекард ва хоку чанги саҳнаи набардро фурӯ менишонд. Дастаи сипоҳиёни саргармӣ зӯрозмой аз боридани борон парвое накарда чобукона шамшер мезаданд. Виштосп дарёфт, ки Доро аз пешомади ногувори хавотирӣ мекашад ва порае аз розашро ниҳон медорад.

- Ҳарчӣ бодо, бод! Аз сарнавишти азалӣ гурезе нест. Вале дидаву дониста ҷонатро ба хатар маяфкан, писарҷон!

- Аз ман беҳтар медонӣ, ки тахту тоҷ ва кишвардорӣ пойбанди се чиз аст, падар: бими ҷон, кисаи зар ва шамшери тез... Имрӯз шамшери тезу бими ҷон ёвари мост ва фардо Яздони пок роҳнамо хоҳад шуд...

- Хираду бедормағзиро фаромӯш макун, Доро! - Виштосп аз гуфтори духӯраи писараш тарсида панд дод. - Ва худро беҳуда ба коми хатар мазан!..

- Бепарво бош, падар! Аз ҳангомаҳои дарбору гарміву сардиҳои набард устухонҳоям шах шудаанд. Намедонам кашмакаши бародарон то куҷо мерасад. Вале аз фарҷоми кори онҳо бароям тахту тоҷи Курушро пос доштану пуштибонӣ кардан волотар аст...

Виштосп пай бурд, ки писараш худро саргармӣ варзишу набарди сипоҳиён вонамояд ҳам, лаҳзае аз моҷарои дарбору ҳангомаҳои пешомад фориғ набудааст. Меҳри падарӣ дар дилаш ҷӯш заду аз ҷой барҳеста Дороро ба оғӯш кашид ва берун баромад. Ҳавои берун аз нафаси ҷонбахши баҳор тару тоза гашта, резаборон меборид. Дастаи сипоҳиёни савора дар зери борон ҳамоно асптозиву шамшерзанӣ мекарданд. Майдони корзор аз чакочаки шамшеру бархӯрдани сипарҳо ва садои суми таковарон ғулғулае афканда, набардҳои ростинро ба ёд меовард.

гофилгир намояд. Дилаш ларзид, ақлаш тира гашт ва бо садои гирифтаву фурӯтанона сар фуруд овард.

- Агар кӯтоҳие аз ман гузашта бошад, биёмурз, шоҳаншоҳи ҷаҳонпаноҳ! Бандагон аз лағзишу гуноҳ орӣ нестанд!..

- Мо ҳама лағзидаву дар назди Яздони пок гунаҳкорем, Доро. -Камбучия оҳи бадарде ҳаҷиду ба нашмоҳаш об давида абрӯвонаш гиреҳ зад. - Акнун даме расида, ки бори нангини гуноҳро бикашем ва бароҳи лағзишҳо посух гӯем...

- Шоҳаншоҳ гумоштаи Яздони пок дар кишвар аст, - аз суханони пурдарду надомати Камбучия каме ҳаросуд Доро. - Умедворам барои шоҳаншоҳи вологуҳар корҳои бузургу рӯзҳои гуворое дар пеш аст.

- Дер шуд, Доро! Ҳаро гуноҳи зишту дарду азияти ҷонкоҳе домангир аст ва шояд рӯзгори фиребову даргузар вафо накунад...

Доро ба суханони шунидааш бовар накард ва якбора ҳушёру бадгумон шуд, ки шояд Камбучия бо бечоранамоиҳояш ӯро бори дигар гӯл мезанаду меозмояд. Зеро ӯ макру хилаҳо ва нобоварии шоҳаншоҳро борҳо дида буд ва хуб медонист, ки Камбучия барои тахту тоҷ наздиктарин касонашро нобуд месозад.

- Рӯзгори шоҳаншоҳ дароз ва тахту бахташ поянда бод! - хушбовариву ширинзабонӣ намуд Доро. - Ошӯбу кинатӯзиҳои Бардияро саркӯб месозему боз пирӯзиву кишвардориҳои осудаҳолона рӯ ба шоҳам меорад.

- Бардия нест, Доро! - бо дарду андӯҳ оби дидагонашро пок карда оҳи гарон кашид Камбучия. - Чор сол шуд, ки ин дунёи бевафоро тарк кардааст...

- Аз хиёнату бевафоии бародар марг волотар аст! - суханони Камбучияро ба таври худ фаҳмида далелҳои шунидаашро ёдрас намуд Доро. - Гумоштаҳо пешвои ошӯбгарон будани Бардияи писари Курушро расониданд, шоҳаншоҳ! Фурсати тоҷгузориаш низ наздик аст...

- Фурсати тоҷгузорӣ! - заҳрхандаи нолишомезе кард Камбучия. - Ин дунё поише надорад, вагарна муғи густоху дурӯғзане худро писари Куруш намехонд.

Доро аз суханони шунидааш лаҳзае карахту парешонҳол гашта бошад ҳам, хомӯширо афзал донист. Ӯ ба кандани ранги рӯй, тангии нафас ва ларзидани дастони шоҳаншоҳ нигариста пай мебурд, ки аз асари риёзат бори кӯҳеро бар дӯш дорад. Камбучия аз гояти дард беҳолона дандон мефишурду сараш

зер овезем. Вагарна тахту тоҷи падарони бузургу покнажоди мо ба дасти бадкешону бегонагон меафтад!

- На! Намегузорем! - ялона хурӯшид Доро буғзи дар синаи лабрези хашму андӯҳаш гиреҳзадаро берун рехта. - Тахту тоҷ ва мулки мо бесоҳиб нест! Хоки муғони густоху бадзотро мебезем!

- Зиҳӣ, Доро! - аз ғуруру хашми Доро рӯҳу мадор гирифта дар чашмони шоҳаншоҳ беихтиёр ашки умедворӣ падид омад. - Аз миёни сипаҳбадон туро ба сарвариии лашкар баргузидам. Бигузор Гобрияи солдидаву гарміву сардиҳоро озмуда пасфардо бо даҳҳазораи пешоҳангаш роҳи Экбатанаро пеш гирад. Ва дар миёни як ҳафта сипаҳбадони дигар бо лашкари савораву пиёда аз Миср берун шаванд.

- Пас аз набарду пирӯзиҳои сангин Мисрро вогузорему бо осонӣ берун шавем? Охир кушодани Миср орзуи деринаи падарсолори мо Куруш буд, ки онро шоҳаншоҳи бузургворам сомон бахшид.

Камбуҷия аз ситоиши огоҳонаи Доро, ки сарзаниши беозореро дар ниҳод дошт, каме болида ба андеша рафт. Ӯ ба гуноҳи бародаркушиашро омӯрзидани Доро чандон бовар накунад ҳам, аз пуштибонии самимона ва тахти ниёгонро пос доштани ӯ сипосгузориеро андар ниҳодаш эҳсос менамуд. Шоҳаншоҳ аз хато накарданаш дар интихоби пинҳонпажӯҳ ва сарвари лашкар рӯҳу мадори тоза гирифта, чун ҳамсафи дерина аз Доро пурсид.

- Чӣ чора андешем, Доро? Шояд гумоштаеро кишвардори хеш гузорему нигаҳбонии Мисрро барояш бисупорем?!

- Оре, кишвардори бебоку сахтгир ва аз неку бади кишвар огоҳро биписандед, кори хубе мешавад, шоҳаншоҳам.

- Офарин Доро! Панди неке додӣ! Аз Ариадн бебоку сахтгир ва аз Уджагор-Ресент дар неку бади Миср огоҳтар касе намебинам.

- Ба пиндорам ҳарду шоистаанд ва дар каму кости кишвардорӣ якдигарро ёварӣ хоҳанд кард.

Доро густохиву худнамоиҳои Ариаднро чандон намеписандид, вале дур афтодани ӯ аз рикоби шоҳаншоҳ дар сафари пешомад барояш муносибтар менамуд. Ӯ фурсати бозгашганро дарк карда, бори дигар сипосгузорӣ намуду бо дили лабрези гумону шубҳаҳо роҳи бошишгоҳашро пеш гирифт. Ба марги Бардия чандон бовараш намеомад ва бародаркуширо макри навбатии шоҳаншоҳ мепиндошт. Вале гӯшаи дигари дилаш гувоҳӣ медод, ки аз дасти ин

бӯсидаву ба дидагон молида, аз поғундаҳо поён омаду бо овози баланду ғӯшнавоз нафарони пешсафро яке паси дигар ба шодбошиву дурудгӯй бармехонд.

Навбати Атусо сеюм расид ва ӯ бо гунаҳои арғувониву чашмони сурмасои хумору фиребо ба дастбӯсӣ баромад. Лабони нозукаш майли табассум доштанд ва бар шикани бари зулфону рухсораҳои дилкашаш донаҳои арақ дамида буданд. Ӯ хам шуда чунин вонамуд, ки дасти ёзонидаи шоҳаншоҳи навбахтро мебӯсад, аммо лабони ғунчасонашро нарасонида, ним вақаб болотар сар бардошт.

- Ба тахти бегазанди Куруши Бузург сар фуруд меорам! - бо овои фораму начандон баланд дуруд гуфт Атусо ва баъди каме хомӯшӣ афзуд. - Бароят барору шодкомиҳо мехоҳам, шоҳаншоҳи бедорбахт!..

Дили Бардияи дурӯғин аз набӯсидани кафи дасташ беихтиёр таконе хӯрда ба тахтапушташ арақи сард шорид. Симояш орому андар лабонаш ҳандаи нарме шукуфида бошад ҳам, аз фош шудани рози пушида ларзаи даргузаре ба танаш мефитод. Спендадот парешонии бародарашро пай бурда, дарҳол каси дигарро ба дастбӯсӣ хонд ва нописандиву густохии Атусо аз назарҳо ниҳон монд. Ситоишу чарбзабониҳои паёпай эҳсоси ҳаросу бадгумониро дар дили Бардияи дурӯғин фурӯ нишонд. Танҳо ҳангоми фарҷоми тоҷгузорӣ кадхудои солхӯрдае, ки назди Камбучия нуфузи зиёде дошт ва акнун дороиву заминҳояшро бохта буд, бо хашму ситез ба шоҳаншоҳ дарафтод.

- Ай фарзанди нохалафи Куруш! Магар аз рабудани тахти бародари зиндаву барҳаёт шармат намеояд? Бархезу либоси шоҳиро аз тан барафкан! Вагарна хунрезии мудҳише сар мезанаду кишвари озодаи мо ба хоку хун огушта мегардад!..

Посбонсолор гозон расида аз бозувони кадхудои бебок поён кашид. Аршом ба пуштибонии ҳамнишини деринааш шитофта, ӯро аз бори мушту лагадҳои афкандаи дарбориён раҳонидан хост. Вале кадхудои густох бо сару рӯи кафидаву хунолуд дар чанголи посбонон такопӯе ангехта, ҳамоно фиғон мекашид.

- Дареғи сари сафедат, Аршом! Дар тоҷгузорӣ пештозӣ мекунӣ?!.. Дидаву дониста оини шоҳаншоҳонро поймол месозӣ?! Ба ин дастаи чоплусону дурӯғзанон пайваста, хушомаду ширинзабонӣ менамоӣ?! Дареғи Наврӯзи Бузург! Дареғи тахту тоҷи Куруш, ки ба дасти фарзанди хатокору дурӯғпешае афтод!..

- Хомӯш бош, вагарна сарат барбод меравад! - бонг кашид

наи толори барҳавои пазирӣ сӯи чарбзабонону ситоишгарони дарборӣ пуру зиё меафшонд. Ҳафтаи дуюми моҳи гармопада, аниқтараш рӯзи шуҳуми[1] он бо маросими тоҷгузориву зиёфатҳои шоҳона мегузашту баҳори файзбору сабзкабо ба дашту кӯҳдоманҳои Экбатана пероҳани арӯсӣ мепӯшонд.

* * *

Лашкари саворавву пиёдаи Камбуҷия дар нимаи дуюми фасли баҳор бо тундиву шитоб сӯи ватан бозмегаштанд. Доро тайи як ҳафтаи давутоз ва бехобиҳо ниҳоят сипоҳиёнро аз шаҳрҳои Мемфису Саис ва дигар бошишгоҳҳои нигаҳбонӣ берун оварда, сӯи роҳи тӯлонӣ ва хастагиовари паҳноҳои Пелусия раҳсипор намуд.

Дар Миср камтар аз дах ҳазор сипоҳии кирояи юнонӣ ва беш аз панҷ ҳазор сарбозони порситабор монда бошанд ҳам, волии нав - Ариадн бесаранҷомиву хавотирӣ нишон намедод. Ӯ шоҳаншоҳро ба фосилаи як фарсанг[2] гуселонида, ҳангоми хушбошӣ барояш камарбандӣ заррини гавҳарнишон, шамшери даставу ниёмаш чавоҳиркорӣ ва таковари сиёҳмушкини зину рикоб ва лагомаш зарандуд пешкаш намуд.

Пас аз бозгаштани Ариадн боронгариҳои паёпай, ки аз думболи гармиҳои тоқатфарсову хушксолиҳои чигарсӯзи порсола расида буд, бо лойу чал ва кӯлмаку селобаҳояш роҳпаймоии сипоҳиёнро душвор мекард. Ба болои ин овозаи ошӯби Экбатана ва кулли сипоҳиёни зери фармони Камбуҷияро раҳоӣ бахшидани Бардия ба сафи лашкар парокандагӣ афканда, майли саркашиву ворастагиро дар ниҳоди онҳо меангехт. Паёмҳои ноҳуши саркардаҳоро куштану сармояву хӯрокаро рабуда, фирор намудани сипоҳиёни шӯрида рӯз то рӯз бештар гашта, Дороро хавотиру бесаранҷом менамуд. Аммо фурсати пурсуҷӯю таҳқиқ набуд, ҳатто як рӯз бозистодан ва чазодиҳиву дилгустарӣ кардан сафи сарбозони гарданкашу норозиро дучанд меафзуд.

Рӯзи чордаҳуми сафар сипоҳиёни хастачон аз канораи дури шаҳри Танис гузашта, сӯи паҳноҳои Пелусия рӯй оварданд.

---

[1] Аз рӯи далели «Катибаи Дорнюш дар Бесутун» аз моҳи Гармопада 9 рӯз гузашта буд, ӯ шоҳиро гирифт» (Сутуни I, 34-45), ки ин сана ба 2 апрели соли 522 то милоди масеҳ рост меояд.

[2] *Фарсанг*, ченаки масофаи порсиён, ки ба фосилаи панҷуним километр баробар аст.

стаи орзуҳою ҳаваси шоҳаншоҳи хирадкоста ва тахту тоҷи огуштаи хуни ӯ бошад?! Охир чоруним соли умри ҳазорон сипоҳиёну сипаҳсолорон дар ин мулки дурдаст магар беҳуда нагузашт? Худи ӯ бо кадом корнамоиаш менозад?! Шояд расидан ба ҷоҳии пинҳонпажӯҳию суханчинӣ? Ё сазовори номи сарлашкари шоҳаншоҳ шудан, ки сипоҳиёнашро бо тундиву шитоб сӯи хунрезиву якдигаркушии дубора раҳнамоӣ месозад? Кош сарлашкар намешуду чун киштирони қаторие ин обраҳаи тӯлониро то поёнаш чену бар мекард ва бори ниёзмандеро ба чойгоҳ мерасонд...»

Доро гирифтори ҳамин андешаҳо аз паси гардунаи шоҳаншоҳ ба соҳили дигари обраҳа гузашта, сӯи лашкари пешоҳанг шитофт. Сипоҳиёни роҳкӯфтаву хастаҷон охирин мадори танашонро ғундошта, аз роҳу бероҳа пеш мешитофтанд. Гобрияи солхӯрда аз асп фаромадаву найзаеро чун асо ба каф гирифта, дар сафи пеши лашкараш гом мениҳод. Ӯ аз сахтгирии Доро каме ранҷида бошад ҳам, сир бой намедод ва сипоҳиёни сафи пешро аз думболаш кашолакунон мебурд. Доро ҷилави аспашро кашида, ба паҳлӯи Гобрия рост шуд ва дилсӯзона таскин бахшид.

- Монда мабош, пири сипаҳбадон!

- Чаро пайваста мешитобӣ, Доро? - пайкарашро рост карда дар миёни пайроҳаи гилолуди намаш коҳида бозистод Гобрия. - Шояд мехоҳӣ рӯзи якдигаркушии мо зудтар фаро бирасад?

Дар гирди лабони Доро табассуми дардомезе дамид. Ӯ аз гуфтори тунди Гобрия дилтанг гашта, пой бар рикоб фишурд ва дида ба паҳнойи дашти бепоён дӯхт, ки лашкари хастаҷон дар миёни он чун селаи мурони парешон мехазиданд. Дирафши сипоҳи талоя аз асари борону нури офтоб рангаш коҳида, нишоне аз сарбозони озодаву болидарӯҳ ба чашм наметофт.

- Бубахш пири сипаҳбадон! - даст ба китфи Гобрия ниҳод Доро. - Бозистодан хатар дорад. Метарсам, ки сипоҳиён ҳангоми осоиштаймони ниҳонӣ баста ошӯб мебардоранд.

- Шитобзадаро пешпой хӯрдану нокомиҳо нигарон аст, - маънидорона ба тахти чашмони Доро нигарист сипаҳбади солхӯрда.

- Дар чанголи хатар шитобкорӣ аз гофилӣ бартар аст, устод, - аз киноя Гобрия ранҷида аспашро махмез заду сӯи ҷабҳаҳои сипоҳи пасоҳанг бозгашт Доро.

Соате нагузашта боз майдаборон борид. Фавҷи лашкари са-

дастаи пайковарон бо парчамҳои сафед намудор гаштанду сипоҳи пешоҳанги Гобрия бозистод. Пайковарон бо дастури шоҳаншоҳи навбахт Бардияи писари Куруш ба бародараш Камбучия паём оварданро баён карданду додани нома ва гуфтани рози ниҳониро шахсан ба худи ӯ вогузор намуданд[1]. Чарбзабониву пурсучӯйҳои Доро барои огоҳ шудан аз муроди дидор бо Камбучия чорае надод. Расидани шом ва дур будани бошишгоҳи шоҳаншоҳро баҳона карда, пайковаронро дар саропардае ҷой доданду Доро савораеро сӯи Камбучия фиристод. Савора дар нимаи зиёфати оростаи Доро навиди субҳи пешомад пазируфтани пайковаронро бозоварду дили ӯ каме баросуд.

Аслан Доро зиёфати пазироиро ба хотири огоҳ шудан аз бурду бохти Бардия баъди қариб се моҳи ошӯбаш ороста, шароби дерсолу сармасткунандаеро бо баҳонаи бурдани хастагии роҳ гардон намуд. Бодагусориро ба ду канизи хушпайкари нимурён вогузор намуда, барояшон дастур дод, ки ҳам бо чомҳои лабрези шаробу ҳам бо нозу бӯсаҳои ширин пайковаронро шодкому сархуш намоянд. Чорасозии Доро чанде нагузашта гирехи забони сафирони аз бистари зан дурафтодаву ташнаи комро кушод. Онҳо беихтиёр даст ба миёни борику суринҳои таранги нозанинони бодагусор бурда, ҳазлу шӯхӣ мекарданду густохона гап мепатофтанд ва аз нозу ишваи фиребо ҳаловат мебурданд.

Доро дар ин лаҳзаи муносиб худро сархуш вонамуда фармуд, ки созандаву раққосаҳоро ба базму бозӣ бихонанд. Гобрияи рамузфаҳм дарҳол миёни нозанинеро ба канор кашида, дар ҳавои мусиқии форам ба ракс даромад. Доро, ки дар пешорӯи сарвари пайковарон нишаста буд, чомҳои шаробро ба сар мекашиду ӯро ба ҳамқадаҳӣ даъват мекард. Сӯҳбати ҳарду аз ёдоварии хиёбони хушманзараву кӯшкҳои Экбатана ва ситоиши дӯшизаҳои он метафсиду Доро самимона дарегу оҳ кашида, бесуд гузаштани панҷ соли умрашро гӯшзад мекард ва аз саргардониву набардҳои беҳосил афсӯс мехӯрд.

Сарвари пайковарон бо ҳама зиракиаш ба дом афтода, беих-

---

[1] *Ҳеродот* дар Сурия омадани сафирон ва ба Камбучия расонидани паёми Смердис (Бардня)-ро зикр мекунад, ки муаллиф танҳо ин далелро ба инобат гирифта, ривояти минбаъдаи аз вокеият дуртари ӯро сарфи назар менамояд. (ниг. Ҳеродот. Таърих. Китоби сеюм, бандҳои 62-63-64).

шоҳаншоҳ бурданд. Дар маросими пазирой аз сипаҳбадон касе набуд, танҳо Прексасп пешорӯи даромадгоҳро бо пайкари паҳлавононаш ниҳабонӣ мекард. Андаруни саропарда фаршҳои пурнақши дастибофт ва дигар пойандозҳои рангорангу гаронбаҳоро густурда, дар рӯи пойгоҳи баланди кандакорӣ тахти зарҳаландудае гузошта буданд, ки бо пояҳои ҳамсони чанголи шер ва пайкараи Симурғи болои такягоҳаш ба дилҳо ҳарос меангехт. Шоҳаншоҳи кишваркушой Камбучия бар рӯи тахт бо тани логару рухсораҳой барчастаи рангаш коҳида ва бинии тегкашидаи хаёле дамида чун шабеҳаи ҳаросангези одамӣ ба либосҳои гаронбаҳо печида менишаст. Вале чашмони ба даруни косааш фурӯрафта чун ду лахчаи фурӯзони зери хокистар медурахшиду аз неруи нухуфтаи кинхоҳиаш гувоҳӣ медод.

Сафирон дар рӯи фарши нарму серпат ба зонӯ зада замин бӯсиданд ва бо дуруду наём номаи чармини лӯлапечро дароз карданд. Камбучия ба дуруди онҳо посух надод ва барои гирифтани нома сӯи Доро ишорае карду бо оҳанги дурушту саршори нописандӣ пурсид:

- Аз кучо омадед ва чӣ мехоҳед?

- Аз Экбатана омадем вологуҳар...

- Кӣ шуморо фиристод?

- Шоҳаншоҳи навбахти кишвар Бардияи писари Куруш...

- Шоҳаншоҳи навбахт?! - барошуфт Камбучия бо теғи нигоҳи шарарбор вучуди сафирсолорро чок карда. - Палиди бехирад! Магар шоҳаншоҳи ростин ва ҷойнишини бегазанди Курушро дар пешорӯят намебинӣ?!

- Ман фиристода ва пайкам, - узромез барои бехатарии ҷони хеш рисолаташро ёдовар шуд сафирсолор. - Густохӣ ва паёми нохушамро биёмурз, ки расониданашро бар дӯшам вогузор кардаанд.

- Намакношиноси бадбахт! - хурӯшид Камбучия бо дарегу надомат. - Аз дуди оташкада саргиҷ шудаву равонаш коста орзуи тахти шоҳаншоҳӣ кардааст...

- Аз хунам бигзар, сетипаноҳ, - ба суханони Камбучия чандон сарфаҳм нарафта рухсати сухан гуфтан хост сафирсолор. - Бардияи писари Куруш ба бародари бузургаш сари итоат фуруд оварданро пешниҳод карда, барояш маснади кишвардории Мисрро барои ҳамешагӣ вомегузорад. Дастури кишвардории Миср бо нишону чак даруни нома аст...

Камбучия лаҳзае шах шуда, мадори сухан гуфтанро бохт. Са-

кашид. - Прексасп! Сиёҳмушкини маро бо афзори набард омода бисоз! Бо сипоҳи пешгард сӯи Шуш хоҳем шитофт.

Шайпури хатар навохтанд ва дастаи чобуксаворон бо дастури Доро аз думболи сафирон афтоданд. Гобрия барои бархезондани сипоҳи пешоҳанг рафтан мехоҫт, ки сиёҳмушкини подошкардаи Ариаднро ба назди саропардаи шоҳаншоҳ оварданд. Таковари ҳайҳо боз саворнадида бо гардани ёзидаву чашмони шарарбор зери зину полҳанг ва рикоби зарҳаландуда ҷастухезу бекарорӣ мекард. Камбуҷия нигоҳи кунҷкобонаи Гобрия ва посбонони атрофашро пай бурда, бебокона ба сиёҳмушкин наздик шуду пешхидматон аз овезаи зин шамшери дастааш ҳотамкорӣ ва дигар силоҳи набардро ба камарбандаш овехтанд. Сипас ӯ бо ёрии Прексасп пой бар рикоб ниҳода, бо як хезгирӣ ба пушти таковар нишаст. Саис зимоми таковарро сар дод ва сиёҳмушкини тохтанро кайҳо пазмонгашта чобукона ба чаҳорхез даромад.

Гобрия ва се садсолори саворааш аз паси шоҳаншоҳи хунаш гарму хашмаш бологирифта ба роҳ афтоданд. Сиёҳмушкин лаҷомро суст дарёфта, шасти тохтанашро меафзуд ва шоҳаншоҳ дар пушти зин сабук меҷасту мавзунона такон мехӯрд. Боди форами пешорӯй бехи гӯшҳо ва пилки чашмони нимапӯшро лесида риши анбӯҳро шона мезад ва нафасгириро душвортар мекард. Шоҳаншоҳ бо ҳаяҷону ситез сиёҳмушкинро метозонду шамшери урёнашро болои сар чавлон дода, хешро сипаҳбади размовар ва пешсафи майдони набард мепиндошт.

Баногоҳ гурӣи яккае аз садои суми таковарон барошуфта, дар фосилаи ним тирпартоб аз паси буттае берун ҷасту ёлҳои пушти гарданашро дамонидаву дандонҳои хунрези ашкашро гиз карда, сӯи саворон довталабона ҳаррасе зад ва сипас рӯ ба фирор овард. Сиёҳмушкини дартоз аз ҳайбати ногаҳонии гурги бебоку довталаб тӯрида, якбора сайҳаи хавотиромезе кашиду бо такони тезу тунд сари ду по хест. Камбуҷияи размовар, ки бо шамшери урён боди пешорӯяшро чун душмани забунгашта чоку реш мекард, аз такони бебокона ва сари по рост шудани сиёҳмушкин чапагардон шуда ба рӯи замин афтод. Аз қазои сарнавишт ҳангоми ба замин бархӯрдан шамшери урён бо дами теғаш зери рони рост омада, лахте банди пойро то устухон чок карда буд.

Сиёҳмушкини лаҷомгусехтаи бесавора аз фигони ҷонсараки шоҳаншоҳи захмин дубора рамида бо чаҳорхези девонавор рӯ ба самти дигар овард. Гобрия бо ҳамсафонаш ҳамон дам аз

тост. Ӯ аз паси гардуна шитоб накарда, пеш мерафту аз нуфузу эътибори шоҳаншоҳ ва ҳайбати бегазанди он андеша мекард ва бурду бохтҳояшро дар мизони хирад бармекашид.

Аслан шоҳаншоҳи соҳибқудрат мисли теғи хунрез аст, ки метавонад дар як лаҳза ҷони ҳама гуна бандаашро бирабояд. Аз ҳайбати ӯ хурду бузург меҳаросанд, родмардону размоварон дар пешаш ба зону зада замин мебӯсанд, сипоҳиён шабу рӯз барояш фидокорона хидмат менамоянд, дар набарду пархошҳои кишварситонӣ бебокона хун мерезанд ва ҳатто аз маргу ҷон бохтан сар наметобанд. Чарбзабонону ситоишгарон сангдиливу кирдорҳои зишти ӯро бо обу ранги хоса навозиши падарона меноманду ҳамду сано мехонанд.

Аммо ин ҳама ҳангоми пойдор бурдани тахту тоҷ ва бар таковари давлату соҳибқудратӣ нишастани шоҳаншоҳ аст. Чун аз қазои сарнавишт бадбахтие ба сари шоҳаншоҳи замон фитаду мурғи давлат аз китфаш бипарад, зердастонаш ҳамоно барошуфта, кинаҳои дерина боло мехезад, сӯиқасду хунхоҳӣ ва поймол намудани ному манзалати давлатмарди забунгашта авҷ мегирад. Сафи ошӯбгарону исёнпешаҳо меафзояд, мардуми шӯридаву саркаш ба хиёбону кӯчаҳо мерезанд, баъди пархошу майдондориҳо ва додхоҳиву саркӯбсозиҳо ниҳоят боз шоҳаншоҳеро мепазиранду дуруду шодбошгӯиҳо аз нав оғоз меёбад. Ва дудмону насаби шоҳаншоҳӣ бо ин расму оин яке паси дигар пайдову нопадид мегарданду умри чандин насли одамӣ бо рафтани моҳу солҳо мегузарад.

Куруши Кабир тахти бобояш Астиагро ситониду Камбуҷия бидуни дархости падар ҷои бародараш Бардияро рабуд ва аз бадгумониву хароси бохтани маснади хеш ӯро ба таври ниҳонӣ нобуд кард ва пиндошт, ки дигар ҳарифе нахоҳад дошт. Вале бехабар аз пешомади сарнавишти носозгор ӯ беҳуда ба бародаркушӣ даст зада, бори гуноҳи нангин бар дӯш акнун дар ҳолати бохтани ҷон қарор дорад. Магар бадбахтӣ аз ин фузунтар мешавад? Тоҷу тахташ ба дасти муғи дурӯғванде гузашт ва рӯзҳои вопасини умраш ба нокомӣ гаравид. Ва ҳолиё дар ин нимароҳи нотавониву водарегӯиҳо ормонҳои барбодрафтаашро ба манзили охират хоҳад бурд. Ва акнун дар ин бозии хатарноки тақдир навбати кӣ мерасад? Шояд навбати ту, Доро. Охир аз фарози сӣ гузаштай ва дар тӯли умри пурҳангомаат борҳо бо марг рӯ ба рӯ шудӣ. Чаро дар ин фурсати ҷакдирсоз бахтатро наозмоӣ?! Имрӯз ту пинҳонпажӯҳ ва роздори наздиктарини шоҳаншоҳ, ба болои ин

дирҳами нуқра[1] биафзой, бароят даҳчанд фидокориву ҷонбозиҳо хоҳанд кард. Дастмузди кирой, подоши арзанда, сипаҳбадони вафодори сахттиру ҷангозмуда ва артишсолори зираку дурандеш камари ҳама гуна душмани тавоноро мешикананд, Доро...

Доро дар тӯли ду ҳафтаи бемориву мадҳушиҳо ва аз ғояти захми ҷонкоҳ бозпурсии ҳоли лашкарро фаромӯш кардани Камбуҷия дастаҳои даҳҳазораи яккачинро гӯё бо дастури шоҳаншоҳ аз нав пуру чобҳабандӣ кард. Бо пешниҳоду дархости сипоҳиён барояшон садсолорони писандида ва ҳазорпатони далеру фидоиро барғузид ва фарҷоми бемории тӯлкашидаи Камбуҷияро нигарон шуд.

Аммо шоҳаншоҳи ғетипаноҳ оғози ҳафтаи сеюм аз сухан монда, хурӯшу ғалаёни хун дар шарёни заифгаштааш торафт мекоҳиду ором мегирифт. Хаёли тирааш ҳанӯз ҳам шӯру ситез дошт ва оташи кинаҳои дарунсӯзи ӯро аз чашмони нураш рафта, вале ҳамоно лабрези адовати берун мерехт. Танаш ноаён карахт мешуду сардии аракрези шабеҳи хоби гарон ҳастиашро пахш мекард ва боз пайкари орамидаашро таби сӯзоне фаро гирифта ба вуҷудаш ҷон медамид.

Рӯзи бистуми бемории[1] ҳоли шоҳаншоҳ хеле бад шуд ва Доро бо ҳидояти Камбуҷия ба наздаш Виштоспу Гобрия, Отану Видарна, Бугубахшу Виндафарна ва дигар порсҳои волотаборро хонд. Чанде нагузашта касони хостааш гирди шоҳаншоҳро печонида ба ҳоли табоҳи ӯ бо дареғу афсӯс назар мекарданд. Шоҳаншоҳ аз такони дасти Доро ҳаросон чашм кушоду касони наздикашро дар болои сар шинохта каме ором гирифт. Хун аз андомаш парида, ранги рӯяш заҳиру зард ва пӯсти бинии тегкашидааш ёзидаву таранг шуда буд. Лабҳои хушкидааш кафидаву кашиш ёфта, нигоҳи бемадору пурнадоматаш аз сақфи пардаи гардуна лағжида рӯи Доро ва ҳамнишони пешинаашонро палмосиду чанд қатра сиришк ба риши бармаҳал сафедшудааш таровид. Ӯ бо дарегу ҳасрати ҷигарсӯз оҳе кашида, забони ба комаш часпидаро раҳо карду суханони вопасинашро чун васияти пеш аз марг баён намуд.

---

[1] *Дирҳами нуқра*, пули нуқрагии хоси порсҳо ва дигар ҳамсоякишварҳои юнонӣ, ки як дирҳам тақрибан ба 4,5 гр. нуқраи холис баробар буд.

[1] *Ҳеродот* рӯзи бистуми бемории ба порсҳои волотабор суханони вопасинашро гуфтани Камбуҷия ва дертар аз ҷаҳон чашм пӯшидани ӯро баён кардааст. (Нниг. Ҳеродот. Таърих. Китоби сеюм, банди 65).

синааш фитода, поён ғелиду дар гӯшаи бистар дармонда санги гаронбаҳои нигинааш ба ҷилодиҳӣ даромад.

Доро саросема пасу пеш нигариста ба ангуштарин чанг андохта пеши чашмаш оварда ва лаҳзае ба санги ёқуташ зеҳн монд. Санги нигина сиккае дошт, андаруни чанголҳои нимабози Симурғ, ки ба рӯяш номи Куруши Кабир бо хатҳои мехӣ, юнонӣ ва бобулӣ сабт гардида, чун мӯҳри ягонаи шоҳаншоҳӣ истифода мешуд. Доро аз рӯи ҳавову ҳавас ва озмоиш ангуштарини шоҳаншоҳиро ба анғушти мобайнаш андохт. Ангуштарини меросии андозааш мувофиқ аз пушти панҷаи даст он қадар зебову дилкаш метофт, ки гӯё маҳз барои ангушти ӯ сохта бошанд.

Фиғони нолишомезу ситезандудае аз бистари бемор баланд шуд ва Доро аз тамошои мӯҳри нигина сар бардошта ҳаросон сӯи бемор нигарист. Камбучия бо пайкари нимхези ба раъша фитода, чашмони аз косахона ҷаста ва чанголҳои ларзон тамоми нерӯяшро ғундоштаву такон хурда ангуштаринро рабудан мехост. Доро аз бонгу хурӯши дубора ва девонавори Камбучия ҳаросида бо тундӣ болишти нарми барашро рабуду ба даҳони нимабозаш ниҳода фурсате пахш кард. Шоҳаншоҳ дар зери болишт каме дасту по зада нафасгир шуду бо нотавонӣ ҷон бохт. Доро болиштро канор гузошта ба дили аз тапишмондаи шоҳаншоҳ гӯш медод, ки табиби мисрӣ вориди гардунаи болопӯш гашт. Ӯ даст ба набзи шоҳаншоҳ бурду бо дареғу надомат сар афшонд ва чашмаш ба ангуштарини дасти Доро афтод.

- Шоҳаншоҳ ангуштарини шоҳиро пеш аз маргаш дод, - ба нигоҳи суоломези табиб беихтиёр посух гуфт Доро ва афзуд. - Равонаш шод бод, маро ба ҷои фарзанд ҷойнишини хеш хонд ва дар дами танги ҷондиҳӣ туро пурсида гувоҳу гумоштаи ростинаш гузошт.

- Шодкому баландахтар бош, ҷойгузини ҷавонбахт! - Дороро ба оғӯш кашида бе ягон гумони бад табрик намуд табиб. - Гувоҳиро бар дӯш мегирам ва суханони вопасини шоҳаншоҳро ба бузургону сипаҳбадон мерасонам.

- Шодиёнаи нахустинро бипазир! - Доро аз кисабағалаш ҳамёни заррро берун оварда ба кафи табиб ниҳод. - Подошҳои бузургтар дар пеш аст...

- Сарам фидои хоки поят бод! - ба зону зада дасти Дороро бӯсид табиби мисрӣ. - То ҷон дар бадан дорам, бароят бандаи ростин хоҳам буд...

ҳассоси баданаш гӯё ҷон дароварда буд ва ба ниҳодаш гармиву ҷозибаи гуворое мебахшид. Ӯ бо шодкомиву рӯҳбаландӣ самандашро маҳмез мезаду мепиндошт, ки таковари чобукпояш сӯи бошишгоҳи сипоҳиёни яккачин сабуку чобукона парвоз мекунад.

* * *

Овозаи марги Камбучия рӯзи сеюми фавтиданаш ба миёни сипоҳиён афтод ва то нимарӯз касе рост ё дурӯғ будани гӯшакиву пинҳонгӯиҳоро намедонист. Ниҳоят Доро бо чашмони лабрези ашк пешопешу табиби мисрӣ аз думбол дари гардунаи болопӯшро кушода берун омаданду шубҳаву гумонҳо то ҷое барҳам хурд. Паёми аз ҷаҳон чашм пӯшидани шоҳаншоҳ дар фурсати кӯтоҳ ба гӯшаҳои дури ақибгоҳ расида, аз сипаҳбадон то сарбозони қаторӣ ҳамаро бесаранҷом месохт. Даҳҳо суолу гумонҳои бепосух ба сари онҳо зада, минбаъд чӣ шудани пешомадро андеша мекарданду фарҷоми гуворову ногувори сарнавиштги хешро чену баркаш менамуданд.

Доро пас аз машварати кӯтоҳ бо сипаҳбадони солдида ба болои гардуна чодари сиёҳи мотамӣ афканда ду тан муғро аз ду тарафи сари шоҳаншоҳи марҳум нишонду адои ниёиш ва омурзиши рӯҳи ба ҷаҳони менӯӣ рафтаро бар дӯшашон вогузошт. Аз ду тарафи гардуна чор қаторӣ ҳашт саф сипоҳиёни пиёдаи яккачин бо сарварии Виндафарна ва Таҳмаспада, парчамҳои сиёҳи мотамиро фурӯ ҳамонида бидуни силоҳ якмаром гом мениҳоданду сӯи Шуш мешитофтанд. Пешопеши гардуна Виштоспу Доро, Гобрияву Отан, Бугубахшу Видарн ва дигар сипаҳсолорону бузургони сиёҳпӯш савори таковарони ба рӯи зин ва сари дӯшашон матои мотамӣ афканда бо симои пурандӯҳу қомати хамида қофилаи мотамдоронро пеш мекашиданд. Пешорӯи гардуна аз думболи бузургон чаҳор қатор навозандагон дар ду баст саф ороста, бо зарби таблу кӯсу духул, фигони карранойу шайпуру сурнай ва нолаи говдуму тамбӯру чанги рӯин ба дилҳои роҳпаймоён ҳузну андӯҳ меафканданду бо навои зеру бами хеш низоми гомниҳиро нигоҳ медоштанд. Аз паси гардуна даҳ дастаи садсолорони яккачин бо ҳидояти ҳазорпати нав, Додаршиши бохтарӣ дар ҳавои зарби таблу духул парчамҳои мотамиро ноаён такон дода шоҳаншоҳро сӯи Шуш ба роҳи охират гусел мекарданд.

Виштосп ва дигар сипаҳбадонӣ солхӯрда, ки чандон чашмдори ин гуна маросимӣ гусели бошукӯҳ набуданд, ба Доро барои

форамаш ба тани сипоҳиёну сипаҳбадони солҳо боз аз оғуши Ватан дурафтода, дар ин шаҳри нахустини барояшон гиромӣ ларзаи гуворои таскинбахше мефиканд.

Поёни китоби дуюм

Душанбе, тайи солҳои 2006-2012.

мутамарказро поягузорӣ намуданд, ки донистани он дар даврони соҳибистиқлоливу давлатсозиҳои кунунӣ барои наслҳои имрӯзу оянда сабаки ибратомӯзе мегардад.

Мадракҳои китобӣ, осори бостоншиносӣ, достону ривоятҳои хаттию шифоҳӣ ва ҳатто дастовардҳои навини зистшиносиву генетикӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки гурӯҳи ориёиҳои Осиёи Марказӣ ё худ Вароруд дар тӯли муҳоҷиратҳои ҳазорсолаҳои то мелодиашон ба марзҳои Эрони кунунӣ кӯч баста, нахуст давлати Мод ва сипас шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён ё ба тарзи дигар порсоёни ориёӣ (дертар порсҳо)-ро поягузорӣ намудаанд. Аз рӯи фарзияҳои асотирию таърихӣ, ҳамчунин «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ метавон гумон бардошт, ки ин гурӯҳи калони ориёиҳои силоҳшӯр, ки дар марзҳои канории рӯдхонаи форс бошанда шуданд, аз пушти Манучеҳр ва набераҳои ӯ рӯидаанд, қаламрави паҳновари ориёиҳоро бо Афросиёб то соҳилҳои рӯди Омӯ миёни хеш тақсим кардаанд, ки нигорандаи роман то чое ба ин пиндорҳо рӯ овардааст.

Ба андешаи навини таърихнигорон дар сарзамини Ироқу паҳноҳои Эрони кунунӣ чор давлат - Бобул, Ошур, Лидия ва Мод барпо буданд. Тақрибан дар нимаҳои асри 7 то милод дар доманкӯҳи Аншан як гурӯҳи калони қабилаҳои саворан ориёӣ дар канори давлати кунунии Эрон, аниктараш наздикии мавзеи Шуши ҳозира сокин шуданд ва дертар чун саворони парҳошӯй ва кишваркушо ба ҳимояи сарҳади давлати Мод аз рақиби тавоноияш Ошур вобаста гардиданд. Сарвари ин қабилаҳои ориёӣ Ҳахомашин буд, ки ҳафт ҳонадонро муттаҳид мекард.

Аз рӯи солномаҳои Навохудоносору Набонид, маълумоти воқеанигор Берос, нигориши муаррихон Ҳеродот, Ктесий, Ксенофонт, Страбон, Диодор ва гайра, қавму қабилаҳои аз қаламрави Балху Бохтар сарозершудаи ориёӣ дар ҳудудҳои канории давлати Мод ва домани кӯҳҳои Аншану Парсуа сукунат доштанд, ки онҳоро нахуст бо номи подшоҳони Парсуа ва Аншан ёд мекарданд.

Тақрибан соли 559 се сол баъди марги Навохудоносор Куруш ба тахти подшоҳии Аншану Парсуа нишаст ва пойтахти муштараки онҳо Парсокат[1] - (шаҳри Порсоён)-ро дар водии паҳноиаш

[1] *Пасаргод*, *Посаргод* (ба андешаи банда шакли дурусташ Порсокат - мисли Бунчикат, Курукат) аст.

ки сарнавишти пурҳангомаи Куруши Кабир ва пасовандонашро ба раванди бунёди давлатдории миллӣ ва ормонҳои ҷомеаи имрӯзаи мо ҳамоҳанг гардонад.

Дар охир суханони худро бо баҳои холисонаи як тан аз таърихнигорону файласуфони бузурги немис Иоган Гортфрид Гердер тақвият мебахшам, ки ҳанӯз соли 1784 гуфтааст: «Агар дар арсаи таърихи башар шоҳаншоҳеро бо каломи шоирона ситоиш кардан раво бошад, бешак он шоҳаншоҳ Куруши Кабир аст, ки қаламрави паҳновари давлаташро бо фатҳи паҳноҳои Осиё пояғузорӣ намуда, сарзамини ҳамқавмони парокандаашро аз Баҳри Миёназамин то рӯдхонаи Ҳинд муттаҳид намуд»[1]. Ва ин гуфтаҳоро бо суханони машҳури файласуфи бекаринаи се асри гузашта Фридрих Гегель ҷамъбаст мекунам, ки давлатдории аҳди Куруши Кабир ва ворисони ӯро дар таърихи башарият «нахустин давлатдории мутамаддини аҳди қадим» номидааст.

Ва ниҳоят аз даргоҳи Худованди меҳрубону бахшоянда вафои умр ва нерӯи эҷодӣ дархост мекунам, то китоби сеюм - романи нотамоми «Дорои Бузург»-ро ба сомон расонам. Саранҷом ба хонандагони арҷманду нуктасанҷ сарбаландиву шодкомиҳо дархоста, ин ду романи навбатиро ба ихтиёрашон вомегузорам, то ҳар пешниҳоду гуфтание доранд, ба нигоранда расонанд.

Бо дуои нек ва орзуҳои наҷиб

Муаллиф.

---

[1] *Гердер Иоган Гортфрид.* Идеи к философии истории человечества. М. 1977. - С.322.

боғурур ва оқилаву соҳибтадбир, аз Куруш якчанд сол хурд аст. Ӯ шавҳарашро сидқан дӯст медошт ва ҳангоми хостгории нахустини Куруш расми риояи оини мотамро баҳона оварда, таклифи ӯро бечавоб мегузорад. Ба қавли Ҳеродот баъди гузаштани солҳо Куруши Кабир ҳайъати сафорашро бо мактуби хосае ба назди Томирис мефиристад. Аммо ӯ ба самимияти ишқи Куруш бовар накарда посух медиҳад, ки «ту ба ман не, ба сарзамини ман ошиқ гаштай». Томирис бори сеюм ҳам аз сипоҳи душман наҳаросида хоҳиши Курушро рад мекунад ва писараш Сипаргаписро ба муқобили ӯ барои ситондани хунбаҳои падар мефиристад. Аммо ҷавони бетаҷриба гирифтори ҳилаи ҷангии Куруш гашта, асир меафтад ва аз ғояти номус худкушӣ менамояд. Томирис баҳри ситонидани қасос тамоми қабилаҳои тӯрониро ба ҷанги шадид сафарбар мекунад. Аз рӯи маълумоти Ҳеродот ин охирин ва шадидтарин ҷанге буд, ки дар он Куруши мағлубнопазир шикаст хӯрд ва Томирис сари бетани ӯро ба машки пурхуне афканд, то аз хун сер шавад.

Мувофиқи ахбори парокандаи муаррихон Томирис дӯшизаи чобуксавору набардпеша, шамшерзану найзаафкан ва тирандози моҳир буда, азму иродаи қавӣ, ҷасорати ботинӣ ва ҳунари нотакрори лашкаркашӣ дошт. Ӯ тавонист қабилаҳои парокандаи тӯрониро муттаҳид сохта, низою хусумати миёни онҳоро ба эътидол оварад. Ҳусну ҷамоли беқиёси модарзод ва ақлу заковати мафтункунанда дошт. Дар сурат қадаш миёнаи мавзун, миёнаш борик, мӯяш сиёҳи мавҷдор, чашмонаш бодомӣ, биниаш рости мӯътадил, рухсораҳояш арғувонии бечурм, даҳонаш танг ва лабонаш нарму нозук. Нигоҳаш сеҳр дорад, вале чиддию пурҷозиба. Дар гардани мавзунаш гарданбанди қуббадори дар шакли уқоб ороёфта, даспонааш ба сурати ду мори боҳампечидаи сар ба сар омада дорад. Давродаври тоҷи пурҷилояш бо сангҳои гаронбаҳо оро ёфта, дар болои тахти бошукӯҳ бо салобати хосае менишинад. Дар симои ӯ ҳусну назокат ва чиддияту омирӣ бо ҳам омада, шукӯҳу салобати шоҳонаашро меафзояд.

АСТИАГ - Охирин подшоҳи Мод, ки тақрибан солҳои 585 то м.- 553/2 то м. ҳукмронӣ кардааст. Бобои воқеии Куруши Кабир, ки ягона насли мардина аз хуни ӯ (писари духтараш Мандона ва Камбуҷия) ба шумор мерафт. Астиаг аслан писар надошт ва аз занаш Ариенас соҳиби ду духтар шуда буд: Амутида ва Мандона. Мувофиқи маълумоти муаррихони аҳди қадим ҷанги байни Лидия ва Мод, ки чандин сол боз идома

муаммоомезу сарбастаро дӯст медорад ва ҳозиронро бо неши сухан ва амалҳои ғайричашмдошташ лолу карахт мегардонад. Каси наздик надорад ва ба ҳама мукарробонаш бо шубҳаю нобоварӣ ва ҳисси бадгумонӣ менигарад. Воқеан, маҳорататаш модарзод аст ва сирату сураташро барои расидан ба ҳадаф тағйир дода метавонад.

ГАРПАГ - сипаҳсолор ва бузургвазири Астиаг, дастпарвари Киаксар. Намоёнтарин асилзодаи мидӣ. Дар синну сол каме аз Астиаг калонтар буда, ба хонадони шоҳ хешутаборӣ дорад. Марди рӯзгордидаву зиндагиозмуда, орому ботаҳаммул, камсухану соҳибтадбир. Лашкаркаши ҷангдидаву зирак, далерию ҷасорат барояш бегона нест. Бо фурӯтанию сабру тамкин мулкро идора мекунад ва ба Ватан садоқат дорад. Вале баъди ноҷавонмардона кушта шудани писараш ботинан бар зидди Астиаг шӯрида, фурсати муносиби ҳасосситонӣ мечӯяд. Дар симои Куруш шоҳаншоҳи оқилу дурандеши ояндаро дида, бо ӯ мепайвандад ва дар шикаст додани Астиагу Спитам ва дигар тарафдоронаш саҳми муносиб мегузорад. Дар аҳди Куруши Кабир низ муддате сарлашкар мешавад, сипас ихтиёран волии Лидия мешавад ва дар он ҷо ба сулолаи Гарпагиён асос мегузорад. Дар зоҳир чиддисимо, босиёсат ва паҳлавонпайкар, китфони барҷаста ва синаи фарох дорад. Ба Куруши Кабир содиқона хидмат карда, дар ислоҳоти умури лашкар ва идоракунии мулк мадад мерасонад.

ФАРОНАК - писари ягонаи Гарпаг, яке аз дӯстону ҳамсолони Куруш дар дарбори Астиаг. Табиатан ҷавони зебосимою хушодачабин, тарбиядидаву хушодоб. Аз рӯи расми асилзодаҳо ҳунари аспсаворию шамшерзанӣ, тирандозию найзаафканиро омӯхта, дар миёни ҷавонон нуфузи зиёд дошт. Мувофиқи ахбори Ҳеродот ва дигар муаррихон Астиаг ба хотири ситонидани қасос аз Гарпаг писари ягонаи ӯро кушта ҷисмашро мепазад ва гӯшти писарро ба падар меҳӯронад. Ин манзари мудҳиш дар замири Куруш инқилоби ботинӣе ангехта, барояш сурату сирати бобояш Астиагро мекушояд. Фӯҷиаи Фаронак аслан фоҷиаи дарбори Астиаг ва рӯ ба завол овардани салтанати ӯст.

СПИТАМ - домоди калонии Астиаг, шавҳари Амутида (Амитида). Яке аз рақибони дарбории Куруши Кабир ва ашрофони бонуфузи мидӣ. Табиатан шахси бадкинаву дарундор, ҳасуду дасисабоз ва маккору бераҳм. Аз сабаби писар надоштани Астиаг орзуи ба тоҷу тахти Мод расиданро дар дил мепарварад ва дар

Писари ӯ дар овони тифлӣ ба таври номаълум ғайб зад ва дар айёми балоғат баногоҳ пайдо шудани Куруш барои Камбучия ва Мандона як атои тақдир буд. Камбучия дар сурат зебоандом, қавипайкар ва хушқаду қомат бошад ҳам, аз падарарӯсаш сахт меҳаросад. Мекӯшад, ки дар чашми Астиаг камтар намояд ва аз муноқишаҳои дарборӣ дар канор бошад. Аз ҷониби Киаксар (падари Астиаг) ҳангоми зиёфати бошукӯҳ аҳдшиканона кушта шудани кулли пешвоёни сакоиҳо на танҳо Камбучия, балки дигар волиёну ҳокимони зердасти Астиагро бечуръату тарсу сохта буд.

МАНДОНА - Модари Куруши Кабир, духтари хурдии Астиаг. Мандона тимсоли модари мусибатзадаю шӯрбахтест, ки бар асари ҳангомаҳои дарборӣ тифлашро аз даст дода, баъди бозгаштани ӯ низ эҳсоси модариаш таскин намеёбад. Дар сурат ба дӯшизаҳои юнонӣ шабоҳат дорад, вале чашму абрӯвонаш сиёҳ аст, мӯяш хурмоиранг.

ОЙБАР - саиси Астиаг, яке аз асилзодаҳои тӯронӣ, ки асир афтода ба қисмати носозгор тан додааст. Дар тарбияи Куруш саҳми зиёд дорад, баробари аспсаворию тирандозӣ дасисаҳои пасипардагии дарборро барояш ошкор месозад. Шояд ҳамин садоқату ҳаққи устодиаш бошад, ки ҳангоми ба тахт нишастани Куруш яке аз муқаррабони ӯ шуда, то дараҷаи волигӣ мерасад. Баъзе муаррихон бар онанд, ки Ойбар барои ситонидани қасоси деринааш Патесак ном хоҷасаройро амр медиҳад, ки Астиагро дар биёбони сӯзон партофта фирор намояд. Астиаг аз ғояти ташнагӣ бо азиятҳои гарон дар биёбон ҷон медиҳад. Ойбар дар аспсаворию тирандозӣ ва шамшерзанӣ маҳорати баланд дошта, дар фатҳи қалъаи Лидия ва Бобул корнамоиҳо кардааст. Куруши Кабир дар бораи буду боши тӯрониҳо ва урфу одати онҳо аз ӯ маълумоти зиёде гирифта, дар лашкаркашиҳои зидди массагетҳо ба таҷрибаи ӯ такя мекард. Баъди сари Куруш муддате волии Бобул буд.

ГАУБРУ - сарлашкари Набонид, яке аз ашрофони бонуфузи Бобул. Баъди забти чандин мулк аз қадр нагардидани хидматҳои лашкаркашӣ ва зафарҳо аз Набонид норозию аламзада аст ва баъзан шикояту тундгӯй менамояд. Валтасар аз ин кирдори Гаубру огоҳ шуда, ӯро дошта ҷазо медиҳад ва сипас дар ғулу занҷир баста ба ихтиёри Набонид мефиристад. Набонид барои хидматҳои собиқ аз гуноҳи Гаубруи таҳқирдида гузашта, ӯро волии вилояти дурдасти Гутиум таъин мекунад. Гаубру бо Куруш аҳду паймон мебандад ва дертар ҳамроҳи сипоҳиёнаш дар фатҳи

КРЕЗ - подшоҳи Лидия, бародари воқеии Ариена зани Астиаг. Дар намуд миёнаумр, пурранайкари ботану тӯш. Пӯсташ сафед, қиёфааш ашрофона, рухсораҳояш фарбеҳу арғувонӣ. Ба мӯи сар ва ришаш сафедӣ фитода. Сару либос ва зоҳираш шабеҳи асилзодаҳои юнонӣ. Бо давлати Мод хусумати дерина дошта, баъди ба сари қудрат омадани Куруши Кабир ба қасди бархезондани ҷанг Каппадокияро забт мекунад. Вале дар ҷанг шикаст хӯрда, ба дасти Куруш асир меафтад. Куруши Кабир ақлу заковати ӯро пай бурда, Крезро аз марг мераҳонад ва чун мушовир ҳамроҳаш мегирад. Дар умури кишвардорӣ ва густариши робитаҳои тиҷоратӣ бо Юнонзамин ба Куруш мадад мерасонд. Табиатан шахси хурофотпараст буда, ҳар иқдомашро мувофиқи пешгӯии коҳинони юнонӣ амалӣ месозад. Аз илму ҳикмати юнониён огоҳ, дурандешу зирак, оромтабиату нармгуфтор. То поёни умраш ба Куруш содиқона хидмат кардааст.

НАБОНИД - подшоҳи Бобул, яке аз рақибони тавонои Куруши Кабир. Қобилияти баланди дипломатӣ дошта, ба қавли муаррихон дар «сулҳи гирифтани офтоб» миёни Лидия ва Мод миёнаравӣ кардааст. Дар зоҳир резапайкар, рухсорааш заҳиру камхун, пайкараш лоғару назарногир. Чашмони серҳаракати рамузгир ва риши чингилаи ҳинобаста дорад. Дар танаш рӯйпӯши дарози якқад дорад, ки ба он ситораҳои тилоӣ ва моҳи ҳилол насб шудааст. Намуди зоҳириаш ӯро аз шоҳ дида ба коҳинон монанд месозад. Маҳорати лашкаркашӣ надорад, бештар ба илму ситорашиносӣ рағбат зоҳир мекунад. Дар ҷанги зидди Куруш мағлуб шуда, ихтиёрӣ омада таслим мегардад. Куруш аз хуни ӯ мегузарад ва чун надими хосса муддате дар вилояти дурдаст ҳоким мегузорад. Баъди аз даст рафтани тоҷу тахт бештар ба илми ситорашиносӣ ва нуҷум машғул мегардад.

ВАЛТАСАР - писархонди Набонид. Ҳангоми лашкаркашии Куруш сарварии қалъаи Бобулро ба ӯҳда дошт. Ӯ дар назди ҳар дарвозаи Бобул ҳазор посбон гузошта, эътимод ба он баста буд, ки деворҳои баланди қалъа фатҳнопазир аст. Вале лашкари Куруш аз гузаргоҳи оби дарёи Фурот ба Бобул даромада, қариб бе ҷангу хунрезӣ шаҳрро фатҳ месозанд. Гаубру аз қазо Валтасари масту мадҳушро дар ҳарамхонаи хобаш дастгир намуда, ба қатл мерасонад. Валтасар дар зоҳир қаду қомати сипоҳиёна дорад, худбовару якрав аст ва ба нерӯи лашкараш эътимод мебандад. Ӯ курбони кинаи деринаи Гаубру мегардад.

САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТ

1. Авесто. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Душанбе, 2001.
2. Азимов А. Ближний Восток. История десяти тысячилетий. М. 2003.
3. Алиев И. История Мидии. Баку, 1960.
4. Арриан. Поход Александра. Перевод с древнегреч. М.Е.Сергиенко. М.,-Л. 1962.
5. Баёт Н. Тӯрониён. Теҳрон, 1367.
6. Балъамӣ Абӯалӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷилди 1-2. Душанбе, 2001.
7. Бартольд В.В. Таджики. Исторический очерк. Сочинения. Т.II (часть 1). М.,1963.
8. Бартольд В.В. Несколько слов об арийской культуре в Средней Азии. - Сочинения. Т.II (часть 2). М.,1964.
9. Бартольд В.В. Ещё о слове «сарт». - Сочинения. Т.II (часть 2). М.,1964.
10 Бартольд В.В. Историко-географический обзор Ирана.- Сочинения. Т.VII. М., 1971.
11.Бартольд В.В. К истории персидского эпоса.- Сочинения. Т.VII. М., 1971.
12. Баҳор М. Пажӯҳише дар асотири Эрон. Теҳрон, 1362.
13. Беленицкий А.М., Бентович И.Б.,Большаков О.Г. Средневековый город Средней Азии. Л.- 1973.
14. Беруни А. Осор-ул-бақия, Душанбе, 1990.
15.Библия. Книги священного писания Ветхого и Нового завета. М., 1999.
16.Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах, обитающих в Средней Азии. В 3-х томах. М., 1950-1953.
17.Бонгард- Левин Г.М., Грантовский Э.А. От Скифии до Индии. М., 1974.
18.Вайнберг Б.И., Ставиский Б.Я. История и культура Средней Азии в древности.- М., 1994.
19.Гафуров Б., Цибукидис Д. Александр Македонский и Восток. М., 1980.
20.Гече Г. Библейские истории. М., 1990.
21.Геродот. История в девяти книгах. Пер. с греч. Г.А.Стратановского. Л., 1972.

50.Ксенофонт. Греческая история. Перевод, вступительная статья и комментарий С., Лурье. Л., 1935.
51.Ксенофонт. Анабасис. Перевод М.И.Максимовой. М.-Л., 1951.
52.Ксенофонт. Киропедия. Перевод М.И.Максимовой. М.-Л., 1951
53.Кузьмина Е.Е, В стране Кавата и Афрасиаба. М., 1977.
54.Куликан У. Персы и мидяне. М., 2002.
55.Курций Руф Квинт. История Александра Македонского. - М., 1963.
56. Литвинский Б.А. Древние кочевники Крыши мира. М., 1972.
57.Литвинский Б.А. Храм Окса в Бактрии. М., 1999.
58. Луконин В.Г. Искусство древнего Ирана. М., 1971.
59.Луконин В.Г. Древний и раннесредневековый Иран. М., 1987.
60.Мавлоно Абдулкаломи Озод. Куруши Кабир. Зулқарнайнҳо. Тарҷумаи Бостони Поризӣ. Теҳрон.
61. Масперо. Древняя история народов Востока. М., 1911.
62.Мирхонд. «Равзат-ус-сафо». Китоби 1.2. Душанебе, 2004, 2006.
63. Мифы народов мира в 2-х томах. М.,1994.
64. Муин М. Маздаясна ва адаби порсӣ. Теҳрон, 1338.
65 Муҳаммад Ҷаводи Машкур. Эрон дар аҳди бостон. Таърихи ақвом ва подшоҳони пеш аз ислом. Теҳрон, 1367.
66.Мӯминҷонов Ҳ. Тӯрон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. Душанбе. 1997.
67.Мэри Бойс. Зороастрийцы. Верования и обычаи. М., 1987.
68 Назаров Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон. Душанбе,2005.
69.Нафисӣ Саид. Ба дӯстони тоҷики ман. Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар. Душанбе, 1990.
70.Нафисӣ Саид. Сарзамини поки ниёгонам. Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар. Душанбе, 1990.
71.Негматов Н. Таджикский феномен: теория и история. Душанбе, 1997.
72.Неъматов Н. Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои IX-X. Душанбе, 1989.
73.Неру Джавахарлал. Взгляд на всемирную историю. Т.1-2. М., 1977.

98.Саймиддинов Д. Форсии бостон. Душанбе. 2007.
99.Скарча Ҷанроберто. Оҳангҳои тӯронӣ ва хамосаи ирониён. Аз италиявӣ, тарҷуман Б.Бобохон. Душанбе, 1999.
100.Смирнова О.И. Очерки из истории Согда. М., 1970.
101.Сорбон. Достони писари Худо. 1-2 Душанбе, 2005.
102.Страбон. География. М., 1994.
103.Тематическая хрестоматия по истории древнего мира. М.1963.
104.Тимахович Ю.Н. Персидские цари. Минск, 1999.
105.Толстов С.П. По древним дельтам Окса и Яксарта. М., 1962.
106.Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар. Гирдоваранда Мирзо Шукурзода. Душанбе, 1990.
107.Тураев Б.А. История древнего Востока. Минск. 2004.
108.Турсунов Акбар. Вклад таджиков в общеиранскую и мировую цивилизацию. Вклад иранских народов в развитие мировой цивилизации: История и современность. Душанбе, 1992.
109.Уилбер Д. Персеполь. Археологические раскопки резиденции персидских царей. М. 1977.
110.Уилер М. Пламя над Персеполем. Перевод с англ. М., 1972.
111.Улугзода С. Фирдавсӣ. Душанбе, 1991.
112.Улугзода. Достонҳои «Шоҳнома», 1986.
113.Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Иборат аз 9 ҷилд. Душанбе, 1987- 1991.
114. Флавий И. Иудейские древности. М., 1993.
115.Фрай Р. Наследие Ирана. М., 1972.
116.Фрай Р. Наследие Центральной Азии. Перевод с англ. Душанбе, 2000.
117.Ханыков Н.В. Андешаҳо роҷеъ ба таҳқиқи мардуми Эрон. Душанбе, 1992.
118.Хрестоматия по истории древнего Востока. Первоисточники. М.1963.
119.Шахермайр Ф. Александр Македонский. М., 1986.
120.Шифман И.Ш. Александр Македонский. Л., 1988.
121.Шофман А.С. Восточная политика Александра Македонского. Казань, 1976.
122. Эббот Д. Дарий Великий, М.,2003.
123.Ян В. Огни в курганах. Собрание сочинений в четырёх то-

МУНДАРИҶА

Бунёдгузори давлатдории мутамаддин 3
Гурги танҳо (*Қисми якум*) 7
Шоҳаншоҳи Ориён (*Қисми дуюм*) 88
Ишки хуношом (*Қисми сеюм*) 228
Кампучия 317
Симоҳои асосии романҳо. Маълумоти таърихӣ 503
Сарчашмаҳо ва адабиёт 312

Муаллиф барои таҳриру қаламзаниҳои бегаразонаашон ба устод Зиё Абдулло миннатдории худро баён менамояд.